УРВАТУЛЛО ТОИРОВ

# ФУРӮҒИ ОДАМИЯТ АЗ КИТОБ АСТ

*(Васоити таълим барои иштироккунандагони озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”)*

**УРВАТУЛЛО ТОИРОВ**

Ба 35-солагии Истиқлолияти
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебахшам.

# ФУРӮҒИ ОДАМИЯТ АЗ КИТОБ АСТ

(Васоити таълим барои иштироккунандагони озмуни
ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доной китоб аст")

Мушовараи Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст

Душанбе – 2023

УДК: 891.550 (075.8)
ББК: 83.3 (2Т)
Т - 50

Тоиров Урватулло. Фурӯғи одамият аз китоб аст. – Душанбе, 2023. – 448 с.

**Муҳаррирон:** доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Солеҳов Мирзо ва номзади илмҳои филологӣ Аминӣ Алишер

**Муқарриз:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Бадриддин Мақсудов

Таҳқиқ ва омӯзиши афкори адабиётшиносии донишмандону гузаштагони мо собит месозад, ки дар асрҳои X-XXI, оид ба илмҳои арӯзу қофия, бадеъ, анвоъи адабӣ ва усули таълими онҳо асарҳои зиёде таълиф карда шудаанд. Дойир ба илмҳои асосии адабиётшиносӣ то асри XII китобу рисолаҳои зиёде навиштаанд, вале аз онҳо ба ҷуз ном чизе боқӣ намондааст. Муаллифони "Тарҷумон-ул-балоға" ва "ал-Муъҷам" дар чанд ҷойи асарҳои худ номҳои Абуюсуф, Абулаълои Шуштарӣ, Ҳасани Қаттон, Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва Абӯабдуллоҳи Қурайширо оварда, таъкид кардаанд, ки онҳо оид ба илмҳои арӯзу қофияву бадеъ асарҳои алоҳида таълиф кардаанд, аммо мутаассифона, то замони мо нарасидаанд. Таълифи китобҳои "ал-Муъҷам"-и Шамси Қайси Розӣ ва "Меъёр-ул-ашъор"-и Насируддини Тӯсӣ дар асри XIII барои илму фарҳанги халқҳои форс-тоҷик ҳодисаи бисёр фараҳбахш буд. Таълифи "Эъҷози Хусравӣ" дар асри XIV дар инкишофи илми адабиётшиносӣ инқилоби адабиро ба хотир меорад. Асри XV давраи нашъунамои таълифи китобҳои илмҳои арӯзу қофияву бадеъ ва анвоъи шеър маҳсуб мешавад.

Муаллиф кӯшидааст, ки дар асоси китобҳои таълимии гузаштагони халқҳои форс-тоҷик қонун ва қоидаҳои илмҳои арӯзу қофияву бадеъ ва анвоъи адабиро ба забони содаю равон барои хонандагони синфҳои болоии мактабҳои миёна, донишҷӯёни мактабҳои олӣ, аҳли адаб, шоирони навқалам ва дилбохтагони шеъру шоирӣ пешкаш кунад.

ISBN 978-99985-860-2-4

## МУҚАДДИМА

Соли дуюм аст, ки дар Тоҷикистон бо амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" баргузор мегардад. Ташкил ва гузаронидани ин озмуни умумимиллӣ, пеш аз ҳама, мусоидгар ба худшиносӣ, худогоҳӣ ва эҳёи суннатҳои ниёӣ буда, ҳадафи асосии он баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тафаккурсозӣ ва иртифои маънавиёти миллат, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, таҳкими эҳсоси хештаншиносӣ, ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ ва фаъолгардонии дойираи забондонии қишрҳои гуногуни ҷомеа мебошад. Гузаронидани озмун ин ҳақиқатро собит кард, ки насли имрӯзаи тоҷик мисли гузаштагони хеш китобхону китобдӯстанд. Ҷамъбасти давраи ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" нишон дод, ки соли 2020 шумораи иштироккунандагон дар давраи ҷамъбастии озмун 269 нафарро аз рӯйи панҷ бахш дар бар мегирифт.

Чи тавре ки дар матбуот чоп шуд, дар бахши "Хондан ва азёд кардани осори адибони классикии тоҷик" 67 нафар; дар бахши "Хондан ва азёд кардани осори адибони муосири тоҷик" 62 нафар; дар бахши "Хондан ва азёд кардани ашъори бачагона ва афсонаҳои халқи тоҷик" 54 нафар; дар бахши "Хондан ва азёд кардани осори адабиёти ҷаҳон" 63 нафар; дар бахши "Шоирӣ" 23 нафар роҳхат гирифтанд.

Маҳорати ширкаткунандагони озмунро аз рӯи ҳар бахш 7 нафар аъзои ҳакамон аз ҳисоби олимон, адибон ва устодони шинохтаи ҷумҳурӣ доварӣ мекарданд.

Дар ҳар бахши озмун ширкаткунандагон ин гуна гурӯҳбандӣ шудаанд:

1) тарбиятгирандагони муассисаҳои томактабӣ ва мактаби миёна;
2) донишҷӯён, магистрҳо, аспирантону докторантҳо;
3) намояндаҳои касбу кори дигар.

Ҳамин тавр, ғолибони ҳамаи бахшҳои озмун эълон ва аз рӯйи ҳар бахш ҷойҳои ифтихории якуму дувум ва сеюм муаррифӣ шуданд.

Дар бахши «Хондан ва аз ёд кардани осори адибони классикии тоҷик» дар гурӯҳи тарбиятгирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ - Рухшона Норова, хонандаи синфи 8 аз шаҳри Панҷакент соҳиби ҷойи якум, Рухшона Афзалзода аз ноҳияи Айнӣ, Саидамир Боқиев аз шаҳри Душанбе, Шукрона

Хуҷамкулова аз шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи дуюм, Раҷабалӣ Абдусаломзода аз ноҳияи Данғара, Меҳронаи Абдулло аз ноҳияи Ховалинг соҳиби ҷойи сеюм, миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ - Сарвиноз Саидова, донишҷӯи курси дуюми ДМТ аз шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи якум, Ҷавоҳир Ашӯрова аз шаҳри Хуҷанд, Сулаймони Аҳтам аз ноҳияи Тоҷикобод, Султон Каримов аз ноҳияи Ёвон соҳиби ҷойи дуюм, Фархунда Шодиева аз шаҳри Бохтар, Шаҳло Ёрмухамедова аз шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи сеюм, миёни калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун - Сарфарозиддин Иморуддинов, омӯзгор аз шаҳри Хуҷанд соҳиби ҷойи аввал, Оқил Осимӣ аз шаҳри Бӯстон, Сиратулло Зоиров аз шаҳри Душанбе, Дилафзун Раҳмонова аз шаҳри Панҷакент соҳиби ҷойи дуюм, Раҳима Ҳидоева аз ноҳияи Мастчоҳ, Меҳринисо Сатторова аз ноҳияи Ёвон соҳиби ҷойи сеюм гардиданд. Ба ғолибони ҷойи аввал Диплом ва маблағи 30 000 сомонӣ, ба ғолибони ҷойҳои дуюму сеюм Диплом ва маблағҳои 20 000 ва 15 000 сомонӣ тақдим гардиданд.

Дар бахши «Хондан ва аз ёд кардани осори адибони муосири тоҷик» дар гурӯҳи тарбиятгирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ - Рухшона Бобозода, хонандаи синфи 11 аз ноҳияи Файзобод соҳиби ҷойи якум, Собирҷон Саидзода аз шаҳри Душанбе, Наргис Абдуллоева аз шаҳри Ҳисор, Гулзода Шералиева аз ноҳияи Айнӣ соҳиби ҷойи дуюм, Муҳаммад Шарипов аз шаҳри Душанбе, Зебунисои Азизиён аз ноҳияи Деваштич соҳиби ҷойи сеюм, миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ - Шероз Бобохонов, донишҷӯи курси 2-и ДМТ аз шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи якум, Гулафзо Пирова аз шаҳри Душанбе, Парвина Самандарзода аз шаҳри Душанбе, Мадина Зоирова аз шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи дуюм, Хосияти Шаҳобиддин аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Моҳинав Аҳмадзода аз шаҳри Бохтар соҳиби ҷойи дуюм, миёни калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун - Гулбаҳор Раҳимова, омӯзгор аз ноҳияи Мастчоҳ соҳиби ҷойи якум, Далерҷони Бозор аз ноҳияи Муъминобод, Азамат Шамсиддинова аз шаҳри Душанбе, Бахтинисо Низомова аз шаҳри Турсунзода соҳиби ҷойи дуюм, Нилуфар Одинаева аз ноҳияи Абдурраҳмони Ҷомӣ, Хайрулло Ғафуров аз шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи сеюм гардиданд. Ба ғолибони ҷойи якум Диплом ва маблағи 25000 сомонӣ, ба ғолибони ҷойҳои дуюму сеюм Диплом ва маблағҳои 20000 ва 15000 сомонӣ тақдим гардиданд.



Дар бахши «Хондан ва аз ёд кардани ашъори бачагона ва афсонаҳои халқи тоҷик» дар гурӯҳи тарбиятгирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ - Шоина Мабатқадамова, хонандаи синфи 5 аз ВМКБ соҳиби ҷойи якум, Муҳиба Шарифова аз ноҳияи Ҳамадонӣ, Сурайё Саидзода аз шаҳри Душанбе, Нигора Раҳмонова аз ноҳияи Файзобод соҳиби ҷойи дуюм, Ҳадиса Муъминова аз шаҳри Истаравшан, Мутриба Қурбонова аз шаҳри Ваҳдат соҳиби ҷойи сеюм, миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ – Фарзона Восиева, донишҷӯи курси сеюми ДМТ аз шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи якум, Сайёҳат Маҳмадавлатова аз ноҳияи Данғара соҳиби ҷойи дуюм, Сорбон Бобоева аз шаҳри Бохтар, Малика Мавлонова аз ноҳияи Рӯдакӣ соҳиби ҷойи сеюм, миёни калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун - Фарзона Темурзода аз ноҳияи Ёвон соҳиби ҷойи дуюм, Маҳмурод Раҳмонов аз шаҳри Бохтар, Тоҷинисо Давлатова аз шаҳри Бохтар соҳиби ҷойи сеюм гардиданд. Ба ғолибони ҷойи якум Диплом ва маблағи 25000 сомонӣ, ба ғолибони ҷойҳои дуюму сеюм Диплом ва маблағҳои 20000 ва 15000 сомонӣ тақдим гардиданд.

Дар бахши «Хондан ва аз ёд кардани осори адабиёти ҷаҳон» дар гурӯҳи тарбиятгирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ - Нозанин Саидзода аз шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи якум, Мадинаи Ҷамолиддин аз шаҳри Душанбе, Самина Саидова аз шаҳри Душанбе, Сайидо Шарапов аз шаҳри Душанбе соҳиби ҷойи дуюм, Шарифамо Одинамамадова аз шаҳри Хоруғ, Муродҷон Бойсаризода аз шаҳри Исфара соҳиби ҷойи сеюм, миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ – Шабнам Одинаева, донишҷӯи курси дуюми ДМТ аз шаҳри Душанбе, Хуршед Қурбонов аз шаҳри Кӯлоб соҳиби ҷойи якум, Дилфуза Аҳмадҷонова аз шаҳри Душанбе, Нодира Ханҷарова аз шаҳри Турсунзода соҳиби ҷойи дуюм, Мавлуда Атаҷонова аз шаҳри Левакант, Дилбар Тошматова аз ноҳияи Рӯдакӣ соҳиби ҷойи сеюм, миёни калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун - Нӯшофарин Хидирова, омӯзгор аз шаҳри Истиқлол соҳиби ҷойи якум, Рӯзигул Боякова аз шаҳри Душанбе, Олга Ҷӯраева аз ноҳияи Ҷаббор Расулов, Маликахон Очилова аз ноҳияи Дӯстӣ соҳиби ҷойи дуюм, Ачикулло Ҳусейнов аз ноҳияи Данғара, Зумрад Абдуллоева аз шаҳри Ҳисор соҳиби ҷойи сеюм гардиданд. Ба ғолибони ҷойи якум Диплом ва маблағи 25000 сомонӣ, ба ғолибони

ҷойҳои дуюму сеюм Диплом ва маблағҳои 20000 ва 15000 сомонӣ тақдим гардиданд.

Дар бахши «Шоирӣ» Мафтуна Назарова, корманди нашрияи «Зарафшон» аз шаҳри Панҷакент соҳиби ҷойи якум, Шобегим Маликова аз шаҳри Душанбе, Шаҳноза Пирова аз шаҳри Норак соҳиби ҷойи дуюм ва Малоҳат Толибова аз ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ соҳиби ҷойи сеюм гардиданд. Ба ғолибони ҷойи якум Диплом ва маблағи 25000 сомонӣ, ба ғолибони ҷойҳои дуюму сеюм Диплом ва маблағҳои 20000 ва 15000 сомонӣ тақдим гардиданд.

Барои ба даст овардани «Шоҳҷоиза»-и озмун аз 12 нафаре, ки дар бахшҳои дигар ғолиб омада буданд, 5 нафар - Рухшона Норова, хонандаи синфи 8 аз шаҳри Панҷакент, Сарфарозиддин Иморуддинов, омӯзгор аз шаҳри Хуҷанд, Гулбаҳор Раҳимова, омӯзгор аз ноҳияи Масчоҳ, Раъно Насриддинова, хонандаи синфи 11 аз шаҳри Панҷакент ва Нӯшофарин Хидирова, омӯзгор аз шаҳри Истиқлол барои «Шоҳҷоиза» рақобат карданд.

Дар баробари ин, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 100 нафар иштирокчии фаъоли озмун Ифтихорнома ва тӯҳфаи молӣ ба маблағи 1000 сомонӣ супорида шуд. Ҳамчунин, ҳамаи иштирокдорони озмун аз ҷониби Вазорати маориф ва илм бо Сертификат ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

Инчунин, бо пешниҳоди Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 6 нафар иштирокчии фаъол, ки хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошанд, роҳхат барои бе имтиҳон қабул шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дода шуд ва бо пешниҳоди ҳайати ҳакамон се нафар сазовори нишони «Сухан»-и Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон гардиданд.

Инчунин, барои иштироки фаъолона ҷойи аввал ба шаҳри Душанбе, ҷойи дуюм ба вилояти Хатлон, ҷойи сеюм ба вилояти Суғд ва ҷойи чорум ба навоҳии тобеи марказ, ҷойи панҷум ба ВМКБ сазовор дониста шуд.

Маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони озмун шоми 18-уми декабри соли 2020 дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ дойир шуд. Мувофиқи баҳои ҳакамон Раъно Насриддинова – хонандаи синфи 11-уми Мтму №28 аз деҳаи Сори Панҷакент барандаи "Шоҳҷоиза"-и озмун эълон шуд ва ба ӯ дар вазъияти тантанавӣ тӯҳфаҳои хотиравӣ, Диплом ва 60 ҳазор сомонӣ тақдим гардид.

Баъди анҷоми озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" баъзе ашхоси дилсӯзу донишманд фикру мулоҳизаҳои худро



барои боз ҳам беҳтар гузаронидани озмун тавассути матбуоти даврӣ баён карданд. Дар ҳақиқат, солҳои охир ҷавонону наврасон рӯ ба телефонҳои ҳамроҳу компютерҳо оварда, аз хондани китоб қариб даст кашида буданд, бехабар аз он ки ҳеҷ кадоми ин васоит ҷойи китобро намегиранд.

Хушбахтона, гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" мисли нафаси ҷонбахш гардид ва китобро аз нав аниси хонандагон кард. Қариб тамоми мардуми ҷумҳурӣ ба китобхонӣ рӯ оварданд. Дар кӯчаю бозор, дар хонаю мактабҳо, қариб дар ҳама ҷо сухан аз озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" мерафт.

Озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" - и соли 2020 хеле хуб гузашт, хусусан, бахши адабиёти классикии он. Аъзои ҳакамон ҳама донишмандони варзидаи соҳаи худ буданд. Саволу ҷавобҳо байни аъзои ҳакамону иштироккунандагони озмун хеле содаю фаҳмо ва одилона буд.

Бисёр хубу гуворост, ки ин озмун ба ҳукми анъана даромада, ҳар сол гузаронида мешавад. Барои ҳамин, лозим аст, ки дар шаклу мазмуни он баъзе тағйироти ҷузъӣ дароварда шавад. Масалан, якум ба ҷои "номинатсия" "бахш" гӯем, беҳтар аст, зеро калима "бахш" барои мардум фаҳмотар мебошад.

Дуюм, ҳар иштироккунанда вақте ки ғазал, дубайтӣ, рубоӣ, қасида, қитъа, таркиббанду тарҷеъбанд, мусаммат, мустазод, маснавӣ, фард, байт, себайтӣ мехонад, бояд дар бораи ин навъҳои шеър маълумот дошта бошад. Сабаби ин гуфтаҳо он аст, ки баъзе иштирокчиёни ин озмун "рубоӣ ё дубайтӣ мехонам" гуфта, қитъа қироат мекарданд ё ин ки шеъри машҳури Рӯдакӣ "Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме"-ро чанд иштирокчии озмун ҳамчун навъи шеърии ғазал маънидод кард. Дар асл "Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме" қасида аст.

Масалан, Кароматулло Садиров ном шоир шаш шеъри чормисраъии худро рубоӣ номидааст. Яке аз онҳо чунин аст:

Яке бахти худ аз як нома ёбад,
Яке бахти худаш аз хома ёбад.
Каромат кун, Худоё, ки Каромат
Ба рубоӣ раҳи шаҳнома ёбад.

Чи тавре ки мебинед, чор мисраъи боло рубоӣ нест, балки дубайтист, зеро рубоӣ дар авзони баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраб ё ахрам суруда мешавад ва 24 вазн дорад. Шарти асосии рубоӣ номидани чор мисраъи шеър он аст, ки рукнҳои якуми тамоми мисраъҳо ё аз зиҳофи ахраб (мафъӯлv - - v), ё аз зиҳофи ахрам

(мафъӯлун - - -) ва тамоми рукнҳои охири мисраъҳо ё аз зиҳофи абтар (фаъ - ), ё зиҳофи азалл (фоъ ~), ё аз зиҳофи маҷбуб (фаъул v -), ё ин ки аз зиҳофи аҳтам (фаъӯл v ~) иборат бошанд. Дубайтӣ бошад, асосан, дар авзони бахри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур эҷод карда мешавад. Илова бар ин, дар дубайтии боло мисраъҳои якуму сеюм аз ҷиҳати вазн дурустанд, аммо рукни дуюми мисраъи дуюм ва рукни якуми мисраъи чорум аз ҷиҳати вазн ғалатанд. Шоир дар ҳарду маврид ба ҷои мафоъӣлун (v - - -) фаъилотун (v v - -)-ро истифода кардааст. Фаъилотун (vv - -) зиҳофи махбуни бахри Рамал буда, ба бахри Ҳазаҷ ҳеҷ гуна муносибат надорад. Хулоса, онҳое, ки дар бахши “Шоирӣ” иштирок мекунанд, бояд вазни шеър, навъҳои адабӣ, илми қофия ва илми бадеъро донанд.

Сабаби асосии таълифи китоби “Фурӯғи одамият аз китоб аст” ҳам ҳамин аст.

Дар озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар мавриди хондани мусаммати мухаммас иштирокчие ба иштибоҳ роҳ доду касе аз аъзои ҳакамон ӯро ислоҳ накард. Иштибоҳи ӯ дар он буд, ки вай шеъре хонд ва онро мухаммас номид. Аммо дар асл, мусалласу мураббаъю мухаммасу мусаддасу мусаббаъю мусамману мутассаъю муашшар навъи шеър нестанд, онҳо навъҳои мусамматанд. Мусаммат лафзи арабӣ буда, маънои луғавиаш ба ришта кашидани донаҳои ҷавоҳир аст. Он дар асл аз калимаи самт-шада, риштаи ҷавоҳир гирифта шудааст. Ба маънои истилоҳӣ бошад, мусаммат навъи шеърест, ки аз чанд банди 3-10-мисраӣ иборат мебошад, яъне агар шоир мусаммати мухаммас эҷод карданӣ бошад, бояд чанд банди (байт не) панҷмисраъӣ гӯяд (аз се банд бояд кам набошад, зиёдаш чи қадаре, ки шоир мехоҳад), ки ё ҳамаи мисраъҳои банди якум бо мисраъҳои охири бандҳои дигар, ё мисраъҳои охири ҳамаи бандҳо ба ҳам қофия бошанд. Чи тавре ки мебинед, мисраъҳои ҳамқофия ҳамон риштаеро мемонад, ки бандҳои мусамматро ба ҳам мепайванданд. Вобаста ба миқдори мисраъҳои бандҳо мусамматро ба ҳашт навъ: мусаммати мусаллас (ҳар банд бояд аз се мисраъ иборат бошад), мусаммати мураббаъ (ҳар банд бояд аз чор мисраъ иборат бошад), мусаммати мухаммас (ҳар бандаш бояд панҷмисраъӣ бошад), мусаммати мусаддас (ҳар бандаш бояд шашмисраъӣ бошад), мусаммати мусаббаъ (ҳар бандаш бояд ҳафтмисраъӣ бошад), мусаммати мусамман (ҳар бандаш бояд ҳаштмисраъӣ бошад), мусаммати мутассаъ (ҳар бандаш бояд нӯҳмисраъӣ бошад),



мусаммати муашшар (ҳар бандаш бояд даҳмисраъӣ бошад) ҷудо кардаанд.

Дар байни анвоъи мусаммат се навъи он: мусаммати мураббаъ, мусаммати мухаммас, мусаммати мусаддаъ хеле машҳуранд. Шояд ҳамин чиз сабаб шуда бошад, ки дар баъзе китобҳои адабиётшиносӣ мусалласу мураббаъю мухаммасу мусаддасу мусаббаъю мусамманро чун анвоъи шеър маънидод кардаанд, ки саҳеҳ нест, зеро чи тавре ки дар боло гуфтем, онҳо навъҳои мусамматанд, на анвоъи шеър.

Сеюм, дар низомномаи бахши шоирӣ баъзе тағйирот даровардан лозим меояд. Ин тағйирот аз он иборат бояд бошад, ки иштирокчиёни ин бахш ҳатман китобҳои “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, “Тарҷумон-ул-балоға”- и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, “Меъёр-ул-ашъор”- и Насируддини Тӯсӣ, “ал-Муъҷам”- и Шамси Қайси Розӣ, “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”-и Рашиди Ватвот, “Қобуснома”- и Унсурулмаолии Кайковус, “Расоил-ул-эъҷоз”- и Амир Хусрави Деҳлавӣ, “Бадоеъ-ус-саноеъ”- и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, ”Бадоеъ-ул- афкор”- и Ҳусайн Воъизи Кошифӣ, “Ҷамъи мухтасар”- и Ваҳиди Табрезӣ, “Рисолаи арӯз” ва “Рисолаи қофия”- и Ҷомӣ, “Рисолаи арӯз”- и Сайфии Бухорой, “Чаҳор гулзор”- и Нисорӣ, “Арӯзи тоҷикӣ” ва “Қофия дар назми тоҷик”- и Баҳром Сирус, “Вазни шеъри форсӣ”- и Хонларӣ, “Каломи бадеъ”- и Худой Шарифов, “Назмшиносӣ”- и Худой Шарифов ва Урватулло Тоиров, “Санъати сухан”- и Зеҳнӣ, “Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ”- и Абдунабӣ Сатторзода ва амсоли инҳоро бояд мутолиа карда бошанд. Чаро? Барои он ки дар аксарияти шеърҳое, ки иштирокчиёни озмун дар назди ҳакамон хонданд, ҳам дар вазн, ҳам дар қофия, ҳам дар навъ ва ҳам дар истифодаи санъатҳои бадеӣ нуқс дида мешуд. Баъзе навиштаҳои онҳо назми хушку холӣ буд, аммо чун шеър пешниҳод шуданд.

Хуб мешуд, ки ҳар иштирокчии бахши шоирӣ тафовути шеъру назмро донад, бахрҳои солим ва фаръии арӯзу рукнҳои солим ва зиҳоф, ҳарф ва ҳаракатҳои қофия, санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ, ҳамбастагии илмҳои арӯзу қофия ва бадеъю навъҳои шеърро аз худ кунад.

Донистани ин нозукиҳои шеър бе хондани китобҳое, ки дар боло ном бурдем, муяссар намешавад. Шояд озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” сабаб шавад, ки хонандаи тоҷик дидори шеъри нобу асилро боз бубинад.

Бовар дорем, рӯзе мерасад, ки аз байни иштироккунандагони озмун шоирону донишмандону нависандагони ҳақиқӣ ба майдони адабиёт меоянду ба дилҳо роҳ меёбанд.

Ба аҳли илму адаб маълум аст, ки халқҳои форс-тоҷик адабиёти ғанӣ дошта, афкори илмию таълимии онҳо низ дар тӯли таърих ривоҷу равнақ ёфтааст. Таҳқиқу таҳлили таърихи адабиёт собит месозад, ки дар асрҳои гузашта, алалхусус, дар асрҳои XI-XV оид ба илмҳои арӯзу қофияву бадеъ ва усули таълиму тадриси онҳо асарҳои зиёде таълиф шудаанд.

Таълифи асарҳои назарӣ, яъне рисолаҳое, ки дар онҳо омӯзиши поэтикаи шеъри классикӣ баён шудааст, дар асрҳои X-XIII "Тарҷумон-ул-балоға"-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, "Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър"-и Рашиди Ватвот, "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус, "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «ал-Муъҷам"-и Шамси Қайси Розӣ ҳисоб мешуданд, ки то рӯзгори мо омада расидаанд.

Дар асл, поэтика, умуман, илмест, ки табиати асари бадеъиро меомӯзад, осори адабиёти шифоҳиро аз осори адабиёти хаттӣ ҷудо мекунад, махсусият, ҳудуд ва имконоти нутқи бадеъиро таъйин менамояд. Ҳамчунин, унсурҳои сохторӣ, забони адабӣ, санъатҳои бадеӣ ва дар маҷмӯъ, қонуниятҳои эҷоди адабиро дар бар мегирад.

Истилоҳи поэтика ба адабиётшиносии классикии мо баъди тарҷума ва шарҳи "Поэтика"-и Арасту (Аристотел) ба забони арабӣ ворид гардид. Ба арабӣ ва зимнан, ба форсии тоҷикӣ онро "Бутиқо" ё "Фанни шеър" мегуфтанд. "Фанни шеър" дар шарҳи Форобӣ, Абӯалии Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тӯсӣ ва дигарон иборат аст аз фаҳмиши моҳияти шеър, ғаразҳои шоирӣ ва гузоришу тавзеҳи мувофиқ ба дарёфти шарқиён драмаи юнонӣ бо анвоъи он.

Мафҳуми поэтика вобаста ба давраҳои таърихӣ ва қонуниятҳои инкишофи адабии он рӯзгор тағйир ёфт. Дар замони Арасту ва ҳатто то замони Буало истилоҳи поэтика, дар маҷмӯъ, илм дар бораи шеър шинохта мешуд. Истилоҳи поэтикаи он рӯзгор синоними ҳамон илмест, ки мо имрӯз онро назарияи адабиёт мегӯем.

Поэтикаи форс-тоҷик ғайр аз "Поэтика"-и Арасту сарчашмаҳои дигар, аз қабили адаби пешазисломии форс-тоҷик (эронӣ) ва адабиёти араб таъсир пазируфта, роҳи инкишофу таҳаввули ҷудогонаро паймудааст. Дар он ба таҳқиқу омӯзиши ду ҷиҳати шаклии адабиёт (асосан, шеър) эътибор дода мешуд: яке ваҳдати шаклу оҳанг ва қонуниятҳои умумии он (вазну қофия), дигаре забон ё таркиботи



лафзӣ, ки дар муносибати шаклии оҳангу ороиши гуфтор эътибори махсус дошт.

Ҳамаи ин донишҳо ҷузве аз улуми адабӣ буда, дар таснифи шоирону донишмандони гузаштаи мо аз арӯз (вазн), бадеъ (санъатҳои бадеъӣ), қофия ва луғат иборат буд.

Дойир ба илмҳои бадеъю арӯзу қофия то а. XIII китобу рисолаҳои зиёде навиштаанд, аммо аз онҳо ба ҷуз ном чизе боқӣ намондааст. Муаллифони "Тарҷумон-ул-балоға" ва «ал-Муъҷам" дар чанд ҷои асарҳои худ номҳои Абуюсуф, Абулаълои Шуштарӣ, Ҳасани Қаттон, Баҳроми Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва Абӯабдуллоҳи Қурайширо оварда, таъкид мекунанд, ки онҳо дойир ба илмҳои арӯзу қофияю бадеъ асарҳои алоҳида таълиф кардаанд.

Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар "Чаҳор мақола" ва Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар "Лубоб-ул-албоб" дойир ба китобҳои "Канз-ул-қофия", "Ҳуҷҷистанома" ва "Ғоят-ул-арӯзайн"-и Баҳромии Сарахсӣ сухан рондаанд ки, мутаассифона, то замони мо нарасидаанд.

Таҳқиқ ва тадқиқи афкори адабиётшиносии асрҳои XI-XV нишон медиҳад, ки дар ин давра таълифи китобҳои таълимию адабӣ ва афкори назарию бадеъӣ нисбат ба соҳаҳои дигари адабиётшиносӣ, ба мисли таърихи адабиёт, танқиди адабӣ ва ғайра рӯ ба инкишоф ниҳода будааст.

Ба маврид аст қайд кунем, ки дар таълифи асарҳои таълимию адабии асрҳои зикршуда саҳми донишмандони он замон: Шамси Қайси Розӣ, Насируддини Тӯсӣ, Абӯнасри Фароҳӣ, Саккокии Хоразмӣ, Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Шарафуддини Ромӣ, Тоҷи Ҳаловӣ, Фахруддини Розӣ, Қутбуддини Шерозӣ, Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Ҳусайн Воъизи Кошифӣ, Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, Ваҳиди Табрезӣ, Сайфии Бухороӣ ва дигарон хеле бузург аст.

Омӯзиши афкори адабию назарии ин асрҳо, хушбахтона, аз назари донишмандону муҳаққиқони муосири Эрону Тоҷикистон ва Русияву Афғонистон дур намондааст. Аз донишмандони Эрон Забеҳулло Сафо ("Таърихи адабиёт дар Эрон"), Абдулҳусайни Саъидиён ("Дастури забони форсӣ ва фунуни адабӣ"), Аҳмадӣ Нажод, Комил ("Фунуни адабӣ"), Маликушшуаро Баҳор ("Сабкшиносӣ"), Т. Қосимӣ ("Баҳс дар бораи "Ҳадоиқ-с-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър"), Муҳаммади Фишоракӣ ("Нақди бадеъ"), Роҳёб Носир ("Шинохти ташбеҳ"), Саййидмуҳаммад Доъии Ҷавод ("Илми бадеъ дар забони форсӣ"), Саййидмуҳаммади Нишот ("Зеби сухан ё илми бадеъи

форсӣ"), Саййидмуҳаммади Ростгӯ ("Ҳунари суханоройӣ"), Сируси Шамисо ("Нигоҳе тоза ба бадеъ"), Хазоилӣ Муҳаммад ("Бадеъ ва қофия"), Хусрави Фаршедвард ("Накди шеъри форсӣ. Ташбеҳ ва истиора дар забони форсӣ"), Ҷалолуддини Ҳумоӣ ("Фунуни балоғат ва синоотӣ адабӣ"), Ҳушманди Исфандиёрпур ("Арӯсони сухан. Накд ва баррасии истилоҳот ва синоотӣ адабӣ дар бадеъ"), Ҷалили Таҷлил ("Маъонӣ ва баён"), Ҷаъфари Сомонӣ ("Фунуни шоирӣ"), Шафеъии Кадканӣ ("Мусиқии шеър"); аз донишмандони рус Е.Э. Бертелс ("Поэтикаи Низомӣ", "Носири Хусрав ва ақоиди ӯ оид ба шеър"), А. Н. Болдирев, И. С. Брагинский, В. М. Жуковский, Ю. М. Лотман, А. Т. Тоҳирҷонов, А. А. Азер, О.Ф. Акимушкин ("К вопросу о традиции жанра искусственной касыды в персидской поэзии"), Каскел В.С. ("Китаб ал-бадеъ" и её место в арабской поэтике и риторике"), Куделин А.Б. ("Средневековая арабская поэтика"), Османов М. Н. ("Стиль персидской-таджикской поэзии IX-X вв."), Филштинский И.М. ("История арабской литературы"), Чалисова Н. Ю. ("Ватвот и его трактат "Сады волшебства в тонкостьях поэзии"); шарқшиносони хориҷӣ: Арберри А., Ҳермон Этте, Ян Рипка, Эдуард Браун; аз донишмандони тоҷик Ш. Ҳусейнзода ("Каломи манзум"), Х. Мирзозода ("Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ"), Х. Шарифов ("Каломи бадеъ" ва "Назмшиносӣ"), А. Сатторзода ("Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ"), Р. Мусулмонқулов ("Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик" ва "Асрори сухан"), У. Тоиров ("Назмшиносӣ" ва "Каломи манзум", "Поэтикаи "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ"), Мисбоҳиддини Нарзиқул ("Эъҷози Хусравӣ" ва мақоми он дар таърихи афкори адабии форсии тоҷикӣ"), Мирзо Солеҳов ("Китобҳои таълимии адабӣ" ва "Поэтикаи "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ"); аз донишмандони афғон Қавим Абдулқайюм ("Фунуни адабӣ"), Маликушшуаро Бетоб ("Илми бадеъ") ва дигарон дар ин мавзӯъ мақола ва рисолаҳои алоҳида таълиф кардаанд.

Оид ба улуми адабӣ, навъ ва таълими он донишмандоне, ба монанди Шамси Фахри Исфаҳонӣ дар рисолаи "Меъёри Ҷамолӣ ва Мифтоҳи Абӯисҳоқӣ", Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ дар "Нафоис-ул-фунун ва ароис-ул-уюн", Ҳоҷӣ Халифа дар "Кашф-уз-зунун", Муҳаммад Ғиёсуддин дар "Ғиёс-у-луғот", Фахруддини Розӣ дар "Ҷомеъ-ул-улум", Қутбуддини Шерозӣ дар "Дуррат-ут-тоҷ ли ғуррат-уд-Дуббоҷ" изҳори назар кардаанд ва аксарият миқдори онҳоро 12 ва аз он ҳам зиёд донистаанд.



Шамси Фахри Исфаҳонӣ (1275-1349) дар китоби «Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқӣ» таъкид мекунад, ки аҳли илму адаб бояд ин 12 навъи фунуни адабиро донад: «Бидон… ки улум, ки асҳоби бароат ва арбоби балоғатро аз таҳсили он чора набошад, дувоздаҳ аст, ки фузало онро адабиёт хонанд. А в в а л илми матни л у ғ а т. Д у в у м илми абнияи к а л о м аст. С е ю м илми и ш т и қ о қ. Ч а х о р у м илми э ъ р о б аст. П а н ҷ у м илми м а ъ о н и ст. Ш а ш у м илми б а ё н аст. Ҳ а ф т у м илми а р ӯ з аст. Ҳ а ш т у м илми қ о ф и я аст. Н ӯ ҳ у м илми и н ш о и н а с р. Д а ҳ у м илми и н ш о и н а з м аст. Ё з д а х у м илми к и т о б а т аст. Д у в о з д а ҳ у м илми м у ҳ о ҷ и р а т аст. Ва шоири комил он аст, ки аз ин улуми хаттӣ вофир бошад» (с. 2). Олимону донишмадони дигар низ миқдори улум ё фунуни адабиро дувоздаҳ ё аз дувоздаҳ зиёд донанд ҳам, ба таври дигар маънидод кардаанд. Масалан, донишманди асри XIV - Мирсаид Шарифи Ҷурҷонӣ улуми адабиро ба таври зерин тасниф кардааст: «Илми адаб – аввалан, мунқасим ба ду қисм мешавад: у с у л, ф у р ӯ ъ. Аммо усули (асли) улуми адаб ҳашт аст, зеро улуми адабия мутааллиқ ба алфоз аст ва дар ин сурат ё гуфтугӯ аз вазъи муфрадоту мавод ва ҳайати онҳо мешавад ба таври итлоқ, ки ин илми л у ғ а т (1) аст. Ва ё ин ки баҳс фақат аз ҳайси сувар (зоҳирӣ) ва ҳайат мешавад ва ин илм с а р ф (морфология) (2) аст. Ва ё аз ҳайси интихоби баъзе калимот ба баъзе дигар дар асолат ва фаръият илми и ш т и қ о қ (3) (калимасозӣ), дар адабиётшиносӣ яке аз санъатҳои бадеии лафзист, ки шоир якчанд калимаро дар байт меорад, ки аз як реша гирифта шудаанд.

Масалан, дар байти зерин калимаҳои ҳаким, ҳикмат, муҳкам ва ҳукм аз решаи калимаи ҳакама баромадаанд:

Ҳаким он кас, ки ҳикмат нек донад,  
Сухан муҳкам ба ҳукми хеш ронад.  
мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъӯлун  
v - - -/ v - - -/ v - -

ва ё ин ки мутлақо баҳс аз мураккабот мешавад ва ин ҳам чанд қисм дорад, зеро агар гуфтугӯ аз асли ҳайати таркибия ва таъдияи (пардохтани) маъонии аслӣ бишавад, илми н а ҳ в (4) (синтаксис) аст ва агар ба эътибори ифодаи маънӣ бошад, ғайр аз маъонии луғавӣ, илми м а ъ о н и с т (5) ва агар ба эътибори кайфияти ифодаи маънӣ бошад, дар маротиби вузӯҳ ва хафоъ (равшан), илми б а ё н (6) аст. Ва илми бадеъ аз лавоҳиқи (фурӯъоти) маъонию баён ва дохил дар онҳост. Ва агар баҳс аз мураккаботе бикунад, ки дорои вазн ҳастанд, ду қисм дорад, зеро агар аз ҳайси вазн гуфтугӯ шавад, илми а р ӯ з (7) аст ва агар аз ҳайси авохири абёт баҳс шавад, илми қ о ф и я (8) аст. Ва

аммо фурӯъ (ғайриаслӣ) чаҳор илм аст, зеро агар баҳс мутааллиқ ба нуқуши (нақшҳои) китобат бошад, илми х а т (9) аст ва агар мухтас (махсус) ба каломи манзум бошад, қ а р з у ш ш е ъ р (10) аст ва агар ихтисос (махсус) ба каломи наср дошта бошад, и н ш о (11) аст. Ва агар ба ҳеч кадом ихтисос (тааллуқ) надошта бошад, илми м у ҳ о з а р а т (12) аст ва фанни таъриху ансоб (насабҳо) дохил дар ин қисмат аст» (13).

Донишмандоне низ ҳастанд, ки миқдори улуми адабиро зиёдтар донистаанд. Масалан, муаллифи «Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ул-уюн» - Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ миқдори улуми адабиро аз 16 навъ иборат дониста, онҳоро ба «улуми авоил» ва «улуми авохир» ҷудо кардааст, ки инҳо: *илми хат, илми луғат, илми иштиқоқ, илми тасриф, илми наҳв, илми маъонӣ, илми баён, илми бадеъ, илми арӯз, илми қавофӣ, илми фарз, илми шеър, илми давовин, илми амсол, илми иншо, илми истифо* (илми қонуну қоидаҳои ҳисобдорӣ дар замони қадим) ҳисоб меёфтанд. Вақте ки Маҳмуди Омулӣ «улуми авоил» мегӯяд, вай асосан, улумеро дар назар дорад, ки аз ҷониби ҳиндуҳо, юнониҳо ва эрониҳо пеш аз ислом дар он кишварҳо роиҷ буд. Дар зери мафҳуми «улуми авохир» Маҳмуди Омулӣ он илмҳоеро дар назар дорад, ки асосан, баъди ҷорӣ шудани дини ислом ривоҷ ёфта буданд. Донишмандоне, мисли Забеҳуллоҳи Сафо миқдори улуми адабиро хеле зиёд дониста, *илми ҳуруф, илми аҳволи шоирон, илми анвоъи шеър, илми таърих, илми луғз (чистон), илми муаммо* ва ғайраро аз ҷумлаи улуми адабӣ донистаанд. Ҳамин тариқ, дар мавриди миқдори улуми адабӣ на ҳамаи муҳаққиқон ҳамфикранд. Хулоса, мувофиқи таълимоти донишмандони гузашта улуми адабӣ аз инҳо иборат мебошанд: 1. *Илми луғат. 2. Илми сарф. 3. Илми наҳв. 4. Илми маъонӣ. 5. Илми баён. 6. Илми бадеъ. 7. Илми арӯз. 8. Илми қофия. 9. Илми нақди шеър. 10. Илми иншо. 11. Илми хат. 12. Илми амсолу ҳикам. 13. Илми давовин. 14. Илми фароиз. 15. Илми муаммо. 16. Илми анвоъи шеър. 17. Илми таърихот. 18. Илми иштиқоқ (калимасозӣ). 19. Илми тасриф (шарҳнависӣ). 20. Илми эъроб (дуруст талаффуз кардан ва дуруст навиштан). 21. Илми китобат. 22. Илми муҳозирот (фанни таъриху ансоб – насабҳо дар он дохил аст). 23. Илми шеър. 24. Илми наср. 25. Илми истифо (илми қонуну қоидаҳои ҳисобдорӣ дар замони қадим). 26. Илми қироат.*

Аз таҳқиқ ва омӯзиши асарҳои донишмандони пешин маълум мешавад, ки гузаштагони мо илмҳои замони худро ба чунин навъҳо ҷудо карда будаанд: 1. Илми абдон (баданҳо), яъне илми тиб. 2. *Илми адаб*, ки дар гузашта миқдори онҳоро аз 12 то 25 -то гуфтаанд ва мо



дар боло онҳоро овардем. 3. *Илми адвор* (илми мусиқӣ). 4. *Илми ахлоқ* (илми тарбия кардани инсон). 5. *Илми барин* (илми берун аз табиат; метафизика). 6. *Илми баҳс* (мантиқ). 7. *Илми бекор* (илми беамал). 8. *Илми буня* (физиология). 9. *Илми зунун* (идрок ва фаҳмиш аз рӯи шакку шубҳа: бо роҳи шакку шубҳа расидан ба ҳақиқати чизҳо). 10. *Илми истифо* (илми қонуну қоидаҳои ҳисобдорӣ дар замони қадим). 11. *Илми калом* (илмест, ки масъалаҳои нақлиро бо далелҳои ақлӣ собит кардан мехоҳад, илми худошиносӣ, илми эътиқодот, теология). 12. *Илми каф* (яд) (муайян кардани оянда ва тақдири инсон аз рӯи хатҳои кафи даст; *хиромантия*). 13. *Илми кимиё* (химия, илме, ки ба воситаи иксир ном ҷавҳари мавҳум гӯё мис ва дигар филизотро ба тилло мубаддал мекардааст, инчунин, дар гузашта илми химияро кимиё меномиданд). 14. *Илми ладунӣ* (илму дониши худодод, ки аз ғайри таълими устод ва кӯшишу ҳаракати шахс аз ғайб ҳосил мешудааст). 15. *Илми лисон* (забоншиносӣ). 16. *Илми луғат* (луғатшиносӣ). 17. *Илми манозир ва мароё (оптика)*. 18. *Илми мантиқ* (логика). 19. *Илми манқул* (ҳар илме аз илмҳои нақлӣ, ки ба нақлу ривоятҳо асос ёфтааст). 20. *Илми маъодин* (маъданҳо – маъданшиносӣ, митрология). 21. *Илми маъқул* ( ҳар илме, ки ба ақл ва муҳокима истинод мекунад). 22. *Илми маҷлис* (қоидаҳои одобу муошират). 23. *Илми мизон* (номи дигари илми арӯз). 24. *Илми малоҳат* (илми дарёнавардӣ, киштиронӣ). 25. *Илми мобаъдаттабиат* (номи дигари *илми барин*). 26. *Илми мусалласот* (*тригонометрия*). 27. *Илми муҳосабот* (илми дафтардорӣ, бухгалтерия). 28. *Илми наботот ё набот* (гиёҳшиносӣ, ботаника). 29. *Илми назар* (илме, ки ба воситаи он одоби баҳсу мунозира таълим дода мешавад, илми мунозира). 30. *Илми найрангот* (донистан ва кор фармудани шаъбада (макр) ва найрангбозиҳо). 31. *Илми нақлӣ* (номи дигари илми манқул). 32. *Илми наҳв (синтаксис)*. 33. *Илми нуҷум* (ситорашиносӣ, *астрология ва астрономия*). 34. *Илми рамл* (навъе аз фолбинӣ). 35. *Илми расад* (илмест дойир ба нуҷум, илми зиҷ (ҷадвали нуҷумӣ бо нишондоди вазъияти ситораҳо, ки ба асоси он тақвимро тартиб медоданд, мас. зиҷи Улуғбек – ҷадвали нуҷумии Улуғбек) ва мушоҳидаи ситорагон). 36. *Илми риёзӣ* (мувофиқи тақсимоти донишмандони қадим, асосан илмҳои адад, ҳандаса, нуҷум, мусиқӣ; ба ғайр аз илмҳои манозир ва мароё (оптика), ҷабр ва муқобала ва ҷарри асқол (*механика*)-ро дар бар мегирифт). 37. *Илми сарф* (морфология). 38. *Илми сиёқ* (илми ҳисоби қадим, махсусан, дар қайду сабти вазни хелу ҷинсҳои мол ва ҳисоби маблағи пул). 39. *Илми табақуларз* (заминшиносӣ, геология). 40. *Илми табиӣ ё табиат* (илмест, ки асосан физика ва химияро дарбар мегирад, табиатшиносӣ). 41. *Илми таъбир*

(маҷмӯъи тасаввурот оид ба хоб). 42. *Илми тахтитулибод ё таҳдидулбилод (топография). 43. Илми тиб (медитсина)*. 44. *Илми фиросат ё қиёфа* (маҷмӯъи усулу аломатҳое, ки дар бораи шинохтани ахлоқ ва атвори инсон аз рӯи қиёфа ва сурат ҳосил шудааст). 45. *Илми фиқҳ ва усул* (маҷмӯъи маълумот дойир ба қонунҳои дин ва шариати ислом). 46. *Илми шуоъ* (оид ба пайдоиш ва инъикоси нур, оптика). 47. *Илми яд* (номи дигари илми каф). 48. *Илми қиёфа* ( номи дигари илми фиросат). 49. *Илми қол* (илмҳои зоҳирӣ ва расмии мадраса). 50. *Илми ҳайат* (*астрономия, космография*). 51. *Илми ҳайвонот* (ҳайвоншиносӣ, *зоология*). 52. *Илми ҳандаса* (геометрия). 53. *Илми ҳикмат* (илми фалсафа ва илми физикаро гӯянд). 54. *Илми ҷабру муқобала* (алгебра). 55. *Илми ҷимодот* (маъданшиносӣ, *минералогия*). 56. *Илми ҷарри асқол (механика)*. 57. *Илми яқин* (илмуляқин) (донистани моҳияти коре ё чизе бе шакку гумон). 58. *Илми тир* (маҳорат дар тирандозӣ) ва ғайра.

Донишманди варзидаи муосири тоҷик, профессор Худоӣ Шарифов дар китоби «Услуб ва камолоти сухан» улуми адабиро ба се қисми асосӣ ҷудо кардааст: «1. Илмҳое, ки ба таҳқиқи забон аз ҷиҳати маънои луғавӣ, калимасозӣ ва тарзи баёну хусусиятҳои услубии он машғул мешаванд. Ба ни гурӯҳ илмҳои луғат, иштиқоқ, сарфу наҳв, баён, илми хат ва илми қироатро дохил кардан мумкин аст. 2. Илмҳое, ки дар бораи сиҳати назм ва унсуру шаклҳои он баҳс мекунанд ва анвои он инҳост: илми арӯз, қофия, бадеъ, қарзушшеър. Ба тақриб илми муҳозиротро ҳам ба ин гурӯҳ метавон ҳамроҳ кард. 3. Илмҳое, ки ба нигориши назм, наср ва таърих дахл доранд. Илмҳое, ки метавон ба ин гурӯҳ дохил кард, илми иншо, китобат, таъриху қисас, илми ансоб, амсолу хикам, давовин ва монанди ин мебошад».

Азбаски ҳам шоирону ҳам донишмандони гузаштаи форс-тоҷик дар бораи шеър чист ва бояд чи гуна бошад, изҳори назар кардаанд. Мо лозим донистем, ки дар ин ҷо гуфтаҳои онҳоро дар мавриди шеър биёрем.

Дар таърифи Абӯалии Сино моҳияти шеър бо назари мантиқӣ чунин баён шудааст: "Шеър суханест хаёлангез, ки аз суханони мавзуну мутасовӣ сохта шуда ва назди арабҳо қофия ҳам бошад".

Шеър гуфтан ҳамчу зар пухтан бувад,
Дар арӯз оварданаш сухтан бувад.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ шеърро растохези ногаҳонӣ ва раҳмати бемунтаҳо медонад:

Ай растахези ногаҳон, ай раҳмати бемунтаҳо!
Ай оташи афрӯхта, дар бешаи андешаҳо.



Абдурраҳмони Ҷомӣ шеърро "навои мурғи хирад" ва "мисоли мулки абад" медонад:

Шеър чӣ бувад? Навои мурғи хирад,
Шеър чӣ бувад? Мисоли мулки абад.

Ба қавли Ҷомӣ, агар лафзу маънии шеър бо ҳам пайванд бошаду маънояш "дақиқу латиф" ва лафзаш "муҳкам", "осоиши ҷон" ва овозаи ону номи шоир ҳама ҷаҳонро дармеоварад ва агар маънии шеър "касиф"-у лафзи он "ракик" бошад, "коҳиши дил" аст ва дар бозори адаб равнақе намёбад.

Айнулқуззоти Ҳамадонӣ шеърро "ойинаи авомулоти авотиф ва рӯҳи инсон" меномад ва ба таъбире "шеъри муҳкам ва нақди ҳоли хеш" аст.

Шеър оғози худшиносист. Донишманди озарӣ Акрам Ҷаъфар менависад: "Ҷавонмардо, ин шеърҳоро чун ойина дон! Охир донӣ, ойинаҳо сурате нест дар худ! Аммо ҳар ки дар ӯ нигоҳ кунад, сурати худ тавонад дид. Ҳамчунин, медон, ки шеърро дар худ ҳеҷ маънӣ нест. Аммо ҳар касе аз ӯ тавонад дидан, ки нақди рӯзгори ӯ бувад ва камоли кори ӯ".

Донишманди варзидаи эронӣ - Хонларӣ мегӯяд: "Ҳақиқат ин аст, ки дар ҳар як аз забонҳои дунё агар шеъре ҳаст, мавзун аст ва шеъри бевазн бо мансур, ки ахир ба гӯшҳо мехурад, иллати шуарои қарни нуздаҳуми Фаронса ҳаст ва тачаддудхоҳони забонҳои дигар аз онон иқтибос кардаанд".

Муҳаммади Истеъломӣ шеърро чунин таъриф кардааст: «Шеър таъбире латифу хаёлангез аз як андеша ё эҳсоси тоза аст дар ибороте мавзун».

Дар ҳар сурат, шеър монанди хун дар рагҳои башар ҷорист ва инсонҳо аз овоне, ки қадам ба соҳати дунё гузоштаанд, эҳсосоту авотифро ламс (ҳис) кардаанд, ки кӯдак аз модар мутаваллид мешавад, то хотимаи (охири) умраш, ки дар бистари хок мадфун мегардад, дастхуши авотифи қалбӣ ва эҳсосоти маънавист, лабҳояш аз истиҷобати (пазируфтани) армону издиёди шодмонӣ мутабассум ва шукуфо ва лаҳзаи дигари симои борвараш аз фарти (ғояти) андуҳу малолат мегардад.

Ҷалолуддини Ҳумоӣ мегӯяд: «Башар аз оғози офариниш то анҷом дар тамоми давраҳои ҳаёташ маҳкуми (гирифтори) авотифи (меҳрубониҳо, илтифот) қалбию эҳсосотии маънавист, зеро инсон мақсаду орзуи ниҳонии худро ё ба василаи алфоз ва ба тариқи муколама ошкор месозад, ё ба воситаи аъмоли хориҷӣ, аввалин намояндаи эҳсосоти башар дар чунин ҳолоте шеър аст».

Пас, шеър бояд мавзуну хаёлангез бошад. Аз тарафе, бисёрихо андешаро низ дар шеър зарур медонанд. Дар ҳақиқат, шеъре, ки андеша дар он нақше надошта бошад, танҳо шӯру эҳсосот аст ва замоне шеър умқ (амиқӣ) пайдо мекунад, ки муҳтавии (дорои) андешаи воло ва паёми инсонӣ бошад. Ва чунин шеъре аст, ки дар рӯҳу дил шӯру ҳаяҷоне ростон бармеангезад ва инсонҳо ба сӯйи камоли инсониро дифоъ аз ҳаққу ҳақиқат тарғиб мекунад.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки шеър гиреҳ хурдани отифии (илтифоти) андеша, эҳсосу тахайюл дар забоне фишурдаю оҳангин мебошад.

Адиб Собири Тирмизӣ мегӯяд:

Назми равон зи оби равон синаро беҳ аст,
Шеъри равон зи ҷону равони гудохта-ст.
Нодон чи донад он, ки сухандон ба гоҳи назм
Ҷонро гудохтасту аз он шеър сохта-ст.
Дар гӯши ошиқон сухани нағзи шоирон
Хуштар зи бонги булбулу овози фохта-ст.

Бедил мегӯяд:

Бедил, суханам коргаҳи ҳашри маонист,
Чун ғулғула сури қиёмат калимотам.

«Вазн барои шеър мисли алифбост барои хондан».

«Шеъри бидуни вазн ҷуз насри зиште намебошад, ки беҳуда бурида-бурида шудааст».

Нимо Юшич мегӯяд: «Вазн аст, ки шеърро муташаккил ва мукаммал мекунад. Ба назари ман, шеъри бевазн шабоҳат ба инсони бараҳна ва урён дорад».

Аз замонҳои қадим аксарияти аҳли назар ва мунаққидони шеър вазну шеърро мулозими ҳам дониста ва унсури вазнро яке аз аркони асосии шеър донистаанд. Дар ҳақиқат, шеър бо вазн тавлид ёфтааст. Вазн хусусиятест, ки шеърро аз наср ҷудо мекунад. Ҳеҷ кас наметавонад, бартарии каломи мавзунро дар баробари каломи мансур инкор кунад.

Шеър таъбире аз иҷтимоъ, усул, боварҳо ва андешаҳои шоир аст ва мусиқии шеър, яъне вазн, қофия ва радиф ва вожаҳою лафз аз ҷумлаи аносире ҳастанд, ки маъно, отифа (илтифот) ва тахайюли шоирро ба мухотаб интиқол мекунанд ва танавӯъи (гуногунии) мусиқие дар ин замина омили муҳимме дар илқои (таблиғи) мавзӯъ ва эҳсосоти шоирона ба хонанда ва шунаванда аст. Шоир бо риояти таносубу пайванде, ки миёни мусиқии шеър бо унсурҳои дигар вуҷуд дорад, талош мекунад ба ҳадафу ғояти аслии шеър, ки ҳамоно баёни



мафоҳиму муҳтавои дарунии шеър аст, наздик гардад. Назди шоирону донишмандони илми адаб шеър аҳаммияти бузурге доштааст, чунонки Фаррухӣ «ҳуллаи танида зи дил, бофта зи ҷон» гуфтааст. Тору пуди ин ҳулла аз унсурҳое ташкил ёфта, ки мусиқӣ аз муҳимтарини онҳост.

Шоирони бузурги форс-тоҷик илова бар пардохтан ба муҳтаво, ба ҷанбаи лафзии шеър низ бисёр аҳаммият медоданд. Онҳо мекӯшиданд, то роҳҳои мухталиферо барои баёни маънӣ, тахайюл ва эҳсоси худ ба мухотаб падид оваранд, ки корбурди мусиқии шеър ва анвоъи гуногуни он дар қолаб ва сабкҳо мутафовит аст.

Шеър ҳам мисли ҳунарҳои дигар рамз ва қоидаҳое дорад, ки риояти он сабаби расидан ба натиҷаи матлуб мегардад ва агар шоир тавонад иртиботе муносиб миёни мусиқии шеър бо унсурҳои дигари он барқарор намояд, ҳалқаи иртиботӣ миёни мавзӯъ, тахайюл ва отифа гусаста намегардад.

Донишмандону адибони гузаштаи мо дойир ба таносуби лафзу маънӣ эътибори ҷиддӣ додаанд. Яке аз нахустин китобҳое, ки дар атрофи каломи бадеъ ва воситаҳои баёну бадеъ сухан меравад, "Қобуснома"-и Унсуралмаолии Кайковус мебошад. Ӯ дар симои фарзандаш ба онҳое, ки касби шоириро пеша карданианд, шартҳои зеринро мегузорад:

"Эй писар, шоир бошӣ, ҷаҳд кун, то сухани ту саҳли мумтанеъ бошад. Бипарҳез аз сухани ғомиз ва чизе, ки ту дониву дигаронро ба шарҳи он ҳоҷат ояд, магӯй, ки шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш. Ва ба вазну қофияи тиҳӣ қаноат макун, бе санъату тартибе шеър магӯй, ки шеъри рост нохуш бувад" (72, 130).

Азбаски як рукни асосии шеър муҳассаноти адабӣ аст, дар асрҳои миёна китобу рисолаҳои зиёде дойир ба санъатҳои бадеъӣ таълиф шудаанд, ки мо то ҳадди имкон роҷеъ ба китобу рисолаҳо ва муаллифони онҳо маълумот додем.

Аксари муҳаққиқон дар ин фикранд, ки аз байни муаллифони китобҳои дойир ба илми бадеъ Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ шояд аввалин донишманде бошад, ки каломи бадеъии форсӣ-тоҷикӣ, хусусиятҳои санъатҳои бадеъӣ ва воситаҳои дигари ҳусни каломро таҳқиқ ва таҳлил кардааст. Аз тарзи гузориши масъала, тарҷума ва шарҳи истилоҳот баръало маълум мешавад, ки ин китоб дар таълифи илми бадеъ таҷрибаи аввалин аст. Санъатҳои бадеъӣ дар фаҳмиши Родуёнӣ ҳамчун воситаи калому баён шарҳ ёфтаанд.

Дар а. XII Рашиди Ватвот барои такмили санъатҳои бадеъии "Тарҷумон-ул-балоға" китоби "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"-ро навишт. Китоби Рашиди Ватвот хеле шуҳрат пайдо кард. Аксари муаллифони баъдина ҳангоми баёну шарҳи санъатҳои бадеъӣ "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"-ро пайравӣ кардаанд.

Донишманди а. XIX Мирзо Абулқосими Фарҳанг китоби Рашиди Ватвотро шарҳ дода, бо номи "Шарҳи "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" асаре таълиф кард.

Таълифи китоби «ал-Муъҷам" дар а. XIII барои илму фарҳанги халқҳои форс-тоҷик ҳодисаи бисёр фараҳбахш аст. Ин китоб яке аз беҳтарин асарҳо дойир ба поэтикаи шеъри форсӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Шамси Қайси Розӣ зебоиҳои калом, яъне санъатҳои бадеъиро ҳам барои назм, ҳам барои наср муштарак медонад. Боби шашуми «ал-Муъҷам" ба санъатҳое бахшида шудаанд, ки "дар назму насри калом бошанд".

Дар а. XIII китоби Насируддини Тӯсӣ "*Меъёр-ул-ашъор*" таълиф карда шуд, ки дар омӯхтани каломи бадеъ беҳтарин сарчашма ба шумор меравад. Таърифи шеър дар ин китоб бисёр ҷолиб аст.

Таълифи "*Эъҷози Хусравӣ*" ("Расоил-ул-эъҷоз") дар а. XIV дар инкишофи илми бадеъ инқилоби адабиро ба хотир меорад. Рисолаи сеюми "*Эъҷози Хусравӣ*" дар бораи санъатҳои бадеъӣ баҳс мекунад.

Китоби "*Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ил-уюн*"-и Шамсуддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ низ дар асри XV таълиф шуд, ки донишномаи донишҳои замони муаллиф мебошад.

Асри XV давраи нашъу намои таҳлилу таҳқиқу таълифи китобҳои илми бадеъ маҳсуб мешавад. "*Бадоеъ-ул-афкор*"-и Ҳусайн Воъизи Кошифӣ, "*Бадоеъ-ус-саноеъ*"-и Атоуллоҳи Ҳусайнӣ ва "*Ҷамъи мухтасар*"-и Ваҳиди Табрезӣ маҳсули ҳамин давраанд. Яке аз китобҳое, ки дар а. XVII оид ба илми бадеъ таълиф шудааст, "*Маҷмаъ-ус-саноеъ*"-и Сиддиқии Ҳусайнист. Воҷидалии Муҷмалӣ дар а. XIX китоби "*Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун*"-ро таълиф кардааст.

Аз таълифоти донишмандони асрҳои XX-XXI дойир ба илми бадеъ (санъатҳои бадеъӣ) асарҳои "Дастури забони форсӣ ва фунуни адабӣ"-и Абдулҳусайни Саъидиён, "Фунуни адабӣ"-и Аҳмади Нажод, "Санъати сухан"-и Т. Зеҳнӣ, "Средневековая арабская поэтика"-и А. Б. Куделин, "Фунуни адабӣ"-и Абдулқайюми Қавим, "Илми бадеъ"-и Маликушшуаро Бетоб, "Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ"-и Холиқ Мирзозода, "Эъҷози Хусравӣ ва мақоми он



дар таърихи афкори адабии форсии тоҷикӣ"-и Мисбоҳиддини Нарзиқул, "Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик"-и Раҳим Мусулмонқулов, "Персидско-таджикская классическая поэтика X-XV вв."-и Раҳим Мусулмонқулов, "Нақди бадеъ"-и Муҳаммади Фишоракӣ, "Стиль персидской-таджикской поэзии IX-X вв."-и Османов М. Н., "Шинохти ташбеҳ"-и Роҳёб Носир, "Илми бадеъ дар забони форсӣ"-и Саййидмуҳаммад Доъии Ҷавод, "Зеби сухан ё илми бадеъи форсӣ"-и Саййидмуҳаммади Нишот, "Ҳунари суханоройӣ. Фанни бадеъ"-и Саййидмуҳаммади Ростгӯ, "Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ"-и Абдунабӣ Сатторзода, "Нигоҳе тоза ба бадеъ"-и Сируси Шамисо, "Меъёр ва андозаҳои шеър"-и Урватулло Тоиров, "Каломи манзум"-и Урватулло Тоиров ва диг.: "Рӯдакӣ – офаридгори назми оламгир"-и Урватулло Тоиров ва Саврия Дурманова, "Поэтикаи "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ"-и Урватулло Тоиров ва Мирзо Солеҳов, "Бадеъ ва қофия"-и Хазоилӣ Муҳаммад ва Носири Ҳасан Содот, "Фунуни балоғат ва синооти адабӣ"-и Ҷалолуддини Ҳумоӣ, "Муфассали шарҳи бадеъи "Мутаввал"-и Ҳошимии Хуросонӣ, "Фанни бадеъ ва аксоми шеъри форсӣ"-и Ҷалолуддини Ҳумоӣ, "Арӯсони сухан"-и Ҳушманди Исфандиёрпур, "Фунуни шоирӣ"-и Ҷаъфари Сомонӣ, "Каломи бадеъ" -и Худоӣ Шарифов, "Назмшиносӣ"-и Худоӣ Шарифов ва Урватулло Тоиров, "Сувари хаёл дар шеъри форсӣ"-и Шафеъии Кадканӣ, "Каломи мавзун"-и Шарифҷон Ҳусейнзода, "Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ"-и Шукуров М. ва Абдуҷабборов Т. ва ғайраро метавон ном бурд.

Аз байни бадеъшиносон муаллифи "Бадоеъ-ус-саноеъ"-Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ санъатҳои бадеъиро ба ду даста: санъатҳои бадеъии маънавӣ ва санъатҳои бадеъии лафзӣ ҷудо карда, расмӣ гардонид. Донишмандони дигари илми бадеъ минбаъд ин анъанаро давом доданд. Аксари муаллифони китобҳои бадеъ дар мавриди санъати маънавӣ ё бадеъи маънавӣ гуфтаанд, ки санъати (санъатҳои ) маънавӣ он аст, ки ҳусну зебоии калом марбут ба маънӣ бошад, на ба лафз, чунонки, агар калимаҳои байтро тағйир диҳему маъниро нигоҳ дорем, боз он ҳусн боқӣ бимонад.

Монанди санъати маънавии ҳ у с н и  т а ъ л и л дар ин абёти Муиззии Самарқандӣ:

Он зулфи тобдор бар он рӯйи чун баҳор
Гар кӯтаҳ аст гӯйӣ, аз вай аҷаб мадор.
Шаб дар баҳор рӯй ниҳад сӯйи кӯтаҳӣ
В-он зулф чун шаб омаду он рӯй чун баҳор.

Агар баъзе калимаҳои абёти болоро тағйир диҳем, масалан бигӯем:

Бар рухат зулф кӯтаҳ аст, бале,
Ҳаст кӯтаҳ шаб ба фасли баҳор.

боз санъати ҳ у с н и т а ъ л и л бо ҳоли худ боқӣ мемонад.

С а н ъ а т и л а ф з ӣ ё б а д е ъ и л а ф з ӣ он аст, ки зинату зебоии калом вобаста ба алфоз бошад. Чунонки, агар калимаҳои байтро бо нигоҳ доштани маъни тағйир бидиҳем, он ҳусн зойил гардад. Монанди санъати *саҷъ* дар ҷумлаи зер: "Ҳунар чашмаи зоянда асту давлати поянда" ва "Ройи бе қуввати макру фусун асту қуввати бе рой ҷаҳлу ҷунун".

Агар калимаи "поянда"-ро ба "ҷовидон" ва "ҷунун"-ро ба "девонагӣ" табдил кунем, ҳамон маъниро мебахшад, аммо ҳусни насри мусаҷҷаъ зойил мешавад.



## ФАСЛИ ЯКУМ
## НАВЪҲОИ ШЕЪРИ ТОҶИКӢ

Навъҳои асосии шеъри форсии тоҷикӣ аз инҳо иборатанд: байт (фард, муфрадот), дубайтӣ, рубоӣ, қасида, қитъа, ғазал, маснавӣ, мусаммат, таркиббанд, тарҷеъбанд, мустазод. Шеъри форсии тоҷикӣ аз ҷиҳати шаклу навъҳо дар асрҳои IX-XI милодӣ ташаккул ёфтааст. Асоси таъйини анвоъи шеър сохти қофиябандии он аст. Қонуни таснифи навъҳои шеър аз рӯи қофия ба адабиёти халқҳои араб, турк ва поэтикаи шеъри лотинию аврупоӣ хос мебошад. Дар Юнони Қадим навъҳои шеърро аз мавқеи вазн муқаррар кардаанд.

### МИСРАЪ[1], БАЙТ ВА ФАРД

Хурдтарин сухани мавзун мисраъ ва кӯтоҳтарин шеър байт аст. Тасдиқи шеър будан аз такрори мазмун ва шакл ба вуҷуд меояд ва аз ин рӯ, байтро шеър мегӯянд.

Маънои мисраъ дар луғат як нима аз дари дутабақа аст ва дар шеър як нима аз байт. Байт ду хел мешавад: он ки ҳар ду мисраъ ҳамқофия мешаванд ва ин навъро мусарраъ мегӯянд. Дар ин намуна аз «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ ҳар ду байт мусарраъ аст, яъне қофияи аа бб доранд.

Шунидам, ки дар вақти назъи равон,[2]
Ба Ҳурмуз чунин гуфт Нӯшервон:
Ки хотирнигаҳдори дарвеш бош,
На дар банди осоиши хеш бош.

Дар ин қитъаи Рӯдакӣ байтҳо қофияи ба ва дошта, мусарраъ нестанд:

Замона панде озодвор дод маро,
Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.
Ба рӯзи неки касон гуфт, то ту ғам нахӯрӣ,
Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.

Намунаи абёте, ки мусарраъ нестанд, яъне мисраи аввали байт аз қофия озод аст:

Шаб, ки меомад ба ёдам теғи хунолуди ӯ,
Хоб мебинам, ки дар дарёи хун афтодаам.

---

[1] Шакли дурусти ин калима мисроъ аст. Азбаски дар адабиёти илмии тоҷикӣ «мисраъ» менависанд, мо онро риоя кардем.

[2] Назъи равон – ҷон кандан.

***

Боғ агар ҷойи булбулон бошад,
Зоғ он ҷо чӣ кор меояд?

Байт навъи хурдтарини асари манзум аст. Ҷамъи шеърҳои дар шакли байт навиштаи шоъиронро муфрадот мегӯянд. Муфрадот дар дохили асарҳои насрӣ низ оварда мешаванд, байт як навъи шеъри халқӣ ҳам ҳаст. Байти шеъри халқиро якбайт ҳам мегӯянд.

Намуна аз муфрадоти шуаро:

Хайре, ки бароядат ба тавфиқ аз даст
Дар ҳаққи касе кун, ки дар ӯ хайре ҳаст.
(Саъдӣ)

Гар роҳнамоӣ, ҳама олам роҳ аст
В-ар даст нагирӣ, ҳама олам чоҳ аст.
(Саъдӣ)

Булбул, оҳе гар кашам, чун байза бе пар мешавад,
Гул, нигоҳе гар кунам, чашми самандар мешавад.
(Нозими Ҳиравӣ)

Доғ-доғам аз ҳавои дӯзаху фикри биҳишт,
Гаҳ чароғи масҷидам сӯзад, гаҳе шамъи куништ.
(Бобо Фиғонӣ)

Ба ҳалқи ташнаи мо теғи ёр ҷо карда,
Худо аҷаб дами обе насиби мо карда.
(Навиди Тунӣ)

Байтҳои халқӣ:

Ай субҳ, мадам, ки ман ба ин гул мастам,
Бедор шудам, ки гул бирафт аз дастам.

Ҳар кас ба ватан чун гули садбарг бувад,
Дар бесатанӣ рангу рухо зард бувад.

Сар то сари ёлаҳо бе нам набувад,
Ҳаргиз дили одамӣ бе ғам набувад.



## ДУБАЙТӢ

Дубайтӣ аз навъҳои қадимии шеъри форсии тоҷикист, ки замони пайдоишаш бо ибтидои сурудани таронаҳои мардумӣ ҳамроҳ аст. Вазни асосии дубайтӣ Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (ё мақсур) аст, ки дар ин мавзӯъ дар бахши арӯзи ин китоб ба тафсил сухан рафтааст. Маъмулан дар дубайтӣ байти якум ва мисраи чаҳоруми ҳамқофия меоянд (ааба). Қофияи аабб дар дубайтӣ гоҳ-гоҳе истифода мешавад.

Намуна аз дубайтиҳои Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ:

Диле дорам харидори муҳаббат,
К-аз ӯ гарм аст бозори муҳаббат.
Либосе бофтам бар қомати дил,
Зи пуди меҳнату тори муҳаббат.

Агар ой, ба ҷонат вонавозам
В-агар н-ой, зи ҳиҷронат гудозам.
Биё, дардо, ки дорӣ бар дилам нех,
Бимирам ё бисӯзам, ё бисозам.

Намуна аз Абулқосими Лоҳутӣ:

Магар девонаӣ ту, ай дил, ай дил,
Ба ҷон бегонаӣ ту, ай дил, ай дил.
Чаро месӯзию месозӣ ин сон?
Магар парвонаӣ ту, ай дил, ай дил.

Аз таронаҳои мардумӣ:

Сари кӯҳи баланд буд хонаи ман,
Фалак тире задаст бар шонаи ман.
Фалак тире задаст, пайкон надорад,
Ба ҳасрат пур шудаст паймонаи ман.

## РУБОӢ

Навъи дигари шеър, ки аз ду байт ба вуҷуд меояд, рубоист. Маънои рубоӣ чаҳортоӣ ва чаҳоргонӣ аст. Қофияи рубоӣ ба қофияи дубайтӣ монанд аст (ааба ва аабб). Вазни рубоӣ ба «ло ҳавла ва ло қуввата илло би-л-Лоҳӣ» баробар аст ва агар ба ин вазн мувофиқ наояд, шеър дубайтист.

Намунаҳо аз шеъри шуаро:

То рӯи туро набинам, ай шамъи Тироз,
Не кор кунам, на рӯза дорам, на намоз.
Чун бо ту бувам, маҷози ман ҷумла намоз,
Чун бе ту бувам, намози ман ҷумла маҷоз.
(Абӯсаъид Абулхайр)

Асрори азалро на ту донию на ман
В-ин ҳарфи муаммо на ту хонию на ман.
Ҳаст аз паси парда гуфтугӯи ману ту,
Чун парда барафтад, на ту монию на ман.
(Хайём)

Ин дашт зи ҷаҳл корвонҳо дорад,
Аз кӯшиши раҳравон нишонҳо дорад.
Якбора наметавон расидан ба камол,
То бадр[1] ҳилол[2] нардбонҳо дорад.
(Бедил)

Рӯбоии халқӣ:

Рӯзе, ки фалак нишонаи тирам кард,
Пайваст ба зулфи ёру занҷирам кард.
Пайваст ба зулфи ёру печида шудам,
Ғамҳои замона оқубат пирам кард.

## ҚАСИДА

Қасида аз калимаи арабии қасд ба маънои ният доштан, майл кардан аст. Дар истилоҳ қасида чунин навъи шеър аст, ки вазну қофияи ягона дорад, дар шакли мадҳу замм, ситоишу накӯҳиш гуфта мешавад. Байти аввали қасида мусарраъ ва боқӣ ҳама мисраъҳои ҷуфт ба он ҳамқофия меоянд, мисраъҳои тоқ аз қофия озоданд, ба ин шакл: аа ба ва га да… Қасида дар мавзӯъҳои мадҳ, ҳаҷв, марсия, панду андарз, ваъзу ахлоқ, васфи табиату фаслҳои сол, ҳикмату ирфон ва назоири онҳо навишта мешавад. Тасвири ботинӣ, тамкину бурдборӣ, намоиши пластикӣ ва сукути воқеӣ шакли асосии ифода ва баён дар қасида мебошад. Ҳаҷми қасида аз чаҳордаҳ то яксаду панҷоҳ байт ва аз он ҳам зиёдтар аст. Қасидаҳо маҳдуд ва комил мешаванд. Қасидаи маҳдудро муқтазаб мегӯянд, ки маънояш бозбурида аст.

Қасидаи комил аз қисмҳои зерин иборат аст:

[1] Бадр – моҳи тамом, моҳи пурра.
[2] Ҳилол – моҳи нопурра.



1. Ташбиб (насиб, тағаззул). 2. Ҳусни тахаллус (ҳусни гурез, гурез). 3. Мадҳ. 4. Дуову талаб. Қасида матлаъ ва мақтаъ ҳам дорад, ки онҳоро ҳусни матлаъ ва ҳусни мақтаъ гуфтаанд ва дар ин мавзӯъ шумо дар фасли илми бадеъ маълумот хоҳед ёфт.

Шакли қасида аз адабиёти араб истиқбол шуда, шоирони форсигӯй аз ҷиҳати мавзӯъ онро вусъат дода, ба сохту таркибаш ҳам такмилу тозагиҳо ворид кардаанд. Шеъри ситоиширо дар адабиёти паҳлавӣ чома ё чакома мегуфтанд. Аввалин қасидаи комили тоҷикиро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сурурдааст.

Калимаи ташбиб аз шубоб аст ба маънои навӣ, тозагӣ ва ҷавонӣ. Дар истилоҳи адабӣ қисми даромади қасидаро мегӯянд, то ҷое ки шоир ба мадҳ мегузарад. Ташбиб аз васфу ҳусни ҳолат, тасвири табиату манзараҳо, фаслҳои сол, маю бода, ишқу муҳаббат ва амсоли он иборат аст. Ташбиб муқаддима ва шароити мадҳ аст. Ташбиб дар васфи ҳоли шоир ва мадҳ – вазъи мамдуҳ мебошад. Дар бораи ҳусни тахаллус ҳам дар фасли дахлдори илми бадеъ маълумоти лозима омадааст.

Намунаи қасидаи комил аз Шайх Саъдии Шерозӣ «Дар ситоиши Алоуддин Атомалик Ҷувайнии соҳибдевон», ки муаллифи китоби «Таърихи ҷаҳонкушой» аст:

Агар мутолиа хоҳад касе биҳишти баринро,
Биё, мутолиа кун, гӯ ба навбаҳор заминро.
Шигифт нест гар аз тин[1] бадар кунад гулу насрин,
Ҳамон ки сурати Одам кунад сулолаи тинро…
Сазад, ки рӯи ибодат ниҳанд бар дари ҳукмаш,
Мусавваре, ки тавонад нигошт нақш чунинро.
Наими хиттаи Шерозу луъбатони биҳиштӣ,
Зи ҳар дараҷа нигаҳ кун, ки ҳур бинию айинро.
Гирифта роҳи тамошо бадеъчеҳра бутоне,
Ки дар мушоҳада оҷиз кунанд бутгари Чинро.
Камони абрӯи туркон ба тири ғамзаи ҷоду
Кушода бар дили ушшоқи мустаманд камонро.
Ҳазор нолаи бедил зи ҳар канор барояд,
Чу пур кунанд ғуломони шоҳ хонаи зинро.
Ба ҳам баромада об аз ниҳеби боди баҳорӣ,
Мисоли шоҳиди ғазбон[2] гиреҳ фиканда ҷабинро.
Магар шукуфа бихандиду бӯйи атр баромад,

[1] Тин – хок, гил.
[2] Ғазбон – хашмгин.

Ки нола дар чаман афтод булбулони ҳазинро.
Биёр соқии маҷлис, бигӯй мутриби мунис,
Ки дер шуд, ки қаринон надидаанд қаринро.
Ҳазордастон бар гул сухансарой чу Саъдӣ,
Дуъои соҳиби одил алоъ[3] давлату динро.
Вазири машриқу мағриб, амини Маккаву Ясриб[4],
Ки ҳеҷ мулк надорад чун ӯ ҳафизу аминро.
Ҷаҳони фазлу футувват, ҷамоли дасти вазорат,
Ки зери даст нишонда муқаррабони макинро[5].
Дар он ҳарам, ки ниҳандаш ҷаҳор болиши ҳурмат,
Ҷуз остон нарасад хоҷагони садрнишинро.
Чу шер рояти вайро кунад сабо мутаҳаррик,
Маҷоли ҳамла намонад зи ҳавл шери аринро[6].
Мулуки рӯи заминро ба истимолату ҳикмат,
Чунон мутеъу мусаххар кунад, ки мулки яминро[1].
Диёри душмани вайро ба манҷаниқ[2] чӣ ҳоҷат,
Ки руъби[3] ӯ мутазалзил кунад буруҷи ҳасинро[4].
Вазири оламу одил ба иттифоқи афозил,
Паноҳи мулк бувад подшоҳи рӯи заминро.
Синони давлати ӯ душманони давлату динро
Чунон занад, ки синони ситора деви лаъинро.
Ба аҳли мулки вай андар намонд дасти татовул[5],
Магар савоиди симину бозувони саминро[6].
Ҳамеша дасти таваққӯъ гирифта домани фазлаш,
Чу вомдор, ки дарёбад остини заминро[7].
Шурӯҳи фикри ман андар баёни хосияти ӯ
Такаллуф аст, ки ҳоҷат ба шарҳ нест яқинро.
Ҳилол агар бинамояд касе, бадеъ набошад,
Чӣ ҳоҷат аст, ки бинмоям офтоби мубинро?
Дар ин ҳадиқа, ки булбул забони нутқ надорад,
Ту шӯҳдида магас бин, ки баргирифт танинро.

---

[3] Алоъ – шараф, бузургворӣ.
[4] Ясриб – номи қадимаи шаҳри Мадина.
[5] Макин – соҳиби пошоҳу манзалат.
[6] Арин – беша.
[1] Ямин – дасти рост, тарафи рост.
[2] Манҷаниқ – асбоби ҷангӣ, ки ба воситаи он санг ё гулӯлаи оташро ба сӯи душман меандохтанд.
[3] Руъб – тарс, бим.
[4] Ҳасин – устувор.
[5] Татовул – гарданкашӣ.
[6] Самин – фарбеҳ, бақувват.
[7] Замин – кафил.



Аё расида ба ҷое кулоҳи гӯшаи қудрат,
Ки даст нест бар он поя осмони баринро.
Гар иштиёқ нависам, ба васф рост наёяд,
Чунон муриди муҳибам, ки ташна моъи муинро[8].
Ба хоки пои ту монад ямини ғайри мукаффар[9],
К-аз он замон ки бидонистам аз ясор[10] яминро.
Барои ҳоҷати дунё тамаъ ба халқ набандам,
Ки тангчашм таҳаммул кунад азоби маҳинро[11].
Ту қадри фазл шиносӣ, ки аҳли фазлию дониш,
Шабаҳфурӯш чӣ донад баҳои дурри саминро[12].
Нигоҳдору муъинат[12] Худой бувад, ки ҳаргиз
Беҳ аз худой набинӣ нигоҳдору муъинро.
Мазоҷиъи[13] падаронат ғариқ бод ба раҳмат,
Ки чун ту оқилу хушёр парваранд бан инро.
Дари сухан ба ду мисраъ чунон латиф бубандам,
Ки шояд аҳли маонӣ, ки вирди худ кунад инро:
Бихур, бибахш, ки дунё ба ҳеч кор наёяд,
Ҷуз ин ки пеш фиристанд рӯзи бозпасинро.

Ин қасидаи Саъдӣ аз 34 байт иборат аст. Сиву панҷ калимаи қофия дорад, ки ҳар як нотакрор ва наванд. Барои ин қадар қофияи мувофиқ ёфтан Саъдӣ калимаҳои камистеъмолро кор фармудааст. Маънои мувофиқи ин қофияҳо ҳам кор фармудани калимаҳои зиёд ва аз ҷумла, душворфаҳмро тақозо мекунад. Бо ин сабаб, забони қасида мушкилфаҳм шуда, гаронӣ гирифтааст. Ба осонӣ фаҳмидан мумкин аст, ки услуби ин қасида аз тарзи сухани Саъдӣ дар ғазалҳояш фарқ мекунад. Аз ин рӯ, сухани шоирони қасидасаро, махсусан дар қасоиди комили тӯлонӣ, боз ҳам мушкилтар аст.

Шайх Саъдӣ дар ин шеър ҳамаи унсурҳои қасидаро устодона риоя карда ва кор фармудааст. Дар байти матлаъ хонандаро ба мутолиаи навбаҳори замон – тамоми шеъри худ, ки васф аст, даъват мекунад. Байти 12 (ҳазор дастон…) байти тахаллус ва то он ҷо аз матлаъ сар карда ташбиб аст. Аз байти 13 сар карда то байти 30 қисми мадҳ аст. Байтҳои 31-32 дар дуо гуфта шуда, байти 33 талаби муаллиф ва байти 34 мақтаъи оли аст. Саъдӣ дар он аз бевафоии дунё сухан

---

[8] Моъи муин – оби поки равон.
[9] Мукаффар – кофир хонда шуда.
[10] Ясор – дасти чап, тарафи чап.
[11] Маҳин – хорӣ, пастӣ.
[12] Самин – гаронбаҳо.
1 Муъин – нигоҳдор.
2 Мазоҷиъ – оромгоҳ.

гуфта, барои мамдӯҳ умри дароз таманно мекунад. Дар ин матлаъ ҳусни талаб бо ҳиммати саъдиёна умри дарози мамдӯҳ шудааст. Ҳамин гуна байт ё байтҳои дар поёни қасидаи мадҳӣ дар дуои неку хайри мамдӯҳ гуфта шударо шарита мегӯянд. Ин қисми қасидаро дуои таъбид низ гуфтаанд, ки маънояш дуои абадию бардавом будан аст.

Намунаи шарита – дуои таъбид аз як қасидаи Салмони Совачӣ:

То дар ҳадиқаи фалаки сабзи обгун
Рӯяд ба субҳу шом гули зарду настаран,
Гулзори давлати ту, ки дорад насими хулд,
Озод бод то абад аз сарсари[1] миҳан[2].
В-ин тоза меваи шаҷар иззу ҷохро,
Аз гардиши замон марасад оташи сухан.
Доим санои ҷоҳи шумо зикри шайху шоб,
Доим дуои ҷони шумо вирди марду зан.

Намунаи қасидаи маҳдуд аз Салмони Совачӣ дар ситоиши Шайх Увайс:

Ҳудҳуде ҳоли сабо пеши Сулаймон мебарад,
Қосиде назди набӣ пайғоми Салмон мебарад.
Моҷарои қатраи афтодаро як-як ҷавоб
Карда абр аз бар бари дарёи Уммон мебарад.
Зараро аз хеш, агарчи қисса бо боди ҳавост,
Карда равшан пеши хуршеди дурахшон мебарад.
Ай аҷаб дар гулшане, к-он ҷо суманро нест бод,
Меравад райҳонею хори мағелон мебарад.
Аз ҳаводори насими нотавон бархостаст,
Қиссаи мӯре ба даргоҳи Сулаймон мебарад.
Қатрае чанд оби шӯри тира, к-андар хурд нест,
Ташнаи шӯрида назди Оби ҳайвон мебарад.
Бод гарде аз замин меоварад бар осмон,
Обу хошоке ба сӯи Боғи ризвон мебарад.
Чунки Яъқубест дар ҳар байти ман, инақ, сабо
Пеши Юсуф шарҳи ҳоли байти эҳзон мебарад.
Сурати ин қисса донӣ чист? Яъне, қосиде
Руқъае аз ҳоли дарвеше ба султон мебарад.

[1] Сарсар – боди тунд.
[2] Миҳан – ҷамъи меҳнат.



Гарчи ман пироҳан аз ғам то ба доман медарам,
Гӯи майдони висоли ӯ гиребон мебарад.

Дар қасидаҳои дарози тӯлонӣ шоирон гоҳ-гоҳе чанд бор матлаъро тоза кардаанд, яъне маротибае чанд байти мусарраъро бо ҳамон қофияи аслӣ оварда, қасидаро бо он идома медиҳанд. Масалан, дар марсияи ба фарзандаш – Рашидуддин бахшидааш Хоқонӣ як бор таҷдиди матлаъ кардааст.

Матлаи марсия:

Дилнавози мани бемор шумоед ҳама,
Баҳри беморнавозӣ ба ман оед ҳама.

Матлаи дуюм:

Сари тобути маро боз кушоед ҳама,
Худ бубинеду ба душман бинамоед ҳама.

Қасидаро аз рӯи мавзӯи асосӣ ба навъҳои мадҳия, шиквоия, хамрия, ҳабсия, ирфонӣ, ахлоқӣ, мазҳабӣ, рисо (марсия), ҳиҷо (ҳаҷв), танқидӣ, ҳасбиҳолӣ тақсим кардаанд. Аз ҷиҳати мавзӯи ташбиб қасидаро баҳория, наврӯзӣ, ишқия, ҳолия гуфтаанд. Аз ҷиҳати ҳарфи асосии қофия қасидаро алифия, боия, тоия, нуния ва монанди он номгузорӣ мекунанд.

Мухтасари қасидаи Саноӣ дар ваъзу насиҳат:

Барги бебаргӣ надорӣ, лофи дарвешӣ мазан,
Рух чу айёрон надорӣ, ҷон чу номардон макан.
Ё бирав ҳамчун занон рангею бӯе пеш гир,
Ё чу мардон андар ою гӯй дар майдон фикан.
Ҳар чӣ бинӣ ҷуз ҳаво, он дин бувад, бар ҷон нишон,
Ҳар чӣ ёбӣ, ҷуз Худо, он бут бувад, дар ҳам шикан.
Чун дилу ҷон зери поят натъ[1] шуд, пое бикӯб,
Чун ду кавн андар ду дастат ҷамъ шуд, дасте бизан.
Сар барор аз гулшани таҳқиқ, то дар кӯи дин
Куштагони зинда бинӣ анҷуман дар анҷуман…
Ҳар хасе аз ранги гуфторе бад-ин раҳ кай расад,
Дард бояд умрсӯзу мард бояд гомзан.
Солҳо бояд, ки то як санги аслӣ з-офтоб
Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман.
Моҳҳо бояд, ки то як пунбадона з-обу хок,
Шоҳидеро ҳулла[2] гардад ё шаҳидеро кафан.
Рӯзҳо бояд, ки то як мушти пашм аз пушти меш

[1] Натъ ё натоъ – бисот, фарш.
[2] Ҳулла – ҷома, либоси нав.

Зоҳидеро хирқа гардад ё ҳимореро[3] расан.
Умрҳо бояд, ки то як кӯдаке аз рӯи табъ,
Олиме гардад накӯ ё шоире ширинсухан.
Қарнҳо бояд, ки то аз пушти одам нутфае,
Булвафое гурд гардад ё шавад Вису Қаран…
Ҷон фишону пой кӯбу род зию фард бош,
То шавӣ боқӣ чу доман барфишонӣ з-ин диман[4]…
Бо ду қибла дар раҳи тавҳид натвон рафт рост,
Ё ризои дӯст бояд ё ҳавои хештан…
Суннии диндор шав, то зинда монӣ, з-он ки ҳаст,
Ҳар чӣ ҷуз дин мурдагию ҳар чӣ ҷуз суннат ҳазан[5].
Мижжа дар чашми Саноӣ чун синоне бод тез,
Гар Саноӣ зиндагӣ хоҳад замоне бе сунан[6].
Бо суханҳои Саноӣ, хосса дар зуҳду масал,
Фахр дорад хоки Балх имрӯз бар баҳри Адан.

## ҚИТЪА

Маънои калимаи қитъа як пора ё ҳисса аз чизест. Қитъа матлаъ маъмулан байти мусарраъ, яъне байти матлаъи маъмулӣ надорад ва ҳусни мақтаъ ҳам дар он эътиборе ба монанди қасида намегирад.

Ҳаҷми қитъа маъмулан аз чаҳор то понздаҳ байт аст ва дар мавзӯъҳои ахлоқӣ, ҳаҷв, мадҳ, ҳикмату мавъизат, таҳнияту ҳамдардӣ ва монанди он гуфта мешавад. Шоири қитъасаро дар муносибат ба ҳол ва мавзӯъ нисбат ба қасида ва ғазал озодтар аст. Аз ин ҷост, ки доманаи мавзӯи қитъа васеътар буда, вазъи ҳоли шоир ва муносибаташ ба завоҳир воқеию табиитар аст. Дар навъи қитъа Анварӣ ва Ибни Ямини Фарюмадӣ бештар шеър гуфтаанд:

Намунаи қитъа аз шеъри шуаро:

Олудаи миннати касон кам шав,
То якшаба дар висоқи[7] ту нон аст.
Ай нафс, ба растаи қаноат шав,
К-он ҷо ҳама чиз нек арзон аст.
То битвонӣ, ҳазар кун аз миннат,

[3] Ҳимор – хар.
[4] Диман – хона ва ҷои зиндагӣ.
[5] Ҳазан – андӯҳ, дилтангӣ.
[6] Сунан – ҷамъи суннат.
[7] Висоқ – банд, қайд.



К-ин миннати халқ коҳиши ҷон аст.
Дар олами тан чӣ мекунӣ ҳастӣ,
Чун марҷаи[1] ту ба олами ҷон аст?!
Шак нест, ки ҳар кӣ чизаке дорад
В-онро бидиҳад, тариқи эҳсон аст.
Лекин чу касе бувад, ки настонад,
Эҳсон он асту бас на осон аст.
Чандон ки мурувват аст дар додан,
Дар носитадан ҳазор чандон аст.
(Анварӣ)

Гар маро бе ту дар биҳишт баранд,
Дида аз диданаш бихоҳам дӯхт.
К-ин чунонам Худой ваъда накард,
Ки маро дар биҳишт бояд сӯхт.
(Саъдӣ)

Он парирӯй, ки аз марду зану пиру ҷавон
Ҳар кӣ бинӣ, дами соҳибназарӣ мезанадаш.
Остинам заду аз ҳуш бирафтам дарҳол,
Рост гуфтанд, ки девона парӣ мезанадаш.
(Саъдӣ)

Торе аз мӯи ман сапед набуд,
Чун ба зиндон малик маро бинишонд.
Мондам андар балову ғам чандон,
Ки яке мӯи ман сиёҳ намонд.
(Масъуди Саъди Салмон)

## ҒАЗАЛ

Маънои калимаи ғазал ишқбозӣ, қиссаи ишқу ошиқист. Мавзӯи асосии ғазал ишқу ошиқӣ буда, унвонаш аз он ҷо гирифта шудааст.

Дар истилоҳи адабӣ шеърero ғазал мегӯянд, ки байти матлаъаш мусарраъ буда, мисраъҳои ҷуфт ба вай ҳамқофия меоянд. Ҳаҷми ғазал маъмулан панҷ-ҳафт байт аст, миқдори миёнаи абёти ғазал ба дувоздаҳ байт ҳам мерасад, баъзе шоирон ғазали аз ин ҳам

[1] Марҷаъ – маҳалли руҷӯъ, маҳалли бозгашт.

бузургтаре гуфтаанд. Камтар аз се байтро ғазал намегӯянд ва се-чаҳор байт ғазали нотамом аст. Мавзӯи ғазал ишқ, ирфон ва зуҳд буда, гоҳ-гоҳе шоъирон ғазали ваъзу ахлоқӣ ҳам гуфтаанд. Дар адабиёти садаи бистуми милодӣ ғазали иҷтимоӣ пайдо ва маъмул шуд. Ғазал бо матлаъ ва мақтаъ, инчунин, истифодаи тахаллус ваҳдату ягонагии шаклӣ мегирад. Сухан дар ғазал ҳусну назокати хос дорад ва аз ин ҷиҳат аз тарзи сухани қасида фарқ мекунад.

Намунаи ғазал аз шоирони бузург:

Ёр бо ман бевафоӣ мекунад,
Бегуноҳ аз ман ҷудоӣ мекунад.
Шамъи ҷонамро бикушт он бевафо,
Ҷои дигар рӯшноӣ мекунад.
Мекунад бо хеши худ бегонагӣ,
Бо ғарибон ошноӣ мекунад.
Ҷавфурӯш аст он нигори сангдил,
Бо ман ӯ гандумнамоӣ мекунад.
Ёри ман авбошу қаллош[1] асту ринд,
Бар ман ӯ худ порсоӣ мекунад.
Ай мусулмонон, ба фарёдам расед,
К-он фалонӣ бевафоӣ мекунад.
Киштии умрам шикастаст аз ғамаш,
Аз мани мискин ҷудоӣ мекунад.
Он чи бо ман мекунад андар замон,
Офати даври самоӣ[2] мекунад.
Саъдии ширинсухан дар роҳи ишқ
Аз лабаш бӯса гадоӣ мекунад.
(Саъдӣ)

Мутрибо, бардор чангу лаҳни мусиқор зан,
Оташ аз ҷирмам биёру андар истиғфор[3] зан.
Ай калими[4] ишқ, бар Фиръавни ҳастӣ ҳамла бар,
Бар сари ӯ ту асои маҳв Мӯсовор зан.
Ақл аз баҳри ҳавасҳо дор-доре мекунад,
Зуд чашмашро бубанду баҳри ӯ ту дор зан.
В-ар бигӯяд: Ман ба дониш назми коре мекунам,
Оташе даст овару дар назму андар кор зан.

[1] Қаллош – бекора, ринд.
[2] Даври самоӣ – гардиши фалак.
[3] Истиғфор – тавба кардан, омурзиш хостан.
[4] Калим – ҳамсуҳбат.



Дар ғарибистони ҷон то кай шавӣ меҳмони хок,
Хок андар чашми ин меҳмону меҳмондор зан?!
Мутрибо, ҳуснат зи паргори хирад берунтар аст,
Хаймаи ишрат бурун аз ақлу аз паргор зан,
Тори чангатро зи пуди сирфи май ҷоне бидеҳ,
З-он ҳарора кӯҳнаи навбахт бар автор[1] зан.
Бар дари маҳдуми Шамсиддин зи дида об зан,
Дар ҳама ҳастӣ зи нори чеҳраи ӯ нор зан.
Аз яке дастони ӯ хуршеду маҳро хуфта кун,
Пас ниҳон з-ӯ чанг андар давлати бедор зан.
Ақли хушсифат қабое дӯхт баҳри Шамсиддин,
Ту зи ишқи ӯ ба чашми мункирон мисмор[2] зан.
Бар Буроқи ишқ биншин, ҷониби Табрез рав
В-он гаҳе зону зи баҳри ғамзаи хунхор зан.
(Ҷалолуддини Балхӣ)

Шарбате аз лаби лаълашначашидему бирафт,
Рӯи маҳпайкари ӯ сер надидему бирафт.
Гӯйи аз суҳбати мо нек ба танг омада буд,
Бор барбасту ба гардаш нарасидему бирафт.
Баски мо фотиҳаву ҳирзи[3] ямонӣ хондем
В-аз паяш сураи Ихлос дамидему бирафт.
Ишва доданд, ки бар мо гузаре хоҳӣ кард,
Дидӣ, охир, ки чунин ишва харидему бирафт.
Шуд чаман дар чамани ҳусну латофат, лекин
Дар гулистони висолаш начамидему бирафт.
Ҳамчу Ҳофиз ҳама шаб нолаву зорӣ кардем,
К-ай дареғо, ба видоаш нарасидему бирафт.
(Ҳофиз)

Бурда санаме шӯху сияҳчурда дили ман,
Чун ҷон ба барам омадаву бурда дили ман.
Овехта чандон ба сари зулфи сиёҳаш
То рӯзи ману хеш сияҳ карда дили ман.
То даст диҳад турраи он оҳуи мушкин,
Чун нофа басе хуни ҷигар хӯрда дили ман.

[1] Автор – зеҳи камон
[2] Мисмор – мех.
[3] Ҳирз – ҷои маҳкам, фотиҳа.

Бас ашк, ки борида чу борони баҳорон,
То сарвқадеро ба бар оварда дили ман.
Дигар ту дили зори ман, ай моҳ, маёзор,
К-аз гардиши гардун басе озурда дили ман.
(Шаҳриёр)

## МАСНАВӢ

Маънои маснавӣ ду-ду, дугонӣ аст. Дар истилоҳи адабӣ маснавӣ шеърero мегӯянд, ки ҳар як байти он мусарраъ (аа, бб, вв…) ва аз аввал то ба охир ба як вазн навишта шавад. Дар шакли маснавӣ аз порчаҳои хурди манзум гирифта то достонҳои бузург навишта мешаванд. Китобҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомии Ганчавӣ, «Хамса»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ дар шакли маснавӣ навишта шудаанд. Дар арабӣ маснавиро муздавач мегӯянд, ки ба маънои дутоӣ аст.

Намуна аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ:

Сухан гуфта шуд, гуфтанӣ ҳам намонд,
Ман аз гуфта хоҳам яке бо ту ронд.
Сухан ҳар чӣ гӯям, ҳама гуфтаанд,
Бари боғи дониш ҳама руфтаанд.
Агар бар дарахти барӯманд ҷой
Наёбам, ки аз бар шудан нест рой.
Касе, к-ӯ шавад зери нахли баланд,
Ҳамон соя з-ӯ боз дорад газанд.
К-аз ин номаи номвар шаҳриёр,
Ба гетӣ бимонам яке ёдгор.
Ту инро дурӯғу фасона мадон,
Ба яксон равиш дар замона мадон.

Аз «Бӯстон»-и Саъдӣ:

Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт,
Ба сарчашмае бар ба санге навишт:
Бар ин чашма чун мо басе дам заданд,
Бирафтанд, чун чашм барҳам заданд.
Гирифтем олам ба мардиву зӯр,
Валекин набурдем бо худ ба гӯр.
Чу бар душмане бошадат дастрас,
Маранҷон-ш, к-ӯро ҳамин ғусса бас.



Адӯ зинда саргашта пироманат,
Беҳ аз хуни ӯ кушта дар гарданат.

Аз Абдурраҳмони Ҷомӣ дар васфи қалам:
Аввалин зодаи қудрат қалам аст,
Ки зи нӯгаш ду ҷаҳон як рақам аст.
На қалам, балки яке тозаниҳол,
Руста аз равзаи иқлими ҷамол.
Гавҳари маънии хайрулбашар аст,
Ки мар онро шуда тухму самар аст.
Силки ҳастӣ чу дар ояд ба шумор,
Вай бувад аввали фикр, охири кор.
Сураташ гарчи зи одам зода,
Маънияш асли вуҷуд афтода.
Равшан аст ин бари ҳар фарзона,
Ки зи ҳам зод дарахту дона.
Қиблаи бандаву озод вай аст,
Иллати ғолияэҷоди вай аст.
Аз рухаш нур рабоӣ ҳамаро
В-аз дараш кор кушоӣ ҳамаро.

## МУСАММАТ

Дар хусуси мусаммат ва навъҳои он дар адабиётшиносии форс-тоҷик мақола ва рисолаҳои илмӣ-тадқиқотии зиёде навишта шудааст, ки дар байни онҳо ду китоби донишманди тоҷик Шоҳзамон Раҳмонов «Мусаммат, ташаккул ва таҳаввули он» (Душанбе, 1987) ва «Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик» (Душанбе, 2010) мақоми махсус доранд. Дар баъзе мақола ва асарҳое, ки дар хусуси мусаммат ва анвои он навишта шудаанд, аз он ҷумла, дар ду китоби Шоҳзамон Раҳмонов, ба ҷойи мусаммати мухаммас, мусаммати мусаддас ва ғайра мусаллас, мураббаъ, мусаддас, мусаббаъ навиштаанд, яъне мусалласу мураббаъю мухаммасу мусаддасу мусаббаъю муашшарро ҳамчун навъи шеър маънидод кардаанд. Ҳол он ки аз рӯйи маънии луғавии мусаммат пурра маълум аст, ки мусалласу мураббаю мухаммасу мусаддасу мусаббаъю мусаммону мутассаю муашшар анвои шеър не, балки навъҳои мусамматанд. Агар мусаммат ва навъҳои онро таъриф ё ташреҳ доданӣ бошем, бояд ин тавр фаҳмонем: «Мусаммат лафзи арабӣ буда, маънои луғавиаш ба ришта кашидани донаҳои марворид

аст». Барои он ки мусаммат дар асл аз калимаи самт – шада, риштаи ҷавоҳир гирифта шудааст. Ба маънои истилоҳӣ бошад, мусаммат нави шеърест, ки аз чанд банди 3-10 мисраӣ иборат мебошад, яъне агар шоир мусаммати мураббаъ гуфтанӣ бошад, бояд чанд банди (байт не) чормисраъӣ эҷод кунад (аз се банд бояд кам набошад, зиёдаш чи қадаре, ки шоир мехоҳад), ки ҳамаи мисраъҳои банди якум бо мисраъҳои охири бандҳои дигар ё мисраъҳои охири ҳамаи бандҳо ба ҳам қофия бошанд. Чи тавре ки мебинед, мисраъҳои ҳамқофия ҳамон риштаеро мемонад, ки бандҳои мусамматро ба ҳам пайвастааст. Мусаммат ду тарзи қофиябандӣ дорад. Якум, тамоми мисраъҳои банди аввал ва мисраъҳои охири бандҳои минбаъда бояд ҳамқофия бошанд. Вобаста ба миқдори мисраъҳои бандҳо мусамматро ба навъҳои мусаммати мусаллас (ҳар банд бояд аз се мисраъ иборат бошад: ааа, бба, вва, гга), мусаммати мураббаъ (ҳар банд бояд аз чор мисраъ иборат бошад: аааа, ббба, ввва, ггга), мусаммати мухаммас (ҳар банд бояд аз панҷ мисраъ иборат бошад: ааааа, бббба, вввва, гггга), мусаммати мусаддас (ҳар банд бояд аз шаш мисраъ иборат бошад: аааааа, ббббба, ввввва, ггггга), мусаммати мусаббаъ (ҳар банд бояд аз ҳафт мисраъ иборат бошад: ааааааа, бббббба, вввввва, гггггга), мусаммати мусамман (ҳар банд бояд аз ҳашт мисраъ иборат бошад: аааааааа, ббббббба, ввввввва, ггггггга), мусаммати мутассаъ (ҳар банд бояд аз нӯҳ мисраъ иборат бошад: ааааааааа, бббббббба, ввввввввa, гггггггга), мусаммати муашшар (ҳар банд бояд аз даҳ мисраъ иборат бошад: аааааааааа, ббббббббба, вввввввввa, ггггггггга) ҷудо кардаанд.

**Мисоли мусаммати мусаллас аз Иқболи Лоҳурӣ:**

Монанди сабо хезу вазидан дигар омӯз,
Домони гулу лола кашидан дигар омӯз,
Андар дилаки ғунча хазидан дигар омӯз,
Мӯйина ба бар кардию бе завқ тапидӣ.
Он гуна тапидӣ, ки ба ҷое нарасидӣ,
Дар анҷумани шавқ тапидан дигар омӯз.
Кофир дили овора дигарбора ба ӯ банд,
Бар хеш кушо дидаву аз ғайр фурӯ банд,
Дидан дигар омӯзу надидан дигар омӯз.
Дам чист? Пайём аст! Шунидӣ? Нашунидӣ!
Дар хоки ту ҷилваи ом аст, надидӣ!
Дидан дигар омӯзу шунидан дигар омӯз.
Мо чашми уқобу дили шаҳбоз надорем,
Чун мурғи саро, лаззати парвоз надорем,



Ай мурғи саро, хезу паридан дигар омӯз!
Тахти Ҷаму Доро сари роҳе нафурӯшанд.
Ин кӯҳ гарон аст, ба коҳе нафурӯшанд,
Бо хуни дили хеш харидан дигар омӯз!
Нолидиву тақдир ҳамон аст, ки будаст,
Он ҳалқаи занҷир ҳамон аст, ки будаст,
Навмед машав, нола кашидан дигар омӯз!
Восӯхтай, як шарар аз доғи ҷигар гир,
Якчанд ба худ печу наистон ҳама дар гир,
Чун шуъла ба хошок давидан дигар омӯз!

Дуюм. Тамоми мисраъҳои охири бандҳо ҳамқофия буда, мисраъҳои боқимондаи бандҳо қофияи ҷудогона доранд, яъне ин хел:

Мусаммати мусаллас (семисраъӣ: ааб, ввб, ггб).
Мусаммати мураббаъ (чормисраъӣ: аааб, вввб, гггб).
Мусаммати мухаммас (панҷмисраъӣ: ааааб, ввввб, ггггб).
Мусаммати мусаддас (шашмисраъӣ: аааааб, вввввб, гггггб).
Мусамати мусаббаъ (ҳафтмисраъӣ: ааааааб, ввввввб, ггггггб).
Мусаммати мусамман (ҳаштмисраъӣ: аааааааб, вввввввб, гггггггб).
Мусаммати мутассаъ (нӯҳмисраъӣ: ааааааааб, ввввввввб, ггггггггб).
Мусаммати муашшар (даҳмисраъӣ: аааааааааб, вввввввввб, гггггггггб). Мисол барои мусаммати мухаммас:

Шабе дар маҳфиле бо оҳу сӯзе,
Шанидастам, ки марди порадӯзе.
Чунин мегуфт бо пире аҷузе,
«Гиле хушбӯй дар ҳаммом рӯзе,
Расид аз дасти махдуме ба дастам».
Гирифтам он гилу кардам хамире,
Хамире нарму поку чун ҳарире[1],
Мусаффо буду хубу дилпазире,
«Бад - ӯ гуфтам, ки мушкӣ ё абирӣ[2]
Ки аз бӯйи диловези ту мастам».
Ҳама гулҳои олам озмудам,
Надидам чун туву ибрат намудам,
Чу гул бишнид ин гуфтушанидам,
«Бигуфто: «Ман гили ночиз будам,
Валекин муддате бо гул нишастам».

[1] Ҳарир – матоъи абрешимӣ.
[2] Абир - номи хушбӯйи сиёҳтоб, ки аз сандалу гулоб ва мушку заъфарон тайёр мекунанд.

Гул андар зери по густурда пар кард,
Маро бо ҳамнишинӣ муфтахар[1] кард,
Чу умрам муддате бо гул гузар кард,
«Камоли ҳамнишин бар ман асар кард.
Вагарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам».[2]

Бештари донишмандон ихтирои мусамматро (Баҳор) ба шоири нимаи аввали асри 11-Манучеҳрии Домғонӣ (ваф. 1040) нисбат медиҳанд. Мусамматҳои ӯ дар шакли мусаддас эҷод карда шудаанд. Аз ӯ ёздаҳ мусаммати мусаддас боқӣ мондааст. Аммо донишманди тоҷик - Шоҳзамон Раҳмонов, ки муҳаққиқи бевоситаи мусаммат мебошад, дар ин ақида аст, ки ихтироъгари мусаммат шоири ҳамасри Манучеҳрӣ – Ломеъии Гургонӣ (1012-1030) мебошад. Ӯ менависад: «Аз тарафи дигар, яку якбора аз мусаддас ба вуҷуд омадани мусаммат дар назари кас шубҳаовар менамояд. Шояд Манучеҳрӣ аз тасмити ғазалу қасидаҳо, ки навъе аз банди мураббаъ ҳам буду бевосита ба навъи дигари мусаммат ба банди мусаддас гузаштааст. Агар мо ин навъ хулоса барорем, зеро худи Манучеҳрӣ дар тасмити ғазалу қасидаҳо шеърҳои зиёд дорад, ӯро ихтироъкори мусаммат донистан мумкин аст. Лекин бо вуҷуди ин, мо чунин тахмин мекунем, ки мусаммат бояд аз мураббаъ ибтидо гирифта бошад, чунки он пеш аз мусаддас ва баъд аз тасмит як воситаи нерубахши инкишоф, сарчашмаи бедоркунандаи ақлу ҳис гардида метавонист. Аз ин сабаб, мо Ломеъии Гургониро дар эҷод кардани навъҳои мукаммали мусаммат муқаддам донистем ва ӯ бо Манучеҳрӣ (с. ваф. 1040) дар як давр зиндагӣ ва эҷод карда, аммо фарқ байни онҳо фақат дар ин ҷост, ки Манучеҳрӣ умри бисёр кам дида ва дар чиҳилсолагӣ аз ҳаёт чашм пӯшид. Сабаби дигари Ломеъиро муқаддам донистанамон аз он иборат шуд, ки ӯ на фақат тасмит менавишт, балки мураббаъро ҳам дар шакли мураббаъи мукаммали тасмит эҷод менамуд. Ин ҷо аз хотир мегузарад, ки Манучеҳрӣ аз ин шеъри Ломеъӣ рӯҳ гирифта, баъд бевосита ба навъи душвортари он – мусаддас гузашта, дар ин навъ умуман дар инкишофи мусаммат саҳми босазое гузота, устоди баркамоли он гардид».

Аз рӯи ашъоре, ки аз шоирони то замони Манучеҳрию Ломеъии Гургонӣ боқӣ мондаанд, маълум мешавад, ки намунаи мусаммат ва баъзе анвоъи он дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ вуҷуд дорад. Масалан, агар шеъри «Гули баҳорӣ» - ро ба таври зерин:

Гули баҳорӣ,

[1] Муфтахар – хурсанд кардан.
[2] Байтҳои охири ин мусаммат аз Саъдии Шерозист.



Бути таторӣ.
Набид дорӣ,
Чаро наёрӣ?
Набиди равшан,
Чу абри баҳман.
Ба назди гулшан,
Чаро наборӣ?

нависем, навъи шеърии мусаммати мураббаъ ба вуҷуд меояд, ки агар ба таври:

мафоъилотун
v – v - -

тақтеъ карда шавад, як навъи баҳри Раҷаз- Раҷази мусанной мураффали махбун (ё махбуни мураффал) ва агар ба таври;

фаъӯлу/фаълун
v – v / - -

тақтеъ кунем, яке аз анвоъи баҳри Мутақориб – Мутақориби мураббаъи мақбузи аслам ба вуҷуд меояд.

Дар байни анвоъи мусаммат мусаммати мураббаъ, мусаммати мухаммас ва мусаммати мусаддас хеле машҳуранд. Шояд ҳамин чиз сабаб шуда бошад, ки дар баъзе китобҳои адабиётшиносии солҳои охир мусалласу мураббаъю мухаммасу мусаддасу мусаббаъю мусамманро чун анвоъи шеър маънидод кардаанд, ки саҳеҳ нест, зеро чи тавре ки дар боло гуфтем, онҳо навъҳои мусамматанд. Аз ин рӯ, онҳоро мусаммати мусалласу мусаммати мураббаъю мусаммати мухаммасу мусаммати муашшар гуфтан саҳеҳтар аст.

Ба қавли адабиётшиносон, мусаммати мусалласро нахустин бор Абдурраҳмонӣ Мушфиқӣ (а. 16), мусаммати мураббаъро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, мусаммати мухаммасро Сӯзании Самарқандӣ (а.12), мусаммати мусаддасро Манучеҳрӣ (а.11), мусаммати мусамманро шоири асри 12 – Қатрони Табрезӣ ва мусаммати муашшарро шоири асри 12 - Ҷавҳарии Бухоройӣ сурудаанд.

**Намунае аз мусаммати мусалласи Мушфиқӣ:**

Рӯзе, ки ба савдои ту афсона шудам,
Бар шамъи таманнои ту парвона шудам.
Афтод нигоҳе зи иноят ба манат.
Аз хеш ба ғамҳои ту бегона шудам,
Чашми ту дилам рабуду девона шудам.
Аз хандаи пинҳониву мункар шуданат.
Шуд Мушфиқӣ аз доғи чунун шайдоӣ,
Гардид ба бозори ғамат савдоӣ,

Аз шеваи ҷодувони пурмакру фанат.

Мусаммати мусалласи боло дар вазни рубоӣ суруда шудааст. Вазни бандҳои якуму дуюм Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб (мафъӯлу /мафоъӣлу/ мафоъӣлу/фаъул/ - - v/ v - -v/ v - -v/ v -), вазни мисраъи якуми банди сеюм -Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар: (мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлун/фаъ/ - -v/ v - -v/ v - - -/ - ), вазни мисраъи охири банди сеюм -Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб мафъӯлу/мафоъилун/мафоъӣлу/фаъул/ - -v/ v –v -/ v - - v/ v -) мебошад.

Дойираи мавзӯоти тамоми анвоъи мусаммат хеле васеъ буда, ба қудрат ва тавоноии худи шоирон вобастагӣ дорад. Мусаммат, асосан, дар шаклҳои мусамману мусаддаси баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалу, Раҷазу Музореъ ва ғайра эҷод карда мешавад. Чи тавре ки дар боло қайд кардем, фақат ду банди боқимондаи мусаммати Рӯдакӣ ё дар баҳри Разаҷи мусаннои мураффали махбун (мафоъилотун / v – v - -), ё дар баҳри Мутақорибі мураббаъи мақбузи аслам (фаъӯлу/ фаълун/ v – v/ - -) суруда шудааст.

Мусаммат ду навъ дорад. 1. Мусаммати мустақил. 2. Мусаммати тазмин. Мусаммати мустақил мусамматеро гӯянд, ки тамоми бандҳои онро худи шоир эҷод карда бошад. Мусаммати тазмин чунон аст, ки шоир ба ҳар байти ғазал ё қитъаи шоири дигар як мисраъ (мусаммати мусаллас), ду мисраъ (мусаммати мураббаъ), ё се мисраъ (мусаммати мухаммас), ё чор мисраъ (мусаммати мусаддас), ё панҷ мисраъ (мусаммати мусаббаъ), ё шаш мисраъ (мусаммати мусамман), ё ҳафт мисраъ (мусаммати мутассаъ), ё ин ки ҳашт мисраъ (мусаммати муашшар) илова карда бошад. Агар шоир ба ғазали шоири дигар мусаммат бандад, он гоҳ тамоми мисраъҳои банди аввал ва мисраъҳои охири бандҳои минбаъда ҳамқофия мешаванд. Агар шоир ба қитъаи шоири дигар мусаммат бандад, тамоми мисраъҳои охири бандҳо ҳамқофия шуда, мисраъҳои боқимондаи бандҳо қофияи ҷудогона пайдо мекунанд. Мусаммати мухаммасе, ки дар боло намуна овардем (мисраъи аввалаш «Шабе дар маҳфиле бо оҳу сӯзе» (мусаммати тазмин маҳсуб мешавад, зеро шоири машҳури Эрон Маликушшуарои Баҳор ба қитъаи Саъдии Шерозӣ мусаммат бастааст.

Мусаммате, ки дар боло овардем ва бо мисраъи:

«Монанди сабо хезу вазидан дигар омӯз» сар мешуд, намунаи мусаммати мусалласи мустақил маҳсуб меёбад, зеро он эҷоди худи шоир (Иқболи Лоҳурӣ) аст.



Дар таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик мусамматҳое дучор меоянд, ки ба банди аввали он на як мисраъ, балки ду мисраъи охири бандҳои минбаъда ҳамқофия шудаанд. Барои мисол ду байти мусаммати мусаддаси Туғралро меорем, ки аз рӯйи ҳамин қоида эҷод гардидааст:

Маҳро чи муносибат ба рӯят,
Гулро чи масал ба рангу бӯят,
Оташ нашавад ҳарифи хӯят,
Фирдавс намунае зи кӯят,
Бинад ба чаман қади накӯят,
Сулсул биравад зи боғ сӯят.
Ё Раб, чи бало ту нозанинӣ,
Сар то ба қадам ту ангубинӣ,
Ангуштари ҳуснро нигинӣ,
Ойина фитад агар ба рӯят,
Ҳайрон шавад аз рухи накӯят.

Донишмандони асрҳои миёна байтеро мусаммат гуфтаанд, ки ба чор пора тақсим шуда, дар се пораи аввал саҷъ нигоҳ дошта, дар пораи чаҳоруми қофия овардаанд. Кошифӣ ин ду байти Саъдиро намунаи чунин мусаммат медонад:

Маҳмил бидор, ай сорбон, тундӣ макун бар корвон,
К-аз ишқи он сарви равон гӯӣ равонам меравад.
Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,
Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.

Устод Лоиқ мусаммати мусалласе дорад, ки аз мусамматҳои анъанавӣ фарқ мекунад. Фарқ дар он аст, ки дар ҳамаи мисраъҳои сеюми бандҳо як рукн (фоъилотун) илова карда шудааст, ки шояд таъсири шеъри озод (арӯзи озод) бошад.

**Чанд банди мусаммати мусалласи Лоиқ:**

Бачагиям бекасу танҳо гузашт,
Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт.
Доманам аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт.
Ханда мекардам ба сӯи шаршара,
Ханда меомад зи ҳар санги дара,
Бачагиям ханда бар лаб, лаб-лаби дарё гузашт.
Бачагӣ чун шохборон рехт-рехт,
Бачагӣ чун обшорон рехт-рехт,
Ё мисоли шохнам аз дашти бопаҳно гузашт.
Бачагӣ гӯё буду гӯё набуд,
Бачагӣ аз мо буду аз мо набуд,

Бехабар мондем, то дидем, фарсахҳо гузашт.

Чи тавре ки мебинед, мисраъҳои якуму дуюми тамоми бандҳои мусаммати мусалласи Лоиқ дар бахри Рамали мусаддаси мақсур (фоъилотун/ фоъилотун/фоъилон ё фоъилун (гоҳе махбун – фаъилотун), аммо мисраъҳои охири тамоми бандҳо дар шакли мусаммани мақсури баҳри Рамал (фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилон) эҷод гардидааст.

Донишманди тоҷик Шоҳзамон Раҳмон дар китоби хеле пурарзиши худ: «Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик» шеъри зерро оварда, онро мусаммати мустазод меномад:

Ту мапиндор, ки дар тарфи чаман
Чун руху қоматат, ай симинтан.
Гулу шамшоде ҳаст.
Дар даҳони ту нагунҷад сухане,
Гарчи ширин даҳанат гоҳи сухан.
Нархи шаккар бишикаст.
Ҳар ки рухсори дилафрӯзи ту дид,
Дили шӯрида ба ваҷҳе аҳсан
Дар сари зулфи ту баст.
Ҳиндувонанд дар он зулфи сиёҳ,
Рӯзу шаб карда бар оташ маскан.
Ҳама хуршедпараст.
Ҳар замоне мани дилсӯхтаро
Ба души ашк бигирад доман.
Ки куҷо хоҳӣ ҷаст?
Фитна бошад, ки дарой рӯзе,
Нимамаст аз дари кошонаи ман.
Қадаҳи бода ба даст.
Гӯш кун нолаи Хоҷу ба сабӯҳ,
Чун ба вақти саҳар аз тарфи чаман,
Нағмаи булбули маст.

Чи тавре ки мебинед, абёти боло ба қоидаи мусаммат ҷавобгӯ нест, зеро ба бандҳо ҷудо намешавад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар мусаммат мафҳуми банд ҷойи асосиро ишғол менамояд, на байт. Вобаста ба миқдори мисраъҳои бандҳо мусамматро ба навъҳои мусаммати мусаллас, мусаммати мураббаъ, мусаммати мухаммас, мусаммати мусаддас ва ғайра ҷудо менамоянд. Агар абёти болоро мусаммат гӯем, ба кадом навъи мусаммат дохил мекунем? Бандҳои мусаммат аз се то даҳмисраъгианд. Дар ин ғазал баъди ҳар байт



нимиисраъ илова карда шудааст. Барои ҳамин шеъри боло на мусаммат, балки намунаи хеле хуби ғазали мустазод буда, аз ҳафт байт иборат мебошад. Тамоми байтҳои ғазал дар бахри Рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур (фоъилотун/фоъилотун/фоъилун ё фоъилон / - v - - / - v - - / - v – ё ̜ v ~) ва фиқраҳои ғазал дар бахри Рамали мураббаъи махбуни маҳзуф ё махбуни мақсур, ё ки аслам, ё ки аслами мусаббағ суруда шудааст.

Дар охир бояд гуфт, ки шоирони номдори адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик Манучеҳрии Домғонӣ (ваф. 1040), Ломеъии Гургонӣ (1012-1070), Қатрони Табрезӣ (1010-1070), Масъуди Саъди Салмон (1046-1121), Муъиззии Нишопурӣ (1049-1126), Рашидуддини Ватвот (ваф. 1170), Сӯзании Самарқандӣ (1091-1173), Хоҷуи Кирмонӣ (1282-1352), Шамси Фахри Исфаҳонӣ ( а. 14), Ҷавҳарии Заргар (а.12), Саноӣ (1079-1140), Абдулвосеъи Ҷабалӣ (в. 1160), Холиқи Гургонӣ, Хоҷӯи Кирмонӣ (1290-1358), Имоди Фақеҳ (в. 1615), Исмати Бухороӣ (в. 1437), Бадри Шарвонӣ (1387-1450), Алишери Навоӣ (Фонӣ) (1441-1501), Мушфиқӣ (1525 -1588), Сойиби Табрезӣ (1603-1677, Шамсуддини Шоҳин (1858-1894), Мухлис (в. 1891), Мубораки Вахонӣ (а. 19), Шофутуф (1869-1959), Мирзо Ҳасрат (а.19), Парии Ҳисорӣ (а. 19), Абдулҳайи Муҷахарфӣ (1867- 1931), Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ (1882 -1922), Зуфархони Ҷавҳарӣ (1860-1945), Айнӣ (1878-1954), Лоиқ (1941-2009) ва дигарон дар эҷоди навъҳои гуногуни мусаммат қувваозмоӣ кардаанд.

**Мисол барои мусаммати мухаммаси тазминӣ:**

Мунтазир истода майхорон хуморонро чӣ шуд?
Бедилонро нангаранд, оё нигоронро чӣ шуд?
Роҳи ирфон возеҳ, оё аҳли ирфонро чӣ шуд?
«Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?
Дӯстӣ кай охир омад дӯстдоронро чӣ шуд?
****
Сокини кӯйи ғами ҳаҷрам, ҳавои май куҷост?
Мутриби хушхони ишқам, нолаҳои най куҷост?
Дар хароботи муғон ёди баҳору дай куҷост?
«Оби Ҳайвон тирагун шуд, Хизри фаррухпай куҷост?
Хун чакид аз шохи гул, боди баҳоронро чӣ шуд»?
****
Ишқ шӯре дар миёни ошиқон афканда буд,
Шӯрише андар дилу сӯзе ба ҷон афканда буд,
Ақлу дилро ҳамчу булбул дар фиғон афканда буд,
«Гӯйи тавфиқу каромат дар миён афканда буд,

Кас ба майдон рӯ намеорад, саворонро чӣ шуд»?

****

Ин ғазалҳои ту, Абулҳай, кӣ мехонад, хамӯш!
Ин замон қадри дури маънӣ кӣ медонад, хамӯш!
Маркаби ишқе дар ин майдон кӣ меронад, хамӯш!
«Ҳофиз, асрори Илоҳӣ кас намедонад, хамӯш!
Аз кӣ мепурсӣ, ки даври рӯзгоронро чӣ шуд»!
(Абдулҳай)

**Мисоли мусаммати мусаддаси мустақил:**

Наврӯзи бузургон бизан, ай мутриб, имрӯз,
Зеро ки бувад навбати наврӯз ба нав рӯз,
Барзан ғазали нағзу дилангезу дилафрӯз
В-ар нест туро, бишнаву аз мурғ биёмӯз.
К-ин фохта з-ин гавзу[1] дигар фохта з-он гавз.
Бар қофияи хуб ҳамехонд ашъор.

****

Кабкони дарӣ ғолия[2] дар чашм кашиданд,
Сарвони саҳӣ[3] абқарии[4] сабз хариданд,
Бодом банон[5] миқнаъа[6] бар сар бидариданд,
Шоҳ Испарамон чинӣ дар зулф кашиданд,
Тӯтӣ бачагонро салаби сабз буриданд,
Шалвораки бо бойгаҳои табаривор.

****

Чун бод бад-ӯ дарнигарад, дил-ш бисӯзад,
Бо кинаи дерина аз ӯ кина натӯзад[7],
Гоҳе бикашад машъала, гоҳе бифурӯзад,
Гоҳе бидарад пираҳану гоҳ бидӯзад,
Гоҳеш биёмӯзаду гоҳеш бисӯзад,
Гоҳе ба биёбон-ш барад, гоҳ ба кӯҳсор.

****

Абр аз фаҷаъи[8] бод чу аз кӯҳ бихезад,
Бо бод даромезаду лахте бисатезад,
Теғе бикашад мункиру меғе бинигезад,
Охир зи пас андар ба ҳазимат бигирезад,

---

[1] Гавз – чавз, чормағз.
[2] Ғолия – мушк, анбар.
[3] Саҳӣ – рост, баланд; сарви саҳӣ – сарви баланд.
[4] Абқарӣ – либоси нафис, ҷомаи ҳарир.
[5] Банон – ангуштон, сарҳои ангушт.
[6] Миқнаъа – чодири занон; саргирак, сарандоз.
[7] Тӯзидан – андӯхтан, талаву тороҷ кардан.
[8] Фаҷаъ – тарс, бим, даҳшат.



Чун меҳтари покиза ҳама ҳол бирезад,
Ҳам дурри беандозаву ҳам лӯълӯи[1] шаҳвор.
(Манучеҳрӣ)

**Мисоли мусаммати мурабаъи мустақил (ду банд аз мусаммати Ҷомӣ)**

Чу гул, к- ӯро барад бодӣ баҳорӣ
Ба сад таъҷил меронӣ аморӣ[2],
Ман аз пай чун ҷарас[3] нолон ба зорӣ,
Бувад раҳме кунӣ, лутфе намоӣ.

****

Бирав, Ҷомӣ ба сӯзу дард месоз,
Макун чун уд[4] ҳар дам нола оғоз,
Касе, к-ӯ монад аз дилдори худ боз,
Зи дарди ғам куҷо ёбад раҳоӣ?

**Мисоли мусаммати мусаммани мустақил (як банд аз мусаммати Қатрони Табрезӣ)**

Нигоре, лоларухсоре саманбар,[5]
Сабо з-ӯ мушкбӯи асту саманбар,[6]
Саҳисарвест,[7] к- аз мушку саманбар,
Ҳазораш хӯша сунбул бар саман[8] бар,
Зи рӯйи мӯйи он сарви саманбар,
Пур аз уд[9] асту баҳру бар саманбар,
Ба ҳаққи сесаду сию се минбар,
Сабо ҳаст аз бараш бӯйи саманбар.
мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъӯлун
v - - - / v - - -/ v - -

**Мисоли мусаммати муашшари мустақил (як банд аз мусаммати Шамси Фахрӣ)**

Таъсири сабо саҳни чаман хулди барин кард,
Жола даҳани лола пур аз дурри самин[10] кард,
Бод омаду дар домани гул нофаи[11] Чин кард,

---

[1] Лӯълӯ – марворид, гавҳар.
[2] Аморӣ – каҷова ё тахти равоне, ки ба пушти фил ё шутур мебанданд ва дар он мешинанд.
[3] Ҷарас – занг, зангӯла.
[4] Уд – як навъи сози тории мусиқӣ.
[5] Саманбар (суманбар) – гуландом, зебо.
[6] Саманбар – хушбӯй.
[7] Саҳӣ – рост; саҳисарв – сарви рост, яъне ростқомат.
[8] Саман – номи гули сафеди хушбӯй.
[9] Уд- чӯби хушбӯйи сиёҳранг, ки ҳангоми сӯхтан бӯйи хуш медиҳад.
[10] Самин – қиматбаҳо.
[11] Нофа - хушбӯйии аз нофи оҳу тайёр кардашуда.

Бо хоку чаман анбару кофур ачин[1] кард,
Бар кавкаби рахшанда гаҳи шом камин кард,
Бо вақти сафар пушти фалак рӯйи замин кард.
Булбул дилам аз савти ҳазин зору ҳазин кард,
То раҳ вай аз пардаи ушшоқ гузин кард.
К- аз номия[2] чун буд , бар он себ базин кард,
Хуш - хуш ба ҷаҳон мавсими Наврӯз даромад.

Ба аҳли таҳқиқ ва умуман, ба хонандагони тоҷик, маълум аст, ки дар китобҳои дарсӣ ва дар адабиёти илмӣ Саййидоро ба таври «Сайидо» менависанд. Мо бори аввал соли 2019 номи Саййидоро ба шакли дурусти он, яъне Саййидо дар китоби «Адабиёти тоҷик» барои синфи 10-ум ҷой додем. Дар ин кор хизмат ва заҳмати донишманди хеле бозаковати тоҷик – Мубашшир Акбарзод бениҳоят бузург аст. Акнун биёед қазоват кунем, ки «Саййидо» дуруст аст ё «Сайидо». Барои исботи ин фикр ба ду мисраи аввали мусаммати мухаммаси Саййидо диққат диҳед:

Шабе дар хонаи ман омад он гулгунқабо, Соиб,
Зи ҷо чун Саййидо бархостам, кардам дуо, Соиб.
мафоъӣлун/мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - -/ v - - -/ v - - -/ v - - -

Аз байти боло маълум мешавад, ки шакли дурусти тахаллуси шоир Саййидост, зеро агар ба ҷойи «Саййидо» «Сайидо» нависем (чи хеле пеш менавиштем), вазн сакта пайдо мекунад, чунки дар рукни муфоъӣлун ҳиҷои охир дароз аст, агар «Сайидо» нависем, ҳиҷои «Са» кӯтоҳ мешавад. Мисоли дигар аз ғазалиёти худи шоир:

Ай Саййидо, шикаст маро садди орзу,
Акнун барои омади Яъҷуҷ шак намонд.
мафъӯлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилун
- - v/ - v - v/ v - -v/ - v –

Азбаски вазни байт Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур аст, рукни якум – «мафъӯлу» талаб мекунад, ки ҳиҷои дуюми мисраи якум бояд дароз бошад, барои ҳамин бояд «Саййидо» нависем, на «Сайидо». Мисоли дигар:

Ду ҳарф аз шеъри Шавкат, Саййидо, хотирнишинам шуд:
«Ки з-он обе, ки гандум сер гардад, осиё гардад».
мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - -/v - - -/v - - -/v - - -

---
[1] Ачин - омехта кардан.
[2] Номия – қувваи рӯяндагӣ, қобилияти рӯйидан ва болидан; набототот.



Агар байти болоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунем, шакли зеринро мегирад:

Ду-ҳар- фаз- шеъ (мафоъӣлун)-ри-Шав –кат-Сай (мафоъӣлун)-йи- до-хо-тир- (мафоъӣлун)-ни-ши-нам-шуд (мафоъӣлун)

Ки- зо-но-бе (мафоъӣлун)- ки-ган-дум-се (мафоъӣлун)-р- гар-дад-о (мафоъӣлун)-си-ё-гар-дад (мафоъӣлун). Чи тавре ки мебинем, ҳиҷои охири рукни дуюми мисраи якум – «лун» ҳиҷои дароз аст. Барои ҳамин, шакли дурусти талаффузи шоир Саййидо аст ва бояд ба шакли «Саййидо» навишта шавад. Байти дигар аз мақтаъи ғазали шоир:

Шукуфтан рафтааст, ай Саййидо, умрест аз ёдам,
Сухан бисёр дорам бар лабу чун ғунча хомӯшам.
мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣлун мафоъӣлун
v- - -/ v - - -/v - - -/v - - -

Дар ин байт низ ҳиҷои якуми калимаи «Саййидо» бо ҳиҷои охири рукни мафоъӣлуни дуюм «лун» мувофиқат мекунад. Азбаски ҳиҷои «лун» ҳиҷои дароз аст, бояд тахаллуси шоир «Саййидо» навишта шавад, на «Сайидо» чи тавре ки қаблан менавиштанд. Байте аз манзумаи «Дар таърифи наҷҷор»;

Маро чун Саййидо маъмур гардон,
Диламро хонаи пурнур гардон.
мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъӯлун
v - - - / v - - -/ v - -

Вазни рукни якуми байти боло талаб мекунад, ки ҳиҷои охири он – «лун» бояд дароз бошад. Пас шоир бояд ҳиҷоеро дар шеър ҷой диҳад, ки бар вазни «лун» (-) мувофиқат кунад. Ҳиҷои якуми калимаи «Саййидо» «Сай» аст ва он ҳамвазни «лун» (-) мебошад. Агар мо Саййидоро ба шакли Сайидо нависем, вазни шеърро ғалат месозем.

Мисоли дигар аз «Баҳориёт» меорем:

Ин нусха, Саййидо, ба ду-се рӯз шуд тамом,
Дар рӯзгори ҳазрати Абдулазизхон.
мафъӯлу/фоъилоту/мафоъӣлу/фоъилон
- - v/ - v - v/v - - v/ - v ~

Байти болоро тақтеъи ҳиҷоӣ мекунем:

Ин- нус-ха-Сай-йи-до-ба-ду-се-рӯ-з-шуд-та-мом,
Дар-рӯ-з-го-ри-ҳаз-ра-ти-Аб-дул-а-зи-з-хон.

Акнун байти болоро тақтеъи арӯзӣ мекунем, яъне ба рукнҳо ҷудо менамоем:

Ин нусха (мафъӯлу) Саййидо ба (фоъилоту) ду-се рӯз (мафоъӣлу) шуд тамом (фоъилон),

Дар рӯз (мафъӯлу) гори ҳазра (фоъилон) ти Абдула (мафоъӣлу) зизхон (фоъилун)

Чи тавре ки тақтеъи арӯзӣ нишон дод, ҳиҷои якуми «Саййидо» «Сай» ба ҳиҷои аввали рукни «фоъилоту» (- v - v) «фо» (-) мувофиқ омад. **Мисоли дигар аз мусаммати Саййидо:**

Ай Саййидо, ту дил ба мақоми наҷот каш,
Пой аз миёни тойифаи бесубот каш!
мафъӯлу/фоъилоту/мафоъӣлу/фоъилон
- - v/ - v – v/ v - - v/ - v ~

Дар байти боло бо тақозои вазни байт- Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур (- - v/ - v – v/ v - - v/ - v ~)ҳиҷои дуюми ҳарду мисраъ бояд дароз бошад. Ҳаминро ба назар гирифта, шоир тахаллуси худро дар шакли мухотаб дар рукни аввал ҷой додааст. Дар мусаммати дигари Саййидо, ки дар вазни Ҳазаҷи мусаммани солим суруда шудааст, ҳиҷои сеюми рукни мафоъӣлун дароз аст. Шоир тахаллуси худро дар аввали мисраи якум тарзе ҷой додааст, ки ҳиҷои «Сай»-и Саййидо дар ҷойи сеюм қарор гирад. Ин аст он байт:

Касеро, Саййидо, бахти саодат ҳаст, хуш бошад,
Ба ҳар ҷо гар бувад, кораш ибодат ҳаст, хуш бошад.
мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣлун
v - - - /v - - -/ v - - -/ v - - -

Хулоса, тахаллуси Саййидоро ба шакли дурусту саҳеҳи он- «Саййидо» навиштан лозим аст, на «Сайидо».

## ТАРҶЕЪБАНД

Маънои тарҷеъ дар луғат баргардонидан, бозгашт аст. Дар истилоҳи адабӣ шеърро тарҷеъбанд мегӯянд, ки аз чанд банди дорои вазни ягона иборат аст, ки ҳар кадом қофияи мустақил дар шакли ғазал (аа ба ва…) дорад ва баъди ҳар банд як байт ба такрор меояд. Байти такрор мусарраъ ва аз қофияи дигар бандҳо мутафарриқ аст.

Ин чор банд аз тарҷеъбанди Шайх Саъдӣ мунтахаб шудаанд, ки ҷамъ 22 банд аст:

Эй сарви баланд қомати дӯст,
Ваҳ-ваҳ, ки шамоилат чӣ некӯст.
Дар пои латофати ту миронд
Ҳар сарви сиҳӣ, ки бар лаби ҷӯст.
Нозукбандане, ки менагунҷад
Дар зери қабо чу ғунча дар пӯст,
Маҳпора ба бом агар барояд,



Кӣ фарқ кунад, ки моҳ ё ӯст?!
Он хирмани гул на гул, ки боғ аст,
Не боғи Ирам, ки боғи минуст[1].
Он гӯӣ муанбар аст дар ҷайб,
Ё бӯи даҳони анбаринбӯст.
Дар ҳалқаи савлаҷони[2] зулфаш
Бечора дил уфтода чун гӯ-ст.
Месӯзаду ҳамчунон ҳаводор,
Мемираду ҳамчунон дуогӯст.
Хуни дили ошиқони муштоқ
Дар гардани дидаи балоҷӯст.
Ман бандаи луъбатони симин,
К-охир дили одамӣ на аз рӯст.
Бисёр маломатам бикарданд,
К-андар пайи ӯ марав, ки бадхӯст.
Эй сахтдилони сустпаймон,
Ин шарти вафо бувад, ки бе дӯст.

Биншинаму сабр пеш гирам,
Дунболаи кори хеш гирам.

Дар аҳди ту, ай нигори дилбанд,
Бас аҳд, ки бишкананд савганд.
Дигар наравад ба ҳеч матлуб
Хотир, ки гирифт бо ту пайванд.
Аз пеши ту роҳи рафтанам нест,
Ҳамчун магас аз баробари қанд.
Ишқ омаду расми ақл бардошт,
Шавқ омаду бехи сабр барканд.
Дар ҳеч замонае назодаст
Модар ба ҷамоли чун ту фарзанд.
Бо дасти насиҳати рафиқон
В-андӯҳи фироқи кӯҳи Алванд.
Ман нестам, агар касе дигар ҳаст.
Аз дӯст ба ёди дӯст хурсанд.
Ин ҷавр, ки мебарем, то кай?
В-ин сабр, ки мекунем, то чанд?

[1] Мину – биҳишт.
[2] Савлаҷон – чавгон.

Чун мурғ ба тамъи дона дар дом,
Чун гург ба бӯи дунба дар банд.
Афтодаму маслиҳат чунин буд,
Бе банд нагирад одамӣ панд.
Муставҷиби ину беш аз инам,
Бошад, ки чу мардуми хирадманд

Биншинаму сабр пеш гирам,
Дунболаи кори хеш гирам…

Чашме, ки назар нигаҳ надорад,
Бас фитна, ки бо сару дил орад.
Оҳуи каманди зулфи хубон,
Худро ба халок месупорад.
Фарёд зи дасти нақш, фарёд
В-он даст, ки нақш менигорад.
Ҳар ҷо ки муваллаҳе[1] чу Фарҳод,
Ширинсифате бар ӯ гуморад.
Кас бори мушоҳадат начинад,
То тухми муҷоҳидат накорад.
Нолидани ошиқони дилсӯз,
Нопухта маҷоз мешуморад.
Айбаш макунед ҳушмандон,
Гар сӯхтахирмане бизорад.
Хоре чӣ бувад ба пои муштоқ?
Теғеш бирон, ки сар нахорад.
Ҳоҷат ба дари касест моро,
К-ӯ ҳоҷати кас намегузорад.
Гӯянд бирав зи пеши чавраш,
Ман меравам, ӯ намегузорад.
Ман худ на ба ихтиёри хешам,
Гар даст зи доманам бидорад.

Биншинаму сабр пеш гирам,
Дунболаи кори хеш гирам.

Баъд аз талаби ту дар сарам нест,
Ғайр аз ту ба хотир андарам нест.

[1] Муваллаҳ – шефта карда шуда, вола гардида



Раҳ менадиҳӣ, ки пешат оям
В-аз пеши ту раҳ, ки бигзарам, нест.
Ман мурғи забуни доми унсам.
Ҳарчанд, ки мекашӣ парам нест.
Гар чун ту парӣ дар одамизод,
Гӯянд, ки ҳаст, боварам нест.
Меҳр аз ҳама халқ баргирифтам.
Ҷуз ёри ту дар тасаввурам нест.
Гӯянд, бикӯш, то биёбӣ,
Мекӯшаму бахт ёварам нест.
Қисме, ки маро наёфариданд,
Гар ҷаҳд кунам, муяссарам нест.
Эй кош, маро назар набудӣ,
Чун ҳаззи[1] назар баробарам нест.
Фикрам ба ҳама ҷаҳон бигардид
В-аз гӯшаи сабр беҳтарам нест.
Бо бахт ҷадал наметавон кард,
Акнун ки тарики дигарам нест,

Биншинаму сабр пеш гирам,
Дунболаи кори хеш гирам.

Гоҳо мусаддаси тарҷеъро тарҷеъбанд гуфтаанд, ки саҳеҳ нест. Ҷунин мусаддас аз ҷиҳати ҳамқофия омадани ҳамаи мисраъҳои банд ба навъи мусаммат ва ба сабаби омадани байти айнан такроршаванда, яъне байти тарҷеъ ба навъи тарҷеъбанд мансуб аст. Дар тарҷеъбанд бандҳо шакли қофияи ғазалро доранд. Бинобар сабаб, ин навъро мусаддаси тарҷеъ гуфтан муносибтар аст. Ин се банд аз мусаддаси тарҷеъи Фитрати Вардонзеҳӣ, ки аз 17 банд иборат аст, оварда шудаанд:

Эй зуҳрачабини моҳманзар,
Дандону лаби ту дурру гавҳар,
Хуш омадӣ ҳамчу рух дар бар,
Кай медиҳамат зи даст дигар?

Домони ту, эй бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

[1] Ҳазз – баҳра, насиб

Эй ғунчадаҳони сарвандом,
То кай ба фиребу ваъдаи хом
Дорӣ ту маро зи васл ноком,
Ҳарчанд кунӣ ҳазор дашном.

Домони ту, эй бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Эй маҳваши беҳ зи ҷумла хубон,
Хурдам зи ха̄данги ғамза бар ҷон.
Бишкастӣ мазори аҳду паймон,
Ором нишин, фасона кам хон!

Домони ту, эй бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.

Барои шумораи байтҳои ҳар банд маҳдудияте мавҷуд нест ва шоир метавонад байтҳои ҳар бандро ё даҳ байт ё зиёду камтар бигузорад. Лекин миқдори абёти бандҳо дар аксари маврид баробар мебошанд. Вақте байти такрор айнан меояд, онро тарҷеъ ва шеърро "тарҷеъбанд" мегӯянд. Агар байт айнан такрор нашавад, таркиб ва шеърашро "таркиббанд" мегӯянд.

Тарҷеъбанд ва таркиббанд аз асри XI дар шеър мавриди истифода қарор ёфтанд. Аввалин шоире, ки дар ин қолибҳо шеър гуфт, Фаррухии Систонӣ буд.

Тарҷеъбанде аз Абдурраҳмонӣ Ҷомӣ:

Эй рӯи ту моҳи оламорой,
Чун моҳ зи парда рӯй бинмой.
Чун турраи ту шикастаҳолем,
Бар ҳоли шикастагон бибахшой.
Гуфтӣ суханею лаб газидӣ,
Тӯтӣ набувад чунин шакархой.
Холи ту балои ҷонписанд аст,
Бар лаб хати анбарин маяфзой.
Аз гиряи талх сӯхт ҷонам,
Ширин лаби худ ба ханда бикшой.
Ту ҷой даруни ҷон гирифта,
Ман меҷӯям туро ба ҳар ҷой.
То пой бувад раҳи ту пӯям
В-ар дар раҳи ту дар оям аз пой.



Биншинаму бо ғами ту созам,
Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам.

Мӯе шудам аз ғами миёнат,
Мурдам зи ду чашми нотавонат.
Ҷонам ба лаб омаду надидам
Коме зи лаби шакарфишонат.
Гаштам зи ту бенишон чу зарра,
Як зарра наёфтам нишонат.
Гуфтам: Ба сухан маё зи ман танг,
Танг омад аз ин сухан даҳонат.
Дур аз ту зи зиндагӣ ба ҷонам,
Савганд хаме хӯрам ба ҷонат.
Аз хоки дари ту гарчи имрӯз
Дурам зи ҷафои посбонат.
Фардо, ки равад ба бод хокам,
Чун гард наям бар остонат.

Биншинаму бо ғами ту созам,
Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам.

Эй монда зи васли ту ҷудо ман,
Ҳаҷри ту, бубин, чӣ кард бо ман,
Ронда зи буруни дар маро ту,
Ҷо карда даруни ҷон туро ман.
Халқе чу сабо ба рӯи ту хуш,
Бӯе нашунида аз сабо ман.
Ман зарра, ту офтоби тобон,
Ҳайҳот, куҷо туву куҷо ман.
Болои хушат балои ҷонҳост,
Ҷон дода барои он бало ман.
Гуфтӣ бинишину бо ғамам соз
В-ар не кашамат ба сад ҷафо ман.
Биншин нафасею оташамро
Биншон ба зулоли васл то ман.

Биншинаму бо ғами ту созам,
Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам.

## ТАРКИББАНД

Маънои таркиб омехта кардан, мураккаб кардан аст. Дар истилоҳи адабӣ таркиббанд шеъреро мегӯянд, ки дар чанд банд ва дар вазни ягона навишта мешавад. Дар поёни ҳар банд байте бо қофияи мусарраи мустақил меояд. Бандҳо дар шакли қофияи ғазал (аа ба ва…) навишта мешаванд. Аз ҷиҳати шакли қофия таркиббанд ба навъи тарҷеъбанд монанд аст ва аз мусамматот фарқ мекунад. Байти миёнаи бандҳо се навъ аст. 1. Агар ин байтҳои миёнаи бандҳоро ҷамъ оварем, шеъре ба монанди қасида ё ғазал ба вуҷуд меояд. 2. Байти миёни бандҳо ба монанди маснавӣ аст. Ҷамъи онҳо маснавии хурдеро ҳосил мекунад. 3. Миёни байтҳои байни бандҳо аз ҷиҳати қофия умумияте нест ва ҷамъи онҳо шеъри ягонаро ташкил намекунад.

Панҷ банд аз навъи якум аз таркиббанди Хоқонӣ, ки 26 банд аст:

Ҷавв[1] ба ҷав рози ҷаҳон бинмуд субҳ,
Мушк «ҷав-ҷав» дар даҳон бинмуд субҳ.
Субҳ гӯӣ зулфи шабро ошиқ аст,
К-аз дами ошиқ нишон бинмуд субҳ.
Дар видои шаб ҳамоно хун гирист,
Рӯи хунолуда з-он бинмуд субҳ.
Ҷоми фиръавнӣ хабар деҳ то куҷост,
К-оташи Мӯсо аён бинмуд субҳ.
Мурғи тезоҳанг лахте пар фишонд,
Чун амуди зарфишон бинмуд субҳ.
Қуфли румӣ баргирифт аз дурҷи[2] рӯз,
Чун калиди ҳиндувон бинмуд субҳ,
Бар самои кӯсу[3] бар рақси хурӯс,
Хирқабозӣ дар ниҳон бинмуд субҳ.
Нофаи шабро чу зад симин калид,
Мушки тар дар парниён бинмуд субҳ.
Бар маҳакки[4] шаб сапедӣ шуд падид,
Чун иёри осмон бинмуд субҳ.
То барорад Юсуфе аз чоҳи шаб,
Далви симинресмон бинмуд субҳ.

[1] Ҷавв – фазо, атмосфера.
[2] Дурҷ – сандукчаи зару ҷавоҳир.
[3] Кӯс – дуҳул, табли бузург.
[4] Маҳакк – санге, ки тилло ё нукраро бо он мемоланд ва иёри (сарагии) онҳоро маълум менамоянд.



Дар камини шарқ Золи Зар ҳанӯз,
Пари анқо дидбон бинмуд субҳ.
Ҳалқа дидастӣ ба пушти оина,
Ҳалқаи маҳ ҳамчунон бинмуд субҳ.
Гӯӣ андар бар ҳамоил чархро
Ханҷари шоҳ Ахсатон бинмуд субҳ.

Соми Кайхусравмакон дар Шарқу Ғарб,
Хизри Искандарнишон дар Шарқу Ғарб.

Субҳхезон воми ҷон дархостанд,
Доди умре з-осмон дархостанд.
Пеши кон курроъ[5] шавад саббуҳи[6] хон,
Дар сабуҳӣ ишқи хон дархостанд.
Дар мунoҷоте, ки сармастон кунанд,
Ҷирми он саббуҳи хон дархостанд.
Нозаниноне, ки дер огаҳ шуданд,
Зуд ҷоми зарфишон дархостанд.
Чун ба хобе субҳ эшон фавт кард,
Рӯзро ратли[7] гарон дархостанд.
Гар қадаҳҳои сабӯҳӣ шуд зи даст,
Ҳам ба ратле узри он дархостанд.
Чун наҳангон аз пайи дарёкашӣ
Соғари киштинишин дархостанд.
Кӯҳи Зуҳра ошиқонанд инчунин,
К-оташин дарё чунон дархостанд.
Аз закоти ҷуръаи дарёкашон
Муфлисон ганҷи равон дархостанд.
Ҷаврхоронро ҷаҳон инсоф дод,
К-аз худи инсоф ҷаҳон дархостанд.
Сокиён низ аз пайи як бӯси хушк,
Бо зари тар нақди ҷон дархостанд.
Чун каноре бахо гуфтем чанд,
Сад баҳои ковиён дархостанд.
Чарху анҷум бар тирози рӯзи нав,
Куняти шоҳ Ахсатон дархостанд.

[5] Курроъ – ҷамъи корӣ, қуръонхон.
[6] Саббуҳ – яке аз сифоти худованд.
[7] Ратл – микёси вазни моеъҳо, пиёлаи шароб.

Булмузаффар зилли Ҳақ чун офтоб,
Моликулмулки ҷаҳон дар Шарқу Ғарб.

Панди он пири муғон ёд оваред,
Бонги мурғи зандхон ёд оваред.
Дачла-дачла то хати Бағдоду Ҷом,
Май диҳеду аз каён ёд оваред.
Хуфтагонро дар сабӯҳ огаҳ кунед,
Пилро Ҳиндустон ёд оваред.
Донаи мурғи биҳиштӣ дар диҳед,
Мурғи ҷонро з-ошён ёд оваред.
Бар шумо бодо, ки хуни раз хӯред,
Хокиёнро дар миён ёд оваред.
Хон ниҳеду хонаи мастон кунед,
Бехудонро зери хон ёд оваред.
Хосро дар остин ҷо кардаед,
Омро бар остон ёд оваред.
Чун зи ҷуръа хокро ранге диҳед,
Ҳам ба бӯе з-осмон ёд оваред.
Каъбатайнро гар се-шаш хоҳед нақш,
Номи риндон бар забон ёд оваред.
Дӯстони ташналабро зери хок
Аз насими ҷуръадон ёд оваред.
Дар шабистон чун замоне дам занед,
Дар шабехуни замон ёд оваред.
Рӯзи шодиро шаби ғам дар қафост,
Чун дар ин бошед, аз он ёд оваред.
Ҷоми зарафшон ба хоқоне диҳед,
Хотирашро дурфишон ёд оваред.
Ровиёнро бар забони таҳният,
Мидҳати шоҳ Ахсатон ёд оваред.

Кисрои ислом, хоқонулкабир,
Хусрави султоннишон дар Шарқу Ғарб.

Рози мастон аз миён берун фитод,
Ас-сабӯҳ, овоз аз он берун фитод.
Соқӣ аз кифоли[1] хум меронд хун,
Ташти зарин з-осмон берун фитод.

[1] Кифол – сар, раъс.



Зоҳиди кӯҳ остине барфишонд,
З-ӯ калиди хумситон[2] берун фитод.
Сӯфии курроъ кабудӣ чок зад,
Соғареш аз бодбон берун фитод.
Бод дастори муаззин даррабуд,
Каъбатайне[3] аз миён берун фитод.
Сабҳа дар каф мегузаштам бомдод,
Бонги ноқуси муғон берун фитод.
Мусҳафе дар бар ҳамоиш доштам,
Майфурӯше аз дӯкон берун фитод.
Банди зар аз мусҳафам дар ваҷҳи май
Бистаду рози ниҳон берун фитод.
Пушти ҳам дар хум шуда в-аз дурди хом
Хурдаму хуш аз равон берун фитод.
Як нишони дурд бар доия монд,
Дӯсте диду нишон берун фитод.
Душманон берун надоранд ин ҳадис,
К-ин ҳадис аз дӯстон берун фитод.
Ҷавв мекаш ҳамчунин, Хоқониё,
Хоса, инсон аз ҷаҳон берун фитод.
Киштии беҳрӯзӣ аз дарёи ғайб
Бар дари шоҳ Ахсатон берун фитод.

Ҷор миллатро савум Ҷамшед дон,
Ба дувум Маҳдиш хон дар Шарқу Ғарб?

Кӯсро диди фиғон бархоста,
Бонги мурғон бин чунон бархоста.
Ахтарони обиламонандро
Аз рухи гардун нишон бархоста.
Шаб чу ҷаъди зангиён кӯтаҳ шуда
В-аз узори осмон бархоста.
Рӯз чун рухсори туркон аз камол,
Хоки нуқсон аз миён бархоста.
Маҷлис аз ҷому танӯра гарми хуш,
Боду оташ з-ину он бархоста.
Оташ аз ангишт бин сар бар зада,

[2] Хумситон – майкада, шаробхона.
[3] Каъбатайн – ду пахлуи тахтаи бозии нард.

Рум дар Ҳиндустон бархоста.
Нағмаи мутриб шуда чун нафҳи[4] сур,
То қиёмат дар ҷаҳон бархоста.
Май чу Исову зи румӣ арғунун,
Ғуннаи[5] Инчилхон бархоста.
Гӯши барбат тобачӯб анбошта,
Нолааш аз раҳ забон бархоста.
Ной бе гӯшу забон баста гулӯ,
Аз раҳи чашмаш фиғон бархоста.
Чанг бин, чун ноқаи Лайлӣ в-аз ӯ
Бонги Маҷнун ҳар замон бархоста.
Баҳри дастини[6] рубоб аз ҷому май
Зарру буссад[7] ройгон бархоста.

Лаҳни Зуҳра бар дафи симини моҳ
Бар дари шоҳ Ахсатон бархоста.

Рояту чатри Ҷалолуддин сазад,
Субҳи шоми осмон дар Шарқу Ғарб…

Ҳамаи ин панҷ банд бо матлаъи мусарраъ ва байтҳои ҳамқофия (-он), инчунин, радифи «дар Шарқу Ғарб» омадаанд.

Ин ду банд аз таркиббанди Ҷамолуддини Исфаҳонист, ки байтҳои миёни бандҳо дар шакли маснавӣ (аа, бб) мебошанд:

Эй аз бари сидра[8] шоҳроҳат
В-аз қуббаи арш такягоҳат.
Эй тоқи нуҳум равоқи боло,
Бишкаста зи гӯшаи кулоҳат.
Ҳам ақл давида дар рикобат,
Ҳам шаръ хазида дар паноҳат.
Ин чархи кабуди жандадалқе,
Дар гардани пири хонақоҳат.
Маҳ тосаки гардани самандат,
Шаб турраи парчами сиёҳат.

[4] Нафҳ – пуф кардан, дамидан.
[5] Ғунна – оҳанге, ки ҳангоми навохтан бо хешуми бинӣ иҷро мекунанд.
[6] Дастина – дастбанд.
[7] Буссад – марҷон.
[8] Сидра – меваи дарахти бузург.



Чарх арчи рафеъ, хоки поят,
Ақл арчи бузург, тифли роҳат.
Ҷибрил мукими остонат
В-афлок ҳарими боргоҳат.
Хурдаст қадар зи рӯи таъзим,
Савганд ба рӯи ҳамчу моҳат.

Эзид, ки рақиби ҷон хирад кард,
Номи ту радифи номи х(в)ад кард.
Аз номи ту дастгири Одам
В-эй хулқи ту поймарди олам.
Фарроши дарат Калими Умрон,
Човуши[1] раҳат Масеҳи Марям.
Аз номи Муҳаммади миме,
Ҳалқа шуда ин баланд торам.
Ту дар адаму гирифта қадрат
Иқтои вуҷуд зери хотам.
Дар хидматат анбиё мушарраф,
В-аз ҳурматат одамӣ мукаррам.
Аз саъйи муборакӣ ту рафта,
Ҳам бо сари ҳирфа[2] худи Одам.
Нобуда ба вақти хилвати ту,
Не аршу на Ҷабраилу маҳрам.
Ноёфта иззу илтифоте,
Пеши ту замину осмон ҳам.
Кавнайи наволае зи ҷудат,
Афлок туфайлии вуҷудат…

Намунаи навъи сеюм аз Ҷалолуддини Румӣ:

Офарин бар ишқи рӯзафзуни мо,
Арғувонҳо руста шуд аз хуни мо.
Чун маҳе тобад ба ҳар сӯ, чун Суҳайл
Аз ҳавои дилбарӣ бе уни мо.
Осмону арш болотар аз он
Менаёрад аз ғами маймуни[3] мо.
Марҳаме ёбад дилу ҷонҳои пок,
Аз ҷамоли он шаҳи майгуни мо.

[1] Човуш – пешрави лашкар.
[2] Ҳирфа – ҳунар, пеша.
[3] Маймун – муборак, хуҷиста.

Аз шакар в-аз Миср бас ширинтар аст,
Моҷарову лутфи он чуннуни мо.
Ҷуръа-ҷуръа хуни худ дармекашам,
Инчунин аст мазҳабу қонуни мо.
Дар даруни мо намояд ошкор,
Гар даруни мо бувад модуни[1] мо.

Ай худованд, Шамсиддин, султони род,
Ҷони ушшоқони ишқат шод бод.

Ин-т бахти ин дили мискини мо,
Офтобе рӯ намуд аз тини[2] мо.
Вису Роминам ҳавои ишқи ӯст,
Офарин бар Вису бар Ромини мо.
То чӣ давлат боз шуд бар рӯи шаҳ,
Дид ногаҳ дидаи шаҳбини мо.
Буд андар бисмили ҷонҳои мо
Ишқи алласту биҳо сангини мо.
Зарра аз хуршед саргардон шавад,
Рӯи он хуршед шуд таскини мо.
Номи махдумии Шамсиддин бигӯ,
Номи ӯ шуд фотиҳот Ёсини мо.
Мои мо чӣ буд, ба пеши кимиё,
Мои мо чӣ буд, чи ту гӯи фано[3]?!

Пеши хуршедат чӣ дорад мушти барф,
Ҷуз фано гаштан зи ишроқу зиё.

Замҳарири[4] сад ҳазорон замҳарир,
Бо тамузи[5] ту куҷо монад, куҷо?
Бо тамузиҳои хуршеди рухат
Замҳарир омад тамузи ин сафо.
Бар карон аз орзуи шавқи ту
Кисадӯзонанд ин хавфу риҷо.
Бар мусаллои[1] камоли рафъатат,

[1] Модун – зердаст, тобеъ.
[2] Тин – хоку гил.
[3] Фано – зарф.
[4] Замҳарир – сармои сахт, ҷои бисёр сард.
[5] Тамуз – тобистон, мавсими гармо.
[1] Мусалло – ҷои намоз хондан.



Саҷдаҳои саҳв меорад само.
Девро гардан бизан, эй ҷони субҳ,
Ҳар сабо омӯхтан бояд туро.
Чапи моро рост кун, эй дасти ту
Карда аждарҳои ҳоилро асо.
Ҷазби дил бин бо мани бегонаранг,
Гаштаам бо баҳри фазлат ошно.
Каф барорам дар дуои шукр ман,
Ҷовидонӣ гашта з-он баҳри сафо.
Эй ту беҷон ҳамчу ҷон, ман ҳамчу тан,
Меравам дар ҷустани ту ҷо ба ҷо.
Умр мехоҳид бе ту рӯз-рӯз,
Рост аз коҳиш ба ту, эй ҷонфизо.

Вочидию ваҷд бахшӣ мардро,
Чӣ ғам ар ман ёва кардам хешро…

## МУСТАЗОД

Маънои мустазод афзун шуда, зиёд карда шуда мебошад. Дар истилоҳи адабӣ мустазод шеъреро мегӯянд, ки ба мисраи асосӣ як мисраи кӯтоҳ илова мешавад. Ин қисми иловашуда ба калимаҳои охири мисраъ (байт) ҳамоҳанг меояд. Мустазод дар шакли рубоӣ, ғазал, мусаммат ва маснавӣ навишта мешавад.

Рубоиҳои мустазод аз Мирзо Бедил:

Тифле, ки бисоти бозие мерост,
доман афшонд,
Айёми ҷавонӣ, ки баҳораш пайдост,
гул карду намонд.
Акнун пирӣ нафасшуморӣ дорад,
пайдо, чӣ илоҷ?
З-ин нусха, ки охир дираме чанд баҷост,
бояд гардонд.

Якчанд пайи зинату зевар гаштем,
дар аҳди шубоб,
Якчанд пайи донишу дафтар гаштем,
кардем ҳисоб.
Чун воқиф аз ин ҷаҳони абтар гаштем,
нақшест дар об,
Тарки ҳама кардему қаландар гаштем,
моро дарёб.

Ғазали мустазод аз Туғрали Аҳрорӣ:
Эй акси рухат ҷон диҳад оинаи дилро,
Ҷун муъҷизи Исо!
Тӯтӣ шуда ҳайрони суханҳои ту, ҷоно,
Бо он лаби гӯё!
То бо қади шамшод гузаштӣ сӯи гулшан,
Қумрӣ ба фиғон шуд,
Наргис пайи наззора шавад дида саропо
Аз баҳри тамошо.
Аз шарми ҷамоли ту шуда Юсуфи мисрӣ
Дар зовияи ҷоҳ.
Савдои ту доранд ба сар Вомику Узро,
Танҳо на Зулайхо!
Пироҳани гул дар чаман аз шавқи ту чок аст,
Аз фурқати рӯят,
Хун баста дили ғунча зи лаъли ту ҳамоно,
Чун бода ба мино!
Боди саҳар аз накҳати зулфат ба гулистон
Овард насиме,
Савсан ба забон таъна зад оҳуи хиторо.
З-он рафт ба саҳро…
То лашкари ҳусни ту ба тороҷ зи ҳар сӯ
Овард шабехун,
Чашм аз пайи ҷон бурдану рух аз пайи яғмо
Дар мулки дили мо!
Туғрал ба хаёли сари зулфи ту асир аст,
Растан натавонист!
Занҷир бувад ҳар сари мӯ пои ҷунунро,
З-он зулфи мутарро!



Мусаммати мустазод аз шоир Писандӣ:
1. Вассоф ҳамон васфи туро карда таамур,
Пинҳон кунад аъён,
Оина бишуд аз нигаҳаш фоли таҳайюр,
Бо пайкару пaймон,
Бар гуфтаи ман гӯши садафсоз бувад дурр,
Бе миннати найсон,
Нозир накушо дидаи худ ҷуз ба тафаккур
Дар олами имкон,
Ҳарчанд ки манзур шавад ҷилваи мор аст,
Кардем хабардор.

2. Лаъли ту масеҳои илоҷи марази мул,
пур соз аёғам,
Дорам чу сурохӣ зи таманнои ту қул-қул,
Бе рӯи ту доғам.
Боз о, ки зи гирди сарат ошуфта чу кокул,
Хуш соз димоғам,
Гардам, ки намондаст дигар сабру таҳаммул,
Афрӯз чароғам,
Чашмам ба раҳат оинаи зангдучор аст,
Чун сурати девор…

3. Оташ ба сару доғ ба дил роҳ набошад,
Чун шамъ ба маҳфил,
Гар хола шавам ман, асари моҳ набошад,
Ин аз ҳама мушкил,
Ҳарчанд зи аҳволи ман огоҳ набошад
Ин гулрухи қотил,
Ҷуз ишқ маро орзӯи моҳ набошад,
Дар ҷодаи манзил,
Шуғле, ки муқаррар нашавад, суҳбати ёр аст.
Мо асту ҳамин кор…

4. Шероза кун ин ҳарф, ки охир шуда аз гул,
Оғоз на анҷом
То нома баҳоре зи чаман ном кунад гул,
Суҳбат нашавад шом,

Дар аввали ҳар банд расӣ, соз тааммул,
К-аз хос ва гар ом,
Возеҳ шуда хизмат шиканомода чу кокул,
Бахти тамаъи хом,
Дар миҷмари ин шуъла Писандӣ чу дучор аст,
Ин нола сазовор…

## СЕБАЙТӢ

Ба хотири таҳқиқи авзони назми шифоҳии мардуми тоҷик китобу рисолаҳои илмии ин соҳаро мутолаъа намудам. Ҳангоми мутолаъа ба мафҳумҳои «себайта» ё «себайтӣ», «чорбайт», ё «чорбайтӣ» ё ин ки «чорбайта» дучор омадам. Баъзе муҳаққиқон (Ҳикмат Раҳматов, «Себайтҳо дар назми халқии тоҷик», дар китоби «Фолклори тоҷик», к.1, Душанбе, 1973; Р. Амонов, «Лирикаи халқии тоҷик», Душанбе, 1968; В. Асрорӣ, «Жанрҳои хурди фолклори тоҷик», Душанбе, 1990) дар қатори анвоъи маъмули эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик (афсона, латифа, байт, дубайтӣ, рубоӣ, суруд ва тарона дар хусуси себайтию чорбайтиҳо изҳори ақида кардаанд. Себайтӣ дар маънидоди онҳо навъи шеъриест, ки аз шаш мисраъ (яъне се байт) ибрат буда, дар авзони рубоӣ (шаҷараи ахрабу ахрами баҳри Ҳазаҷ) ва дубайтӣ (Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур) суруда мешавад ва тарзи қофиябандиаш: аа, бб, вв; аа, ба, ва; аа, аа, аа; аа, ба, вв; аа, бб, вб мебошад. Мисол:

Шинам сари санг, ман туро ёд кунам,
- -V / V - V -/V - - V / V-
Фарёд ман аз ин дили ношод кунам.
- - V / V — V / V - - V / V -
Кавгон ҳама чура-чураян(д) дар сари санг,
- V / V - V -/ V – V / V ~
Монандаки кабки тоқа фарёд кунам.
- - V / V - V - - / V - - V / V-
Фарёд кунам, хеч ҷавобам надиҳӣ?
- - V / V - - V/V - - V / V -
Хокои сиёҳа бар сарам бод кунам.
- - V / V - V - / V - - V / V-

Дар хусуси роҳҳои пайдоиш ва мазмуну мундаричаи себайтӣ чизе намегӯем ва хонандагонро ба мутолаъаи мақолаи Ҳикмат Раҳмат («Фолклори тоҷик», қисми 1, Душанбе, 1973, саҳ. 103-116) ҳавола



менамоем. Аммо дар хусуси чорбайт ё чорбайтӣ ақидаи мо бо ақидаи муаллифони дигар мувофиқ намеояд. Сабаб дар он аст, ки онҳо чорбайтӣ гуфта шеъреро номидаанд, ки мисли рубоӣ ё дубайтӣ аз чор мисраъ иборат буда, аммо вазнаш аз дойираи авзони шаҷараи ахрабу ахрами баҳри Ҳазаҷ ва Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф берун аст. Барои мисол ин чор мисраъро овардан мумкин аст, ки дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф эҷод шудаасту онро чорбайт номидаанд.

Ай кабӯтар, номаро ҷониби ҷононам бубар.
Пеш аз ин гар нома мебурдӣ, ту ҳоло ҳам бубар.
Тӯҳфаи дигар надорам аз бароят, ай парӣ,
Ранги зарду оҳи сарду чашми гирёнам бубар.

Мисоли дигар, ки низ бо номи чорбайтӣ машҳур шудааст:

Ай дилу ҷонам фидои қомати дилҷӯи ту,
Сураи «Кавнумакон» дар гӯшаи абрӯи ту.
Як сафедӣ дар бари рӯят фитодай мисли моҳ,
Ҳарду рухсорат чу себи сурху қошонат сиёҳ.

Бояд таъкид кард, ки маънии луғавию истилоҳии тамоми анвоъи шеърии адабиёти хаттӣ ва шифоҳии тоҷик (байт, дубайтӣ, рубоӣ, себайтӣ, қасида, ғазал, маснавӣ, таркиббанду тарҷеъбанд) ба ҳамдигар мувофиқат мекунад. Аммо дар мавриди маънии луғавию истилоҳии чорбайтӣ ҳамин хукмро баровардан мумкин нест. Чаро? Барои он ки маънии луғавии чорбайтӣ ҳаштмисраъӣ аст, аммо чӣ тавре ки гуфтем, муҳаққиқон шеъри чормисраъиеро чорбайтӣ номидаанд, ки дар вазни шаҷараи ахрабу ахрами баҳри Ҳазаҷ суруда нашуда бошад. Ҳарчанд маънии луғавию истилоҳии чорбайтӣ ба ҳамдигар мувофиқат намекунад (ин нуктаро худи муҳаққиқони чорбайта низ қайд кардаанд: «Гарчанде аз ҷиҳати маънӣ «чорбайт» мувофиқ нест, вале дар байни халқ ин истилоҳ вуҷуд дошт, рубоиро гоҳо чорбайт ҳам меноманд, зеро ки дар фаҳми ин гӯяндагон ва сарояндагони назми халқӣ байт низ мисраъ аст ва умуман шеър мебошад. Ниг. В. Асрорӣ, «Жанрҳои хурди фолклори тоҷик», Душанбе, 1990, саҳ.56), бо вуҷуди ин, онро ҳамчун яке аз анвоъи шеърӣ маънидод кардаанд. Ҳамин тариқ, дидем, ки номи тамоми анвоъи адабӣ бо маънии луғавии онҳо мувофиқат мекунад. Фақат маънии луғавию номи чорбайтӣ аз ҳамдигар тафовут доранду халос. Дар ин маврид чанд савол ба миён меояд, ки ба онҳо ҷавоб бояд дод: 1. Истилоҳи «чорбайт» ё «чорбайтӣ» кай пайдо шуд ва кадом маъниро ифода мекунад? 2. Оё истилоҳи «чорбайт» ё «чорбайтӣ»-ро мардум ба маънии яке аз анвоъи шеърӣ истифода бурдаанд? 3. Агар истилоҳи «чорбайт» ё «чорбайтӣ»

чун номи яке аз анвоъи шеърӣ қобили қабул набошад, шеърҳоеро, ки бо номи чорбайтӣ машҳур шудаанд, ба кадом навъи шеърӣ дохил кардан мумкин аст?

Аз тарзи гапзании мардуми ноҳияҳои Ваҳдат, Файзобод, Нуробод, Тоҷикобод, Данғара, Кӯлоб, Восеъ, Вахш, Ёвон ва баъзе деҳаҳои ноҳияҳои Панҷакенту Исфараю Айнию Мастчоҳ бармеояд, ки онҳо мафҳуми «байт», «ду-се байт» ва «чорбайт»-ро ба маънии шеър истифода мебаранд. Вақте ки мо соли 1968 ҳамроҳи донишҷӯён барои ҷамъоварии эҷодиёти даҳанакии халқ ба деҳаҳои Лайрону Муҷахарфи ноҳияи Нуробод рафтем, шабе дар хонаи директори мактаб Саломов Подабон меҳмон шудем. Ҳамон шаб меҳмонони зиёде ҳузур доштанд, сурудхонӣ карданд. Ҳар замон нишастагон ба гӯяндагон мегуфтанд: «Як-ду байт бъхон», «ду-се байт бъхон», «се-чор байт бъхон», «чор байт бъхон», мақсад аз ҳамаи ин гуфтаҳо «шеър» ё «суруд» хонед гуфтанӣ гап буд. Яъне, вақте ки касе мегӯяд, ки «чор байт хон», мақсадаш «шеъре хон» гуфтан аст. Инчунин, дар байни мардум мафҳумҳои «як чорта гап занем», «чорта гапхӯрӣ кунем» ба маънии суҳбат кунем вуҷуд дорад. Хулоса, мақсад аз «чор байт хон» ё «ду-се байт хон», ё ин ки «се-чор байт хон», ё ин ки «байт хон» шеър хон гуфтан аст. Ва худи устоди шодравон В.Асрорӣ ба ҳамин маънӣ низ навиштаанд: "... дар фаҳмиши гӯяндагон ва сарояндагони назми халқӣ байт низ мисраъ аст ва умуман шеър мебошад".

Хулоса, мафҳуми «чорбайт»-ро на ба маънии анвоъи шеър - мисли дубайтиву рубоию маснавӣ, балки ба маънии шеър фаҳмидан дуруст аст. Аз гуфтори соҳибони лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ низ ҳамин маънӣ, яъне шеър берун меояд. Пас, истилоҳи «чорбайт»-ро чун номи яке аз анвоъи шеърӣ қабул кардан раво нест. Дар хусуси шеърҳое, ки дар баъзе китобҳои фолклоршиносӣ бо номи «чорбайт» омадаанд, ҳаминро бояд гуфт, ки онҳо, дар ҳақиқат, ҳеҷ гуна чорбайт ё чорбайтӣ нестанд. Агар аз рӯи нишонаҳое, ки хоси анвоъи шеърист, ба шеърҳое ба ном «чорбайт» наздик шавем, мебинем, ки онҳо дар анвоъи маъмули адабӣ: маснавӣ, қитъа ва ғазал (шеърҳои ғазалмонанд) ва қасида (қасидаҳои тамомматлаъ) эҷод шудаанд. Ҳамин тариқ, шеърҳоеро, ки мисли рубоӣ аз чор мисраъ иборатанд, аммо вазнашон аз вазни рубоӣ фарқ мекунанд, ҳеҷ гоҳ чорбайт номидан раво нест, зеро онҳо ё маснавианд, ё қитъа, ё ин ки ғазал. Ба таври дигар гӯем, тарзи қофиябандии шеърҳои машҳур ба чорбайтӣ пурра ба тарзи қофиябандии ғазалу қасидаю маснавӣ мувофиқат мекунанд.



Мисол барои қитъа:

Боғбони гул будам, аз боғ накандам якта гул,
Боғбон омад маро хори сари девор кард.
Боғбон дар вақти мева чашми худ аз ман бубаст,
Аз сари девор ҳам бигрифту байни нор кард.

Мисоди дигар:

Гуфт Афлотуни доно вақти мурдан як сухан:
Ҳайфи доно мурдану сад ҳайфи нодон зистан.
Хуб шуд доно бимурду рӯи нодонро надид,
Мурдани доно беҳ, аст як дам ба нодон зистан.

Ҳарду шеъре, ки дар боло овардем, дар вазни баҳри Рамали мусаммани маҳзуф суруда шудааст. Байти аввали ҳарду шеър, мурассаъ нест, яъне ҳамқофия намебошад, аммо мисраъи дуюми байти сонии ҳарду шеър ба мисраъи дувуми байти аввал ҳамқофияанд, ки ин тарзи қофиябандии шакли шеърии қитъа мебошад. Аз рӯи ин далелҳо мо шеърҳоеро, ки бо номи чорбайтӣ маъмул гаштаанд, пурра метавонем қитъа гӯем: Мисол барои маснавӣ:

Сафедори баланд як навдаю сад барги тар дорад,
Писар дар кӯи ишқ, афтад, чӣ парвои падар дорад.
Ҷунунаш рафта-рафта аз сари кӯяш хабар гирад,
Куҷо фарзанди ноқобил гиребони падар гирад.

Мисоли дигар:

Сарат гардам, чаро аз ман худатро дур медорӣ?
Зи ошиқ ҳар чӣ кӯтоҳӣ бувад, маъзур медорӣ.
Ғурури ҳусн дорӣ, қадри ошиқро намедонӣ,
Илоҳо, мисли ман ошиқ шавию қадри ман донӣ.

Чи тавре ки мебинем, ҳарду шеъри болоӣ чормисраъӣ буда, дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим суруда шудаанд. Ҳар байт қофияи алоҳида дорад ва чунин шеърҳоро дар адабиётшиносӣ маснавӣ мегӯянд. Пас, як қисми шеърҳое, ки бо номи чорбайтӣ маъмуланд, дар шакли маснавӣ эҷод шудаанд.

Мисолҳо барои ғазал (шеърҳои ғазалмонанд):

Ман тасаддуқ мешавам баҳри лаби хандони ту,
Ҳам зи баҳри мисли гавҳар бебаҳо дандони ту.
Ақли манро бурдаю хотирпарешон кардаӣ,
Ман будам ошиқ ба рӯи гулгуни тобони ту.

Мисоли дигар:

Мо зи мулки худ парешону ҷудо афтодаем,
Ин қадар дар меҳнату ранҷу бало афтодаем.
Ранги зардамро бубину аз хазонам ёд кун,
Дар сари қабрам нишину як даме фарёд кун.

Чор мисраъи шеъри аввал дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф эҷод шуда, ду мисраъи аввал ҳамқофия буда, мисраъи чорум ба байти аввал ҳамқофия мебошад. Чунин тарзи қофиябандӣ аз анвоъи шеърӣ ба ғазал хос аст. Аз ин тарзи қофиябандӣ ба чунин хулоса омадан мумкин, ки як миқдор шеърҳои машҳур ба чорбайтӣ ба шакли шеърии ғазал эҷод шудааст.

Мисол барои ғазалҳои томматлаъ:

Сарат гардам, ки бар қатлам ту ханҷар дар миён кардӣ,
Бало чандин ба ҷони ин ғарибе натавон кардӣ.
Зи андӯҳи фироқи худ маро ҳар ҷо равон кардӣ,
Мани саргаштаро охир ту расвои ҷаҳон кардӣ.

Мисоли дигар:

Фасли наврӯз асту булбул дар чаман дорад фиғон,
Гул табассум мекунад доим ба ҳоли булбулон.
Бар сари ҳар гул нишаста булбули бехонумон,
Гиряҳо дорад, ки охир мешавад ин гул хазон.

Чи тавре ки мебинед, тамоми мисраъҳои ду шеъри болой ҳамқофия мебошанд, ки ин навъи шеърҳоро дар таърихи адабиёт ғазалҳои тамомматлаъ ё ин ки қасидаҳои тамоммусарраъ меноманд. Шеъри аввал дар вазни Ҳазаҷи мусаммани солим (мафоъйлун, мафоъйлун, мафоъйлун, мафоъйлун) гуфта шудааст.

Намунаи шеърҳое, ки аз чаҳор мисраъ иборатанд, дар «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва дигар китобҳои халқӣ, аз қабили «Ҳазору як шаб», «Чор дарвеш» ва ғайра бештар дида мешаванд. Устоди сухан - Саъдӣ дар «Гулистон» дар анҷоми ҳар ҳикоя порчаҳои шеърии чормисраъиро оварда, баъзан бо унвони қитъа, гоҳе бо номи маснавӣ ва гоҳо бо номи шеър ёдовар мешавад.

Ҳамин тариқ, шеърҳои чормисраъиеро, ки дар баъзе китобҳои фолклоршиносӣ бо номи «чорбайт» ё «чорбайтӣ» дучор меоянд, дар асл ё қитъанд, ё маснавианд, ё ғазал. Ба таври дигар гӯем, шеърҳоеро ки аз чаҳор мисраъ иборатанду вазнашон ва авзони шаҷараҳои ахрабу ахрами баҳри Ҳазаҷ берун аст, чорбайтӣ номидан ғалат аст. Чунин шеърҳоро вобаста ба тарзи қофиябандиашон ё ғазал, ё қитъа, ё маснавӣ номидан дуруст аст. Бештари чунин шеърҳои чаҳормисраъӣ дар авзони Ҳазаҷи мусаммани солим, Ҳазаҷи мусаммани маҳзуф, Рамали мусаммани маҳзуф эҷод карда мешаванд.



# ФАСЛИ ДУЮМ
# АНВОЪИ ВАЗНИ ШЕЪРИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Дар илми адабиётшиносии ҷаҳон имрӯз, асосан ду навъи вазни шеър мутадовил аст: квантитативӣ – миқдорӣ ва квалитативӣ – сифатӣ.

Агар ба сайри таърихии ин ду навъи вазн назар андозем, ба хубӣ мебинем, ки решаи онҳо ба адабиёти Юнони Қадим мерасад. Дар вазни миқдорӣ /квантитативӣ/ ҷои асосиро баробар омадани шумораи ҳиҷоҳо ташкил медиҳад. Авзони силлобии шеъри русӣ, инглисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, японӣ ва аз он ҷумла, вазни ҳиҷоии форсӣ-тоҷикӣ ва вазни бармоқи халқҳои туркзабон ба ин гурӯҳи вазн дохил мешаванд. Дар вазни сифатӣ /квалитативӣ/ мавқеъи асосиро на миқдори ҳиҷоҳо, балки сифат ва чигунагии ҳиҷоҳо дорад. Авзони шеърҳои русию славянии қадим, яъне: бакхий, антибакхий, ямб, хореямб, хорей, дактил, анапест, эпитрит, ки такя бар шеъри юнонӣ доранд, ба ин гурӯҳи вазн мутааллиқанд. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ ду навъи вазн-ҳиҷоӣ ва арӯзӣ вуҷуд дорад.

## ВАЗНИ ҲИҶОӢ

Вазни ҳиҷоӣ аз ҷумлаи авзони хеле қадимии шеъри форсӣ-тоҷикӣ буда, дар натиҷаи эътибор додани одамони ҷамъияти ибтидоӣ ба оҳангнокии сухан ба вуҷуд омадааст.

Вазни ҳиҷоӣ навъи вазнест, ки дар он баробар омадани миқдори /шумораи/ ҳиҷоҳои байти шеър шарти асосиянд. Азбаски воҳиди асосии шеъри форсӣ-тоҷикӣ аз ибтидо байт аст, воҳиди вазни ҳиҷоӣ ҳиҷо мебошад. Агар дар вазни ҳиҷоӣ фақат баробар омадани миқдори ҳиҷоҳо кифоя бошад, дар вазни арӯзӣ ҳам баробар омадани миқдори ҳиҷоҳо ва ҳам баробар омадани миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи мисраъҳо шарт аст. Яъне агар дар мисраи якум ҳафт ҳиҷо ва дар мисраи дуюм низ ҳафт ҳиҷо омада бошаду миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи мисраъҳо баробар набошанд, вазни ҳиҷоӣ ва агар мисраъҳои якуму дуюм ҳафтҳиҷоӣ /ё даҳҳиҷоӣ/ бошанду миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи онҳо баробар, дар он сурат онро вазни арӯзӣ меноманд.

Мисол барои вазни ҳиҷоӣ:

Пеш аз он ки ман равам ба дарбор,
Бо худ гуфтам, ки агар он ду мор
Бо мағзи Заҳҳок ҳавас мекунанд,
Мағзи гӯсфандонро бо завқ мехуранд.

Агар нахуранд, ман устод нестам,
Бояд гум шавам, Қубод нестам.
Пас ба шаҳ гуфтам: бояд ошхона
Пинҳон монад аз хешу бегона.

(Лоҳутӣ)

Чӣ тавре ки мебинед, миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи ин порчаи шеърӣ яксон нест. Дар мисраъҳои якуму шашум чаҳор ҳиҷои кӯтоҳу шаш /дар мисраи шашум – ҳафто/ ҳиҷои дароз; дар мисраи дуюм се ҳиҷои кӯтоҳу ҳафт ҳиҷои дароз; дар мисраи сеюм панҷ ҳиҷои кӯтоҳу шаш ҳиҷои дароз; дар мисраи чаҳорум як ҳиҷои кӯтоҳу даҳ ҳиҷои дароз; дар мисраи ҳаштум ду ҳиҷои кӯтоҳу ҳашт ҳиҷои дароз омадааст.

Мафҳуми ҳиҷо /муқаттаъ/ аввалин бор дар навиштаҳои Абӯалии Сино дида мешавад. «Ҳар гоҳ ҳуруфи сомит /ҳамсадо-У.Т./ ба гунае дароянд, ки имкони сухан гуфтан бад-он бо пайванде табиӣ ҳосил бошад, онро муқаттаъ хонанд ва он иборат аст аз ҳарфи сомите, ки фосилаи замонии миёни он ва як сомити дигарро, ки бо нағмае қобили шунидорӣ аст, пур кунад».

Саҳеҳию носаҳеҳии вазни шеърро дар забони тоҷикӣ тавассути ҳиҷоҳо чен мекунанд. Ҳиҷо истилоҳи илми забоншиносӣ буда, маънои як ҳиссаи калимаро дорад. Нишонаи асосии ҳиҷо дар фонетика овозҳои садоноканд, яъне дар калима чӣ қадар ҳарфҳои садонок омада бошанд, миқдори ҳиҷоҳои он низ ҳамон қадарро ташкил медиҳанд. Аммо мувофиқи назарияи физиологӣ ҳиҷо воҳиди хурдтарини талаффуз /артикулятсия/ аст, ки аз як ё якчанд овози аз ҷиҳати фонетикӣ вобаста иборат буда, бо як тарзи талаффуз, бо як нафасбарорӣ ифода меёбад. Ҳиҷо калимаи арабист ва аслан ба ду маънӣ меояд: «ҳаҷв кардан ва накӯҳидан ва ба эъроб адо кардани ҳуруфро гӯянд».

«Вазни ҳиҷоӣ» ҳамчун истилоҳ нисбат ба истилоҳи «ҳиҷо» боз ҳам нодир аст. Дар адабиётшиносии тоҷик вазни ҳиҷоӣ ҳамчун истилоҳ бори нахуст дар китоби Бектош – «Вазни манзумаи тоҷикӣ» дучор меояд.

Вазни ҳиҷоӣ ба табиати забонҳое мувофиқ аст, ки мавқеъи зада дар калимаҳо муайян бошад. Забони тоҷикӣ ба хусусияти шеъри ҳиҷоӣ мувофиқат мекунад, зеро ба истиснои чанд калима дар забони тоҷикӣ зада ҳамеша дар ҳиҷои охир меафтад ва он на ҳама вақт аҳаммияти маъноӣ дорад. Чӣ тавре ки гуфтем, вазни ҳиҷоӣ дар адабиёти олам, аз он ҷумла, дар адабиёти форс-тоҷик аз қадимтарин



авзони шеърист. Аввалин намунаҳои шеъри ҳиҷоӣ дар қисмати «Готҳо» ва «Яштҳо»-и «Авасто» дучор меоянд. Аксар мисраъҳои «Яштҳо» аз ҳашт ҳиҷо иборатанд /баъзан даҳ, ё дувоздаҳ ҳиҷо низ дучор меоянд/. Порчаҳои манзуми «Готҳо» ва «Яштҳо», асосан, дар ду шакли вазни ҳиҷоӣ суруда шудаанд. Якум порчаҳои семисраъгӣ ё чаҳормисраъгӣ, ё ин ки панҷмисраъгие, ки ҳар мисраъ дар ин ҷузъ ёздаҳ ҳиҷо доранд ва сакта ё вақф баъди ҳиҷои чаҳорум меояд. Дар мисраъҳои шонздаҳҳиҷоӣ сакта ё вақф баъди ҳиҷои ҳафтум ва дар мисраъҳои дувоздаҳҳиҷоӣ бошад, вақф баъди ҳиҷои панҷум воқеъ мешавад. Дуюм порчаҳои семисраие, ки тамоми ҳиҷоҳои мисраъҳо баробаранд /ҳафт ё ҳаштҳиҷоиянд/. Мисол барои шакли якум:

Уш – та – аҳ - ман /чор ҳиҷо/
Йаҳ – ман – уш – та – каҳ – ман – чид /ҳафт ҳиҷо/
Спен – тем – ад – тва - /чор ҳиҷо/
Маз – да – менг – ҳи – а – ху – ра - /ҳафт ҳиҷо/.

Мисол барои шакли дуюм:

Тем – а – ма – ван – тем – йа – за – тем /ҳашт ҳиҷо/
Су – рем – да – мо – ху – се – виш – тем /ҳашт ҳиҷо/
Мит – рем – йа – зан – за – от – раб - йа /ҳашт ҳиҷо/

Намунаи дигари шеъри ҳиҷоӣ, ки аз осори адабиёти паҳлавист, «Дарахти Асурик» буда, дар асрҳои 2-3 ба забони паҳлавии ашконӣ навишта шудааст. Сарчашмаи дигаре, ки намунаи беҳтарин шеъри ҳиҷоист, достони «Ёдгори Зарирон» мебошад, ки дар ибтидои асри 5 таълиф гардидааст. Абёти он, асосан шашҳиҷоӣ /гоҳе панҷҳиҷоӣ/ буда, унсурҳои қофия низ мушоҳида мешавад.

Мисол:

Хаҷ – даҳ – так – хаш – тат – сал /шаш ҳиҷо/
Еч – март – бе – ма – па – йет /шаш ҳиҷо/
Кар – ван – ё – варз – ку – ненд /шаш ҳиҷо/
Пил – пан – пат – пил – ра – венд /шаш ҳиҷо/.

Вазни аввалин шеърҳое, ки ба забони дарӣ-тоҷикӣ навишта шуда буданд /аз қабили қитъаи Абулянбағӣ ва «Суруди оташкадаи Каркӯӣ»/ низ ҳиҷоиянд. Баъди ихтироъи илми арӯз вазни ҳиҷоӣ аз

байн нарафта бошад ҳам, аҳаммияти аввалаи худро аз даст дод. Дар асарҳои муҳаққиқони гузаштаи форс-тоҷик, аз он ҷумла, дар рисолаҳое, ки оид ба илми арӯз навишта шудаанд, дар хусуси вазни ҳиҷоӣ сухане гуфта нашудааст. Муҳаққиқи номии асрҳои миёна – Шамси Қайси Розӣ дар хусуси вазни фаҳлавиёт, яъне ашъори халқӣ изҳори ақида намуда, баръакс таъкид мекунад, ки шеърҳои халқии замони ӯ дар вазнҳои Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ва Мушокили мусаддаси маҳзуф суруда шудаанд.

Баъди Инқилоби Октябр, алалхусус солҳои бистуму сиюм кӯшиши дар шеъри тоҷикӣ ҷорӣ намудани вазни ҳиҷоӣ хеле авҷ гирифт. Ҳатто баъзе олимону шоирон, мисли Б. Азизӣ, А. Фитрат рӯйрост ба муқобили вазни арӯз баромада, таъкид мекарданд, ки арӯз вазни давраи феодалист, аз ин рӯ, шоирон бояд аз он даст кашанд ва ба вазни замонавӣ – вазни ҳиҷоӣ шеър гӯянд.

Вазни ҳиҷоӣ дар қатори вазни арӯз дар эҷодиёти шифоҳии халқ мавриди истифода карор гирифт. Як қисми ашъори бачагонаи Миршакар, Гулчеҳра, баъзе сурудҳои Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, достони «Гӯрӯғлӣ» ва чандин суруди халқӣ дар вазни ҳиҷоӣ эҷод шудаанд.

Дараҷаи истифодаи вазни арӯз ва вазни ҳиҷоӣ ин ҳақиқатро собит месозад, ки вазни ҳиҷоӣ нисбат ба вазни арӯз имкони хелеками вазнсозӣ дорад. Аз ибтидои таҳаввули худ то имрӯз дар ашъори халқӣ ва эҷодиёти шоирони касбӣ ҳамагӣ ҳафт навъи вазни ҳиҷоӣ маъмул буда, дар байни онҳо ҷои аввалро вазни ҳафтҳиҷоӣ ишғол менамояд:

1. Мисол барои шеъри чаҳорҳиҷоӣ:

Мехи заррин,
Таги замин.
(Халқӣ)

2. Шеъри панҷҳиҷоӣ:

Гумон набаред,
Ки ман хурд ҳастам,
Ана мебинед,
Ҷорӯб дар дастам.
(Шукӯҳӣ)

3. Шеъри шашҳиҷоӣ:

Меҳрубон, модарҳо,
Нозанин, духтарҳо.
Ман басе ношодам,
Даҳ бародар додам.



Толеи ман шуд паст,
Зиндагонӣ талх аст.
(Лоҳутӣ)

4. Шеъри ҳафтҳиҷоӣ:

Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом.
Додом шишта чой хуранд,
Ман чойрезаки додом.
(Халқӣ)

5. Шеъри ҳаштҳиҷоӣ:

Яке аз он боғи шаҳр аст,
Хушҳавою ҷои сайр аст.
Дар баҳору дар тобистон
Ин ҷо гул асту гулистон.
(Лоҳутӣ)

6. Шеъри нуҳҳиҷоӣ:

Чил газ чап парид боди сабо,
Чил гази дигар хесту боло.
Гурзи бедин шид ё гирдгардон
Бувает хамбид ё ай осмон.
(Гӯрӯғлӣ)

7. Шеъри даҳҳиҷоӣ:

Медонам аз он мағзи хушгувор,
Ба морони он гӯсфанди хунхор.
Ҳар пагоҳӣ шаҳ хуш буду хандон,
Ки он шаб гум шуд аз мо ду ҷавон.
Аммо ҷавонон дар ҷои пинҳон
Саломат буданд пеши ман меҳмон.
(Лоҳутӣ)

Ақидаи баъзе донишмандони тоҷик, ки гӯё қисми зиёди ашъори халқӣ: чистон, зарбулмасал ва мақолҳои манзум бо вазни ҳиҷоӣ суруда шудаанд, ғалат аст, зеро омӯзиши чандинсолаи шеъри халқӣ

собит намуд, ки вазни асосии ашъори халқӣ арӯзист ва ҳақ ба ҷониби арӯзшиноси маъруфи муосири эронӣ – Ваҳидиёни Комёр аст, ки мегӯяд: «Авзони фаҳлавиёт арӯзӣ аст».

## ВАЗНИ АРӮЗӢ

Забоншиноси машҳури араб – Халил ибни Аҳмад (715-786) тамоми вазнҳои ашъори шоирони тоисломии араб ва муосири худро ба система дароварда, онро арӯз номид. Арӯз калимаи арабист, маънои луғавии он арз кардан ё баён намудани фикр мебошад. Аммо арӯз дар байни донишмандон ва мардум, бештар ба маънои истилоҳиаш машҳур аст. Арӯз ҳамчун истилоҳ илми шинохтан ва донистани авзони шеър буда, меъёрест, ки ба воситаи он дурустӣ ва нодурустии каломи манзум ва оҳанги шеърро муайян мекунад. Баъди оғози шеъри дарӣ-тоҷикӣ вазни арӯз аз вазнҳои асосии он гардида, бузургтарин шоирони мо аз Рӯдакӣ то имрӯз ашъори худро дар авзони ин вазн эҷод намудаанд. Олимону донишмандони гузаштаи мо илми шеърро се тақсим намудаанд: арӯз, қофия ва бадеъ. Ин гуна илмро дар асрҳои миёна, дар адабиёти классикии форс-тоҷик барои шинохтан ва муайян намудани ҷиҳатҳои хубу бади шеър муқаддимаи адаб (адабиёт) меномиданд. Агар мазмун ва мундариҷа сирати шеър бошад, вазн, яъне арӯз ва қофияву саноеъи бадеъӣ сурати онро ташкил медиҳанд. Пас, меъёри шеъри хуб дар маънии дилнишину вазни хушу қофияи дилкашу либоси зебо /санъатҳои бадеъӣ/ доштани он зоҳир мегардид. Агар дар шеър яке аз ин чаҳор рукни он халал ёбад, ҳеҷ гоҳ онро шеъри хубу марғуб наменомиданд.

Донишмандони гузаштаи илми адаб дар асарҳои адабиётшиносии худ маъниҳои гуногуни арӯзро овардаанд. Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ, ки дар охирҳои асри 12 ва аввали асри 13 зиндагӣ мекард, дар китоби назарии «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» навиштааст: «аз баҳри он арӯз хонанд, ки шеърро бар он арз кунанд, то мавзуни он аз номавзун падид ояду мустақим /рост/ аз номустақим мумтоз гардад».

Донишманди асри 13, муаллифи «Меъёр-ул-ашъор» гуфтаҳои арӯзиёни пешинро оварда, менависад: «Баҳромӣ ва ғайри ӯ аз арӯзиён гуфтаанд: арӯз чӯбе бошад, ки дар миёни хайма бошад… Ва чунон пиндорам, ки арӯзро ба ин сабаб ба ин исм гуфтаанд, ки муъоризи зарб аст, яъне муқобили ӯ ё аз он ваҷҳ, ки арӯз исми роҳ ва самти роҳ бошад…



Ва ин илмро ба он сабаб арӯз хондаанд, ки муштамил аст бар муъоразa кардан шеърро усул ва аркони ӯ».

Ба ақидаи донишманди асри 15, муаллифи «Ҷамъи мухтасар» Ваҳиди Табрезӣ, «Мизони шеър арӯз аст ва арӯз чӯберо гӯянд, ки дар миёнаи хайма ниҳанд, то хайма бад-он қоим /мустаҳкам/ шавад. Ва арӯзиён рукни охирро аз мисраи аввал арӯз хонанд ва чунонки қиёми /устувории/ хайма бад-он чӯб бошад, қиёми байти шеър бад-он рукн бувад… Агарчи дар боби арӯз устодонро ақовил /қавлҳо/ бисёр аст, қавли саҳеҳ он аст, ки шеърро бар он арз кунанд, то зоиду нуқсони он пайдо ояд». Донишманди дигари ҳамин аср Сайфии Бухороӣ дар рисолаи «Арӯзи Сайфӣ» таъкид мекунад, ки ихтироъкунандаи илми арӯз – Халил ибни Аҳмад «дар Маккаи муборак буд, ки баёни илм мулҳам шуд /яъне ба ихтироъи илми арӯз сар кард/ ва яке аз асмои /номҳои/ Макка Арӯз аст. Ин илмро ба исми Макка хонданд ба ҷиҳати таяммуну /мубораку/ табаррук. Ва баъзе гӯянд, арӯз ба маънии тараф аст ва чун ин илм тарафи баъзе аз улум бувад, онро «арӯз» ном кардаанд. Ва баъзе мегӯянд, ки дар таркиби ин се ҳарф, ки «айн»-у «ро»-ву «зод» аст, маънии кашфу зуҳур аст ва чун аз ин илм зоҳир ва пайдо мешавад вазни саҳеҳу вазни ғайри саҳеҳ, пас, аз ин ҷиҳат ин илмро арӯз ном ниҳодаанд. Ва баъзе мегӯянд, ки арӯз дар луғат роҳи кушода дар кӯҳ аст ва ҳамчунон ки аз роҳе, ки дар кӯҳ аст, ба мавозеъ метавон расид, ин илм низ тарики /роҳи/ маърифати шеъри мустақим /саҳеҳ/ ва сақим /хато/ аст ва ба донистани ӯ ба каломи мавзун ва номавзун метавон расид. Пас, ба ин муносибат ин илмро арӯз номидаанд. Ва баъзе мегӯянд, ки арӯз ба маънии меғ /туман/ ва абр аст ва ҳамчунон ки дар абру он чи аз ӯ пайдо мешавад, нафъи бисёр аст, дар ин илм низ нафъи бисёр аст, пас, ба ин мушобаҳат ин илмро арӯз гуфтаанд… Ва баъзе мегӯянд, ки арӯз фаъӯл аст ба маънии мафъул, яъне ба маънии маъруз ва ин илмро аз ин ҷиҳат арӯз номидаанд, ки маъӯзи илайҳи шеър аст, яъне шеърро бар он арз мекунанд, то мавзун аз номавзун ҷудо шавад».

Чуноне ки мебинем, гуфтаҳои адабиётшиносони гузашта дар мавриди маънии луғавӣ ва истилоҳии арӯз такрори ҳамдигаранд ва аз ҳама бештар Сайфии Бухороӣ маъниҳои гуногуни арӯзро ба тафсил шарҳ додааст.

Пайдоиши арӯз ҳамчун системаи вазни шеър ба ҳаёти мардуми араб пайвастагӣ дорад. Бештари истилоҳоти он аз номи лавозимоти зиндагии арабҳои бодиянишин /чодарнишин/, хайма, шутур ва ғайра гирифта шудааст. Дар хусуси вазъи системаи арӯз ақида ва мулоҳизаҳои мухталиф мавҷуданд. Донишманди машҳури асри 9-и

точик – Абӯрайҳони Берунӣ дар ихтироъи системаи арӯзи Халил ибни Аҳмад шубҳа карда, таъсири бевоситаи вазни шеъри ҳиндӣ ва вазни шеъри давраи сосониро дар пайдоиши арӯзи арабӣ таъкид намудааст. Арабшиносони машҳури олмонӣ Г. Эвалд /1803-1875/ ва Р. Вестфал /1826-1892/ пайдоиши арӯзро ба сохти шеъри давраи атиқаи Юнони Қадим, аммо шарқшиноси рус, академик Ф.Е. Корш /1843-1925/ ва шарқшинос А. Кристенсен /ваф.1945/ арӯзро ба вазни шеъри забони паҳлавии давраи Сосониён вобаста медонад. Адабиётшиноси машҳури Эрон, муаллифи «Вазни шеъри форсӣ» - Нотили Хонларӣ ақида дорад, ки арабҳо «дар ихтирои қавоид ба усули илми авзони санскрит назар дошта ва қонунҳои арӯзро аз рӯи он сохта ва пардохтаанд».

Чӣ тавре ки дар боло ҳам ишора кардем, забоншинос ва арӯздони араб – Халил ибни Аҳмад соли 767 дар асоси назми араб, ки пеш аз зуҳури ислом ривоҷ дошт, қонуну қоидаҳои арӯзро кашф кард. Аксари адабиётшиносоне, ки ба назарияи шеъру шоирии араб машғул буданд, дар ин ақидаанд, ки «агар Халил намебуд, дар он сурат арӯзе, ки онро имрӯз мехонем, набуданаш ҳам мумкин буд». Системаи назарие, ки Халил ибни Аҳмад барои сохти забон ва шеъри арабӣ ихтироъ карда буд, ба «ҳарф» ва шарҳу тафсири моҳияти он вобастагӣ дошт. Ҳарф дар таълифоти Халил ибни Аҳмад калиди асосиест барои дарки мушкилоти арӯз. Вай ду хусусияти ҳарфро ошкор сохт, якум ҳарф чун ҷузви асосии системаи графикии хат, дуюм чун системаи овозии забон. Вай калимаҳоро ба ҳарфҳо ҷудо карда, меъёри миқдории талаффуз ва меъёри сарфии овозро муайян намуд, ҷой ва мавқеъи ҳарфҳои мутаҳаррику сокинро дар нутқ муайян сохт, ки ин кор баъдтар барои ҳалли масъалаҳои илми арӯз калиди асосӣ гардид. Дар таълимоти Халил ибни Аҳмад ҷои асосиро мафҳуми шакли овозии вазн ва реша /асл/ ишғол намуд. Мувофиқи ин таълимот, аз таркиби ҳарфҳои як реша шаклҳои мухталифи ҳамон калима ба вуҷуд меоянд, ки дар натиҷа, аз онҳо шаклҳои зиёди овозии вазнро ҳосил кардан мумкин аст /масалан, фаъӯлун, фаъилун, мафоъӣлун, фоъилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, мутафоъилун, мафоъилатун ва ғайра/. Ҳамин тариқ, Халил ибни Аҳмад барои арӯзи арабӣ панҷ дойира /Мухталифа, Мӯъталифа, Муҷталиба, Муштабаҳа, Мунфарида/ сохта, дар ҳар дойира рукнҳои асосии чанд баҳри ба ҳам монандро ҷой дод. Вай дар асоси рукнҳои солими фаъӯлун, мафоъӣлун, фоъилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, мутафоъилун, мафоъилатун баҳрҳои Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комил, Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамал, Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб



ва Мутақорибро эҷод намуд. Баъди Халил ибни Аҳмад арӯзшиноси дигар Ахфаши Балхӣ /ваф.833/ дар асоси иваз намудани ҷои ҷузвҳои рукни дойираи Мунфарида – фаъӯлун рукни асосии баҳри Мутадорик-фоъилунро берун овард ва минбаъд ба ҷои дойираи Мунфарида дойираи Муттафиқа маъмул гардид. Яъне Ахфаши Балхӣ рукни фоъилунро ба таври: «лунфаъӯ» гардонда, ба ҷои он рукни мустаъмали фоъилунро гузошта ва онро рукни асосии баҳри Мутадорик номид. Ҳамин тариқ, дар арӯзи арабӣ 16 баҳр мавриди истифодаи шоирон қарор дошт, ки мухтареъи онҳо Халил ибни Аҳмад /15 баҳр/ ва Ахфаши Балхӣ /1баҳр/ мебошад.

## АВЗОНИ ҒАЙРИАРӮЗӢ ДАР ШЕЪРИ ТОҶИКӢ

Дар назми халқҳои форсизабон, аз он ҷумла тоҷик, дар қатори вазни арӯз, ки дар боло муфассал сухан рондем, авзони ғайриарӯзӣ низ вуҷуд дорад, ки яке бо номи шеъри ҳиҷоӣ /вазни ҳиҷоӣ/ ва дигаре бо номи шеъри сафед машҳур аст. Вазни ҳиҷоӣ навъи вазнест, ки дар он баробар омадани миқдори ҳиҷоҳои мисраъҳои шеър шарти асосиянд. Ҳам вазни ҳиҷоӣ ва ҳам вазни арӯзӣ дар натиҷаи баробарии ҳиҷоҳои байт сохта мешаванд. Агар дар вазни ҳиҷоӣ фақат баробар омадани миқдори ҳиҷоҳо кофӣ бошад, дар вазни арӯзӣ ҳам баробар омадани миқдори ҳиҷоҳо ва ҳам баробар омадани миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи мисраъҳо шарт аст. Яъне, агар дар мисраи якум даҳ ҳиҷо ва дар мисраи дуюм низ даҳ ҳиҷо омада бошаду миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ фарқ кунанд, вазни ҳиҷоӣ ва агар мисраъҳои якуму дуюм даҳҳиҷоӣ ё шонздаҳҳиҷоӣ бошанду миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи онҳо баробар, пас, онро вазни арӯзӣ меноманд.

Азбаски дар хусуси вазни ҳиҷоӣ, умумият ва тафовути он, мавқеъ ва дараҷаи истифодаи он дар адабиёти гузашта ва имрӯзаи форс-тоҷик дар боло дар фасли алоҳида хеле муфассал сухан рондем, дар ин ҷо суханро қатъ карда, ба баёни шеъри сафед мегузарем.

ШЕЪРИ САФЕД осори манзуми беқофияро меноманд, ки дар авзони ҳиҷоӣ ва ҳиҷоию /силлобию/ тоникӣ навишта шудааст. Ватани шеъри сафед Англия буда, рушду такомули он ба драматурги англис – Вилям Шекспир /1564-1616/ вобастагӣ дорад. Вай дар давраи сеюми эҷодиёташ солҳои 1599-1609 дар асарҳои саҳнавии «Юлий Сезар» /1599/, «Ҳамлет» /1601/, «Отелло» /1604/, «Шоҳ Лир» /1605/ ва «Макбет» /1606/ аз шеъри сафед хеле фаровон истифода бурдааст. Баъде чанде шеъри сафед дар адабиёти Франсия ҳам машҳур шуд. Аз

шоирони рус Пушкин асарҳои драмавии «Борис Годунов» ва «Фоҷиаи хурд»-ро бо услуби шеъри сафед иншо намудааст.

Дар адабиёти форсизабон шеъри сафед баробари шеъри озод /арӯзи озод/ ворид гардид ва аввалин намунаҳои онро шоирони Эрон – Нодири Нодирпур, Ахавони Солис, Фаридуни Мушириӣ ва баъдтар шоирони Афғонистон – Бориқи Шафеъӣ, Сулаймон Лоиқ сурудаанд.

Шеъри сафед дар адабиёти тоҷик ба воситаи тарҷумаҳои Лоҳутӣ ворид гардид. Лоҳутӣ солҳои панҷоҳум ба тарҷумаи шоҳасарҳои классикони ҷаҳонӣ – Шекспир / «Отелло», «Шоҳ Лир», «Ромео ва Ҷулетта»/; Пушкин / «Мосарт ва Салери», «Достони Олеги дилхоҳ», «Кохи ёдгор»/; Грибоедов / «Дод аз дасти ақл»/; Лопе де Вега / «Чашмаи гӯсфандон»/; Горкий / «Таронаи мурғи тӯфон»» ва «Таронаи мурғи шаҳбоз»/ рӯй овард. Лоҳутӣ дар тарҷумаи асарҳои адибони бузург тамоми маҳорати шоирии худро ба кор бурда, услуби хосси асарҳои тарҷумашавандаро нигоҳ дошт. Чи тавре ки гуфтем, асарҳои адибони номбаршуда бо услуби шеъри сафед навишта шуда буданд ва табиист, ки ҳамаи инҳо барои эҷодиёти Лоҳутӣ бетаъсир намонданд ва ҳамин тариқ, аввалин намунаҳои шеъри сафед дар адабиёти тоҷик тарҷумаҳои Лоҳутӣ ҳисоб меёфтанд. Чанд байт аз «Шоҳ Лир»:

Куҷо будам ? Ин куҷост ? – Рӯз аст ?
Сахт озор дидам. – Мемурам аз раҳм,
Агар касеро ин тавр медидам.
Чӣ гӯям ? – Ин дасти ман аст ? – бинем:
Сари сӯзан халид, инро ҳис кардам.
Кошки мефаҳмидам, куҷо ҳастам,
Кӣ ҳастам ?

Илова ба асарҳои тарҷумавӣ, ки дар равияи шеъри сафед гуфта шудаанд, дар адабиёти тоҷик, кам бошад ҳам, сурудани шеъри сафед ба ҳукми анъана даромад. Аз шоирони тоҷик Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар ва аз шоирони ҷавон Миралӣ Раззоқ абёте дар шеъри сафед гуфтаанд. Дар эҷодиёти шоирони куҳансол низ намунаҳои ин навъи шеърро аҳён-аҳён дучор омадан мумкин аст. Масалан, ду байти зер аз М. Раҳимӣ дар равияи шеъри сафед суруда шудааст:

Ҳаёти озоди халқи муқаддас,
Ба халқи тоҷик муборак бод,
Ки Тоҷикистон пешрав шуд,
Сӯи зафарҳои нав шитобон.



Шеъри сафед ҳарчанд аз қофия озод аст, аммо мувозинати байни мисраъҳо дар он баъзан нигоҳ дошта мешавад. Шоир дар ин навъи шеър имкони зиёд дорад. Дар ин ҷо шоир побанди байту банд нест ва дар шеъри сафед умуман мафҳуми байт вуҷуд надорад. Воҳиди шеър дар ин ҷо мисраъҳоянд, аммо дарозию кӯтоҳии /мутавозии/ онҳо низ тобеъи ҳеҷ қоида нест. Шоир метавонад бо як калима мисраъро ба итмом расонад ё ин ки вобаста ба таъсири ҳиссию эмотсионалии шеър мисраи тӯлоние гӯяд. Аз мутолиаи шеърҳои сафеди шоирони Эрон ва ашъори Лоиқу Бозору Гулназар ва дигарон чунин бармеояд, ки онҳо шеърро ба наср наздик карда истодаанд. Аз шеъри сафед як навъ овози марди зарифи хушсуҳбат ба гӯш мерасад, гӯе шоир ба касе рози дил мегӯяд ва гӯё муаммоеро бо дӯсти ҷонии хеш ҳал мекунад. Ба ин байтҳои Лоик диққат диҳед:

Ватани ман мехоҳад аз ту
Барои ибни башар
Бештар
пираҳан бибофад.
Аммо онон –
он сияҳкорон
мехоҳанд бештар
барои абнои башар
кафан бибофанд.
Ватани ман мехоҳад,
Ки бо ту харгиз дигар
Набандад захмҳои аскар,
аммо онон мехоҳанд
туро аз хуни одам,
аз хуни шаҳидони ҷанги нафсхо
гояҳо,
сармояҳо
лолагун созанд.

Нодирпур, ки худ яке аз қофиласорони шеъри нав ва шеъри сафед буд, мегӯяд: «Шеър як навъ сухан гуфтан аст…, шеърро бояд ба табиати наср наздик кунем. Ин бехудӣ нест, боз як зарурат аст». Дар ҳақиқат, мақсад аз наздик намудани шеър бо наср осон кардани шеър аст. Шеър ҳар қадар ки содаву равон ва осонфаҳм бошад, ба зеҳни хонанда ҳамон қадар зуд мерасад, ба шарте ки аз шеърият орӣ набошад. Шеъре, ки дар зеҳну вуҷуди хонандаву шунаванда шӯре,

шавқе, нерӯе, таъсире, ғуруре, ҳоле барнамеангезад, шеъри хуб нест. «Ҳар шеъре, ки шуморо намехандонад ё ба гиря намеандозад, онро ба дур партоед, ҳар назме, ки ба шумо як ё якчанд чизи хуб тақдим наменамояд, ба он эътино накунед, то шуморо як ҳаяҷон, ҳиссе ҳаракат надиҳад, беҳуда шеър нагӯед», – навишта буд Маликушшуаро Баҳор.

Шеъри сафед дар назми имрӯзаи тоҷик бо баъзе анъанаҳои арӯз вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ин нукта бояд зикр шавад: то замоне, ки вазни арӯз ба хубӣ омӯхта нашавад, шеъри сафеди шево ва гиро гуфтан аз имкон берун аст. Шеъри бевазну беқофия ҳам вазни дохилӣ дорад ва онро ҳам гӯянда /шоир/ ва ҳам хонанда бояд эҳсос кунад. Ба ин абёти Лоиқ, диққат диҳед:

Ишқи мо
Чун баҳори исодаме буд,
ки ҳама
дар тазйиқи замҳарир
интизораш доштанд,
аммо чун фаро расид,
ин ғофилон
аз паи иҷрои плон
баҳорро нодида монданд,
сафҳаи баргеро
аз гулистонаш нахонданд.
Аммо
ифтихори ман ин аст,
ки рӯзе
бо ин ҳама ғафлатзадагон
/дар зиндагӣ ё дар қиёмат/
рӯҳи мо рӯ ба рӯ мешавад
ва мебинем,
ки бар бахти сафеди мо
чун бар коғази сафед
мисли пеши қариндош
чи дастҳо
нақши сиёҳ рондаанд.

Дар адабиёти муосири тоҷик Гулназар ва Миралӣ Раззоқ дар сурудани шеъри сафед хеле дастболоанд.

Чанд байт аз шеъри сафеди Гулназар:

Дардманд аст пои пуробилаи ман.
Бим дорам зи неши хори ғаммозон.



Ту марав ҳамраҳи мани афгор,
Ки ғуруб наздик аст
Ва манзили ту нопайдо.
Эй ягона гули мавсими хазони ман !
Ту маро ваъдаи баҳор макун,
Пас аз хазон баҳор нест,
Зимистон аст.
Эй ягона гули мавсими хазони ман !
Ту бизӣ дар баҳори пурфасонаи хеш
Ва бароям фасонаи ман гӯй.

Чанд байт аз шеъри сафеди Миралӣ Раззоқ:

Ин кабкҳо чаро
Аз садои поям рам мехӯранд?
Магар нафасам
Бӯи сайёд мекунад?

Дар охир ин нуктаро бояд гуфт, ки агар шоирони имрӯзаи мо, алалхусус, шоирони ҷавон хоҳанд, ки шеърро ба равиши наср наздик карда, онро мувофиқи фаҳму зеҳни мардум сурудани бошанд, бояд шеъриятро асос қарор дода, авзони шеър ва қофияи онро ба хубӣ омӯзанд. Шеъри нав, аз он ҷумла, шеъри сафед ҳам мувофиқи тақозои даврру замон ба вуҷуд омадааст. Ин шеър «ҷуз фарзанди шеъри куҳан чизе нест, фарзанде, ки дар асри падари худ зиндагӣ намекунад, дар асри худ зиндагӣ дорад, фарзанде, ки аз чашмаҳои водии паҳновари имрӯз об нӯшида ва мунтазири фардост». Шеъри сафед ва шеъри озод на фақат мавзӯъ, қолаби нав, балки тафаккури бадеъии наврo талаб мекунанд.

## РУКНҲОИ СОЛИМ ВА РУКНҲОИ ФАРЪӢ

Чӣ тавре ки гуфтем, мувофиқи қонунҳои фонетикии сохти шеър дар забони тоҷикӣ ҳиҷо ҷузви асосии вазни арӯз қарор гирифт.

Бунёди арӯзи тоҷикиро на ватаду сабабу фосилаву фозила, балки ҳиҷои кӯтоҳу ҳиҷои дароз ташкил медиҳад. Сахеҳу носаҳеҳии вазни шеър дар забони форсӣ-тоҷикӣ тавассути ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ санҷида мешавад.

Барои санҷидани авзони шеър аз омезиши ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва якунимҳиҷоҳо шаклҳои овозии мухталифе сохта шуд, ки дар арӯз бо номи рукнҳои солим ва рукнҳои фаръӣ машҳуранд. «Рукн» калимаи арабист, маъниилуғавиаш сутуни хона, ба маънии истилоҳӣ

порчаи тараннумиро гӯянд. Рукн дар илми арӯз қолаби муайянест, ки аз он унсурҳои ибтидоии вазн, яъне аз ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ/ватад, сабаб, фосила/ таркиб ёфта, ҳангоми тақтеъи шеър ва андоза кардани он истифода мешавад. Миқдори рукнҳои солим дар арӯзи форсӣ-тоҷикӣ ҳашттоянд. Миқдори рукнҳои фаръӣ зиёдтаранд, шумораи онҳо ба 190-то мерасад. Рукнҳои фаръӣ/ғайрисолим/ дар арӯз асосан бо номҳои зиҳоф, фурӯъ ва илал машҳуранд ва мо низ дар фасли зиҳоф оид ба онҳо муфассал сухан меронем. Ҳоло меоем ба шарҳи рукнҳои солим.

Маълум аст, ки шеър аз байт, байт аз мисраъ, мисраъ аз рукн, рукн аз ҳиҷо ва ҳиҷо аз ҳарф иборат аст. Арӯздонони пешин барои андоза кардани вазни шеър аз шаклҳои мухталифи калимаи «фаъала» қолабҳои лафзӣ ё формулаҳои шартие сохтаанд, ки онҳоро афоъилу тафоъил ё рукн меноманд. Дар натиҷаи ба ҳам омадани ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ, яъне, ватаду сабабу фосила дар арӯзи арабӣ даҳ ва дар арӯзи форсӣ-тоҷикӣ ҳашт рукни солим сохта шудааст, ки онҳо асоси арӯзи арабу аҷамро ташкил додаанд. Миқдори ҳиҷоҳои рукнҳои солим аз се то панҷторо ташкил медиҳанд. Рукни якум - Ма-ФО -ЪӢ-Лун, аломаташ: V - - - , чаҳорҳиҷоӣ, ҳиҷои аввал кӯтоҳ, се ҳиҷои баъдӣ - дароз. Мафоъӣлун модари тамоми рукнҳои солим буда, аз тағйири ҳиҷоҳои дохили он шаклҳои солими аркони дигар ба вуҷуд омадаанд. Мафоъӣлун дар арӯз ҳамчун рукни асосии /солим/ баҳри аввали арӯз - Ҳазаҷ машҳур буда, дар сохтани баҳрҳои силсилаи аввали баҳрҳои фаръӣ /Қариб, Музореъ, Мушокил/ иштирок менамояд. Аз тағйири мавқеъи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ё дар натиҷаи каму зиёд ва ҳазф кардани баъзе ҳиҷоҳои он бисту як зиҳоф ба вуҷуд меояд. Рукни дуюм - ФО-ЪИ-ЛО-ТУН, аломаташ: - v - -, чаҳорҳиҷоӣ, ҳиҷоҳои якуму сеюму чаҳорум - дароз, ҳиҷои дуюм - кӯтоҳ. Фоъилотун рукни асосии /солими/ баҳри Рамал буда, дар сохтани баҳрҳои силсилаи якуму дуюми фаръӣ /Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс/ иштирок менамояд. Дар натиҷаи тағйири ҷои ҳиҷоҳо аз ин рукн бисту панҷ зиҳоф ҳосил мешавад. Рукни сеюм - МУС-ТАФ-ЪИ-ЛУН, аломаташ: - - v -, чаҳорҳиҷоӣ, ҳиҷоҳои якуму дуюму чаҳорум дароз, ҳиҷои сеюм, - кӯтоҳ. Мустафъилун рукни асосии баҳри Раҷаз буда, дар сохтани баҳрҳои силсилаи дуюму сеюм / Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб/ иштирок менамояд. Рукни мустафъилун бисту ҳафт зиҳоф дорад. Рукни чаҳорум - МАФ-ЪӮ-ЛО-ТУ, аломаташ: - - - v, чаҳорҳиҷоӣ, се ҳиҷои аввал - дароз, ҳиҷои охир - кӯтоҳ. Мафъӯлоту рукни асосии баҳреро ташкил намедиҳад, аммо дар сохтани силсилаи сеюми баҳрҳои фаръӣ /Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб/ иштирок менамояд. Мафъӯлоту бисту шаш зиҳоф дорад. Рукни



панҷум - ФА-ЪӮ- ЛУН, аломаташ: v - - , сеҳиҷоӣ, ҳиҷои аввал - кӯтоҳ, ду ҳиҷои дигар - дароз. Фаъӯлун дар арӯз чун рукни асосии баҳри Мутақориб машҳур буда, дар сохтани анвоъи баҳри Тавил низ иштирок менамояд. Шакли овозии зиҳофи маҳзуфи баҳри Ҳазаҷ ва шакли овозии рукни панҷум яксон аст. Фаъӯлун нуҳ зиҳоф дорад. Рукни шашум - ФО-ЪИ-ЛУН, аломаташ: - v - , сеҳиҷоӣ, ҳиҷои якуму сеюм - дароз, ҳиҷои дуюм - кӯтоҳ. Фоъилун рукни асосии баҳри Мутадорик буда, дар сохтани баҳрҳои Баситу Мадид иштирок менамояд. Шакли овозии зиҳофи аштари баҳри Ҳазаҷ, шакли овозии зиҳофи маҳзуфи баҳри Рамал, шакли овозии зиҳофи марфӯъи баҳри Раҷаз ва шакли овозии ин рукн ягонаанд. Фоъилун даҳ зиҳоф дорад. Рукни ҳафтум - МА-ФО-ЪИ-ЛА-ТУН, аломаташ: v – v v - , панҷҳиҷоӣ, ҳиҷоҳои якуму сеюму чаҳорум - кӯтоҳ, ҳиҷоҳои дуюму панҷум - дароз. Мафоъилатун рукни асосии баҳри Вофир буда, хосси шеъри арабӣ мебошад. Ин рукн нисбат ба дигар аркони арӯзӣ камистеъмол буда, шонздаҳ зиҳоф дорад. Рукни ҳаштум - Мутафоъилун, аломаташ: v v - v - , панҷҳиҷоӣ, ҳиҷоҳои якуму дуюму чаҳорум - кӯтоҳ, ҳиҷоҳои сеюму панҷум - дароз. Мутафоъилун рукни асосии баҳри Комил буда, асосан ба шеъри арабӣ хос мебошад. Ин рукн низ камистеъмол аст ва бисту ҳафт зиҳоф дорад. Илова бар ин, арӯзиёни гузашта боз ду рукни дигарро низ ба қатори ҳашт рукни маъмул илова карда, миқдори рукнҳоро ба даҳто расонидаанд. Яке аз онҳо, яъне, рукни нуҳум мус-таф-ъи-лун аст. Ин рукн аз рукни мустафъилуни баҳри Раҷаз бо он фарқ мекунад, ки дар таркиби рукни асосии баҳри Раҷаз - мус-тафъ-илун ватади маҷмӯъ -«илун»/v -/ мавҷуд буда, рукни нуҳум аз омехтаи ватади мафруқ - «тафъи» /- v/ ва ду сабаби хафифи / «мус» ва «лун»/ сохта шудааст. Ин рукн дар арӯз бо номи мустафъилуни мафруқӣ машҳур аст, зеро дар таркиби он ватади мафруқ - «тафъи»/-v/ дида мешавад. Мустафъилуни мафруқӣ дар арӯз рукни солими баҳреро ташкил надода, дар сохтани баҳрҳои фаръии силсилаи дуюм иштирок менамояд. Мус-тафъи-лун ҳамагӣ ҳафт зиҳоф дорад. Рукни даҳум фоъи-ло-тун буда, дар арӯз бо номи фоъилотуни мафруқӣ машҳур аст, ба сабаби он ки дар таркибаш ватади мафруқ мавҷуд аст. Фоъилотуни мафруқӣ низ рукни солими баҳреро ташкил намедиҳад, аммо дар сохтани баҳрҳои фаръии силсилаи аввал / Қариб, Музореъ, Мушокил/ иштирок менамояд. Ном ва миқдори зиҳофҳои рукни фоъи-ло-туни мафруқӣ бо рукни солими баҳри Рамал - фоъилотун якхела аст.

Дар арӯз ҳар байт аз чанд рукн ташкил меёбад ва ҳар як рукн номи махсус дорад. Рукни аввали мисраи якумро садр, рукни охири мисраи дуюмро арӯз, рукни аввали мисраи дуюмро ибтидо, рукни

охири мисраи дуюмро зарб ва рукнҳоеро, ки дар байни садру арӯз ва ибтидою зарб ҷой гирифтаанд, ҳашв мегӯянд. Мисол:

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилон
- v - - / - v - - / - v ~
Дар парешонҳолию дармондагӣ. /Саъдӣ/
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун
- v - - / - v - - / - v -

Дар ин байт рукни фоъилотуни аввали мисраи якум садр, рукни фоъилотуни дуюми мисраи аввал ҳашв, рукни фоъилони охири мисраи якум арӯз, рукни фоъилотуни якуми мисраи дуюм ибтидо, рукни фоъилотуни дуюми мисраи дуюм ҳашв ва рукни фоъилуни охири мисраи дуюм зарб мебошад. Агар байт аз ҳашт рукн иборат бошад, байти мусамман, аз шаш рукн иборат бошад, байти мусаддас, аз чаҳор рукн иборат бошад, байти мураббаъ ва агар аз ду рукн иборат бошад, байти мусанно меноманд.

Мисоли байти мусамман:

То нақш мебандад фалак, касро набудаст ин намак,
Моҳӣ, надонам, ё малак, фарзанди Одам ё парӣ. /Саъдӣ/
мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустфъилун
- - v - / - - v - / - - v - / - - v -

Мисоли байти мусаддас:

Агар коре кунӣ, музде ситонӣ,
Чу бекорӣ, яқин бемузд монӣ. / Носири Хусрав/
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - - / v - - - / v - -

Мисоли байти мураббаъ:

Дарёи ҳастӣ дам ба дам
Дар чарху тобу печу хам. / Гулчини Маъонӣ/
мустафъилун/ мустафъилун
- - v - / - - v -

Мисоли байти мусанно:

Эй мавҷи бехоб,
Эй набзи бетоб,
Дарёи Варзоб,
Дарёи Варзоб. /Лоиқ/
мустафъилотун
- - v - -



## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ЗИҲОФ

Зиҳоф дар луғат ба маънии дур рафтан аз асл, аз нишона дур афтодан омадааст, аммо дар илми арӯз тағйир ёфтани / каму зиёд кардани ягон ҷузъи рукн, табдили ҳарфе ё ҳиҷое / ҷузви рукни солими баҳрҳои аслиро гӯянд. Дар натиҷаи ҳазф кардани як ҳиҷои кӯтоҳ, ду ҳиҷои дароз ё тавассути афзудани як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои баланд /якуним ҳиҷо/ ё ин ки дар сурати табдили ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи рукнҳои солими арӯз шаклҳои гуногуни овозӣ ба вуҷуд меоянд, ки ҳар кадом шакл ва номи муайян дошта, ба вазни баҳре тааллуқ доранд. Ин шаклҳои овозӣ дар илми арӯз бо номҳои зиҳоф, илал ва фурӯъ машҳуранд ва миқдори ҳиҷоҳои онҳо аз як то шашто мешаванд.

Аз таърихи илми арӯзи арабу аҷам медонем, ки Шамси Қайси Розӣ дар мавриди шарҳи луғавии истилоҳоти арӯз, аз он ҷумла, зиҳоф хеле батафсил сухан меронад. Чунин шарҳу тавзеҳот баъзан то дараҷае муфассал аст, ки муаллифони баъдӣ то муҳаққиқони муосири арӯзи тоҷикӣ ин тавзеҳотро бидуни муроҷиат ба луғату фарҳангҳо, бевосита аз «ал-Муъҷам» иқтибос кардаанд. Онҳо дар ин эътимоди куллии худ ба «ал-Муъҷам» баъзан ба иштибоҳ роҳ додаанд, ки яке аз онҳо маънии луғавии зиҳоф аст. Азбаски ин истилоҳ ба такрор меояд, зарур медонем, ки маънии дурусти луғавии онро шарҳ диҳем. Шамси Қайси Розӣ зиҳофро чунин маънидод кардааст: «Бидон, ки ҳар тағйире, ки ба усули афоъили арӯзӣ дарояд, онро зиҳоф хонанд. Ва маънии заҳф дурист аз асл ва таъхир аз мақсад ба мақсуд. Ва аз ин ҷиҳат, «саҳми зиҳоф» тиреро гӯянд, ки аз нишона ба як сӯ афтад»/ «ал-Муъҷам», саҳ.48/. Муҳаққиқ Баҳром Сирус бидуни ишора аз «ал-Муъҷам» гирифтааст: «Зиҳоф ҷамъи заҳф аст. «Зиҳоф» дар забони араб ба маънои дурӣ аз асл ва ҳам ба маънои аз нишона хато рафтани тирро гӯянд»/ «Арӯзи тоҷикӣ», саҳ. 41/. Донишманди дигари тоҷик - Т.Зеҳнӣ чунин навиштааст: «Зиҳоф дар фарҳангҳо ба маънои расидани тир наздики нишона мебошад»/ «Санъати сухан», саҳ.242/. Муҳаққиқи дигари тоҷик С.Давронов низ аз маъноҳои зиёди зиҳоф сарфи назар карда, фақат маънии вобаста ба тирро меорад: «Калимаи зиҳоф дар луғат маънои ба нишон расидани тирро дорад»/ «Сохти шеъри тоҷикӣ», саҳ.8/. Ва маънои дигари он: «Аз асл дур шудан»-ро ки Шамси Қайси Розӣ нишон дода буд, С.Давронов онро чун маънои истилоҳии зиҳоф ба қалам медиҳад. Калимаи «зиҳоф» дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» низ бо таъбирҳои Шамси Қайси Розӣ шарҳ ёфтааст: «Зиҳоф калимаи арабист/ шакли ҷамъаш - азоҳиф/ ва маънии он аз асл дур рафтан, ба нишон нарасидани тир аст»/саҳ. 163/.

Дар ин маврид зарур аст, ки пеш аз овардани маънии луғавии зиҳоф аз фарҳангҳои арабӣ ба ибораи «ба нишон нарасидани тир» мулоҳиза намоем. Ин эзоҳ аз китоби «ал-Муъҷам» нокомил иқтибос шудааст, зеро мақсади Шамси Қайси Розӣ аз шарҳи «тиреро гӯянд, ки аз нишона ба як сӯ афтад», «саҳми зоҳиф» аст, на «зоҳиф»-и муҷаррад, пас, зоҳиф ё зиҳоф, ё заҳф ба сари худ маънии тирро надорад, магар ки дар паҳлӯяш тир - саҳм низ бошад. Муаллифони ҳамаи ин таълифот аз ибораи Шамси Қайси Розӣ «саҳм»-и арабиро афканда, зиҳофи танҳоро оварда, ба паҳлӯи шарҳи тоҷикии он «тир»-и тоҷикиро халонидаанд. Аз ин ҷо чунин саҳв ба шарҳи маънои луғавии зиҳоф роҳ ёфта, паҳн гаштааст.

Дар фарҳангҳои арабӣ, аз он ҷумла, дар «Алмунҷид» ин калима чунин шарҳ дода шудааст: «Заҳф - нишастан ё ба зону оҳиставу вазнин ҳаракат кардан, хезидан; заҳфи лашкар - ҳаракати вазнини лашкари сершумор ба сӯи лашкари душман, ҳуҷуми оҳиставу вазнини лашкар; заҳфи саҳм - ба нишон нарасидан, сипас ба сӯи он заҳф /ҳаракат/ кардани тир; заҳфи шутур - мондаву бемадор шудани шутур; зиҳоф дар арӯз тағйире, ки ба ҳарфи дуюми сабаби хафиф ва сақилворид меояд, бинобар гарон, вазнин буданаш чунин номида шудааст» / «ал-Мунҷид», саҳ. 299/.

Чӣ тавре ки мебинем, шарҳи истилоҳии зиҳоф дар ин қомус бевосита ба моҳияти худи зиҳоф /тағйири сабаби хафифу сабаби сақил/ дар арӯзи арабӣ вобаста аст. Дар ҳамон як рукни мисраъҳои гуногуни ҳамон шеър ба ҳам омадани шакли солими рукни баҳр ва шакли тағйирёфтаи як афоъил, воқеан хеле вазнин аст, яъне дар дохили як шеър аз асл дур гардида, ба шакли дигар даромадан, мунҳариф шудани як тафъила аст. Ва «дурӣ аз асл» гуфтани Шамси Қайси Розӣ ба ҳамин маънист.

Ҳар як зиҳоф, вобаста ба он ки аз кадом рукн ба вуҷуд омадааст, номи махсус дорад. Масалан, аз рукни солими фоъилотун /- v - - / ду ҳарфи охир, яъне «ун» қаср шавад, яъне ҳазф шавад фоъилот /- v ~ / боқӣ мемонад, ки онро зиҳофи мақсур /кӯтоҳшуда/ меноманд. Сабаби мақсур ном гирифтани ин зиҳоф дар он аст, ки мақсур аз калимаи арабии «қасара» гирифта шуда, маънояш кӯтоҳ кардан аст. Ҳамин тариқ, аз рукни солими мафоъӣлун /v - - -/ мафоъӣл/ v - ~/ , аз рукни солими фаъӯлун /v - - / фаъӯл /v~/ сохта, мақсур номидан мумкин аст.

Миқдори зиҳофотро муҳаққиқони асрҳои миёна ва муосир - муаллифи «ал-Муъҷам» - Шамси Қайси Розӣ ва муаллифи «Ҷамъи мухтасар» - Ваҳиди Табрезӣ - 35-то, муаллифи «Ғиёсуллуғот» -



Муҳаммад Ғийсуддин - 47-то, муаллифи «Вазни шеъри форсӣ» - Хонларӣ ва муаллифи «Арӯзи тоҷикӣ» - Баҳром Сирус - 45-то гуфтаанд. Муаллифони «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» миқдори зиҳофотро аз 50-то ҳам зиёд донистаанд. Таҳқиқу таҳлили асарҳои назарӣ ва ашъори шоирони форс-тоҷик нишон дод, ки шумораи зиҳофоте, ки дар ашъори арабу аҷам мавриди истифода қарор гирифтаанд, хеле зиёданд ва мо онҳоро дар зер мувофиқи тартиби алифбо меорем: абтар /батр -/, азалл /залал -/, аслам /бо «се»-и мусаллса; салм - - /, аслам /бо «сод»; салм - -/, аслами мусаббағ/ -~/, асрам/ сарм - v/, ахраб/харб - - v/, ахрам/харм - - -/, ахрами мусаббағ/ - - ~/, аштар/шатар - v -/, аштари мусаббағ /- v ~/, ақсам/қасам - - -/, ақсами мусаббағ/ - - ~/, аҳазз/ҳазаз - - /, аҳаззи махбун/у-/, аҳаззи мақсур/~/, аҳаззи маҳзуф/-/, аҳаззи музол /~/, аҳаззи мусаббағ /-~/, аҳзаз/ҳазаз v v -/, ахзам/хазм/, аҳтам /ҳатм v ~/, аҷам/ҷамм - v -/, аҷами музол/ - v~/, мавқус/вақс v - v - /, мавқуси музол /v – v ~/, мавқуси мураффал/v - v - -/, мавқуси мураффали мусаббағ /v - v - ~/, мавқуси мутаввал/ v - v - ~/, мавқуф/вақф - - -/, мавқуфи матвӣ /-v -/, мавқуфи махбун /v - - /, максуф/касф - - -/, макфуф/кафф v - - v/, макфуф/кафф -v - v/, макфуф/кафф - - v v/, макшуф/кашф - - -/, макшуфи матвӣ ё максуфи матвӣ /- v -/, макшуфи махбун ё максуфи махбун /v - -/ мамсух/масх v - - v/, манқус/нақс v - - v/, манҳур/наҳр -/, марбӯъ/рабъ v -/, марбӯъи мусаббағ /v ~/, марфӯъ/рафъ - - v/, марфӯъи махбун/v v -/, марфӯъи музол/- v~/,, марфӯъи мураффал /- v - - /, марфӯъи мураффали мусаббағ /- v ~ ~/, марфӯъи мутаввал /- v - ~/, маслух/салх -/, матвии мавқуф /- v - /, матвии макшуф ё матвии максуф /- v -/, матвии махбун/ v v -; шакли дигараш v v - v/, матвии махбуни мавқуф /v v ~/, матвии махбуни макшуф ё матвии махбуни максуф /v v -/, матвии махбуни музол /v v v ~/, матвии музол / - v v ~/, матвии мураффал / - v v - -/, матвии мураффали махбун /- v v - v/, матвии мутаввал /- v v -~/, матвӣ/тай - v v -; шакли дигараш - v - v/, матмус/тамс -/, махбул/хабл v v v -; шакли дигараш v v - v, махбули мавқуф /v v ~/, махбули макшуф /v v -/, махбули музол / v v v~/, махбун/хабн v v -; шаклҳои дигараш v v - -; v - v -; v -, махбуни аҳазз /v-/, махбуни аҳаззи музол /v~/, махбуни мавқуф /v - ~ /, махбуни макфуф /v v - v; шакли дигараш v - v v/, махбуни макшуф ё максуф /v - -/, махбуни матвии мавқуф /v v ~/, махбуни матвии макшуф ё максуф /v v -/, махбуни матвии музол /v v v ~/, махбуни матвӣ /v v v - ; шакли дигараш v v - v/, махбуни мақсур /v v ~; шакли дигараш v - ~/, махбуни мақтӯъ ё мухаллаъ /v-/, махбуни мақтӯъ ё мақтӯи махбун /v - -/, махбуни маҳзуф /v v -/, махбуни мувассаъ /v v - -; шакли дигараш v - v - -/, махбуни музаффо / v v - - -; шакли дигараш v -

v - - /, махбуни музол / v - v~; шакли дигараш v v ~/, махбуни мураффал /v - v - - /, махбуни мураффали макфуф /v - v - v/, махбуни мусаббағ /v v - ~/, махбуни мутаввал /v - v - ~/, машкул/шакл v v - v; шакли дигараш v - v v/, маъсуб/ъасб v - - - /, маъқул/ақл v - v -/, маъкус/акс - - v/, мағзуб - v v -/, мақбуз/қазб v - v -; шакли дигараш v - v/, мақбузи мусаббағ/v- v~/, мақсур/каср v -~; шакли дигараш - v ~, - - ~, v ~/, мақтуф/қатф v - - /, мақтӯъ/қатъ - - - ; шаклҳои дигараш v v - - , - - /, мақтӯъи махбун/v - - /, мақтӯъи махбуни мусаббағ /v - ~/, мақтӯъи маҳзуф /- -/, мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ /-~/, мақтӯъи мусаббағ/ - - ~; шаклҳои дигараш - v, v v -/, маҳзуз/ҳазаз - -; шакли дигараш -/, маҳзузи маҳзуф /-/, маҳзуф/ҳазф v - - ; шаклҳои дигараш - v -, v -/, маҳзуфи мақсур/ - - /, маҳзуфи мақтӯъ/ - - /, маҳзуфи мусаббағ /v - ~/, мачбуб/чаббv -/, мачдӯъ/чадъ -/, мачзул/чазл - v v -/, мачзули мураффали махбуни мақсур /v v v v -/, мачзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ /v v v v v -/, мачзули мураффали махбуни мақсури мувассаъи музол / v v v v v ~/, мачҳуф/чаҳф -/, мачҳуфи мусаббағ/~/, мувассаъ/тавсеъ - v - - - /, мувассаъи махбун/v v - - -; шакли дигараш v - v - -/, музаффо/тазфиф - v - - -/, музаффои махбун / v v - - -/, музмар/измор - - v -; шакли дигараш v - v - -/, музмари аҳазз / - -/, музмари аҳаззи мусаббағ / -~/, музмари мақтӯъ / - - - /, музмари мақтӯъи мусаббағ / - - ~/, музмари музол / - - v ~/, музмари мураффал/ - - v - - /, музмари мураффали мусаббағ / - - v - ~/, музмари мутаввал/ - - v -~/, музол/ изолат - - v ~, шаклҳои дигараш - v ~; v v ~; v - v v ~/, мураффал/тарфил - - v - -; шакли дигараш v - v - - /, мураффали матвии мақсур / - v v v -/, мураффали матвӣ/ - v v - -/, мураффали махбун / v - v - - /, мураффали махбуни макфуф ё махбуни мураффали макфуф / v - v - v/, мураффали махбуни матвии мақсур / v v v v - /, мураффали махбуни матвии мақсури мувассаъ / v v v v v -/, мураффали мақсур / - - v v -/. мураффали мақсури музол / - - v v ~/, мураффали мусаббағ ё мутаввал /- - v - ~/, мусаббағ/исбоғ v - - ~; шаклҳои дигараш - v - ~, v - ~/, мутаввал/татвил - - v - ~; шакли дигараш v v - v -~/, мутаввали матвии мақсур ё мураффали матвии мақсур /- v v v~/, мутаввали матвӣ ё матвии мутаввал / - v v - ~/, мутаввали мақсур / - - v v ~/, мухаззал/тахзил - v v -/, мухаззали музол/ - v v ~/, мухаллаъ/тахлеъ v - - ; шакли дигараш v -/, мухаллаъи музол/ v~/, мухаллаъи мусаббағ/v - ~/, муханнак/таҳник - - -/, муханнақи мақсур /- ~/, муханнақи маҳзуф / - -/, мушаъас/ташъис - - -/, мушаъаси мусаббағ/ - - ~/ ва ғайра.



## ТАҚТЕЪИ ШЕЪР

Маънии луғавии <u>тақтеъ</u> пора-пора кардан, катъ намудан аст, аммо чун истилоҳ ба рукнҳо ҷудо кардани мисраъҳои байтро гӯянд. Мақсад аз тақтеъи шеър санҷидан ва муайян кардани дурустӣ ё нодурустии вазни он аст. Дар тақтеъ талаффузи калима ва ибора, яъне порчаҳои тараннумӣ муътабартар аст, барои ҳамин, ҳангоми ба ҳиҷоҳо ҷудо намудани шеър, пеш аз ҳама, оҳанги талаффуз, яъне, ҷиҳати овозии онро ба назар мегиранд. Донишманди шинохтаи форс-тоҷик, муаллифи «ал-Муъҷам» - Шамси Қайси Розӣ дар мавриди тақтеъ навишта буд: «Бидон, ки тақтеъи шеър он аст, ки байтро аз ҳам фурӯ кушоянд ва бар асбобу автоду фавосил /яъне, сабабҳову ватадҳову фосилаҳо/ қисмат кунанд, то ҳар ҷузве дар вазн баробари ҷузве шавад аз афоъили баҳре, ки ин байт аз он муншаъиб бошад, чунон ки асбоби ин дар муқобили асбоби он афтад ва автод дар муқобили автод ва фавосил дар муқобили фавосил. Ва дар ин боб эътибор малфузи шеърро бошад, на мактуби онро, яъне, ҳар ҳарф, ки дар лафз наояд, агарчи дар китобат бошад, дар тақтеъ онро эътиборе нанианд ва ҳар чӣ дар лафз ояд, агарчи дар китобат набошад, дар тақтеъ ба ҳарфе мансуб бувад» /«ал-Муъҷам», саҳ. 97/.

Барои ҳамин, дар шеъри арӯзӣ баъзан ба ҳиҷоҳое дучор меоем, ки ҳарчанд мувофиқи қоидаи забони тоҷикӣ бояд кӯтоҳ шаванд, аммо чун ҳиҷои дароз хонда мешаванд ё баръакс.

Мисол:

Чунки оби ҷумла аз ҳавз аст пок,  
Ҳар яке обе диҳад хуш завқнок. /Мавлавӣ/  
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилон  
- v - - / - v - - / - v ~

Дар ин байт ҳиҷои «би»-и мисраи аввал мувофиқи қоидаи ҳиҷосозии забони тоҷикӣ ҳиҷои кӯтоҳ аст, зеро аз як ҳамсадову як садоноки кӯтоҳ сохта шудааст, лекин дар ин байт вобаста ба вазни шеър /Рамали мусаддаси мақсур/ ва тарзи талаффуз/ бар болои садоноки кӯтоҳи «и»-и ҳиҷои «би» задаи мантиқӣ афтодааст/ ба вазифаи ҳиҷои дароз омадааст.

Ҳамин тариқ, шарти асосии тақтеъ он аст, ки ҳангоми ба ҳиҷоҳо ҷудо намудани мисраъҳои шеъри арӯзӣ ҳиҷои кӯтоҳ бояд баробари ҳиҷои кӯтоҳ ва ҳиҷои дароз муқобили ҳиҷои дароз воқеъ гардад, мисли ин байти Мӯъмин Қаноат:

Ҳам он замон зи хоки ман, зи хоки поки ин Ватан
Парида духтари Ватан, бигашт ахтари баланд.

Тақтеъи байт чунин аст:

Ҳа-мон-за-мон/ зи-хо-ки-ман/ зи-хо-ки-по/ ки-ин-Ва-тан
мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун
v - v / v - v -/ v - v - / v - v -
Па-ри-да-дух/ та-ри-Ва-тан/би-гаш-т-ах/ та-ри-ба-ланд
мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилон
v - v -/ v - v - / v - v - / v - v ~

Барои он ки дурустии тақтеъи ҳақиқӣ ва ғайриҳақиқӣ маълум гардад, авзони баҳрҳо, рукнҳо ва зиҳофоти онҳоро донистан ва аз ҳам фарқ кунонида тавонистан шарт аст. Масалан, агар мисраи «Ба номи ҷаҳондори ҷонофарин»-ро, ки дар баҳри Мутақориби мусаммани маҳзуф суруда шудааст, дуруст тақтеъ намоем, ин шаклро мегирад:

Ба-но-ми/ ча-ҳон-до / ри-ҷо-но/ фа-рин
фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъул
v - - / v - - /v - - / v -

Ҳамин мисраъро дар вазни ғайриҳақиқӣ низ тақтеъ намудан мумкин, ба ин тарз:

Ба-но-ми / ча -ҳон -до-ри / ҷо - но - фа - рин
фаъӯлун/ мафоъӣлун / мустафъилун

Агар мо рукн, зиҳоф ва анвоъи баҳрҳои солим ва фаръиро дурусттар донем, ба зудӣ муайян мекунем, ки вазни дуюм дар авзони баҳре дида намешавад.

## БАЙТ - МЕЪЁР ВА АНДОЗАИ ТАҚТЕЪ

Барои донишмандони соҳаи адабиёт маълум аст, ки байт воҳиди асосии шеър буда, вобаста ба миқдори рукнҳояш дар шаклҳои мусамман, мусаддас, мураббаъ ва мусанно меояд. Ҳангоми таҳлили шеър аз рӯи маънӣ, вазн, қофия ва бадеиёт ҳатман байте интихоб карда мешавад. Дар мавриди гузаронидани тақтеъи арӯзӣ ҳам, пеш аз ҳама, байте аз шеърро интихоб менамоянд ва аз рӯи он саҳеҳию носаҳеҳии вазни шеърро маълум менамоянд. Сабаби воҳиди асосии шеър номидани байт дар он аст, ки ҳар гуна маънӣ ё мазмунро дар қолаби як байт ҷой додан мумкин аст, аммо на ҳамеша як маънии том дар қолаби як мисраъ мегунҷад.



Мисол:

То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад. /Саъдӣ/

ё ин ки:

Маро зи рӯзи қиёмат ғаме, ки ҳаст, ин аст,
Ки рӯи мардуми олам ду бора хоҳам дид. /Соиб/

Аз мисраи

Касе, к-аз илми маънӣ бохабар шуд,

ба осонӣ маълум аст, ки мақсади гӯянда ҳоло нотамом аст ва ҳамин ки мисраи дуюмро:

Дар ӯ андешаи шодию ғам нест.

ба он ҳамроҳ намоем, мазмуни комили байт маълум мешавад. Барои ҳамин, мисраъро воҳиди хурдтарин ва байтро воҳиди асосии шеър меноманд.

Ҳар рукни байт, вобаста ба тарзи ҷойгиршавиаш номи махсус дорад. Рукни аввали мисрьаи аввал <u>садр</u>, рукни охири мисраи якум <u>арӯз</u>, рукни аввали мисраи дуюм <u>ибтидо</u>, рукни охири мисраи дуюм <u>зарб</u> ва рукне, ки дар байни садру арӯз ва ибтидову зарб ҷой гирифтааст, <u>ҳашв</u> ном дорад. Байти мусамман ҳам садр, ҳам арӯз, ҳам ибтидо, ҳам зарб ва ҳам ҳашвайн дорад. Байти мусаддас садру арӯзу ибтидову зарб ва ҳашв дорад. Дар байти мураббаъ рукни ҳашв мавҷуд нест. Байти мусанно фақат аз садру ибтидо иборат аст. Вобаста ба тарзи тақтеъ баъзе шеърҳоро дар авзони чанд баҳри маъмул хондан мумкин аст. Масалан, байти зерини Гулназарро:

Бе дарду ғам нишастам рӯзе ба сояи санг,
Бегонаи ҳавасҳо, маъзури ормонҳо.

агар ба таври:

мафъӯлу/ фоъилотун/ мафъӯлу/ фоъилотун

тақтеъ кунем, баҳри Музореъи мусаммани ахраб ва агар ба таври:

мустафъилун/ фаъӯлун/ мустафъилун / фаъӯлун

тақтеъ намоем, баҳри Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф мешавад.

Ҳангоми таҳлили вазни шеър вобаста ба тарзи ҷойгиршавии рукнҳои солиму зиҳофҳо номи баҳри он муайян карда мешавад. Масалан, аз қасидаи машҳури Ҳалимшо - «Бурҷи инсон» матлаъи онро меорем:

Аз бурҷи диёри ман хуршед бувад рахшон,
Аз субҳи баҳори ман дунё бишавад бустон.
мафъӯлу/ мафоъӣлун / мафъӯлу / мафоъӣлун
- - v / v - - - / - - v / v - - -

Аз рӯи тақтеъи байт маълум гардид, ки вазни ин қасида Ҳазаҷи мусаммани ахраб аст, чунки рукнҳои якуму сеюми он аз зиҳофи ахраби Ҳазаҷ - мафъӯлу ва рукнҳои дуюму чаҳоруми он аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ - мафоъӣлун гирифта шудааст.

## ТАҚТЕЪИ ҲИҶОӢ ВА ТАҚТЕЪИ АРӮЗӢ

Аввалин шарте, ки барои муайян кардани вазни шеър лозим ва зарур аст, дуруст хондану бехато навиштани шеър аст. Масалан, агар ин байти Саъдиро:

Тоат он нест, ки бар хок ниҳӣ пешонӣ,
Сидқ пеш ор, ки ихлос ба пешонӣ нест.

дуруст бихонем, таъбирҳои «тоат он» ба шакли «тоатон» ва «пеш ор» ба шакли «пешор» талаффуз мешаванд. Барои ҳамин, ҳангоми тақтеъи ҳиҷоӣ ҳиҷоҳои шеърро вобаста ба дарозию кӯтоҳии онҳо паси ҳам менависем. Барои ин, аввал, ҳиҷоҳои байтро бодиққат ҷудо намуда, ҳар кадоми онро бо хатҳои амудии кӯтоҳе ишора менамоем. Мисли ҷудо кардани ҳиҷоҳои байти фавқи Саъдӣ

То/а/то/нес/т/ки/бар/хо/к/ни/ҳӣ/пе/шо/нӣ
Сид/қ/пе/шо/р/ки/их/ло/с/ба/пе/шо/нӣ/нест.

Баъди ин, вобаста ба дарозию кӯтоҳии ҳиҷоҳо аломатҳои онҳоро дар зери ҳар кадом мегузорем.

Тақтеъи арӯзӣ дар сурате воқеъ мешавад, ки агар байт тақтеъи ҳиҷоӣ шуда бошад. Яъне, баъди анҷом додани тақтеъи ҳиҷоӣ, мувофиқи оҳанг ва тарзи талаффуз шеърро ба як, ду, се ё чаҳорҳиҷоӣ ҷудо намуда, мутобиқи он аз аркони арӯзӣ рукни мувофиқ интихоб менамоем. Баъди интихоби рукнҳои мувофиқ, онҳоро дар зери ҳиҷоҳои шеър менависем. Масалан, агар байти Саъдиро:

Ай/со/р/бо/но/ҳис/та/рон/ко/ро/ми/ҷо/нам/ме/ра/вад
Вон/дил/ки/бо/худ/до/ш/там/бо/дил/си/то/нам/ме/ра/вад.

ба ҳиҷоҳо ҷудо кунему ба рукнҳои як, ду ё сеҳиҷоӣ тақсим намоем, оҳанг ва назми он халал меёбад, вале агар ба рукнҳои чаҳорҳиҷоӣ ҷудо намоем, вазн ва оҳанги он комилан нигоҳ дошта мешавад. Аз рӯи дарозию кӯтоҳӣ ва оҳанги байти болоӣ маълум мешавад, ки рукни



мустафъилун ба он мувофиқ аст. Пас, вазни ин шеър баҳри Раҷази мусаммани солим мебошад. Тарзи ба рукнҳо тақтеъ намудани байти Саъдӣ чунин аст:

Ай-со-р-бо/ но-ҳис-та-рон/ ко -ро-ми-ҷо/ нам-ме-ра-вад,
мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун
- - v - / - - v - / - - v - / - - v -
Вон-дил-ки-бо/ худ-до-ш-там/ бо-дил-си-то/ нам-ме-ра-вад,
мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун
- - v - / - - v - / - - v - / - - v -

## УСУЛИ АНҶОМ ДОДАНИ ТАҚТЕЪ ДАР ШЕЪРИ НАВ

Пайдоиши шеъри озод, ки дар адабиётшиносии байналхалқӣ бо номи верлибр /фр. вер - шеър, либр - озод/ машҳур аст, ба нимаи дуюми асри 18 рост меояд. Нависандаи фаронсавӣ Г.Кан истилоҳи «верлибр»-ро бори аввал соли 1884 истифода кардааст. Аз ҷиҳати сохт шеъри озод аз бандҳое таркиб меёбад, ки шумораи мисраъҳои он мухталифанд. Дар адабиёти ҳар халқ шеъри озод бо хусусиятҳои анъанавии шакл ва қонуну қоидаҳои шеъри он алоқаи зич дорад.

Аввалин нишонаҳои шеъри озод дар назми солҳои 20-уми асри бисти тоҷик дар эҷодиёти устод Айнӣ ва солҳои 30-юм дар эҷодиёти устод Лоҳутӣ мушоҳида мешаванд. Баъдтар шеъри озод дар эҷодиёти шоирон Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Саидалӣ Маъмур, Раҳмат Назрӣ хеле рушду камол ёфт.

Шеъри озод ё «шеъри нав» шоирро аз баъзе қонуну қоидаҳои арӯзи анъанавӣ озод менамояд. Арӯз дар «шеъри нав» аз байн намеравад, балки беш аз пеш инкишоф ёфта, қонунҳои нави таҳаввулоти он ошкор мешавад. Шоир имкон дорад, ки мисраъҳоро бо хости худ шикаста ҷо ба ҷо намояд, инчунин, ӯ метавонад, ки дар як шеър чанд вазни /баҳри/ ба ҳам монандро ба кор барад. Ҳоло дар адабиёти форс-тоҷик чор хусусияти шеъри озод аз лиҳози вазн мушоҳида карда мешавад:

Якум, бо роҳи вайрон кардани миқдори баробарии рукнҳои байт мекӯшанд, ки вазнро аз оҳангҳои анъанавию маъмулӣ халос кунанд. Дар ин маврид рукнҳо шикаста шаванд ҳам, мисраи дигар аз давоми ҳамон рукни шикаста оғоз ёфта, дар охир шакли комили ҳамон рукн дар мисраъҳо нигоҳ дошта мешавад. Шоир дар ин ҷо мекӯшад, ки оҳанги умумии шеърро дар саросари он нигоҳ дорад. Ҳамин хусусият дар порчаи зерини достони «Суруши Сталинград»-и Мӯъмин Қаноат мушоҳида мешавад:

Маро гаҳвора мегӯянд,
мафоъӣлун/ мафоъӣлун / ма
v - - - / v - - - / v
Чун гаҳвораи заррин,
фоъӣлун/ мафоъӣлун
- - - / v - - -
Вале ман модари бечораам, хокам,
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - - / v - - - / v - - -
Агар тифле ба рӯям по ниҳад, шодам...
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - - / v - - - / v - - -
Баҳорон гул шудам,
мафоъӣлун/ мафо
v - - - / v -
Аз хеш рӯидам
ӣлун/ мафоъӣлун
- - / v - - -

Дуюм, афъоиле, ки мувофиқи талаботи вазн бояд дар шакли солими он меомаданд, шикаста мешаванд, аммо бар хилофи хусусияти якум мисраи минбаъда аз давоми афоъили рукн ё зиҳофи аввала оғоз наёфта, аз шакли рукни дигар сар мешавад. Дар арӯзи озод, ки миқдори мисраъҳо ва дарозию кӯтоҳии онҳо ба ихтиёри шоир аст, ӯ бо мақсади муайян рукнҳои шеърро шикаста, мисраъҳои дигарро ба афоъили тоза оғоз менамояд. Дар шеъри «Реша»-и Гулназар чунин ҳолат мушоҳида мешавад:

Ба ҳар кунчу канори Тоҷикистон
мафоъӣлун/ мафоъӣлун / мафоъӣл
v - - - / v - - - / v - ~
Агар чун парда бардоранд гарду хоки бодоворд,
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлон
v - - - / v - - - / v - - - / v - - ~
Нишон ёбанд аз шаҳре, диёре
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - - / v - - - / v - -
Зи тоҷеву зи тахтеву ҳисоре
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - - / v - - - / v - -
Чи тақдире!...
мафоъӣлун
v - - -



Вазни шеъри боло дар асл Ҳазаҷи мусаммани мусаббаг аст, ки шакли комили он (мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлон - дар як мисраъ) дар мисраи дуюм нигоҳ дошта шудааст. Аммо рукни мафоъӣлунро / v - - -/ дар мисраъҳои якуму сеюму чаҳорум шикаста, мисраъҳои баъдӣ боз аз рукни нав (яъне мафоъӣлун) оғоз ёфтааст. Шикастани рукнҳои солим дар баҳрҳои дигари арӯз низ мушоҳида мешавад. Дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва Гулназар Келдӣ бештар рукнҳои солими баҳри Рамал ва зиҳофҳои маҳзуф - фоъилун ва мақсур - фоъилон ба ҳам омезиш ёфта, навъҳои гуногуни баҳри Рамалро месозанд. Дар баъзе шеърҳои Гулназар рукни солими баҳри Рамал - фоъилотун дар мисраи аввал шикаста мешавад, аммо мисраи баъдӣ хоҳу нохоҳ аз рукни солим оғоз меёбад. Дар ин маврид ҳам мисраъ дар зоти худ мустақил монда, боиси амиқии фикр мегардад. Шеъри «Суннати ман»-и Гулназар айнан дар ҳамин услуб таълиф шудааст. Чанд мисраи он:

Бомдодон чун барояд офтоби шуълапарвар,
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун
- v - - / - v - - / - v - - / - v - -
Ман ҳам аз худ мебароям тозаву тар.
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун
- v - - / - v - - / - v - -
Оламе пур мешавад аз ман,
Оламе сар мешавад аз ман.
фоъилотун/ фоъилотун/ фаъ
- v - - / - v - - / -
Бо лабони оташинам
фоъилотун/ фоъилотун
- v - - / - v - -
Шабнами себаргаҳоро мемакам пазмон,
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун / фоъ
- v - - / - v - - / - v - - / ~
Ончунон ки оҳуи ташна
фоъилоту/ фоъилотун/ фаъ
- v – v / - v - -/ -
Лаб ниҳад бар чашмаи хандон...
фоъилотун/ фоъилотун/фоъ
- v - - / - v - ~

Шеъри «Суннати ман», ки чанд байти онро чун шоҳид овардем, аслан аз ҳашт банди чаҳормисраъӣ иборат буда, дар шакли шеъри

мураббаъ эҷод шудааст. Тарзи қофиябандии мисраъҳои бандҳо низ гуногун аст. Байти аввалу сонии бандҳои якуму панҷуму ҳаштум мисли маснавӣ ҳамқофияанд, яъне, ҳарду мисраи тамоми бандҳои зикршуда қофияи алоҳида доранд. Вале дар бандҳои дуюму сеюму чаҳоруму шашуму ҳафтум тарзи қофиябандӣ дигар аст. Дар ин бандҳо мисраъҳои чаҳорум, яъне, мисраъҳои ҷуфт дорои қофия буда, мисраъҳои тоқ аз қофия озоданд. Чӣ тавре ки мебинем, ин шеър аз ҷиҳати жанр ва қофия аз анвоъи шеър ва қофияи анъанавӣ фарқ мекунад. Навпардозиҳои Гулназар дар вазни ин шеър аз дойираи аркони як баҳр берун аст. Шоир дар ин шеър аз рукни солими баҳри Рамал - фоъилотун ва зиҳофҳои он : макфуф - фоъилоту, маҷҳуф - фаъ, маҷҳуфи мусаббағ - фоъ ва махбун - фаъилотун истифода кардааст. Вазни асосӣ ва анъанавии шеър Рамали мусаммани солим / фоъилотун - чаҳор бор дар як мисраъ/ аст, ки дар мисраи аввали ҳамин шеър омадааст. Тақтеъи байтҳо нишон медиҳад, ки шоир мисраъҳоро ба ду ҳиссаи баробар ҷудо карда намешиканад, балки дар ҷое мешиканад, ки зарурат ба вуҷуд омадааст, яъне, фикр ба охир расидааст.

Гулназар аз имконоти вазни арӯз хеле хуб истифода бурда, ба он муваффақ гардидааст, ки шакл дар навпардозиҳои ӯ ҳамеша тобеъи мазмун бошад. Донистани нозукиҳои илми арӯз ва эҷодкорона истифода бурдан аз имкониятҳои шеъри нав ба Гулназар муяссар гардидааст, ки дар шеъри «Суннати ман» 13 навъи баҳри Рамалро ба кор барад.

Сеюм, шоирони тоҷик аз имконот ва нозукиҳои вазни арӯз истифода карда, шеърҳое офардиаанд, ки дар авзони баҳрҳои гуногунанд. Дар назми классикии тоҷик шоирон мекӯшиданд, ки шеърашон аз дойираи як вазн берун набарояд, бо вуҷуди ин шеърҳое дучор меоянд, ки аркони дохили мисраъҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, масалан, устод Рӯдакӣ дар қасидаи «Модари май» гоҳе ба ҷои шакли овозии зиҳофи матвӣ - муфтаъилун /-у v -/ шакли овозии зиҳофи мақтӯъ - мафъӯлун / - - - /-ро ба кор бурдааст, ки боиси дувазнии шеър гардидааст, яъне, як мисраъ Мунсареҳи мусаммани матвии мақтӯъи маҷдӯъ:

муфтаъилун / фоъилоту/ мафъӯлун/ фоъ
- v v - / - v - v/ - - - / ~
ва мисраи дигар Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур:
муфтаъилун/ фоъилоту/ муфтаъилун/ фаъ
- v v - / - v - v / - v v - /-

Илова бар ин, шеърҳое низ вуҷуд доштанд, ки дар чанд вазн хонда мешуданд. Масалан, ғазали Восифиро бо ин матлаъ:



Наргиси ҷодуи ту оҳуи Чин,
Нофаи оҳуи ту ҳоли ҷабин.

дар чаҳор вазн хонда мешавад.

Дар дохили як шеър истифодаи аркони /зиҳофҳои/ гуногуни ҳамон як баҳр дар гузашта ҳодисаи маъмулӣ буд. Ин ҳодиса бештар дар охири мисраъҳои шеър рух медод, шоирон ба ҷои зиҳофи маҳзуфи /фаъӯлун/ баҳри Ҳазаҷ, зиҳофи максурро /мафоъӣл/; ба ҷои зиҳофи манҳури рукни мафъӯлоту / фаъ/ зиҳофи маҷдӯъи / фоъ/ ҳамон рукнро дар баҳри Мунсареҳ истифода мекарданд. Муҳаққиқони гузаштаи арӯз дар назми асрҳои миёна ҳарчанд авзони зиёд доштани як шеърро мушоҳида карда бошанд ҳам, тарафдори ягонагии вазн буданд.

Дар назми муосири тоҷикӣ шеърҳое вуҷуд доранд, ки дар авзони ба ҳам монанди баҳрҳои мухталиф эҷод гаридаанд.

Устод Лоҳутӣ дар истифодаи авзони баҳрҳои мухталифи арӯз дар таркиби як асар нисбат ба дигар шоирони тоҷик дастболост. Маҳорати фавқулодаи устод Лоҳутӣ ва дақиқкорона истифода бурдан аз имконоти арӯз ба ӯ имкон додааст, ки дар достони «Парии бахт» баҳрҳои Хафиф, Ҳазаҷ, Рамал, Мутақориб, Сареъ, Муҷтассро ба кор барад. Дар либреттои «Коваи Оҳангар» маҳорати ӯ дар истифодаи авзони мухталифи баҳрҳои арӯз бениҳоят зиёд аст. Лоҳутӣ барои таълифи ин асари саҳнавӣ зиёда аз 50 вазни анвоъи баҳрҳои Рамал, Ҳазаҷ, Мӣутақориб, Раҷаз, Хафиф, Сареъ, Мунсареҳ, Мутадорик, Мадид, Музореъ ва ғайраро мавриди истифода қарор додааст.

Чаҳорум, чи тавре ки гуфтем, шеъри наве, ки аз Лоҳутӣ ва Пайрав Сулаймонӣ шурӯъ шуду дар эҷодиёти Лоику Бозор Собиру Гулназар инкишоф ёфт, такя бар дарозию кӯтоҳии мисраъҳо дошт. Хушбахтона, имрӯз ин гуна шеър дар баробари шеъре, ки бо риояи ҳақиқии вазну қофия суруда мешавад, зиндагӣ ва нашвунамо дорад. Аммо дар эҷодиёти шоирони ҳамзабони мо ба ашъоре дучор меоем, ки як ё ду рукни аввал дар вазн аст, боқӣ ҳама аз вазн берун. Ба таври дигар гӯем, як навъи омезиши шеъри арӯзию шеъри озоду шеъри сафед мушоҳида мешавад, ки ин хусусияти чаҳоруми шеъри озод аст. Мисол:

Рӯзе, ки оҳанги ҳар ҳарф зиндагист,
- - v / - - v - - v - v ~
То ман ба хотири охирин шеър ранҷи ҷустҷӯи қофия набарам.
- - v / - v v - v - - v - v - v - v - v v -
Рӯзе, ки ҳар лаб таронаест,
- - v / - - v - v ~
То камтарин суруд бӯса бошад,
- - v/ - v - v - v - - -

Дар шеъри болоӣ фақат рукни аввал /мафъӯлу/ дар вазн асту боқӣ ҳама озод.

Мисоли дигар:

Таронаи соҳил
v - v - / - -
Насими бӯсаи ман буду пилки бози ту буд.
v - v - / v v - -/ v - v - / v v ~
Бар обҳо парандаи бод
v - v - / v - v - ~
Миёни лонаи садҳо садо парешон буд.
v - v - / v v - - / v - v - / - ~
Бар обҳо
v - v -
Паранда, бетоқат буд.
v - v - / - - ~
Садои тундари хеш
v - v - / v v ~
Ва нур, нури тари озарахш
v - v - / v v - - -
Дар об оинае сохт
v - v - / v v - ~
Ки коби равшане аз шуълаҳои дарё дошт.
v - v - / v v - - / v - v - / - ~

Чи тавре ки мебинем, дар ин шеър низ фақат дар рукнҳои аввали мисраъҳо ягонагии вазн нигоҳ дошта шудааст, аммо дар рукнҳои дигар ин услуб риоя нашудааст. Аз байтҳои дуюму чаҳоруму нуҳум маълум мешавад, ки асоси вазни ин шеърро Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур ё аслами мусаббағ: мафоъилун / фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилон/ ё фаълон/ ташкил медиҳанд.

## БАҲР. БАҲРҲОИ АСЛӢ /СОЛИМ/ ВА ФАРЪӢ /ҒАЙРИСОЛИМ/

Маънии луғавии баҳр шикофтан аст. Дар илми арӯз гурӯҳ ё навъҳои авзонеро баҳр гӯянд, ки дар зери як номи умумӣ гирд оварда шудаанд. Масалан, баҳри Ҳазаҷ, баҳри Рамал, баҳри Раҷаз ва ғайра. Як худи баҳри Ҳазаҷ чандин навъ дорад. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ зиёда аз 90 навъи ин баҳр маъмул аст. Ҳазаҷи мусаммани солим /дар як байт ҳашт бор мафоъӣлун/, Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф/ мафоъӣлун /мафоъӣлун/ фаъӯлун - ду бор дар як байт/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби



мақбузи маҳзуф /мафъӯлу/ мафоъилун/ фаъӯлун/ ва ғайра аз навъҳои машҳур ва серистеъмоли арӯз аст. Ба таври дигар гӯем, баҳр истилоҳест, ки бар вазнҳои гуногуни шеър ҳамбастагӣ дорад ва бештар дар илми арӯз мавриди истифода қарор мегирад. Яке аз шартҳои асосии каломи мавзун /шеър/ ин аст, ки ҳамаи мисраъҳо дар як шеър бояд вазни ягона дошта бошанд. Масалан, наметавон байте эҷод кард, ки мисраи якумаш дар баҳри Раҷаз бошаду мисраи дуюмаш дар баҳри Ҳазаҷ.

Тамоми баҳрҳои арӯзи арабу аҷам аз даҳ рукни солим ҳосил мешаванд. Дар асоси ин даҳ рукн 19 баҳр: Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комил ба вуҷуд омадааст. Шоире ҳамаи баҳрҳоро дар қитъаи зерин ҷой додааст:

Раҷаз, Хафифу Рамал, Мунсареҳ, дигар Муҷтасс,
Баситу Вофиру Комил, Ҳазаҷ, Тавилу Мадид.
Мушокилу Мутақориб, Сареъву Муқтазаб аст,
Музореъву Мутадорик, Қарибу низ Ҷадид.

Арӯзиёни араб ва форс-тоҷик барои осон шудани дарёфт ва дар хотир нигоҳ доштани баҳрҳо рукнҳои солими онҳоро дар дойираҳои Мухталифа, Мунфарида, Муштабаҳа, Муҷталаба, Мунъакиса, Мунғалата, Муштабаҳаи зоида, Муштабаҳаи музоҳафа, Муҷталабаи зоидаи музоҳафа, Муҷтамеъа, Муттафиқа, Мухталита, Мунтазиъа ҷой додаанд. Баъзе арӯзиёни форс-тоҷик, мисли Баҳромии Сарахсӣ ва Бузургмеҳри Қойинӣ дар асоси рукнҳои солими мафоъӣлун, фоъилотун, мустафъилун ва мафъӯлоту боз бисту як баҳри нав /Сарим, Кабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим, Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Маъкӯс, Муҳмал, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян ва Боъис/-ро аз дойираҳои Мунъакиса, Мунъалақа, Мунғалата берун овардаанд.

Баҳрҳо ба ду гурӯҳ: аслӣ /солим/ ва фаръӣ /ғайрисолим/ ҷудо мешаванд.

а/ Баҳрҳои аслӣ ё солим баҳрҳоеанд, ки рукни махсус доранд. Ҳазаҷ - рукни асосиаш - мафоъӣлун /v - - - /, Рамал - рукни асосиаш - фоъилотун / - v - - /, Раҷаз - рукни асосиаш - мустафъилун / - - v -/, Мутақориб - рукни асосиаш - фаъӯлун / v - - /, Мутадорик - рукни асосиаш - фоъилун / - v - /, Вофир - рукни асосиаш - мафоъилатун / v - v v - / ва Комил - рукни асосиаш - мутафоъилун / v v - v - / аз ҷумлаи баҳрҳои солиманд

Аз баҳрҳои аслӣ: Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик байни арӯзи арабу арӯзи форсӣ-тоҷикӣ муштарак буда, баҳрҳои Вофиру Комил ва Тавилу Мадиду Басит хоси арӯзи арабанд. Баъзе шоирони тоҷик барои санҷидани табъи шоирии хеш дар авзони ин панч баҳри хосси арабӣ шеър гуфтаанд. Баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз ва Мутақориб дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ хеле серистеъмоланд. Азбаски дар фаслҳои дигари ин китоб дар хусуси ҳар баҳр алоҳида сухан меронем, ҳоло бо ҳамин иқтифо менамоем.

б/ Баҳрҳои фаръӣ ё ғайриаслӣ баҳрҳоеанд, ки рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукнҳои солими баҳрҳои аслӣ ва зиҳофҳои онҳо ба вуҷуд меоянд. Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Тавил, Мадид, Басит аз ҷумлаи баҳрҳои фаръиянд. Аз ин баҳрҳо Тавил, Мадид, Басит хосси шеъри арабӣ, Қариб, Ҷадид, Мушокил хосси шеъри форсӣ-тоҷикӣ буда, баҳрҳои Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ ва Муқтазаб байни арӯзи арабу форсӣ-тоҷикӣ муштараканд. Ҳарчанд баҳрҳои Тавил, Мадид, Басит аз баҳрҳои шеъри арабианд, баъзе шоирони форс-тоҷик дар анвоъи мухталифи онҳо шеър гуфтаанд. Вобаста ба рукнҳои солим ва зиҳофҳои макфуфу махбуну матвӣ баҳрҳои фаръиро ба се силсила /гурӯҳ/ ҷудо кардаанд. Ба гурӯҳи /силсилаи/ якум баҳрҳои Қариб, Музореъ, Мушокил дохиланд, зеро дар рукнҳои солими онҳо - мафоъӣлун /v - - - / ва фоъилотун / - v - - / зиҳофи макфуф /мафоъӣлу / v - - v/ аз мафоъӣлун, фоъилоту / - v - v аз фоъилотун / мавҷуд аст. Баҳрҳои Ҷадиду Хафифу Муҷтасс баҳрҳои силсилаи дуюмро ташкил медиҳанд, зеро рукнҳои солими ҳар се баҳр - фоъилотун /- v - - / ва мустафъилун / - - v - / зиҳофи махбун / фаъилотун у v - - аз фоъилотун, мафоъилун v - v - аз мустафъилун/ доранд. Баҳрҳои гурӯҳи сеюм Сареъ, Мунсареҳ ва Муқтазаб буда, дар рукнҳои солими ҳар се баҳр - мустафъилун /- - v - / ва мафъӯлоту / - - - v/ зиҳофи матвӣ /муфтаъилун - v v - аз мустафъилун, фоъилоту - v - v аз мафъӯлоту/ мавҷуд аст. Баҳрҳои Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ ва Мунсареҳ серистеъмолтарин баҳрҳои фаръиянд.



## БАҲРИ ҲАЗАҶ ВА АНВОЪИ ОН

Ҳазаҷ нахустин баҳри дойираи аввали арӯзи форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Муаллифони тамоми рисолаҳои арӯзи арабию тоҷикӣ суханро аз ҳамин баҳр оғоз кардаанд. Маънии луғавии Ҳазаҷ овози хуш, суруд ва хушоянд буда, чун истилоҳ номи яке аз баҳрҳои аслии арӯз мебошад. Ин баҳрро барои он Ҳазаҷ меноманд, ки бештари шеърҳое, ки шоирони араб ва шоирони форс-тоҷик дар авзони он эҷод мекарданд, хушу дилкаш буданд. Вазнҳои ин баҳрро донишмандони араб - Халил ибни Аҳмад аз дойираи сеюми арӯзи арабӣ, яъне, аз дойираи Муҷталаба дар шакли мусаддаси солим /мафоъӣлун - шаш бор дар як байт/ ҷудо кардааст. Агар Ҳазаҷро дар арӯзи арабӣ аз дойира дар шакли мусаддаси солим берун оварда бошанд, дар арӯзи форсӣ -тоҷикӣ дар шакли мусаммани солим /мафоъӣлун - ҳашт бор дар як байт/ маъмул аст.

Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам» Ҳазаҷро дар дойираи Мӯъталифа дар шакли мусаммани солим, Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» мисли Халил ибни Аҳмад Ҳазаҷро дар дойираи Муҷталиба, вале дар шакли мусаммани солим, Алишер Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон», Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» онро дар дойираи Муъталифа, Сайфӣ дар асари худ «Арӯзи Сайфӣ» дар дойираи Муҷталиба, дар шакли мусаммани солим ҷой додаанду дар шаклҳои мусаддаси солиму мураббаъи солим имкони таълифи шеърро низ таъкид кардаанд. Рукни солими баҳри Ҳазаҷ мафоъӣлун /v - - - / буда, аз як ватади маҷмӯъ / v -/ ва ду сабаби хафиф / - - / иборат аст. Шаклҳои солими Ҳазаҷ аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешаванд, зеро ҳиҷоҳои дарози он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш зиёдтаранд. Ҳазаҷ серистеъмолтарин баҳри арӯзи тоҷикист ва шеърҳои дар ин вазн эҷодшуда оҳанги хушу фараҳбахш доранд. Аз рукнҳои солими Ҳазаҷ чор навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим, мураббаъи солим, мусаннои солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни солими Ҳазаҷ - мафоъӣлун /v - - - / ва зиҳофҳои абтар / фаъ -/, азал /л/ /фоъ ~/, ахраб /мафъӯлv - - v /, ахрам / мафъӯлун - - - /, ахрами мусаббағ /мафӯлон - - ~/, аштар /фоъилун - v - /, аштари мусаббағ /фоъилон - v ~/, аҳтам /фаъӯл v ~/, макфуф / мафоъӣлу v - - v /, мақсур /мафоъӣл v - ~/, маҳзуф /фаъӯлун v - - /, маҳзуфи мусаббағ / фаъӯлон v - ~/, маҷбуб /фаъал v - /, мусаббағ /мафоъӣлон v - - ~/, маханнақ /мафъӯлун - - - /, маханнақи мақсур /фаълон - ~/, мақбуз /мафоъилун v - v - /, ки дар натиҷаи каму

зиёд кардан ё тағйири мавқеъи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи он ҳосил мешавад, истифода мебаранд.

Баҳри Ҳазаҷ дар шеъри арабӣ хеле камистеъмол аст, ҳамагӣ ҳафт навъи он дар шакли мураббаъ мавҷуд асту бас. Аммо дар арӯзи тоҷикӣ Ҳазаҷ дар як вазъиятест, ки ба Ҳазаҷи арабӣ ба ҷуз рукни мафоъӣлун дигар ҳеҷ умумият надорад, яъне, имконоти баҳри Ҳазаҷ дар арӯзи тоҷикӣ бениҳоят фаровон ва зиёд аст, чунончи, тамоми шаклҳои мусамману мусаддаси солим ва навъҳои музоҳафи он - ҳама авзони хосси шеъри тоҷикӣ мебошанд. Зиёда аз 30 фоизи ашъори халқии шифоҳии тоҷикӣ дар авзони ин баҳр гуфта шудаанд. Дар хусуси авзони рубоӣ ҷои сухан нест, зеро аз ибтидо маълум буд, ки ин навъи шеърӣ бо вазну қофия ва мавзӯъоташ комилан падидаи мардуми аҷам аст. Касе аз донишмандони араб то ҳол даъвои арабӣ будани онро накардааст ва саъйе ҳам аз худ нишон надодааст, ки аз тору пуди он нахи арабӣ пайдо кунад. Ягона тамоси рубоӣ бо шеъри арабӣ низ аз он иборат аст, ки баъзе шоирони араб дар татаббуъи /пайравии/ шоирони форс-тоҷик ба забони арабӣ рубоӣ гуфтаанд. Вазни рубоӣ дар рисолаҳои арабӣ ҳамеша чун вазни берун аз баҳрҳои арӯзи арабӣ таҳлил мешавад. Аз омезиши рукни солим ва зиҳофҳои он дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъу мусанно 92 навъи он дар шеъри тоҷикӣ истифода мешавад. Ҳоло барои намуна барои ҳар як навъи маъмули баҳри Ҳазаҷ мисол меорем.

Ҳазаҷи мусаммани солим:

Агар дар вақти рафтан гуфт: Меоям. Макун бовар,
Ки ӯ ҷон асту ҷон чун меравад, дигар намеоянд.
/Хусрави Деҳлавӣ/

мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - - / v - - - / v - - - / v - - -
x x x

Ҳазаҷи мусаддаси солим:

Зи ғам хорӣ кашам дар ишқи он дилбар,
Ки он ғамхорӣ аз шодӣ бувад беҳтар.
/Ваҳиди Табрезӣ/

мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - - / v - - - / v - - -
x x x

Ҳазаҷи мураббаъи солим:

Гар аз ин шуъла метарсӣ,
Ки худ бар ҷонам афкандӣ,
Туро ҷон медиҳам аз ҷон,



Ба чашмони тарам боз ой.
/Лоҳутӣ/

мафоъӣлун / мафоъӣлун
v - - - / v - - -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраб:

Кай шеъри тар ангезад, хотир, ки ҳазин бошад,
Як нукта аз ин маънӣ гуфтему ҳамин бошад.
/Ҳофиз/

мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлун
- - v / v - - - / - - v / v - - -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мусаббағ:

Ҳон, ай дили ибратбин, аз дида назар кун, ҳон,
Айвони Мадоинро оинаи ибрат дон.
/Хоқонӣ/

мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлон
- - v- / v - - - / - - v / v - - ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани мақбуз:

Ҳамин замон зи хоки ман, зи хоки поки ин Ватан
Парида духтари Ватан, бигашт ахтари баланд.
/М.Қаноат/

мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун
v - v - / v - v - / v - v - / v - v -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани макфуфи мақсур:

Туро лаъли шакаррезу маро чашми гуҳарбор,
Туро ханда бувад хӯю маро гиря бувад кор.
/Ҷомӣ/

мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу мафоъӣл
v - - v / v - - v / v - - v / v - ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани аштар:

Вақтро ғанимат дон, он қадар, ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, ай ҷон, ин дам аст, то донӣ.
/Ҳофиз/

фоъилун/ мафоъӣлун/ фоъилун/ мафоъӣлун
- v - / v - - - / - v - / v - - -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Хоҳӣ, ки наорӣ ба суи хеш зиёнро,
Аз гуфтаи нохуб нигаҳ дор забонро.
/Носири Хусрав/

мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун
- - v / v - - v / v - - v / v - -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

Мо мардуми ин кишвари дар авҷу барорем,
Як зарра ҳам аз душмани худ тарс надорем.
/Шукӯҳӣ/

мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣл
- - v / v - - v / v - - v / v - ~
x x x

Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

Саҳаргоҳон, ки булбул дар наво шуд,
Гул аз шодӣ шукуфту ғунча во шуд.
/С.Айнӣ/

мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - - / v - - - / v - -
x x x

Ин навъи вазни баҳри Ҳазаҷ хеле маъмул буда, бештари достонҳои лирикию эпикӣ мисли «Вису Ромин»-и Фахруддини Гургонӣ, «Хусраву Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ, «Юсуфу Зулайхо»-и Абудрраҳмони Ҷомӣ, «Лайлию Маҷнун»-и Мулҳами Бухороӣ, «Юсуфу Зулайхо»-и Ҳозиқ ва ғайра дар ҳамин вазн навишта шудаанд.

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

Маҷнун чамани хазонрасида,
Лайлӣ сумани хазоннадида.
/Низомии Ганҷавӣ/

мафъӯлу/ мафоъилун/ фаъӯлун
- - v / v - v - / v - -
x x x

Достонҳои «Лайлию Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳотифӣ, Ҳилолӣ, маснавии «Туҳфат-ул-Ироқайн»-и Хоқонӣ ва ғайра дар ҳамин вазн эҷод гардидаанд.



Ҳазаҷи мусаммани мусаббағ:

Манам чун ғунча дар хуноба з-он гулбарги тар пинҳон,
Дилам садпораву ҳар пора дар хуни ҷигар пинҳон.
/Ҳилолӣ/

мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлон
v - - - / v - - - / v - - - / v - - ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани аштари мусаббағ:

Ай бародари ҷонӣ, кардаӣ маро хандон,
Лек дурият карда музтариб маро чандон.
/Пайрав/

фоъилун/ мафоъӣлун/ фоъилун/ мафоъӣлон
- v - / v - - - / - v - / v - - ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар:

Гардун ба саропардаи дил мемонад,
Маҳ бар рухи он меҳргусил мемонад.
мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлун/ фаъ
- - v / v - - v / v - - - / -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам:

Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале муй шикофт.
/Абӯалии Сино/

мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯл
- - v / v - - v / v - - v / v ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб:

Хубони ҷаҳон сайд тавон кард ба зар,
Хуш-хуш бар аз эшон битавон хурд ба зар.
/Ҳофиз/

мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъал
- - v / v - - v / v - - v / v
x x x

Ҳазаҷи мусаммани мақбузи маҳзуф:

Фурӯғи ҷоми бода ба дил-т нур дода,
Ягона шоҳ зода, туро чув пардадор.
/аз «ал-Муъҷам»/

мафоъилун/ фаъӯлун/ мафоъилун/ фаъӯлун
v - v - / v - - / v - v - / v - -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби маҳзуф:

Гирди гули сурх андар хатте бикашидӣ,

То халқи ҷаҳонро бификандӣ ба ҳалолуш.
/Рӯдакӣ/

мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ фаъӯлун
- - v / v - - - / - - v / v - -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани мақбузи мақсур:

Маро ғами ту, ай дӯст, зи хонумон баровард,
Маро фироқат, ай моҳ, зи молу ҷон баровард.
/аз «ал-Муъҷам»/

мафоъилун/ мафоъӣл/ мафоъилун/ мафоъӣл
v - v - / v - ~ / v - v - / v - ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани аштари маҳзуф:

Ай дилат ба сахтӣ баста санги хора
В-ай дилам зи шавқат гашта пора-пора.
/ аз «Ҷамъи мухтасар»/

фоъилун/ фаъӯлун/ фоъилун/ фаъӯлун
- v - / v - - / - v - / v - -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани мақбузи мусаббағ:

Тарӣ надорад, ай санам, ба равшанӣ чунин ҷабин,
Башар диҳад аз ин писар, ки беҳ бувад зи ҳури ин.
/Ваҳид/

мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун
v - v - / v - v - / v - v - / v - v -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуф:

Он сарви саҳӣ, ки бор хуршеди давон дорад,
Ҳамвора ситора аз ду чашм равон дорад.
/аз «ал-Муъҷам»/

мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлу/ мафоъӣлун
- - v / v - v - / v - - v / v - - -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани маҳзуф:



Назират дар накӯӣ басе нодида моҳе,
Заминро дар замонат бувад қадрею ҷоҳе.
/Ваҳиди Табрезӣ/

мафоъӣлун/ фаъӯлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - - / v - - / v - - - / v - -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи азал/л/:

Ҷое, ки гузаргаҳи дили маҳзун аст,
Он ҷо ду ҳазор найза боло хун аст.
/Рӯдакӣ/

мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлун/ фоъ
- - v / v - v - / v - - - / ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар:

Гар даст диҳад зи мағзи гандум ноне,
Аз май ду мане зи гӯсфанде роне,
Бо моҳрухе нишаста дар вайроне,
Айшест, вале на ҷаҳди ҳар султоне.
/Хайём/

мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлун/ фаъ
- - v / v - v - / v - - - / -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам:

Дилбар ба дилам басе ситам карду гурехт,
Ҷангиду маро асири ғам карду гурехт.
Парвона ғамам шуниду ларзон шуду сӯхт,
Оҳу рухи ман бидид, рам карду гурехт.
/Лоҳутӣ/

мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлу/ фаъӯл
- - v / v - v - / v - - v / y ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби аҳтам:

То булбули шайдо хонд аз шавқ суруд,
Аз токи баланд омад эъҷоз фуруд.
Паҳнои гулистонро гулгун бигирифт,
Бо боди сабо гӯянд аҳбоб дуруд.
мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ фаъӯл
- - v / v - - - / - - v / y ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби маҷбуб:
Моҳест, ки метобад аз бурҷи шараф,
Файзест, ки меояд аз чор тараф.
Лутфест, ки мехезад аз боғи тараб,
Бахтест, ки мерахшад чун дурри садаф.
мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ фаъал
- - v / v - - - / - - v / v -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби муханнаќи азал /л/:
Онон ки сухан аз фардо мегӯянд,
Имрӯз раҳи фирӯзӣ меҷӯянд.
Иқболи накӯ аз меҳнат меёбанд,
Эҷоди зафар аз ғайрат меҷӯянд.
мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлун/ фоъ
- - v / v - - - / - - - / ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби муханнаќи абтар:
Бар кӯҳу биёбон борон мебора,
Бар боғу хиёбон борон меборад.
Бар лолаи тобон борон меборад,
Ҳар ҷой шитобон борон меборад.
мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлун/ фаъ
- - v / v - - - / - - - / -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи азал /л/:
Аз ғамза туро тири бало пайкон ёфт
В-аз номи ту номаи ҷафо унвон ёфт.
Дар ту зи ҷафо ҳар чӣ фалак ҷуст, он ёфт,
Аз дасти ҳинобаста вафо натвон ёфт.
мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлун/ фоъ
- - v / v - - v / v - - - / ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари макфуфи маҷбуб:
Табъе дорам, мунаввар аз рӯи накӯ,
Килке дорам, муаттар аз мӯи накӯ.
Шеъре дорам, муанбар аз бӯи накӯ,
Шаҳде дорам, мутаҳҳар аз хӯи накӯ.
мафъӯлун/ фоъилун/ мафоъӣлу/ фаъал
- - - / - v - / v - - v / v -
x x x



Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари макфуфи аҳтам:
Ёре дорам, зи навбаҳорон хушу шод,
Лутфаш аз гул фузуну аз лола зиёд.
Оғӯш аз меҳр бар рухи ман бикушод,
Бар ҷонам нақши эътиборе биниҳод.
мафъӯлун/ фоъилун/ мафоъӣлу/ фаъӯл
- - - / - v - / v - - v / y ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнаќи ахраби маҷбуб:
Аз ишқат дар ҷонам нур асту сафо,
Аз лутфат дар табъам файз асту сахо.
Аз чашмат дар корам ҳавф асту раҷо,
Аз нозат дар ҳолам завқ асту сало.
маъфъӯлун/ мафъӯлун/ мафъӯлун/ фаъал
- - - / - - - / - - v / v -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнаќи азал /л/:
Моро ҳурмат чандон бар устод аст,
К-аз дарсаш моро хотирҳо шод аст,
Дилҳо аз дониш бисёр ободанд,
Моро худ модар донишҷӯ зодаст.
мафъӯлун/ мафъӯлун/ мафъӯлун/ фоъ
- - - / - - - / - - - / ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнаќи абтар:
Дилдор аз сахро бегоҳӣ омад,
Аз ҳолам ёбад огоҳӣ, омад,
Дар хилватгаҳ бе ӯ танҳо будам,
Шахсан бинмояд ҳамроҳӣ, омад.
мафъӯлун/ мафъӯлун/ мафъӯлун/ фаъ
- - - / - - - / - - - / -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнаќи ахраби аҳтам:
Шоир мехоҳад бахт аз рӯи нигор,
Сунбул меҷӯяд аз гесӯи нигор,
Худро меандозад дар кӯи нигор,
Мақсудаш меояд аз сӯи нигор.
мафъӯлун/ мафъӯлун/ мафъӯлу/ фаъӯл
- - - / - - - / - - v / y ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби абтар:
Шабҳо ҳастам банди хаёл, ай маҳрӯ,
Мушк афшонад бод маро аз гесӯ.
Мустаҳкам печонда фироқ аз ҳар сӯ,
Ҷонибам бо ваъда намудӣ ҷоду.
мафъӯлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлун/ фаъ
- - - / - - v / v - - - / -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби азал /л/:
Дидорат фархунда бувад, ай дилдор!
Чун мебинам, мекунадам омад кор.
Умре аз алтофи туам бархурдор,
Чун хуршедӣ, пош ба рӯям анвор!
мафъӯлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлун/ фоъ
- - - / - - v / v - - - / ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби макфуфи аҳтам:
Хурсандем аз меҳнати ғолиб ҳама умр,
Мамнунем аз даври муносиб ҳама умр.
Менозем аз бахти мусоҳиб ҳама умр,
Меболем аз қисмати ҷозиб ҳама умр.
мафъӯлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлу/ фаъӯл
- - - / - - v / v - - v / y ~
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби макфуфи маҷбуб:
Бо шодӣ ҳар субҳ ба саҳро биравам,
Дар суҳбат бо дилбари раъно биравам,
Пардозам бо завқ ба тавсифи рухаш,
Аз наздикаш бо сари боло биравам.
мафъӯлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлу/ фаъал
- - - / - - v / v - - v / v -
x x x

Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари абтар:
Бозам ташрифи ӯ муяссар гардад,
Чашмам аз ҷилвааш мунаввар гардад,
Табъам аз гесӯят муаттар гардад,
Корам боравнақу баробар гардад.
мафъӯлун, фоъилун/ мафоъӣлун/ фаъ
- - - / - v - / v - - - / -
x x x



Ҳазаҷи мусаммани макфуфи маҳзуф:
Маро ишқ дуто кард ба ҳангоми ҷавонӣ,
Чаро боз напурсӣ ту зи ҳолам, чу надонӣ.
мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун
v - - v / v - - v / v - - v / v - -
x x x

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф:
Ай дарди ту ороми дили ман,
Ай номи ту илҳоми дили ман.
/Лоҳутӣ/

мафъӯлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун
- - v / v - - v / v - -

Ҳазаҷи мусаддаси мақсур:
Ту мехоҳӣ бидонӣ ёри ман кист?
Киро дил додаам, дилдори ман кист?
/Ҳабиб Юсуфӣ/

мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣл
v - - - / v - - - / v - ~
x x x

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мусаббағ:
Теҳрон. Бари шоҳ. Ринде афсункор,
Якчанд тан аз маҳорими дарбор.
/Лоҳутӣ/

мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлон
- - v / v - v - / v - - ~
x x x

Ҳазаҷи мусаддаси макфуфи мақсур:
Буто, хезу биёр он майи хушбӯй,
Ки ҳамранг бувад бо гули худрӯй.
/Сайфӣ/

мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣл
v - - v / v - - v / v - ~
x x x

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур:
Ҳусни ту ҳамеша дар фузун бод,
Рӯят ҳамасола лолагун бод.
/Ҳофиз/

мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣл
- - v / v - v - / v - ~

x x x

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбуз:

Ай хоҷа, ҷаҳон бас ҳиял дорад
В-аз гадр ҳаме ба ҷодуе мемонад.

/Носири Хусрав/

мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлун
- - v / v - v - / v - - -

x x x

Ҳазаҷи мусаддаси ахраб:

Ай аз мижаи ту рахна дар ҷонҳо,
Ай дарди ту кимиёи дармонҳо.

/Сайфӣ/

мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун
- - v / v - - - / v - - -

x x x

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи мақсур:

Дилдори ман он турки паризод,
Кас нест ба хубӣ ба ҷаҳон ёд.

/аз «Меъёр-ул-ашъор»/

мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣл
- - v / v - - v / v - ~

x x x

Ҳазаҷи мусаддаси абтар:

Саёҳат дар чаман дорам ман,
Саёҳат дар даман дорам ман.

/Фарҳат/

мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъ
v - - - / v - - - / -

x x x

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи азал/л/:

Сунбул лаби ҷӯй рустаст,
Рухсора дар об шустаст.

/Мақсуди Гулчин/

мафъӯлу/ мафоъилун/ фоъ
- - v / v - v - / ~

x x x

Ҳазаҷи мураббаъи мақсур:

Садои ҷӯйборон
Ҳавои сабзазорон.

/Фарҳат/



мафоъӣлун/ мафоъӣл
v - - - / v - ~

x x x

Ҳазаҷи мураббаъи мақбуз:

Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Манам ба ту тани ба тан.
Касам агар, каси туам,
Хасам агар, хаси туам.

/Бозор Собир/

мафоъилун/ мафоъилун
v - v - / v - v -

x x x

Ҳазаҷи мураббаъи ахраби маҳзуф:

Ай ёри гиромӣ,
Охир, ту куҷоӣ?

/аз «Меъёр-ул-ашъор»/

мафъӯлу/ фаъӯлун
- - v / v - -

x x x

Ҳазаҷи мураббаъи аштари маҳзуф:

Дина чӯ давон буд,
Ғайраташ калон буд.

/Фарҳат/

фоъилун/ фаъӯлун
-v - / v - -

x x x

Ҳазаҷи мураббаъи ахраб:

Аз бом бирав, ай мох,
Меҳр омадааст аз дар.
Таҳдид макун, ай дард,
Дармон чу бувад дар бар.

/Лоҳутӣ/

мафъӯлу/ мафоъӣлун
- - v / v - - -

x x x

Ҳазаҷи мураббаъи макфуфи маҳзуф:

Чаро боз наоӣ,
Азобам чӣ намоӣ?

/аз «Меъёр-ул-ашъор»/

мафоъӣлу/ фаъӯлун
v - - v / v - -

Ҳазаҷи мусаннои мақбуз:

Кабӯтарам,
Бипар, бипар.
Паёми сулҳ
Бибар, бибар.
/Мақсуди Гулчин/

мафоъилун
v - v –

## БАҲРИ РАМАЛ ВА НАВЪҲОИ ОН

Рамал яке аз баҳрҳои аслии арӯзи арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ буда, маънои луғавиаш бурё бофтан ва бошитоб давидани шутур аст. Баъзе донишмандон дар ин ақидаанд, ки Рамал як навъи суруд аст, ки дар аркони ин вазн эҷод карда мешавад, аз ин рӯ, ин вазнро Рамал номидаанд. Гӯё оҳанги Рамалро сароянда ва навозандаи форс-тоҷик - Иброҳими Мавсилӣ /743 - 805/ эҷод кардааст. Авзони ин баҳрро донишманди араб - Халил ибни Аҳмад аз дойираи сеюми арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Муҷталаба дар шакли мусаддаси солим /фоъилотун - шаш бор дар як байт/ ҷудо кардааст. Рамалро дар арӯзи арабӣ аз дойира дар шакли мусаддаси солим берун оварда бошанд ҳам, дар арӯзи форсӣ-тоҷикӣ дар шакли мусамман /фоъилотун - ҳашт бор дар як байт/ маъмул аст. Донишмандони арӯзи тоҷикӣ Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам» Рамалро дар дойираи Муъталифа дар шакли мусамман, Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» Рамалро мисли Халил ибни Аҳмад дар дойираи Муҷталаба, аммо дар шакли мусаммани солим, Вахиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» Рамалро дар дойираи Муъталифа, Сайфии Бухороӣ дар «Арӯзи Сайфӣ» Рамалро дар дойираи Муҷталаба дар шакли мусаммани солим ҷой додаанду дар шаклҳои мусаддаси солим ва мураббаъи солим имкони навиштани шеърро низ таъкид намудаанд. Ҳамин тариқ, рукни солими Рамал - фоъилотун / - v - - / буда, аз як сабаби хафифу /-/ як ватади маҷмӯъю /v -/ боз як сабаби хафиф /-/ иборат аст. Шаклҳои солими Рамал аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешавад, зеро ҳиҷоҳои дарози он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш бештаранд. Шеърҳои дар вазнҳои гуногуни ин баҳр навишташуда бошитобу босуръат хонда мешаванд. Аз рукнҳои солими Рамал чор навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим, мураббаъи солим ва мусаннои солим ба



вуҷуд меоянд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни солим – фоъилотун /- v - - / ва зиҳофҳои аслам /фаълун - - /, аслами мусаббағ /фаълон - ~/, макфуф / фоъилотv - v - v /, махбун /фаъилотун v v - - /, махбуни мақсур /фаъилон/ v v ~/, махбуни маҳзуф / фаъилун у v - /, мувассаъ /фоъилийётун - v - - - /, махбуни мувассаъ /фаъилийётун у v - - -/, марбӯъ /фаъул v - /, марбӯъи мусаббағ /фаъӯл v ~/, машкул /фаъилоту v v - v /, мақсур /фоъилон - v ~/, маҳзуф /фоъилун / - v - /, маҷҳуф /фаъ -/, маҷҳуфи мусаббағ /фоъ ~/, музаффо /фоъилийётон - v - - ~ /, мусаббағ /фоъилийён - v - ~/, мушаъъас /мафъӯлун - - - /, ки дар натиҷаи каму зиёд кардан ё тағйири мавқеъи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи он ҳосил мешаванд, истифода мебаранд. Рамал яке аз серистеъмолтарин баҳрҳои арӯзи тоҷикӣ буда, аз омезиши рукни солим ва зиҳофҳои он дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъу мусанно 62 навъи он сохта мешаванд. Ҳоло барои намуна дар анвоъи маъмули Рамал мисолҳо оварда мешавад.

Рамали мусаммани солим:

Зиндагонӣ нест душманро ба мулки хеш дидан,
Бояд аз тан ҷони ман ё аз Ватан душман барояд.
/Лоҳутӣ/

фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун
- v - - / - v - - / - v - - / - v - -
x x x

Рамали мусаддси солим:

Ҳамчу ахтарпора тобон аст шабнам,
Гӯшвори қатраборон аст шабнам.
/Гулчин/

фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун
v - - / - v - - / - v - -
x x x

Рамали мураббаъи солим:

Дил бари мо гашта рақсон,
Каф бикӯбед, ай ҳарифон!
/Лоҳутӣ/

фоъилотун/ фоъилотун
v - - / - v - -
x x x

Рамали мусаннои солим:

Ай кабӯтар!
Бол бикшо.

Дар фазо пар,
Сайр бинмо.
/Фарҳат/
фоъилотун/
- v - -
x x x

Рамали мусаммани маҳзуф:
Ту азизи ҳусни хешӣ, ман залили ишқи ту,
Подшоҳи ишқ гардонад азизонро залил.
/Адиб Собири Тирмизӣ/
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун
- v - - / - v - - / - v - - / - v -
x x x

Рамали мусаммани мақсур:
Рав, писарҷонам, зи душман рӯ магардон, барнагард!
То нагардад қотил аз теғи ту ғалтон, барнагард.
/Лоҳутӣ/
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилон
- v - - / - v - - / - v - - / - v ~
x x x

Рамали мусаммани махбуни аслам:
Равнақи аҳди шабоб аст дигар бустонро,
Мерасад муждаи гул булбули хушалҳонро.
/Ҳофиз/
фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаълун
- v - - / v v - - / v v - - / - -
x x x

Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ:
Лола дар саҳрои дил аз оташи ҳиҷрон сӯхт,
Лоласори хушнаво аз нолаву афғон сӯхт.
/Гулчин/
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фаълон
- v - - / - v - - / - v - - / - ~
x x x

Рамали мусаммани махбуни маҳзуф:
Нигаҳи масти ту хуни дили аҳбоб хурад,
Теғи бедоди ту аз дасти аҷал об хурад.
/Саййидо/
фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилун
v v - - / v v - - / v v - - / v v -



x x x

Рамали мусаммани машкули мусаббағ:
Чӣ сабаб, ки турки мастам бари мо надида бигзашт,
Нанишасту нолаи мо даме ношунида бигзашт,
/Ҳочӣ/
фаъилоту/ фоъилотун/ фаъилоту/ фоъилийён
v v - v / - v - - / v v - v / - v - - ~
x x x

Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ:
Ёр дар сурати дил ранги ҳақиқатро дид,
Назари лутфаш агар буд дусад, сесад кард.
/Лоҳутӣ/
фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаълон
- v - - / v v - - / v v - - / - - ~
x x x

Рамали мусаммани махбуни мақсур:
Сина аз оташи дил дар ғами ҷонона бисӯхт,
Оташе буд дар ин хона, ки кошона бисӯхт.
/Ҳофиз/
фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилон
- v - - / v v - - / v v - - / v v ~
x x x

Рамали мусаммани махбуни маҷҳуф (ҳашви якуми мисраи дуюм- мушаъас):
Рост кун торому ороста кун гулшан,
Тоза кун ҷонҳо, ҷоно, ба маи равшан.
/Масъуди Саъди Салмон/
фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаъ
- v - - / v v - - / v v - - / -
x x x

Рамали мусаммани мушаъасси махбуни маҷҳуф:
Гар ҳама неъмат якрӯза ба мо бахшад,
Наниҳад миннат бар мову пазирад ҳан.
/Рӯдакӣ/
фоъилотун/ мафъӯлун/ фаъилотун/ фаъ
- v - - / - - - / v v - - / -
x x x

Рамали мусаммани махбуни марбӯъ:

Бути ман гар ба сазо ҳурмати ман донаде,
На маро гаҳ кунаде хору гаҳе ронаде.
/аз «ал-Муъҷам»/
фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаъул
v v - - / v v - - / v v - - / v -
x x x

Рамали мусаммани махбун:
На бар уштуре саворам, на чу хар дар зери борам,
На худованди раъият, на ғуломи шаҳрёрам.
/Саъдӣ/
фаъилотун/ фоъилотун/ фаъилотун/ фоъилотун
v v - - / v - - - / v v - - / v - - -
x x x

Рамали мусаммани машкул:
Ба мулозимони султон кӣ расонад ин дуъоро,
Ки ба шукри подшоҳӣ зи назар марон гадоро?!
/Ҳофиз/
фаъилоту/ фоъилотун/ фаъилоту/ фоъилотун
v v - v / - v - - / v v - v / - v - -
x x x

Рамали мусаммани махбуни мушаъъас:
Чӣ кунам, ҳар чӣ кунам, бо ту намедорад судам,
Ба ҷуз он ҳила надонам, ки зи ишқат бигурезам.
/Насируддини Тӯсӣ/
фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ мафъӯлун
v v - - / v v - - / v v - - / - - -
x x x

Рамали мусаммани мушаъъаси аслами мусаббағ:
Сарв аст он ё боло? Моҳ аст он ё рӯй?
Зулф аст он ё чавгон? Хол аст он ё гӯй?
/Рӯдакӣ/
мафъӯлун/ мафъӯлун/ мафъӯлун/ фаълон
- - - / - - - / - - - / - ~
x x x

Рамали мусаддаси маҳзуф:
Ҷони ширин, ин қадар чангам макун,
Ин қадар беҳуда дилтангам макун.
/Мирзо Турсунзода/
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун



v - - / v - - / v -
x x x

Маснавиҳои «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор, «Саломон ва Абсол»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ низ дар вазни Рамали мусаммани маҳзуф /ё мақсур/ суруда шудаанд.

Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф:
Чӣ диҳам, то ки бувад лоиқи ту,
Чӣ кунам, то ки шавӣ шод аз ӯ?
/Қутби Киром/
фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилун
v v - - / v v - - / v v -

Достонҳои «Субҳат-ул-аброр»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва «Нуҳ сипехр»-и Хусрави Деҳлавӣ ва ғайра низ дар вазни Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф /ё мақсур/ таълиф ёфтаанд:

Рамали мусаддаси мақсур:
Ҳар чӣ ӯ аз моли дунё дошт, дод,
Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод.
/ Бозор Собир/
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилон
- v - - / - v - - / - v ~
x x x

Рамали мусаддаси махбуни машкули мусаббағ /садр-солим/:
Ай санам, низ замонаке вафо дор,
Магузар тез чунин бар аспи раҳвор.
/Рӯдакӣ/
фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилийён
v v - - / v v - v / - v - ~
x x x

Рамали мусаддаси музаффо:
Зинҳор, ай дилбаранда, туркаки ман, зуд
Бода пеш овар, ки ғамро бода донам суд.
/ Масъуди Саъди Салмон/
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилийётон
- v - - / - v - - / - v - - ~
x x x

Рамали мусаммани махбун:
Шакаратро шуда гарчи сипаҳи мӯр мураттаб,
Магасе низ нахоҳам, ки кунад соя бар он лаб.

фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун
/аз «Ғиёс-ул-луғот»/
v v - - / v v - / v v - - / v v - -

Баъзеҳо дар як байт шонздаҳ бор зиҳофи махбунро ҷой додаанд.

Мисолаш:
Рангу рухсору дури гӯшу хату ҳадду қаду оразу холу
лабат, ай сарви парирӯи суманбар,
Шафақу кавкабу шому саҳару малвию гулзору биҳишт
Асту ҳилолу тарафи чашмаи Кавсар.
/Исмат/

фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/
фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун
v v - - / v v - - / v v - - / v v - - / v v - - / v v - - / v v - - /v v - -
x x x

Рамали мусаддаси махбуни мувассаъ:
Ай ситамгар фалак, ай хоҳари аҳриман,
Чун нагӯӣ, ки чӣ афтода туро бо ман?
/Носири Хусрав/

фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилийётун
- v - - / v v - - / v v - - -
x x x

Рамали мусаддаси махбуни аслам:
Дилбари гулрухи боодобам,
Ман чи созам, ки дилатро ёбам?
/Шукӯҳӣ/

фоъилотун/ фаъилотун/ фаълун
- v - - / v v - - / - -
x x x

Рамали мусаддаси махбуни мақсур:
Муҳташамзодае аз нахвати чоҳ,
Мехиромид зарифона ба роҳ.
/Ҷомӣ/

фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилон
- v - - / v v - - / v v ~
x x x



Рамали мусаддаси асламу мусаббағ:
Сина бори тану дил сарбон аст,
Достони ману дил бисёр аст.
/Лоҳутӣ/

фоъилотун/ фаъилотун/ фаълон
- v - - / v v - - / - ~
x x x

Рамали мусаддаси марбӯъи мусаббағ:
Рӯди Варзоб ояд аз кӯҳсор,
Шохаҳояш беадад, чун чинор.
/Фарҳат/

фоъилотун/ фоъилотун/ фаъӯл
- v - - / - v - - / v ~
x x x

Рамали мусаддаси аслам:
Буд андар деҳи мо як марде,
Марди бодониши оламгарде.
/Лоҳутӣ/

фоъилотун/ фоъилотун/ фаълун
- v - - / - v - - / - -
x x x

Рамали мураббаъи махбуни маҳзуф:
Чеҳра хуршед намуд,
Ҳусни гулзор фузуд.
/Фарҳат/

фоъилотун/фаъилон
- v - - / v v
x x x

Рамали мураббаъи маҳзуф:
Духтари нодон будам,
Бандаи боён будам,
Дар фаранчӣ пайваста,
Баста дар зиндон будам.
/Лоҳутӣ/

фоъилотун/ фоъилун
- v - - / - v -
x x x

Рамали мураббаъи махбун:
Чу маро дарди ту бошад,
Дигар аз айш чӣ бояд?
/ аз «Арӯзи Ҳумоюн»/

фаъилотун/ фаъилотун
v v - - / v v - -
x x x

Рамали мурабbаъи машкули мақсур:
Падарам ба боғ рафт,
Хушу бодимоғ рафт.
/Фарҳат/
фаъилоту/ фаъилон
v v - v / - v ~
x x x

Рамали мураббаъи машкули маҳзуф:
Равад аз барам ба дур,
Диҳад ин тарона шӯр.
Ба лабони шаккарин,
«Мана гиру қанд хӯр!»
/Ҳайрат/
фаъилоту / фоъилун
v v - v / - v -
x x x

Рамали мураббаъи мушаъъаси мусаббағ:
Мулки бепоён дорем,
Халқи олӣшон дорем.
/Фарҳат/
фоъилотун/ мафъӯлон
- v - - / - - ~
x x x

Рамали мураббаъи махбуни мақсур:
Гули ғайрат, гули кор,
Гули шодӣ, гули нор.
/Лоҳутӣ/
фаъилотун/ фаъилон
v v - - / vv ~
x x x

Рамали мураббаъи макфуфи мушаъъас:
Аз миёни саҳроҳо
Бигзарам саҳаргоҳон,
Зуд мешавад пайдо
Офтоби тобистон.



/Фарҳат/
фоъилоту/ мафъӯлун
- v - v / - - -
x x x

Рамали мураббаъи мувассаъ:
Ман туро, ай бут, харидорам,
Гар ту моро нохаридорӣ.
/аз «ал-Муъҷам»/
фоъилотун/ фоъилийётун
- v - - / - v - - -
x x x

Рамали мусаннои мавассаъ:
Кишвари зебо,
Хонаи умед.
/Фарҳат/
фоъилийётун
- v - - -

## БАҲРИ РАҶАЗ ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Раҷаз изтироб, суръат ва шитоб аст ва ба маънии истилоҳӣ номи яке аз баҳрҳои аслии арӯзро гӯянд. Сабаби Раҷаз номидани ин баҳр он аст, ки бештари шеърҳое, ки арабҳо дар маърака ва ҷангҳо дар васфи мардонагӣ ва шуҷоати қавму қабилаҳои худ мехонданд, дар авзони ин баҳр навишта шудаанд. Мувофиқи гуфтаҳои Сайфӣ ва Муҳаммад Ғиёсуддин Раҷаз аз калимаи раҷз буда, шутуреро гӯянд, ки ҳангоми роҳ рафтан ларзад ва чун ҳаракат кунад, бозистад.

Азбаски ҳангоми хондани шеърҳои дар ин вазн навишташуда овоз мутарибу бошитоб ва ҳаракат тезутунд мешаванд, онро Раҷаз номидаанд. Авзони ин баҳрро Халил ибни Аҳмад аз дойираи арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Муҷталаба дар шакли мусаддаси солим ҷудо кардааст. Агар баҳри Раҷаз дар арӯзи арабӣ дар дойира дар шакли мусаддас ҷой гирифта бошад, дар арӯзи тоҷикӣ дар шакли мусамман /мустафъилун - ҳашт бор дар як байт/ маъмул аст. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам» Раҷазро дар дойираи Муъталифа, дар шакли мусаммани солим, Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» мисли Халил ибни Аҳмад Раҷазро дар дойираи Муҷталаба, аммо дар шакли мусаммани солим, Алишер Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон», Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар»

Раҷазро дар дойираи Муъталифа, Сайфӣ дар асари худ «Арӯзи Сайфӣ» онро дар дойираи Муҷталаба, дар шакли мусаммани солим ҷой додаанду дар шаклҳои мусаддаси солим ва мураббаъи солим имкони навиштани шеърро низ қайд кардаанд. Хулоса, рукни асосии Раҷаз мустафъилун буда, аз ду сабаби хафиф / - - / ва як ватади маҷмӯъ / v - / иборат аст. Шаклҳои солими Раҷаз аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешаванд, зеро ҳиҷоҳои дарози он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш бештаранд. Шеърҳое, ки дар навъҳои гуногуни Раҷаз навишта мешаванд, бештар оҳанги изтиробӣ доранд. Дар адабиёти классикии форс-тоҷик ва адабиёти муосири тоҷик мазмун ва мундариҷаи шеърҳои ба вазни Раҷаз навишташуда дигар ва дойираи истифодаи он васеътар гардидааст. Аксарияти шеърҳои бачагона дар ин баҳр навишта шудаанд.

Аз рукнҳои солими Раҷаз чор навъи он : мусаммани солим, мусаддаси солим, мураббаъи солим ва мусаннои солим ба вуҷуд меоянд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни солим мустафъилун /- - v - / ва зиҳофҳои: махбун /мафоъилун v - v - /, махбуни музол /мафоъилон v - v ~/, махбуни мураффал /мафоъилотун v - v - - /, матвӣ / муфтаъилун - v v - /, матвии музол /муфтаъилон - v v ~/, матвии мураффал /мураффали матвӣ /муфтаъилотун - v v - - /, махбул /фаъилатун v v /, махбули музол /фаъилатон v v v ~/, мақтӯъ /мафъӯлун - - - /, мақтӯъи махбун /фаъӯлон v - - /, мақтӯъи мусаббағ /мафъӯлон - - ~/, маҳзуз /фаълун - - /, маҳзузи маҳзуф /фаъ -/, музол /мустафъилон - - v ~/, мураффал / мустафъилотун - - v - - /, мутаввал /мустафъилотон - - v - ~/, марфӯъ /фоъилун - v - /, марфӯъи музол /фоъилон - v ~/, мухаллаъ /мақтӯъи махбун/ / фаъӯлун v - - /, ки дар натиҷаи каму зиёд кардан ё тағйири ҷои ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи он ҳосил мешавад, истифода мебаранд.

Раҷаз аз ҷумлаи баҳрҳои нисбатан серистеъмоли арӯзи форсӣ-тоҷикӣ буда, дар натиҷаи омезиши рукни солим - мустафъилун /- - v - / ва зиҳофҳои он дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъю мусанно 50 навъи он ба вуҷуд меояд. Ҳоло барои ҳар як навъи маъмулу мустаъмали баҳри Раҷаз аз ашъори шоирон мисол меоварем.

Раҷази мусаммани солим:

Дерест, к-аз зулфи сияҳ савдо ба сар дорӣ маро,
Ҳар рӯз аз рӯзи дигар ошуфтатар дорӣ маро.
/Айнӣ/

мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мусьтафъилун



- - v - / - - v - / - - v - / - - v -
x x x

Раҷази мусаддаси солим:

Соқӣ, баҳор омад, манеҳ соғар зи каф,
Мутриб, шуда овардани ҳангоми даф.
/Ҳайрат/

мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун
- - v - / - - v - / - - v -

Баъзе шоирон дар як байт сию ду рукни солими баҳри Раҷаз - мустафъилунро ҷой додаанд. Мисолаш:

З-он сарвқадди симбар, к-аз ишқи ӯ гаштам самар, бо коми хушку чашми тар, ташналабу хастаҷигар, барканда ҷон, афканда сар, карда зи ғам зеру забар, дунёву дину ҷону тан,
Ояд ба чашмам ҳар нафас олам зи ишқаш чун қафас, бе ӯ, маро фарёдрас, танҳо хаёли ӯст, бас, то чанд бошам чун ҷарас, бе ӯ хурӯшон аз ҳавас, ҳаргиз мабод аҳволи кас дар ишқ чун аҳволи ман.
/Абдулвосеъи Ҷабалӣ/

мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун
мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун
мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун
мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун
- - v - / - - v - / - v - / - - v -
- - v - / - - v - / - - v - / - - v -
- - v - / - - v - / - - v - / - - v -
- - v - / - - v - / - v - / - - v -
x x x

Раҷази мураббаъи солим:

Дилро бибин, дилро бибин!
Дар кӯи ҷонон омада.
Сар вожгун, тан ғарқи хун,
Афтону хезон омада.
/Лоҳутӣ/

мустафъилун/ мустафъилун
- - v - / - - v
x x x

Рачази мусанной солим:
Ман аз кучо
Ёбам туро?
То гӯям аз
Аҳду вафо.
/Мирзо Турсунзода/
мустафъилун
- - v -
x x x

Рачази мусаммани музол /зарб - солим/:
Оғӯши моро охир ин овоз аз ҳам боз кард,
Шабро гурезонду туро бинмуд бо вай ҳамсафар.
/Лоҳутӣ/
мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилон
- - v - / - - v - / - - v - / - - v~
x x x

Рачази мусаммани матвӣ:
Мешукуфад гул ба чаманҳо зи насими саҳарӣ,
Ваҳ, чи шавад, гар нафасе паҳлуи мо бода х/а/арӣ.
/Сайфӣ/
муфтаъилун/ муфтаъилун/ муфтаъилун/ муфтаъилун
- v v - / - v v - / - v v - / - v v -
x x x

Рачази мусаммани матвии махбун:
Толеъ агар мадад кунад, доманаш оварам ба каф
В-ар бикашам, зиҳӣ тараб в-ар бикушад, зиҳӣ шараф.
/Ҳофиз/
муфтаъилун/ мафоъилун/ муфтаъилун/ мафоъилун
- v v - / - v - v - / - v v - / v - v -
x x x

Рачази мусаммани махбуни матвӣ:
Фиғонкунон ҳар саҳаре ба кӯи ту мегузарам,
Чу нест раҳ сӯи туам, ба бому дар менигарам.
/Ҷомӣ/
мафоъилун/ муфтаъилун/ мафоъилун/ муфтаъилун
v - v - / - v v - / v - v - / - v v -



x x x

Рачази мусаммани махбун:
Ду дида дорам, аз сиришк ғарқа гашта, ай санам!
Вале аз оташи дилам бимонда хушк ҳар ду лаб.
/ аз «Меъёр-ул-ашъор»/
мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун
v - v - / v - v - / v - v - / v - v -
x x x

Рачази мусаммани махбуни мураффал:
Канори гулшан зи лола равшан, насими форам бувад муаттар,
Бунафша хандон, шалола гирён, ҳаво мусаффо, замин мунаввар.
/Улфат/
мафоъилотун/ мафоъилотун/ мафоъилотун/ мафоъилотун
v - v - - / v - v - - / v - v - - / v - v - -
x x x

Рачази мусаманни мураффали мақсури маҳзузи маҳзуф:

Шуд об чу галфаҳшанг бари домони шалола,
К-он буд булӯрин қандили тобон дар сари хора.
Ҷӯбори мусаффо шуст дигар доғ аз дили лола,
Дар рӯи гулу сабза дуру марҷон рехт зи шора.
/Максуди Гулчин/
мустафъилатун /мустафъилатун/ мустафъилатун/ фаъ
- - v v - / - - v v - / - - v v - / -

Рачази мусаммани маҳзузи маҳзуф:
Аз тоби мӯяш дар парешонӣ шудам ман,
Дар пеши рӯяш бандаи фонӣ шудам ман. /Лоҳутӣ/
мустафъилун /мустафъилун/ мустафъилун/ фаъ
- - v- /- - v- / - - v- /-

Рачази мусаммани мухаллаъ /мақтӯъи махбун/:

Сад шукри он замона, кас зори кас набошад,
Аммо ба рӯи ёрон гаҳ зор кард моро.
/Саидалӣ Маъмур/
мустафъилун / фаъӯлун/ мустафъилун/ фаъӯлун
- - v- / v - - / - - v - / v - -

Рачази мусаммани матвии махбуни мақтӯъ

Сарв нахонамат, ки ӯ нест бад-ин раъноӣ,
Моҳ нагӯямат, ки маҳ нест бад-ин зебоӣ. /Ҷомӣ/
муфтаъилун / мафоъилун/ муфтаъилун/ мафъӯлун
- v v - / v – v - / - v v - / - - -

Раҷази мусаммани мураффал:

Зи рӯят аз Фирдавс боғе в-аз сунбулат бар гул ниқобе,
Ҳар лаҳзае з-он печутобе дар ҳалқи ҷони ман танобе.
/Ҳоҷӣ/
мустафъилун /мустафъилотун /мустафъилун/ мустафъилотун
- - v - / - - v - - / - - v - / - - v - -

Раҷази мусаддаси матвӣ

Нест маро ҷуз ту нигоре дигаре,
Менакунӣ, ҳеҷ нигорам, назаре. /Сайфӣ/
муфтаъилун / муфтаъилун/ муфтаъилун
- v v - / - v v - / - v v -

Раҷази мусаддаси махбун:

Кунун ки гардад аз баҳор хуш ҳаво,
Фузун шавад ба ҳар дил андарун ҳаво. /Ҷомӣ/
мафоъилун / мафоиълун/ мафоъилун
v – v - / v – v - / v – v -

Раҷази мусаддаси мақтӯъ:

Ошиқ шудам бар дилбаре, айёре,
Шаккарлабе, симинбаре, хунхоре. /аз «ал-Муъҷам»/
мустафъилун / мустафъилун / мафъӯлун
- - v - / - - v - / - - -

Раҷази мусаддаси матвии махбуни музол:

Ҳарчанд бар ман зи ғамат қиёмат аст,
Ошиқ шудан ҷуз ба ту бар ғаромат аст.
/аз «ал-Муъҷам»/



мустафъилун / муфтаъилун / мафоъилон
- - v - / - v v - / v – v ~

Раҷази мусаддаси матвии марфӯъи музол:

Дӯш набурдаст маро ҳеч хоб,
Хуфтани ушшоқ набошад савоб.
/аз «ал-Муъҷам»/
муфтаъилун / муфтаъилун/ фоъилон
- v v - / - v v - / - v ~

Раҷази мусаддаси мураффал:

То ин саодат қисмати заҳматкашон шуд,
Зан ҳам озоду мустақил мисли мардон шуд.
/Лоҳутӣ/
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилотун
- - v - / - - v - / - - v - -

Раҷази мусаддаси матвии мақтӯъ:

Ин дили ман хаст ба дард арзонӣ,
То накунад бори дигар нодонӣ. /аз «ал-Муъҷам»/
муфтаъилун / муфтаъилун/ мафъӯлун
- v v - / - v v - / - - -

Раҷази мусаддаси матвии махбун:

Бар мани хастаҷон макун чунин ситам,
К-ин дилам аз паи ту шуд чунин ба ғам
/аз «ал-Муъҷам»/
муфтаъилун / муфтаъилун / мафоъилун
- v v - / - v v - / v – v -

Раҷази мураббаъи мураффал:

Имшаб ба хона он маҳ даромад,
Чандон нишастам, он маҳ баромад. /Мушфиқӣ/
мустафъилотун / мустафъилотун
- - v - - / - - v - -

Рачази мураббаъи музол:

Ай олами номусу ном,
Гирем аз ин дузд интиқом. /Лоҳутӣ/
мустафъилун / мустафъилон
- - v - / - - v ~

Рачази мураббаъи мураффал:

Бе ту маро зинда набинанд,
Ман зарраам, ту офтобӣ. /аз «ал-Муъчам»/
мустафъилун/ мустафъилотун
- - v - / - - v - -

Рачази мураббаъи мураффали мутаввали матвӣ:

То ки ҷаҳонро лайлу наҳор аст,
Рӯзи бадандеш шоми сияҳ бод.
муфтаъилотун / муфтаъилотон
- v v – - / - v v – ~

Рачази мураббаъи мақтӯъ:

Ман хонаму дил рақсад,
Базми ману дилро бин. /Лоҳутӣ/
мустафъилун / мафъӯлун
- - v - / - - -

Рачази мураббаъи марфӯъ:

Аз меҳри поки Ватан
Равшан дилу ҷону тан. /Фарҳат/
мустафъилун / фоъилун
- - v - / - v -

Рачази мусаннои мураффал:

Ман меҳр бастам
Бар деҳаи худ.
З-овони тифлӣ
Маҳбуби ман шуд. /И.Муқаддас/



мустафъилотун
- - v - -

Рачази мусаннои музол:

Аз навбаҳор
Дар рӯзгор
Нашъунамо
Зебад ба мо. /Фарҳат/
мустафъилон
- - v ~

Рачази мусаннои мутаввал:

Дар Тоҷикистон
Як деҳае ҳаст.
Ҷону дили ман
Бо ӯст пайваст. /И.Муқаддас/
мустафъилотон
- - v - ~

## БАҲРИ МУТАҚОРИБ ВА АНВОЪИ ОН

Мутақориб калимаи арабист, маънии луғавиаш наздикшаванда, ба ҳам наздик ва баробар буда, чун истилоҳ номи яке аз баҳрҳои аслии арӯзи арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Ин баҳрро барои он Мутақориб меноманд, ки ҷузвҳои ватад ва сабабаш ба ҳам наздиканд. Баъзе арӯзиён /Сайфӣ/ Мутақориб номидани ин баҳрро аз он медонанд, ки ватадҳояш ба якдигар қарибанд, яъне, дар миёни ҳар ду ватад / v – / як сабаби хафиф / - / мавҷуд аст. Ин баҳрро Халил ибни Аҳмад аз дойираи панҷуми арӯзи арабӣ, яъне, аз дойираи Мунфарида дар шакли мусаммани солим ҷудо кардааст. Рукни солими Мутақориб – фаъӯлун / v - -/ аз як ватади маҷмӯъ /v - / ва як сабаби хафиф / - / иборат аст. Мутақориб дар байни арӯзиён бо номи Муттасиқ /тартибёфта, фароҳам омада/ низ дучор мешавад. Аз авзони он шоирони арабу аҷам баробар истифода кардаанд. Аз рукни солими Мутақориб се навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни солим – фаъӯлун /v - - / ва зиҳофҳои мақсур – фаъӯл / v~/, маҳзуф-фаъул /v-/, мақбуз – фаъӯлу /v – v /, аслам -фаълун / - - /,

асламӣ мусаббағ-фаълон / - ~/, асрам-фаълу / - v /, абтар-фаъ / - /, мусаббағ – фаъӯлон /v - ~ /, ки дар натиҷаи каму зиёд кардани миқдори ҳиҷову ҳарфҳо ё дигар шудани мавқеъи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи рукни асосӣ ба вуҷуд меоянд, истифода мебаранд. Аз омезиши рукни аслии Мутақориб ва зиҳофҳояш дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъ 17 навъи он сохта мешавад. Дар байни анвоъи Мутақориб-Мутақорибӣ мусаммани маҳзуф ё мақсур / фаъӯлун / фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъал ё фаъӯл/ хеле машҳур аст. Достонҳои қаҳрамонӣ ва ахлоқию дидактикӣ мисли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ, «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Зафарномаи Темурӣ»- Мавлоно Ҳотифӣ ва ғ. дар ҳамин вазн навишта шудаанд.

Ҳоло барои ҳар як навъи баҳри Мутақориб мисоле меорем.

Мутақорибӣ мусаммани солим:

Дилам бе ҷамолат сафое надорад,
Чу бегонае, к-ошное надорад. /Ҳофиз/
фаъӯлун / фаъӯлун/ фаъӯлун / фаъӯлун
v - - / v - - / v - - / v - -

Мутақорибӣ мусаддаси солим:

Зи дарди ҷудоӣ чунонам,
Ки аз зиндагонӣ ба ҷонам. /Сайфӣ/
фаъӯлун / фаъӯлун/ фаъӯлун
v - - / v - - / v - -

Мутақорибӣ мураббаъи солим:

Бигӯ, ҷӯи тозон
Куҷоӣ шитобон? /Фарҳат/
фаъӯлун / фаъӯлун
v - - / v - -

Мутақорибӣ мусаммани маҳзуф:

Падармурдаро соя бар сар фикан,
Ғубораш бияфшону хораш бикан. (Саъдӣ)
фаъӯлун /фаъӯлун / фаъӯлун / фаъал
v - - / v - - / v - - / v –

Мутақорибӣ мусаммани мақсур:

Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор. /Фирдавсӣ/
фаъӯлун / фаъӯлун/ фаъӯлун / фаул
v - - / v - - / v - - / v ~



Яке аз шоирони эронӣ – Маҳдӣ Ахавони Солис дар мавриди навъи баҳри Мутақорибӣ мусаммани маҳзуф ё мақсур, ки Фирдавсии бузург «Шоҳнома»-ро дар ҳамин вазн иншо кардааст, менависад: «Фирдавсӣ барои баёни ҳамосию раҷазии пурҳаяҷони худ баҳри Мутақорибро баргузидааст, зеро музике, ки ин вазн дорад, матолибе, ки Фирдавсӣ дар он гунҷонда, мехӯрад ва мезебад. Шумо ҳангоме ки абёте бо ривоят ва дикламаи саҳеҳу устувор аз ин гуна мешунавед:

Чу фардо бароял баланд офтоб,
Ману гурзу майдону Афросиёб.

Кӣ гуфтат, бирав, дасти Рустам биганд?
Набандад маро даст чархи баланд.

Агар чархи гарданда ахтар кашад,
Зи ҳар ахтаре лашкаре баркашад.

Ба гурзи гарон бишканам лашкараш,
Пароканда созам ба ҳар кишвараш,

аз ҳолати сустию касолат берун меоед... Ин таъсир /гузашта аз мавзӯъи сухан ва баёни фасеҳу муҳайяҷе, ки шеърҳо доранд/ то ҳадди зиёде марҳуни вазн аст. Ва агар ҳамин матолиб, масалан, дар вазни «Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад», гуфта шуда буд, ҳаргиз ин таъсирро надошт:

«Чунки фардо сар бародад офтоб,
Ин ману в-ин гурзу ин Афросиёб.
Ҳон, кӣ гуфтат дасти Рустамро бибанд?
Менабандад дасти ман чархи баланд!
Гар ки ин гардандачарх ахтар кашад,
Низ агар ҳар ахтаре лашкар кашад,
Бишканам бо гурзи рӯин лашкаркаш,
Пас кунам парканда дар ҳар кишвараш».

Мутақорибӣ мусаммани мақбузи аслам:

Гули баҳорӣ, бути таторӣ
Набид дорӣ, чаро наорӣ? /Рӯдакӣ/
фаъӯлу / фаълун / фаъӯлу / фаълун

v – v / - -  / v v / - -

Мутақориби мусаммани асрами мақсур:

Ай шаби зулфат ғолиясой
В-ай маҳи рӯят  ғолияпӯш.  /Ҷомӣ/
фаълу / фаъӯлун / фаълу / фаъӯл
- v / v - -  / - v / v ~

Баъзе шоирон Мутақориби мусаммани мақбузи асламро дар шонздаҳ рукн дар як байт ҷой дода, шеър эҷод кардаанд. Масалан:

Зиҳӣ ду чашмат ба хуни мардум кушода тиру кашида ханҷар,
Рухи чу моҳат сабоҳи давлат, хати сиёҳат шаби муанбар.
/Исмати Бухороӣ/

фаъӯлу / фаълун / фаъӯлу / фаълун / фаъӯлу/ фаълун/ фаъӯлу/ фаълун
v – v / - - / v – v / - - / v – v / - - / v –v / - -

Мутақориби мусаммани асламӣ абтар:

Деҳқон ғайрат меорад,
Тухмиҳоро мекорад.  /Фарҳат/
фаълун / фаълун / фаълун / фаъ
- -  / - -  / - -  / -

Мутақориби мусаммани аслами мақсур:

Ёри суманбар диламро бибурд,
Бас дар анову надомат супурд.  /аз «ал-Муъҷам»/
фаълун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯл
- - / v - - / v -  - /v ~

Мутақориби мусаммани абтар:

Маро бо нигорам сухан бошад,
Ниҳонӣ суханҳои чун шаккар.  /аз «ал-Муъҷам»/
фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун /фаъ



v - - / v - - / v - - /  -

Мутақориби мусаддаси маҳзуф:

Раҳи рӯзгори Ватан,
Ба авҷу барори Ватан.  /Фарҳат/
фаъӯлун / фаъӯлун / фаъал
v - -  / v - -  / v -

## БАҲРИ МУТАДОРИК ВА АНВОЪИ ОН

«Мутадорик» калимаи арабист, маънии луғавиаш дарёфтан, дарак додан, пайвастан аст, дар илми арӯз номи яке аз баҳрҳои аслиро гӯянд. Ин баҳр дар дойираи арӯзе, ки Халил ибни Аҳмад ихтироъ карда буд, вуҷуд надошт, онро баъдтар забоншинос ва арӯздон Абулҳасан Ахфаши Балхӣ (ваф. 833/ аз дойираи Муттафиқа дар шакли мусаммани солим /фоъилун – ҳашт бор дар як байт/ берун овард. Сабаби Мутадорик ном гирифтани ин баҳр ҳам аз ҳамин ҷост, яъне, рукни онро баъдтар дарёфтаанд. Рукни солими Мутадорик фоъилун / –v- / аз як сабаби хафиф / - / ва як ватади маҷмӯъ /v - / иборат аст. Мутадорик дар байни арӯзиён бо номҳои ракзулхайл /бо суръат/, савтуннокус /садои зангӯла/ ва гариб /нодир/ низ дучор мешавад. Аз рукни солими Мутадорик чор навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим, мураббаъи солим ва мусанноси солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни солим – фоъилун / - v - / ва зиҳофҳои махбун – фаъилун /v v - /, мақтӯъ – фаълун / - - /, махбуни мақтӯъ /мухаллаъ/ - фаъул /v - /, музол-фоъилон / - v ~/, аҳаз / маҳзуз/ - фаъ / - / , аҳаззи мақсур – фоъ / ~ /, махбуни музол-фаъилон /v v ~ /, ки дар натиҷаи каму зиёд намудани миқдори ҳиҷову ҳарфҳо ё дигар шудани мавқеъи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ҳосил мегарданд, истифода мебаранд. Аз омезиши рукни солим ва зиҳофҳояш дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъю мусанно 18 навъи Мутадорик сохта мешаванд. Ба қавли муаллифи «Арӯзи Ҳумоюн», дар вазнҳои солими ин баҳр на дар арабу на дар аҷам касе қасидае нагуфтааст, аммо ҳар кас ба тариқи имтиҳон абёте чанд сурудааст. Хушбахтона, дар адабиёти муосири тоҷик ба шеърҳое дучор меоем, ки дар вазнҳои солими Мутадорик эҷод шудаанд.

Соли 1918 устод Садриддин Айнӣ шеъри «Марши Ҳуррият»-ро навишт, ки аз ҷиҳати вазн хеле нодир ҳисоб мешуд. Абёти ин шеър дар баҳри Мутадорики мусаммани аҳаз ё аҳаззи мақсур /фоъилун/

фоъилун / фоъилун/ фаъ ё фоъ / буд. Баъдтар, соли 1922 шоири эронӣ, яке аз асосгузорони «арӯзи озод» - Нимо Юшич достони «Афсона»-и хешро айнан дар вазни «Марши Ҳуррият» иншо кард. Ҳоло барои анвоъи маъмули бахри Мутадорик мисолҳо меорем.

Мутадорики мусаммани солим:

Шуд хазон рушди мо, шуд камон пушти мо,
Хуни дил мечакад аз сарангушти мо. /Лоҳутӣ/
фоъилун / фоъилун/ фоъилун/ фоъилун
- v - / - v - / - v - / - v -

Мутадорики мусаммани музол:

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, босмачӣ шуд хароб. /Айнӣ/
фоъилун / фоъилун / фоъилун / фоъилон
- v - / - v - / - v - / - v ~

Мутадорики мусаддаси солим:

Ёр дилро садо мекунад,
Дили моро раҳо мекунад. /Лоҳутӣ/
фоъилун / фоъилун/ фоъилун
- v - / - v - / - v -

Мутадорики мураббаъи солим:

Пахта афзун шавад,
Халқ мамнун шавад.
Ҷои кору зафар
Дашту ҳомун шавад. /Фарҳат/
фоъилун / фоъилун
- v - / - v -

Мутадорики мусаннои солим:

Бӯи себ,
Бӯи нок,
Рӯи раҳ,
Зери ток.
Бӯи хор,
Бӯи сир
Мерасад
Аз адир /Юсуф Аҳмадзода/
фоъилон
- v ~

Мутадорики мусаммани махбун:

Чу рухат набувад гули боғи Ирам,
Чу қадат набувад қади сарви чаман.



/Салмони Савоҷӣ/
фаъилун / фаъилун / фаъилун / фаъилун
v v - / v v - / v v - / v v –

Мутадорики мусаммани аҳаззи мақсур:

Ай ситамдидагон, ай асирон,
Вақти озодии мо расид. /Айнӣ/
фоъилун / фоъилун / фоъилун / фоъ
- v - / - v - / - v - / ~

Мутадорики мусаммани мақтӯъ:

То кай моро дар ғам дорӣ?
То кай орӣ бар мо хорӣ? /Ҷомӣ/
фаълун / фаълун / фаълун / фаълун
- - / - - / - - / - -

Баъзе шоирон шакли мусаммани махбуни Мутадорикро дар шонздаҳ рукн / дар як байт/ ҷой дода, шеър эҷод кардаанд. Мисолаш:

Маю нағма мусаллами ҳавсалае, ки қадаҳкаши гардиши сар нашавад,
Биҳил аст сабуксарӣ он қадарат, ки димоғи ҷунунзада тар нашавад.
/Бедил /
фаъилун / фаъилун / фаъилун / фаъилун / фаъилун / фаъилун / фаъилун / фаъилун
v v - / v v - / v v - / v v - / v v - / v v - / v v - / v v –

Мутадорики мусаммани махбуни мақтӯъ:

Сунбули сияҳ бар суман мазан,
Лашкари ҳабаш бар хутан мазан. /Ҷомӣ/
фоъилун / фаъул / фоъилун / фаъул
- v - / у - / - v - / v -

Мутадорики мусаддаси махбуни музол:

Боди Наврӯз боз вазид,
Муждаи гул зи боғ расид. /Фарҳат/
фоъилун / фоъилун / фаъилон
- v - / - v - / v v ~

Мутадорики мусаддаси мақтӯъ:

Ҷоно, дар дил кардам,
К-аз меҳрат баргардам. /аз «ал-Муъҷам»/
фаълун / фаълун / фаълун
- - / - - / - -

Мутадорики мураббаъи мақтӯъ:

Мо дар хондан
Кӯшиш дорем. /Фарҳат/
фаълун / фаълун
- - / - -

Мутадорики мусаммани махбуни мақтӯъ

Шаби танҳоӣ дили ман хун шуд,
Дили ман хун шуд шаби танҳоӣ. /Айнӣ/
фаъилун / фаълун / фаъилун/ фаълун
v v - / - - / v v - / - -

Мутадорики мураббаъи мақтӯъ:

Дасти оҳангар
Пуршарар бошад.
Дар ҳама майдон
Пурзафар бошад. /Лоҳутӣ/
фоъилун / фаълун
- v - / - -

Мутадорики мусаммани махбуни мақтӯъ /мухаллаъ/:

Кори ту ҳар қадар сахттар шавад,
Роҳи ту ҳар қадар пурхатар шавад. /Лоҳутӣ/
фоъилун / фоъилун / фоъилун / фаъул
- v - / - v - / - v - / v -

Мутадорики мусаддаси махбун:

Дили ман ба даѓо бибарӣ,
Чи даѓову даѓал ба сарӣ. /Аз «ал-Муъҷам»/



фаъилун / фаъилун/ фаъилун
v v - / v v - / v v –

Мутадорики мусаннои мақтӯъ:

Хониш,
Дониш,
Гуфтанд
Бар мо.
Хонем,
Донем
Илми
Дунё. /Максуди Гулчин/
фаълун
- -

## БАҲРҲОИ ФАРЪӢ. БАҲРИ ҚАРИБ ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Қариб наздик аст, аммо ба маънии истилоҳӣ номи яке аз баҳрҳои фаръиро гӯянд. Қариб мисли баҳрҳои Мушокилу Ҷадид фақат ба шеъри форсӣ-тоҷикӣ хос буда, дар байни авзони дойираҳои арӯзе, ки Халил ибни Аҳмад ихтироъ карда буд, вуҷуд надошт. Рукнҳои солими онро баъдтар шоир ва арӯздони форс-тоҷик Юсуфи Арӯзӣ /а.11/ аз дойираи Мунтазиъа берун овард. Ин баҳрро барои он Қариб номидаанд, ки рукнҳои солими он ба баҳрҳои Музореъ ва Ҳазаҷ наздикӣ дорад. Сабаби ин қаробат ва наздикӣ дар он аст, ки дар рукнҳои ҳар се баҳр /Ҳазаҷ, Музореъ ва Қариб/ ватад нисбат ба сабаб муқаддамтар мебошад. Қариб рукни махсус надорад. Рукнҳои солими он: мафоъӣлун / v - - -/, мафоъӣлун /v - - -/, фоъилотун /- v - - / буда, онро аз ҷузви ватади маҷмӯъи /v - / рукни якуми дойираи чоруми арабӣ, яъне, аз дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддас / мафоъӣлун/ / мафоъӣлун/ фоъилотун v - - -/ v - - - / - v - - - / ҷудо кардан мумкин аст. Рукнҳои солими ин баҳр аз дойираи Муштабаҳаи арабӣ берун оянд ҳам, дар байни шоирони араб тамоман шуҳрат надорад. Арӯзиёни форс-тоҷик Қарибро дар дойираи сеюми арӯзи форсӣ-тоҷикӣ, яъне, дар дойираи Мунтазиъа дар шакли мусаддаси макфуф /мафоъӣлу / мафоъӣлу / фоъилоту / v - - v/, v - - v/ - v – v/ ҷой додаанд. Рукнҳои якуму дуюми солими Қариб – мафоъӣлун /v - - - / аз як ватади маҷмӯъ / v - / ва ду сабаби хафиф / - - / иборат аст. Аз рукнҳои солими

Қариб фақат як навъи он – мусаддаси солим ба вучуд меояд. Шоирони форс-тоҷик дар шакли солими он шеър хеле кам сурудаанд. Барои сохтани дигар навъҳои баҳри Қариб аз рукни мафоъӣлун / v - - -/, зиҳофҳои макфуф – мафоъӣлу / v - - v/, мақбуз – мафоъилун /v – v -/, ахраб – мафъӯлу / - - v/, ахрам – мафъӯлун / - - - / ва аз рукни фаъи-ло-тун / - v - - / зиҳофҳои мақсур-фоъилон / - v ~ /, маҳзуф – фоъилун / - v - /,мусаббағ-фоъилийён / - v - ~ /, маслух-фоъ / ~ /-ро истифода мебаранд. Аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шакли мусаддас 15 навъи баҳри Қариб дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ дида мешавад. Ҳоло барои анвоъи мустаъмали он мисолҳо меорем.

Қариби мусаддаси солим:

Даҳонат чун дилам танг омад, нигоро,
Валек он пурдур аст, ин пурдарду андӯҳ.
/Ваҳиди Табрезӣ/
мафоъӣлун / мафоъӣлун / фоъилотун
v - - - -/ v - - - / - v - -

Қариби мусаддаси макфуфи мақсур:

Фиғон з-он сари зулфайни тобдор,
Фурӯ ҳишта зи ёқути обдор. /аз «ал-Муъчам»/
мафоъӣлу /мафоъӣлу/ фоъилон
v - - v / v - - v/ - v ~

Қариби мусаддаси ахраби макфуфи маслух:

Айёми зимистон хуш аст,
Ваҳ-ваҳ, яхи гечон хуш аст. /Фарҳат/
мафъӯлу / мафоъӣлу / фоъ
- - v / v - - v / ~

Қариби мусаддаси ахраби макфуфи мусаббағ:

Дом аст чаҳон бар ту, ай писар, дом,
З-ин дом надорад хабар даду дом. /Носири Хусрав/
мафъӯлу / мафоъӣлу/ фоъилийён
- - v / v - - v / - v - ~

Қариби мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф:

Бо банда, буто, хира бад шудӣ,
Кас роҳ нанамудам, х /в/ад шудӣ.
/аз «ал-Муъчам»/
мафъӯлу / мафоъӣлу/ фоъилун
- - v / v - - v / - v -

Қариби мусаддаси ахраби макфуф:

Аз илм сипар кун бар ҳаводис,



Аз илм қавитар сипар набошад.
Ҳар к-ӯ сипари илм пеш гирад,
Аз захми ҷаҳонаш зарар набошад. /Носири Хусрав/
мафъӯлу / мафоъӣлу / фоъилотун
- - v / v - - v / - v - -

Қариби мусаддаси ахрами ахраб:

Боз омад ёрам ба шодкомӣ,
Кай бошам шод, ар кунун набошам? /аз «ал-Муъчам»/
мафъӯлун / мафъӯлу / фоъи-ло-тун
- - - / - - v / - v - -

Қариби мусаддаси махбуни маҳзуф /арӯз-махбун/:

Ман аз фироқи он санам ба фиғонам,
Ҳамеша бо диле ҳазинам зи ғам.
/аз «ал-Муъчам»/
мафоъӣлун / мафоъилун / фоъилун
v - - - / v - v - / - v –

## БАҲРИ МУЗОРЕЪ ВА АНВОЪИ ОН

Музореъ лафзи арабист, маънии луғавиаш монанд ва мушобеҳ буда, чун истилоҳ номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯзи арабӣ ва форсӣ-тоҷикиро гӯянд. Ин баҳрро барои он Музореъ меноманд, ки ба баҳри Мунсареҳ шабоҳат дорад, яъне рукнҳои дуюми ин ҳар ду баҳр дорои ватади макрун / - v/ мебошанд. Агар дар рукнҳои дуюми Музореъ, ки фоъи-ло-тун / - v - - / аст, чузви якуми он «фоъи» / - v / ватади макрун бошад, дар рукни дуюми Мунсареҳ – мафъӯлоту / - - - v/ ватади макрун / - v / «лоту» ду ҳиҷои охири онро ташкил додааст. Ба ақидаи Халил Ибни Аҳмад, ин баҳрро барои он Музореъ меноманд, ки ба баҳри Ҳазаҷ монанд аст. Сабаби ин монандӣ дар он аст, ки дар рукнҳои ҳар ду баҳр ватад нисбат ба сабаб муқаддамтар мебошад. Музореъ рукни махсус надорад. Рукнҳои солими Музореъ мафоъӣлун / v - - - /, фоъилотун / - v - - /, мафоъӣлун /v - - - /, фоъилотун / v - - - / буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви ватади маҷмӯъи рукни дуюми дойираи чоруми арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддас/мафоъӣлун/фоъилотун/ мафоъӣлунv - - - / - v - - / v - - - / ҷудо кардааст. Рукни якуми Музореъ – мафоъӣлун / v - - - / аз як ватади маҷмӯъ / v - / ва ду сабаби хафиф / - -/, рукни дуюми он фоъи-ло-тун /- v - - / аз як ватади макрун / - v/ ва ду сабаби хафиф / - - / иборат аст. Шаклҳои солими Музореъ аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб

мешаванд, зеро дар онҳо ҳиҷои дароз нисбат ба ҳиҷои кўтоҳ бештаранд. Ҳарчанд Музореъро дар арўзи арабӣ аз дойира дар шакли мусаддас берун овардаанд, дар арўзи тоҷикӣ дар шакли мусаммани /мафоъӣлун/ фоъилотун/ мафоъӣлун/ фоъилотун/ маъмул аст. Аз рукнҳои солими Музореъ се навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меоянд. Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ – мафоъӣлун зиҳофҳои макфуф /мафоъӣлу v - - v /, ахрам / мафъӯлун - - - /, ахраб /мафъӯлу - - v/, абтар /фаъ -, маҳзуф /фаъӯлун v - - /, муханнақ /мафъӯлун - - - /, мақсур /мафоъӣл v - ~/ ва аз рукни фоъилотун / - v - -/ зиҳофҳои макфуф /фоъилоту – v – v /, мусаббағ /фоъилийён – v - ~/, маслух /фоъ ~/, матмус /фаъ -/-ро истифода мебаранд. Музореъ аз ҷумлаи баҳрҳои серистеъмоли арўзи тоҷикӣ буда, аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъ 30 навъи он дар эҷоди шоирон дида мешаванд. Шаклҳои солими он кам маъмуланд. Ҳоло барои анвоъи мустаъмали баҳри Музореъ аз ашъори шоирон мисолҳо меорем:

Музореъи мусаммани солим:

Ба сунбул чун мар суманро бипўшонидӣ, накўӣ,
Биафзудӣ, ай машаъуз, зи кӣ омўхтӣ накўӣ?
мафоъӣлун / фоъилотун / мафоъӣлун / фоъилотун
v - - - / - v - - / v - - - / - v - -

Музореъи мусаддаси солим:

Ба гетӣ – дар аз мусулмону аз кофир
Набинад кас чун Сулаймон ибни Носир.
/аз «ал-Муъҷам»/
мафоъӣлун / фоъилотун / мафоъӣлун
v - - - / - v - - / v - - -

Музореъи мураббаъи солим:

Бинокорӣ касби некў,
Бағоят мақбулу дилҷў. /Фарҳат/
мафоъӣлун / фоъилотун
v - - - / - v - -

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:



Соқӣ, ба нури бода барафрўз ҷоми мо,
Мутриб, бигў, ки кори ҷаҳон шуд ба коми мо. /Ҳофиз/
мафъӯлу /фоъилоту/ мафоъӣлу / фоъилун
- - v / - v – v/ v - - v / - v -

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

Покон ситам зи ҷаври фалак бештар кашанд,
Гандум чу пок гашт, хўрад захми осиёб.
мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилон
- - v / - v – v/ v - - v / - v ~

Музореъи мусаммани ахраб:

Ҷон бе ҷамоли ҷонон майли ҷаҳон надорад,
Ҳар кас, ки ин надорад, ҳаққо, ки он надорад. /Ҳофиз/
мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилотун
- - v / - v - - / - - v / - v - -

Музореъи мусаммани ахраби мусаббаи:

Хубон ҳама худоянд ушон худойгон аст,
Мар некбахтиямро бар рўи ў нишон аст. /Рўдакӣ/
мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилийён
- - v / - v - - / - - v / - v - ~

Музореъи мусаммани ахраби маҳзуф:

Ай орзуи ҷонам, ҷонами фидои ту,
Боз о, ки ҷон фишонам бар хоки пои ту. /Ҷомӣ/
мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилун
- - v / - v - - / - - v/ - v -

Музореъи мусаммани махбуни мақсур:

Ба сони он хамми зулф, ба сони минқори боз,
Ба ҳаққи он рўи хуб, к-аз ў гирифта бароз. /Рўдакӣ/
мафоъилун / фоъилон / мафоъилун/ фоъилон
v – v - / - v ~ / v – v - / - v ~

Музореъи мусаммани ахраби аштари матмус:

Имрўз кард ёрам қасди лашкар,
То гашт ҷонам аз дардаш ба озар. /аз «ал-Муъҷам»/
мафъӯлу / фоъилотун / фоъилун / фаъ
- - v / - v - - / - v - / -

Музореъи мусаммани макфуфи маҳзуф /зарб-мақсур/:

Чу соғар ба каф ниҳад, салои тараб диҳад,

Дили бедилон раҳад зи андӯҳи рӯзгор. /Ҷомӣ/
мафоъӣлу / фоъилун / мафоъӣлу / фоъилун
- - v / - v - / v - - v/ - v –

Музореъи мусаммани мақбуз:

Ба чашмат, ай рӯшноӣ, ки бе ту бас беқарорам,
Ба ҷонат, ай зиндагонӣ, ки бе ту ҷон месупорам.
/Шарафуддини Исфаҳонӣ/
мафоъилун / фоъилотун / мафоъилун / фоъилотун
v - v - / - v - - / v - v - / - v - -

Музореъи мусаммани ахраби макфуф:

Фарёди ман зи ишқи паричеҳраи суманбар,
К-аз ишқ умр бурду наёмад шабе ба бар-дар.
/аз «Меъёр-ул-ашъор»/
мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилотун
- - v / - v – v / v - - v / - v - -

Музореъи мусаддаси макшуфи матмус:

Дил аз ёри бевафо бикаш,
Бувад ёри бевафо на х/ваш. /аз «ал-Муъҷам»/
мафоъӣлу / фоъилоту/ фаъ
v - - v/ - v - v /

Музореъи мусаммани макфуфи мақсур:

Хушам мавсими баҳор, ки бар тарфи ҷӯйбор,
Ниҳад ёри гильузор ба каф ҷоми хушгувор. /Ҷомӣ/
мафоъӣлу /фоъилон/ мафоъӣлу / фоъилон
v - - v / - v ~ / v - - v / - v ~

Музореъи мусаддаси макфуфи маҳзуф:

Хушо ҷилваи ҷамоли ту дидан,
Хушо меваи висоли ту чашидан. /Ҷомӣ/
мафоъӣлу / фоъилоту / фаъӯлун
v - - v / - v – v/ v - -



Музореъи мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф:

Ай хуни ман гирифта ба гардан,
То чанд аз ин муҷодала кардан? /Ҷомӣ/
мафъӯлу /фоъилоту / фаъӯлун
- - v / - v – v/ v - -

Музореъи мусаддаси макфуфи мақсур:

Наёмезад, ай нигори парирӯй,
Шакарлафзи лолачеҳри суманбӯй. /Ҷомӣ/
мафоъӣлу / фоъилоту / фоъилон
v - - v / - v - v / - v ~

Музореъи мураббаъи макфуф:

Чӣ кардам, буто, нагӯӣ,
Ки бар ман чунин бикунӣ. /аз «Меъёр-ул-ашъор»/
мафоъӣлу / фоъилотун
v - - v / - v - -

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи матмус:

Он хубрӯй дилбари бедодгар,
К-андар ғамон-ш сӯхта гаштам ҷигар.
/аз «ал-Муъҷам»/
мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фаъ
- - v / - v – v / v - - v /

Музореъи мураббаъи макфуфи мақсур:

Маро кушт беҳадид,
Сиёҳчашми Бӯсаид. /аз «ал-Муъҷам»/
мафоъӣлу / фоъилон
v - - v / - v ~

Музореъи мураббаъи ахраб:
Хӯгири ҷони ман буд
Тифли бародари ман.

Ҳар чо ки буда бошам,
Ӯ буд дар бари ман. /Зиё Абдулло/
мафъӯлу / фоъилотун
- - v / - v - -

## БАҲРИ МУШОКИЛ ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Мушокил монанд ва ҳамшакл аст, аммо дар илми арӯз номи яке аз баҳрҳои фаръист. Ин баҳрро арӯзиёни форс-тоҷик ихтироъ намудаанд. Сабаби Мушокил номидани ин баҳр дар он аст, ки рукнҳои солимаш /фоъилотун/ мафоъӣлун / мафоъӣлун / бо рукнҳои солими баҳри Қариб / мафоъӣлун / мафоъӣлун / фоъилотун / монанданд. Фарқ дар он аст, ки дар Мушокил рукни фоъилотун / - v - - / пеш аз ду рукни мафоъӣлун / v - - - / ва дар баҳри Қариб фоъилотун баъди ду мафоъӣлун / v - - - / ҷой гирифтааст. Мушокил чун ҳамаи баҳрҳои фаръӣ рукни махсус надорад ва аз омезиши рукнҳои солими фоъилотун, мафоъӣлун / мафоъӣлун шакли мусаддаси он сохта мешавад. Ҳарчанд Мушокилро аз дойираи Муштабаҳаи арабӣ дар шакли мусаддаси солим берун овардан мумкин буд, аммо ин корро арӯзиёни араб накарданд ва ин баҳр дар байни шоирони араб маълум нест. Арӯзиёни форс – тоҷик аркони Мушокилро дар дойираи сеюм, яъне дар дойираи Мунтазиъа, дар шакли мусаддаси макфуф /фоъилоту / мафоъӣлу / мафоъӣлу - v – v / v - - v / v - - v / ҷой додаанд. Рукни аввали солими Мушокил - фоъилотун / - v - - / аз як ватади мақруну / - v/ ду сабаби хафиф / - - /, рукнҳои дуюму сеюм – мафоъӣлун / v - - - / аз як ватади маҷмӯъу / v - / ду сабаби хафиф / - - / иборат аст. Аз рукнҳои солими Мушокил ду навъи он: мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Баъзе шоирон аз омехтаи зиҳофоти рукнҳои фоъилотун ва мафоъӣлун шакли мусаммани онро эҷод кардаанд. Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ-мафоъӣлун / v - - - / зиҳофҳои макфуф- мафоъӣлу / v - - /, мақсур-мафоъӣл / v - ~ / ва маҳзуф-фаъӯлун / v - - /-ро истифода мебаранд. Ҳарчанд Мушокил аз баҳрҳои эҷодкардаи арӯзиёни Аҷам аст, шоирони форс-тоҷик дар ин баҳр хеле кам шеър гуфтаанд. Шоирони муосири тоҷик низ дар навъҳои баҳри Мушокил хеле кам шеър сурудаанд. Ҳоло барои анвоъи маъмули он мисолҳои шеърӣ меорем.

Мушокили мусаддаси солим:

Дар азобам аз он рӯзе, ки дур астӣ,
Дар ҳаётам ба чашми ман ту нур астӣ.



фоъилотун / мафоъӣлун/ мафоъӣлун
- v - - / v - - -/ v - - -

Мушокили мураббаъи солим:

Мулки шуҳратфизо дорам,
Даври беинтиҳо дорам. /Фарҳат/
фоъилотун/ мафоъӣлун
- v - - / v - - -

Мушокили мусаддаси махбуни мақбуз:

Ба чӣ монад рухони он нигори ман,
Ки ҳаметобад он рухаш чу Муштарӣ./аз «ал-Муъчам»/
фаъилотун / мафоъилун / мафоъилун
v v - - / v – v - / v – v –

Баъзе шоирон дар шакли мусаммани Мушокил шеър гуфтаанд.

Мушокили мусаммани макфуфи мақсур:

Хезу тарфи чаман гир бо ҳарифи суманрӯй,
Гоҳ сунбули тар чину гоҳ шохи суман бӯй. /Ҷомӣ/
фоъилоту / мафоъӣлу/ фоъилоту/ мафоъӣл
- v - v/v - - v / - v – v / v - ~

Мушокили мусаддаси макфуфи мақсур:

Ёри ғам шудаам дар шаби дайҷур,
З-он сабаб, ки нашуд рӯзи миҳан дур./Сайфӣ/
фоъилоту / мафоъӣлу / мафоъӣл
- v – v / v - - v / v - ~

Мушокили мураббаъи макфуфи мақсур:

Рӯзгор хазон аст,
Боди сард вазон аст. /аз «ал-Муъчам»/
фоъилоту / мафоъӣл
- v – v / v - ~

Ба ақидаи муаллифи «ал-Муъчам» Шамси Қайси Розӣ, бештари фаҳлавиёт – дубайтиҳои халқӣ дар баҳри Мушокили мусаддаси маҳзуф суруда мешудаанд. Пиндори Розӣ як қисми

шеърҳои худро ба забони дайламӣ дар навъҳои гуногуни ин баҳр эҷод кардааст. Мисоли баҳри Мушокили мусаддаси маҳзуф:

Аҷ та ваз кардану ваз бурдан аҷ ман
В-аҷ та хунова додан, хӯрдан аҷ ман. /аз «ал-Муъҷам»/
фоъи-ло-тун/ мафоъӣлун/фаъӯлун
-v- -/v - - -/v- -

Баъзе арӯзиён Мушокилро баҳри Ахир низ номиданд, зеро рукнҳои онро аз ҷузви охирини дойираи Мунтазиъа ҷудо кардаанд.

Мушокили мусаддаси мақбузи муханнақи маҳзуф:

Чун ҳаме будӣ мо бифарсояд,
Буданӣ аз чӣ мепадид ояд? /Носири Хусрав/
фоъилотун / мафоъилун / фаълун
-v - -/v-v-/- -

Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» Мушокилро бо номи Муҳдас аз дойираи Муштабаҳаи мусаддаса берун меорад, аммо дар хусуси навъҳои он чизе намегӯяд ва барои анвоъи он мисоли шеърие ҳам намеорад.

## БАҲРИ ҶАДИД ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Ҷадид нав аст, аммо дар илми арӯз яке аз баҳрҳои фаръиро гӯянд. Баҳри Ҷадид дар авзони шеъри арабӣ вуҷуд надорад. Ҷадид чун Мушокилу Қариб фақат ба шеъри форсӣ-тоҷикӣ хос буда, баъди Халил ибни Аҳмад аз тарафи Бузургмеҳри Қойинӣ /а.XI/ эҷод шудааст. Ин баҳрро барои он Ҷадид номиданд, ки рукнҳои онро нисбат ба дигар баҳрҳо дертар ёфтаанд, яъне нав пайдокардашуда аст. Ҷадид рукни махсус надорад. Рукнҳои солимаш фоъилотун / - v - - /, фоъилотун / - v – v / мустафъилун / - - v - / буда, онро аз ҷузви сабаби хафифи / - / рукни якуми дойираи чоруми арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддас чудо кардан мумкин аст. Агар аз сабаби хафифи рукни аввали дойираи Муштабаҳа, яъне аз «таф» / - /, «тафъилунмаф» / - v - - /, «ӯлотумус» / - - v - / ҳосил мешавад, ки ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоъилотун / - v - - /, фоъилотун / - v - - /, мусттафъилун / - - v - / гузорем, рукнҳои баҳри Ҷадид ба вуҷуд меояд. Рукнҳои солими ин баҳр аз дойираи



арӯзи арабӣ берун оянд ҳам, дар байни шоирони араб тамоман шуҳрат надорад. Арӯзиёни форс-тоҷик Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам», Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот», Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон», Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» Ҷадидро дар дойираи Мунтазиъа, дар шакли мусаддаси махбун: фаъилотун /фаъилотун / мафоъилун v v - - / v v - - / v – v - / ҷой додаанд. Рукни якуму дуюми Ҷадид фоъилотун / - v - - / аз як сабаби хафиф / - /, аз як ватади маҷмуъ /v - / ва боз як сабаби хафиф / - / иборат аст. Аз рукнҳои солими Ҷадид ду навъи он – мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Шоирони форс-тоҷик дар шаклҳои солими он шеър хеле кам сурудаанд. Барои сохтани навъҳои дигари Ҷадид аз рукни асосии баҳри Рамал-фоъилотун / - v - - / зиҳофи махбун /фаъилотун v v - - / ва аз рукни солими мустафъилун / - - v - / зиҳофи махбунро /мафоъилун v – v - / истифода мебаранд. Баҳри Ҷадид нисбат ба дигар баҳрҳои фаръӣ камистеъмол мебошад. Аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофоти онҳо дар шаклҳои мусаддасу мураббаъ чор навъи баҳри Ҷадид сохта мешаванд. Мисоли баҳри Ҷадиди мусаддаси солим:

Ай нигоринрӯй дилбар, кам кун ситам,
К-ин дили ман бе рухи ту пур зи ғам. /аз «ал-Муъҷам»/

фоъилотун / фоъилотун / мустафъилун
-v- - / - v - - / - - v -

Ҷадиди мураббаъи солим:

Меҳри хониш мепарварам,
Илму дониш мепарварам. /Фарҳат/
фоъилотун / мустафъилун
- v - - / - - v -

Ҷадиди муссаддаси махбун:

Чу қадат гарчи санавбар кашад саре,
Набувад чун қади сарват санавбаре. /Сайфӣ/
фаъилотун / фаъилотун / мафоъилун
v v - - / v v - - / v – v –

Ҷадиди мураббаъи махбун:

Дили моро чаро барӣ,
Чун ғами мо намехӯрӣ? /аз «ал-Муъҷам»/
фаъилотун / мафоъилун
v v - - /v – v –

Дар баъзе рисолаҳои арӯзи гузашта Ҷадид бо номҳои Ғариб, Нодир ва Аҷиб низ дучор меояд.

## БАҲРИ ХАФИФ ВА АНВОЪИ ОН

Хафиф дар луғат ба маънии сабук омадааст, аммо дар илми арӯз номи яке аз баҳрҳои фаръист, ки шоирони арабу аҷам дар авзони он ашъори зиёде гуфтаанд. Ин баҳрро барои он Хафиф номидаанд, ки авзони он сабуку равон буда, рукнҳояшро аз ду тараф сабаби хафиф / - / иҳота кардааст, ки боиси сабук шудани аркони он гардидааст. Ба гуфтаи Сайфӣ, «Ин баҳр аз сабуктарин буҳур аст ба ин маънӣ, ки номҳои дароз, ки ҳуруфи бисёр дорад ва дар ҳеч баҳр овардани он мумкин нест, дар ин баҳр метавон овард». Хафиф рукни махсус надорад. Рукнҳои солими он фоъилотун / - v - - /, мустафъилун / - - v - /, фоъилотун / - v - - / буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви сабаби хафифи дуюми рукни дуюми дойираи чаҳоруми арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддас ҷудо кардааст. Агар аз ҷузви сабаби хафифи дуюми рукни дуюми дойираи Муштабаҳа, яъне аз ҳиҷои «таф» сар кунем, «тафъилунмаф» / - v - - /, «улотумус» / - - v - /, «тафъилунмус» /- v - - / ҳосил мешавад, ки ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали «фоъилотун /мустафъилун/ фоъилотун»-ро гузошта, рукнҳои асосии баҳри Хафиф меномем. Рукни аввали Хафиф фоъилотун / - v - - / аз як сабаби хафиф / - /, як ватади маҷмӯъ /v - / ва боз як сабаби хафиф / - /, рукни дуюмаш – мустафъилун / - - v - / аз як сабаби хафиф / - /, як ватади мафруқ / - v / ва боз як сабаби хафиф / - / иборат аст. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам», Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот», Вахиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» Хафифро дар дойираи Мунтазиъа, дар шакли мусаддаси музоҳаф /махбун/, Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон» онро дар ҳамин дойира дар шакли мусаддаси махбун /фаъилотун / мафоъилун / фаъилотун/, Сайфӣ дар «Арӯзи Сайфӣ» Хафифро мисли Халил ибни Аҳмад дар дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддаси солим ҷой додаанд. Аз



рукнҳои солими Хафиф фақат як навъи он: мусаддаси солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани дигар навъҳои Хафиф аз рукни асосии баҳри Рамал-фоъилотун / - v - - / зиҳофҳои махбун /фаъилотун v v – - /, махбуни маҳзуф /фаъилун v v - /, махбуни мақсур / фаъилон v v ~/, аслам / - - / фаълун - - /, аслами мусаббағ / фаълон - ~ /, мушаъъас / мафъӯлун - - - /, маҷҳуф /фаъ- /, маҷҳуфи мусаббағ / фоъ ~ / ва аз рукни мустафъилун / - - v - / зиҳофи махбун /мафоъилун v – v - /, музол /мустафъилон - - v ~ -ро истифода мебаранд. Хафиф аз ҷумлаи баҳрҳои серистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шакли мусаддас 23 навъи он вуҷуд дорад. Шаклҳои солими Хафиф хеле кам маълуманд. Ин навъи баҳри Хафиф дар байни шоирони форс-тоҷик қариб истифода намешавад. Дар рисолаҳои арӯз барои мисол гоҳе як байт оварда мешаваду бас. Ҳарчанд Хафиф дар арӯзи арабу аҷам дар шакли мусаддас маъмул аст, шоирони форс-тоҷик гоҳе дар шакли мусаммани он шеър сурудаанд. Насируддини Тӯсӣ дар дойираи Муштабаҳаи музоҳафа Хафифро дар шакли мусаддаси махбун: фаъилотун /мафоъилун / фаъилотун берун оварда, баъдтар менависад, ки «ба порсӣ дар дойира аслаш фоъилотун / мустафъилун чаҳор бор бувад ва махбун ба кор доранд». Шамси Қайси Розӣ низ як байти Рӯдакиро дар шакли мусаммани махбуни ин баҳр шоҳид меорад, аммо менависад: «Рӯдакӣ қитъае мусамман гуфтааст, ҳеч завқ надорад». Ҳоло барои анвоъи маъмули баҳри Хафиф мисолҳо меорем.

Хафифи мусаммани махбун /садр-солим/:

Гар кунад ёрие маро ба ғами ишқ он санам,
Битавонад зудуд з-ин дили ғамхора занги ғам. /Рӯдакӣ/
фаъилотун / мафоъилун / фаъилотун мафоъилун
v v - - /v – v - / v v - - /v – v –

Хафифи мусаддаси солим:

Ай маҳи ман, нозукбадан, сарвқомат,
Май биёвар, бехуд шавам то қиёмат. /аз «ал-Муъҷам»/
фоъилотун / мус-тафъи-лун / фоъилотун
- v - - / - - v - / - v - -

Хафифи мураббаъи солим:

То кай, ай дил, андӯҳ хӯрӣ,
Ту ба шодӣ авлотарӣ. /аз «Меъёр-ул-ашъор»/
фоъилотун / мус-тафъи-лун
- v – - / - - v -

Хафифи мусаддаси махбун:

Сабзаҳо навдамида ёр наёмад,
Тоза шуд боғу он нигор наёмад. /Ҷомӣ/
фоъилотун / мафоъилун / фаъилотун
- v - - / v – v - / v v - -

Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф:

Ай умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман. /Лоҳутӣ/
фоъилотун / мафоъилун / фаъилун
- v - - / v – v - / v v -

Хафифи мусаддаси махбуни мақсур:

Дил саропардаи муҳаббати ӯст,
Дида оинадори талъати уст. /Ҳофиз/
фоъилотун / мафоъилун / фаъилон
- v - - / v – v - / v v ~

Ин навъи баҳри Хафиф дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ хеле серистеъмол аст ва маснавиҳои «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» - и Саноӣ, «Ҳашт биҳишт» ва маснавиҳои хурди «Шикоятнома» /173 байт/, «Фатҳнома» /125 байт/-и Хусрави Деҳлавӣ, «Силсилат-уз-заҳаб»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар баҳри Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф /ё асламӣ мусаббағ/ навишта шудаанд.

Хафифи мусаддаси махбуни аслам:

Инқилоб офтобро монад,
Ё ки тӯфони обро монад. /Айнӣ/
фоъилотун / мафоъилун / фаълун
- v - - / v – v - / - -

Хафифи мусаддаси махбуни асламӣ мусаббағ:



Лаби лаъле чу лола дар бустон,
Лаълашон хунбаҳои Хузистон. /Низомии Ганҷавӣ/
фоъилотун / мафоъилун / фаълон
- v - - / v – v - / - ~

Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф /<u>ибтидо-солим</u>/:

Чамани ақлро хазонӣ агар,
Гулшани ишқро баҳор туӣ.
фаъилотун / мафоъилун / фаъилун
v v - - / v – v - / v v -

Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф:

Ҳар шаб аз шавқ ҷома пора кунам,
Ошиқам, ошиқам, чӣ чора кунам? /Ҷомӣ/
фоъилотун / мафоъилун / фаъилун
- v - - / v – v - / v v

Хафифи мусаддаси махбун /<u>ибтидо-солим</u>/:

Санамо, тоқати фироқ надорам,
Ҷуз ба васли ту иттифоқ надорам. /аз «ал-Муъҷам»/
фаъилотун /мафоъилун / фаъилотун
v v - - /v – v - / v v - -

Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф /<u>садр-солим</u>/

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ. /Рӯдакӣ/
фаъилотун / мафоъилун / фаъилун
v v - - / v - v - / v v -

Хафифи мусаддаси махбуни аслам /<u>зарб-махбуни маҳзуф</u>/:

Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ,
Киштие соз, то бад-он гузарӣ. /Рӯдакӣ/
фоъилотун / мафоъилун / фаълун
- v - - / v – v - / - -

Хафифи мусаддаси махбуни мусаббағ /садр-солим/:

Месароям таронаҳо зи баҳорон,
Медиҳам аз вафо сабақ ба ҳазорон. /Фарҳат/
фоъилотун / мафоиълун / фаъилийён
- v - - / v – v - / v v - ~

Хафифи мураббаъи матвӣ:

Гар бигардад ёр зи ман,
Тира гардад бар ман зи ман. /аз «ал-Муъҷам»/
фоъилотун / муфтаъилун
- v - - / - v v -

Хафифи мураббаъи махбун:

Чӣ кунӣ бо касе ҷафо,
Ки бувад аз ту мубтало?! /Аз «Меъёр-ул-ашъор»/
фаъилотун / мафоъилун
v v - - / v – v -

Дар баъзе рисолаҳои арӯз Хафифи мусаммани махбун /фаъилотун / мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун v v - - / v – v - / v v - - / v – v - /- ро Хафифи кабир ва баҳри Хафифи мусаддаси махбун /фоъилотун / мафоъилун/ фаъилотун/-ро Хафифи сағир гӯянд, барои он ки мухтареъи арӯзи араб – Халил ибни Аҳмад аркони баҳри Хафифро аз дойираи чаҳоруми арӯзи арабӣ – Муштабаҳа дар шакли мусаддаси / фоъилотун / мус-тафъи-лун / фоъилотун / солим барун овард. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамси Қайси Розӣ, Муҳаммад Ғиёсуддин ва Ваҳиди Табрезӣ баҳри Хафифро дар дойираи Мунтазиъа, дар шакли мусаддаси музоҳаф /махбун/ ҷой дода бошанд ҳам, баъзе шоирони тоҷик дар шакли мусаммани махбун шеър эҷод кардаанд.

## БАҲРИ МУҶТАСС ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Муҷтасс аз бех барканда аст, аммо дар илми арӯз Муҷтасс номи яке аз баҳрҳои фаръист, ки дар шеъри арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ хеле серистеъмол мебошад. Ин баҳрро барои он



Муҷтасс номидаанд, ки шакли мусаддаси онро аз рукнҳои солими баҳри Хафиф барканда гирифтаанд. Шакли мусаддаси рукнҳои Муҷтасс ва аркони солими баҳри Хафиф ба ҳам монанд буда, фақат аз ҷиҳати ҷойгиршавиашон фарқ доранд. Агар дар баҳри Хафиф рукни мус-тафъи-лун / - - v - \ дар байни ду фоъилотун / - v - - / омада бошад, дар баҳри Муҷтасс рукни мус-тафъи-лун бар ҳарду фоъилотун муқаддам аст. Муҷтасс низ чун дигар баҳрҳои фаръии арӯз рукни махсус надорад. Рукнҳои солими он мустафъилун / - - v - /, фоъилотун / - v - - /, мустафъилун / - - v - /, фоъилотун / - v - - / буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви сабаби хафифи дуюми рукни сеюми дойираи арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддаси солим ҷудо кардааст. Агар Муҷтассро дар арӯзи арабӣ аз дойира дар шакли мусаддас берун оварда бошанд, дар арӯзи тоҷикӣ дар шакли мусамман / мустафъилун / фоъилотун / мустафъилун / фоъилотун маъмул аст. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам» Муҷтассро дар дойираи Мухталифа дар шакли мусаммани музоҳаф, Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» мисли Халил ибни Аҳмад онро дар дойираи Муштабаҳа, вале дар шакли мусаммани музоҳаф, Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон» Муҷтассро дар дойираи Мухталифа дар шакли мусаммани музоҳаф, Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» Муҷтассро дар дойираи Мухталифа дар шакли мусаддаси музоҳаф, Сайфӣ дар асари худ «Арӯзи Сайфӣ» онро дар дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддаси солим ҷой додаанду дар шаклҳои мусамман ва мураббаъ имконияти таълифи шеърро низ таъкид кардаанд. Рукни аввали Муҷтасс-мустафъилун / - - v - / аз як сабаби хафиф / - /, як ватади мафрук / - v / ва боз як сабаби хафиф / - /, рукни дуюми он – фоъилотун / - v - - / аз як сабаби хафиф / - /, як ватади маҷмӯъ / v - / ва боз як сабаби хафиф / - / иборат аст. Шаклҳои солими Муҷтасс аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешаванд, зеро дар онҳо ҳиҷоҳои дароз нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ бештаранд. Аз рукнҳои солими Муҷтасс се навъи он : мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меоянд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни мустафъилун / - - v - / зиҳофҳои махбун /мафоъилун v – v - /, марфӯъ /фоъилун – v - /, машкул /мафоъилу v – v v / ва аз рукни асосии баҳри Рамал – фоъилотун / - v - - / зиҳофҳои махбун /фаъилотун v v - - /, махбуни мақсур /фаъилон v v ~ /, махбуни маҳзуф / фаъилун v v - /, машкул /фаъилоту v v– v/, аслам фаълун - - /, аслами мусаббағ /фаълон - ~ /, мушаъасс /мафъӯлун - - - /, мақсур / фоъилон - v ~ /, мушаъасси мусаббағ / мафъӯлон - - ~ /, маҷҳуф /фаъ - /, маҷҳуфи

мусаббағ /фоъ ~ /, махбуни мусаббағ /фаъилийён v v - ~ /, мувассаъ /фоъилийётун - v - - - /, музаффо / фоъилийётон – v - - ~ /-ро истифода мебаранд. Муҷтасс аз ҷумлаи баҳрҳои серистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъ 36 навъи он сохта мешаванд.

Нахустин қасидаи комили адабиёти форс-тоҷик – «Шикоят аз пирӣ» бо ин матлаъ:

> Маро бисуду фурӯ рехт, ҳар чӣ дандон буд,
> Набуд дандон, ло-бал чароғи тобон буд.
> мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълон
> v- v - / v v - - / v – v -/ - ~

дар баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни асламии мусаббағ эҷод шудааст. Шаклҳои солими Муҷтасс кам маъмуланд. Ҳоло барои анвоъи мустаъмали баҳри Муҷтасс мисолҳои шеърӣ меорем:

Муҷтасси мусаммани солим:

> Ай зулфи ту аз ҷаҳолат дар гарданам банди муҳкам,
> Раҳме надорӣ ту, ҷоно, зулми ту нашуд бар ман кам.
> мустафъилун / фоъилотун / мустафъилун / фоъилотун
> -- v - / - v - - /-- v - / - v - -

Муҷтасси мусаддаси солим:

> Ай луъбати сарвқадди симсоид,
> Шояд агар бо Раҳӣ бошӣ мусоид. /Раҳӣ/
> мустафъилун / фоъилотун / фоъилотун
> - - v - / - v - - / - v – -

Муҷтасси мураббаъи солим:

> Ёро, ба ман меҳрубонӣ,
> Лекин дpraмро ту донӣ. (аз «ал-Муъҷам)
> мустафъи-ун / фоъилотун
> - - v - / - v - -

Муҷтасси мусаммани махбуни аслам:



> Сабо, ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро,
> Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро. /Ҳофиз/
> мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълун
> v – v - / v v - - / v – v - / - –

Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур:

> Миёни олиму ҷоҳил ҳамин қадар фарқ аст,
> Ки ӯ кашидаинон асту ин гусастамиҳор.
> /Абтари Бадахшӣ/
>
> мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилон
> v – v - / v v - - / v – v - / v v ~

Муҷтасси мусаммани махбун:

> Кадом гул, ки ба хубӣ зи боғ руста бароянд,
> Миён ба хидмати ту бандавор баста бароянд.
> /Айнӣ/
>
> мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилотун
> v – v - / v v - - /v – v - / v v - -

Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур:

> Дило на ишқ, на оташ, на офтобу замин
> Надорад ин ҳама қудрат, ки халқ бо Ленин.
> /М.Раҳимӣ/
>
> мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун/ фаъилон
> v – v - / v v - - / v – v - / v v ~

Муҷтасси мусаммани махбуни асламии мусаббағ:

> Маро зи рӯзи қиёмат ғаме, ки ҳаст ин аст,
> Ки рӯи мардуми олам ду бор бояд дид. /Сойиб/
> мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълон
> v– v - / v v - - / v - v - / - ~

Муҷтасси мусаммани махбуни аслам:

> Мушавваш аст дилам аз карашмаи Салмо,
> Чунон ки хотири Маҷнун зи турраи Лайло. /Рӯдакӣ/

мафоъилун /фаъилотун / мафоъилун/ фаълун
v – v - / v v - - / v - v - / - -

Муҷтасси мусаммани махбуни мусаббағ:

Дилам, ки сӯхт зи ишқат, чароғи ҷони ман аст он,
Ғубор, к-аз ту расад, нури дидагони ман аст он. /Сайфӣ/
мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилийён
v – v - / v v - - / v– v - / v v - ~

Муҷтасси мусаддаси махбуни мувассаъ:

Асири гамзаи он рӯи чун анорам,
Бикард фурқати ӯ талх рӯзгорам.
/аз «ал-Муъҷам»/
мафоъилун / фаъилотун / мафоъилотун
v - v - / v v - - / v– v - -

Муҷтасси мусаддаси махбуни музаффо:

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашт, тан бифарсуд.
/аз «ал-Муъҷам»/
мафоъилун / фаъилотун / мафоъилийён
v – v - / v v - - / v – v - ~

Муҷтасси мурраббаъи махбун:

Кушода роҳи дабистон
Мисоли субҳ дурахшон. /Фарҳат/
мафоъилун /фаъилотун
v – v - / v v - -

Муҷтасси мусаммани махбуни мушаъасси маҷҳуф:

Сиёҳчашмо, ки дил чи гуна бурдӣ?
Кунун, ки бурдӣ, боре бад-ӯ чи кардӣ?
/аз «ал-Муъҷам»)
мафоъилун / мафъӯлун / мафоъилун / фаъ



v– v - / - - - / v – v - / -

Муҷтасси мусаммани мушаъаси аслами мусаббағ /ҳашви якуми мисраи дуюм - махбун/:

Дареғамояд хондан газофвор ду ном,
Бузургвор ду ном аз газоф хондани ом. /Рӯдакӣ/
мафоъилун / мафъӯлун / мафоъилун / фаълон
v – v - / - - - / v - v - / - ~

Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуфи мусаббағ:

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашту тан бифарсуд.
/аз «ал-Муъҷам»/
мафоъилун / фаъилотун/ мафоъилун / фоъ
v – v - / v v - - / v – v - / ~

Муҷтасси мусаммани машкул:

Туро дили ман, нигоро, ба ҳеч намегироянд,
Аз он чиҳат аст, ёро, ки дарди дилам физоянд.
/аз «ал-Муъҷам»/
мафоъилу / фоъилотун / мафоъилу / фоъилотун
v – v v / - v - - / v – v v / - v - -

Агар ин байтро ба таври мафоъилатун / v – v v - /, фаъӯлун / v - - /, мафоъилатун / v – v v - /, фаъӯлун / v - - / тақтеъ кунем, вазни баҳри Вофири мусаммани мақтуф ба вуҷуд меояд.

Муҷтасси мусаммани махбуни машкули аслам:

Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
Сапеди рӯз ба покӣ рухони ту монад. /Рӯдакӣ/
мафоъилун / фаъилотун / мафоъилу / фаълун
v – v - / v v - - / v – v - / - -

Муҷтасси мусаддаси махбун:

Баҳор буд, ба чашмам хазону дай,
Ки шод буд ба рӯям нигори ман. /аз «ал-Муъҷам»/

мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун
v – v - / v v - - / v – v –

Муҷтасси мураббаъи махбуни аслам:

Расид аз саҳро
Саҳар ба гӯши мо,
Дуруди хурсандӣ,
Суруди хурсандӣ. /Фарҳат/
мафоъилун / фаълун
v – v - / - -

Муҷтасси мураббаъи матвии мушаъасси мусаббағ:
Сулҳу амонӣ аз мост,
Бахту ҷавонӣ аз мост. /Мақсуди Гулчин/
муфтаъилун / мафъӯлон
- v v - / - - ~

## БАҲРИ САРЕЪ ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Сареъ шитобон, тезрафтор буда, дар илми арӯз номи яке аз баҳрҳои фаръиро гӯянд, ки дар шеъри арабӣ ва шеъри форсӣ-тоҷикӣ мутадовил аст. Ин баҳрро барои он Сареъ номанд, ки дар рукнҳои он сабаб нисбат ба ватад бештар буда, боъиси боштоб ва босуръат хондани вазни шеър мегардад. Сареъ низ чун дигар баҳрҳои фаръии арӯз рукни махсус надорад. Рукнҳои солими он мустафъилун / - - v - / мустафъилун / - - v - /, мафъӯлоту / - - - v / буда, донишманди араб – Халил ибни Аҳмад рукнҳои онро аз ҷузви сабаби хафифи рукни аввали дойираи чоруми арабӣ, яъне, аз дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддас /мустафъилун, мустафъилун, мафъӯлотv - - v - / - - v - / - - - v / ҷудо кардааст. Рукни аввали Сареъ мустафъилун / - - v - / аз ду сабаби хафиф / - - / ва як ватади маҷмӯъ / v - /, рукни дуюми он – мафъӯлоту / - - - v / аз ду сабаби хафиф / - - / ва як ватади мафруқ / - v / иборат аст. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам», Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон», Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот», Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» ва Сайфии Бухороӣ дар асари худ – «Арӯзи Сайфӣ» онро мисли Халил ибни Аҳмад дар дойираи Муштабаҳа, дар шакли мусаддаси солим ҷой додаанд. Аз рукнҳои солими Сареъ фақат як навъи он – мусаддаси солим ба вуҷуд



меояд, ки шоирони форс-тоҷик дар шакли солими ин баҳр ба ҷуз байте шеър нагуфтаанд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни асосии баҳри Раҷаз-мустафъилун / - - v - / зиҳофҳои матвӣ / муфтаъилун – v v - /, махбун / мафоъилун v – v - /, мақтӯъ/мафъӯлун - - - /, махбул / фаъилатун v v v - / ва аз рукни солими мафъӯлоту / - - - v / зиҳофҳои матвии макшуф /фоъилун – v - /, мавқуф /мафъӯлон - - ~ /, матвии мавқуф / фоъилон – v ~ /, махбуни матвии макшуф / фаъилун v v - /, аслам / фаълун - - /, маҷдӯъ / фоъ ~ /-ро истифода мебаранд. Сареъ аз ҷумлаи баҳрҳои нисбатан серистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шакли мусаддас 16 навъи он сохта мешаванд. Ҳоло барои анвоъи мустаъмали Сареъ мисолҳои шеърӣ меорем:

Сареъи мусаддаси солим:

Ай ёри ман, ай ҷони ман, аз дил нола
Имсол ҳам камтар нашуд аз порсола.
/аз «Арӯзи тоҷикӣ»/
мустафъилун / мустафъилун/ мафъӯлоту
- - v - / - - v - / - - - v

Сареъи мусаддаси матвии мавқуф:

Ҳотифе аз гӯшаи майхона дӯш
Гуфт: Бубахшанд гунаҳ, май бинӯш. /Ҳофиз/
муфтаъилун / муфтаъилун / фоъилон
- v v - / - v v - / - v ~

Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Мардуми ҷанговари нахчиргар
Даст бибурданд ба теғу табар. /Лоҳутӣ/
муфтаъилун /муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v v - / - v -

Маснавиҳои «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ, «Қирон-ус-саъдайн» ва «Матлаъ-ул-анвор»-и Хусрави Деҳлавӣ низ дар вазни Сареъи мусаддаси матвии макшуф /ё мавқуф/ суруда шудаанд.

Сареъи мусаддаси матвии мақтӯъи матвии макшуф /ҳашви мисраи якум-матвӣ/:

Ҳалқае ар кам шавад аз зулфи ёр,
Ҳотами Тай хоҳӣ товони он. /Хоқонӣ/
муфтаъилун / мафъӯлун / фоъилун
- v v - / - - - / - v -

Сареъи мусаддаси матвии мақтӯъи маҷдӯъ:

Ай гули рӯят сунбулхез,
Зулфи сиёҳат оташбез. /Ҷомӣ/
муфтаъилун / мафъӯлун / фоъ
- v v - / - - - / ~

Сареъи мусаддаси махбуни матвии макшуф:

Аз ишқи ту ман дар ҷаҳон самарам,
Месӯзад аз ҳиҷрони ӯ ҷигарам. /аз «ал-Муъҷам»/
мустафъилун/ мустафъилун / фаъилун
- - v / - - v - / v v -

Сареъи мусаддаси мақтӯъи матвии мавқуф /ибтидо ва ҳашви мисраи дувум – матвӣ/:

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим
Ҳаст калиди дари ганҷи ҳаким. /Низомӣ/
мафъӯлун /мафъӯлун/ фоъилун
- - - / - - - / - v –

Сареъи мусаддаси махбуни матвии макшуф:

Ду ғамза чун ду ночахи лашкарӣ
Ҳамекунӣ ба ҳар давон дилбарӣ. /аз «ал-Муъҷам»/
мафоъилун / мафоъилун / фоъилун
v – v - / v – v - / - v –

Сареъи мусаддаси матвии мақтӯъи матвии мавқуф /ҳ а ш в и мисраи дуюм – м а т в ӣ/:

Чархи фалак ҳаргиз пайдо накард
Чун ту яке сифлаи дуну жакур. /Рӯдакӣ/



муфтаъилун / мафъӯлун / фоъилон
- v v - / - - - / - v ~

## БАҲРИ МУНСАРЕҲ ВА АНВОЪИ ОН

Дар луғат Мунсареҳ ба маънии осон ва равон кардашуда омадааст, аммо дар илми арӯз номи яке аз баҳрҳои фаръиро гӯянд, ки дар шеъри арабӣ ва шеъри форсӣ-тоҷикӣ хеле серистеъмол мебошад. Ин баҳрро барои он Мунсареҳ меноманд, ки вазнҳои он шӯху сабук буда, аз бахри Сареъ берун баровара шудааст. Мунсареҳ низ мисли дигар баҳрҳои фаръӣ рукни махсус надорад. Рукнҳои солими он мустафъилун / - - v - /, мафъӯлоту / - - - v /, мустафъилун /- - v - /, мафъӯлоту / - - - v / буда, донишманди араб – Халил ибни Аҳмад рукнҳои онро аз ҷузви сабаби хафифи якуми рукни дуюми дойираи чоруми арӯзи арабӣ, яъне дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддас / мустафъилун, мафъӯлоту, мустафъилун – - v - / - - - v / - - v - / ҷудо кардааст. Ҳарчанд Мунсареҳро дар арӯзи арабӣ аз дойира дар шакли мусаддаси солим берун овардаанд, дар арӯзи форсӣ-тоҷикӣ дар шакли мусаммани музоҳаф /муфтаъилун, фоъилоту, муфтаъилун, фоъилоту – v v - / - v – v / - v v- / - v – v / маъмул аст. Донишмандони илми арӯзи форсӣ-тоҷикӣ Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам», Алишери Навоӣ дар китоби «Мизон-ул-авзон» Мунсареҳро дар дойираи Мухталифа, дар шакли мусаммани музоҳаф /матвӣ/, Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» низ дар дойираи Мухталифа, вале дар шакли мусаддаси музоҳаф /матвӣ/, Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» онро дар дойираи Муштабаҳа, аммо дар шакли мусаммани музоҳаф /матвӣ/, Сайфии Бухороӣ дар асараш «Арӯзи Сайфӣ» Мунсареҳро мисли Халил ибни Аҳмад дар дойираи Муштабаҳа, дар шакли мусаддаси солим ҷой додаанду дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъи он имкони навиштани шеърро низ таъкид кардаанд. Аз рукнҳои солими Мунсареҳ се навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни асосии баҳри Раҷаз – мустафъилун / - - v - / зиҳофҳои матвӣ /муфтаъилун - v v - /, махбун / мафоъилун v – v - /, мақтӯъ /мафъӯлун - - - /, аҳаз /з/ фаълун - - /, аҳаззи мусаббағ /фаълон - ~ /, марфӯъ /фоъилун – v -/, мақтӯъи мусаббағ /мафъӯлот - - ~ / ва аз рукни солими мафъӯлоту / - - - v/ зиҳофҳои махбун /мафоъйлу v - - v/, матвӣ /фоъилоту – v – v /, марфӯъ /мафъӯлv - - v/, матвии макшуф /фоъилун – v - /, матвии мавқуф /фоъилон – v ~ /, махбуни макшуф /фаъӯлун v - - /, махбуни мавқуф /фаъӯлон v - ~ /, маҷдӯъ /фоъ ~/, манҳур /фаъ - /-ро истифода мебаранд. Мунсареҳ аз

ҷумлаи баҳрҳои серистеъмоли арӯзи форсӣ-тоҷикӣ буда, аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусаддасу мураббаъ 37 навъи он сохта мешаванд. Шаклҳои солими Мунсареҳ дар байни шоирон хеле камистеъмоланд. Ҳоло барои анвоъи мустаъмали Мунсареҳ мисолҳои шеърӣ меорем:

Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф:

Оташи рухсори гул хирмани булбул бисӯхт,
Чеҳраи хандони шамъ офати парвона шуд. /Ҳофиз/
муфтаъилун /фоъилун /муфтаъилун/ фоъилон
- v v - / - v - / - v v - / - v ~

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуф:

Бар сари коғаз равад чун зи қалам номи ӯ,
Хома шавад беқарор, дасти маро мегазад. /Лоҳутӣ/
муфтаъилун / фоъилун/ муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v - / - v v - / - v -

Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур:

Дидаи аҳли тамаъ ба неъмати дунё
Пур нашавад ҳамчунон, ки чоҳ ба шабнам. /Саъдӣ/
муфтаъилун /фоъилоту/ муфтаъилун/ фаъ
- v v - / - v – v / - v v - / -

Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф:

Гардида шамъи базмам бе обу тоб бе ту,
Фонуси дил фиканда киштӣ ба об бе ту.
/Саййидо/
мустафъилун / фаъӯлун/ мустафъилун/ фаъӯлун
- - v - / v - - / - - v - / v - -

Мунсареҳи мусаммани матвии махбуни макшуф:

Дилбари дилнавозам, шоҳиди дӯстрӯям,



Оташи ҷонгудозам, машъали орзӯям.
/Фарҳат/
муфтаъилун / фаъӯлун/ муфтаъилун / фаъӯлун
- v v- / v - - / - v v - / v - -

Мунсареҳи мусаммани матвии мақтӯъи матвии манҳур:

Ҷавзоро кар бикун ба бонги муғаннӣ,
Парвинро ранг деҳ ба бодаи равшан. /аз «ал-Муъҷам»/
мафъӯлун / фоъилоту/ муфтаъилун / фаъ
- - - / - v – v / v v v - /

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуфи махбуни матвии мавқуф:

Бо ду-се бӯса раҳо кун ин дил аз дарди хунок,
То ба ман эҳсон-т бошад, аҳсаналлоҳу ҷазок. /Рӯдакӣ/
муфтаъилун /фоъилун / мафоъилун/ фоъилон
- v v - / - v - / v – v - / - v ~

Мунсареҳи мусаммани мақтӯъи матвии макшуф:

Моро гуфтӣ маё беш бад-ин маъдано,
Моро дил сӯхта аст, ишқ туро домано.
(аз «ал-Муъҷам»)
мафъӯлун / фоъилун/ муфтаъилун / фоъилун
- - - / - v - / - v v - / - v –

Мунсареҳи мусаммани матвии маҷдӯъ:

Зулфи ту аз мушку мушк пургираҳу банд,
Лаб чу ақиқу ақиқ пуршакару қанд.
/Адиб Собири Тирмизӣ/
муфтаъилун /фоъилоту / муфтаъилун/ фоъ
- v v - / v – v - / - v v - / ~

Мунсареҳи мусаммани махбуни матвии макшуфи матвии мавқуф:

Моро саҳар чун гузар ба тарфи бустон фитод,

Зи шавқи он гулъизор зи дида борон фитод. /Ҷомӣ/
мафоъилун / фоъилун / мафоъилун/ фоъилон
v – v - / - v - / v – v - / v ~

Мунсареҳи мусаддаси матвӣ:

Ай дилбари ҷонфизой, тундӣ макун,
Бо ошиқон хуш сарой, тундӣ макун. /аз «ал-Муъҷам»/
мустафъилун/ фоъилоту/ мустафъилун
- - v - / - v – v/ - - v -

Мунсареҳи мусаддаси матвии мақтӯъ:

Баски ба мӯят асир шуд ҷонам,
Гар бигузорӣ, гурехт натвонам. /Сайфӣ/
муфтаъилун / фоъилоту/ мафъӯлун
- v v - / - v – v / - - -

Мунсареҳи мураббаъи матвии макшуф:

Калтаки колхозчиён,
Аслиҳаи партизон.
Ғайрати заҳматкашон,
Шуд сабаби ифтихор. /Лоҳутӣ/
муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v -

Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуфи матвии макшуф:

Бо лаби нозук нигор дасти маро мегазад,
Ин варақи гул чу хор дасти маро мегазад. /Лоҳутӣ/
муфтаъилун / фоъилон/ муфтаъилун/ фоъилун
- v v - / - v ~ / - v v - / - v -

Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф:

Он ки дилам сайд кард, мири шикори ман аст,
Даст ба хунам нигор карда нигори ман аст. /Сайфӣ/
муфтаъилун/фоъилон/ муфтаъилун/фоъилон
- v v - / - v ~ / - v v - / - v ~



Мунсареҳи мусаммани матвии мақтӯъи манҳур:

Ҳамрати рӯи туро набинам лола!
Ҳашмати бӯи туро набӯям анбар.
/Масъуди Саъди Салмон/
муфтаъилун / фоъилоту/ мафъӯлун / фаъ
- v v - / - v – v/ - - - / -

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуфи махбун /ҳ а ш в и якуми мисраи дуюм – матвии мавқуф, ҳ а ш в и дуюм – м а т в ӣ/:

Кист, ки пайғоми ман ба шаҳри Шарвон барад,
Як сухан аз ман бад-он марди сухандон барад.
/аз «ал-Муъҷам»/
муфтаъилун / фоъилун / мафоъилун / фоъилун
- v v / - v - / v – v - / - v

Мунсареҳи мусаммани матвии мақтӯъи маҷдуъ
/ ҳ а ш в и дуюми мисраи якум - м а т в ӣ/:

Дер зиёд он бузургвор худованд,
Ҷони гиромӣ ба ҷонаш -андар пайванд. /Рӯдакӣ/
муфтаъилун / фоъилоту / мафъӯлун / фоъ
- v v / - v – v/ - - - / ~

Мунсареҳи мусаммани мақтӯъи матвии макшуфи матвии мавқуф:

Ӯро аз некуӣ Қорун кардаст боз,
Моро хоҳад ҳаме, к-аз ғам Қорун кунад.
/аз «ал-Муъҷам»/
мафъӯлун / фоъилун / мафъӯлун/ фоъилон
- - - / - v - / - - - / - v ~

Мунсареҳи мусаддаси матвӣ:

Ай ба хатоҳо басиру ҷаллду ялӣ,
Н-оядат аз кори зишти худ хаҷилӣ. /Носири Хусрав/
муфтаъилун /фоъилоту / муфтаъилун
- v v - / - v – v / - v v -

Мунсареҳи мусаддаси мақтӯъи матвӣ:

Аз дил бо ман намонд ҷуз расме
В-аз ҷон бо ман намонд ҷуз бӯе. /аз «ал-Муъҷам»/
мафъӯлун / фоъилоту / мафъӯлун
- - - / - v – v / - - -

Мунсареҳи мураббаъи махбуни макшуф:

Дулона дона-дона,
Як донаву ду дона,
Дар шохаҳои сабзаш
Гунҷишк монда лона./Мақсуди Гулчин/
мустафъилун /фаъӯлун
- - v - / v - -

Мунсареҳи мураббаъи матвии махбуни мавқуф:

Шуълаи гарми хуршед
Бар сари кишт афтод.
муфтаъилун / фаъӯлон
- v v - / v - ~

Дар баъзе рисолаҳои арӯз баҳри Мунсареҳи мусаммани матвӣ /муфтаъилун/ фоъилоту/ муфтаъилун / фоъилоту/-ро Мунсареҳи кабир ва Мунсареҳи мусаддаси матвиро /муфтаъилун /фоъилоту/ муфтаъилун / Мунсареҳи сағир меноманд.

## БАҲРИ МУҚТАЗАБ ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Муқтазаб буридашуда аст, аммо дар истилоҳ номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯзи арабӣ ва форсӣ-тоҷикиро гӯянд. Сабаби Муқтазаб номидани ин баҳр дар он аст, рукнҳои солими онро аз баҳри Мунсареҳ бурида гирифтаанд. Аркони солими ин ду баҳр ба ҳам монанд буда, фақат аз ҷиҳати тартиб фарқ доранд. Агар дар баҳри Мунсареҳ аввал рукни мустафъилун / - - v - /, баъд рукни мафъӯлоту / - - - v / ояд, дар Муқтазаб аввал рукни мафъӯлоту / - - - v /, баъд рукни мустафъилун / - - v - / оварда мешавад. Муқтазаб низ мисли дигар баҳрҳои фаръӣ рукни махсус надорад. Рукнҳои солими он мафъӯлоту / - - - v/, мустафъилун / - - v - /, мафъӯлоту / - - - v /, мустафъилун / - - - v / буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви сабаби хафифи аввали рукни сеюми дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддас /мафъӯлоту / мустафъилун / мустафъилун - - - v / - - v - / - - v - / ҷудо кардааст. Рукни аввали Муқтазаб мафъӯлоту / - - - v / аз ду сабаби хафиф / - - / ва як ватади мафруқ / - v /, рукни дуюми он – мустафъилун / - - v - / аз ду сабаби хафиф ( - - ) ва як ватади маҷмӯъ / v - / иборат аст. Шаклҳои солими Муқтазаб аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешаванд, зеро ҳиҷоҳои дарози он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш бештаранд. Ҳарчанд Муқтазабро дар арӯзи арабӣ аз дойира дар шакли мусаддас берун овардаанд, дар арӯзи тоҷикӣ дар шакли мусаммани музоҳаф /фоъилоту/ муфтаъилун / фоъилоту / муфтаъилун / маъмул аст. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам», Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон» Муқтазабро дар дойираи Мухталифа, дар шакли мусаммани музоҳаф, Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» низ онро дар дойираи Мухталифа, вале дар шакли мусаддаси музоҳаф, Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» дар дойираи Муштабаҳа, аммо дар шакли мусаммани музоҳаф, Сайфӣ дар асари худ «Арӯзи Сайфӣ» Муқтазабро мисли Халил ибни Аҳмад дар дойираи Муштабаҳа дар шакли мусаддаси солим ҷой додаанду дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъи он имкони навиштани шеърро низ таъкид кардаанд.

Аз рукнҳои солими Муқтазаб се навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни солими мафъӯлоту / - - - v / зиҳофҳои матвӣ / фоъилоту - v – у/, махбул /фаъилоту v v – v/, махбун /мафоъӣлу v – - v /, марфӯъ / мафъӯл v - - v/ ва аз рукни асосии баҳри Раҷаз - мустафъилун / - - v - / зиҳофҳои матвӣ /муфтаъилун – v v - /, музол /мустафъилон - - v ~/, мақтӯъ /мафъӯлун - - - /, мақтӯъи мусаббағ / мафъӯлон - - ~ , мухаллаъ / фаъӯлун v - - /-ро истифода мебаранд. Муқтазаб аз ҷумлаи баҳрҳои камистеъмоли арӯзи тоҷикӣ бошад ҳам, шоирони гузашта ва имрӯзаи тоҷик дар шаклҳои мусамман, мусаддас ва мураббаъи он шеър сурудаанд. Шаклҳои солими Муқтазаб бениҳоят камистеъмоланд. Баъзе шоирон барои санҷиш дар шаклҳои солими он чанд байт гуфтаанду бас. Ҳоло барои анвоъи мустаъмали баҳри Муқтазаб мисолҳои шеърӣ меорем:

Муқтазаби мусаммани солим:

Чун Марчона аз додараш дар ҳар соҳа ношод шуд,
Бо як барра маъюс шуд, аз он барра дилшод шуд.
/аз «Арӯзи тоҷикӣ»/
мафъӯлоту / мустафъилун/ мафъӯлоту/ мустафъилун
- - - v / - - v - / - - - v / - - v -

Муқтазаби мусаммани матвӣ:

Аз суруди булбули маст омадам ба ҷӯшу хурӯш,
Ёфтам нишоту сафо, пайкарам бишуд ҳама хуш.
/Фарҳат/
фоъилоту/ муфтаъилун, фоъилоту/ муфтаъилун
- v – v / - v v - / - v – v / - v v –

Муқтазаби мусаммани матвии мақтӯъ:

Вақтро ғанимат дон, он қадар ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, ай ҷон, як дам аст, то донӣ. /Ҳофиз/
фоъилоту / мафъӯлун / фоъилоту/ мафъӯлун
- v – v / - - - / - v – v/ - - -

Муқтазаби мусаммани матвии мақтӯъи мусаббағ:

Ин чӣ рангу рухсор аст? – Гулшани ҷамол аст ин!
Ин чӣ қадду рафтор аст? – Ғояти камол аст ин!
/Сайидо/
фоъилоту / мафъӯлон/ фоъилоту / мафъӯлун
- v – v/ - - ~ / - v – v / - - -

Муқтазаби мусаддаси марфӯъ:

Ай саътарӣ, беҳуда то кай маро
Дорӣ ҳаме аз ҷафо андар ано. /аз «ал-Муъҷам»/
мафъӯлу / мустафъилун/ мустафъилун
- - v / - - v – / - - v -

Муқтазаби мусаддаси манҳур:

Меҳандад гули лола аз кӯҳ,
Меандозад аз сина андӯҳ. /Фарҳат/



мафъӯлоту / мустафъилун/ фаъ
- - - v / - - v - / -

Муқтазаби мусаддаси матвии мавқуф:

Он бузургвор малик фазл кард,
Даргузашт, он чи зи ман дида буд. /аз «ал-Муъҷам»/
фоъилоту / муфтаъилун/ фоъилон
- v – v / - v v - / - v ~

Муқтазаби мураббаъи матвии мақтӯъ:

Мӯсафеди нуронӣ
Меҳр кард арзонӣ. (Фарҳат)
фоъилоту / мафъӯлун
- v – v / - - -

Муқтазаби мураббаъи матвӣ:

Даст боздор аз дилам,
В-арна ҷон зи тан бигсилам. /аз «ал-Муъҷам»/
фоилоту / мустафъилун
- v – v / - - - v -

Муқтазаби мусаммани махбули музол:

Зи замини поки Ватан гули меҳр рӯйидааст,
Зи насими поки Ватан гули меҳр бишкуфтааст.
/Мақсуди Гулчин/
фаъилоту / мустафъилун/ фаъилоту / мустафъилун
v v – v / - - v - / v v – v / - - - v ~

## БАҲРҲОИ ХОСИ ШЕЪРИ АРАБӢ ВА ШЕЪРИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ. БАҲРҲОИ ХОСИ ШЕЪРИ АРАБӢ

Дар илми арӯз баҳрҳое ҳастанд, ки ё фақат ба шеъри арабӣ хосанд, ё фақат ба шеъри форсӣ-тоҷикӣ. Аз ҷумлаи 19 баҳри мустаъмали арӯз баҳрҳои Тавил, Мадид, Басит, Вофир ва Комил хосси шеъри арабианд. Азбаски шоирони гузаштаи мо дар анвоъи мухталифи баҳрҳои хоси шеъри арабӣ шеърҳо эҷод кардаанд, мо

лозим донистем, ки ба таври хеле мухтасар роҷеъ ба онҳо маълумот дода, анвоъи маъмули онҳоро мувофиқи тартиби авзони арӯзи арабӣ биорем. Аз ин баҳрҳо: Вофир ва Комил ба гурӯҳи баҳрҳои солими арӯз дохил мешаванд, барои он ки ҳарду баҳр рукни махсус доранд / мафоъилатун рукни солими баҳри Вофир ва мутафоъилун рукни солими баҳри Комил мебошанд/. Баҳрҳои Тавилу Мадиду Басит ба гурӯҳи баҳрҳои фаръӣ дохил мешаванд, чунки ин ҳарсе баҳр рукни махсус надоранд ва дар натиҷаи омезиши рукнҳои фаъӯлуну мафоъӣлун, фоъилотуну фоъилун ва мустафъилуну фоъилун сохта мешаванд.

## БАҲРИ ТАВИЛ ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Тавил дароз аст, аммо дар илми арӯз номи яке аз баҳрҳои фаръиро гӯянд, ки фақат ба шеъри арабӣ хос буда, шоирони форс-тоҷик барои санҷидани табъи шоирии хеш дар авзони мухталифи он шеърҳо эҷод кардаанд. Ин баҳрро барои он Тавил номидаанд, ки он аз ҷумлаи дарозтарин баҳрҳои шеъри араб аст. Арӯзшиноси форс-тоҷик – Сайфии Бухороӣ сабаби Тавил ном гирифтани ин баҳрро аз он медонад, ки он ҳеҷ гоҳ дар шакли мусаддас намеояд ва абёти он ҳаргиз аз ҳашт рукн камтар нест. Рукнҳои солими Тавил фаъӯлун / v - - / ва мафоъӣлун / v - - - / буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви якуми дойираи якуми арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Мухталифа дар шакли мусамман ҷудо кардааст. Дар ҳар ду рукни солими Тавил сабаби хафиф / - / нисбат ба ватади маҷмӯъ / v - / зиёд аст, аз ин рӯ, шакли солими он аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешавад. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Сайфӣ дар «Арӯзи Сайфӣ», Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» Тавилро мисли Халил ибни Аҳмад дар дойираи Мухталифа, дар шакли мусаммани солим ва Ваҳиди Табрезӣ дар дойираи Муҷталиба, дар шакли мусаммани солим ҷой додаанд. Тавил мисли дигар баҳрҳои дойираи Мухталифа /Баситу Мадид/ рукни махсус надорад ва дар натиҷаи омезиши рукни асосии баҳри Мутақориб – фаъӯлун / v - - / ва рукни асосии баҳри Ҳазаҷ – мафоъӣлун / v - - - / сохта мешавад. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни фаъӯлун зиҳофи мақбуз / фаъӯлу v – v / ва аз рукни мафоъӣлун зиҳофҳои мақбуз /мафоъилун v – v –/, маҳзуф /фаъӯлун v - - /-ро истифода мебаранд. Баҳри Тавил дар адабиёти тоҷик серистеъмол набошад ҳам, баъзе намояндагони адабиёти классикии форс-тоҷик «дар назми он тақлид ба шуарои араб



кардаанд ва барои маҳорати хеш дар арӯз» дар авзони ин баҳр шеър гуфтаанд. Аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ фақат се навъи он машҳур аст.

Тавили мусаммани солим:

Дилороми моро гар ба ваъда вафо будӣ,
Ба навъе будӣ, к-охир тасалло ба мо будӣ. /Сайфӣ/
фаъӯлун / мафоъӣлун / фаъӯлун /мафоъӣлун
v - - / v - - - / v - - / v - - -

Тавили мусаммани мақбуз:

Бад-ин ошиқӣ ҳар к-ӯ диҳад панд мар-маро,
Ҳаме гавз бар гунбад фишонад ба аблаҳӣ. /аз «ал-Муъҷам»/

фаъӯлун / мафоъӣлун/ фаъӯлун/ мафоъилун
v - - / v - - - / v - - / v – v –

Тавили мусаммани маҳзуф /а р ӯ з - м а қ б у з/:

Нигоре куҷо ҳамто ба хубӣ надонамаш,
Чӣ гӯӣ, киро бошад ба ишқаш сабурӣ? /аз «ал-Муъҷам»/

фаъӯлун / мафоъӣлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун
v - - / v - - - / v - - / v - -

Дар рисолаҳои арӯз баҳри Арази мусаммани солимро /мафоъӣлун / фаъӯлун/ мафоъӣлун / фаъӯлун/ мақлуби Тавил номидаанд.

## БАҲРИ МАДИД ВА АНВОЪИ ОН

Мадид дар луғат ба маънии давомдор, кашида ва дарозкардашуда омадааст, аммо дар илми арӯз номи яке аз баҳрҳои фаръиро гӯянд, ки асосан ба шеъри арабӣ хос мебошад. Ин баҳрро барои он Мадид меноманд, ки онро аз байни рукнҳои баҳри Тавил барои он Мадид меноманд, ки онро аз байни рукнҳои баҳри Тавил

Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви дуюми дойираи якуми арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Мухталифа дар шакли мусамман ҷудо кардааст. Рукнҳои фоъилотун /- v - - / ва фоъилун / - v - / афоъили аслии онро ташкил медиҳад. Дар ҳар чор афоъили аслии Мадид сабаби хафиф / - / нисбат ба ватади маҷмӯъ /v -/ зиёд ва муқаддамтар аст. Шакли солими он аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешавад. Мадид мисли дигар баҳрҳои дойираи Мухталифи /Басит ва Тавил/ рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукни асосии баҳри Рамал – фоъилотун / - v - - / ва рукни асосии баҳри Мутадорик – фоъилун /- v- / сохта мешавад. Барои сохтани дигар навъҳои Мадид аз рукни фоъилотун зиҳофҳои маҳзуф /фоъилун – v - /, мақсур /фоъилон – v ~ /, махбун / фаъилотун v v - - /, машкул / фаъилоту v v – v /, макфуф /фоъилоту – v – v /, махбуни мақсур /фаъилон v v ~ / ва аз рукни фоъилун / - v - / зиҳофи махбунро /фаъилун v v - / истифода мебаранд. Мадид хосси шеъри арабӣ бошад ҳам, бисёр намояндагони адабиёти классикии форс-тоҷик барои санҷидани маҳорати шоирии худ дар ин бахр шеър гуфтаанд. Аз омезиши рукнҳои солими Мадид ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусамману мусаддас 11 навъи он сохта шудааст. Ҳоло барои анвоъи нисбатан маъмули он мисолҳои шеърӣ меорем.

Мадиди мусаммани солим:

Дил зи ҳаҷрат, ай санам, хуни худро мех/в/арад,
Ҷон ба дастат, ай буто, ҷомаи тан медарад.
/Ҷомӣ/

фоъилотун / фоъилун/ фоъилотун/ фоъилун
- v - - / - v - / - v - - / – v -

Мадиди мусаддаси солим / Бештари ашъори араб дар ҳамин навъи баҳри Мадид суруда шудааст/:

Ғолиязулфе, суманоразине,
Сарвболову занҷирмӯе. /аз «ал-Муъҷам»/
фоъилотун / фоъилун / фоъилотун
- v - - / - v - / - v - -

Мадиди мусаддаси макфуфи махбуни мусаббағ:

Ай санам, раҳӣ макуш, ки сазо нест,
Ин ҷафо накун, буто, ки раво нест. /аз «ал-Муъҷам»/
фоъилоту / фоъилун / фаъилийён
- v – v/ - v - / v - -

Мадиди мусаддаси махбун:



Чун зи ман сер шудӣ, чӣ кунам ман?
Посухам чун накунӣ, бизанам тан. /аз «ал-Муъҷам»/
фоъилотун / фаъилун/ фаъилотун
- v - - / v v - / v v - -

Мадиди мусаддаси мусаббағ:

Мебисӯзам дар фироқат ҳаме зор,
Ай санам, то кай раво дорӣ озор? /аз «ал-Муъҷам»/
фоъилотун / фоъилун / фоъилийён
- v - - / - v - / - v - ~

Мадиди мурраббаъи солим:

Бода баргир, ай санам,
Руд бардору бизан. /аз «Меъёр-ул-ашъор»/
фоъилотун / фоъилун
- v - - / - v -

Аз авзони баҳри Мадид шаклҳои мусаммани солим ва мураббаъи он хеле хушоянда аст ва сабаби ин дар наздик будани он ба баҳри Рамал аст. Баъзе арӯзшиносони форс-тоҷик авзони баҳри Амиқи мусаммани солимро (фоъилун/ фоъилотун / фоъилун/ фоъилотун) мақлуби Мадид номидаанд, ки дуруст аст.

## БАҲРИ БАСИТ ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Басит фарох, васеъ, паҳншуда, густардашуда буда, дар илми арӯз номи яке аз баҳрҳои фаръист, ки танҳо ба шеъри арабӣ тааллуқ дорад. Ин баҳрро барои он Басит номидаанд, ки дар аввали рукни мустафъилуни он ду сабаби хафиф – «мустаф» / - - / густаронида шудааст. Мухтареъи илми арӯз – Халил ибни Аҳмад рукнҳоиРаситро аз ҷузви чоруми дойираи якуми арӯзи арабӣ, яъне, аз дойираи Мухталифа дар шакли мусамман ҷудо кардааст. Рукнҳои мустафъилун / - - v - / ва фоъилун / - v - / афоъили аслии онро ташкил медиҳад. Дар ҳар ду рукни солими Басит сабаби хафиф нисбат ба ватади маҷмӯъ зиёд ва муқаддамтар аст. Шакли солими он аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешавад. Басит чун дигар баҳрҳои дойираи Мухталифа / Тавил, Мадид/ рукни махсус надошта, дар натиҷаи омехташавии рукни асосии баҳри Раҷаз – мустафъилун / - - v - / ва рукни асосии баҳри Мутадорик – фоъилун / - v - / сохта мешавад. Барои сохтани дигар навъҳои ин бахр аз рукни мустафъилун зиҳофҳои

махбун /мафоъилун v – v - /, мақтӯъ /мафъӯлун - - - /, мухаллаъ /фаъӯлун v - - /, музол /мустафъилон - - v~ /, махбул /фаъилатун v v v - /ва аз рукни фоъилун зиҳофи махбунро (фаъилун v v - ) истифода мебаранд. Баъзе намояндагони адабиёти классикии форсу точик барои санчидани маҳорати шоирии худ дар ин баҳр шеър гуфтаанд. Аз омезиши рукнҳои солими Басит ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусамману мусаддасу мурраббаъ ҳашт навъи он сохта мешаванд. Мисоли баҳри Басити мусаммани солим:

Чун хору хас рӯзу шаб афтодаам дар раҳат,
Бошад, ки бар ҳоли ман афтад назар ногаҳат. /Ҷомӣ/
мустафъилун/ фоъилун / мустафъилун/ фоъилун
- - v - / - v - / - - v - / - v –

Басити мусаммани махбун:

Донӣ чӣ гуфт маро он булбули саҳарӣ?
Ту худ чӣ одамиӣ, к-аз ишқ бехабарӣ? /Саъдӣ/
мустафъилун / фаъилун / мустафъилун/ фаъилун
- - v - / v v - / - - v - / v v -

Басити мусаммани музол:

Аз савту сози аҷиб, аз хониши дилфиреб,
Аз нағмаи рақсзеб, аз чаҳ-чаҳи андалеб.
/Фарҳат/
мустафъилун/ фоъилон/ мустафъилун/ фоъилон
- - v - / - v ~ / - - v – / - v~

Басити мусаммани махбун:

Ақл аз ту тоза бувад, ҷон аз ту зинда бувад.
Ту ақли ақли манӣ, ту ҷони ҷони манӣ. /Шамс/
мустафъилун/ фаъилун / мустафъилун / фаъилун
- - v - / v v - / - - v - / v v -

Басити мусаддаси солим:

Бар мустаманде макун чандин ситам,
К-ӯ бар наёрад зи дард аз ишқ дам.
/Насируддини Тӯсӣ/



мустафъилун / фоъилун / мустафъилун
- - v - / - v - / - - v -

Басити мусаддаси махбун /ҳашви якуми мисраи дуюм-солим/:

Чӣ ба вафо ту бутӣ, чӣ ба сазо санамӣ,
Ки ба забон н-оварӣ, ки ту чаро ба ғамӣ?
фаъилатун / фаъилун / фаъилатун/ фаъилун
v v v - / v v - / v v v - / v v –

## БАҲРИ ВОФИР ВА АНВОЪИ ОН

Маънии луғавии Вофир бисёр, фаровон буда, дар илми арӯз яке аз баҳрҳои аслиро гӯянд, ки асосан хосси шеъри арабӣ мебошад. Ин баҳрро барои он Вофир номидаанд, ки дар рукни он – мафоъилатун / v – v v - / ҳиҷоҳои кӯтоҳ нисбат ба ҳиҷоҳои дароз бисёр аст ва бештари ашъори араб дар авзони ин баҳр суруда шудааст. Мухтареъи илми арӯз – Халил ибни Аҳмад рукни асосии он – мафоъилатунро аз ҷузви аввали дойираи дуюми арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Мъталифа дар шакли мусамман ҷудо кардааст. Вофир дар дойираҳои арӯзи форсӣ-тоҷикӣ низ дар шакли мусаммани солим /мафоъилатун – ҳашт бор дар як байт/ омада, дар асл шоирони форсу тоҷик, ба гуфтаи Насируддини Тӯсӣ «ба такаллуф» дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъу мусаннои солиму музоҳафи он шеър гуфтаанд. Рукни асосии Вофир – мафоъилатун / v – v v - / аз ватади маҷмӯъ / v - / ва фосилаи суғро / v v - / иборат аст. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ аз омезиши рукни солим – мафоъилатун ва зиҳофҳои он /мақтӯъ-фаъилотун v v - - , мағзуб – муфтаъилун – v v - , маъсуб – мафоъӣлун v - - -, маъқус – мафъӯлv - - v , манқус – мафоъӣлу v - - v, аҷам-фоъилун – v -, маъқул – мафоъилун v – v- , ақсам-мафъӯлун - - - , ақсами мусаббағ-мафъӯлон - - ~, аҷами музол-фоъилон, - v ~, маъсуби мусаббағ-мафоъӣлон v – - ~, маъқули музол-мафоъилон v - v ~, мағзуби музол-муфтаъилон – v v ~, мувассаъ-мафоъилиётун v - v v - - , мувасссаъи мусаббағ-мафоъилиётон – v v – ~, музол-мафоъилатон v – v v ~, мақтуф-фаъӯлун v - - /нӯҳ навъи баҳри Вофир ба вуҷуд меояд. Ҳоло барои ҳар як навъи он мисоли шеърӣ меорем.

Вофири мусаммани солим:

Чӣ шуд, санамо, ки сӯи касе ба чашми ризо наменигарӣ,
Зи расми ҷафо ҳамегузарӣ, тариқи вафо намесипарӣ?
/Сайфӣ/

мафоъилатун/мафоъилатун/мафоъилатун/ мафоъилатун
v– v v- / v – v v - / v – v v - / v – v v –

Вофири мусаддаси солим:

Буто, ғами ту бар ин дили ман бизад аламе,
Чунон ки аз ӯ ба гирди ҷаҳон шудам аламӣ.
/Насируддини Тӯсӣ/
мафоъилатун / мафоъилатун / мафоъилатун
v – v v - / v – v v - / v – v v –

Вофири мураббаъи солим:

Бадӣ чӣ кунӣ ба ҷони касе,
Ки ӯ накунад ба ҷони ту бад?! /Насируддини Тӯсӣ/
мафоъилатун / мафоъилатун
v – v v - / v – v v –

Вофири мусаннои солим:

Ба сабзаи нав
Насим вазид,
Зи лола алав
Ба чашм расид. /Фарҳат/
мафоъилатун
v – v v –

Вофири мусаддаси маъсуби мақтуф:

Нигорино, бикун фикре ба корам,
Чу медонӣ, ки ман зи ғамат фигорам.
/аз «ал-Муъҷам»/

мафоъилун / мафоъилатун / фаъӯлун
v - - - / v – v v - / v - -

Вофири мусаддаси мақтуф:



Чу баргузарӣ, ҳаменигарӣ ба рӯям,
Чаро накунӣ, буто, назаре ба корам?
/Насируддини Тӯсӣ/

мафоъилатун / мафоъилатун/ фаъӯлун
v – v v - /v – v v - / v - -

Вофири мусаддаси манқуси мақтуф:

Агар ёр маро боз навозад,
Дилам ба ғами савдош бисозад.
мафоъӣлу / мафоъӣлу/ фаъӯлун
v - - v / v - - v/ v - -

Вофири мусаддаси аҷами маъқул:

Он нигори хубчеҳри симзақан
Рӯи хеш- дар ниҳон намуд ба ман. /аз «ал-Муъҷам»/
фоъилун / мафоъилун / мафоъилатун
- v - /v – v - / v – v v -

Бамаврид аст бигӯем, ки баъзе анвоъи баҳри Вофир аз ҷиҳати оҳанг ва шакли афоъил ба баҳри Ҳазаҷ монандӣ доранд. Сабаби ин монандӣ ва ҳамоҳангӣ дар яксон будани шакли овозии зиҳофҳои маъсуб /мафоъӣлун/, маъқус /мафъӯлу/, аҷам /фоъилун/, манқус /мафоъӣлу/, маъқул /мафоъилун /, ақсам /мафъӯлун/, ақсами мусаббағ /мафъӯлон/, аҷами музол /фоъилон/, маъсуби мусаббағ /мафоъӣлон/, маъқули музол /мафоъилон/, мақтуф /фаъӯлун/-и баҳри Вофир бо рукни солими баҳри Ҳазаҷ /мафоъӣлун/, зиҳофҳои ахраб /мафъӯлу/, аштар /фоъилун/, макфуф /мафоъӣлу/, мақбуз /мафоъилун/, ахрам /мафъӯлун/, муханнақи мусаббағ /мафъӯлон/, мақбузи мусаббағ /мафоъилон/, маҳзуф /фаъӯлун/ мебошад. Чӣ таврe ки мебинед, зиҳофҳои дар боло номбаршудаи баҳрҳои Вофиру Ҳазаҷ дар ном фарқ кунанд ҳам, аз ҷиҳати шакли афоъил яксон мебошанд. Барои ҳамин, баҳри Вофири мусаддаси манқуси мақтуф /мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун/-ро баҳри Ҳазаҷи мусаддаси макфуфи маҳзуф номидан мумкин аст.

## БАҲРИ КОМИЛ ВА АНВОЪИ ОН

Комил дар луғат ба маънии пурра, тамом омадааст, аммо дар илми арӯз яке аз баҳрҳои аслист, ки асосан ба шеъри арабӣ хос мебошад. Ин баҳрро барои он Комил номидаанд, ки рукни асосии он – мутафоъилун /v v – v - / дар дойира тағйир намеёбад ва шакли дойиравии он, яъне шакли мусаммани солим бештар маъмул аст. Рукни асосии Комил – мутафоъилун /vv – v -/ буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви дуюми дойираи дуюми арӯзи арабӣ, яъне аз дойираи Муъталифа дар шакли мусаммани солим ҷудо кардааст. Комил дар дойираҳои арӯзи форсӣ-тоҷикӣ низ дар шакли мусаммани солим /мутафоъилун – ҳашт бор дар як байт/ омада, шоирони форс-тоҷик дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъу мусаннои солим ва музоҳафи он шеър гуфтаанд. Рукни солими Комил аз фосилаи сугро / v v - / ва ватади маҷмӯъ / v - / иборат аст. Агар дар шеъри арабӣ, асосан шакли мусаддаси солими Комил ривоҷ дошта бошад, дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ бештар шакли мусаммани солими он мавқеъи зиёд дорад. Унсурӣ шеъре дорад, ки дар яке аз навъҳои баҳри Комил – Комили мусаммани маҷзули мураффали махбуни мақсур буда, ҳар рукни он аз чаҳор ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз иборат аст. Байте аз он:

Шакарак аз он ду лабаки ту бичинам, агар ту яла кунӣ,
Ба сараки ту, ки бизанамат ба бадар, агар ту гила кунӣ.
мутафаъилун/ мутафъилун/ мутафаъилун/ мутафаъилун
v v v v - / v v v v -/ v v v v -/ v v v v –

Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни солим мутафоъилун / v v – v - / ва зиҳофҳои он: мақтӯъ /фаъилотун v v - - /, музмар / мустафъилун - - v - /, музмари аҳазз / фаълун - - /, аҳазз /фаъилун v v - /, музол /мутафоъилон v v – v ~/, мавқус /мафоъилун v – v - /, маҷзул /муфтаъилун – v v - /, мавқуси музол /мафоъилон v – v ~ , мақтӯъи мусаббағ /фаъилийён v v – ~/, маҷзули мураффал /муфтаъилотун – v v - - /, маҷзули мураффали махбуни мақсур /мутафаъилун v v v v - /, маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ (мутафаъилатон v v v v v - /, маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъи музол /мутафаъилатон v v v v v ~ , маҷзули мураффали мусаббағ ё маҷзули мутаввал /муфтаъилотун – v v – ~ /, мавқуси мураффал /мафоъилотон v – v - -/, мавқуси мураффали



мусаббағ ё мавқуси мутаввал /мафоъилотон v – v – ~/, музмари аҳаззи мусаббағ / фаълон – ~/, музмари мақтӯъ /мафъӯлун - - - /, музмари мақтӯъи мусаббағ /мафъӯлон - - ~/, музмари музол /мустафъилон - - v ~ /, музмари мураффал /мустафъилотун - - v - - /, музмари мураффали мусаббағ ё музмари мутаввал /мустафъилотон - - v – ~ /, мураффал /мутафоъилотун v v – v - - /, мураффали мусаббағ ё мутаввал / мутафоъилотон v v – v – ~/, мухаззал ё маҷзул /муфтаъилун – v v - /, мухаззали музол ё маҷзули музол /муфтаъилон – v v ~/-ро истифода мебаранд. Комил дар шеъри тоҷикӣ нисбат ба дигар баҳрҳои хоси арӯзи арабӣ /Тавил, Мадид, Басит, Вофир/ хеле серистеъмол мебошад. Аз омезиши рукни солими Комил ва зиҳофҳояш дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъю мусанно 24 навъи он сохта мешаванд. Ҳоло барои анвоъи мустаъмали баҳри Комил мисолҳои шеърӣ меорем.

Комили мусаммани солим:

Дили орамида ба худ макаш зи фусуни рангу ҳавои гул,
Ситам аст ғунчаи ин чаман мижа во кунад ба садои гул.
/Бедил/

мутафоъилун / мутафоъилун / мутафоъилун / мутафоъилун
v v–v - / v v – v - / v v – v –/ v v - v –

Комили мусаддаси солим:

Нафаси саҳар фараҳу сафо ба дил оварад,
Зи фурӯғи ҷон шарафи вафо ба дил оварад. /Фарҳат/
мутафоъилун / мутафоъилун / мутафоъилун
v v – v - /v v – v - / v v – v –

Комили мураббаъи солим:

Чӣ хуш он ки байрақи хун ба по
Паи қатъи решаи ағниё. /Лоҳутӣ/
мутафоъилун/ мутафоъилун
v v – v - / v v – v –

Комили мусаннои солим:

Зи дили Ватан
Раҳи марду зан
Суи анҷуман
Шуда гулфикан. /Фарҳат/
мутафоъилун
v v – v –

Комили мусаммани музмар:

Санамо, хаёлатро чӣ шуд, ки ба мо надорад улфате,
Хиҷилам зи доғат, к-аз вафо ба сар гузорад миннате.
мутафоъилун/мустафъилун/ мутафоъилун/ мустафъилун
v v – v - / - – v - / v v – v - / – – v

Комили мусаддаси музмари мураффал:

Ҳар ҷо, ки рафтам, ҳар ҷо, ки дидам, ё худ шунидам,
Ҳар хат, ки хондам, ҳар гул, ки чидам, ё худ шамидам.
/Фарҳат/
мустафъилотун / мустафъилотун/ мустафъилотун
– - v - - / – – v - - / – - v – -

Комили мусаддаси мавқуси мақтӯъ:

Нигори ман, савори ман ба сафар шуд,
Ҳамеравад чу саркашон ба ҷаҳон -дар.
/аз «ал-Муъҷам»/
мафоъилун /мафоъилун/ фаъилотун
v – v - / v – v - / v v v - -

Комили мурраббаъи аҳазз:

На накӯ бувад, ки кунӣ,
Ту ба ҳеч рӯй бадӣ. /Насируддини Тӯсӣ/
мутафоъилун / фаъилун
v v – v - / v v –



Комили мусаддаси музмар / ҳ а ш в и мисраи дуюм – с о л и м /:

Ай меҳтаре, к-аз меҳтарони худ беҳтарӣ
В-аз беҳтарӣ ҳама кас биёбад меҳтарӣ.
/аз «ал-Муъҷам»/
мустафъилун / мутафоъилун / мустафъилун
– – v - / v v – v - / - – v

Комили мураббаъи мураффал:

Дили ман кӣ бошад, ки туро набошад,
Тани ман кӣ бошад, ки фано набошад?! /Шамс/
мутафоъилотун / мутафоъилотун
v v – v - - / v v – v - -

## ФАСЛИ СЕЮМ
## ИЛМИ БАДЕЪ

Бадеъ калимаи арабӣ буда, маъноаш наву тоза мебошад. Дар истилоҳ фанни бадеъ илмест, ки дар бораи санъатҳои бадеӣ дар назму наср ва навгӯию тозакорӣ дар сухан баҳс мекунад. Фанни бадеъро дар амал санъатҳои бадеӣ ҳам мегӯянд. Дар замони шӯравӣ ба ҷои санъатҳои бадеӣ истилоҳҳои воситаи инъикос ва воситаи тасвирро низ истифода мекарданд, ки тарҷума аз забони русӣ мебошанд. Ҳоло ҳам дар мавриди лозима аз онҳо истифода бурдан мумкин аст. Мафҳуми «санъати бадеӣ» ба маънои воситаҳои ба вуҷуд овардани тасвири бадеъӣ низ истифода мешавад.

## САНЪАТҲОИ БАДЕЪӢ

Санъатҳои бадеиро ба ду дастаи асосӣ ҷудо мекунанд: 1. Санъатҳои маънавӣ. 2. Санъатҳои лафзӣ. Санъатҳои маънавӣ аз рӯи муносибати маъноии миёни калимаҳо сохта мешаванд, ки ба зоҳири шакл ва маънои онҳо дахл дорад. Масалан, дар мисраи Рӯдакӣ - «Бихандад лола бар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло» «хандаи лола» шукуфтану сурхии лола аст, ки ба чеҳраи Лайло монанд карда шудааст. Санъатҳои лафзӣ ба муносибати шаклии калима ва ҳарфу ҳиҷоҳо асос меёбанд. Масалан, дар шеър ягон калима ба такрор биёяд, санъати лафзӣ мебошад.

Санъатҳои бадеӣ яке аз воситаҳои асосии тасвир, ки ё ба маънӣ, ё ба лафзӣ, ё ба ҳар ду тааллуқ дошта, шоиру нависандагон ба воситаи онҳо андешаю мақсадашонро ба таври муъҷазу дилкашу хушу гуворо ифода менамоянд. Санъатҳои бадеъии адабиёти форс-тоҷик таърихи хеле қадима дошта бошанд ҳам, илми мустақили он дар асрҳои миёна ба вуҷуд омад. Донишманди а.13 форс-тоҷик - Насируддини Тӯсӣ нахустин касест, ки мафҳуми санъатҳои бадеъиро шарҳу тавзеҳ додааст: "Ва он чи ба ҷавҳари лафз кунад ва ё ба фасоҳату ҷазолати лафз кунад, ё ба ҳасби ҳилате ва, ҳамчунин, он чи иқтизои тахайюл ба ҳасби маънӣ кунад ва ё ба ғаробати маънӣ кунад, ё ба ҳасби ҳилате аз умури мутааллиқ ба ҳар ду хам бар ин қиёс" (39, 589).

Аз мулоҳизаҳои Насируддини Тӯсӣ ба хубӣ фаҳмидан мумкин, ки шоирону донишмандони гузаштаи мо санъатҳои бадеъиро ҳамчун воситае қабул кардаанд, ки тавассути онҳо ҳодиса ва воқеаҳои ҳаётиро ба таври рангину ҳунармандонаю мухайял ифода намоянд. Ҳамин тариқ, санъатҳои бадеъӣ аз ҷумлаи воситаҳое мебошанд, ки такя бар



калима ва маънии калимаҳои алоҳида, ибора ва ҷумлаҳои ҷудогона, ҳамзамон, ибора ва ҷумла мекунад. Масалан, дар байти зер калимаҳои "шона" ва "шона" аз ҷумлаи воситаҳоеанд, ки танҳо ба маънии калимаҳо робита доранд:

Тори зулфатро ҷудо машшота гар аз шона кард,
Дасти он машшота мебояд ҷудо аз шона кард.
фоъилотун/ фоъилотун/фоъилотун/ фоъилон
- v- -/ - v - -/ -v - -/ -v ~

Дар байти зер калимаҳои "дурд"-у "дард" аз воситаҳоеанд, ки танҳо ба лафзи калимаҳо тааллуқ доранду халос:

Ай, ки софӣ сохтӣ айши маро аз дурди дард,
Дур бод аз гирди оседи ту даври тезгард.
фоъилотун/ фоъилотун/фоъилотун/ фоъилон
- v- -/ - v - -/ -v - -/ -v ~

Аммо агар байти устод Рӯдакиро:

Бихандад лола бар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун, ба сони дидаи Маҷнун.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - -/ v - - -/v - - -/ v - - -

ба шакли ҷумла нависем, "Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло – Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун", аз ҷумлаи воситаҳоеанд, ки ба маънии ҷумлаҳо иртибот доранд.

Донишмандони илми бадеъ истифодаи бамавриди санъатҳои бадеъиро дар назму наср нишонаи маҳорат дониста, таъкид ҳам кардаанд, ки каломе, ки дар он санъатҳои бадеъӣ истифода шудааст, каломи олист. Бесабаб нест, ки муаллифи "Қобуснома" - Унсурулмаолии Кайковус ба фарзандаш насиҳат карда гуфтааст: "Агар хоҳӣ, ки сухани ту олӣ бошад ва бимонад, бештар сухани мустаор гӯй ва истиорот бар мумкинот гӯй ва дар мадҳ истиорот ба кор дор" (72, 211). Муаллифи «ал-Муъҷам» - Шамси Қайси Розӣ низ сухани санъатдорро аз сухани одии бесанъат боло мегузорад, зеро ба қавли аҳли илму адаб, сухане, ки дар он санъатҳои бадеъӣ хеле бамаврид ва дониста истифода шудааст, завқи хонандаю шунавандаро баланд мебардорад.

Ҳарчанд донишмандони илми бадеъ истифодаи санъатҳои бадеъиро дар каломи бадеъ далели маҳорат ва тавоноии шоиру нависанда донистаанд, аммо дар мавриди истифодаи он ҳадди муайяне гузоштаанд. Шамси Қайси Розӣ дар мавриди ҳадди истифодаи санъатҳои бадеъӣ дар таърихи адабиётшиносии форс-

тоҷик назарияе пешниҳод кард, ки бо номи “Ҳадди эътидол” машҳур аст. Мувофиқи ин назария, адиб бояд ҳам дар мадҳ, ҳам дар ҳиҷв ва ҳам дар истифодаи санъатҳои бадеъӣ андозаро нигоҳ дорад. Илова бар ин, Мавлоно Ҷомӣ каломи шоирро ба рӯйи маъшуқа ва санъатҳои бадеъиро ба холи ӯ монанд кардааст, ки хеле аҷиб аст:

Хуш ояд дар сухан санъат зи шоир, лек на чандон,
Ки орад дар камоли маънии мақсуд нуқсонаш.
Хаёли хос бошад холи рӯйи шоҳиди маънӣ,
Чу хол андак фитад бар рӯ, диҳад ҳусни фаровонаш.
Ва гар гирад зи бисёрӣ ҳама рухсори шоҳидро,
Миёни содарухсорон сияҳрӯйӣ расад з-онаш.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - -/ v - - -/v - - -/ v - - -

Аксари донишмандони илми адаб муаллифи “*Тарҷумон-ул-балоға*”- Муҳаммад ибни Умари Родуёниро мухтареи санъатҳои бадеъии форс-тоҷик эътироф кардаанд. Ӯ дар асари худ назарияи санъатҳои бадеъиро баён карда, дар мавриди шарҳу тавзеҳи ҳар санъати бадеъӣ аз шоирони то асри 11 ва замони хеш мисолҳои мувофиқу зарурӣ шоҳид овардааст.

Дойир ба санъатҳои бадеъӣ ва навъҳои он асарҳои зиёде таълиф карда шудааст, ки маъмултарини онҳо: “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър”-и Рашиди Ватвот, «ал-Муъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ, “Эъҷози Хусравӣ”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, “Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ”-и Шарофуддини Ромӣ, “Дақоиқ-уш-шеър”-и Тоҷалҳаловӣ, “Бадоеъ-ус-саноеъ”-и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, “Бадоеъ-ул-афкор”-и Ҳусайни Воъизи Кошифӣ, “Ҷамъи мухтасар”-и Ваҳиди Табрезӣ, “Маҷмаъ-ус-саноеъ”-и Низомуддин Аҳмади Сиддиқӣ, “Санъати сухан”-и Тӯрақул Зеҳнӣ, “Шинохти ташбеҳ”-и Раҳёби Носир, “Фунуни адабӣ”-и Ҷалолуддини Ҳумой, “Каломи бадеъ”-и Худой Шарифов, “Зеби сухан ё илми бадеъи форсӣ”-и Саййидмуҳаммади Нишот, “Илми бадеъ дар забони форсӣ”-и Сайидмуҳаммад Доъии Ҷовид, “Маъонӣ ва баён”-и Ҷалили Таҷлил, “Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ”-и Холиқ Мирзозода, “Накди шеъри форсӣ. Ташбеҳ ва истиора дар забони форсӣ”-и Хусрави Фаршедвард, “Нигоҳи тоза ба бадеъ”-и Сируси Шамисо, “Фунуни шоирӣ”-и Ҷаъфари Соманӣ, “Фунуни адабӣ”-и Аҳмади Нажод, “Сувари хаёл дар шеъри форсӣ”-и Шафеъии Кадканӣ, “Ҳунари сухаторой. Фанни бадеъ”-и Саййидмуҳаммади Ростгӯ, “Арӯсони сухан”-и Ҳушманди Исфандиёрпур, “Накди бадеъ”-и Муҳаммади Фишоракӣ, “Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ”-и



Абдунабӣ Сатторзода, “Назмшиносӣ”-и Худой Шарифов, “Каломи манзум”-и Урватулло Тоиров ва ғ. мебошад.

Донишмандони илми бадеъ санъатҳои бадеъиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд. Санъатҳои бадеъии м а ъ н ав ӣ ва санъатҳои бадеъии л а ф з ӣ, ки ибтидои чунин тақсимот дар а. 15 ба муаллифи “Бадоеъ-ус-саноеъ” - Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ тааллуқ дорад.

С а н ъ а т ҳ о и м а ъ н а в ӣ аз рӯйи муносибати маъноии миёни калимаҳо сохта мешаванд, ки ба зоҳири шакл ва маънои онҳо дахл дорад. Мас., дар мисраъи Рӯдакӣ: “Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло” “хандаи лола” шукуфтану сурхии лола аст, ки ба чеҳраи Лайло монанд карда шудааст. Ба таври дигар гӯем, нишонаҳои асосии санъатҳои маънавӣ зуҳури маънӣ аз калима, ибора ва таркиб мебошанд. Санъатҳои маънавӣ воситаҳои ифодаи маъно буда, тасвирҳои шоирона месозанд. Гӯянда, яъне шоир ба воситаи онҳо мақсади асосии хешро дилнишину зеботар баён мекунад. Хулоса, санъатҳои бадеъиеро, ки тааллуқ ба маънии калима доранд, санъатҳои маънавӣ меноманд. Ба гурӯҳи санъатҳои маънавӣ ташбеҳ, киноя, маҷоз, истиора, муболиға, тавсиф, тазоду муқобала, иҳом, таҷниси маънавӣ, лаффу нашр, ташхис, талмеҳ, ирсоли масал, тафвиф, таъриз, таҷоҳули ориф, тааҷҷуб, илтифот, сиёқатулаъдод, тамсил, тафсир, бозгашт, тазмин ва назира, татмил, эътироз, тарҷеъ, сеҳри ҳалол, бароати истеҳлол, муаммо, ҳашв, муроoти назир, тақсим, ҷамъ бо тақсим, ҷамъ бо тафриқ, тафриқ бо тақсим, мадҳи шабеҳ ба замм, замми шабеҳ ба мадҳ, тавҷеҳ, луғаз, ҳусни мақтаъ, ҳусни тахаллус, моддаи таърих, руҷӯъ, нидо, ҳусни таълил ва ғ. дохил мешаванд.

С ан ъ а т ҳ о и л а ф з ӣ ба муносибати шаклии калима ва ҳарфу ҳиҷоҳо асос меёбанд. Нишонаҳои асосии санъатҳои лафзӣ дар таносуби шаклии калима ва ҳарфу ҳиҷоҳо ифода меёбанд. Санъатҳои лафзӣ воситаҳои ифода буда, аз рӯйи хусусиятҳои овозии гуфтор ё шакли ҳарфии таълиф муайян карда мешаванд. Санъатҳои лафзӣ ҳамчун воситаи ҳусни сухан, пеш аз ҳама, аз муносибату мувофиқати ҳарфу ҳиҷо ба вуҷуд меоянд. Хулоса, санъатҳои бадеъиеро, ки тааллуқ ба калима, ибора ва ҷумлаҳо доранд, санъатҳои лафзӣ меноманд. Таносуб дар санъатҳои лафзӣ аз мувофиқати ҳарфу калима ва калимаю ҷумла ба вуҷуд меояд.

Масалан, чор мисраъи зер дар санъати лафзии мураббаъ суруда шудааст, ки агар ин чаҳор пораро дар хоначаҳои алоҳида навишта, хоҳ аз тарафи чап ба тарафи рост, хоҳ аз боло ба поён хонем, боз ҳамон мисраъ ё байт ба вуҷуд меояд:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дил волаю | ҳайрони ту | бинам | ҷоно |
| Ҳайрони ту | Офтоби | рӯят | бинамо |
| Бинам | Рӯят | чу оварӣ | рӯй ба мо |
| Ҷоно | Бинамо | рӯй ба мо | баҳри Худо |

Як қисми санъатҳои лафзӣ ба ҳусни маънӣ ҳам далолат мекунанд, ки таҷниси маънавӣ аз ҷумлаи онҳост. Санъатҳои лафзӣ инҳоянд: таҷниси лафзӣ, тарсеъ, саҷъ, иштиқоқ, қалб ва мақлаб, раддулаҷзи илассадри, раддуссадри илалаҷзи, раддулматлаъ, табдил ва акс, раддулқофия, эънот, мураддаф, ҳазф, зуқофиятайн, мувашшаҳ, такрор, муламмаъ, мутазалзил, мудаввар, мураббаъ, мусаддас, мусаммат, муқаттаъ, муздаваҷ ва ғ.

Баъзе донишмандони илми бадеъ санъатҳои бадеъиро ба 3 даста тақсим кардаанд: 1. санъатҳои маънавӣ; 2. санъатҳои лафзӣ; 3. санъатҳои муштарак. Ба гурӯҳи санъатҳои муштарак таҷнис, мурооти назир ва тансиқуссифот ва ғ.-ро дохил кардаанд, зеро ин навъи санъатҳо, асосан, барои таъкиди мақсади гӯянда меоянд ва гоҳе образ низ месозанд. Мас., дар байти:

Домони ту, ай бути ситамгар,
Сар медиҳаму намедиҳам сар.
мафъӯлу / мафоъилун/ фаъӯлун
- -v/ v -v -/ v - -

Таркиби "сар додан" дар аввали мисраъи дуюм ба маънои "ҷон додан" ва дар охири мисраъ ба маънии "аз даст надодан" омадааст, таҷнис мебошад.

Санъатҳои бадеъӣ меъёр ва қонуни асосии мазмуну шакл мебошанд. Агар шоир ё нависанда нозукиҳои онҳоро хуб аз худ карда бошаду мувофиқи талаботи мавзӯъ дуруст дониста ва бамавқеъ кор фармуда тавонад, ягонагии мазмуну шакл ҳосил мешавад. Дар сурати акс, таносуби калом аз байн меравад ва шаклгароии маҳз ба вуҷуд меояд.

Беҳуда нест, ки шоирони бузурги гузаштаю имрӯзаи мо ба санъатҳои бадеъӣ эътибори асосӣ дода, ҳамеша ин таносубро риоя кардаанд.

Санъатҳои бадеъӣ дар тӯли таърих таҳаввул ва такомул ёфта, навъҳои зиёди он ба вуҷуд омад. Ба ҳамин хотир, баъзе донишмандони илми бадеъ, мисли муаллифи "Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ" - Абдунабӣ Сатторзода санъатҳои бадеъиро ба ду бахш ҷудо кардааст: 1. Воситаҳои тасвири бадеъӣ; 2. Воситаҳои баёни сухан.



Санъатҳои бадеъӣ аҳаммияти бузурги таълимию тарбиявӣ доранд, чунки талмеҳ, муаммо, луғаз, чистон барин санъатҳо ҳисси кунҷковӣ ва зеҳни мардумро инкишоф додаанд, санъатҳои лафзии мушаҷҷару мудаввару лабрасу лабнорас, риқо ва ғ. барои инкишофи нутқу тарзи баёни хонанда кӯмак мерасонанд.

Аз таърихи адабиёти классикӣ, махсусан, аз эҷодиёти адибони бузурги гузашта медонем, ки шоирони забардасти мо аз санъатҳои бадеъӣ хеле моҳирона ё устодона истифода кардаанд. Аммо шоироне, ки дар фанни шоирӣ шуҳрат наёфта буданд ва ба ном шоир буданд, муқаллид, дар истифодаи санъатҳои бадеъӣ ба шаклпарастӣ роҳ додаанд.

## ТАШБЕҲ

Ташбеҳ (монанд кардан) дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз санъатҳои бадеъии назму наср аст. Адибон, яъне шоирону нависандагон ба хотири барҷаста ифода кардани фикр чизеро бо чизе муқоиса менамоянд. Ҳангоми муқоиса ҳатман сифати муштараки ҳарду чиз ба назар гирифта мешавад. Барои ҳамин, ташбеҳ ҳамеша ду тарафи муқоиса дорад. Ин ду тарафи монандиро мушаббаҳ ва мушаббаҳунбиҳӣ ё монандшаванда ва монандкунанда ва ё монанду монанда гуфтаанд. Шакли осонтару муносибтари истилоҳ ҳамин монанд ва монанда мебошад.

Барои пайвастани монанд ва монанда воситаҳое ба кор мераванд. Онҳоро ваҷҳи монандӣ (ташбеҳ) ва адоти ташбеҳ мегӯянд. Ба ин тариқ рукнҳои ташбеҳ аз инҳо иборатанд: 1. Монанд, 2. Монанда. 3. Ваҷҳи монандӣ (ташбеҳ). 4. Адоти ташбеҳ.

Мисол:

Пушти дасташ ба масал чун шиками қоқум[1] нарм,
Чун думи қоқум карда сари ангушт сиёҳ.

Дар мисраи якуми ин байти Рӯдакӣ «пушти даст» монанд, «шиками қоқум» монанда, «нарм» ваҷҳи монандӣ ва «чун» адоти ташбеҳ аст. Дар мисраи дуюм «сари ангушт» монанд, «думи қоқум» монанда, «сиёҳ» ваҷҳи ташбеҳ ва «чун» адоти ташбеҳ аст.

Ба вазифаи ёридиҳандаи ташбеҳ – адоти ташбеҳ калима, таркибҳо ва пасояндҳо истифода мешаванд: чун, ҳамчун, мисли, монанди, монанди он ки, чунон ки, гӯё, гӯиё, гӯӣ, пиндорӣ, гуфтӣ, феъли мондан, моно, -осон, -сон, -ваш, -вор, барин ва ғайра.

[1] Қоқум – ҳайвони ба санҷоб монанд

Мисолҳо:

Ай зи рашки рӯи хубат чеҳра чун зар офтоб,
Чун лабат ҳаргиз напарвардаст гавҳар офтоб.
(Аттор)

Монанди пунбадона, ки дар пунба таъбияст,
Аҷроми кӯҳҳост ниҳон дар миёни барф.
(Камолуддини Исфаҳонӣ)

Тозаву хуррам аст чун рухи ёр,
Саҳни гетӣ зи рангу бӯи баҳор.
(Имомии Ҳиравӣ)

Ай лабат мул, оразат гул, турраат сунбул барин,
Ғабғабат дар чарбу нармӣ тухми нимдунбул барин,
Меравӣ аз суҳбати ман ҳамчу наргис саргарон,
Менишинӣ тозарӯ пеши рақибон гул барин…
(Шоҳин)

Нуктае, к-он ҷаст ногаҳ аз забон,
Ҳамчу тире дон, ки он ҷаст аз камон.
(Ҷалолуддини Балхӣ)

Ташбеҳот, мувофиқи муносибати гӯянда ба амалу ҳолат, ба ҳафт навъ ҷудо карда мешаванд: Ташбеҳи мутлақ, ташбеҳи машрут, ташбеҳи киноят, ташбеҳи тавсия, ташбеҳи акс, ташбеҳи измор ва ташбеҳи тафзил. Таснифи ташбеҳ ба навъҳо мувофиқи талаби ваҷҳи ташбеҳ ва адот ба амал меояд.

1. <u>Ташбеҳи мутлақ</u>. Монандии чизеро ба чизи дигар бе қайду шарҳ ташбеҳи мутлақ мегӯянд. Ин навъро ташбеҳи <u>сареҳ</u> ва <u>равшан</u> ҳам гуфтаанд.

Мисол:

Даҳон дорад чу як писта, лабон дорад ба май шуста,
Ҷаҳон бар ман чу як баста, бад-он баста даҳон дорад.
(Шаҳиди Балхӣ)

Ба абри найсон монам кунун ман аз ғами ӯ,
Сазад, ки санъат хуб аст абри найсонро.
(Абулмасали Бухорой)

Аждаҳокирдор печон дар кафи родаш каманд,
Чун асои Мусо андар каффи Мусо гашта мор.
Ҳамчу зулфи некувони мӯрдгесу[1] тоб хурд,
Ҳамчу аҳди дӯстони солхурда устувор.

---
[1] Мурд – дарахте шабеҳи дарахти анор.



2. <u>Ташбеҳи машрут</u>. Ташбеҳи машрут монанд кардани чизе бо чизи дигар бо шарт мебошад. Шарт гузоштан як навъ таъкиди матлаб аст. Дар ин байти Амъақи Бухорой шарт сухангӯ будани мӯр ва равон (ҷон) доштани мӯй аст:

Агар мӯре сухан гӯяд ва гар мӯе равон дорад,
Ман он мӯри сухангӯям, ман он мӯям, ки ҷон дорад.
Ба сарв монад, гар сарв лоладор бувад,
Ба мӯрд монад, гар мӯрд рӯяд аз насрин[2] (Рӯдакӣ)

3. <u>Ташбеҳи киноят</u>. Дар ин навъи ташбеҳ ба монанд аз сӯи монанда киноя карда мешавад. Набудани адоти ташбеҳ дар ин навъ чунин кинояро имкон медиҳад.

Мисол:

Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшад марғзор,
Парниёни ҷуфтранг андар сар орад кӯҳсор.
(Фаррухӣ)

Гоҳ бар моҳи дуҳафта гарди мушк орӣ падид,
Гоҳ мар хуршедро дар ғолия пинҳон кунӣ.
Гоҳ бе ҳуш аз бари гулбарг барҷӯшӣ ҳаме,
Гоҳ бе мушк аз бари кофур мушкафшон кунӣ.
(Унсурӣ)

4. <u>Ташбеҳи тавсия</u>. Маънои тавсия ба як савия баробар овардан аст. Ташбеҳи тавсияро <u>муздаваҷ</u> ва <u>муставӣ</u> ҳам гуфтаанд. Дар ташбеҳи тавсия сифатҳои ду чизи монандро ба ҳам баробар мекунанд ва дар қиёс меоранд. Родуёнӣ мегӯяд, ки ин навъ бештар дар ғазал меояд. Мисол аз Мансури Мантиқӣ:

Як лафз н-ояд аз дили ман в-аз даҳони ту,
Як мӯй н-ояд аз тани ман в-аз миёни ту.
Шояд будан, ки ояд ҷуфте камони хуб,
З-ин ҳам гирифта пушти ману абрувони ту.
Ширу шабаҳ надидам, мушки сиёҳу қир,
Монанди рӯзгори ману зулфакони ту.
Моно ақиқ н-орад ҳаргиз кас аз Яман,
Ҳамранги ин сиришки ману ду лабони ту.

Дар мисраи якум дар шакли қиёс тангии дили худро ба даҳони ёр монанд ва баробар кардааст. Дар байти охир сиришку лабон ба ақиқи яманӣ монанд ва аз он болотар дар сурхӣ ва ба ҳам баробар карда шудаанд. Ҳамин гуна ташбеҳ дар байтҳои ду ва се низ ҳаст.

---
[2] Насрин – гули сафеди хушбӯ, мушкингул.

5. Ташбеҳи акс. Ташбеҳи аксро ташбеҳи маъкус ҳам мегӯянд. Дар ташбеҳи акс монандии чизе ба чизе ва акси онҳо ба воситаи иваз кардани вазифаи монанду монанда баён карда мешавад.

Мисол аз Унсурӣ:

Зи суми сутурону[1] гарди сипоҳ
Замин моҳрӯю замин рӯи моҳ.

Ин байтро Шамси Қайси Розӣ чунин шарҳ додааст: «Рӯи заминро аз нишонаи наъли сутурон ба моҳ ташбеҳ кардааст. Боз рӯи моҳро аз (зиёдии) ғубор ба замин ташбеҳ карда».

6. Ташбеҳи измор. Маънои измор пӯшида ва нуҳуфта аст ва ба ин сабаб онро ташбеҳи пӯшида ҳам гуфтан мумкин аст. Дар ин навъи ташбеҳ дар зоҳир аз монандӣ дур мешаванд, аммо асли мақсад монандӣ аст. Ин навъи ташбеҳро таркибӣ ҳам мегӯянд, зеро чунин ташбеҳот маъмулан таркибҳо ё калимаҳои мураккабанд. Масалан, дар калимаҳои «ақиқлаб», «сарвқад», «гулрӯ» ва ғайра ҷузъи якум монанд ва дуюм монанда аст.

Мисол аз Мунҷики Тирмизӣ:

Гар ангубинлабӣ, сухани ту чарост талх?!
В-ар ёсуманбарӣ, ту ба дил чунки оҳанӣ?!

7. Ташбеҳи тафзил. Маънои тафзил фазолат ва бартарӣ аст. Ташбеҳи тафзил баъди монанд кардан бартарӣ ба монанд ва нисбати монанда додан аст.

Мисол аз Фаррухии Систонӣ:

Ба рӯй гӯйӣ моҳ аст дар миёна қабоҳ,
Ба қад гӯйӣ сарв аст барниҳода кулоҳ.
Чу моҳ буду чу сарву на моҳ буду на сарв,
Камар набандад сарву кулаҳ надорад моҳ.

Агар монанду монанда ва ё яке аз онҳо асли воқеӣ ё зеҳнӣ надошта бошанд, ин гуна ташбеҳро хаёлӣ мегӯянд. Чунин ташбеҳи хаёлии дар воқеъ номавҷудро ташбеҳи нописандида ва номақбул мегӯянд. Масалан, агар ангишти афрӯхта ба дарёи мушкин монанд карда шавад, ташбеҳи нописандида аст, зеро дарёи мушкин вуҷуд надорад. Агар дар ташбеҳи хаёлӣ асоси балоғию қоидавӣ халал наёбад, онро писандида гуфтан мумкин аст. Агар монанда сурати ғайривоқеӣ дошта бошад, ташбеҳро ваҳмӣ мегӯянд монанди он ки тезии сари найза ба дандони ғӯл монанд карда шавад. Ғӯл ҷонвари хаёлист ва ташбеҳ низ шакли ваҳмӣ ё хаёлӣ гирифтааст.

---

[1] Сутурон – чаҳорпоён, аспон



## ИСТИОРА

Истиора (ба орият, амонат гирифтан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии маънавиро гӯянд, ки дар назму насри форс-тоҷик мавриди истифода қарор дорад. Дар истиора ба ҷои як калима калимаи дигарро истифода мебаранд. Истиора ҳам ба маҷоз ва ҳам ба ташбеҳ наздик аст. Донишмандони илми бадеъ истиораро як навъи маҷоз медонанд ба ин маънӣ, ки дар истиора калима аз маънои аслии худ хеле дур меравад. Истиораро ташбеҳи пӯшида низ меноманд ва истиора дар асоси инкишофи минбаъдаи т а ш б е ҳ и п ӯ ш и д а ба вуҷуд меояд. Фарқи истиора аз ташбеҳ он аст, ки дар истиора ташбеҳшаванда зикр наёфта, фақат ташбеҳкунанда ном бурда мешавад. Масалан, дар байти:

Гули ман, иди наврӯзат муборак,
Чунин ҷашни дилафрӯзат муборак.

калимаи “гул” ба маънои ёр омадааст ва истиора аст.

Агар, бигӯем, ки “ёри ман мисли гул аст”, мо ёрро ба ниҳоли гул монанд кардем, ки ин ташбеҳ аст. Аммо агар бигӯем, ки “гули ман омад”, дар ин ифода “гул” истиора мешавад, зеро ба ҷои калимаи “ёр” истифода шудааст.

Мақсад аз истифодаи истиора, пеш аз ҳама, ҳақиқатро барҷастатар ва бофасоҳат баён кардан аст. Аз мисоли боло маълум шуд, ки рӯйи ёр мисли гул аст, аммо нагуфтем, ки “ёри ман, ки ӯ мисли гул аст, омад”, баръакс кӯтоҳакак “гули ман омад” гуфтем ва дар ин ҷо “гул” киноя аз ёр мебошад. Ҳамин тариқ, “гул”, ки дар ифодаи аввал ташбеҳкунанда буд, дар ифодаи сонӣ ҷои худи ташбеҳшавандаро гирифт ва ба истиора табдил ёфт. Дар байти:

Меравию гиря меояд маро,
Соате биншин, ки борон бигзарад.

гузаштани борон истиора аст ба маънои оби чашм, яъне шоир гуфтан мехоҳад, ки аз рафтани ту чунон ғамгин мешавам, ки оби дидагонам мисли борон мерезад. Дар ин ифода борон ҷои ташбеҳшавандаро гирифт ва истиора шуд. Чанд мисол:

Маро аз гиряи шабҳо нашуд ҷуз дарди сар ҳосил,
Ба хуни дил абас парвардаам ин тифли бадхӯро.
(Мулҳами Бухороӣ)

* * *

Ай ки бар кори шикасти дили мо мекӯшӣ,
Бохабар бош, ки ин шиша садое дорад.
(Ҳофиз)

Дар байти аввал ибораи "тифли бадхӯ" (ба ҷои оби дида омадааст) ва дар байти дуюм "шиша" (ба ҷои дил омадааст) истиора мебошанд.

Дар байти поёнӣ, ки аз Ҳофиз аст, ибораи "тӯтиёни Ҳинд" ва "қанди порсӣ" истиора буда, аввалӣ ба маънои "шоирони форсизабони Ҳиндустон" ва дуюмӣ ба маънои "шеъри Ҳофиз" омадааст.

Шаккаршикан шаванд ҳама тӯтиёни Ҳинд,
З-ин қанди порсӣ, ки ба Бангола меравад.

Истиора ду хел мешавад:

1. Истиораи р а в ш а н. Дар ин навъи истиора ташбеҳшаванда, яъне соҳибистиора зикр нашуда, истиорашаванда оварда мешавад. Мисол:

Барафрӯхт он моҳ чун офтоб,
Фурӯ рехт бар гул зи наргис гулоб.

Калимаҳои "моҳ", "гул", "наргис" ва "гулоб"-и байт истиораи равшананд, зеро онҳо ба маънои аслии худ наомада, ба ҷои соҳибистиора – ёр, рӯй, чашм ва ашк омадаанд.

2. Истиораи п ӯ ш и д а (истиораи изофӣ). Ин навъи истиора чунон аст, ки шоир истиорашавандаро умуман зикр накарда, ягон сифат, аломат, хислат ва узви онро ба таври изофат соҳибистиора месозад. Мисол:

Мисраъи барҷастаи оҳам чунин к-истодааст,
Об гардад шамъ, гар дар анҷуман бинад маро.

Дар ин байт соҳибистиора оҳу нола аст, ба маънои шеър омадааст ва "мисраъи барҷаста" чун истиорашаванда бо соҳибистиора дар шакли изофӣ пайвастааст.

## ТАФВИФ

Тафвиф (зинат додан, дӯхтани ҷома бо хатҳои рангоранг), дар илми бадеъи классикӣ яке аз анвоъи санъати маънавист. Мувофиқи талаботи ин санъат, шоир шеъри худро бо калимоту таъбироти мутародифе биорояд ва дар ҳар гуфтаи ӯ маънии комиле ифода шуда бошад.



Дар илми бадеъи классикӣ мувофиқати лафзу вазну қофия, баёни маъниҳои ба ҳам наздик, холӣ будани фикр аз истиороти дур, маҷоз ва таҷнисоти мураккабу саноеъи лафзиро тафвиф гӯянд. Донишмандони илми адаб шарти асосии тафвифро дар ифодаи маънии тамому анҷомёфта, ифодаи таъбиру алфози сода, даст кашидан аз калимаю ибороти душвори арабӣ дар шеър донистаанд. Дар шеъре, ки ин навъи санъат омадааст, ҳар сухан дар ҷои худ қарор дошта, лафзу қофияву радиф дилкашу зебо менамояд.

Мисол аз насри «Гулистон»:

«Ду кас мурданду таҳассур (ҳасрат) бурданд: яке он ки дошту нахурд ва дигар он, ки донисту накард. Фурсат ғанимат шумор!»

Мисол аз назми «Гулистон»:

Кас набинад бахили фозилро,
Ки на дар айб гуфтанаш кӯшад.
В-ар кариме дусад гунаҳ дорад,
Карамаш айбҳо фурӯ пӯшад.
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълун
- v - -/ v –v -/ - -

Вазни ин қитъа Хафифи мусадаси махбуни аслам буда, қофияҳои «кӯшад»-у «пӯшад» ва калимаю таъбирҳои абёти қитъа, махсусан, мазмуни ҷумлаҳои насру мисраъҳои қитъа ҳама содаю диилнишин, истифодаи санъатҳои бадеии саҷъ («мурданд»-у «бурданд», «дошт»-у «донист» ва «нахурд»-у «накард»), таносуби сухан, тазод ва муқобала («бахил»-у «карим»), мурдафу мувассал ба талаботи санъати тафвиф пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Қитъаи зер низ дар асоси санъати тафвиф эҷод гардидааст:

Фаридун гуфт наққошони Чинро,
Ки пиромуни хиргоҳаш бидӯзанд:
«Бадонро нек дор, ай марди ҳушёр,
Ки некон худ бузургу некрӯзанд!»
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣл
v - - -/ v - - -/ v - ~

Вазни ин қитъа Ҳазаҷи мусадаси мақсур аст.
Мисоли дигар:

Ин ҳикоят шунав, ки дар Бағдод
Рояту пардаро хилоф афтод.
Роят аз гарди роҳу ранҷи рикоб
Гуфт бо парда аз тариқи итоб:
«Ману ту харду ду ҳоҷатошонем,
Бандаи боргоҳи султонем.

Ман зи хидмат даме наёсудам,
Гоҳу бегоҳ дар сафар будам.
Ту на ранҷ озмудаӣ, на ҳисор,
На биёбону боду гарду ғубор.
Қадами ман ба саъй пештар аст,
Пас, чаро иззати ту бештар аст?
Ту бари бандагони маҳрӯйӣ,
Бо канизони ёсуманбӯйӣ.
Ман фитода ба дасти шогирдон,
Ба сафар пойбанду саргардон».
Гуфт: «Ман сар бар остон дорам.
На чу ту сар бар осмон дорам.
Ҳар кӣ беҳуда гардан афрозад,
Хештанро ба гардан андозад».

Мисоли дигар:

Дидам гули тоза чанд даста
Бар гунбаде аз гиёҳ руста.
Гуфтам: "Чӣ бувад гиёҳи ночиз,
То дар сафи гул нишинад ӯ низ"?
Бигрист гиёҳу гуфт: «Хомӯш,
Суҳбат накунад карам фаромӯш,
Гар нест ҷамолу рангу бӯям,
Охир, на гиёҳи боғи ӯям?
Ман бандаи ҳазрати Каримам,
Парвардаи неъмати қадимам.
Гар беҳунарам в-агар ҳунарманд,
Лутф аст умедам аз Худованд.
Бо он ки бизоате надорам,
Сармояи тоате надорам,
Ӯ чораи кори банда донад,
Чун ҳеҷ василаташ намонад.
Расм аст, ки моликони таҳрир
Озод кунанд бандаи пир».
Ай бор Худои оламорой,
Бар бандаи пири худ бибахшой.
Саъдӣ, раҳи Каъбаи ризо гир,
Ай марди Худо, дари Худо гир!
Бадбахт касе, ки сар битобад
З-ин дар, ки даре дигар наёбад.

Мисоли дигар:



Тозабаҳоро, варақат зард шуд,
Дег манеҳ, к-оташи мо сард шуд.
Чанд хиромиву такаббур кунӣ,
Давлати порина тасаввур кунӣ?
Пеши касе рав, ки талабгори туст,
Ноз бар он кун, ки харидори туст.

Мисоли дигар:

Аз суҳбати дӯсте ба ранҷам,
К-ахлоқи бадам хасан намояд.
Айбам ҳунару камол бинад,
Хорам гулу ёсуман намояд.
Ку душмани шӯхчашми нопок,
То айби маро ба ман намояд?!
мафъӯлу/ мафоъилун/ фаъӯлун
- -v/ v- v-/ vv - -

## МУБОЛИҒА

Муболиға, м у б о л а ғ а (дар амре кӯшиши бисёре ба кор бурдан, исрор кардан дар сухан, аз ҳад зиёд эътибор додан ба чизе, чизеро аз ҳад зиёд таърифу тавсиф кардан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои маънавиро гӯянд, ки ҳам дар назм ва ҳам дар наср истифода мешавад. Муболиға чунон аст, ки шоир ё нависанда дар шеъри худ чизеро ҳангоми тасвир аз ҳад зиёд васф ё ҳаҷв мекунад. Агар нависанда ё шоир чизеро тавре тавсиф намояд, ки аз доираи ақлу мантиқ берун набошад, онро м у б о л а ғ а и т а б л и ғ ё танҳо муболиға мегӯянд. Аммо вақте ки Муболиға. ба ақл наздику дар амал номумкин бошад, онро муболиғаи иғроқ ё ки мухтасаран и ғ р о қ (ғирқ кардан) меноманд. Дар ҳолате ки муболиға аз сарҳади ақлу одат гузарад, онро ғ у л у в (в) (аз ҳад гузаштан) мегӯянд.

Мисол барои муболағаи таблиғ:

Як нахуд каллаву даҳ ман дастор,
Ин каму беш чӣ маънӣ дорад?! (Бедил)

Мисол барои муболағаи иғроқ:

Ё самову замин тагурӯ шуд,
Моҳ ду паллаи тарозу шуд. (Мирзо Турсунзода)

Мисол барои ғулув(в):

Зи сумми сутурон дар он паҳндашт
Замин шаш шуду осмон гашт ҳашт. (Фирдавсӣ)

Чанд мисоли дигар:

Дилам аз ғусса танг омад, ки чашми мўр пеши ў
Бувад бахре, ки дар чавфи хубобаш осмон ғунчад.
(Бедил)

Кўҳ аз сели сиришкам дар садо омад, бале,
Гиряи ман сангро дар нолаи зор оварад. (Ҳилолӣ)

* **

Ба мўе метавон сад кўҳро бардоштан, Сойиб,
Зи дил то бар забон як нуктаи санчида меояд.
(Сойиб)

Муболиға дар зарбулмасал, ашъори халқӣ, мисли достони «Ғурғулӣ» ва афсонаю достонҳои қаҳрамонӣ ба таври фаровон истифода мешавад. Мисол:

«Дар ҳавли даҳонаш оши палав мепазад».

Ё ин ки:

«Замин кафидасту одам баромадаст».

## МАЧОЗ

Мачоз (акси ҳақиқат, ғайри ҳақиқат), дар илми бадеъи классикии форс-точик яке аз навъҳои санъати маънавиро гўянд. Агар шоир ё нависанда дар асари худ калима ё таркиберо ба маънои ғайриаслӣ истифода бараду он маънӣ аз ягон чиҳат ба маънои аслӣ монанд бошад, онро мачоз меноманд. Масалан, агар гўем, ки фалонӣ пойпо чени курпааш дароз накардааст, чунин маъно дорад, ки ў кореро ба зимма гирифтааст, ки аз ухдааш намебарояд, яъне зўраш намерасид. Ҳарчанд маънои мачоз зидди ҳақиқат аст, аммо ба тавассути мачоз ифода кардани маънӣ худ ифодаи ҳақиқат аст. Дар ҳар гуна ифодаи мачозӣ калима ё таркибе вучуд дорад, ки ба маънои ғайриаслӣ хидмат мекунад. Чунин калимаро қаринаи (ҳамнишин) – мачоз меноманд. Масалан, агар бигўем, ки «шамъи анчуманафрўзи ман омад», маъшуқи ёр буда, «анчуманафрўз" карини мачоз мебошад. Мачоз ду хел аст: Мачози луғавӣ, ки онро мачоз дар муфрад низ мегўянд ва мачози аклӣ,ки онро мачоз дар чумла меноманд.

Агар адиб калимаеро истифода намояд, ки ба маънои аслии худ наомада бошад, онро м а ч о з и  л у ғ а в ӣ меноманд. Мисли: «даст» ба маънои «қудрат», «тавоноӣ» ё «моҳ», «наргис», «сарв» ба маънои «рўй», «чашм» ва «қад».

Дар сурате, ки шоир калимаеро истифода намояд, ки маънои мухолиф ба вучуд ояду лекин ин маънои мухолиф ба муҳокима ҳеч гуна вобастагӣ надошта бошад, онро мачози аклӣ мегўянд. Истиора низ аз чиҳати маъно як навъи мачоз мебошад.



Мисолҳо:

Ҳар субҳ шитобон биравам бар сари роҳе,
Пеш аз рухи хуршед бубинам рухи моҳе.(Боқӣ)

***

Мо дар пиёла акси рухи ёр дидаем,
Ай бехабар, зи лаззати шурби мудоми мо. (Ҳофиз)

Дар ин байти Фирдавсӣ «нигин» ба маънои муҳр омада ва мачоз аст:

Бар он нома бинҳод хусрав нигин,
Фиристодаро доду кард офарин.

Мисолҳо:

Ҳамди беҳад мар Худои покро,
Он ки чон бахшиду имон <u>хокро.</u> (Аттор)

***

Рўзро худой аз қибали шодӣ офарид,
Шодию хуррамӣ ҳама аз <u>раз</u> шавад падид.
(Башшори Марғазӣ)

В-ай басе <u>оташ</u>, ки аз дил дар ғамаш
Аз ду чашми хунфишон афшондаем.
(Аттор)

<u>Бед</u> газида лаби хуршедро,
Шона зада бод сари бедро
Сояву нур аз алами шохсор
Рақскунон бар тарафи чўйбор.
(Низомӣ)

## КИНОЯ

Киноя (сухани пўшида, пўшида сухан гуфтан, рамз, ишора), дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои санъати маънавист. Сухане ё калимае, ки ба ғайр аз маънои аслии худ маънои дигаре низ дорад, киноя мебошад. Дар мачоз маънии ҳақиқиро ирода кардан мумкин нест. Масалан, дар таркиби «димоғ сўхтан» ба маънои аслӣ, яъне оташ гирифтан ирода шуда наметавонад. Дар киноя иродаи маънии ҳақиқӣ имкон дорад. Мисол, агар гўем, ки «зал ба ларза» омад, ба маънои кафкўбии бошиддати киноя ва ларзидан ба маънои асл ҳам наздик аст. Ин қаробати маънои аслӣ имкон дорад, ки наздик бошад ё дур. Масалан, дар чумлаи «дари хонаи фалонӣ ҳамеша боз аст», «боз

будан» киноя ба маънии зиёд, аз қабили саховат, боҳиммат, дасткушод будан ва монанди он аст. Дар таркиби «кӯтоҳназар» ё «кӯтоҳбин» воситаҳои ифодаи маънӣ зиёд нестанд ва маънӣ ба ран наздик аст. Дар ин байти Носири Хусрав «маҳзар кардан» киноя аз сабт кардан аст:

Медиҳад нуҳ чарху чор аркон гувоҳ,
Подшоҳиро ба номи шоҳ маҳзар кардаанд.

Як навъи киноя <u>таъриз</u> аст, ки дар он киноя таъну эътироз аст. Масалан, дар мавриди нописанд омадани рафтори касе мегӯянд, ки «ту чӣ хел мусулмон» ё дар ин байти Хоҷа Ҳофиз:

Гар мусулмонӣ ҳамин аст, ки Ҳофиз дорад,
Вой, агар аз паси имрӯз бувад фардое.

Дар мавриди касе, ки бадӣ кардаю бадӣ дидааст, мегӯянд «Накӯбӣ дареро, то накӯбанд даратро» ё «калтаки Худованд садо надорад».

Мисолҳо:

Мо худ андар қайди фармони туем,
То куҷо дигар ба яғмо меравӣ?!
(Саъдӣ)

Аз сари ин хокдон, чун бипарад мурғи ҷон,
Боз нишеман кунад бар дари он остон.
(Ҳофиз)

На ҳар к-ӯ зан бувад, номард бошад,
Зан он мард аст, к-ӯ бедард бошад.
(Низомӣ)

## ТАҶНИС

Таҷнис (ҳамҷинс кардан, ба чизе монанд будан, ҳамоҳанг), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз санъатҳои бадеъӣ буда, ҳам шакли маънавӣ ва ҳам лафзӣ дорад. Шарти асосии ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда дар осори худ калимаҳоеро истифода мекунад, ки аз ҷиҳати шаклу талаффуз монанд ё ҳамҷинсанд, аммо маънои мухталиф доранд. Ду калимаи таҷнисшавандаро ду рукни таҷнис мегӯянд. Масалан, калимаи “давот” (рангдон) ва “давот” (давои ту) таҷнисанд, зеро навишти якхела ва маънои гуногун доранд.

Донишмандони илми бадеъ таҷнисро ба ду навъ ҷудо кардаанд: 1. Таҷниси маънавӣ. 2. Таҷниси лафзӣ. Таҷниси маънавиро муаллифи “Бадоеъ-ус-саноеъ” - Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ т а ҷ н и с и  ғ а й р и л а ф з ӣ низ номидааст.



1. Т а ҷ н и с и  м а ъ н а в ӣ он аст, ки миёни рукнҳои таҷнис муносибати маъноӣ мавҷуд аст, чунонки дар калимаи “давот” дидем. Мисоли дигар:

Тори зулфатро ҷудо машшота гар аз шона кард,
Дасти он машшота мебояд ҷудо аз шона кард.
фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилон
-v - - / - v - -/ -v - -/ -v ~

Чи тавре ки мебинед, дар байти боло калимаи “шона” ба ду маъно омадааст. Дар мисраъи аввал “шона” ба маънои асбоби зинати мӯй, аммо дар мисраъи сонӣ “шона” ба маънои китф кор фармуда шудааст. Ҳамин тариқ, агар дар байни калимаҳои таҷнисшаванда муносибати маъноӣ мушоҳида шавад, онро таҷниси маънавӣ меноманд.

Мисоли дигар:

Баҳром, ки гӯр мегирифтӣ ҳама умр,
Бингар, ки чӣ гуна гӯр Баҳром гирифт.
мафъӯлу/мафоъилун/мафоъӣлу/фаъӯл
- -v/ v –v -/ v - -v/ v ~

Донишмандони гузаштаи мо, мисли Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ таҷниси хат, таҷниси мушавваш, таҷниси билишоратро ба гурӯҳи таҷниси маънавӣ дохил кардаанд Аммо аз рӯйи шарҳу тавзеҳи таҷниси том (таҷниси тасреъ) бармеояд, ки онро ба гурӯҳи таҷниси маънавӣ дохил кардан мувофиқ аст.

Муаллифи “Санъати сухан”- Тӯрақул Зеҳнӣ санъатҳои бадеъии “муҳтамилуззидайн”, “тавҷеҳ” ва “таврия”-ро ба гурӯҳи санъати таҷниси маънавӣ дохил кардааст.

2. Т а ҷ н и с и  л а ф з ӣ он аст, ки фақат муносибати лафзии калимаҳои таҷнисшаванда, (яъне рукнҳои таҷнис) мушоҳида мешаванду халос. Мувофиқи гуфтаи муаллифи “Бадоеъ-ус-саноеъ”- Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, “таҷниси лафзӣ иборат аст аз мушобиҳати (монандии) алфоз дар тамоми адади ҳарфҳо ва навъҳои он ва ҳайати он ё дар аксари онҳо ба шарти мувофиқат дар тартиби ҳарфҳо бар қавли аксарият” (9,16). Дойир ба ном ва миқдори навъҳои таҷнис байни донишмандони илми бадеъ фикри ягона нест. Муаллифи “Тарҷумон-ул-балоға” се навъи таҷнис. (таҷниси м у т л а к, таҷниси м у р а д д а д, таҷниси з о й и д), муаллифи “Бадоеъ-ус-саноеъ” ҳафт навъи машҳури таҷнис (т- и т о м , т.- и н о қ и с, т.- и м у з а й я л, т. – и  м у з о р е ъ, т.- и л о ҳ и қ, т. - и а к с, т .- и м у р а к к а б), муаллифи “Бадоеъ-ул-афкор” дувоздаҳ навъи таҷнис. (т.- и т о м,

т.-и мураккаб, т.-и мушобеҳ, т.-и мафруқ, т.-и марфӯ, т.-и ноқис, т.-и зойид, т.-и мукаррар, т.-и мураддад, т.-и мутарраф, т.-и лоҳиқ, т.-и хат)-ро баррасӣ кардаанд.

Муаллифони китобҳои дигари бадеъ миқдори анвоъи таҷнисро маъмулан ҳафтто гуфтаанд. Дар ҷ.3 “Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик” низ 7 навъи таҷнис (т.-и том, т.-и мураккаб, т.-и мушобеҳ, т.-и ноқис, т.-и зойид, т.-и мукаррар, т.-и хат) шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Мутолааи китобҳои илми бадеъ нишон дод. ки анвоъи таҷнис хеле зиёданд ва мо то қадри имкон онҳоро ба таври зерин бо мисолҳо шарҳу тавзеҳ додем. Таҷниси акс, т.-и бил ишорат, т.-и ғайри лафзӣ, т.-и қалб, т.-и лоҳиқ, т.-и му айл, т.-и марфӯ, т.-и мафруқ, т.-и музайял, т.-и муздавач, т.-и музореъ, т.-и мукаррар, т.-и мумосила, т.-и мунхариф, т.-и мураддад, т.-и мусаҳҳаф, т.-и муставфӣ, т.-и мутайям, т.-и мутарраф, т.-и мутаррафи лоҳиқ, т.-и мутаррафи музореъ, т.-и муташобеҳ, т.-и мухталиф, т.-и муҳарраф, т.-и муҷаннаб, т.-и мушобеҳ, т.-и мушавваш, т.-и мушокила, т.-и тасреҳ, т.-и тасриф, т.-и тасҳиф, т.-и том, т.-и хат.

## ТАҶОҲУЛИ ОРИФ

Таҷоҳули ориф (худро ба нодонӣ задан), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз санъатҳои бадеъии маънавист, ки таҷоҳули ориф низ мегӯянд. Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда ҳангоми тасвири касе ё чизе худро қасдан ба нодонӣ зада, паиҳам савол медиҳад. Мақсад аз чунин саволҳо ҷавоб гирифтан набуда, баръакс, диққати хонанда ва шунавандаро бештар ҷалб кардан аст. Дар ғазали шоири ох.а. 16 ва ибтидои а.17- Шопури Нишопурӣ, ки чанд байти онро дар поён меорем, намунаи беҳтарини ин санъат истифода шудааст.

Рӯзгор ошуфтатар ё зулфи ту, ё кори ман?
Зарра камтар ё даҳонат, ё дили ғамхори ман?
Шаб сияҳтар ё дилат ё ҳоли ман, ё ҳоли ту?
Шаҳд хуштар ё лабат, ё лафзи гавҳарбори ман?
Назми Парвин хубтар ё дур(р), ё дандони ту?
Қомати ту росттар ё сарв, ё гуфтори ман?
Васли ту дилҷӯйтар ё шеърҳои нағзи ман?
Ҳаҷри ту дилсӯзтар ё нолаҳои зори ман?



Меҳри маҳ равшандатар ё рои ман, ё рои ту?
Осмон гардантар ё хӯи ту, ё кори ман?...
Сабри ман кам ё вафои некувон ё шарми ту?
Хубии ту бештар ё андӯҳу тимори ман?
Чашми ту хунрезтар ё чарх ё шамшери шоҳ?
Ғамзаи ту тезтар ё теғ ё бозори ман?

Таҷоҳули ориф барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷони ботинӣ ва сифатҳои мусбату манфии ашёю ашхос беҳтарин воситаи тасвири бадеъӣ ба шумор меравад.

## ТАЗОД ВА МУҚОБАЛА

Тазод ва муқобала ҳарду калимаҳои арабианд. Маънои тазод зиддият, мухолифат, ихтилоф ва маънои луғавии муқобала рӯбарӯшавӣ, муқобили якдигар шудан мебошад. Ба маънои истилоҳӣ, тазод ва муқобала аз ҷумлаи санъатҳои маънавист. Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда ҳангоми таълифи асари худ калима ва таркибҳоеро меорад, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам зиданд. Ба таври дигар гӯем, шоир ё нависанда ҳангоми таълифи асари хеш сифат ва хислатҳои ашё ё ду касро ба таври муқоиса ба ҳам муқобил мегузорад. Тазод аз рӯйи маънои калима чизи зид аст, муқобала шинохтани сифатҳои мухолифи муқоисашаванда. мисол:

Ҳар ҷо, ки ҳабибест, ба паҳлуш рақибест,
Дар боғи ҷаҳон як гули бехор набошад (Ҳилолӣ)

Дар ин байт калимаҳои “ҳабиб” (дӯст) ва “рақиб” (душман), инчунин калимаҳои “боғ”-у “гул” ва “хор” тазоданд.

Санъати тазоду муқобала яке аз воситаҳои тасвири бадеъӣ буда, онро дар адабиёт ба таври фаровон истифода мебаранд. Адибони бузурги мо мисли Низомии Ганҷавӣ ин санъатро на фақат барои пуртаъсир кардани сухан ва муассиртар баён намудани фикр, балки барои тасвири рӯҳияи қаҳрамони лирикӣ, нишон додани зиддиятҳои фикрии образҳои мусбату манфӣ истифода кардаанд. Дар абёти поён калимаҳои зидмаъно “сиёҳ” ва “сафед” (дар иборaҳои “абри сиёҳ” ва “оби сафед”) ҳолати қаҳрамон (хандидану гиристан), сифати ҳолати он (ширин ва талх) ба воситаи санъати таҷоҳули ориф ифода ёфтаанд:

Ба ҳангоми ҳастӣ машав ноумед,
Ки абри сияҳ борад оби сафед. (Низомӣ)

***

Чун шамъ ба ханда-дар ҳамезист,
Ширин хандиду талх бигрист. (Низомӣ)

Чанд мисоли дигар:

Падидор аст адлу зулм пинҳон,
Мухолиф андаку носеҳ фаровон. (Қамарӣ)

***

Васфи қади ту пеши абруи ту
Кач нишинем, рост баргӯем. (Камол)

***

Лайлӣ сумани хазоннадида,
Маҷнун чамани хазонрасида.
(Низомӣ)

Лайлӣ сари зулф шона мекард,
Маҷнун дури ашк дона мекард.
(Низомӣ)

Санъати таҷохули орифро баъзе адабиётшиносони гузашта м у т а з о д, м у т о б и қ, т а н о қ у з, т а қ о б у л, т и б о қ, т а т б и қ ва р а д д у с с а д р и а л а л ф а ҳ з низ номидаанд.

## СИЁҚАТУЛАЪДОД

Сиёқатулаъдод (тартиби ададҳо), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои маънавиро гӯянд. Сиёқатулаъдод калимаи арабист, аз сиёқат, ки маънои рондан, тартиб ва аъдод (ҷамъи адад, ададҳо) иборат аст. Сиёқатулаъдод бо номи санъати шумур низ машҳур мебошад. Ин санъат чунон аст, ки шоир барои он ки лутфу назокати суханаш зиёд шавад, чанд чизро як-як мешумораду баъд онҳоро васф намуда, дар охир ба тартиб меорад. Мисол:

Дӯстону душманонро рӯзи базму рӯзи разм
Шонздаҳ чиз аст вақти ком кардан, вақти кор:
Ному нангу фахру ору иззу зуллу нӯшу захр,
Шодию ғам саъду наҳсу тоҷу банду тахту дор.

Мисоли дигар:

Се чиз карда муҳайё ба қатлаш он бадхӯ
Карашма-теғу мижа-новаку камон - абру...
Парӣ ду чашми туро бо се чиз мехонад:
Яке маккору дуюм соҳиру сеюм ҷодӯ.
(Парии Ҳисорӣ)

Сиёқтулаъдод ду навъ аст: Навъи якум он ки шоир ба миқдори



кам ҳам бошад, номи чанд чизро меорад, то он ҷо ки дучори зикри аладе шавад. Мисол:

Асбу гуҳару теғ бад-ӯ гирад қимат,
Тахти сияху тоҷ бад-ӯ ёбад миқдор. (Кошифӣ)

Навъи дуюм он аст, ки шоир барои диққати шунавандаро ҷалб кардан номи ададҳоро ба назм медарорад ва ин дар навбати худ се қисм аст.

Дар қисми якум шоир дар назми худ тартиби шумораҳоро нигоҳ медорад (яъне як, ду, се, чор ва ғайра).

Мисол:

Як оина, ки ду кавну се рӯҳу чор табоеъ
Чу панҷ ҳиссу шаш аркон мутобеъанд мар ӯро.
Агар зи ҳафт дар акси ӯ ҳашт хулд гарояд,
Зи нӯҳ сипеҳр ба даҳ навъ мерасад хабар ӯро.
(Кошифӣ)

Дар қисми дуюм шоир дар назми ададҳо тартиби онҳоро ба эътибор намегирад. Мисол:

Ай ба шаш рӯз аз ду ҳарф ин ҳафт айвон сохта,
Зери тоқи ҳафт айвон чор аркон сохта.
(Кошифӣ)

Дар қисми сеюм шоир ададҳоро баръакс (аз 10 то 1) зикр мекунад. Мисол:

Даҳ бор зи нуҳ с ипеҳру аз ҳашт биҳишт,
Ҳафт ахтарам аз шаш ҷиҳат ин нома навишт.
(Кошифӣ).

## ЛАФФУ НАШР

Лаффу нашр (ғун кардан ва густурдан, паҳн кардан), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз навъҳои санъати маънавист.

Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда дар аввал чанд калимаро паи ҳам оварда (лаф), баъд онҳоро аз рӯи тартиби муайян аз ягон ҷиҳат шарҳ (нашр) медиҳад. Гоҳе шоирон акси ин корро карданд. Дар мисраъи якум чанд сифат ё хусусиятеро ном бурда, сипас дар мисраъи дуюм ҳамон предметҳоеро ном мебаранд, ки дорои он сифату хусусиятанд.

Яке аз шартҳои асосӣ дар ин санъати бадеъӣ он аст, ки шарҳи калимаҳо аз рӯи тартиби ҷойгиршавии онҳо бояд сурат бигирад. Яъне калимае, ки дар аввал омадааст, ҳангоми шарҳ низ дар ҷои якум истад,

калимае, ки дар ҷои дуюм ҷой гирифтааст, эзоҳи он бояд дар навбати дуюм ояд ва боқӣ низ ба ҳамин тартиб. Мисол:

Дили рақибу лаби шикваю дари ошиқ,
Ба як ишораи абру шикасту басту кушод (Возеҳ).

Чи тавре ки мебинед, шоир дар мисраъи аввал калимаҳои дил, лаб ва дарро оварда, дар мисраъи дуюм онҳоро тавзеҳ додааст ва дар ин тавзеҳ калимаҳо мувофиқи тартиби ҷойгиршавиашон шарҳ дода шудаанд. Яъне бо як ишораи абру дили рақиб шикаста, лаби шиква баста ва дари ошиқ кушода шуд.

Лаффу нашр ду навъ аст: Лаффу нашри м у р а т т а б ва лаффу нашри мушаввaш.

1.Л а ф ф у  н а ш р и  м у р а т т а б  он аст, ки агар ҳар як ҷузъи он, яъне лаффи якум бо нашри якум, лаффи дуюм бо нашри дуюм ва боқӣ аз рӯи тартиби ҷойгиршавии онҳо шарҳу тавзеҳ ёбанд. Дар таърихи илми бадеъ ин ду байти Фирдавсӣ:

Ҷаҳонпаҳлавон, он яли[1] арҷманд,
Ба теғу ба ханҷар, ба гурзу каманд.
Буриду дариду шикасту бубаст,
Ялонро сару синаю пову даст.

намунаи беҳтарини санъати лаффу нашр дониста шудааст. Дар ин ду байт сухан дар бораи ҷанги Рустам меравад. Шоир дар мисраъи дуюм номи чор яроқи ҷангиро (теғ, ханҷар, гурз, каманд) оварда, дар мисраъи баъдина амале, ки бо ёрии ин яроқҳо иҷро карда мешавад (буриду дариду шикасту бубаст) баён мекунад. Мисраъи чорум, дар ҳақиқат, аз бузургвории Фирдавсӣ шаҳодат медиҳад, зеро дар ин ҷо ӯ калимаҳои сар, сина, по ва дастро оварда, ба хонанда ва шунаванда мефаҳмонад, ки Рустам дар ҷанг бо теғ сари паҳлавононро бурид, бо ханҷар синаи онҳоро дарид, бо гурз пои онҳоро шикаст ва бо каманд дасти онҳоро баст.

2.Л а ф ф у  н а ш р и  м у ш а в в а ш  чунон аст, ки шоир ё нависанда калимаҳоро аз рӯи тартиби ҷойгиршавиашон шарҳ надода, ба таври омехта ташреҳ медиҳад. Мисол:

Парвона зи ман, шамъ зи ман, гул зи ман омӯхт:
Афрӯхтану сӯхтану ҷома даридан. (аз халқ)

Мувофиқи шарти асосии ин санъат шоир бояд аввал сифати калимаи парвона (сӯхтан)-ро меовард, аммо чи тавре ки мебинед, дар мисраъи дуюм аввал сифати шамъ-афрӯхтанро овардааст, баъд сифати парвонаро.

[1] Ял- паҳлавон



Мисоли дигар:

Аз замин чӣ меҷӯӣ в-аз фалак чӣ мехоҳӣ?
Гунбази тилисм аст он, ҷодари хаёл аст ин.

Гунбази тилисм аст он, ҷодари хаёл аст ин. Шоире қоидаи лаффу нашрро дар қитъае таври зерин ба назм даровардааст:

Лаффу нашри мураттаб онро дон,
Ки ду лафз оваранду ду маънӣ.
Лафзи аввал ба маънии аввал,
Лафзи сонӣ ба маънии сонӣ.
Лафу нашри мушаввaш онро дон,
Ки ду лафз оваранду ду маънӣ.
Лафзи сонӣ ба маънии аввал,
Лафзи аввал ба маънии сонӣ (аз «Фарҳанги форсӣ).

Мисолҳо:

Шаккару гул дошт он дилдори ман аз васли ӯ,
Доштам то вакти субҳ ин дар даҳан, он дар канор.
(Сайфи Фарғонӣ)

Дар кори гулоби гул ҳукми азалӣ ин буд,
К-он шоҳиди бозорӣ в-ин парданишин бошад.
(Ҳилолӣ).

## ИРСОЛИ МАСАЛ

Ирсоли масал (фиристодан ва ҳикояи воқеъии ибратомӯз, сухани ҳикматноки маъмул дар байни мардум), дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои санъати бадеъии маънавист.

Овардани масал, зарбулмасал ва сухани ҳакимонаро дар назму наср ирсоли масал мегӯянд. Овардани зарбулмасал ба нияти тақвияти мақсади нависанда мебошад ва мисол барои такмили маънии аслӣ аст.

Мисолҳо:

Гар фаромӯш кард хоҷа маро,
Хештанро ба руқъа додам ёд.
Кӯдаки ширхора нагирист,
Модар ӯро ба меҳр шир надод.
(Шаҳиди Балхӣ)

Ба сони обу гиё хидматаш карори дил аст,
Бале, дил он ҷо гирад қарор, к-обу гиёст.
(Унсурӣ)

Гар ба наздики ман ояд, филмасал то ҷон барад,
Дил кунад такбиру ояд он, ёр истад.
(Саид Ҳасани Ғазнавӣ)

Дар хоб будам, маро хирадманде гуфт,
К-аз хоб касеро гули шодӣ нашукуфт.
Коре чӣ кунӣ, ки бо аҷал гардад ҷуфт,
Бархез, ки зери хок мебояд хуфт.
(Хайём)

Муъминон оинаи ҳамдигаранд,
Ин хабар ме аз паямбар оваранд.
(Ҷалолуддини Румӣ)

Агар дар як байт ду масал истифода шуда бошад, ин амалро и р с о л у л м а с а л а й н мегӯянд.

Мисолҳо:

Бе ҳунар давлати поянда набошад бас дер,
Давлат он бошад поянда, ки ёбӣ ба хунар.
(Қамарӣ)

Ба хирасар шумарад серхӯрда гурснаро,
Чунон ки дарди касон бар дигар касе хор аст.
(Рӯдакӣ)

Дил чун мутеъ гашт, чароғи назар шавад,
Фарзанди нек чойнишини падар шавад.
Нахле, ки бар нодод, шавад боғбон кабоб,
Хун мехурад падар, чу писар беҳунар шавад.
(Бедил)

На ҳар кӣ чехра барафрухт, дилбарӣ донад,
На ҳар кӣ оина созад, сикандарӣ донад.
(Ҳофиз)

## СУОЛУ ҶАВОБ

Суолу ҷавоб дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои маънавист. Суолу ҷавоб низ калимаҳои арабианд ва дар забони тоҷикӣ хеле маъмул мебошанд. Маънои луғавии савол (с у о л) пурсиш, дархост, маънои луғавии ҷавоб - посух, яъне сухани муқобили савол. Дар илми бадеъ номи яке аз санъатҳои маънавист. Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда барои баёни эҳсосоти қалбӣ аз номи қаҳрамони лирикӣ ҳам худ савол медиҳад, ҳам худ ҷавоб мегардонад. Шарти асосии ин санъат чунон аст, ки саволу ҷавобҳо бояд дар ниҳояти мантиқию нуктадонӣ ифода ва воқеъ шуда бошанд. Мисол:



Бирехт. Кӣ? Гули сурӣ. Чӣ рехт? Барг. Чаро?
Зи ҳаҷри лола. Куҷо рафт лола? Шуд пинҳон.
Аз он чӣ хезад? Дур(р). Аз ин чӣ хезад? Зар.
Сахо кӣ варзад? Ин. Ато кӣ бахшад? Он.
(Унсурӣ)

Дар таърихи адабиёт рубоии зерини Рӯдакӣ шуҳрати зиёд дорад ва асоси санъати бадеъии онро суолу ҷавоб ташкил медиҳад:

Омад бари ман! Кӣ? Ёр. Кай? Вакти саҳар.
Тарсанда зи кӣ? Зи хасм. Хасмаш кӣ? Падар.
Додам-ш ду бӯса. Бар куҷо? Бар лаби тар.
Лаб буд? На. Чӣ буд? Ақиқ. Чун буд? Чу шакар.

Ба гуфтаи муаллифи «Бадоеъ-ул-афкор ва саноеъ-ул-ашъор» - Ҳусайн Воъизи Кошифӣ, санъати суолу ҷавоб ду навъ мешавад. Навъи якум он аст, ки шоир барои ифодаи максад калимаҳои «гуфтам» ва «гуфто»- ро дар шеър меорад. Дар ин маврид шоир метавонад, ки суолу ҷавобро дар як мисраъ ё дар як байт ҷой диҳад.

Мисол:

**Гуфтам:** Ғами ту дорам. Гуфто: Ғамат сароят.
**Гуфтам, ки** моҳи ман шав. Гуфто: Агар барояд.
(Ҳофиз)

**Гуфтам:** Каям даҳону лабат комрон кунанд,
**Гуфто:** Ба чашм: Ҳар чи ту гӯӣ, чунон кунанд.
(Ҳофиз)

Навъи дуюм чунон аст, ки шоир ба ҷои калимаҳои **«гуфтам»** ва **«гуфто»** калимаҳои «саволу ҷавоб» ва «пайғому паём» истифода мекунад ё ин ки аз мазмуни ду байти ҷудогонае ду қитъаи алоҳида саволу ҷавоб фаҳмида шавад.

Мисол:

**Пайғом** додам ӯро, к-аз ишқ беқарорам,
Пайём дод, к-аз ишқ бисёр беқароранд.
(Кошифӣ)

**Паём** додам наздики он бути Кашмир,
Ки зери ҳалқаи зулфат дилам чарост асир?
Паём дод, ки девона шуд дили ту зи ишқ,
Ба раҳ наёрад девонаро самар занҷир. (Муъиззӣ)

***

Савол кардам аз он дилрабо, ки рӯи туро
Чӣ шуд, ки мӯрча бар гарди моҳ ҷӯшидааст?

Ҷавоб дод: Надонам, чӣ буд рӯи маро
Магар ба мотами ҳуснам сиёҳ пӯшидааст?
(Кошифӣ)

Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ ғазале дорад, ки дар асоси санъати суолу ҷавоб таълиф шудааст.

Чист ҳастӣ? Ҷонканию. Чист ин шахси маҷоз?
Нусхаи маҳвинтизорӣ. Умр чӣ? Ранҷи дароз.
Чист гардун? Домгоҳе. Чист дунё? Донае,
Одамӣ чист? Мурғакею дев ӯро домбоз.
Айш чӣ? Ваҳми хаёле. Дилхушӣ? Саъйи вабол,
Чист роҳат? Бими нолу фикри ишрат ноҷавоз.
Ганҷ чӣ? Бидъатсабилу. Мол чӣ? Яъне биҳил.
Бар кӣ? Бар шӯи зану дигар кӣ? Бар домод боз.
Чист ихвон? Хайли душман. Кист абно? Зулфтан.
Чист душман? Ҷонрабою фитна? Воҷибэҳтироз.
Эминӣ чӣ? Дарки узлат. Ҷамъият чӣ? Тарки халқ,
Ҳалқаи мор аст суҳбат. Ҳамнишинон? Морбоз.
Навбаҳорон? Ҷӯши савдо. Боғ чиву роғ чӣ?
Боргоҳи нолаю оромгоҳи ҷуғду қоз.
Ҳосили даврон чӣ? Ҳирмон.[1] Боқии ашё чӣ? Ҳеч.
Ай таманно шав! Чӣ? Об бар ҷабҳа, аз хиҷлат ниёз.
Ҳаст. Чӣ? Шоҳӣ писанду шоҳ кӣ? Зарбахши ҳарам,
Зеҳ. Чӣ? Султоне, ки созад зердастон сарфароз.
Нестам. Кӣ? Ҳамнишин. Чӣ сар кунам? Тимори дил
Худ ба худ, Ҳоҷӣ, чи сон девонаваш дорем роз.

## ТАЗМИН

Тазмин ( товон, зоминӣ, касеро дар паноҳи худ даровардан, кафолат), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз санъатҳои маънавиро гӯянд. Тазмин чунин аст, ки шоир барои тақвияти фикри худ мисроъ ё байте, ё ду байт, ё зиёда аз ду байти шоири дигарро дар миёни шеъри хеш ба таври мувофиқ ҷой диҳад.

Вақте мисраъ ё байти машҳур истифода мешавад, аз муаллиф ёд намешавад. Дар мавридҳои дигар номи муаллифро зикр кардан зарур аст. Шоири аввали асри XI дар тазмини мисраи Рӯдакӣ гуфтааст:

[1]Ҳирмон –бенасибӣ, ноумедӣ



Ба шеъри шукр нигаҳ кун, ки Рӯдакӣ гуфтааст:
«Ҳама касро дарвешисту ранҷу аёл».

Мисолҳо:

Чун ман бубинам бар тахти хусравона туро,
Ба дастгоҳи Фаридуну пойгоҳи Қубод.
Ҷуз он нагӯям, шоҳо, ки Рӯдакӣ гӯяд:
«Худой чашми бад аз мулки ту бигардонод».
(Масъуди Саъди Салмон)

Он байт, ки устоди Аҷам гуфт бар ин вазн,
Наҳмор бад-ин ҳисб ҳаме шояд монанд.
«Ай ҷони ҳама олам дар ҷони ту пайванд,
Макрӯҳи ту, моро манамо ёди худованд.
(Усмон Мухтории Ғазнавӣ)

Яке байти нағз аст мар Рӯдакиро,
Ки андар ҷаҳон ту сазовори ӯйӣ,
«На ҷуз айб чизест, к-он ту надорӣ,
На ҷуз ғайб чизест, к-он ту надонӣ».
(Муиззӣ)

Мисраъи охирин аз Ҷалолуддини Балхист:
Паҳнои ҷаҳон гардӣ, пайдову ниҳон гардӣ,
Гаҳ сабзасифат рақсӣ, гаҳ барги хазон гардӣ.
«Ошиқ шудай, ай дил, савдот муборак бод».
(Лоиқ)

Муаллифи "Хамсат-ул-мутаҳаййирин" - Алишери Навоӣ дар мақолаи дуюм менависад: "Вақте ки подшоҳ дар қишлоқи Марв буданд, аз Ироқ хабари фавти устод Ҳасан расид. Фақир аз ҷиҳати муносибат байти аввали маснавии ҳазрати Мавлавиро тазмин карда будам. Чунончи, тазмин:

Шарҳи ҳаҷри шоҳи устодон – Ҳасан,
"Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад".
Банд-банди ӯ ҷудо гашта зи ғам,
"Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад".
фоъилотун/фоъилотун/фоъилун
- v - -/ -v - -/ - v –

Инро навишта ба шаҳр, ба хизмати ҳазрати Махдум фиристодам. Он кас низ ҳамин байтро тазмин карда, ба воситаи қосид ин руқъаро фиристоданд, ки:

Шуд найи хома диламро тарҷумон,
"Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад".
Бо забони тезу чашми ашкрез
"Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад".
фоъилотун/фоъилотун/фоъилун
- v - -/ -v - -/ - v –

Муаллифи "Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ" тазминро дар боби: "Дар баёни истилоҳоти шеърӣ" ҷой додааст.

## НАЗИРА

Назира (монанд, мисл), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои маънавиро гӯянд. Назира шеъреро мегӯянд, ки дар пайравии шеъри шоири дигар навишта шуда бошад. Назирасароӣ дар адабиёти баъди асри XV хеле ривоҷ ёфтааст. Мувофиқи тадқиқоти Абдулғанӣ Мирзоев, 232 ғазали девони Фонии Алишер Навоӣ, яъне шеърҳои форсии ӯ дар ҷавоби ғазалҳои Ҳофиз суруда шудаанд. Барои намуна ғазали Ҳофиз:

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳе нав дарандозем.
Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,
Ману соқӣ ба ҳам созему бунёдаш барандозем.
Шароби арғувониро гулоб андар қадаҳ резем,
Насими атргардонро шакар дар миҷмар андозем.
Чу дар даст аст рӯде, хуш, бизан, мутриб, суруде хуш,
Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем.
Сабо хоки вуҷуди мо бад-он олиҷаноб андоз,
Бувад, к-он шоҳи хубонро назар бар манзар андозем.
Яке аз ақл мелофад, яке томот мебофад,
Биё, к-ин довариҳоро ба пеши довар андозем.
Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пойи хумат рӯзе ба ҳавзи Кавсар андозем.
Сухандониву хушхонӣ намеварзанд дар Шероз,
Биё, Ҳофиз, ки то худро ба мулки дигар андозем.

Ғазали Фонӣ:

Баҳорон гар ба гулшан тарҳи ҷому соғар андозем,
Биё, «ин сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем».



Сипоҳе гар намояд ғам, ки созад вақти мо тира,
Ба як барқи шуои ҷом бунёдаш барандозем.
Зи раъноён дурангӣ то ба кай дидан дар ин бӯстон?
Яке мо ҳам шароби лаъл дар ҷоми зар андозем.
Биёроем бар тарфи гулистон базми шоҳона,
Зи мастӣ шӯру ғавғо дар равоқи ахзар андозем…
Бад-ин ойин қадаҳнӯшону покӯбону сармастон
Ба риндон хешро сӯи харобот андар андозем.
Шабе ҳар кас, ки чун Фонӣ бад-ин сон масти хоб афтод,
Сазад ҷоми сабӯҳаш гар ба субҳи маҳшар андозем.

Назира дар шакли маснавӣ, қасида, ғазал ва рубоӣ суруда мешавад. Шарти асосии назира, бо вуҷуди умумияти мавзӯю оҳанги гуфтор, тозагии маънӣ мебошад. Агар шеъри назира ба мақоми истиқлол ва навии сухан нарасад, тақлид аст.

## ТАЛМЕҲ

Талмеҳ (назар андохтан, нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизе), дар илми бадеъи класссикӣ яке аз санъатҳои бадеъии маънавиро гӯянд. Баъзеҳо дар ин ақидаанд, ки т а л м е ҳ шакли дигари тамлеҳ аст, ки маънои намаки бисёр дар таъом андохтан аст. Ба маънои истилоҳӣ талмеҳ аз ҷумлаи санъатҳои маънавист. Агар шоир ё нависанда дар асари худ ба қисса, ривоят, афсона, воқеаҳои таърихию асотирӣ, масали машҳур, ояти Қуръон ва ҳадиси Пайғамбар (с) ишора карда бошад, онро талмеҳ меноманд. Мисол:

Падарам равзаи Ризвон[1] ба ду гандум бифурӯхт,
Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам.

Дар байти боло Ҳофиз талмеҳан ба қиссаи ҳазрати Одам («падарам») ишора мекунад, ки ӯ гуфтаи Худоро напазируфта, гандуми мамнӯъро хӯрд ва бо ин сабаб аз ҷаннат ронда шудани худ ва Ҳавво гардид.

Талмеҳ ба шоир имконият медиҳад, ки бо алфози андак маъонии бисёрро ифода кунад.

Чанд мисоли дигар:

Метавонад сохт аз дасти Сулаймон пойтахт,
Мӯрро Сойиб, агар баҳси суханбозӣ кунад. (Сойиб)

***

[1] Равзаи Ризвон - боғи биҳишт, ҷаннат.

Бо Сикандар Хизр дар зулмот гуфт:
«Марг мушкил, зиндагӣ мушкилтар аст».(Иқбол)
****
Зи шоир зинда мемонад ба гетӣ ном шоҳонро,
Фурӯғ аз Рӯдакӣ дорад чароғи дудаи Сомон.
(Ибни Ямини Фарюмадӣ)
***
Ай Хизр, ҳалолат накунам Чашмаи Ҳайвон,
Донӣ, ки Сикандар ба чи меҳнат талабидаст.(Саъдӣ)

## БАРОАТИ ИСТЕҲЛОЛ

Бароати истеҳлол (бартарӣ ва бузургӣ ва ҷустани моҳи нав, ҳилол), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои маънавист, ки шоир ё нависанда дар дебочаи китоб ё аввали ғазал, маснавӣ, қасида калима ва таъбиреро ҷой медиҳад, ки ба мавзӯи асар ва мақсади нависанда далолат менамоянд. Ҳикояи «Мактаби кӯҳна»-и С.Айнӣ бо чунин бароати истеҳлоли хубе оғоз ёфтааст:

«Ман бояд шашсола шуда бошам, ки маро падарам ба мактаби пеши масҷиди қишлоқ бурда монд. Модарам мегуфт:

- Туро дар вақти чорсола, чормоҳа, чорҳафта ва чоррӯза буданат бо лаълӣ ва дастурхон ба мактаб фиристода, сабақ сар кунонда монда будем. Аммо ту он вақтҳо бисёр хурд будӣ, дили ман ба ту бисёр месӯхт, ки дар мактаб бисёр азоб хоҳӣ кашид, бинобар ин, мондем, ки то ҳол бозӣ карда гаштӣ, акнун хуб кӯшиш карда хон, ки мондагиҳоятро гирӣ ва бо ҳамсолонат, ки дар чорсолагӣ ба мактаб рафтаанд, баробар шавӣ».

Қасидаи Саъдӣ бароати истеҳлоли шевое дорад:
Хуш аст умр, дареғо, ки ҷовидонӣ нест,
Пас эътимод бар ин панҷ рӯзи фонӣ нест.
Дарахти қади санавбархироми инсонро
Мудом равнақи навбоваи ҷавонӣ нест.

Матлаъи зерин аз қасидаи Мирзо Бедил низ бароати истеҳлоли зебоест:
Омадам, то сад чаман бар ҷилва нозон бинамат,
Нашъа дар сар, май ба соғар, гул ба домон бинамат.

Матлаъи ин ғазали Бедил ҳам бароати истеҳлол дар мавзӯи тарбия аст:
Рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад,
Табъи салим фазл аст, ирси падар набошад.



## ТАШХИС

Ташхис (фарқ кунонидани ду чизи ба ҳам монанд, муайян кардани беморӣ), дар илми бадеи классикӣ яке аз анвоъи санъатҳои маънавист.

Дар истилоҳи илми бадеъ ташхис ба наботот ва ҳайвонот додани сифатҳои инсониро мегӯянд. Истилоҳи илмии ин санъат персонификатсия мебошад. Ташхис воситаи асосии офаридани баъзе асарҳои бадеъӣ шудааст. Масалан, дар китобҳои «Калила ва Димна» ва «Тӯтинома» танҳо ҷонварон ва парандагон бо сифатҳои гуфтору амали инсонӣ иштирок мекунанд.

Мисол аз «Калила ва Димна»:

"Рӯзе подшоҳи бумон, ки Шабоҳанг ном дошт, ба сабаби душмании қадим, ки миёни зоғу бум аст, бо лашкари ҷаррор ва силоҳи хунхор бар зоғон шабохун зад ва рӯзгори онҳоро талх намуд ва дар он шаби тор бисёр зоғони сиёҳкирдорро ба оташи корзор бисӯхт ва аз он ҷо бо зафару нусрат бозгашт".

Дар рубоии зерини Хайём мисраи охирин ташхис шудааст:
Бар коргаҳи кӯзагаре рафтам дӯш,
Дидам ду ҳазор кӯза гӯёву хамӯш.
Ногоҳ яке кӯза баровард хурӯш:
"Кӯ кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш"?

Оғози фасли «Расидани фил» аз «Баҳориёт» -и Сайидо:
Ошуфта гашт филу равон шуд сӯи паланг,
Дандон ба якдигар зада ҳамчун муборизон.
Дум хода карда омаду хобонд гӯшро,
Хартум бар замин заду гуфт: «Ай алочапон!
Аз нохуни паланг чи нуқсон ба пои фил,
Тоҷи хурӯсро чи ғам аз нули мокиён?
Тундӣ макун, ки чарми ту бисёр дидаам.
Чун тахтапӯст дар таҳи пои қаландарон.

## МОДДАИ ТАЪРИХ

Моддаи таърих дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии шеъриро гӯянд.

Калимаҳои модда ва таърих ҳарду арабианд. Маънои луғавии модда асл, чиз, моҳият, мавзӯъ: маънои луғавии таърих муайян кардани вақти рӯй додани ҳодисае: илме, ки маҷмӯи ҳодиса ва воқеаҳои замони гузашта ва имрӯзаро меомӯзад. Ба маънои истилоҳӣ моддаи таърих номи яке аз санъатҳои маънавист. Моддаи таърих он аст, ки шоир дар шеъри худ калима, ибора, мисраъ ё байте ҷой медиҳад, ки аз он ба ҳисоби абҷад санаи воқеае берун меояд. Абҷад номи шартии 28 ҳарфи алифбои арабист, ки мувофиқи қимати ададиашон дар 8 калимаи маснӯъ (сунъӣ) гирд оварда шудаанд. Он 8 калима ин аст: абҷад, ҳаввaз, ҳуттӣ, каламан, саъфас, қарашат, сахаз, зазағ. Ифодаи рақамии ҳарфҳо аз 1 то 10 яктоӣ (яъне алиф – 1, бо – 2, ҷим- 3, дол – 4, ҳо – 5, вов – 6, зо – 7, ҳо – 8, то – 9, йо - 10; аз 10 то сад даҳтоӣ (яъне, коф-20, лом – 30, мим – 40, нун – 50, син – 60, айн – 70, фо – 80, сод – 90, қоф – 100); аз сад то ҳазор садтоӣ (яъне, ро – 200, шин – 300, то – 400, со – 500, хо – 600, зол – 700, зод – 800, зо – 900 ва ғайн – 1000) зиёд мешавад. Ҳисоби абҷад дар замони гузашта дар ёд нигоҳ доштани санаҳоро осон ва навишти онҳоро мухтасар мекард. Чун нуфузи ҳарфҳои арабӣ афзуд, математикҳо ва мунаҷҷимон ишораи ададии ҳарфҳоро дар асоси он тартиб доданд, ки онро «ҳисоби мунаҷҷимон» низ меноманд. Абҷад дар адабиёти классикии тоҷик аз давраи пайдоиши худ- асри 12 барои сохтани моддаи таърих истифода шудааст. Масалан, шоире дар вафоти Мавлоно Ҳотифӣ қитъае сурудааст.

Ҷомии сонӣ, сари арбоби фазл,
Ҳотифӣ бо он сухандонӣ чӣ шуд?
Буд аз баҳри фазоил гавҳаре,
Он дурахшон гавҳари конӣ чӣ шуд?
Гуфтам: «Ай гардун, чӣ шуд аҳволи вай?
Гуфт: «Фирдавсию Хоқонӣ чӣ шуд»?
Номи ӯ чун монд боқӣ то абад,
Гар бирафт аз олами фонӣ чӣ шуд?
Пай ба таърихи вафоташ бурд ақл,
Чунки гуфтам: «Ҷомии сонӣ чӣ шуд?»

Дар ин шеър, ки онро қитъаи таърих мегӯянд, таъбири «Ҷомии сонӣ чӣ шуд?» моддаи таърих аст ва ба ҳисоби абҷад адади 927 – ро ифода мекунад, ки соли ҳиҷрии қамарист ва ба соли 1521



милодӣ баробар аст (яъне: ҷим – 3, алиф – 1, мим- 40, йо - 10, со - 500, алиф – 1, нун – 50, йо – 10, ҷим – 3, шин – 300, дол – 4).

Шоирони зиёди адабиёти классикии форс-тоҷик моддаи тарихро барои зикри воқеаву ҳодисаҳои муҳим, соли таваллуду вафоти одамони бузург, фатҳу нусрат, таърихи итмоми биноҳои масҷиду мадраса, мақбара, боғу қасрҳо, таълифи асару тадвини девону куллиёт, санаи ба тахт нишастани шоҳону амирон ва ғайра истифода кардаанд. Масалан, Носири Хусрав соли таваллуди худро ин тавр баён кардааст:

Бигзашт зи ҳиҷрат паси сесад наваду чор,
Бигзошт маро модар бар маркази ағбор.

Соли 394 ҳиҷрии қамарӣ мутобиқи 1004 милодӣ мебошад. (Барои соли ҳиҷрии қамариро ба милодӣ баргардондан, аз ҳар сад соли ҳиҷрии қамарӣ се сол бароварда, боқии онро ба соли 622, ки соли ҳиҷрати Муҳаммад (с) аст, ҷамъ менамоем. Агар соли ҳиҷрии шамсӣ бошад, ададе, ки соли ҳиҷрии шамсиро ифода мекунад, ба адади 622 ҷамъ намоем, соли дилхоҳи милодӣ ҳосил мешавад).

Чунин тарзи соддабаёнӣ бо мурури замон ба шоирон писанд наомад ва моддаи таърих тадриҷан ба ҳисоби абҷад гузашт. Шоири форс-тоҷик – Мактабии Шерозӣ таърихи итмоми достони «Лайлӣ ва Маҷнун» - и худро чунин баён кардааст:

Чун Мактабӣ ин китоб бикшуд,
Таърих «китоби Мактабӣ» буд.

Моддаи таърих ибораи «китоби Мактабӣ» мебошад, ки агар қиммати ҳарфҳои онро ба ҳисоби абҷад ҷамъ кунем, санаи дилхоҳи муаллиф, ки соли 895 ҳиҷрии қамарӣ (мутобиқи 1489 милодӣ) аст, ҳосил мешавад, (яъне: коф =20 + то =400 +алиф = 1 +бо =2 +мим = 40 +коф=20+то=400+бо=2+йо=10: ҷамъ 895). Аввалин моддаи таърихе, ки то замони мо боқӣ мондааст, ба асрҳои 9-10 мансуб мебошад. Шарти асосии моддаи таърих он аст, ки вай бояд ба мантиқ ва мазмуни шеър мувофиқати том дошта бошад. То маълум гардидани абҷад ва дар давраҳои аввали пайдоиши он низ дар адабиёти форс-тоҷик таърихгӯӣ маълум буд, вале матлабро бештар бо сухан баён мекарданд. Низомии Ганҷавӣ таърихи итмоми достони «Ҳафт пайкар» - ро (14 рамазони соли 593 ҳиҷрии қамарӣ – 1197 милодӣ) ин тавр зикр кардааст:

Аз паси понсаду навад се бар он
Гуфтам ин номаро чу номварон.
Рӯз буд чордаҳ зи моҳи сиём[1]

1. Сиём - рӯза

Чор соат зи рӯз рафта тамом.

Аз асрҳои 11 – 12 ва баъдтар ба қоидаи абҷад гуфтан чун дигар навъҳои санъати лафзию маънавии шеър тадриҷан рӯ ба мураккабӣ овард ва боиси пайдо шудани навъҳои зиёди он гардид:

1) м о д д а и   т а ъ р и х и   м а ъ н а в ӣ чунон аст, ки шоир дар он зимни баёни матлаб тавассути калимаҳои «таърих» ё «сол» хонандаро огоҳ мекунад, ки калима ё ибораи таъкидшуда моддаи таърих аст. Масалан, шоире таърихи вафоти Хоқонии Шарвониро чунин баён кардааст:

Соли таърихи нақли ӯ ризвон,
Гуфт: «Тӯтии ҷаннати Ҳақ» хон.

Дар ин байт моддаи таърих ба ҳисоби абҷад 594 ҳиҷрии қамарӣ (мутобиқи 1198 милодӣ) мешавад. М о д д а и   т а ъ р и х и   м а ъ н а в ӣ дар адабиёти гузаштаи мо хеле серистеъмол буд. Шоирони зиёде дар ин навъи моддаи таърих қувваозмоӣ кардаанд. Таърихи том, таърихи ноқис (ноқисулаъдод, идхол), таърихи зоид ва ноқис аз навъҳои м о д д а и   т а ъ р и х и   м а ъ н а в ӣ мебошад.

а) Т а ъ р и х и   т о м чунон аст, ки дар он калимаи алоҳида, ибора ё тамоми мисраъ моддаи таърих шуда, ҳоҷат ба каму зиёд кардани ҳарфҳои моддаи таърих намемонад. Масалан, Мириз Ҳусайни Бухороӣ соли қатли Ҳилолиро дар ҷумлаи «Сайфуллоҳ кушт» ҷой додааст:

Кушта шуд дар дасти Сайфуллоҳ дар шаҳри Ҳарӣ,
Соли таърихаш аз он рӯ гашт: «Сайфуллоҳ кушт».

Дар ин байт ҷумлаи «Сайфуллоҳ кушт» моддаи таърихи том буда, ба соли 936 ҳ. қ. (1529 милодӣ) баробар аст. Дар қитъаи ноён Мирзо Абдулқодири Бедил соли таваллуди худро дар ду моддаи таърих чунин ифода кардааст:

Ба соле, ки Бедил ба мулки зуҳур
Зи файзи азал тофт чун офтоб.
Бузурге хабар дод аз мавлидаш,
Ки ҳам «файзи қудс» асту ҳам «интихоб».

Моддаи таърихи аввал ибораи «файзи қудс» буда, аз ҳисоби абҷад соли 1054 ҳиҷрии қамарӣ (1644 милодӣ) мешавад (яъне: фо – 80, йо – 10, зод – 800, қоф – 100, дол – 4, син – 60 = 1054). Вақте ки сол 1054 ҳиҷрии қамариро ба солшумории милодӣ бармегардонем, 1644 ба вуҷуд меояд, ки ин соли таваллуди Бедил мебошад. Моддаи таърихи сонӣ калимаи «интихоб» аст, ки аз он низ ба ҳисоби абҷад соли 1054 ҳ. қ. (1644 милодӣ) берун меояд (яъне: алиф – 1; нун – 50; то – 400; хо – 600; алиф – 1; бо – 2 – 1054).



Таърихҳои томе низ мавҷуданд, ки дар як мисраъ ё байт чанд моддаи таърих дар як мавзӯъ зикр шудаанд. Масалан, Мавлоно Ҳабибуллоҳ дар вафоти Ҳотифӣ чунин таърих гуфтааст:

Аз боғи даҳр Ҳотифии хушкалом рафт,
Сӯи риёзи хулд[1] ба сад айшу сад тараф.
Рафт аз ҷаҳон касе, ки буд лутфи шеъри ӯ
Ошӯби турку шӯри Аҷам, фитнаи Араб.
Таърихи вафоти ӯ талабидам зи ақл гуфт:
"Аз «шоири шоҳон» - v «шаҳи шоирон» талаб".

Дар ин қитъаи таърих ду моддаи таърих зикр шудааст. Моддаи таърихи якум ибораи «шоири шоҳон» буда, ба ҳисоби абҷад 927 ҳиҷрии қамарӣ -1520 милодӣ) мешавад (яъне; шин – 300; алиф – 1; айн – 70; ро – 200; шин – 300; ҳо – 5; алиф – 1; нун – 50 = 927. Аз моддаи таърихи дуюм – «шаҳи шоирон» низ ба ҳисоби абҷад соли 927 ҳиҷрии қамарӣ берун меояд (яъне: шин – 300; ҳо – 5; шин – 300; алиф – 1; айн — 70; ро – 200; алиф – 1; нун – 50).

б) Т а ъ р и х и   н о қ и с (ноқисулаъдод, идхол[2]) чунон аст, ки дар он адад кам, яъне ноқис аст ва шоир маҷбур мешавад, ки барои пурра кардани моддаи таърих ишора кунад, ки фалон ҳарф ё калима ба моддаи таърих илова карда шавад, ба хотири он ки камии адад нест шавад. Мисол:

Гуфт аз сари бадхоҳ, хирад таърихаш:
«Маншури азал зи рамзи шоҳӣ омад».

Дар байти боло мисраъи дуюм моддаи таърих аст, ки ба ҳисоби абҷад соли 1249 мешавад (яъне: мим = 40+ нун = 50 + шин = 300 + вов =6+ро=200+алиф=1+30=7+лом=30+зо=7+ро=200+мим=30+зо=7+шин=300+алиф=1+ҳе=5+йо=10+алиф=1+мим=30+дол=4).

Адади 1249 ҳанӯз соли дилхоҳи муаллиф нест, барои ҳамин мегӯяд, ки сари «бадхоҳ» ба моддаи таърих илова карда шавад, яъне ки дар ҳисоби абҷад ҳарфи «бо» рақами сари «бадхоҳ» ҳарфи бо аст, ки дар ҳисоби абҷад ҳарфи «бо» рақами дуро ифода мекунад. Агар дуро ба соли 1249 илова кунем, 1251 ҳосил мешавад ва он соли ҳиҷрии таълифи китоби «Акбарнома» аст. Агар соли 1251 ҳиҷри қамариро ба соли мелодӣ баргардонем, соли 1835 ба вуҷуд меояд.

в) Т а ъ р и х и   з о и д (зоидулаъдод, ихроҷ[3]) чунон аст, ки ҳосили моддаи таърих аз адади дилхоҳи шоир зиёд аст. Барои дуруст ва аниқ кардани соли дилхоҳ шоир таъкид мекунад, ки дар моддаи

[1] Риёзи хулд – боғи биҳишт.
[2] Идхол – дохил кардан, ба дарун даровардан.
[3] Ихроҷ – хориҷ кардан, берун баровардан.

таърих фалон ҳарф ё калима, ё ин ки рақам зиёдатист ва онро аз моддаи таърих баровардан шарт аст. Мисол:

«Назми мавзуну латиф», ай нуктадон,
Бе сари душман бувад таърихи он.

Дар байти овардашуда «Назми мавзуну латиф» моддаи таърих буда, ба ҳисоби абҷад соли 1234 мешавад (яъне: нун – 50; зо – 900; мим – 40; вов – 6; зо – 7; вов – 6; нун – 50; вов – 6; лом – 30; то – 9; йо – 10; фе – 80=1234). Мувофиқи гуфтаи шоир, аз 1234 «сари душман», яъне ҳарфи аввали калимаи «душман», ки «дол» аст, гирифта шавад (ҳарфи дол дар ҳисоби абҷад 4 аст), 1230 боқӣ мемонад. Соли 1230 ҳиҷрии қамарист, дар сурати баргардонидани он ба солшумории мелодӣ соли 1815 ҳосил мешавад, ки ин соли хатми достони «Нон ва Хурмо» - и Парвона ном шоири охири асри 18 ва ибтидои асри 19 тоҷик мебошад.

Мисоли дигар:

Ба лутф аз сари «назм» гар бигзарӣ,
Равон пай ба таърихи он оварӣ.

Дар ин байт калимаи «назм» моддаи таърих буда, ба ҳисоби абҷад соли 990 мешавад (нун – 50; зо – 900; мим – 40) ва агар мувофиқи шарте, ки шоир дар мисраъи аввал гузоштааст, амал кунем (яъне ҳарфи аввали калимаи «назм» - ро (нунро партоем), 940 боқӣ мемонад. Вақте ки соли 940 ҳиҷрии қамариро ба соли мелодӣ мегардонем, соли 1534 ба вуҷуд меояд ва соли 1534 соли итмоми дафтари якуми маснавии «Шоҳнома» - Қосими Гунобадӣ мебошад.

г) Т а ъ р и х и   з о и д   в а   н о қ и с чунон аст, ки соли дилхоҳ ба воситаи каму зиёд кардани ҳарфҳои моддаи таърих ба даст меояд.

Мисол:

Темури Курагон зи нахли шоҳӣ бар дод,
Дар охири умр ҷон ба чашми тар дод.
Зоҳид паи таърихи вафоташ омад,
Бигрифт сару пои қазоро сар дод.

Рубоии боло қитъаи таърих аст. Дар ин қитъаи таърих калимаи «қазо» моддаи таърих мебошад. Мувофиқи гуфтаи шоир, агар аз калимаи «қазо», «сарупо», яъне ҳарфи аввалу («қоф» - 100) охири («алиф – 1») онро партоем, ҳарфи «зод» (800) боқӣ мемонад. Ҳарфи «зод» ба ҳисоби абҷад 800 аст. Соли 800 соли дилхоҳ нест, барои ин, сари «зоҳид», яъне ҳарфи «зо» - ро, ки ба ҳисоби абҷад адади 7 аст, гирифта, бо адади 800 ҷамъ кунем, соли дилхоҳ -807 ҳиҷрии қамарӣ ҳосил мешавад ва дар сурати баргардонидани он ба солшумории



мелодӣ соли 1405 ба вуҷуд меояд, ки ин соли вафоти Амир Темури Курагон мебошад.

Илова бар ин, моддаи таърихе низ ҳастанд, ки ба воситаи зарб задани адади муайяне соли матлубро ҳосил менамоянд. Мисол:

Ин нома, к-аз ӯст бидъати фанни низом,
Кардем варо «Бадеъ-ул- иншо» ном.
Такрор кунӣ чу номи ӯро як бор,
Шак нест, ки роҳ барӣ ба соли итмом.

Дар ин рубоӣ моддаи таърих номи китоб «Бадеъ-ул-иншо» аст, ки ба ҳисоби абҷад 470 мешавад (бо – 2; дол – 4; алиф – 1; йо – 10; айн – 70; алиф – 1; лом – 30; алиф – 1; нун – 50; шин – 300; алиф – 1). Вақте ки ин ададро такрор кунем, яъне ба ду зарб занем, адади 940 ба вуҷуд меояд ва он соли матлуби ҳиҷрии қамарӣ мебошад. Дар охир соли 940 ҳиҷрии қамариро ба солшумории мелодӣ гардонида, соли дилхоҳи 1534-ро ҳосил менамоем.

2. М о д д а и   т а ъ р и х и   л а ф з ӣ (суварӣ) чунон аст, ки дар он матлабро на бо қиммати ҳарфҳо, балки бо сухан баён мекунанд. Масалан, Саъдии Шерозӣ соли таърихи анҷоми маснавии «Бӯстон» - и худро (соли 655 ҳ. қ. -1257 м.) чунин қайд кардааст:

Ба рӯзи ҳумоюну соли саид,
Ба таърихи фаррух, миёни ду ид.
Зи шашсад фузун буд панҷоҳу панҷ,
Ки пурдур шуд ин номбардори ганҷ.

Агар соли 655 ҳиҷрии қамариро ба солшумории милодӣ баргардонем, 1257 ҳосил мешавад. Мисоли дигар:

Қудваи[1] назм Ғазолӣ, ки сухан
Ҳама аз табъи худодод навишт.
Номаи зиндагии ӯ, ногоҳ,
Осмон бар вараҳи бод навишт.
Ақл таърихи вафоташ ба ду тавр,
«Санаи нуҳсаду ҳаштод» навишт.

Дар қитъаи таърихи боло ибораи «санаи нӯҳсаду ҳаштод» моддаи таърих аст. Агар ин ибораро мувофиқи қоидаи ҳисоби абҷад ҳисоб кунем, боз 980 мешавад (син – 60; нун – 50; ҳо – 5; нун – 50; ҳо - 5; сод – 90; дол – 4; вов – 6; ҳо – 5; шин – 300; то – 100; алиф – 1; дол – 4=980). Адади 980 соли ҳиҷрии қамарӣ буда, дар сурати ба солшумории мелодӣ бургардонидан 1572 ҳосил мешавад, ки ин соли вафоти Ғаззолии Машҳадӣ мебошад.

[1] Қудва – пешво, роҳбар.

3) Моддаи таърихи манкутта (нуқтадор) ё муъҷам чунон аст, ки шоир барои сохтани соли дилхоҳ фақат аз ҳарфҳои нуқтадори арабӣ (бо, то, ҷим ва ғайра) истифода мебарад. Дар моддаи таърихи ғайриманқутта ё муҳмала бошад, танҳо ҳарфҳои бенуқтаи арабиро (алиф, ҳо, ро, син ва ғайра) меоранду халос. Масалан, Мирзомуроди Девон соли оғозу анҷоми биноеро дар Самарқанд чунин ифода кардааст:

Бино бо нуқтаву итмом бенуқта аз ин мисраъ:
«Навозишҳои қайсар гӯ, каромат бин дар ин Доро».

Мисраъи дуюми байти боло моддаи таърих буда, агар қимати ҳарфҳои нуқтадори онро (яъне: нун – 50; зо – 7; шин – 300; йо – 10; коф – 100; йо – 10; то – 400; бо – 2; йо – 10; нун – 50=999) ба ҳисоби абҷад ҷамъ кунем, рақами 999 ҳосил мешавад, ки ин соли шурӯъи сохтмони бино буда, мутобиқи соли 1591 мелодӣ аст ва агар қимати ҳарфҳои бенуқтаи (муҳмалаи) мисраъи дуюмро ба ҳисоби абҷад ҷамъ намоем (яъне: вов – 6; алиф – 1; ҳо – 50; алиф – 1; сод – 90; ро – 200; вов – 6; гоф – 20; ро – 200; дол - 4; алиф – 1; ро – 200; алиф – 1=1000) соли анҷоми сохтмони бино 1000 ҳиҷрии қамарӣ ба вуҷуд меояд, ки он мутобиқи соли 1592 мелодист.

4) Моддаи таърихи муттасила[1] чунон аст, ки шоир дар сохтани ин ё он фақат аз ҳарфҳои часпанда (муттасила ) – и арабӣ (бо, лом, мим, нун, коф ва ғайра), ё танҳо аз ҳарфҳои мунфасилаи душаклаи (алиф, ро, дол, зол ва ғайра) арабӣ истифода мебарад.

Дар бештари қитъаҳои таърих моддаҳои таърихи муттасилаву мунфасила ва манқутаву ғайриманқута якҷоя меоянд. Масалан, Сойиби Табрезӣ дар хатми девони ашъораш чунин мегӯяд:

Шуд аз паи таърихи китоби чу гуҳар,
«Назму дурари неке аз он дурҷи дурар»
Муҳмалу муъҷам, муттасилу мунфасилаш,
Ҳар як диҳад аз соли тамомаш хабар.

Дар ин қитъаи таърих мисраъи дуюм моддаи таърих буд, шоир дар он чор таърих зикр кардааст, ки агар қимати ҳарфҳои часпандаву (нун – 50; зо – 900; мим – 40; нун – 50; йо – 10; коф – 20; йо – 10 = 1080) душакла (вов – 6; дол – 4; ро – 200; ро – 200; алиф – 1; зо – 7; алиф – 1; дол – 4; ро – 200; дол – 4; ро – 200; ро – 2000 = 1080) ва ҳарфҳои нуқтадору (нун – 50; зо – 900; нун – 50; йо – 10; зо – 7; нун – 50; ҷим – 3=1080) бенуқтаи онро ба ҳисоби абҷад алоҳида-алоҳида ҷамъ кунем, аз ҳар кадоми он санаи 1080 ҳиҷрии қамарӣ (мутобиқи 1670 милодӣ) ҳосил мешавад, ки соли хатми девони Сойиби Табрезӣ мебошад.

[1] . Муттасила – часпанда, пайваста.



Илова ба чор навъи модаи таърих, ки дар боло гуфтем, моддаҳои таърихе низ ҳастанд, ки дар асоси санъатҳои гуногуни шеърӣ тансиф (нисф кардан), талмеҳ, муаммо, тарҷума ва ғайра сохта шудаанд. Дар асрҳои охир чунин моддаҳои таърихе дучор меоянд, ки дар сурати соли таваллуди шахсеро ифода кардан чизе бар он афзудаандд, вале дар сурати соли вафотро дар бар гирифтан, чизе аз он кам кардаанд.

Порчаи манзумеро, ки дар зимнаш модаи таърих меояд, қитъаи таърих меноманд. Дар таърихи адабиёт шоироне (масалан, Анбари Бухорой) ҳастанд, ки дар навиштани қитъаи таърих ном баровардаанд.

## МУРООТИ НАЗИР

Муроотии назир (ҳаққи касеро риоят кардан, риоя кардан ба чизе ва монанд), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои маънавиро гӯянд. Муроотии назирро дар баъзе китобҳои адабиётшиносӣ таносуб (таносуби сухан), тавфиқ (мувофиқат), эътилоф (бо якдигар пайвастан) ва талфиқ (бо ҳам овардан) номидаанд.

Муроотии назир чунон аст, ки шоир ё нависанда калима ва иборахоеро меорад, ки аз ҷиҳати мазмун бо ҳам хеле наздиканд, яъне бо ҳамдигар муносибат доранд. Масалан, агар дар шеър зикри боғ омада бошад, шоир, албатта, чандин калимаи ба боғ муносибатдоштаро (мисли гул, булбул, бӯи хуш, анвоъи дарахтон, раёҳин, ошиқ, маъшуқ, сарв ва ғайра) меорад.

Мисол:

Адои қатраи обам, ки дарё мешавад рӯзе,
Фидои зарраи хокам, ки дунё мешавад, рӯзе.
(Гулназар)

Дар ин байт байни калимаҳои «қатра», «об», «дарё» (дар мисраъи аввал), «зарра», «хок», «дунё» (дар мисраъи дуюм) таносуби сухан хеле қавист. Яъне ҷое, ки об аст, қатра ва дарё вуҷуд дорад ва зарра, хок, дунё (ба маънои замин) низ ҷузвҳои якдигаранд.

Тамоми донишмандони илми бадеъ муроотии назирро (таносуби суханро) асоси ҳамаи санъатҳои бадеъӣ донистаанд. Риояи таносуби сухан ба ҳунари шоир сахт вобаста буда, шоири муқтадир, махз ба воситаи алоқа ва робитаи мантиқии калимаҳои овардааш моҳияти ғоявии шеърашро ба хонанда ва шунаванда расонида метавонад. Шоир дар як байт бояд калима ва таъбирҳоеро зикр намояд, ки аз эътибори маъно ба ҳам сахт вобаста бошанд. Дар ашъори шоирони бузурги гузаштаи форс-тоҷик шеъреро намеёбед, ки дар он калимае

бемавқеъ омада бошад. Устодони сухан ба муроoти назир чунон диққат додаанд, ки агар як калимаро гирифта, ба ҷояш калимаи дигар монда шавад, маънои шеър сахт халал меёбад. Риояи таносуби сухан яке аз воситаҳои асосии хубтару беҳтар ифода кардани маънo мебошад. Ба ин байти Саъдӣ диққат диҳед:

Напиндорам, ай дар хазон кишта ҷав,
Ки гандум ситонӣ ба вақти дарав.

Дар ин байти Саъдӣ муроoти назир дар байни калимаҳои «кишта», «ҷав», «гандум», «ситонӣ» ва «вақти дарав» чунон қавӣ ва устувор аст, ки як калимаи онро дигар кардан мумкин нест. Шоир таъкид мекунад, ки дар замин ҷав корида дар вақти даравидан гандум умед кардан хатост. Аммо мақсади асосии шоир чизи дигар аст. Ӯ гуфтан мехоҳад, ки ба мардум бад карда, дар охир нек мукофот талабидан аз рӯи адолат нест.

Истифода ва риояи дурусти ин санъат ба шоир имконият медиҳад, ки ӯ аз роҳи самимият ва ифодаи табиии сухан берун наравад. Яке аз сабабҳои ҷовидона мондани ашъори шоирони гузаштаи мо, пеш аз ҳама, истифодаи дурусти ҳамин санъати муроoти назир аст. Муроoти назир бо санъатҳои ташбеҳ ва истиора робитаи хеле қавӣ дорад. Бисёр устодони сухан аз ин робитаи санъатҳои ташбеҳу истиораю муроoти назир истифода карда, ашъори хеле дилпазир эҷод кардаанд. Ҳамаи донишмандони илми адаб ин қитъаи устод Рӯдакиро намунаи беҳтарини санъатҳои муроoти назир, ташбеҳ, истиора, талмеҳ, ҷамъу тақсим, тақсим, ҷамъ, нидо, тазод ва муқобала донистаанд:

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр андар.
Яке аз қайд шуд пурхун, дигар шуд чок аз туҳмат,
Савум Яъқубро аз бӯ-ш равшан гашт чашми тар.
Дилам монад бад-он аввал, рухам монад бад-он сонӣ,
Насиби ман шавад дар асл он пироҳани дигар.

## ИҲОМ

Иҳом (пӯшида гуфтан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз анвоъи санъати маънавиро гӯянд. Иҳом чунон аст, ки шоир фикри худро тарзе ифода мекунад, ки аз он маъниҳои мухталифро ёфтан мумкин аст. Ба таври дигар гӯем, аз тарзи ифодаи шоир ҳам маънии мусбат ва



ҳам маънии манфиро фаҳмидан мумкин аст. Дар шеър ё наср калимаҳоеро меоранд, ки ду маънӣ дошта бошад, яке қариб ва дигаре баъид (дур). Мақсади гӯянда аз иҳом маънои дури калима мебошад. Дар ин байти Хоҷа Ҳофиз калимаи кай ба маънои ҳиссачаи саволии "кай" ва подшоҳ аз сулолаи каёнӣ (кайҳо) омадааст:

Бидеҳ ҷоми маю аз Ҷам макун ёд,
Ки медонад, ки Ҷам кай буду кай Кай!

Мисолҳо:

Ҳикояти лаби Ширин каломи Фарҳод аст,
Шиканҷи турраи Лайло мақоми Маҷнун аст. (Ҳофиз)

Калимаи "Ширин" ба ду маънӣ омадааст, яке мазаи ширин, аз қабили талху шӯр, дигар номи дӯстдоштаи Хусраву Фарҳод. Калимаи "Лайлӣ" ҳам дорои ду маънӣ аст, яке маъшуқаи Маҷнун, дигар мансуб ба лайл, ба маънии шаб, ки зулфро ба он ташбеҳ мекунанд.

Бачагиям бекасу танҳо гузашт,
Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт,
Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт. (Лоиқ)

Дар баъзе китобҳои бадеъ иҳом бо номҳои мухайял, тахайюл, тавҳим, тамсил ва таврия низ дучор меояд.

## ҶАМЪ

Ҷамъ ( гирд овардан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии маънавиро гӯянд. Ҷамъ чунон аст, ки шоир дар як байт миёни ду чиз ё бештар ҷамъ мекунад, ҷамъкунандае барои онҳо ногузир баён менамояд. Ҷамъ мумкин аст зикр шавад ё мазкур набошад, мумкин музмар (пӯшида) бувад ва бувад, ки яке ё бештар бошад.

Дар ин байти Қамарӣ «моҳ» ҷамъкунандаи «рӯи ёр» ва «ман» аст. Дар мисраи дуюм чунин ҷамъ дар миёни кӯжию зору низор ҷой дорад:

Моҳ гоҳе чу рӯйи ёри ман аст,
Гаҳ чу ман кӯжпушту зору низор.

## ТАФРИҚ

Тафриқ ( ҷудо кардан, ҳисса-ҳисса кардан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои маънавист. Ин санъат чунон аст, ки шоир ду мафҳуми ҳамҷинс ё муштарактабиатро дар шеър ҷой дода, баъд ҳар

кадоми онҳоро шарҳ медиҳад. Дар чунин тарзи ташреҳ тафрик ба санъати бадеъии *ҷамъ ва тақсим* шабоҳат дорад. *Атоуллоҳи Ҳусайнӣ* дар *"Бадоеъ-ус-саноеъ"* байти зеринро барои санъати тафрик шоҳид овардааст:

Таври ман набвад чу таври олимони рӯзгор,
Таври ман бошад ниёзу таври эшон ифтихор.
фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилон
-v- -/ -v - -/ -v - -/ - v ~

Гоҳе шоирон тафрикро дар байни бештар аз ду мафҳум ҳам ҷой медиҳанд. Мисол:

Набвад дили ману дили ёру дили рақиб
Монанди якдигар, шунав аз банда шарҳи ҳол.
Бошад дилам чу шиша, дили ёр ойина,
Бошад дили рақиб чу олуда дошҳол (Атоуллоҳ Ҳусайнӣ).
мафъӯлу/фоъилоту/мафоъӣлу/фоъилон
- -v /-v –v /v - -v/ - v ~

Тафрик ба назари Родуёнӣ, ба танҳоӣ кам меояд, дар бештари маврид бо ҷамъ якҷоя аст. Шоир Хусравӣ дар ин байти хеш миёни мамдӯҳ ва абр фарқ гузоштааст:

Абр чун ту кай аст найсонӣ,
Зарр кай борад абри найсонӣ?!
фоъилотун/мафоъилун/фаълун
-v - -/ v –v -/ - -

Баъзе адабиётшиносон тафрик онро гуфтаанд, ки дар миёни чанд чиз ҷудоӣ афканад, бе он ки ҷамъ карда бошанд:

Боди субҳ аст бӯи зулфаш, не,
Набувад боди субҳи анбарбор.
З-ин чакад обу з-он борад хун,
Мижаи ман кучову абри баҳор.
фоъилотун/мафоъилун/фаъилон
-v - -/ v –v -/ v v ~

## ИЛТИФОТ

Илтифот (ба гӯшаи чашм нигаристан), дар илми бадеъи классикӣ аз ҷумлаи санъатҳои маънавист, ки шоир ба воситаи он изтиробу ҳаяҷону ҳиссиёти ботинии хешро баён мекунад.

Дар истилоҳи адабӣ тарзҳои гуногуни баргардонидани суханро аз такаллум ба хитоб, аз хитоб ба ғайбат, аз ҳозир ба ғоиб ва аз ғоиб



ба ҳозир, аз ҳозир ба гузашта ва аз гузашта ба ҳозир, аз ҷамъ ба танҳо ва аз танҳо ба ҷамъ илтифот мегӯянд. Дар ин байти Хоҷа Ҳофиз «сабо» мухотаб ва шикоятбар ҳам аз ҷониби мо – гӯянда аст ва ҳам аз номи худ:

Сабо, ба лутф, бигӯ он ғизоли раъноро,
Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро.

Вақте кӯдакро дар шакли ҷамъ «Шумо» мегӯем, лутф аст, зеро аз танҳо ба ҷамъ рафтам.

Мисолҳо:

Ҷуз он ки мастии ишқ аст, эч мастӣ нест,
Ҳамин балот бас аст, ай ба ҳар бало хурсанд.
(Рӯдакӣ)

Кош-к танам боз ёфтӣ хабари дил,
Кош-к дилам боз ёфтӣ хабари тан.
Кош-к ман аз ту бирастаме ба саломат,
Эй фусӯсо, кучо тавонам растан.
(Робиа)

Донишмандони гузашта, аз ҷумла Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, илтифотро гузаштан дар се навъи сухан – такаллум, хитоб ва ғайбат ба якдигарро гуфтаанд. Чунонки, дар боло гуфтем, тарзҳои дигари замонию шахсии гузариш ҳам лутфу назокати суханро дар худ доранд. Ин се навъ, ки Атоулло мегӯяд, ҳамоно сухани шахси якум - ҳозир, дуюм ва ғоиб аст. Намунаи нақл аз такаллум ба ғайбат аз Атоулло:

Гуфтам: - "Зи ғами ту хаставу зорам ман",
Гуфто, ки "Бимир, к-аз ту безорам ман"!
Гуфтам: "Зи чи парвои Атоӣ накунӣ"?
Гуфто, ки "Чӣ парвои касе дорам ман".

Сухани нарму мулоими боназокатро ҳам илтифот ё лутф гуфтаанд. Назокати чунин сухан аз нармии гуфтор, оҳанги хуш, истифода накардани алфози душворталаффуз ва ғайра вобаста аст.

## МАДҲИ ШАБЕҲ БА ЗАММ

Мадҳи шабеҳ ба замм (офарини монанд ба нафрин), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои маънавиро гӯянд. Шоир шеъре мегӯяд, ки дар ибтидо ӯ касе ё чизеро таърифу тавсиф мекунад.

Ин санъатро таъкидулмадҳ бимо юшбиҳуззамм ҳам мегӯянд. Дар ин навъ сухан зоҳиран замм - паст задан, вале дар асл мадҳ аст.

Гӯянда аввал суханони таънаю таҳқиромез мегӯяд ва баъд бо ёрии калимаҳои хилофии "аммо", "вале", "лекин", "магар" онро ба мадҳ бармегардонад. Шунаванда дар аввал гумони зам(м) мекунад ва баъд пай мебарад, ки мадҳ аст. Дар ин ҷумла мадҳи шабеҳ ба зам(м) истифода шудааст:" Аҳмад ҳамин қадар айб дорад, ки чаққон аст". Дигар: "Қосим як камбудӣ дорад, шароб намехӯрад".

Мисолҳо:

Меҳон пешат кашида саф, валекин баркашида кин,
Шаҳон пешат камар баста, валекин баркушода лаб.
(Қамарӣ)

Рафиқи азм, валекин ба ҷумла душмани ҳазм[1].
Дурустрою ба кор омада ба карру ба фар/р/.
(Унсурӣ)

Асари мир нахоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон,
Мир хоҳам, ки бувад монда ба ҷои асаро.
(Рӯдакӣ)

Сипаҳсолори лашкаршон яке лашкаршикан коре,
Шикаста шуд аз ӯ лашкар, валекин лашкари эшон.
(Унсурӣ)

Замро таъкидуз замми бимояшбаҳул мадҳ ҳам мегӯянд. Дар ин навъ сухан зоҳиран паст задану таънаомез бо ёрии сухани зоҳиран мадҳӣ таъкид карда мешавад. Мисол, аз «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоуллоҳ Ҳусайнӣ:

Дар ин замона маҷӯ аз касе тариқи вафо,
Ки нест аҳли замонро ҳунар ба ғайри ҷафо.

Мисол аз Мунҷики Тирмизӣ:

Ай хоҷа, мар маро ба ҳиҷо қасди ту набуд,
Ҷуз табъи хешро ба ту бар кардам озмун.
Чун теғи неккуш ба саге озмун кунанд
В-он саг бувад ба қимати он саг раҳнамун.

## ЗАММИ ШАБЕҲ БА МАДҲ

Замми шабеҳ ба мадҳ (нафрини монанд ба офарин), дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои санъати маънавиро гӯянд. Замм чунон

[1] Ҳазм – устувор кардани коре, хушёрӣ, огоҳӣ.



аст, ки шоир аввал дар каломи хеш зоҳиран касеро таъна мекунад, аммо лафзеро меорад, ки замм ба мадҳ табдил меёбад.

Замро таъкидуз замм бимо юшбиҳу мадҳ ҳам мегӯянд. Дар ин навъ сухан зоҳиран паст задану таънаомез бо ёрии сухани зоҳиран мадҳӣ таъкид карда мешавад. Мисол, аз «*Бадоеъ-ус-саноеъ*»-и Атоуллоҳ Ҳусайнӣ:

Дар ин замона маҷӯ аз касе тариқи вафо,
Ки нест аҳли замонро ҳунар ба ғайри ҷафо.

Мисол аз Мунҷики Тирмизӣ:

Ай хоҷа, мар маро ба ҳиҷо қасди ту набуд,
Ҷуз табъи хешро ба ту бар кардам озмун.
Чун теғи неккуш ба саге озмун кунанд
В-он саг бувад ба қимати он саг раҳнамун.

## ТАВҶЕҲ

Тавҷеҳ (ба сӯи чизе рӯ овардан, мурочиат кардан), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз санъатҳои маънавиро гӯянд. Ин санъатро муҳтамилуззидайн (вуҷуди эҳтимолии маънои зид) ҳам мегӯянд. Дар истилоҳи илми бадеъ тавҷеҳ суханеро мегӯянд, ки дар як вақт эҳтимоли маънои мусбат ва манфиро дорад ё аз як нигоҳ маънои ҷиддӣ ва аз нигоҳи дигар маънои ҳазлу шӯхӣ дорад. Масалан, ҷумлаи «Ин китоби ту баҳо надорад», ба як маъно китоби беарзиш ва ба маънои дигар аз ҳадди ҳамагуна қимат болотар аст. Дар байти зерини М.Турсунзода санъати тавҷеҳ омадааст:

Бинӣ агараш миёни мардон
Мардонагиаш баҳо надорад.

## ҲАШВ

Ҳашв (фурӯмоягӣ, пастӣ, пахтаи даруни ҷомаю болишт, маводи даруни чиз), дар илми бадеъи классикӣ номи яке аз санъатҳои маънавист. Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда дар таълифоти хеш калима ва ибораҳои зиёдатиеро кор мефармояд, ки мазмуни асар ба онҳо он қадар эҳтиёҷ надорад. Ба таври дигар гӯем, ҳашв каломи зиёдатии дохили ҷумларо мегӯянд, ки вазифаи эътироз ё пур кардани мисраъ ё ҷумларо дорад ва маънӣ ба он сахт эҳтиёҷманд нест. Ҳашв се навъ аст: 1. Ҳашви малеҳ. 2. Ҳашви мутавассит. 3. Ҳашви қабеҳ.

1. Ҳашви малеҳ. Ин навъро ҳашви лавзинаҷ[1] ҳам мегӯянд. Ҳашви лавзинаҷ калимаҳои зойиди дар идомаи мавзӯъ, барои афзудани ҳусни сухан омадаро мегӯянд, ки ба шакли киноя, хитоба ва маҷоз меоянд. Дар ин байти Унсурӣ калимаи «мухлис» ҳашви малеҳ аст:

Салоҳи бандаи мухлис, ки доим афзун бод
Ва он касе, ки доим нафъӣ ҷуст, шуд каму кост.

Дар байти зерини Саъдӣ хитоби «зинҳор» ҳашви малеҳ аст:

Гарат хеш душман шавад, дӯст дор,
Зи талбис[2] эмин машав, зинҳор.

Дар «Шоҳнома» Рудоба барои ба болои қаср баромадани Зол каманди гесуашро поён мекунад. Ин абёт аз ҳамон ҷо гирифта шуда ва мисраи сеюм ҳашв аст:

Хам андар хаму мор бар мор бар,
Бар он ғабғабаш тор бар тор бар.

2. Ҳашви мутавассит (миёна) чунон аст, ки овардан ва наовардани он ҳусни суханро на кам мекунад, на зиёд. Дар байти зерини Рӯдакӣ таркиби «эй моҳрӯи мушкинмӯй» ҳашви мутавассит аст:

Ҳаме чӣ донӣ, ту, ай моҳрӯи мушкинмӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?

Дар байти зерини Шаҳиди Балхӣ «эй рафиқ» ҳашви мутавассит аст:

Айб бошад ба кори нек диранг,
Гар шитоб омад, ай рафиқ, мулом[3].

3. Ҳашви қабеҳ овардани лафзи бемавридро дар сухан мегӯянд. Ҳамаи пургӯйиҳо, тавзеҳоти зиёдатӣ аз ҷумлаи ҳашви қабеҳ мебошанд, ки дар суханрониҳо, мақолаи рӯзномаю маҷаллаҳо хеле зиёд ба назар мерасанд. Баъзеҳо дар суханронӣ калима ва ибораҳои «яъне ки масалан», «вай кунед», «гумон мекунам». «рӯи ҳам рафта» ва монанди онро ба такрор кор мефармоянд, ки ин ҳам ҳашви қабеҳ

[1] Лавзинаҷ – ё лавзина – ширинии омехтаи мағзи бодом, писта, гулоб ва шакар.
[2] Талбис – пинҳон кардан, фиреб.
[3] Мулом – малӯл, маломатзада



аст. Дар як ҷумла такроран овардани калимаро ба як маъно низ ҳашви қабеҳ мегӯянд. Мисол дар ин байт:

Азбаски бори миннати ту бар танам нишаст,
Дар зери миннати ту ниҳон асту мусаттар[4].

## ТАРСЕЪ

Тарсеъ (бо гавҳар оростан, ба ришта кашидани гавҳар), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии лафзиро гӯянд. Тарсеъ ҳам дар назм ва ҳам дар наср баробар истифода мешавад. Тарсеъ дар наср чунон аст, ки ду пораи ифода тарзе оварда мешавад, ки тамоми калимаҳои пораи якум ба калимаҳои пораи дуюм баробарвазну ҳамқофияанд. Дар назму насри “Гулистон” таъбиру таркибҳоеро мебинем, ки ҳама мусаҷҷаъу муқаффоянд ва ниҳоят зебою гуворою дилкашанд. Агар ин навъи таркибҳо аз ду калима иборат бошанд, таркибҳои ҷуфти онҳо низ аз ду калима сохта шудаанд, дар сурате, ки таркиби аввала дорои се калима ё чаҳор калима бошад, барои ҷуфти онҳо низ таркибҳои секалимагӣ ё чаҳоркалимагӣ оварда мешавад. Мисол: “тухми бадӣ киштану чашми некӣ доштан”, “хунари надимону айби ҳакимон”, “дасти карам кушодану доди саховат додан”, “муҷиби дараҷоту сабаби даракот”. Тарсеъ дар назм чунон аст, ки шоир калимаҳои мисраъҳои якуму дуюмро тарзе меоварад, ки ҳарду мисраъ аз ҷиҳати шаклу вазну ҳуруф ба ҳам баробар меоянд. Мисол:

Руҳи нагини ӯ гули раъно,
Лаби ширини ӯ мули хамро.

Дар байти боло калимаҳои ҳар ду мисраъ яъне: «рух» бо «лаб», «рангин» бо «ширин», «гул» бо «мул», «раъно» бо «хамро» аз ҷиҳати вазн, шакл ва қофия бо ҳам наздиканд. Мисоли дигар:

Дар аслу насаб ягонаи даҳр,
Дар фазлу адаб фасонаи шаҳр. (Ҷомӣ)

Чи тавре ки мебинед, дар байти Ҷомӣ тамоми калимаҳои мисраъҳои якуму дуюм ҳамвазну ҳамқофияанд. Дар ин байт, ки санъати тарсеъ хеле табиию дилкаш баромадааст, ҳар як калима аз ҷиҳати миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ низ ба ҳам баробаранд, яъне ҳарду калимаи «дар» - и мисраъҳои якуму дуюм аз як ҳиҷои дароз (-), калимаҳои «аслу» ва «фазлу» аз як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ (- V), калимаҳои «насаб» ва «адаб» аз як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз (V -),

[4] Мусаттар – пӯшидашуда, пинҳоншуда.

калимаҳои «ягонаи» ва «фасонаи» аз чор ҳиҷо (кӯтоҳу дарозу кӯтоҳ) дароз V - V -), калимаҳои «даҳр» ва «шаҳр» аз як ҳиҷои якуним (~) иборатанд.

Агар байтро тақтеъи ҳиҷой ва тақтеъи арӯзӣ кунем, яъне ба ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва рукнҳо ҷудо кунем, ин шаклро мегирад:

Дар+ас+лу / на+саб+я+го / на+и+даҳр
- -v / v - v -  / v -  ~
Дар+фаз+лу / а+даб+фа+со / на+и+шаҳр.
- -v / v - v - / v - ~

Вазни байт Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур (мафъӯлу / мафоъилун /мафоъӣл) буда, миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи он низ ба тартиби ҷойгиршавии ҳиҷоҳои калимаҳои байт мувофиқат мекунад.

Истифодаи санъати тарсеъ дар шеър боиси зебою гуворо гаштани каломи манзум мегардад.

Ҳарчанд санъати тарсеъ аз санъатҳои маъмул ва серистеъмол аст, аммо якҷоя бо санъатҳои таҷнис (алалхусус, таҷниси хат) ва иштиқоқ (баромадан, ҳосил шудан) омада, ҳусни каломро дучанд месозад. Мисоли тарсеъ бо таҷниси хат:

Бемораму корзору ту дармонӣ,
Бим ораму кор зору ту дар монӣ.

Донишмандони гузашта дар сурати якҷоя омадани санъати тарсеъ бо дигар санъатҳоро **зуннавъайн** ё **мутаннавъ** номидаанд. Мисоли тарсеъ бо иштиқоқ:

Сафои сафвати рӯят сафоти гулистон дорад,
Ҳавои ҷаннати кӯят ҳаёти ҷовидон дорад.

Баъзе шоирони шаклгарои адабиёти гузаштаи мо санъати тарсеъро чун воситаи суханбозӣ истифода карда, калимаҳои ҳамвазну ҳамшаклро паси ҳам оварда, байтҳои мурассаъ месохтанд.

Хушбахтона, шоирони бузурги тавонои адабиёти гузаштаи мо санъати тарсеъро ҳамчун яке аз воситаҳои асосии тасвири бадеӣ истифода карда, байтҳои олӣ гуфтаанд. Чанд мисол:

Адаб ороиши афъол бошад,
Адаб осоиши аҳвол бошад. (Ҳилолӣ)

***

Лайлӣ самани хазоннадида,
Маҷнун чамани хазонрасида. (Низомӣ)

Дар абёти зер Насруллоҳи Мардонӣ роҷеъ ба шеър ва хусусияти он хеле самимӣ сухан меронад, ки баъзе байтҳои он дар санъати тарсеъ гуфта шудаанд:



Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯғ,
Чи ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯғ?
Гаҳе чун саробӣ саропо фиреб,
Гаҳе мондаӣ дар ҳақиқат ғариб.
Гаҳе бархурӯшӣ чу оташфишон,
Гаҳе нарм чун рӯҳи обе равон.
Гаҳе бишкуфад рӯҳи дарёият,
Гаҳе гул кунад хӯи саҳроият.
Гаҳе сабз тобӣ ту аз тоби ишқ,
Гаҳе сурх ҷӯшӣ ба меҳроби ишқ.
Гаҳе найсаворӣ ба саҳрои хун,
Гаҳе рақси хун кардаӣ вожгун.
Гаҳе бар лабат ханда ширин нишаст,
Гаҳе гиряат буғзи дерин шикаст.
Гаҳе хаста ой зи дарборҳо,
Гаҳе теғи рамзӣ ба пайкорҳо.
Гаҳе оташ аз най бурун оварӣ,
Гаҳе торе аз чанг хун оварӣ.
Гаҳе захм дорӣ зи номардумон,
Гаҳе илтиёмӣ ба захми ниҳон.

Дар истилоҳи илми бадеъ мутобиқати қаринаҳои ҳар лафзи байт ё насрро дар вазн ва ҳарфи равӣ тарсеъ мегӯянд. Равӣ ҳарфи охирини решагии калимаи қофияро мегӯянд. Мисол: Бо нолаву нафир ва навҳаву сафир ба ҳазрати шоҳ рафт («Синдбоднома»). Дар калимаи аввали ҳамоҳанг ҳарфи «а» ва дар дуюм ҳарфи «р» равӣ мебошанд.

Мисолҳо:

Кас фиристод ба сир (р) андар айёр маро,
Ки макун ёд ба шеър андар бисёр маро.
(Рӯдакӣ)

Ба дидор моҳе, ба кирдор шоҳе,
Ба фарҳанг пире, ба давлат ҷавоне,
Ба фармон қазое, ба майдон балое,
Ба неъмат замине, ба қадр осмоне.
(Унсурӣ)

То кай кунам аз турраи тарроти ту фарёд,
То кай кунам аз ғамзаи ғаммози ту бедод.
(Низомӣ)

## ЛУҒАЗ (ЛУҒЗ)

Луғз (сухани печида, гапи пӯшидамаъно), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз санъатҳои бадеъии маънавиро гӯянд.

Луғаз сухани мушкилу сарбаста, каломи мушкили ба тафаккуру андеша муҳтоҷро мегӯянд. Шакли ҷамъи ин калима а л ғ о з аст. Ин маъниро дар забони тоҷикӣ чистон (чист он?) мегӯянд. Дар истилоҳи илми бадеъ луғаз бо ишораи нишонаю сифатҳо баён кардани шахсе ё чизеро мегӯянд. Ин истилоҳ нисбат ба асарҳои китобӣ, шеърҳо истифода мешавад. Асарҳои халқиро чистон мегӯянд. Луғази Рӯдакӣ дар васфи қалам намунаи хуби ин навъи санъат аст:

Ланги равандаст, гӯш неву суханёб,
Гунги фасеҳ аст, чашм неву ҷаҳонбин.
Тезии шамшер дорад, равиши мор,
Қолаби ошиқону гунаи ғамгин.

Луғази Усмон Мухтории Ғазнавӣ дар васфи китоб, дафтар ва сафина:

Ай чун замона рӯзу шабат мояи ибар[1].
Ту мухтасари ҷаҳону ҷаҳон дар ту мухтасар.
Бар осмони маънӣ беофати кусуф[2]
Аҷзои соярo ба ҳам оварда бар қамар.
Аз нури рӯзи ту битавон дид неку бад,
Дар зулмати шабат битавон дид нафъу зар.
Гунги суханорою карри суханпазир,
Бе ақл раҳнамою бе илм роҳбар.
Шамъи дилию чун ту басе аз сафои ту
Равшан шаванду дар ту асар н-ояд аз қадар[3].

Чистонҳо:

Тоҷаш аз гӯшту дандонаш аз шох. (Хурӯс)
Мераваду қадам намениҳад. (Гунчишк)
Ҳавзи қулум-қулум.
Почадарози калтадум. (Уштур)

## МУАММО

Муаммо (пӯшида), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои маънавӣ мебошад. Муаммо ҳам дар наср ва ҳам дар назм истифода бурда мешавад. Шоир ё нависанда калима, ибора, мисраъ ё байтеро

[1] Ибар – ҷамъи ибрат.
[2] Кусуф – гирифтани офтоб, торик шудани курси хуршед.
[3] Қадар – тирагӣ.



ба таври сарбастаю пӯшида мегӯяд, ки ба воситаи рамзу нишонаҳо, бозии ҳарфу садоҳо ва бо ёрии таҳаммули зеҳнӣ маънои он ифшо мегардад. Ин санъат чунон аст, ки шоир дар мисраъ, байт ё шеъре номи махсус ё чизеро ба таври пӯшида ва рамзу ишора мувофиқи қоидаи махсус ифода мекунад, ки кушодани он ба ҳар кас муяссар намешавад. Санъати муаммо, пеш аз ҳама, дар асоси ба эътибор гирифтани ҳаммаъноии калима бо номе, ки ёфтанаш шарт аст, ишорати маънои зоҳирӣ, ҳазф ё илова кардани ҳарфҳои калима, ба ҳисоби абҷад баробар будани миқдори ададҳои калимаҳо сохта мешавад.

Масалан, Восифӣ дар абёти зер чунин муаммо сохтааст:

Ҳаст дар силсилаи хоқонӣ,
Мухрдоре, ки надорад сонӣ.
Фахри офоқ бувад, з-ӯ шуда фош
Мардумию караму ҳусни маош.

Дар ин абёт шоир ба воситаи муаммо Хоҷа Юсуфи вазирро ҳаҷв кардааст, ҳарчанд хонанда гумон мекунад, ки шоир вазирро таъриф карда истодааст. Агар мувофиқи қоидаи муаммо ҳарфи дуюми калимаи «мухрдор»- ро (бо ҳуруфи арабӣ) партоем (дар хатти арабӣ ҳарфи дуюми калимаи мухрдор «ҳ» аст), «м у р д о р» ва аз ибораи «фахри офоқ» ҳарфи «ф» (ба ҳуруфи арабӣ) гирифта шавад, «х а р и о ф о қ» боқӣ мемонад. Чи тавре ки мебинед, шоир ба воситаи санъати муаммо вазирро «мурдор» ва «хари офоқ» гуфтааст.

Тафовути муаммо аз чистон ва луғз дар он аст, ки дар чистон ва луғз ягон хусусият ва аломати чиз нишон дода мешавад ва кас дар асоси он аломату нишонаҳо чистон ё луғзро ба осонӣ ёфта метавонад. Дар чистон ва луғз номи чизеро, ки дар борааш сухан меронанд, намегӯянд, аммо дар муаммо роҷеъ ба он изҳори ақида мекунанд.

Масалан, Ҷомӣ муаммое гуфтааст, ки агар онро кушой, аз рӯи ёр бӯса хостан мешавад:

Ба тақлибу ба тардифу ба таҷнис,
Зи рӯи ёр хоҳам зидди шарқӣ.

Вақте ки шоир «зидди шарқӣ» мегӯяд, «ғарбӣ»-ро дар назар дорад ва «ғарбию» «арабӣ» таҷниси хаттианд. Агар калимаи «арабӣ»-ро мақлуби баъз кунанд, яъне баъзе ҳарфҳои онро чаппа карда хонанд, «рабеъ» мешавад. Рабеъ маънои «баҳор»-ро дорад ва «баҳор»-у «наҳор» таҷниси хаттианд. Аммо баҳор ба маънои «явм» аст. Агар «явм»- ро мақлуб (чаппа) кунанд, мӯй ҳосил мешавад ва дар арабӣ «мӯй»-ро «шаър» номанд. Агар «шаър»-ро мақлуби баъз намоем (яъне

андак чаппа кунем), арш ба вуҷуд меояд ва «арш» хона аст, яъне хонаро дар арабӣ «дор» гӯянд ва агар «дор»-ро мақлуби кулл (яъне пурра чаппа кунанд) кунем, «род» шавад ва «род»-у «зод» таҷниси хаттӣ мебошанд. «Зод» дар тоҷикӣ маънои «тӯша»-ро дорад ва «тӯша»-ву «бӯса» низ таҷниси хаттианд, пас мақсади шоир аз ин муаммо бар рӯи ёр бӯса кардан аст.

Мисоли дигар:

Сари сӯфӣ бибур дар оташ андоз,
Дигар дар ҳаққи риндон бад нагӯяд.

Барои кушодани ин муаммо «сари сӯфӣ»-ро бурида дар оташ андохтан» лозим аст. Мақсад аз сари сӯфӣ ҳарфи аввали калимаи сӯфӣ-«с» аст. Азбаски муродифи калимаи «оташ», «нор» аст, ҳарфи «с»-и калимаи «сӯфӣ»-ро дар байни калимаи «нор» ҷой додан лозим аст. Баъди чунин амал калимаи «Носир» ба вуҷуд меояд, ки мақсади шоир ҳам ҳамин мебошад.

Муаммои дигар:

Ҷои ту ин нест, ай сарви барин,
Аз миён бархезу болотар нишин.

Барои ин муамморо кушодан дар атрофи ибораи «сарви барин» ва калимаи «миён» мулоҳиза намудан лозим аст. «Сарви барин» дар ин байт истиора аст, шоир ҳарфи «алиф» -ро дар назар дорад, ки дар байни калимаи «миён» (бо хатти арабӣ) омадааст. Мувофиқи маъное, ки шоир ифода кардааст, агар ҳарфи «алиф» аз миёна хезаду болотар (яъне аввалтар) нишинад, Амин ҳосил мешавад ва ин муаммо ба номи Амин аст.

Муаммо ду навъ аст: содда ва мураккаб: Муаммои содда он аст, ки ба фаҳм наздик буда, аз рӯи маънои байт онро ёфтан мумкин аст. Мисол:

Бурун ор аз муаммо гуфт номи он бути мавзун,
Ҳаминҳо буду бас он дам, ки омад номи ӯ берун.

Барои ин муамморо кушодан ба мисраъи дуюми ҳамин байт эътибор додан лозим аст. Ин ҷо сухан дар атрофи калимаҳои «ҳаминҳо» ва «берун» меравад. Агар андак мулоҳиза кунем, шоир гуфтанист, ки номи дӯсти ӯ дар ибтидо «ҳо» буд ва вақте ки бе «рун» омад, Ҳорун шуд.

Мисоли дигар аз Ҷомӣ:

Кай равад номи он бут аз хотир,
К-аз яке нукта мешавад зоҳир.



Мақсади шоир аз ин муаммо номи Тоҳир аст, яъне агар аз калимаи зоҳир ( дар хатти арабӣ) як нуқта афтад, Тоҳир мемонад.

Муаммои мураккаб он аст, ки шоир дар сохтани он аз илмҳои риёзӣ ва абҷад истифода менамояд. Шахсе, ки аз ҳисоби абҷад бехабар аст, чунин муамморо кушода наметавонад. Мисолаш:

Номи ёрам се ҳарф дону маранҷ,
Ҳар яке дар ҳисоб панҷаҳу панҷ.

Вазни ин байт Хафифи мусаддаси махбуни мақсур аст ва ба тарзи фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилун тақтеъ мешавад. Вазни ин байт талаб мекунад, ки калимаи «панҷоҳ» ба шакли «панҷаҳ» навишта шавад.

Барои ин муамморо кушодан калимаеро ёфтан лозим аст, ки аз се ҳарф иборат бошаду ҳар ҳарфаш ба ҳисоби абҷад панҷоҳу панҷ шавад. Ин калима «Тайиб» аст (ба хатти арабӣ). Ҳарфи аввали он «то» ба ҳисоби абҷад нуҳ аст ва нуҳ дар хатти арабӣ аз ҳарфҳои «н» ва «ҳ» («ҳо» - и ҳавваз) иборат мебошад, ки дар ҳисоби абҷад «н» 50 ва «ҳ» 5 аст ва дар маҷмӯъ 55 ҳосил мешавад. Ҳарфи дуюм - «е» дар ҳисоби абҷад ба 10 баробар аст. Вақте ки «даҳ»-ро ба хатти арабӣ менависем, «дол» ва «ҳо»- и ҳавваз» ба вуҷуд меояд. Дар ҳисоби абҷад «дол» ба «4» ва «ҳо»-и ҳавваз ба «5» баробар буда, ҷамъаш нуҳ мешавад. Агар ҳарфҳои калимаи «нуҳ»-ро ба ҳисоби абҷад гардонем, боз адади 55 ҳосил мешавад. Ҳарфи сеюми калимаи «Тайиб» - «б» буда, ба ҳисоби абҷад 2 мешавад. Вақте ки 2-ро ба хатти арабӣ менависем, ду ҳарф - «дол» (д) ва «вов» («у») ба вуҷуд меояд. Дар ҳисоби абҷад ҳарфи «д» ба «4» ва ҳарфи «вов» («у») ба «6» баробар аст, ки дар маҷмӯъ 10 мешавад. Вақте ки 10-ро ба хатти арабӣ менависем, боз «д» (яъне «дол»), ки ба «4» баробар ва «ҳ» (яъне «ҳо»-и ҳавваз), ки ба «5» баробар аст, ба вуҷуд меояд, ки ҷамъаш нуҳро ташкил медиҳад. Агар ҳарфҳои калимаи «нуҳ»-ро ба ҳисоби абҷад гардонем («н»=50 ва «ҳ»=5), боз адади 55 ҳосил мешавад.

Муаммо ва муаммонависӣ ҳарчанд таърихи қадима дорад, аммо дар асрҳои 14-15 хеле ривоҷ ёфт. Шоир ва донишманди асри 14 Шарафуддин Алии Яздӣ дойир ба муаммо ва роҳҳои кушодани он рисолае таълиф намуд. Дар асри 15 рисолаҳои зиёде навишта шудаанд, ки дойир ба қонун ва қоидаҳои ин санъати шеърӣ баҳс мекунанд. Дар ин миён рисолаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ, Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ ва Алишери Навоӣ хеле машҳуранд. Камолуддин Ҳусайни Воъизи Кошифӣ дар рисолаи «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» чор навъи муамморо таъкид мекунад: т и б о к (кор

фармудани калимаҳое, ки маънои зидди ҳамдигаранд, мисли: талху ширин, дарозу кутоҳ ва ғ.); м а р к а з ӣ; т а н с и ф ӣ, иттифоқӣ.

Баъзе шоирони ин давра тахаллуси эҷодии хешро аз ин санъати бадеъӣ гирифтаанд, мисли: Мирҳусайни Муаммоӣ (дар муаммо рисолае доштааст), Мавлоно Муҳаммади Муаммоӣ. Ин муаммо аз ӯст:

Чун битобам рӯй аз дашноми дӯст,
Оламеро рӯй дар дашноми ӯст.

Мувофиқи қоидаи муаммо, агар калимаи «рӯй»-ро дар хатти арабӣ дар миёни «даш» (боз ба хатти арабӣ) гардонем, номи «Дарвеш» ба вуҷуд меояд. Мулло Ҷамшеди Муаммоӣ, Мулло Шиҳоби Муаммоӣ ва дигар шоирони форс-тоҷик санъати муамморо барои ифодаи маъниҳои муҳимми зиндагӣ истифода кардаанд. Намунаи барҷастаи он ҳамон ҳаҷвияест, ки Восифӣ дар ҳаҷви Ҳоҷӣ Юсуфи вазир гуфтааст ва ду байти онро мо дар боло овардем.

## МАҚЛУБ

Мақлуб (чаппа кардашуда, баръакс кардашуда), дар илми бадеъи классикӣ аз ҷумлаи санъатҳои лафзист. Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда калима, ибора ё мисраъеро ба кор мебарад, ки агар чаппа карда хонӣ, маънои дигар ё ҳамон маънoро медиҳад. Мақлуб аз ҷумлаи санъатҳои хеле маъмули шеъри форсӣ-тоҷикӣ буда, назди арбоби ҳунар эътибори зиёде дорад. Мақлуб чанд навъ аст:

1. М а қ л у б и б а ъ з. Ин навъи мақлуб чунон аст, ки шоир дар ашъори хеш калимаҳоеро ҷой медиҳад, ки баъзе ҳарфҳои он пешу қафо карда шудааст. Мисол:

Ба боғ рав, ки баноти наботро бинӣ,
Нагашта сер чу ушшоқ аз канори нигор.

Дар навишти арабии калимаҳои «банот» ва «набот» ҳарфи «б» ҷои худро иваз кардааст, яъне дар калимаи «банот» «б» дар ҷои аввал омадаасту дар калимаи «набот» дар ҷои дуюм. Дар мисраъи дуюм калимаҳои «канор»-у «нигор» низ ба воситаи иваз кардани ҷои ҳарфҳо ҳосил шудаанд. Яъне, дар хати арабӣ калимаҳои «канор» ва «нигор» фақат аз ҷиҳати иваз кардани ҷои ҳарфи «нун» (н) фарқ мекунанду халос.

2. М а қ л у б и к у л. Ин навъи мақлуб чунон аст, ки шоир калимаҳоеро дар шеър меорад, ки тамоми ҳарфҳои онҳоро чаппа



карда хондан мумкин аст. Мисол:

3-он нози ту мекашанд ушшоқ,
Ай ҳурлиқо, ки рӯҳбахшӣ.

Дар мисраъи аввали байти боло калимаи «ноз» мақлуби «з-он» ва дар мисраъи дуюм калимаи «рӯҳ» мақлуби «ҳур» аст. Мисоли дигар:

Вазорат ростӣ бошад, набинӣ,
Чу мақлубаш кунӣ, гардад тарозу.

Дар байти боло калимаи вазоратро бо хатти арабӣ навишта, чаппа хонӣ, тарозу хосил мешавад.

3.М а қ л у б и м у ҷ а н н а ҳ (болдор). Ин навъи мақлуб чунон аст, ки шоир байтеро бо калимае сар мекунаду боз ҳамон калимаро чаппа карда дар охири байт чун қофия истифода менамояд. Мисол:

Рои ӯ гар куштани ошиқ бувад,
Ҳаст ошиқ муттафиқ бо рои ёр.

Агар калимаи «рой»-ро бо хати арабӣ нависему чаппа хонем, калимаи «ёр» ба вуҷуд меояд.

Шакли дигари мақлуби муҷаннаҳ чунон аст, ки шоир калимаеро, ки дар с а д р и байт (рукни аввали мисраъи якуми байт) меорад, ҳамонро ба таври мақлуб (чаппа) дар и б т и д о и байт (рукни якуми мисраъи дуюми байт) ҷой медиҳад. Мисол:

Ҷанг маҷӯ, хоҷа, пушаймон шавӣ,
Ганҷи ҳунар ҷӯй, ки султон шавӣ.

Агар калимаи «ҷанг»-ро мақлуб гардонем, яъне ба хатти арабӣ чаппа нависем, калимаи «ганҷ» ба вуҷуд меояд.

Шакли сеюми мақлуби муҷаннаҳ он аст, ки шоир калимаҳои садру (рукни аввали мисраъи якум) арӯзро (рукни охири мисраъи аввал) дар ибтидою (рукни аввали мисраъи дуюм) з а р б (рукни охири мисраъи дуюм) ба таври мақлуб (чаппа) меорад. Мисол:

Марги кон аст, дасти ту ба карам,
Марди ту нест, кон ба базли дирам.

Агар калимаи «марг»-ро ба хатти арабӣ нависему чаппа хонем, калимаи «карам» ҳосил мешавад.

Калимаи «мард»-ро низ ба хатти арабӣ нависему чаппа хонем, калимаи «дирам» ба вуҷуд меояд.

Мисоли дигар:

3-он ду ҷоду наргиси махмур бо кашшию ноз
Зору гирёну ғиревонам ҳама рӯзи дароз.

Дар байти боло калимаҳои якуму охири мисраъи аввал - «о-он» ва «ноз» (садру а р ӯ з) ва калимаҳои аввалу охири мисраъи сонӣ «зор» ва (да) «роз» (и б т и д о ю з а р б) чун санъати мақлуб истифода шудаанд.

Ин навъи мақлубро м у а с с а ф хонанд, яъне дуто гардонидашуда ва мақлуби мутарраф низ номанд.

4.М а қ л у б и л о ҳ и қ (пайвастшаванда) чунон аст, ки дар мақлуби мучаннаҳ ва мақлуби кул гуфта шуд. Мақлуби лоҳиқ низ се хел аст. Якум ин, ки шоир дар аввали мисроъи якум калимаеро оварда, дар охири мисроъи дуюм ҳамон калимаро дар шакли пайваст (мисли мақлуби баъз) меорад. Мисол:

Баҳри хун пайдо шавад аз ҳар тараф,
3-абри теғи ҳамчу обат гоҳи ҳарб.

Дар байти боло калимахои «баҳр» ва «ҳарб» мақлуби лоҳиқанд. Навъи дуюми мақлуби лоҳиқ он аст, ки шоир дар аввали мисраъи якум (с а д р) калимаеро оварда, дар аввали мисраъи дуюм (и б т и д о) боз ҳамон калимаро дар шакли пайваст чой медиҳад. Мисол:

Сухани тозаи покизаи ман бин, ки ба ҳукм
Насх кардаст ақовили сухanпардозон.

Калимаҳои «сухан» ва «насх»-и байти боло мақлуби лоҳиқ мебошанд.

Навъи сеюми мақлуби лоҳиқ чунон аст, ки шоир калимаҳои дар аввалу охири мисраъҳои якуму дуюм (с а д ру ибтидо)-ро дар охири мисраъҳои якуму дуюм ба таври пайваст меорад. Мисол:

Шеъри ман банда дар ҳақиқати шаръ,
Рафъ карда зи асли парда фаръ.

Дар байти боло калимахои «шеър»-у «шаръ» ва «рафъ»-у «фаръ» ба вазифаи мақлуби лоҳиқ истифода шудаанд.

5.М а қ л у б и м у с т а в ӣ (баробар) чунон аст, ки агар калима, мисраъ ё байтро чаппа гардонӣ, боз ҳамон калима, мисраъ ва байт ҳосил мешавад. Сабаби мақлуби муставӣ номидани ин навъи санъат дар он аст, ки ҳам мақлуби калима, мисраъ ва байт ва ғайри мақлуби онҳо бо якдигар баробаранд, яъне мусовианд. Мақлуби муставӣ се навъ мешавад. Навъи якум чунон аст, ки агар калимаро мақлуб (чаппа) гардонӣ, боз ҳамон калима айнан берун меояд. Калимаҳои «домод», «ковок», «шобош» ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Мисол:

Ҳарки дар асл сифла афтодаст,
Ба тақолиби даҳр кас нашавад.
Сагмагасро агар кунӣ мақлуб,



Қалби ӯ ғайри сагмагас нашавад. (Ҷомӣ)

Ё ин ки:

Сагмагас ҳеҷ гоҳ кас нашавад,
Қалби ӯ ғайри сагмагас нашавад.

Агар калимаи «сагмагас»-ро ба хати арабӣ нависию чаппа хонӣ, боз калимаи «сагмагас» ҳосил мешавад.

Навъи дуюм он ки агар мисраъеро мақлуб гардонӣ, боз айнан ҳамон мисраъ пайдо шавад. Мисол:

То бо рухи ёре накунӣ рои харобот.

Агар мисраъи болоро бо хатти арабӣ навишта, чаппа хонӣ, боз ҳамон мисраъ пайдо мешавад.

Баъзе шоирон байте сурудаанд, ки агар ба хати арабӣ нависию чаппа хонӣ, боз ҳамон байт ба вуҷуд меояд.

Мисол:
Шаккар бо тарозуи вазорат баркаш,
Шав ҳамраҳи булбул ба лаби ҳар маҳваш.
(Ҳамидуддини Муставфӣ)

Навъи сеюм чунон аст, ки агар мисраъеро ба хатти арабӣ нависию чаппа хонӣ, аз он мисраъи нав пайдо шавад. Мисол:

Маро, к-аз дард дарки ёр дорам.
Муроди рой гардад рӯзгорам.

Инчунин, шоир мисраъе бигӯяд, ки агар онро ду тақсим карда чаппа хонӣ, байте пайдо шавад ва он низ мақлуби муставист. Мисол:

Завқи ҷаҳон надорад бе дӯст зиндагонӣ,
Бе дӯст зиндагонӣ завқи ҷаҳон надорад. (Ҳофиз)

Ин навъи мақлуби муставӣ ба санъати а к с хеле наздик аст ва дар баъзе китобҳои бадеъ онро а к с гӯянд.

6.Мақлуби мутарраф (дутарафа), баъзе донишмандони илми бадеъ, мисли муаллифи “Бадоеъ-ус-саноеъ” -Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, яке аз навъҳои санъати мақлуб – м а қ л у б и м у ҷ а н н а ҳ р о мақлуби мутарраф ё м у а с с а ф низ хонда, барои мисол абёти зеринро шоҳид нишон додаанд:

Ҷанг маҷӯ, хоҷа, пушаймон шавӣ,
Ганҷи ҳунар ҷӯй, ки султон шавӣ.
муфтаъилун/ муфтаъилун/ фоъилун
- v v -/ - v v -/ - v -

Мисоли дигар:
Рои ӯ гар куштани ошиқ шавад,
Ҳаст ошиқ муттафиқ бо рои ёр.

фоъилотун/фоъилотун/фоъилон
- v - -/ - v - -/ - v ~

## ҲУСНИ МАТЛАЪ

Ҳусни матлаъ ( зебой ва ҷойи тулӯъ, баромадгоҳ), дар илми бадеъи классикӣ байти якуми ғазал, қасида ва анвои дигари шеърро гӯянд, ки дар ниҳояти зебой суруда шуда бошад. Агар шоир байти аввали қасида ё ғазали хешро тарзе эҷод кунад, ки аз ҷиҳати маънӣ, вазн ва қофия хеле дилкашу зебо бошад, онро ҳусни матлаъ номанд.

Аввалин намунаи ҳусни матлаъро дар ашъори устод Рӯдакӣ дидан мумкин аст. Мисол:

Меҳр мафкан бар ин саройӣ сипанҷ,
фоъилотун, мафоъилун, фаъилон
- V - - / V - V -/ VV ~
К-ин ҷаҳон пок бозию найранҷ.
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълан
- V - - / V - V -/ - ~

Вазни ин байт Хафифи мусаддаси махбуни мақсур (зарб-асламӣ мусаббағ) аст.

Аксари донишмандони илми адаб ин байти устод Рӯдакиро намунаи беҳтарини ҳусни матлаъ донистаанд:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ мафоъӣл
- - v / v - - -/ - - v/ v - ~
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.
мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣл
- - v/ v - - v/ v - - v/ v - ~

## ҲУСНИ МАҚТАЪ

Ҳусни мақтаъ (зебой ва ҷойи қатъ, поёни сухан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои санъати маънавист. Ҳусни мақтаъ ҷамъбасти шеър аз ҷиҳати мазмуну шакл аст. Хулоса ва анҷоми суханронию хитоберо ҳам ҳусни мақтаъ мегӯянд. Намунаҳо аз шеъри шоирони бузург:



Зи заъф тоқати оҳам намонду тарсам халқ
Гумон баранд, ки Саъдӣ зи дӯст хурсанд аст.
(Саъдӣ)

Ҳасад чи мебарӣ, ай сустназм, бар Ҳофиз,
Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст.
(Ҳофиз)

Дили нозук ба нигоҳи каҷе озурда шавад,
Хор дар дида чу афтод, кам аз сӯзан нест.
(Сойиб)

Ҳар кӣ аз мулки қаноат, Сайидо, шуд комёб,
Косаи фағфурро[1] зарфи сафолӣ мекунад.
(Сайидо).

## ҲУСНИ ТАХАЛЛУС

Ҳусни тахаллус (зебой ва халос шудан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъист. Дар қасида аз ташбиб (насиб, тағаззул) дар мавзӯи ишқ, май, баҳору Наврӯз ва ғайра ба мадҳ гузаштан ҳусни тахаллус аст.

Мисолҳо аз шеъри шуаро:

Аз шаби зулфи ту гумроҳ наям, з-он ки маро
Рӯзи иқболи амир аст наку роҳбаре.
(Сайид Ҳасани Ғазнавӣ)

Онро ба самовот макон гашту мар онро
Бар дасти амирону вазирон-ш макон аст,
Чун дасти вазири малики Шарқ, ки दасташ
Аз бода гарон нест, ки аз ҷуд[2] гарон аст.
(Манучеҳрӣ)

Дар ғазал маъмулан дар байти мақтаъ тахаллуси шоир оварда мешавад, ки аслан аз байти тахаллуси қасида берун омадааст. Ин байт дар мақтаъ ё пеш аз он омада метавонад. Чанд намуна аз шеъри шуаро:

[1] Фағфур – писари бут, лақаби подшоҳони Чин
[2] Ҷуд – карам, бахшиш

Дӯстон гӯянд, Саъдӣ, хайма бар гулзор зан.
Ман гулеро дӯст медорам, ки дар гулзор нест.
(Саъдӣ)
Шукуфтан рафтааст, эй Сайидо, умрест аз ёдам,
Сухан бисёр дорам бар лабу чун ғунча хомӯшам.
(Сайидо)

Бедил аз ин моида дасти ҳавас шустаем,
Паҳлуи дилхурдаро орзуи нони кист?
(Бедил)

## ҲУСНИ ТАЪЛИЛ

Ҳусни таълил дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои санъати маънавист. Маънои таълил сабаби амре ва рӯйдодеро баён кардан аст. Дар истилоҳи илми бадеъ ба сифати мавсуф афзудани сифати навест, ки аз худи он бармеояд. Ин сифат як навъ далеле барои тасдиқи сифати аввала ҳам мебошад. Дар байти поён гиряи абр бо хандидани рӯйи лолаву гулзор сабаби сабзишу нумӯ будани он гиряро тасдиқ мекунад. Ба воситаи хандидани лолаву гулзор дар васфи маҷозии «гиряи абр» тасарруфи некуе карда шудааст:

Зи баҳри он ки ҳамегиряд абр бе сабабе,
Ҳаме бихандад бар рӯи лолаву гулзор.

Аз Унсурӣ:

Зи беқарории зулфаш бимондам ба аҷаб,
На ӯ ба табъ чунон аст аз ӯ шигифт мадор.
Чи аз тапидани дилҳо, ки андар ӯ бастаст,
Чунон шудаст, ки натавонад ӯ гирифт қарор.

Аз Фаррухӣ:

Рӯзе дурахши теғи ту бар оташ уфтод,
Оташ зи бим гашт ба санг андарун ниҳон.
Акнун чу оҳане ба сари санг барзанӣ,
Осема[1] гардаду шавад андар ҷаҳон ҷаҳон[2].

## САҶЪ

Саҷъ (овози мурғи хушхон), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии маънавиро гӯянд. Саҷъ калимаи арабист. Маънои луғавиаш овози хуши парранда ҳамчун булбул, қумрӣ, кабк ва ғайра.

[1] Осема – ошуфта, саргзашта.
[2] Ҷаҳон – ҷаҳанда, беруншаванда



Дар илми бадеъи классикӣ саҷъ аз ҷумлаи санъатҳои лафзист. Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда дар осори хеш калима ё иборахоеро меорад, ки дар вазн ва қофия ба ҳам мувофиқанд. Мисол аз Саъдӣ:

«Некбахт он ки хурду кишт ва бадбахт он ки мурду ҳишт» Дар ин ҷумла калимаҳои «некбахт»-у «бадбахт», «хурд»-у «мурд» ва «кишт»-у «ҳишт» саҷъ шудаанд ва инро насри мусаҷҷаъ меноманд.

Саҷъ ҳамчун санъати шеърӣ чор навъ аст. Саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутарраф, саҷъи мутавозин ва саҷъи мунфарид.

**1. Саҷъи мутавозӣ** (баробар) чунон аст, ки шоир дар байт калимаҳоеро меорад, ки ҳам дар вазн ва ҳам дар ҳарфи равӣ баробар бошанд, яъне яке бошанд. Мисол:

Ай ба рух гули **сурӣ,** то ба кай **дурӣ,**
**Бастаам** зи **маҳҷурӣ, хастаам** зи **махмурӣ.**

Дар ин байт калимаҳои «сурӣ»-ю «дурӣ», «бастаам»-у «хастаам» ва «маҳҷурӣ»-ю «маъмурӣ» ба вазифаи саҷъ омадаанд. Азбаски калимаҳои «сурӣ»-ю «дурӣ» аз ҷиҳати вазн якхелаанд, яъне аз ду ҳиҷои дароз иборатанд ва ҳарфи равии онҳо (ҳарфи «р») низ як аст, бинобар ин, онро саҷъи мутавозӣ номидаанд. Калимаҳои «бастаам»-у «хастаам» ва «маҳҷурӣ»-ю «махмурӣ» низ аз ҷиҳати вазну қофия якхела мебошанд, «бастаам» ва «хастаам» бар вазни «фоъилун» (- V -) буда, ҳарфи «т» равӣ мебошад. Калимаҳои«маҳҷурӣ»-ю «махмурӣ», бар вазни«мафъӯлун» (- - -) омада, ҳарфи «р»-и ҳарду калима ҳарфи равист.

Мисоли дигар:

Дилҳо ба пеши **чашмат,** қонҳо ба тарси **хашмат,**
Он бас бувад зи **хашмат,** ин бас қаринаи **мо.**
(Нисорӣ)

Калимаи «чашмат» ва «хашмат» саҷъи мутавозианд, зеро ҳарду дар вазни «фаълун» (- -) буда, ҳарфи равиашон «м» аст.

**2.Саҷъи мутарраф** (яктарафа) чунон аст, ки калимаи саҷъшаванда фақат аз ҷиҳати ҳарфи равӣ мувофиқ буда, аз ҷиҳати вазну миқдори ҳарфҳо фарқ мекунанд. Мисол:

Нисори пои ту кардем ҷумла **молу манол,**
Фидои рӯи ту кардем ҷумла **буду вуҷуд.**

Дар ин байт калимаҳои «мол»-у «манол» ва «буд»- v «вуҷуд», ки ба вазифаи саҷъи мутарраф омадаанд, аз ҷиҳати мавҷудияти ҳарфи равӣ (дар «мол» ва «манол» ҳарфи «л» ва дар «буд» ва «вуҷуд» ҳарфи «д») ба ҳам наздикӣ доранд.

Мисоли дигар:
Дил шишаву чашмони ту ҳар сӯй **барандаш,**
Мастанд, мабодо ки зи шӯхӣ **шиканандаш.**

Дар байти боло калимаҳои «барандаш» ва «шиканандаш» аз ҷиҳати вазн ва миқдори ҳарфҳо баробар нестанд, аммо дар ҳарду калима ҳарфи равӣ «д» ва ҳарфҳои дигари решаи қофия - «н» ва «ш» якхелаанд, барои ҳамин, саҷъи мутарраф аст.

**3. Саҷъи мутавозин** (баробар) чунон аст, ки калимаҳои охири байт, ки ба вазифаи саҷъ омадаанд, аз ҷиҳати вазн якхелаанд, аммо аз ҷиҳати ҳарфи равӣ фарқ мекунанд. Мисол:

Сафоеҳи сари теғи ту қотеъи **аъмор**
Аёдии кафи ҷуди ту **босати арзоқ.**

Дар байти боло калимаҳои «аъмор» ва «арзоқ» саҷъи мутавозинанд, зеро ҳарду калима ҳамвазнанд (бар вазни фаълон омадаанд), аммо ҳарфи равии онҳо якхела нестанд.

Мисоли дигар:
Бар маскани илму адл **сокин,**
Бар маркаби қадру ҷоҳ **рокиб.** (Анварӣ)

Калимаҳои «сокин» ва «рокиб», ки ба вазифаи саҷъи мутавозин омадаанд, ҳамвазнанд (бар вазни фаълун омадаанд, яъне ҳарду калима аз ду ҳиҷои дароз иборатанд), аммо аз ҷиҳати ҳарфи равӣ (охирин ҳарфи решагии калимаи қофияро равӣ меноманд) фарқ доранд.

Шоирон гоҳе саҷъи мутавозинро дар ду байт кор бурдаанд, мисли ин қитъаи Рошидӣ:

Ин ки моли хазоини гетӣ
Нест бо ҷуди дасти ӯ бисёр.
В-он ки кашфи сароири гардун
Нест дар пеши табъи ӯ душвор.

Дар китъаи боло калимаҳои «гетӣ» ва «гардун» саҷъи мутавозинанд. Дар баъзе китобҳои илми бадеъ саҷъи мутавозинро мувозина, муқорина,мутавозина ва м у в о з и н низ гӯянд.

4.**Саҷъи мунфарид** (танҳо) чунон аст, ки шоир дар охири мисраъҳо калимаҳоеро меорад, ки аз ҷиҳати вазн ва ҳарфи равӣ ба якдигар мувофиқанд. Мисол:

Абр дорад зи ҷуди ту моя,
З-он бигустурд дар чаман соя. (Салмони Совачӣ)



Саҷъи мунфарид ба саҷъи мутавозӣ наздик буда, фақат аз ҷиҳати умумияти мавзӯъ фарқ мекунанд. Азбаски дар ҳар мисраъ калимаи мусаҷҷаъ аз як беш нест, инро саҷъи мунфарид номидаанд.

## РУҶӮЪ

Руҷӯъ (бозгашт, мурочиат), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии маънавиро гӯянд. Руҷӯъ чунон аст, ки ҳангоми баён ё васфи чизе, ё ҳолате нависанда ба нияти таъкиди матлаб ҷоҳиран аз сухани аввала бармегардад ва ба тавсифи болотару бошукӯҳтаре мепардозад. Руҷӯъ як шакли услубии тасвир ва баён аст. Руҷӯъ дар байте ё пораи шеъре омада метавонад.

Дар ин порча аз «Андарз»-и Низомӣ ҳамаи мисраъҳои дуюм ба шакли руҷӯъ омадаанд:

Шабе равшан, аз рӯз рахшандатар,
Маҳе, з-офтобе дурахшандатар.
Зи сарсабзии гунбади тобнок,
Зумуррад шуда лавҳи тифлони хок.
Ситора бар он лавҳи зебо зи сим
Навишта басе ҳарф аз уммеду бим.
Дабире, ки он ҳарфҳоро шинохт,
Дар ин гори беғавр манзил насохт.
Ба шуғли ҷаҳон ранҷ бурдан чӣ суд,
Ки рӯзӣ ба кушиш нашояд фузуд?!
Ҷаҳон ғам наяфзуд, ба шодӣ гарой,
На к-аз баҳри ғам кардаанд ин сарой.
Ҷаҳон аз пайи шодию дилхушист,
На аз баҳри бедоду меҳнаткашист…

Дар байти охири ин шеъри «Дасти дигарон»-и Зиё Қоризода руҷӯъ шудааст, аз васфи заҳматҳои гарони рӯзгори инсонӣ ба беҳии онҳо дар нисбати олати дасти дигарон будан:

Зору ночизу нотавон будан,
Хор дар чашми ину он будан,
Аз ақибмондагони қофилаҳо
В- аз ҳақирони корвон будан.
Солҳо дар ҳазизи меҳнату ранҷ
Мавриди хашми осмон будан,
Хуй кардан ба ранҷи махмурӣ,
Бенасиб аз май муғон будан.
Захми сад дашнаро пазируфтан,

Тири сад таънаро нишон будан…
Умрҳо дар камоли доной
Душмани ҷони худ ба ҷон будан
Қабри худро ба дасти худ кандан,
Суди нокарда дар зиён будан…
Ташнаю гурсуна ба сар бурдан,
Гаҳ чунину гаҳ чунон будан,
Беҳтар аз он бувад, Зиё, ки даме
Олати дасти дигарон будан.

Чанд намунаи руҷӯъ аз абёти Низомӣ:

Лайлӣ на, ки субҳи гетиафрӯз,
Маҷнун на, ки шамъи хештансӯз.
Лайлӣ ба гузор боғ дар боғ,
Маҷнун, ғалатам, ки доғ дар доғ,
Лайлӣ чу қамар ба равшанӣ чуст,
Маҷнун чу қасаб бароварат суст.

Руҷӯъро б о з г а ш т низ номидаанд.

## НИДО

Нидо (бонг, хитоб, фарёд), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии маънавист. Нидо як навъ хитобаҳои пурэҳтирос ва амиқи равонию қалбист, ки аз ҳолати рӯҳии шоир ё қаҳрамони ӯ хабар медиҳад. Нидо бештар аз нишонаҳои услубии тасвир аст ва ҳамчу санъат аз равиши хитобӣ ва мурочиатҳои боизтироб дар шакли тавсиф, танз ва мадҳу замм зоҳир мешавад. Мисол, нидои Фаридун дар болои сари буридаи Эраҷ:

Ҳамегуфт, к-ай Довари додгар,
Бад-ин бегунаҳ кушта андар нигар!
Ба ханҷар сараш хаста дар пеши ман,
Танаш хурда шерони он анҷуман!
Дили ҳар ду бедод аз он сон бисӯз,
Ки ҳаргиз набинанд ҷуз тира рӯз!
Ба доғи ҷигаршон кунӣ ожида[1],
Ки бахшоиш орад бар эшон дада[2].

[1] Ожида – халонида, сӯхан фурӯ бурда.
[2] Дад – дад, ҷонвари даранда.



Намуна аз марсияи С. Айнӣ дар марги бародараш - Ҳоҷӣ Сироҷ:

Хоҳам, он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Хоҳам, он маҳкамаи ҷавр мазористон бод!
Хоҳам, он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,
Реза-реза шуда бо хоки сияҳ яксон бод!
Хоҳам, ин тоҷ, ки зеби сари хунхоре шуд,
Бо сари соҳиби худ зебдеҳи зиндон бод!
Хоҳам, он қаср, ки ишратгаҳи ҷаллодон аст,
Пора-пора шуда дар зери замин пинҳон бод!
Хоҳам, он зумра, ки имрӯз таҳаккум дорад,
Даст баста ба дари маҳкамаҳо ҳайрон бод!
Хоҳам, он муфтию он қозию он шоҳу вазир,
Сарнагун гашта ба хуни худашон ғалтон бод!
К-ин ҳама зулм ба даврон, ки бад-он ваҳшат рафт,
Бахри омодагии ишрати ин ҳазрат рафт.

Нидои Фотима аз романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода:

«Акама ба дори баланд кашидан. Акам натарсид, сарбаланд ҷон дод. Халқон гуфтанд: ёдуш ба хайр, баҳодур будай!».

## ТААҶҶУБ

Тааҷҷуб (ҳайрат, шигифтӣ), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии маънавиро гӯянд. Тааҷҷуб шигифтӣ ва ҳайрат аст. Шоир дар сухани маъруфу ошно тааҷҷуб мекунад ва ба натиҷаю тасдиқи наву тозае онро меорад. Ин табдили мақсад ба шакли рад кардани тасдиқи аввала ва натиҷаи наве дар сифату хислатҳо ба даст овардан низ буда метавонад.

Мисолҳо:

Агар з-оташи рухсори ӯ насӯзад мушк,
Чаро зи дур бисӯзад ҳаме дили ман зор.
Ба гоҳи ханда намоӣ ҳаме ду саф гавҳар,
Туроост гавҳару чашми ман аст гавҳарбор.
(Қамарӣ)

Нест Моӣ абр, пас чун боғ аз ӯ Артанг[1] шуд,
Нест озар[2] бод, пас чун боғ аз ӯ шуд пурнигор?!
Чун дарахти гул, ки ҳарчанд абри наврӯзаш ҳаме
Бештар шӯяд мар-ӯро, бештар гардад нигор.

[1] Артанг – аржанг, китоби пурнақши Монӣ
[2] Озар - оташ

Пеш аз ин аз гул гулоб омад ҳаме в-акнун нигар,
К-аз гулоб ояд ҳаме гул нодир аст ин рӯзгор.
(Унсурӣ)

## РАДДУЛМАТЛАЪ

Раддулматлаъ (инкор ва оғоз, яъне бозоварди оғоз), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии лафзиро гӯянд. Такрори яке аз мисраъҳои матлаъи шеър, байти аввалро дар мақтаъи он раддулматлаъ мегӯянд. Лоиқ Шералӣ мисраи аввали матлаъи ғазалашро бо каме тағйир дар байти мақтаъ овардааст:

Матлаъ:

Гарчи худ офтобу моҳи худем,
Монда дар инзивои чоҳи худем.

Мақтаъ:

Ақлҳо аз чи тира, ай мардум,
Мо агар офтобу моҳи худем.

Мисраи аввали байти матлаъи ғазали дигари Лоиқ дар байти мақтаъ рад ул-мақтаъ шудааст.

Матлаъ:

Сӯйи бесӯӣ равонем, эй дареғ аз сӯйи мо,
Кӯйи некӯӣ надорем, эй дареғ аз кӯйи мо.

Мақтаъ:

Модари зояндаи ояндамон астарун[1] аст,
Сӯйи бесӯӣ равонем, ай дареғ аз сӯи мо.

Муаллифи "Фунуни балоғат ва синооти адабӣ" – устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ санъати раддулматлаъро радулқавофӣ номидааст, ки ин саҳеҳтар аст.

## ЗУҚОФИЯТАЙН

Зуқофиятайн (соҳиб, доранда, дорои чизе ва ду қофия), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке анвоъи санъати лафзист.

Дар истилоҳи илми бадеъ – дар шеър паиҳам ва ё бо фосила овардани ду қофияро зуқофиятайн мегӯянд. Мисол, дар ин қитъаи Ҳайрат санъати зуқофиятайн истифода шудааст:

Он ки аз хони висолаш нарасиду нарасанд,
На пайи аҷз фақирон, на пайи ҷанг шаҳон.
Ҷои тан сохта дар пайкари худ сим сатир[1],

[1] Астарун - нозоянда
[1] Сатир – мастур, пӯшида, порсо.



Ҷои дил дошта дар синаи худ санг ниҳон.
Эҳтирози ман аз он маҳфилу з-он анҷуман аст,
Маҳфили кайфпарон, анҷумани бангчаҳон.
Ору нангест ба чуз ишқу муҳаббат, ки ба даҳр
Ҳам бад-он ори кеҳон рафту бад-ин нанги меҳон.

Агар дар миёни ду қофия фосила, яъне калимаҳои дигар омада бошанд, онро ҳоҷиб мегӯянд. «Дорӣ» дар ин мисраъҳои шеъри Амир Муиззӣ ҳоҷиб аст:

Ай шоҳи замин, бар осмон дорӣ тахт,
Суст аст аду, то ту камон дорӣ сахт.
Ҳамла сабук орию гарон дорӣ тахт,
Пирӣ, ту, ба тадбиру ҷавон дорӣ бахт.

Дар ин ғазали Унсурӣ қофия паиҳам ба такрор мадааст:

Зи зулфи ту бурдаст шаббӯй бӯй,
Аз ӯ гашт пурмушк мушкӯй кӯй,
Куҷо ҷӯи хун бинӣ, ай дилрабо,
Рухони маро андар он ҷӯй ҷӯй.
Ту гӯӣ, ки дил шустам аз ту, – чаро?
Дил аз ман чи шӯӣ, дил аз шӯй шӯй!
Равон мӯю ашк аст Омӯи об,
Чӣ арзад бари оби Омӯй мӯй?!

## ЭЪНОТ

Эъно̄т (ранҷонидан, худро дар кори душвор афкандан, ранҷ бар худ ниҳодан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии лафзиро гӯянд. Ин санъат чунон аст, ки шоир барои ороиши сухан ва зинати калом ҳарфи (пеш аз ҳарфи равӣ ва ридф) калимаеро такрор меорад, ки ба мазмуну талаби шеър кам дахл дорад. Ин навъи санъатро л у з у м и м о л о я л з а м (лозими ғайризарурӣ) низ меноманд.

Мисол:

Ба нутқ одамӣ беҳтар аст аз давоб,
Давоб аз ту беҳ, гар нагӯйӣ савоб.
фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯл
v - -/ v - -/ v - -/ v ~

Байти фавқ байте аз маснавист, вазнаш Мутақориби мусаммани мақсур, калимаҳои «давоб»-у «савоб» қофия, ҷузви «-об» решаи қофия, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «б» равии муқайяд аст. Чи тавре ки мебинед, дар ҳар ду қофия ҳарфи «в» такрор шудааст. Азбаски ин ҳарф ба решаи қофия дохил намешавад, онро эънот меноманд.

Мисоли дигар:

Ай, ҳунарҳо гирифта дар кафи даст,
Айбҳо баргирифта зери бағал,
То чӣ хоҳӣ харидан, ай мағрур,
Рӯзи дармондагӣ ба сими дағал?
фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилон (фаълон)
- v - -/ v – v -/ vv ~ (- ~)

Ин қитъа дар вазни Хафифи мусаддаси махбуни мақсур (зарби байти якуму дуюм – махбуни маҳзуф, арӯзи байти дуюм – асламимусаббағ) эҷод шудааст. Калимаҳои «бағал»-у «дағал» қофия, ҷузви «-ал» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия садоноки «а» тавҷеҳ, ҳарфи «л» равии муқайяд аст. Ҳамон тавре ки мебинед, дар ду калимаи қофия ҳарфи «ғ» такрор шудааст ва қабл аз ҳарфи равӣ омадааст. Азбаски ин ба решаи қофия дохил намешавад, онро эънот меноманд.

Мисоли дигар:

Андарун аз таом холӣ дор,
То дар ӯ нури маърифат бинӣ.
Тиҳӣ аз ҳикматӣ ба иллати он,
Ки пурӣ аз таом то бинӣ.
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон
- v - -/ v –v -/ - ~

Ин чаҳор мисраъ қитъа буда, дар баҳри Хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ (зарби ҳар ду байт –аслам, арӯзи байти дуюм – махбуни маҳзуф) суруда шудааст. Калимаҳои «бинӣ» (ба ду маънӣ омадаанд ва таҷнисанд) қофия, ҷузви «-инӣ» решаи қофия, садоноки «и» ридфи муфрад, ҳарфи «н» ридфи мураккаб ва ҳарфи «ӣ» равии муқайяд аст. Чи тавре ки мебинед, дар решаи калимаҳои қофия (бинӣ) ҳарфи (б) такрор шудааст ва пеш аз ҳарфи ридф омадааст, аммо дар илми қофия ном надорад, барои ҳамин, онро санъати эънот (лузуми молоялзам) номидаанд.

Мисоли дигар:



Чу пирӯз шуд дузди тираравон,
Чӣ ғам дорад аз гиряи корвон.
фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъул
v - -/ v - -/v - -/ v –

Дар ин байт (вазнаш Мутақориби мусаммани маҳзуф) калимаҳои «тирараавон»-у «корвон» қофия, ҷузви «-он» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии муқайяд аст. Чи тавре ки мебинед, дар ҳар ду калимаи қофия ҳарфи «в» такрор шудааст ва пеш аз ридф омадааст. Азбаски ин ҳарф ба решаи қофия дохил намешавад ва номе ҳам надорад, онро эънот меноманд. **Ниг.:** ***Эънот.***

## ИШТИҚОҚ

Иштиқоқ (баромадан, ҳосил кардан), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик номи яке аз санъатҳои лафзист. Иштиқоқ чунон аст, ки шоир барои баёни мақсади хеш аз калимаҳое истифода мебарад, ки аз як реша баромадаанд. Рӯдакӣ аз ҷумлаи нахустин шоиронест, ки дар ашъори хеш санъати иштиқоқро истифода кардааст.

Мисол:

Сабзиву сабзакиву сабзаи кишт
Чун биёбӣ, ба бар кашу бинишин.
(Шаҳиди Балхӣ)

Навои ту, ай хубчеҳри навоин,
Даровард дар кори ман бенавоӣ.
(аз «ал-Муъҷам»)

Дар баъзе китобҳои бадеъ иштиқоқро и қ т и з о б низ номидаанд.

Муаллифи “Фунуни балоғат ва синооти адабӣ”- устод Ҷалолуддини Ҳумоӣ байти зерини Унсуриро:

Ҳаме тухтанду ҳаме тохтанд,
Ҳаме сӯхтанду ҳаме сохтанд.
фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/фаъӯл
v - -/ v - -/ v - -/ v ~

барои санъати иштиқоқ шоҳид оварда, дар повараќи китоб менависад: “Соҳиби “Тарҷумон-ул-балоға” як байти моқабли (пеш аз ин) онро оварда ва тасреҳ кардааст, ки ин ду байт аз манзумаи достони “Хингбут ва Сурхбут”-и Унсурист. Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки “Хингбуту Сурхбут” як достон, он ҳам ба баҳри Мутақориб (ҳамвазни “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ) будааст.

Чун манзумаҳои достонии Унсурӣ, мутаассифона, аз байн рафтааст, ин мояи иттилоъ, ки "Тарҷумон-ул-балоға" ба мо медиҳад, барои таърихи адабиёти форсӣ беандоза муғаннам (ғанимат) ва гаронарзиш аст ва бад-ин сабаб, нигоранда натавонистам аз нақли он барои донишҷӯёни арҷманд худдорӣ кунам. Аммо байти моқабли он чунин аст:

Ҳама номи киншон ба пархош мурд,
Дили ҷангҷӯву басиҷ набурд.

Эҳтимол меравад, ду байти дигар, ки "Тарҷумон-ул-балоға" аз Унсурӣ ба ҳамин вазн дар санъати мақлуб овардааст, ҳам аз он достон бошад, агарчи достони манзуми дигари Унсурӣ ба номи "Вомиқ ва Азро", ки он низ, мутаассифона, аз байн рафта. Мутобиқи қароини мавҷуд бар ҳамин вазни "Шоҳнома" будааст. Ва он ду байт, ки дар санъати мақлуб оварда чунин аст:

Яке подшо буд дар Нимрӯз,
Ки аз дод дидӣ бузургиву рӯз.
Ба ганҷ андараш сохта хоста,
Ба ҷанг андараш лашкар ороста".

## ТАКРОР

Такрор дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии маънавиро гӯянд. Такрор чунон аст, ки шоир ё нависанда дар таълифоти хеш калима ё таркиберо такроран меорад. Санъати такрор, пеш аз ҳама, барои ифода ё таъкиди маъное ва мақсаде истифода мешавад. Агар такрори калима ё ибора бемавриду безарурат бошад, онро аз ҷумлаи ҳ а ш в и қ а беҳ ва уюби шеър медонанд.

Дар шеъри поёнӣ калимаи «гоҳе» хеле зебо ва бамаврид такрор шудааст:

Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯғ,
Чи ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯғ?
Гаҳе чун саробӣ саропо фиреб,
Гаҳе мондай дар ҳақиқат ғариб.
Гаҳе бархурӯшӣ чу оташфишон,
Гаҳе нарм чун рӯҳи обе равон.
Гаҳе бишкуфад рӯҳи дарёият,
Гаҳе гул кунад хӯи саҳроият.
Гаҳе сабз тобӣ ту аз тоби ишқ,
Гаҳе сурх ҷӯшӣ ба меҳроби ишқ.



Гаҳе найсаворӣ ба саҳрои хун,
Гаҳе рақси хун кардай вожгун.
Гаҳе бар лабаш ханда ширин нишаст,
Гаҳе гиряат буғзи дерин шикаст.
Гаҳе хаста ой зи дарборҳо,
Гаҳе теғи размӣ ба пайкорҳо.
Гаҳе оташ аз най бурун оварӣ,
Гаҳе торе аз чанг хун оварӣ.
Гаҳе захм дорӣ зи номардумон,
Гаҳе илтиёмӣ[1] ба захми ниҳон.

Такрор назди донишмандони илми бадеъ ду навъ аст. Якум, он ки ҳар як калимаи такроршаванда маъноҳои дигар дорад ва онро дар мавриди таҷнис гуфтем ва дубора ҳоҷат ба такрор нест.

Навъи дуюми такрор чунон аст, ки калимаҳои такроршаванда одатан як маъниро ифода мекунанд. Ин навъи такрор, дар навбати худ, ҳафт хел аст.

**1.Такрори мутлақ** ва ин низ ду хел аст, якум чунон аст, ки калимаҳои такроршаванда дар аввали байт пасиҳам меоянд ва ин навъи такрорро мутлақи муфрад (танҳо) меноманд.

Мисол:

Илоҳо, Илоҳо, хато кардаем,
Ту бар мо магир, он чи мо кардаем.

Баъзе шоирон калимаҳои такрорро дар аввали мисраъи дуюм ҷой додаанд. Мисол:

Расид тири ту ногаҳ ба синаю дил гуфт:
«Аҷаб, аҷаб, ки туро ёди дӯстон омад».

Баъзан такрори мутлақи муфрад дар охири мисраъи якуму аввали мисраъи дуюм меояд. Мисол:

Бидодам - ш нома бад-ӯ бо дирам,
Дирам кард пушти дурусте[2] ба хам. (Унсурӣ)

Гоҳе шоирон дар охири мисраъи аввал такрори мутлақи муфрадро истифода кардаанд. Мисол:

Соқӣ, расид мавсими ишрат, биё, биё,
Дардеҳ шароби соф ба риндони босафо.

Баъзе шоирон дар охири мисраъи дуюм такрори мутлақи муфрадро овардаанд. Мисол:

---

[1] Илтиём-ба ҳам омада, васл шудан; дар ин ҷо ба маънои даво ва дармон омадааст.
[2] Дуруст - динор, сиккаи тилло.

Дукони нонво дидам, ки қурсаш қурс бардорад,
Вале сангу тарозуро намедонам, намедонам.

Навъи дуюми такрори мутлақро мутлақи ҷомеъ меноманд ва он чунон аст, ки калимаҳоро дар ду ҷой, яъне дар аввали ҳурду мисраъ такроран биоранд.

Мисол:

Биё, биё, ки маро бо ту навбати ҷонист,
Марав, марав, ки маро бо ту рози пинҳонист.

Гоҳе шоирон дар охири ҳарду мисраъ такрори мутлақи ҷомеъро меоранд. Мисол:

Ёр даромад зи дар бехабарон дӯст, дӯст
Гарчи ғалат медиҳад, нест ғалат, ӯст, ӯст.

Баъзан такрори мутлақи ҷомеъ дар аввал ва охири байт меояд. Мисол:

Қиёмат аст, қиёмат шабе, ки бе ту нишинам,
Даме, ки бе ту барорам, ғаромат аст, ғаромат.

Такрори мутлақи ҷомеъ метавонад, ки дар ҳамаи руkнҳои байт биёяд. Мисол аз Ҳофиз:

Дилу динам, дилу динам бибурдаст
Бару дӯшаш, бару дӯшаш бару дӯш.
Давои ту, давои туст, Ҳофиз,
Лаби нӯшаш, лаби нӯшаш, лаби нӯш.

**2.Такрори мусанно.** Ин навъи такрор чунон аст, ки дар байти аввал калимаеро такроран биоранд ва дар байти дуюм боз калимаи дигарро такрор намоянд. Мисол:

Борони қатра - қатра ҳамеборам абрвор,
Ҳар рӯз хира-хира аз ин чашми ашкбор.

**3.Такрори мушаббаҳ** (монанд). Ин навъи такрор чунон аст, ки дар мисраъи якум чанд калимаеро зикр кунанд ва дар мисраъи дуюм калимаеро такрор кунанд, ки калимаҳои такрори мисраъи якумро тавзеҳу ташреҳ диҳад. Мисол:

Чу ҳоли ман туро он холу он зулф,
Савод андар, савод андар савод аст.

**4.Такрори мустаънаф** (навкардашуда) чунон аст, ки ҳангоми такрори калима маънӣ барҷаста ва нав менамояд. Мисол:

Ай номдори кишвар, кишвар ба ту музайян
В-ай ифтихори олам, олам ба ту мубоҳо.

Ин навъи такрорро такрори муҷаддад низ гӯянд ба хотири нав шудани маънӣ.



**5.Такрори маалвосита** (бо восита) чунон аст, ки дар байни ду калимаи такроршаванда калимае чун восита омада бошад. Мисол:

Рӯе, чигуна рӯе, монанди офтобе,
Мӯе, чигуна мӯе, мар ҳалқаи ду тобе.

**6.Такрори муаккад** (таъкидшуда) чунон аст, ки ҳар калимаи такроршаванда таъкиди калимаи аввал буда, ба зеҳни шунаванда таъсири мусбат мерасонад. Мисол:

Зи дарди ишку сӯзи дил ба як бор,
Дилафгорам, дилафгорам, дилафгор.
Ба банди зулфи он сарви дилафрӯз,
Гирифторам, гирифторам, гирифтор.

Адиби Табарӣ дар қасидаи хеш ин навъи такрорро хеле хубу зебо истифода кардааст. Чанд байти он:

Баҳор омад, гули урдӣ[1] ба бор аст,
Баҳор андар баҳор, андар баҳор аст.
Ҷаҳон аз талъати султони аъзам
Нигор андар нигор, андар нигор аст.
Зи лола кӯҳро в-аз гул чаманро
Узор андар узор, андар узор аст.
Зи бас охуи даштию сарой
Шикор андар шикор, андар шикор аст...
Зи бӯи базмаш имшаб то Бухоро
Бухор андар бухор, андар бухор аст.

**7.Такрори ҳашв** (паст, бемаврид, беҳуда) чунон аст, ки такрори баъзе калимаҳо бемавриду бемавқеъ омадаанд. Ин навъи такрорро аз қабили мутоиба ҳисобидан мумкин аст. Мисол:

Дӣ ба маҷлис лиси ман турки чигил гил, гил, гил,
Масти ошиқ шиқу во лолаву бедил дил, дил.

Донишмандони илми бадеъ таъкид кардаанд, ки такрор ҳафт навъ аст: такрори мутлақ, такрори мусанно, такрори мушаббаҳ, такрори мустаънаф, такрори маъалвосита, такрори муаққад, такрори ҳашв. Санъати такрорро баъзе бадеъиёни форс-тоҷик, аз он ҷумла, муаллифи «ал-Муъҷам" - Шамси Қайси Розӣ бо номҳои "мукаррар" ва "такрир" низ ёд кардаанд.

Мисоли дигар аз достони "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Низомӣ:

Гаҳ нори туро чу асб соям,
Гаҳ себи туро чу нор хоям.
Гаҳ зулф барафканам ба дӯшат,

[1] Урдӣ –шакли кутоҳшудаи урдибиҳишт, моҳи дуюми фасли баҳор.

Гаҳ ҳалқа бурун кунам зи гӯшат.
Гаҳ гирди гулат бунафша корам,
Гоҳе зи бунафша гул барорам.
мафъӯлу/мафоъилун/фаъӯлун
- -v/ v –v -/v - -

Байте аз Ҳофиз:

Дилу динам, дилу динам бибурдаст
Бару дӯшаш, бару дӯшаш бару дӯш.
мафоъӣлун/мафоъӣлун/мафоъӣл
v - - -/v - - -/v - ~

## АКС

Акс (мухолиф, муқобил, бозгардиш), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз навъҳои санъати лафзист. Акс чунон аст, ки шоир калима, таркиб, ибора ё мисраъҳоеро, ки дар аввал оварда буд, боз ҷойи онҳоро иваз карда, дар мисраъи дигар ҷой диҳад. Санъати акс метавонад, ки дар як мисраъ ё дар ҳар ду мисраъ ҷой гирад. Ба қавли донишмандони илми бадеъ, акс дар се маврид мавриди истифода қарор мегирад:

1.Санъати акс дар як байт дида мешавад, яъне мисраъи дуюм акси мисраъи якум аст. Мисол аз Хоҷуи Кирмонӣ:

Ҳар к-ӯ басаре дорад, бо ӯ назаре дорад,
Бо ӯ назаре дорад, ҳар к-ӯ басаре дорад.
мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлун
- -v/ v - - -/ - -v/ v - - -

2. Санъати акс дар ҳар мисраъи байт дида мешавад, яъне ними дуюми ҳар мисраъ акси нимаи аввали мисраъ мешавад. Мисол аз Унсурӣ:

Бӯса надиҳад моро, моро надиҳад бӯса,
Ғамгин дили мо дорад, дорад дили мо ғамгин.
мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлун
- -v/ v - - -/ - -v/ v - - -

3.Санъати акс дар дохили як мисраъ дида мешавад. Мисол аз Кисоии Марвазӣ:

Ин замонаи ҷофию гардиши шабу рӯз,
Шигарф гашт сабуру сабур гашт шигарф.
мафоъилун/фаъилотун/мафоъилун/фаъилон
v –v -/ v v - -/v –v -/ v v ~

Дар таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик аз ҷониби шоирони бузурге ба монанди Ҳофиз, Хоҷу ва диг. санъати акс дар



асоси калимаю таъбироти зебо, маъонии дилкашу дилнишин чунон сохта шудааст, ки завқи бадеъии хонандаю шунавандаро хуш мекунад. Ғазали машҳури Ҳофиз бо матлаи зер:

Дилбари ҷонони ман бурд дилу ҷони ман,
Бурд дилу ҷони ман дилбари ҷонони ман.
муфтаъилун/фоъилун/ муфтаъилун/ фоъилун
- v v-/ - v-/ - v v-/ - v-

ки дар вазни хушу гуворои Раҷази мусаммани матвии мақтӯъ ё Муқтазаби мусаммани матвии макшуф суруда шудааст, намунаи хуби эҷоди шеър (ғазал) дар санъати акс мебошад.

Дар ғазали Фатҳалишоҳ санъати акс дар тамоми байтҳои он дида мешавад:

Ороми дилу ҷонӣ, ай дилбари кирмонӣ,
Ай дилбари кирмонӣ, ороми дилу ҷонӣ.
Сад Юсуфи Канъонӣ шуд бандаи рухсорат,
Шуд бандаи рухсорат сад Юсуфи Канъонӣ.
З-он рӯ, ки ту ҷононӣ, ҷонҳо ба фидои ту,
Ҷонҳо ба фидои ту, з-он рӯ, ки ту ҷононӣ.
З-он лаб ба дурафшонӣ хун дар дили ёқут аст,
Хун дар дили ёқут аст, з-он лаб ба дурафшонӣ.
Ту хусрави хоқонӣ, ай подшаҳи хубон,
Ай подшаҳи хубон, ту хусрави хоқонӣ.
мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлун
- -v/ v - - -/ - -v/ v - - -

Санъати акс дар бадеъи форсӣ-тоҷикӣ бори аввал дар асари Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ -"Тарҷумон-ул-балоға" хеле бо тафсил баён шудааст. Ӯ чор навъи акс: акси к о м и л и  м а ҷ р о; акси к о м и л и  м у т а ҳ о д ӣ; акси м а х р а ҷ и  м у т а ҳ о д ӣ ва акси м а х р а ҷ и  м а ҷ р о нишон дода, акси комили мутаҳодиро беҳтарин навъи акс донистааст. Барои акси комили мутаҳодӣ байти зеринро мисол овардааст:

Бор бардораму в-аз эдар биравам,
Биравам з-эдару бардорам бор.
фоъилотун/фоъилотун/фаълон
-v - -/ - v - -/ - ~

Муаллифи "Бадоеъ-ул-афкор"- Ҳусайн Воъизи Кошифӣ санъати аксро бо санъати м а ъ к у с як медонад, ҳол он ки дар маъкус калима-калима чаппа мешавад, аммо дар акс ҷузв-ҷузви мисраъ ё байт божгуна мегардад.

Муаллифони "Бадоеъ-ус-саноеъ" - Атоуллоҳи Ҳусайнӣ ва "Нигоҳе тоза ба бадеъ"- Сируси Шамисо санъати аксро т а б д и л у н к с в а т а р д у  а к с низ номидаанд. Муаллифи "Арӯсони сухан" - Ҳушманди Исфандиёрпур аксро бо номҳои т а б д и л, т а б д и л у  а к с, т а р д  ва  т а р д у  а к с низ ёд кардааст.

## ЛУЗУМИ МОЛОЯЛЗАМ

Лузуми молоялзам (лозими ғайризарурӣ), дар илми бадеъи классикӣ яке аз анвоъи санъатҳои бадеъии лафзиро гӯянд.

Санъати эънотро лузуми молоялзам ҳам гуфтаанд, ки маънояш лозими гайри зарурӣ мебошад. Ба ҳамин маъно истилоҳи илтизомро низ кор мефармоянд, ки маънояш дар коре мулзам шудан аст.

Дар истилоҳи илми бадеъ – дар шеър ё наср ба такрор овардани ҳарфе ё калимаеро мегӯянд, ки нолозим буда, аз талаби мазмуну мавқеъ сар намезанад. Ин навъ санъат дар мавриде маънии хуб ҳам медиҳад, вале аслан ба хотири машқу ҳунарнамоӣ ба кор меравад. Қасидаи Амъақи Бухороӣ хеле машҳур аст, ки дар ҳар мисраъ калимаҳои мӯр ва мӯйро кор фармудааст:

Агар мӯре сухан гӯяд ва гар мӯе равон дорад,
Ман он мӯри сухангӯям, ман он мӯям, ки ҷон дорад.
Танам чун рояи мӯй асту дил чун дидаи мӯрон,
Зи ҳаҷри ғолиямӯе, ки чун мӯрон миён дорад.
Агар мар обу оташро макон мумкин бувад мӯе,
Ман он мӯям, ки дар тӯфону дар дӯзах макон дорад.
Агар бо мӯю бо мӯре шабонрӯзӣ шавам ҳамроҳ,
На мӯй аз ман хабар ёбад, на мӯр аз ман нишон дорад…

Мисоли дигар аз шеъри Сайфии Нишопурӣ дар илтизоми  с а н г  ва  с и м:

Ай нигори сангдил, ай луъбати симинузор,
Дар дили ман меҳри ту чун сим дар сангин ҳисор.
Сангдил ёрею симинбар нигору меҳри туст
Ҳамчу нақши симу санг андар дили ман пойдор.
Ман чу сангам салб дар аҳду ту чун симе дурӯй,
З-он чу сим аз санг ногоҳам бирафтӣ аз канор.
То ман, ай сангиндили симинбари номеҳрубон,
Ҳамчу симам бо ту софӣ, ҳамчу сангам бурдбор.
Гоҳ бар сангам занӣ чун зарру ҷӯӣ нақши сим,
Гаҳ занӣ сангу маро чун симу зар гирӣ иёр.



Раҳм кун, мангар ба бесангию бесимии ман,
З-ин ки санг онро бувад, к-аз симу зар дорад ясор.

Мисоли дигар:

Ҷоҳ ҷӯӣ, ай ки мебиҷӯӣ сим,
Симу ҷуз сим зери ҷоҳ дар аст.
Симро ҳар касе биёбаду боз
Ҷоҳ бо аждаҳо ба ҷоҳ дар аст.

Намунаи дигар аз Адиб Собири Тирмизӣ:

Хаёли ту як соат аз чашми ман
Нагардад чу меҳри ту аз дил ҷудо.
Нагаштӣ маро чун хаёлат тамом,
Гарат чун хаёли ту будӣ вафо.

Дар абёти зерин аз шеъри Турки Кишии Айлоқӣ ҳарфи "б" дар қофия нолозим аст, зеро решаи қофияи ҷузъи "–аре" мебошад:

Зулфайн баршикаставу қад санавбаре,
Зери ду зулф ҷаъдаш ду хатти анбарӣ…
Чашму ду зулфу ду рух ҷумла мушаъбаданд
В-аз якдигар гирифта ҳама сеҳру дилбарӣ.

Дар ин қитъаи Масъудӣ такрори «мор» ва қофия шудани «димор» ва мор аз ҷумлаи илтизом аст, зеро решаи қофия "– ор" ва "-ор" буда, такрори «м» нолозим аст.

Мухолифони ту мӯрон буданд, мор шуданд,
Баровар аз сари мӯрони моргашта димор.
Макун диранг аз бешу рӯзгор мабар.
К- аждаҳо шавад, ар рӯзгор ёбад мор.

## МУВАССАЛ

Мувассал (пайвастшуда, часпонидашуда), дар илми бадеъ номи яке аз санъатҳои лафзист. Мувассал байте ё шеъреро гӯянд, ки дар таркиби решаи қофияи он ҳарфи в а с л омада бошад. Азбаски ҳарфи васл дар байни ҳарфҳои қофия хеле серистеъмол аст, дар «Гулистон»-и Саъдӣ низ ин навъи санъати шеърӣ бештар дучор меояд.

Мисол:

Аз ёди ту ғофил натавон кард ба ҳечам,
Саркӯфта морам, натавонам, ки напечам.
Мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун
- - v/ v - -v/ v - -v/ v - -

Дар байти фавқ (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф) калимаҳои «ҳечам»-у «напечам» қофия, ҷузви «-ечам» решаи қофия, ҳарфи «е» ридфи муфрад, ҳарфи «ч» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро ва ҳамсадои «м» васл мебошад. Азбаски дар таркиби решаи қофияи байт ҳам ридф (ридфи муфрад) ва ҳам васл омадааст, онро байти м у р д а ф ё м у в а с с а л номидан лозим аст. Мисоли дигар:

Мо насиҳат ба ҷойи худ кардем,
Рӯзгоре дар ин ба сар бурдем.
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон
- v - -/ v – v-/ - ~

Дар ду мисраи боло, ки байте аз маснавӣ мебошад (вазнаш Хафифи мусаддаси махбуни асламы мусаббағ), калимаҳои «кардем»-у «бурдем» қофия, ҷузвҳои «-ардем»-у «-урдем» решаи қофия, садоноки «а» (у) ҳазв, ҳарфи «р» қайд, ҳарфи «д» равии мутлақ, ҳарфи «е» васл, ҳарфи «м» хурӯҷ аст. Чи тавре ки мебинед, дар таркиби решаи қофия он ҳам ҳарфи қайд, ҳам ҳарфи васл ва ҳам ҳарфи хурӯҷ вуҷуд дорад, бинобар ин, санъати бадеии онро м у қ а й я д у м у в а с с а л у м у х а р р а ҷ меноманд.

## МУВАШШАҲ

Мувашшаҳ (гарданбанд) дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои лафзиро гӯянд. Мувашшаҳ чунон аст, ки шоир шеъре мегӯяд, ки агар ҳарфи аввали мисраъ, байт ё калимаҳои миёнаи мисраъҳоро дар як ҷо ҷамъ кунем, номе ё байте, ё рубоие, ё қитъае, ё ғазалу қасидае ба вуҷуд меояд. Масалан, дар рубоии Рашиди Ватвот аз ҳарфҳои аввали мисраъҳои он номи Муҳаммад (с) берун меояд:

Маъшуқа дилам ба тири андӯҳ бихаст,
Ҳайрон шудаму касе намегирад даст.
Мискин тани ман зи пои меҳнат шуд паст,
Дасти ғами дӯст пушти сабрам бишикаст.

Мувашшаҳ навъҳои зиёд дорад.

1.Мувашшаҳи м у р а т т а б. Шоир шеъре мегӯяд, ки агар ҳарфе аз мисраъи аввал бигиранд, ҳарфе аз мисраъи дуюм, ҳарфе аз мисраъи сеюм ва ҳарфе аз мисраъи чаҳорум ва бо ҳамин тартиб то охири шеър раванд, аз ҳарфҳои гирифташуда номе ё матлабе ҳосил мегардад. Дар ин маврид шарти асосӣ он аст, ки аз мисраъи якум ҳарфи аввал, аз мисраъи дуюм ҳарфи дуюм, аз мисраъи сеюм ҳарфи сеюм ва аз



мисраъи чаҳорум ҳарфи чаҳорум ва аз мисраъҳои панҷуму шашуму ғайра ҳарфҳои панҷуму шашуму боқиро бояд бигиранд (бо ҳуруфи арабӣ). Масалан, аз ҳарфи аввали мисраъи якум (ҷ), ҳарфи дуюми мисраъи дуюм (ъ), ҳарфи сеюми мисраъи сеюм (ф), ҳарфи чоруми мисраъи чоруми (р) (албатта бо ҳуруфи арабӣ) рубоии зер номи Ҷаъфар баровардаанд:

Чандон, ки нигоҳ мекунам аз чапу рост,
Маъшуқ дар офоқ беҳ аз ҳарчи марост.
Бе фикр бигӯ, ки он моҳи Хутан,
Андар сухан аз куҷо то ба куҷост.

2.Мувашшаҳи м у ҳ а й я з (паноҳгоҳ, ҷойгиршуда) чунон аст, ки шоир шеъре мегӯяд, ки аз он чанд шеъри гуногунвазн берун овардан мумкин аст. Мисол аз Рашидии Самарқандӣ:

Ай кафи роди[1] ту дар ҷуд[2] беҳ аз абри баҳор,
Халқро бо кафи ту абри баҳорӣ ба чи кор?
Оламеро дил аз афшондани борони кафат
Хушу хуррам шуда в-ороста чун боғу баҳор.
Беш аз андозаи ин тоифа **бар банда ниҳод**
**Ҷуди ту бори гарон** з-он ду кафи гавҳарбор.
Дигаронанд чу ман бандаву **ман банда зи шукр,**
**Оҷизам, чун дигарон** в-аз хиҷилӣ гашта фигор.
Аҷз[3] як сӯ неҳу ангор, ки **кардастам ҷурм**[4]**,**
**Сӯи афват**[5] **нигарон** мондаву дил пури темор.[6]
Ту худовандиву эҳсон куну **ин ҷурм ба фазл**
**З-ин раҳе даргузарон,** з-он ки тӯӣ ҷурмгузор.
Аз дари афв бувад ҳар ки ба тафсиру ба ҷурм
Кард дар пеши валинеъмати[7] зебо иқрор.
Ай ту абре, ки зи ҷуди ту шавад дай[8] Наврӯз.
Ай ту шамъе, ки зи нури ту шавад лайл наҳор.
Абр кай хонамат, ай хоҷа, **чу шуд абри матир,**[9]
**Назди ту ҳайрону** дар дасти ту саргаштаву хор.
Шамс кай хонамат, ай хоҷа, чу **шуд шамси мунир.**[1]

---

[1] Род - босаховат, ҷавонмард, кушодадаст.
[2] Ҷуд - саховатмандӣ.
[3] Аҷз - нотавонӣ, оҷизӣ.
[4] Ҷурм - гуноҳ; айб.
[5] Афв - бахшидан, аз гуноҳи касе гузаштан.
[6] Темор-ғам, андӯҳ.
[7] Валинеъмат- сахӣ; хӯҷаин.
[8] Дай - номи яке аз моҳҳои соли шамсӣ, ки бо 21 декабри - 21 январ рост меояд.
[9] Матир - боранда.
Аҳрор - ҷамъи ҳур, яъне занони бисёр хушрӯй биҳишт.

**Пеши ту пинҳону** аз рӯи ту осимаву зор.
Ҳаст дар бахшишу дар бинишу **дар донишу фазл**
**Он дили поки ту** баҳре, ки варо нест гузор.
Балки аз рашки кафу он дили **чун бахри қаир,**[2]
**Гашт бепоёну** андӯҳ дили ҷумла баҳор.
Чун ту хоҳад, ки бувад хасмат **натавонад буд,**
**Мар туро ҳаргиз** дар ҳеҷ ҳунар н-ояд ёр.
Ҳаст ҳар чиз туро, илло[3] зи **ҳамтову назир**
**Дар ҳама кайҳону** ин халқ надонад ҳамвор.
Аз кафи ту ҳама муҳтоҷон **осуда шуданд,**
**Бо кафи родату** ин хулқ беҳ ояд з-аҳрор.[4]
Аз навозидани бисёр ту **аз шуғли ҳақир,**
**Шоирон яксон** растанд зи айши душвор.
Дар паноҳи кафи эҳсони ту **Мансур шудем,**
**Бар муроди дили** ҳамвора ҳама давлатёр.
Давлату нусрату пирӯзиву **Яздон-т[5] насир.**[6]
**Бод ҷовидон,** ки аз гоҳи тӯе бархурдор...
Ин некӯномиву ин родӣ **фархунда кунод,**
**Бар ту мавлову**[7] бидород туро дар зинҳор.
Басаломат бо салом омадӣ, **ай Саъдулмулк,**
**Иди азҳо[8],** ҳаққи ӯро ба сиёдат[9] бигзор.
Шодмонӣ куну хуррам зиву **он кас, ки ба ид**
**Мадҳи ту гуфт,** бирав густар аз икрому шиор.[10]
Шеъри мо ҳаст ба ҳангоми ту **баррафта зи ҷоҳ,**
**То ба Шиъро[11],** ки шикебад, ки нагӯяд ашъор.
То шавад ҷуфт тараб, ҳарки дарояд ба шароб,
То бувад ёр хумори он бурун шуд зи ақор.[12]
Некхоҳони ту боданд ҳама ҷуфти тараб,
Бадсиголони[13] ту боданд ҳама ёри хумор.

[1]Шамси мунир - офтоби мунаввар.
[2] Қаир - чуқур, бетаг.
[3] Илло - ғайр аз, ба ҷуз, магар.
[4] Аҳрор - ҷамъи ҳур, яъне занони бисёр хушрӯй биҳишт.
[5] Яздон – Худо.
[6] Насир - ёрдиҳанданда, мададкор.
[7] Мавло - соҳиб, ғулом; хеши наздик.
[8] Азҳо-иди қурбон.
[9] Сиёдат - сарварӣ, хоҷа будан.
[10] Шиор - расм, одат.
[11] Шиъро - номи яке аз ду ситораи дурахшон - шиърои Шомӣ ва шиърои Ямонӣ.
[12] Ақор - замину об, мулк; асбобу анҷоме, ки аз як ҷой ба ҷои дигар кӯчонида намешавад.
[13] Бадсигол - бадандеш, бадхоҳ.



Тамоми қасидаи боло дар бахри Рамали мусаммани махбуни маҳзуф (ё максур, ё аслам, ё аслами мусаббағ) таълиф шудааст. Агар калимаҳои шаш байти аввали қасидаро, ки дар зерашон хат кашида шудааст, гирифта алоҳида хонем, ин рубой ба вуҷуд меояд, ки вазнаш Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб (мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлу/ фаъул- - v/v-v-/v- - v/v-/ мебошад.

Бар банда ниҳод ҷуди ту бори гарон,
Ман банда зи шукр оҷизам чун дигарон.
Кардастам ҷурм, сӯи афват нигарон,
Ин ҷурм ба фазл з-ин раҳе дар гузарон.

Шеъри дуюме, ки аз калимаҳои ба зерашон хаткашидаи байтҳои 9-18 берун меояд, ғазал буда, дар бахри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбуз (мафъӯлу/мафоъилун/мафоъӣун - - V/ V- V - / V- - -) гуфта шудааст:

Шуд абри матир назди ту ҳайрон,
Шуд шамси мунир пеши ту пинҳон.
Дар донишу фазл он дили покат
Чун бахри қаир гашт бепоён.
Натвонад буд мар туро ҳаргиз
Ҳамтову назир дар ҳама кайҳон.
Осуда шуданд бо кафи родат
Аз шуғли ҳақир шоирон яксон.
Мансур шудем бар муроди дил,
Яздон-т насир бод ҷовидон.

Аз калимаҳои ба зерашон хаткашидашудаи байтҳои 19- 21 ин ду байт ба вуҷуд меояд, ки дар бахри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ё максур (мафъӯлу /мафоъилун /фаъӯлун ё мафоъӣл- - v/V- v -/V- - ǚ v - ~ ) эҷод шудаанд:

Фархунда кунод бар ту мавло,
Ай Саъдумулук, иди азҳо.
В-он кас, ки ба ид мадҳи ту гуфт,
Баррафта зи ҷоҳ то ба Шиъро.

Мавлоно Масъуди Табрезӣ дар м у в а ш ш а ҳ и  м у ҳ а й я з қасидае дорад, ки аз он се шеър бо вазнҳои гуногун берун меояд; яке дар вазни Рамали мусаммани солим (фоъилотун- ҳашт бор дар як байт), дигар дар вазни Рамали мусаддаси маҳзуф (фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун-ду бор), сеюм бар вазни Ҳазаҷи мусаммани солим (мафоъӣлун - ҳашт бор дар як байт). Чанд байти қасидаи Масъуди Табрезӣ:

Аз ҷалолат дидаам ҳар соате хуншор шуд,
Дилбаро, хунам махур, раҳме, ки ҷон аз кор шуд.
Дар раҳат афтодаам, ғалтидаам дар хуни дил,
Лоҷарам, бар хоки раҳ чашмам зи ғам хунбор шуд.
Сабру ҳушу айшу орому қарор аз ман маҷӯ,
Аз ғаму андӯҳи дурӣ инчунин мар хор шуд.
Ҳоли дарди ман намедонӣ, буто, рӯзе биё,
Раҳм кун, ҳолам бубин, акнун, ки ғам бисёр шуд.

3.Мувашшаҳи м у р а ш ш а ҳ (таровидашуда, тавзеҳдодашуда) муаллифи «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» - Камолуддин Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ихтироъи ин навъи мувашшаҳро ба Амир Хусрави Деҳлавӣ нисбат медиҳад. Ин санъат чунон аст, ки шоир ё нависанда дар осори хеш аз ҳар калимае ҳарфе ҷудо мекунад, ки агар онҳоро бо ҳам ҷамъ орӣ, номи шахсе берун меояд. Ин навъи санъат дар наср бештар мутадовил аст ва дар назм низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Масалан, аз рубоии поён номи **Муҳсин** берун меояд:

Аз баҳри амими[1] лутф, ай соқӣ, агар
Рашҳе[2] талабид ошиқи ташнаҷигар,
Манъаш чи кунӣ, ки то дами бозпасин,
Маҷнун дорад ҳавои Лайлӣ дар сар.

Агар аз мисраъи якум, аз калимаи “амим” ҳарфи «м» ва аз мисраъи дуюм, аз калимаи «рашҳ» ҳарфи «ҳ», аз мисраъи сеюм, аз калимаи «бозпасин» ҳарфи «с» ва аз мисраъи чаҳорум, аз калимаи «Маҷнун» ҳарфи «н»-ро ҷудо кунед, номи «Муҳсин» (бо ҳуруфи арабӣ) берун меояд.

4.Мувашшаҳи м у ш а ҷ ҷ а р (дарахтмонанд, дарахтсурат) мувофиқи қоидаи ин санъати лафзӣ шоир ба тариқи м у в а ш ш а ҳ шеъре эҷод мекунад, ки агар мисраъҳои онро дуруст ҷо ба ҷо гузорем, сурати дарахте ба вуҷуд меояд.

Ин қитъа, ки аз бисту як байт (вазнаш Мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур) иборат аст, дар асоси санъати мувашшаҳи мушаҷҷар эҷод шудааст. Аз ин бисту як байти қитъа байти:

Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,
Чу боғи Ирам пургулу пурнигор.
фаъӯлун/фаъӯлун/фаъӯлун/фаъӯл
v--/v--/v--/v~

[1] Амим-фарогиранда, фаровон.
[2] Рашҳ-таровидан, таровида баромадан.



дар танаи дарахт ва боқӣ - бист байт дар навдаҳои он сабт ёфтааст. Шоир дар ҳар як навдаи дарахт ду байтро ҷой додааст. Барои хондани ин қитъа аз калимаи аввали танаи дарахт ва навдаи тарафи рости он бояд сар кард. Байте, ки дар танаи дарахт навишта шудааст, дар сохтани тамоми абёти (бист байти) боқимондаи шеър иштирок мекунад. Агар байти танаи дарахтро ба рукнҳо ҷудо кунем, пас ҷузвҳои он рукнҳои алоҳидаи тамоми байтҳои қитъаро ташкил медиҳанд, яъне калимаи «нигаҳ»-и байти танаи дарахт дар аввали байтҳои якуму дуюм, калимаҳои «нигаҳ кун»-и байти танаи дарахт дар аввали байтҳои сеюму чорум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он»-и байти танаи дарахт дар аввали байтҳои панҷуму шашум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он чеҳраи» байти танаи дарахт дар аввали байтҳои ҳафтуму ҳаштум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он чеҳраи дил»-и байти танаи дарахт дар аввали байтҳои нуҳуму даҳум, калимаҳои «Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз», яъне мисраъи якуми байти танаи дарахт дар аввали байтҳои ёздаҳуму дувоздаҳум, калимаҳои «Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз чу»-и байти танаи дарахт дар аввали байтҳои сездаҳуму чордаҳум, калимаҳои «Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз чу боғи» байти танаи дарахт дар аввали байтҳои понздаҳуму шонздаҳум, калимаҳои «Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз чу боғи Ирам»-и байти танаи дарахт дар аввали байтҳои ҳабдаҳуму ҳаждаҳум, калимаҳои «Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз чу боғи Ирам пургул»-и танаи дарахт дар аввали байтҳои нуздаҳуму бистум омада, дар якҷоягӣ бо байти танаи дарахт:

Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,
Чу боғи Ирам пургулу пурнигор.

қитъаи шеърии зерин ҳосил мешавад:

**Нигаҳ** доштам дил зи машқи бутон,
Наёмад ҳамон ҷалдии ман ба кор.
**Нигаҳ** дор дилро зи ишқи бутон,
Ки бас бевафоянду зинҳорхор.[1]
**Нигаҳ кун,** ки ман чун шудастам зи ишқ,
Макун хештанро бад он ихтиёр.
**Нигаҳ кун,** ки ишқам чи овард бор?
Бирасте зи доду вале беқарор.
**Нигаҳ кун бад-он** рӯву иқрор деҳ,
Ки чун ҳуриъин ҳаст-ш банда ҳазор.
**Нигаҳ кун бад-он** моҳи хандону бин,

[1] Зинҳорхор - паймоншикан, аҳдшикан.

Маро дар ғами ишқ маъзур дор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи** ҳамчу моҳ,
Ки аз ишқи ӯ шуд дилам беқарор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи** лолагун,
Чу моҳе шукуфта бар-ӯ лолазор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи** дилпазир,
Кучо дил ба як назра гирад нигор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи** дилрабой,
Ҳамарӯза бар дил рабудан сивор[1].
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу моҳе, ки мушкаш бувад бар канор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Фурӯзон ҳама рӯй хуршедвор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу дар моҳи найсон[2] гули комгор.[3]
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу ороста лаъбати Қандаҳор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу **боғ** шукуфта ба вақти баҳор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу **боғи** баҳор аз дари шодхор.[4]
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
**Чу боғи Ирам равшану обдор.**[5]
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
**Чу боғи Ирам хурраму** устувор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
**Чу боғи Ирам пургулу** мушкбор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
**Чу боғи Ирам пургулу** кӯкнор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
**Чу боғи Ирам пургулу пурнигор.**

5. Мувашшаҳи муаққад (гиреҳхӯрда, тобдор), мувофиқи талаби ин санъат шоир дар мавриди мувашшаҳ мисраъҳои шеърро ба шакли гиреҳе меорад, ки яке аз шаклҳои ҳандасӣ (геометрӣ) ба вуҷуд меояд.

---

[1]Сивор - дастбаланд, дастпона.
[2] Найсон - номи моҳи ҳафтуми тақвими суриёнӣ, ки ба моҳи апрел баробар буда, гӯё аз қатраҳои борони ин моҳ дар даруни садаф марворид пайдо мешавад.
[3] Комгор - хушбахт, саодатманд.
[4] Шодхор - шодмон, хушҳол.
[5] Ирам – номи боғи афсонавӣ, ки гӯё Шаддод ном подшоҳ дар Яман сохта будааст.



Мас., шоире дар асоси санъати мувашшаҳ шеърero чунин ҷой додааст. Абёте, ки аз мувашшаҳи болоӣ берун меояд, дар баҳри Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур (муфтаъилун /фоъилоту/муфтаъилун/ фаъ - vv - / - v v / - vv - / -) суруда шудааст:

Фахри ман аст, он ки ҳаст мафхари дунё,
Ҳоҷиби пирӯзбахт, сайиди воло.
Нусрат ёбад зи Кирдгор ба ҳар вақт,
Он кас, к-аш кор шуд зи Наср муҳайё.
Рост чу бо фар-ш ошноие ҷӯяд,
Хуррамию рӯшноӣояд пайдо.
Ҳиммати ӯ гӯӣ оташест ба гавҳар,
З-он ки чу оташ ҳамеша ҷӯяд боло.
Мулкат бо ҳоҷиби ҷалил амини наср,
Нозад, к-аз бахти ӯст тозаву барно.
Аз хунари ӯст пойдории мулкат
В-аз карами ӯст рӯшноии дунё.
Фарри Худое, к-аз ӯ бузургӣ ҷӯяд,
Ҳастиш бо ҳоҷиби амини дил якто.
Он кас, к-аз меҳри бахти ӯ асаре ёфт,
Бахт баровар-ш аз саро ба Сурайё.
Моро шодӣ бад-ӯ физояд, к-аз бахт
Дорад иқбол ошноӣ бо мо.
Давлат ҷӯяд, ҳар он ки меҳраш ҷӯяд,
Давлатро меҳри ӯст маскану маъво.
Бахташ ҷовид боду умраш ҷовид,
Шод бад-ӯ авлиёву сӯхта аъдо.

Агар калимаҳои ҳар чоркунчаи муаққадро ҷамъ кунему хонем, байте дар вазни Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбуз (мафъӯлу / мафоъилун/ мафоъӣлун - -v/v-v-/v---) ба вуҷуд меояд:

Он кас, ки зи рӯшноӣ ҷӯяд,
Бо ҳоҷиби Наср ошноӣ ҷӯяд.

6. Мувашшаҳи м у з а м м а н (андаруншуда, дохилӣ), он аст, ки шоир шеъре мегӯяд, ки калимаҳои ҳар мисраъ ба ду ҳисса ҷудо шуда, нисфи аввал қофияи шеър ва нисфи дуюми ҳамон калима ибтидои мисраъи дуюмро ташкил намудааст. Ин навъи мувашшаҳ асосан хоси шеъри арабӣ буда, баъзе шоирони форс-тоҷик ин навъи санъатро ҳангоми ҳазлу шӯхӣ ва зарофатгӯӣ эҷод кардаанд. Масалан, шоири асри 12 – Сӯзании Самарқандӣ қасидае дорад, ки ба ҳамин услуб эҷод кардааст.

Чанд байти онро меорем:

Саъди дин мадҳи хоҷаи **мустав-**
Фӣ[1] шунидиву дар дил омад **сав-**
Дои он навтарику кардӣ **таҳ-**
Син бар он вазни шеъру қофия **мав-**
Қуф[2], то кард баҳри зикри ту **хо-**
Тири ман з-он насақ[3] мадеҳи ту **мав-**
Зун, зиҳӣ меҳтари сахт **сухан-**
Дон, ки н-овард сири ахтару **дав-**
Лати мардиву мардумӣ зи **ако-**
Бири Ахсекат, он ки маншаву[4] **мав-**
Лиди аслофу[5] асли гавҳари **по-**
Ки ту аз хиттаи[6] вай асту зи **ав-**
Лоди деҳқони роджод, ки **фар-**
Ғониён чокаранду[7] бандаву **мав-**
Лои[8] гавҳари шарифи ту **о-**
Зодаро бандагӣ[9] кунанд ба **тав-**
Ъу[10] ба рағбат ту тарбият зи ту ё-
Банд эшону мо ва аз ҳар **қав-**
Ме, ки дар олам асту бо вай **ил-**
Мест дар ҳаққи ӯ ту ёбӣ **тав-**
Фиқи эҳсону мукримат[11] чи ба **дас-**
Ти ҷаводи[12] ато деҳу чи ба **тав-**
Қеъи[13] килкат, ки мушкро бо **ко –**
Фур[14] нақш афканад чу бар рухи **ҷав-**
Зо[15] сари зулфи ҳалқа-ҳалқа **мар-**
Ғулу[16] з-он беш шоирона **тав-**
Ҷеҳи[1] зарр асту симу атласи **иқ-**

[1] муставфӣ-сардори аҳли девон, сармуҳосиб.
[2] мавқуф – вобасташуда, марбут.
[3] насақ – тартиб, қоида.
[4] манша – сарчашма, сабаб, боис.
[5] аслоф - гузаштагон
[6] хитта – мамлакат, хок, замин
[7] чокар – хизматгор, фармонбардор
[8] мавло – ғулом, ғуломи озодшуда.
[9] бандагӣ – фармонбардорӣ, итоат.
[10] тавъ – хоҳиш, ҳавас, рағбат
[11] мукрим – соҳибқадам, навозишкор
[12] ҷавод – сахӣ, саховатманд, ҷавонммард
[13] тавқеъ- ҳукм, фармони муҳрдор
[14] кофур – моддаи хушбӯе, ки дар тиб кор мефармоянд
[15] ҷавзо- номи бурҷест аз дувоздаҳ бурҷи фалак
[16] марғул – печутобхӯрда, ҷингила



Суну[2] димётию[3] атобиву[4] **тав-**
Зиву[5] каттону даққу фаршу **аво-**
Ниву дарёй, айшу умр ба **рав-**
Нақу тартибу дар мадеҳи ту **фик-**
Рат яке карда бо арӯзӣ **зав-**
Қе, ки то офарину мадҳи ту **гӯ-**
Янд аз ин навъ ё ба дигар **нав-**
Ъе, ки донанду май бар ин сари **маз-**
Раъаму насркору назмдарав.

Чи тавре мебинед, калимаҳои мустафвӣ, савдо, таҳсин, мавкуф, хотир, мавзун, сухандон, давлат, акобир, мавлид, пок, авлод, фарғониён, мавло, озода, тавъ, мавлид, пок, авлод, фарғониён, мавло, озода, тавъ, ёбанд, қавм, илмест, даст, тавқеъ, кофур, ҷавзо, марғул, тавқеҳ, иксун, тавзив, авонӣ, равнақ, фитрат, завқ, гӯянд, навъ, мазраъро ду нисф карда, ними онро арӯзи (рукни охири мисраъи аввал) байту ними онро ибтидои (рукни аввали мисраъи дуюм) байт сохтааст.

Вазни ин шеър Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф ё аслам буда, чунин тақтеъ мешавад:

фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилун
- v - -/ v –v -/ v v -
ё ин ки:
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълун
- v - -/ v –v -/- -

Қофияҳои шеъри боло аз чузвҳои мустав, сав, мав, дав, мав, ав, мав, тав, ҷав, рав, зав, нав, назмдарав сохта шудаанд, ки решаи онҳо "-ав" аст. Ҳарфи "в" равии муқайяд буда, садоноки "а" тавҷеҳ ва худи қофия қофияи муқайяд мебошад.

7. Мувашшаҳи совиҷ чунон аст, ки ҳарфҳои тавшеҳи он паиҳам омада бошанд. Ин навъи мувашшаҳ, дар навбати худ, аз чанд қисм иборат аст.

а) Мувашшаҳи мусаддар (садршуда, аввалшуда) чунон аст, ки ҳарфҳо ё калимаҳое, ки ба вазифаи тавшеҳ меоянд, дар рукни аввали мисраъи аввал (садр) ҷой гирифта бошанд.

[1] тавчеҳ – шарҳ додан, тафсир кардан
[2] иксун – як навъи шоҳӣ
[3] димётӣ – як навъи шоҳӣ.
[4] атобӣ –як навъи атлас
[5] тавзӣ – бофтаест аз ҷинси каттон, ки дар Туз (Тавз) – аз шаҳрҳои Аҳвоз мебофтанд.

б) Мувашшаҳи мубтадо (оғозшуда) чунон аст, ки калима ё ҳарфҳои тавшеҳ дар садр (рукни аввали мисраъи якум) ва ибтидо (рукни аввали мисраъи дуюм омада бошад). Азбаски, садру ибтидоро бо ҳам ҷамъ кардаанд, мувашшаҳи ҷомеъ низ меноманд.

в) Мувашшаҳи арӯзӣ (рукни мисраъи аввал) чунон аст, ки калима ва ҳарфҳои тавшеҳ фақат дар рукни охири мисраъи якум, яъне арӯз омадааст.

г) Мувашшаҳи муҷтамеъ (ҷамъшуда) чунон аст, ки калима ва ҳарфҳои тавшеҳ ҳам дар арӯз ва ҳам дар ибтидо омадаанд. Ин навъи мувашшаҳ хеле серистеъмол аст.

ғ) Мувашшаҳи мукаммал чунон аст, ки калимаи ва ҳарфҳои тавшеҳ дар оғози садру (рукни аввали мисраъи якум) ибтидо (рукни аввали мисраъи дуюм) ва охири арӯзу (рукни охири мисраъи якум) зарб (рукни охири мисраъи дуюм) омада бошанд. Ин навъи тавшеҳ аз серистеъмолтарин хелҳои мувашшаҳи совиҷ аст. Мисол:

Ба даври лолаи хумро[1] биё, доно, сӯи саҳро,
Бикаш хуш соғари саҳбо[2], барафрӯз он рухи зебо.
Шудем охир зи ҳиҷронат дилафсурда, биё ин ҷо,
Узори[3] оташин бинмо, фикан оташ ба ҷони мо.
Макун чандин ту истиғно, мапӯшон рух зи мо, ҷоно,
Ниқоб аз рух фикан боло, масӯз аз ғам дили моро.

Вазни ин ғазал Ҳазаҷи мусаммани солим (мафоъйлун-ҳашт бор дар як байт) буда, дар сурати бинои ҳамин ғазалро бар қофияҳои «ҷоно», «саҳро», «бинмо», «боло» гузоштан ғазали дигар ба вуҷуд меояд, ки вазнаш Ҳазаҷи мусаддаси солим «мафоъйлун - шаш бор дар як байт):

Ба даври лолаи хумро биё, ҷоно,
Сӯи саҳро, бикаш хуш соғари саҳбо.
Шудем охир зи ҳиҷронат дилафсурда,
Биё ин ҷо, узори оташин бинмо.
Макун чандин ту истиғно, мапӯшон рух
Зи мо, ҷоно, ниқоб аз рух фикан боло.

Калимаҳоеро, ки аз ғазали аввала боқӣ мондаанд, як ҷо як кунем, байти зерин дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси солим (шаш бар мафоъйлун - дар як байт) ба вуҷуд меояд:

[1] Хумро - сурх.

[2] Саҳбо –маи сурхтоб

[3] Узор – рухсор.



Барафрӯз он рухи зебо, фикан оташ
Ба ҷони мо, масӯз аз ғам дили моро.

Дар ҳолате ки ғазали якумро дар асоси қофияҳои «хумро», «саҳро», «ҷо», «ҷоно» ва бар вазни Ҳазаҷи мураббаъи солим (чор-бор мафоъйлун - дар як байт) табдил диҳем, яъне мисраъҳои тоқи онро ду тақсим намоем, ғазали зерин ба вуҷуд меояд:

Ба даври лолаи хумро
Биё, ҷоно, сӯи саҳро.
Шудем охир зи ҳиҷронат
Дилафсурда, биё ин ҷо.
Макун чандин ту истиғно,
Мапӯшон рух зи мо, ҷоно.

Агар бинои ғазали аввалро бар қофияҳои «хумро», «саҳро», «саҳбо» «зебо», «ҷо», «бинмо», «мо», «истиғно», «боло», «моро» гузорем. Яъне тамоми мисраъҳои ғазалро ду тақсим кунему ба шакли мураббаъи солими баҳри Ҳазаҷ гардонем, ғазали зерин ҳосил мешавал:

Ба даври лолаи хумро
Биё, ҷоно, сӯи саҳро.
Бикаш хуш соғари саҳбо,
Барафрӯз он рухи зебо.
Шудем охир зи ҳиҷронат
Дилафсурда, биё ин ҷо.
Узори оташин бинмо,
Фикан оташ ба ҷони мо,
Макун ту чандин истиғно.
Мапӯшон рух зи мо, ҷоно,
Ниқоб аз рух фикан боло,
Масӯз аз ғам дили моро.
Мафоъйлун / мафоъйлун
v - - -/ v - - -

Дар сурате, ки бинои байта аввали ғазали якумро дар асоси қофияҳои «ҷоно» ва «саҳбо» сохта, калимаҳои боқимондаи байти нахустинро ба байти дуюм, калимаҳои боқимондаи байти дуюмро ба байти сеюм, калимаҳои боқимондаи байти сеюмро ба аввали аввали байти чаҳорум илова кунем, ғазали зерин дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси солим (шаш бор мафоъйлун дар як байт) ба вуҷуд меояд:

Ба даври лолаи хумро биё, ҷоно,
Сӯи саҳро, бикаш хуш соғари саҳбо.

Барафрӯз он рухи зебо, шудем охир
Зи ҳиҷронат дилафсурда, биё ин ҷо.
Узори оташин бинмо, фикан оташ
Ба ҷони мо, макун чандин ту истиғно.
Мапӯшон рух зи мо, ҷоно, ниқоб аз рух
Фикан боло, масӯз аз ғам дили моро.

8.Мувашшаҳи м у ш а в в а ш (парешон) чунон аст, ки ҳарф ва калимаҳои тавшеҳ ба қонуне рост намеоянд ва махсуси ягон рукни байт нестанд. Ин навъи мувашшаҳ дар навбати худ панҷ қисм аст.

1. Мувашшаҳи муҷаззо(аз ҳам ҷудошуда) ва он чунон аст, ки калима ва ҳарфҳои тавшеҳ фақат дар ҳашви як мисраъ омадаанд.
2. М у в а ш шаҳи зулаҷзо (дорои чанд ҷузъ) чунон аст, ки калима ва ҳарфҳои тавшеҳ дар ҳашви ҳарду мисраъ омадаанд.
3. Мувашшаҳи муавваҷ (якнавохт, пайдарпай) чунон аст, ки калима ва ҳарфҳои тавшеҳ аз аввал то охири шеър, яъне ҳам дар мисраъи якум ва ҳам дар мисраъи дуюм ҷой гирад.

4.Мувашшаҳи мултавӣ (печида, печдарпеч) чунон аст, ки дар як байт калима ва ҳарфҳои ду тавшеҳи муавваҷ ҷой гирифта бошад. Ин навъи тавшеҳро тавшеҳи салбӣ (ба дор кашидашуда) низ гӯянд, зеро аз ҷиҳати шакл ба салиб (доре, ки ба ақидаи дини исавӣ, ҳазрати Исоро ба он овехтаанд), монанд аст. Дар ин ҷо низ ҳарф ва калимаҳои тавшеҳ гӯё ба ҳамдигар печида шудаанд.

5.Тавшеҳи муаммад (хаймаи серсутуна) чунон аст, ки дар он тавшеҳи мусаддар, тавшеҳи муҷтамеъ ва тавшеҳи муҷаззо ба ҳам омехта шудаанд.

9.Мувашшаҳи м у т а ш а к к и л (ташкилёфта) чунон аст, ки ҳарф ва калимаҳои тавшеҳ дар мавзӯъе эрод шуда бошад, ки аз он сурати чизе (мисли мурғ, дарахт ва ғ.) намоён мешавад. Мувашшаҳи мутташаккил анвоъи зиёд дорад. 1.Мувашшаҳи музаллаъ (қабурғасурат, гуногунпаҳлӯ) чунон аст, ки калима ва ҳарфҳои тавшеҳ аз хоначаҳои мураббаъшаклу мусаддасшакле берун ояд. Нигаред ба санъатҳои мураббаъ, мусаддас ва мусамман. 2. Мувашшаҳи мутайир (мурғсурат, паррандашакл) чунон аст, ки калима ва ҳарфҳои тавшеҳ ба сурати парранда нигошта бошанд. 3.Мувашшаҳи мушаҷҷар (дарахтсурат). Дар ин хусус дар фасли мувашшаҳи мушаҷҷар изҳори ақида карда шудааст. 4. Мувашшаҳи мураббаъ ҳамон аст, ки дар мавриди санъати мураббаъ гуфта шуд. Нигаред ба санъати мураббаъ. 5.Мувашшаҳи мудаввар низ ҳамон аст, ки дар мавриди санъати мудаввар баён карда шуд. 6. Мувашшаҳи муаққад. Дар ин хусус дар болотар изҳори ақида карда шудааст.



## МУДАВВАР

Мудаввар (дойирашакл, гирд), дар илми бадеъ аз ҷумлаи санъатҳои лафзии шеърро номанд. Мудаввар чунон аст, ки агар байт ё мисраъеро дар атрофи дойираи чорхона ё ҳаштхона нависанду аз ҳар хонаи дойирае ба хондани он сар кунанд, байт ё мисраъи дигар ба вуҷуд меоянд.

Мудаввар ду навъ аст.

1. Мудаввари м у ф р а д чунон аст, ки агар мисраъ ё байтеро мудаввар нависанд ва аз кадом рукне, ки хонанд, мисраъи нав ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид вазни шеър ва маънои он халал намеёбад. Мисол:

Мисраъе, ки дар атрофи ин дойра навишта шудааст, чунин аст:

Ай бевафо, раҳме бикун, баҳри Худо, бар ошиқон.

Дар натиҷаи пешу қафо кардани рукнҳои (калимаҳои) он мисраъҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

Раҳме бикун, баҳри Худо, бар ошиқон, ай бевафо,
Баҳри Худо, бар ошиқон раҳме бикун, ай бевафо.
Ай бевафо, баҳри Худо, раҳме бикун, бар ошиқон,
Бар ошиқон, ай бевафо, раҳме бикун, баҳри Худо.
Раҳме бикун бар ошиқон, ай бевафо, баҳри Худо,
Баҳри Худо, ай бевафо, раҳме бикун бар ошиқон.
Ай бевафо, бар ошиқон раҳме бикун, баҳри Худо,
Ай бевафо, раҳме бикун, баҳри Худо, бар ошиқон.
Ай бевафо, бар ошиқон, баҳри Худо, раҳме бикун,
Раҳме бикун, ай бевафо, бар ошиқон, баҳри Худо.
Раҳме бикун бар ошиқон, баҳри Худо, ай бевафо,
Баҳри Худо, раҳме бикун, ай бевафо, бар ошиқон.
Баҳри Худо, бар ошиқон, ай бевафо, раҳме бикун,
Бар ошиқон раҳме бикун, баҳри Худо, ай бевафо.
Бар ошиқон, баҳри Худо, раҳме бикун, ай бевафо,
Бар ошиқон, ай бевафо, баҳри Худо, раҳме бикун.
Раҳме бикун, баҳри Худо, ай бевафо, бар ошиқон,
Раҳме бикун, ай бевафо, баҳри Худо, бар ошиқон.
Баҳри Худо, раҳме бикун, бар ошиқон, ай бевафо,

Ай бевафо, баҳри Худо, бар ошиқон раҳме бикун.
Бар ошиқон раҳме бикун, ай бевафо, баҳри Худо,
Баҳри Худо, ай бевафо, бар ошиқон раҳме бикун.
Ай бевафо, раҳме бикун бар ошиқон, баҳри Худо,
Бар ошиқон, баҳри Худо, ай бевафо, раҳме бикун.

Чи тавре ки дидед, аз як мисраъ бисту чаҳор мисраъи дигар ба вуҷуд омад, ки ҳамааш дар як вазн-Раҷази мусаммани солим (мустафъилун - ҳашт бор дар як байт) навишта шудааст.

Ин навъ мудавварро аз ҷумлаи санъати а к с низ номидаанд. Ба қавли Рашиди Ватвот, мисраъе, ки дар санъати мудаввар эҷод шудааст, бозии кӯдаконро ба хотир меорад.

2.М удаввари ҷ о м е ъ чунон аст, ки агар шоир дар атрофи дойира мисраъеро ҷой диҳад, ҳангоми пешу қафо кардани ягон ҷузви он вазни мисраъ тағйир ёфта, баҳри нав ба вуҷуд меояд. Мисол:

Дар атрофи ин дойира авзони чаҳор баҳр ҷой дода шудааст. Агар аз калимаи «ёр» сар карда хонем, мисраъи: «Ёр зи ман дил рабуд, боз зи ман рух нуҳуфт» ба вуҷуд меояд, ки вазнаш Мунсареҳи мусаммани матвӣ мебошад ва ин тавр тақтеъ карда мешавад: муфтаъилун / фоъилоту / муфтаъилун / фоъилон (-vv-/-v-v / - v v - /- v - v ). Агар аз калимаи «дил» оғоз кунем, мисраъи: «Дил рабуд боз зи ман, рух нуҳуфт ёр зи ман» ба вуҷуд меояд, ки дар баҳри Муқтазаби мусаммани матвӣ эҷод шудааст. фоъилоту муфтаъилун / фоъилоту / муфтаъилун - - v- v /- v v - / - v- v/ - v v -). Агар аз калимаи «зи» сар кунему хонем, мисраъи: «Зи ман рух нухуфт ёр, зи ман дил рабуд боз ҳосил мешавад, ки вазнаш Музореъи мусаммани макфуф ё макфуфи максур (мафоъӣлу /фоъилоту /мафоъӣлу / фоъилоту ё фоъилот v- - v/-v - v/v - v / - v - v ё - v ~) мебошад. Агар аз калимаи «рабуд» хонем, мисраъи: «Рабуд боз зи ман дил, нуҳуфт ёр зи ман рух» ба вуҷуд меояд, ки вазнаш Муҷтасси мусаммани махбун (мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун / фаъилотун v - v - / vv- - / v - v - / v v- ) аст. Агар аз калимаи «рух» сар кунему хонем, мисраъи: «Рух нуҳуфт ёр зи ман, дил рабуд боз зи ман» ба вуҷуд меояд, ки вазнаш Муқтазаби мусаммани матвӣ ( фоъилоту / муфтаъилун / фоъилоту / муфтаъилун - v - v/-vv/ - v -v/-vv-) аст. Дар сурати аз калимаи «зи» сар карда хондан мисраъи: «Зи ман дил рабуд, боз зи ман рух нуҳуфт ёр» ҳосил мешавад дар вазни Музореъи мусаммани макфуф ё макфуфи максур (мафоъӣлу/фоъилоту/мафоъӣлу /фоъилоту ё фоъилон v--v/-v-v/v--v/-v-v ё -v ~ ). Ҳамин тариқ, дар натиҷаи пешу қафо кардани калимаҳои



мисраъи дойра мисраъҳои зерин ба вуҷуд меоянд, ки ҳар кадом дар авзони алоҳида эҷод шудааст:

Ёр зи ман дил рабуд, боз зи ман рух нуҳуфт.
Дил рабуд боз зи ман, рух нуҳуфт ёр зи ман.
Зи ман рух нуҳуфт ёр, зи ман дил рабуд боз.
Рабуд боз зи ман дил, нуҳуфт ёр зи ман рух.
Рух нуҳуфт ёр зи ман, дил рабуд боз зи ман.
Зи ман дил рабуд, боз зи ман рух нуҳуфт ёр.
Зи ман ёр дил рабуд, зи ман боз рух нуҳуфт.
Нуҳуфт ёр зи ман рух, рабуд боз зи ман дил.
Рабуд дил ёр зи ман, нуҳуфт рух боз зи ман.
Нуҳуфт боз зи ман рух, рабуд боз зи ман дил.
Ёр зи ман рабуд дил, боз нуҳуфт зи ман рух.
Ёр зи ман рух нуҳуфт, боз зи ман дил рабуд.
Нуҳуфт рух ёр зи ман, рабуд дил боз зи ман.
Дил зи ман ёр рабуд, рух зи ман боз нуҳуфт.
Рух зи ман ёр нуҳуфт, дил зи ман боз рабуд.
Рух нуҳуфт зи ман ёр, дил рабуд зи ман боз.

ва бо ҳамин тартиб боз чандин мисраъи нав сохтан мумкин аст.

## МУДАХХАЛ

Мудаххал (ҳамроҳшуда, далолатшуда, шарикшуда), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои лафзиро номанд. Мудаххал байте ё шеърест, ки дар таркиби ҳарфҳои решаи қофияи он ҳарфи д а х и л омада бошад. Азбаски ҳарфҳои таъсису дахил дар қофияи шеър бе ҳам намеоянд, дар эҷодиёти шоирон ин навъи санъат чун мутаъссас хеле кам аст.

Мисол:

Бас қомати хуш, ки зери чодар бошад,
Чун боз кунӣ, модари модар бошад.

мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлун/ фаъ
- - v/ v –v -/ v - - - /-

Байти фавқ, дар асл ду мисраи рубоист (вазнаш Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар (ҳашви якуми мисраи дуюм – макфуф), калимаҳои «чодар»-у «модар» қофия, ҷузви «-одар» решаи қофия, ҳарфи «о» таъсис, ҳарфи «д» дахил, садоноки «а» ишбоъ ва ҳарфи «р» равии муқайяд мебошад. Чи тавре ки мебинед, дар решаи қофия ҳарфҳои таъсису дахилу равии муқайяд омаданд, бинобар ин,

санъатҳои лафзиаш мутаъссасу мудахҳалу мураддафанд (зеро байт радиф дорад).

## МУҚАЙЯД

Муқайяд (ба қайд афтода, банд кардашуда, бо занҷир бастушуда), дар илми бадеъи классикӣ номи яке аз санъатҳои лафзиро гӯянд. Муқайяд байтест ё шеърест, ки дар решаи қофияи он ҳарфи қайд омада бошад. Дар эҷодиёти шоирон ин навъи санъат хеле зиёд дида мешавад. Мисол:

Золимеро хуфта дидам ними рӯз,
Гуфтам, ин фитна-ст, хобаш бурда беҳ.
В-он ки хобаш беҳтар аз бедорияст,
Ончунон бадзиндагонӣ мурда беҳ.
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун (фоъилон)
- v - -/ - v - -/ - v- (- v ~)

Дар қитъаи боло, ки вазнаш Рамали мусаддаси маҳзуф (зарби ҳар ду байт – мақсур) аст, калимаҳои «бурда»-ю «мурда» қофия, чузви «-урда» решаи қофия, садоноки «у» ҳазв, ҳарфи «р» қайд, ҳарфи «д» равии мутлақ ва ҳарфи «а» васл мебошад. Азбаски решаи қофияи ин қитъа ҳарфи қайд дорад, онро қитъаи муқайяд ё шеъри муқайяд мегӯянд. Мисоли дигар:

Ба нони хушк қаноат кунему ҷомаи далқ,
Ки бори меҳнати худ беҳ, ки бори миннати халқ.
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилон
V –v -/ v v - -/ v – v-/ v v~

Дар байти фавқ (вазнаш Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур) калимаҳои «далқ»-у «халқ» қофия, чузви «-алқ» решаи қофия, садоноки кӯтоҳи «а» ҳазв, ҳарфи «л» қайд ва ҳарфи «қ» равии муқайяд аст, бинобар ин, байтро байти муқайяд номидан мумкин аст.

## МУҚАТТАЪ

Муқаттаъ (пора-пора, буридашуда, қатъ кардашуда), дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои санъати лафзист. Агар шоир ҳангоми эҷоди шеър калимаҳоеро интихоб кунад, ки ҳарфҳои он дар вақти навиштан ба ҳуруфи арабӣ ба ҳам пайваст нашаванд, санъати бадеъии онро муқаттаъ номанд. Ба таври дигар гӯем, тамоми ҳарфҳои калимаҳои байтҳо аз ҳам ҷудо бояд бошанд. Мисол:

Рухи зард дорам зи дурии он зар,
Зада доғу дардам даруни дил озар. (Ҷомӣ).



фаъӯлун/фаъӯлун/фаъӯлун/фаъӯлун
v - -/v - -/v - -/v - -

Мисоли дигар:

Зани дузду дурӯғзанро зан
В-ар равад дуду додаш аз равзан (Рашиди Ватвот)
фоъилотун/мафоъилун/фаълун
- v - -/v - v - / - -

Мисоли дигар:

Зору зардам зи дарди он дилдор,
Дарди дилдор зор дораду зард.
фоъилотун/мафоъилун/фаъилон
- v - -/v - v - / v v ~

Ба ақидаи баъзе донишмандони илми адаб, муқаттаъ мисли санъатҳои лафзии *восеъушшафатайну тавсил* ба шоирон имконият намедиҳанд, ки маънoҳои баланду олиро дар қолаби назм ифода кунанд.

Муаллифи “Зебоиишиносии шеъри форсӣ” - Фотима Покрӯ муқаттаъро яке аз анвоъи санъатҳои э ъ н о т ва и л т и з о м (лозими нолозим) меҳисобад.

Муаллифи “Арӯсони сухан” - Ҳушманди Исфандиёрпур муқаттаъро м у н ф а с с и л х у р у ф низ номидааст.

## МУЛАММАЪ

Муламмаъ (равшан кардан, дурахшон, ба маънии рангоранг, ҳайвони гулдор ва ало ё холдор низ омадааст), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз навъҳои санъати лафзиро гӯянд. Муламмаъ чунон аст, ки шоир шеъре мегӯяд, ки як мисраъ ё байти он ба забони форсӣ - тоҷикӣ ва мисраъ ё байти дигараш арабӣ бошад. Мисол аз шоир Бадеъи Балхӣ:

Бад-он мангар, ки май манъ аст, май хӯр,
Ливактил варди шурбул хамри ҷоиз.
Ба ёди сайиди ҳаррони олам
Абӯ Яҳё- л-лази яҳя биҳил ғизз.

Тарҷумаи мисраъи дуюм ва чаҳорум, мазмунан:

Нӯшидани шароб ба вақти гул равост,
Абӯ Яҳё, ки ба ӯ бузургӣ зинда шавад.

Дар ин шеъри Рашиди Ватвот як байт ба забони тоҷикӣ ва байти дуюм ба забони арабист:

Худовандо, туро дар комронӣ
Ҳазорон сол бодо зиндагонӣ.
Ваккаллоҳу найибота-л-лайолӣ,
Васаннак мин мулиммот- аз-замонӣ.
Ту он садрӣ, ки аз садри ту ёбанд
Ҳама арбоби дониш комронӣ.
Ҷанобак, равзатулиқболи тузрӣ,
Атобуҳо биравҷоти-л-ҷинонӣ.
мафоъӣлун/мафоъӣлун/фаъӯлун
v - - -/v - - -/ v - -

Тарҷумаи байтҳои арабӣ, мазмунан:

Туро раҳнамоӣ кунад дар шабҳо,
Нигаҳ дорад аз ранҷҳои замонӣ.
Ҳазрати ту ҷаноби иқбол аст,
Ки бар боғҳои ҷаннат пешдастӣ мекунад.

Ашъори дузабонии тоҷикӣ ва туркӣ (ӯзбекӣ)-ро ҳам муламмаъ ва дар урфи аҳли адаб ш и р у ш а к а р гуфтаанд. Намунаи шеъри ширу шакар аз шоир Фаёзи Хуҷандӣ:

Ул Фузулӣ, ки афсаҳои даврон
Табъи эрди мисоли оби равон.
Шуаро ичра эрди донишманд,
Манга булди бу икки байт писанд:
«Сарваро, гардиши сипеҳри кабуд,
Дойим ӯлмас мувофиқи мақсуд.
Боғламас ҳар шукуфа меваи тар,
Аксари битмучи ёринда табар».
Гар муяссар нашуд туро мақсад,
Хотиратро малолате нарасад.
фоъилотун/мафоъилун/ фаъилун
-v - -/ v –v -/ v v –

## МУНАЙЯР

Мунайяр (шуъладор, оташдор, гурезанда), дар илми бадеъи классикӣ номи яке аз санъатҳои лафзист, ки ба илми қофия ҳамбастагӣ дорад. Агар дар таркиби решаи қофияи байте ё шеъре ҳарфи н о й и р а омада бошад, он байтро (шеърро) б а й т и м у н а й я р меноманд. Санъати мунайяр дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик бениҳоят камистеъмол аст, зеро худи нойира ҳамчун ҳарфи охирини решаи қофия дар шеър кам иштирок мекунад. Мисол:



Суол кардаму гуфтам: «Ҷамоли рӯйи туро
Чӣ шуд, ки мӯрча бар гирди моҳ ҷӯшидаст»?
Ҷавоб дод: «Надонам, чӣ буд рӯямро,
Магар ба мотами ҳуснам сиёҳ пӯшидаст».
мафоъилун / фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилун
v –v -/ v v- -/ v – v -/ v v –

Вазни қитъа Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (зарби ҳар ду байт – аслами мусаббағ, арӯзи байти дуюм – аслам) буда, калимаҳои «ҷӯшидаст»-у «пӯшидаст» қофия, ҷузвҳои «-ӯшидаст» решаи қофия, ҳарфи «ӯ» ридфи муфрад, ҳарфи «ш» равии мутлақ, ҳарфи «и» васл, ҳарфи «д» хурӯҷ, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз, ҳарфи «с» мазид ва ҳарфи «т» нойира мебошад. Илова бар ин, дар ин қитъа боз калимаҳои «моҳ»-у «сиёҳ» ҳамқофияанд, яъне дар ин қитъа ду қофия иштирок дорад. Ғайр аз ин, дар ин қитъа боз 10 санъати маънавию лафзии таносуби сухан (муроотунназир), ташхис, истиора, иқтифо (зуқофиятайн), мувассал, мурдаф, музайяд, тазод ва муқобала ба кор бурда шудааст, ки албатта аз истеъдоди фавқулоддаи соҳибаш гувоҳӣ медиҳад. Барои ҳамин, «бар ройи равшани соҳибдилон пӯшида намонад, ки дурри мавъизаҳои шофиро дар силки иборат кашидааст ва доруи талхи насиҳат ба шаҳди зарофат баромехтааст».

## МУРАББАЪ

Мурраббаъ (чоркунҷа, чоргона), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои лафзиро гӯянд. Мурраббаъ шеърест, ки аз чаҳор ё ҳашт мисраъ иборат буда, ҳар мисраъ ё байт ба чаҳор пора тақсим мешавад. Агар ин чаҳор пораро дар хоначаҳо алоҳида навишта, хоҳ аз паҳлуи чап ба паҳлуи рост, хоҳ аз боло ба поён хонем, боз ҳамон мисраъ ё байт ба вуҷуд меояд. Мисол:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Ай бути зебо, | офати ҷонӣ | ай маҳи раъно | ҷону ҷаҳонӣ |
| | Офати ҷонӣ | роҳати рӯҳӣ | оби ҳаётӣ | сарви равонӣ |
| | Ай маҳи раъно | оби ҳаётӣ | шоҳи наботӣ | шӯхи замонӣ |
| | Ҷону ҷаҳонӣ | сарви равонӣ | шӯхи замонӣ | рӯҳи равонӣ |

Ё ин ки:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дил волаю | ҳайрони ту | бинам | Ҷоно |
| 2 | Ҳайрони ту | офтоби | рӯят | бинамо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3 | Бинам | рӯят | чу оварӣ | рӯй ба мо |
| 4 | Ҷоно | бинамо | рӯй ба мо | бахри Худо |

Мисоли дигар:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дар фурқати | он дилбар | ман доим | беморам |
| 2 | Он дилбар | к-аз ишқаш | бодардам(у) | бедорам |
| 3 | Ман доим | бодардам (у) | бемӯнису | Беёрам |
| 4 | Беморам (у) | бедорам | беёрам (у) | ғамхорам |

Агар мураббаъ аз чаҳор мисраъ иборат бошад, ҳангоми дар хоначаҳои алоҳида ҷой додан баробарии рукнҳо на ҳама вақт ба назар гирифта мешавад. Миқдори ҳиҷоҳои хоначаҳои якуми мисраъи аввали мураббаъи дуюм чор ҳиҷо, дар хоначаи дуюм низ чор ҳиҷо, дар хоначаи сеюму чорум духиҷой ҷой гирифтаанд. Дар мураббаъи аввал бошад ягонагии рукнҳо ба эътибор гирифта шудааст. Дар ҳар хонача рукни муфтаъилотун (- v v -) омадааст.

Дар сурате, ки мураббаъ аз ҳашт мисраъ иборат бошад, дар ҳар хонача ним мисраъ ғунҷонида мешавад, ки дар ин ҳолат низ миқдори рукнҳои хоначаҳои мураббаъ баробаранд. Мисол:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Нигорино, бигӯ бо ман | Чаро чандин ҷафо кардӣ | Намудӣ меҳру дил бурдӣ | Чаро тарки вафо кардӣ? |
| | Чаро чандин ҷафо кардӣ | Чӣ мегӯӣ «ба ту ёрам» | Чаро тарки вафо кардӣ | Ба мо гар ту сафо кардӣ? |
| | Намудӣ меҳру дил бурдӣ | Чаро тарки вафо кардӣ | Ба лутфам ҷон чу бахшидӣ | Чаро қасди фано кардӣ? |
| | Чаро тарки вафо кардӣ? | Ба мо гар ту сафо кардӣ? | Чаро қасди фано кардӣ? | Ба мо чун ҷон ато кардӣ? |

Санъати мураббаъ бо номҳои м у т а р р а ф, м у з а л л а ъ, т а р с е ъ (чаҳор сӯ кардан) ва ч о р х о н а низ ёд мешавад. Дар илми арӯз байтеро мураббаъ мегӯянд, ки аз чаҳор рукн иборат бошад. Яке аз навъҳои мусаммат низ мураббаъ ном дорад. Мусаммате, ки ҳар бандаш аз чаҳор мисраъ сохта шудааст, мусаммати мураббаъ ном дорад.



## МУРАДДАФ

Мураддаф (ду ё якчанд чиз, ки дар паҳлуи ҳам ё паси ҳам воқеъ шудаанд, ҳамсаф, ҳамсафар). Инчунин, касеро гӯянд, ки дар асп ё хар баъди ҷилавдор савор шуда бошад. Ба маънои истилоҳӣ калима ё ибораеро гӯянд, ки баъди қофия аз аввал то охири шеър такрор биояд, дар илми бадеъ номи яке аз санъатҳои лафзист. Яъне мураддаф шеърест, ки шоир баъди қофияи он р а д и ф оварда бошад. Дар ашъори Рӯдакӣ ин навъи санъат хеле зиёд истифода шудааст. Қасидаи машҳури Рӯдакӣ – "Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме" дар асоси ҳамин санъати шеърӣ эҷод шудааст. Чанд байти он:

Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,  
Ёди ёри меҳрбон ояд ҳаме.  
Реги Омуву дурруштӣ роҳи ӯ  
Зери поям парниён ояд ҳаме.  
фоъилотун/фоъилотун/фоъилун  
- v - -/ - v - -/ -v -

Дар ин қасида, ки ҳамагӣ чордаҳ мисраъи он то замони мо расидааст, калимаҳои "ояд ҳаме" радиф аст ва санъати шеърии мураддаф.

Мисоли дигар:

Малико, ҷашни Меҳргон омад,  
Ҷашни шоҳону хусравон омад!  
Хаз ба ҷойи мулҳаму хироҳ,  
Бадали боғу бӯстон омад.  
фаъилотун / мафоъилун / фаълун  
v v – – / v – v – / – –

Дар ин ду байт (вазнаш Хафифи мусаддаси махбуни аслам) калимаи "омад" радиф буда, санъати бадеъии он мураддаф аст.

## МУРДАФ

Мурдаф (пайи ҳам даромадан, чизест, ки аз паси чизи дигар дарояд. Дар илми бадеъ номи яке аз санъатҳои лафзист. Мурдаф гуфта байте ё шеъреро мегӯянд, ки дар решаи қофияи он ҳарфи р и д ф омада бошад. Рӯдакӣ аз ҷумлаи нахустин шоирони форс-тоҷик аст, ки ин санъати шеъриро хеле хуб истифода кардааст. Мисол:

Шод зӣ бо сиёҳчашмон шод,  
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод!  
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон

- v - -/ v – v-/ - ~

Дар ин байт (вазнаш - Хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббаѓ) калимаҳои “шод” ва “бод” қофия, ҷузви “-од” решаи қофия буда, ҳарфи “д” р а в и и м у қ а й я д, ҳарфи “о” р и д ф и м у ф р а д аст ва санъати шеърии он мурдаф.

Мисоли дигар:

Рӯдакӣ чанг баргирифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт.
фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилон
- v - -/ v – v-/ v v ~

Дар ин байт (вазнаш - Хафифи мусаддаси махбуни мақсур, зарб аслами мусаббаѓ) калимаҳои “навохт” ва “андохт” қофия, ҷузви “-охт” решаи қофия буда, ҳарфи “т” р а в и и м у қ а й я д, ҳарфи “о” р и д ф и м у ф р а д, ҳарфи “х” р и д ф и м у р а к к а б, санъати бадеъии он мурдаф аст.

Дар эҷоди шоирон ин навъи санъат хеле зиёд аст, чунки дар таркиби решаи қофияҳои шеърҳо ҳарду навъи ридф (ридфи муфрад ва ридфи мураккаб) хеле зиёд аст. Мисол:

Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯл
v - -/ v - -/ v - -/ v~

Дар ин байт, ки вазнаш Мутақорибби мусаммани мақсур аст, калимаҳои «рӯзгор»-у «қарор» қофияҳои онро ташкил медиҳанд. Дар ҳарду қофия ҷузви «-ор» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «р» равии мукайяд мебошад. Мисол аз насри «Гулистон»:

«Подшоҳе бо ғуломи аҷамӣ дар киштӣ нишаст ва ғулом дигар дарё надида буд ва роҳати киштӣ наёзмуда. Гиряву зорӣ дарниҳод ва ларза бар андомаш уфтод».

Дар ин ду ҷумла калимаҳои «надида»-ю «наёзмуда» ва «дарниҳод»-у «уфтод» муқаффоанд. Решаи қофияҳои якум «-ида» (-уда) ва решаи қофияҳои дуюм «-од» мебошанд, ки дар ҳарду қофия ҳарфҳои «ӣ» (у) ва «о» ридфи муфраданд. Мисоли дигар:

Шахсе ҳама шаб бар сари бемор гирист,
мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлу/ фаъӯл
- -v/ v - -v/ v- -v/ v ~
Чун рӯз омад, бимурду бемор бизист.
мафъӯлун/ фоъилун/ мафоъӣлу фаъӯл
- - -/ - v -/ v - -v/ v~



Дар байти фавқ, ки дар вазни рубоӣ (Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам (ибтидо –ахрам, ҳашви якуми мисраи дуюм – аштар) суруда шудааст, калимаҳои «гирист»-у «бизист» қофия, ҷузви «-ист» решаи қофия буда, ҳарфи «ӣ» ридфи муфрад (аслӣ), ҳарфи «с» ридфи мураккаб (зоид) ва ҳарфи «т» равии мукайяд мебошад.

Мураддаф ва мурдаф дар хатти арабӣ як хел навишта мешавад, агар касе аз нозукиҳои ин санъатҳои шеърӣ (м у р а д д а ф ва мурдаф) бохабар бошад, ҳангоми хондан ва веросторӣ кардан ба иштибоҳ роҳ намедиҳад. Агар байт радиф дошта бошад, санъати шеърии онро м у р а д д а ф (яъне радифдор) ва агар дар решаи қофияи он ҳарфи ридф (хоҳ ридфи муфрад, хоҳ ридфи мураккаб) омада бошад, санъати бадеъии онро мурдаф меноманд.

Агар байт ҳам ҳарфи р и д ф ва ҳам р а д и ф дошта бошад, пас дар он ҳам санъати мурдаф ва ҳам санъати м у р а д д а ф омадааст.

Бефоида ҳар ки умр пардохт,
Чизе нахариду зар бияндохт.
мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣл
- -v/ v –v -/v – ~

Дар ин фард, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур суруда шудааст, калимаҳои «пардохт»-у «бияндохт» қофия, ҷузви «-охт» решаи қофия буда, садоноки «о» ридфи муфрад, ҳарфи «х» ридфи мураккаб, ҳарфи «т» равии мутлақ мебошад. Азбаски дар таркиби решаи қофия ҳарфи ридф (ҳам ридфи муфрад ва ҳам ридфи зоид) омадааст, санъати бадеии он мурдаф аст.

Дар байти боло санъати лафзии э ъ н о т (лузуми молоялзам) низ вуҷуд дорад.

Мисоли дигар:

Гар санг ҳама лаъли Бадахшон будӣ,
Пас, қимати лаълу санг яксон будӣ.
мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлун/ фаъ
- -v/ v - -v/ v - - -/ -

Байти фавқ дар яке аз авзони рубоӣ – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар суруди шуда, калимаҳои «Бадахшон»-у «яксон» қофия ва калимаи «будӣ»-и ҳар ду мисраъ радиф мебошанд. Ҷузви «-он»-и ҳар ду калимаи қофия решаи қофия буда, ки садоноки «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии мукайяд аст. Азбаски дар ин байт ҳам ридф омадасту ҳам радиф (будӣ), санъати бадеии он мурдаф ва мураддаф аст. Ниг. низ ба санъати *мураддаф*.

Мисоли дигар:

Нек саҳл аст, зинда бечон кард,
Куштаро боз зинда натвон кард.
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон
- v - -/ v – v-/ - ~

Байти боло аз як маснавии хурди «Гулистон» буда, дар вазни Хафифи мусаддаси махбуни асламии мусаббағ суруда шудааст. Калимаҳои «бечон»-у «натвон» қофия, калимаи «кард»-и ҳарду мисраъ радиф буда, ҷузви «-он» -и калимаҳои қофия решаи қофия мебошад, ки ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии муқайяд аст. Азбаски дар ин байт ҳам ридф ва ҳар радиф омадааст, санъати бадеии он мурдафи мураддафанд.

## МУСАДДАС

Мусаддас (шашгона, шашрукна), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои бадеъии лафзиро гӯянд. Мусаддас низ монанди байтҳои *мураббаъ* сохта ва хонда мешавад ва бо ҳаҷми худ, ки аз шаш байт иборат аст, аз он фарқ мекунад. Шарти асосии ин санъат чунон аст, ки шоир шаш мисраъ ё шаш байтро тарзе мегӯяд, ки агар калимаҳои ҳар мисраъ ё байтро ба шаш қисм ҷудо карда, ҳар қисмро дар хоначаҳои алоҳида нависему ҳам аз арзу ҳам аз тӯл (яъне ҳам аз чап ба рост ва ҳам аз боло ба поён) хонем, боз ҳамон шаш мисраъ ё шаш байт ҳосил мешавад. Мисол:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дорад дилам | аз ҳаҷри ту | беҳад алам | бинмой рух | ай бевафо | бас кун ситам |
| | Аз ҳаҷри ту | ранҷу алам | то кай кашам | баҳри Худо | як дам биё | ай мухташа м |
| | Беҳад алам | то кай кашам | аз ҷаври ту | лутфе намо | то кай ҷафо | гаштам адам |
| | Бинмой рух | баҳри Худо | лутфе намо | охир биё | ба ҳар фиғон | даркаш қалам |
| | Ай бевафо | як дам биё | то кай ҷафо | бар ҳар фиғон | даркаш қалам | ту аз карам |
| | Бас кун ситам | ай мухташа м | гаштам адам | даркаш қалам | ту аз карам | охир ба ғам |

Дар мусаддаси боло баробарии рукнҳо риоя шудааст. Шеъри боло, ки дар асоси санъати мусаддас эҷод гардидааст, аслан як ғазали



шашбайта буда, дар баҳри Раҷази мусаддаси солим (мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун ду бор) эҷод шудааст ва чи тавре ки мебинед, дар ҳар хонача рукни мустафъилун (- - v -) ҷой гирифтааст. Агар шеърро ба асли худ баргардонем, ин шаклро мегиранд:

Дорад дилам аз ҳаҷри ту беҳад алам,
Бинмой рух, ай бевафо, бас кун ситам.
Аз ҳаҷри ту ранҷу амал то кай кашам?
Баҳри Худо, як дам биё, ай мухташам!
Беҳад алам то кай кашам аз ҷаври ту,
Лутфе намо, то кай ҷафо, гаштам адам?
Бинмой рух, баҳри Худо, лутфе намо,
Охир биё, бар ҳарфи ғам даркаш қалам!
Ай бевафо, як дам биё, то кай ҷафо?
Бар ҳарфи ғам даркаш қалам ту аз карам.
Бас кун ситам, ай мухташам, гаштам адам!
Даркаш қалам ту аз карам охир ба ғам.
мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун
- - v -/- - v -/- - v -

Вазни ғазали боло Раҷази мусаддаси солим буда, калимаҳои а л а м, с и т а м, м у х т а ш а м, а д а м, қ а л а м, к а р а м ва ғ а м қофияи онро ташкил медиҳанд.

Дар ин қофияҳо ҷузви “-ам” решаи қофия буда, ҳарфи “м” равии муқайяд ва садоноки “а” тавҷеҳ мебошад.

## МУСАММАН

Мусамман (ҳаштхона, ҳаштгӯша, ҳаштгой, ҳаштрукна), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои лафзиро гӯянд. Мусамманро баъзе донишмандони илми бадеъ ҳ а ш т х о н а ё ҳ а ш т и д а р ҳ а ш т низ меноманд.

Мусамман монанди м у р а б б а ъ сохта мешавад, аммо мувофиқи талаботи ин санъат шоир шеъри ҳаштмисраъгӣ ё ҳаштбайтиро ба ҳашт рукн ҷудо карда, ҳар рукнро дар ҳашт хона тарзе ҷой медиҳад, ки ҳам аз арзу тӯл (яъне ҳам аз чап ба рост ва ҳам аз боло ба поён) хонем, боз ҳамон ҳашт мисраъ ё ҳашт байт ҳосил мешавад. Мисолҳо аз Низомии Ганҷавӣ:

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Малик хоқон | шаҳи Шарвон | ҷаҳон-доре | фарид-унфар | ҳунар-манде | қави-толеъ | Худо-ванде | бузург-афсар |
| Шаҳри Шарвон | Ҷалол-уддин | ҳифози Ҳақ | ба ҳар шуғле | ки хон-андаш | қавир ое | ба ҳар рӯе | баланд-дахтар |
| Ҷаҳон доре | ҳифози Ҳақ | Накауҳ ду | наку-паймон | сахи-дасту | сухан-дону | ҷаҳон-бахше | ҷаҳон-довар |
| Фарид -унфар | ба ҳар шуғле | наку-паймон | наку-сират | ҷавон-давлат | сахо-пеша | фалак-рифъат | малик-ёвар |
| Ҳунар-манде | ки хо-нандаш | сахи-дасту | ҷавон-давлат | карам-хулқе | ки чун ӯе | набошад кас | карам-густар |
| Қави-толеъ | Қавирое | сухан-дону | сахо-пеша | ки чун ӯе | ба олам дар | ҳам ӯ бошад | сахо-парвар |
| Худо-ванде | ба ҳар рӯе | ҷаҳон-бахше | фалак-рифъат | набошад кам | ҳам ӯ бошад | назири ӯ | ба ҳар кишвар |
| Бузург -афсар | балан-дахтар | ҷаҳон-довар | малик -ёвар | карам-густар | сахо-парвар | ба ҳар кишвар | ҷуз ӯ машмар |

Мусаммани боло, аслан ғазали мадҳиест, ки Низомии Ганҷавӣ дар мадҳи Ҷалолуддини Шарвоншоҳ суруда буд. Азбаски, ин ғазал дар асоси санъати мусамман эҷод шудааст, шоир кӯшидааст, ки дар ҳар хоначаи он як рукнро (рукни мафоъӣлун) ҷой диҳад. Агар мусаммани болоро ба асли худ баргардонем, ин шаклро мегирад:

Малик-хоқон, шаҳи Шарвон, ҷаҳондоре, фаридунфар,
Ҳунарманде қавитолеъ, Худованде бузургафсар.
Шаҳи Шарвон Ҷалолуддин ҳифози Ҳақ ба ҳар шуғле,
Ки хонандаш қавирое ба ҳар рӯе баландахтар.
Ҷаҳондоре, ҳифози Ҳақ, накуаҳду накупаймон.
Сахидасту сухандону ҷаҳонбахше ҷаҳондовар.
Фаридунфар ба ҳар шуғле, накупаймон, накусират,
Ҷавондавлат, сахопеша, фалакрифъат, маликёвар.
Ҳунарманде, ки хонандаш сахидасту ҷавондавлат,



Карамхулқе, ки чун ӯе набошад кас карамгустар.
Қавитолеъ, қавирое, сухандону сахопеша,
Ки чун ӯе ба олам дар ҳам ӯ бошад сахопарвар.
Худованде ба ҳар рӯе, ҷаҳонбахше фалакрифъат,
Набошад кам, ҳам ӯ бошад назири ӯ ба ҳар кишвар.
Бузургафсар, баландахтар, ҷаҳондовар, маликёвар,
Карамгустар, сахопарвар ба ҳар кишвар ҷуз ӯ машмар.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун
v - - -/v - - -/v - - -/v - - -

Чи тавре ки дидед, вазни ғазали боло Ҳазаҷи мусаммани солим буда, калимаҳои ф а р и д у н ф а р , б у з у р г а ф с а р, б а л а н д а х т а р , ҷ а ҳ о н д о в а р, м а л и к ё в а р, к а р а м г у с т а р, с а х о п а р в а р, к и ш в а р ва м а ш м а р ба вазифаи қофия омадаанд. Дар ин калимаҳои қофия ҷузви "-ар" решаи қофия буда, ҳарфи "р" р а в ӣ ва садоноки "а" т а в ҷ е ҳ мебошад, худи қофия бошад, қофияи м у қ а й я д аст, зеро баъди ҳарфи р а в ӣ (р) ҳарфи дигаре наомадааст.

Мусамман ҳамчун истилоҳи адабиётшиносӣ дар илмҳои арӯз ва анвоъи шеърӣ низ дучор меояд. Байте, ки дар он ҳашт рукн омадааст, байти мусамман ва мусаммате, ки ҳар банди он аз ҳашт мисраъ иборат аст, мусаммати мусамман меноманд.

## МУСАММАТ

Мусаммат (ба ришта кашидани марворид), дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои санъати лафзиро гӯянд. Аслан мусаммат аз калимаи арабии самт- шада, риштаи ҷавоҳир гирифта шудааст. Мусаммат дар адабиёт, асосан, чун навъи шеър машҳур аст. Аммо муаллифи "Тарҷумон-ул-балоға" – Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, муаллифи "Ҳадоиқ-ус-сеҳр" – Рашиди Ватвот, муаллифи «ал-Муъҷам" муаллифи Қайси Розӣ, муаллифи "Бадоеъ-ул-афкор" -Ҳусайн Воъизи – Шамси Қайси Розӣ, муаллифи "Бадоеъ-ул-афкор" -Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ва диг. мусамматро ҳамчун санъати шеърӣ донистаанд. Масалан, Ҳусайн Воъизи Кошифӣ дар мавриди мусаммат менависад: "Аввал он, ки ҳар ҷузъ аз аҷзои (ҷузвҳои ) мусаммат баъзе бошад аз баҳри асл, яъне мисроеъ тамом набошад, чунончи, дар мурабба̄ъ баҳри асл, яъне мисроеъ тамом набошад, чунончи, дар мураббаъ гуфтаанд:

Маҳмил бидор, ай сорбон, тунди макун бо корвон,
К-аз ишқи он сарви равон гӯйӣ равонам меравад.
Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъи сухан,
Ман худ бо чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.

Ва наздики афозили (донишмандони) Аҷам (форс-тоҷик) ин навъи мураббаъ аз қабили мусаммат нест, балки аз ақсоми (қисмҳои) мусаҷҷаъ аст" (22, 61).

Ҳамин тариқ, мусаммат ҳамчун санъати шеърӣ чунон, ки шоир шеъре бигӯяд, ки ҳар байти он ба чаҳор қисм тақсим шавад ва дар охири се қисм саҷъ нигоҳ дораду дар қисми чорум қофияи аслиро биорад.

Мисол: аз Муиззӣ:

Рабъ аз дилам пурхун кунам, атлолро Ҷайҳун кунам,
Хоки даман гулгун кунам аз оби чашми хештан.
Аз рӯйи ёри хиргаҳӣ айвон ҳамебинам тиҳӣ
В-аз қадди он сарви сиҳӣ холӣ ҳамеёбам чаман.
Бар ҷойи ратлу ҷоми май гӯрон ниҳодастанд пай,
Бар ҷойи он чангу нюю най овози зоғ асту заған.
Он ҷо, ки буд он дилситон, бо дӯстон дар бӯстон,
Шуд гургу рубаҳро макон, шуд гӯру каргасро ватан.
мустафъилун/мустафъилун/мустафъиун/мустафъилун
- -v -/- -v -/ - - v -/ - -v –

Мусаммат дар баъзе китобҳои бадеъ бо номи *тасмит* низ машҳур аст.

## МУТАЛАВВИН

Мусамман ( ранг ба ранг, рангоранг, гуногунранг), ба маънои истилоҳӣ номи яке аз санъатҳои лафзист. Муталаввин бо номҳои т а лаввун (ранг ба ранг шудан), мулавван (рангоранг, ранг кардашуда; гуногунранг), зубаҳрайн (дорои ду баҳр), з у б у ҳ у р (дорои чанд баҳр) низ машҳур аст. Муталаввин чунон аст, ки як шеър ба ду вазн ё зиёда аз он хонда шавад. Мисол:

Ай бути сангиндилу симинлиқо,
Ай лаби ту раҳмату ғамза бало.

Агар байти болоро каме мушаддад (қувватноктар), яъне ҳиҷоҳои «ти»-и калимаи «бут» ва «лу»-и калимаи «сангиндил»-и мисраъи аввал ва ҳиҷоҳои «би»-и калимаи «лаб» ва «ту»-и калимаи «раҳмат»-и мисраъи дуюмро ошкортар хонем, баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф ба вуҷуд меояд ва ба таври: фоъилотун / фоъилотун / фоъилун тақтеъ мешавад ва дар сурати мухаффаф, яъне сабуктар талаффуз кардани байти боло баҳри Сареъи мусаддаси матвии макшуф ҳосил мешавад ва ҳангоми тақтеъ рукнҳои муфтаъилун / муфтаъилун/ фоъилун ба



вуҷуд меоянд. Байти зерини Салмони Соваҷӣ дар се баҳр хонда мешавад:

Лаби тv - ҳомии луълуъ,[1] хати[2] ту-маркази лола,
Шаби тv - омили[3] кавкаб, маҳи ту-бориқи[4] ҳола[5].

Агар ин байтро вобаста ба тарзи талаффуз ба таври: мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун тақтеъ намоем, Ҳазаҷи мусаммани солим, агар ба таври: фаъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилотун тақтеъ кунем, Рамали мусаммани махбун ва агар ба таври мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фоъилотун т а қ т е ъ намоем, Муҷтасси мусаммани махбун ҳосил мешавад.

Дар китобҳои илми бадеъ ҳам зубаҳрайн (ё зулбаҳрайн) ва ҳам мулавванро қариб як хел маънидод кардаанд. Зулбаҳрайн ё мулавван аз ҷумлаи санъатҳои лафзист, ки шеър фақат дар ду вазн хонда мешавад. Мисол:

Ғунчаи гулшаккари ӯ дилрабой,
Ғамзаи ҷонпарвари ӯ дилкушой.
Сад дилу ҷон хастаи абру-ш буд,
Сад тану сар бастаи гесу-ш буд.
Аз гили ӯ сунбули тар тоб дошт
В-аз маҳи ӯ дидаи хур[6] об дошт.
Ахтари[7] у талъати[8] тобанда дошт,
Чокари[9] ӯ давлати поянда дошт.

Агар мо байтҳои шеъри болоро каме мушаддад хонем, баҳри Рамали мусаддаси мақсур (фоъилотун / фоъилотун / фоъилон - v - -/-v - - / - v ~ ) ва агар каме сабуктар карда хонем, баҳри Сареъи мусаддаси матвии мавқуф муфтаъилун/муфтаъилун/фоъилон - v v -/- v v -/- v ~ ) ба вуҷуд меояд. Масалан, ин навъи санъатро дар байти зерини Ҳофиз ҳам мушоҳида мекунем:

Аз ҷон тамаъ буридан осон бувад, валекин
Аз дӯстони ҷонӣ мушкил тавон буридан.

Агар байти болоро ба таври: мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу/фоъилотун (--v/-v--/--v/-v--) тақтеъ кунем, баҳри Музореъи

---

[1] Луълуъ - марворид, гавҳар.
[2] Хат-риши навбаромада.
[3] Омил-ҳоким, амалкунанда.
[4] Бориқ - барқзананда, дурахшон.
[5] Ҳола - доираи ғуборолуди равшан дар гирди моҳ, хирмани моҳ.
[6] Хур - хуршед, офтоб.
[7] Ахтар - ситора, кавкаб.
[8] Талъат-чеҳра, симо.
[9] Чокар - хизматгор, навкар.

мусаммани ахраб ва агар ба таври: мустафъилун/ фаъӯлун/мустафъилун/ фаъӯлун (- - v-/v--/- -v-/ v - - ) тақтеъ намоем, бахри Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф ҳосил мешавад. Ин навъи санъати муталаввин дар шеъри тоҷикӣ хеле маъмул ва серистеъмол мебошад ва шеъре, ки дар заминаи ин санъат эҷод шудааст, ниҳоят дилкашу гуворост.

Ҳангоми шарҳ ва тавсифи санъатҳои бадеъии муталаввин, талаввун ва зубуҳур дар байни муаллифони китобҳои илмӣ низ монандии ақидаро мушоҳида менамоем. Чи тавре қайд кардем, муталаввин, талаввун ё зубуҳур гуфта санъати шеъриеро меноманд, ки агар шеър дар ду вазн ва зиёда аз он хонда шавад. Дар аксари китобҳои илми бадеъ ин байти Восифӣ чун мисоли муталаввин оварда мешавад:

Наргиси ҷодуи[1] ту оҳуи Чин,
Нофаи[2] оҳуи ту холи ҷабин.

Агар байти Восифиро ба таври муфтаъилун / муфтаъилун / фоъилун тақтеъ кунем, бахри Сареъи мусаддаси матвии макшуф ё Раҷази мусаддаси матвии мақтӯъ (марфӯъ), агар ба таври: фоъилотун / фоъилотун / фоъилун тақтеъ кунем, баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф; агар ба таври: фоъилотун / фаъилотун /фаъилун тақтеъ кунем, боз бахри Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф; агар ба таври: фоъилотун / фоъилотун / фоъилун тақтеъ кунем, бахри Рамали мусаддаси маҳзуф; агар ба таври: фаъилотун / фаъилотун / фаъилун тақтеъ кунем, баҳри Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф; агар ба таври: фоъилотун / фоъилотун / фаъилун тақтеъ кунем, боз бахри Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф: агар ба таври фоъилотун / фаъилотун / фоъилун тақтеъ кунем, боз ҳам бахри Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф; агар ба таври: мустафъилун / мустафъилун / фоъилун тақтеъ кунем, баҳри Раҷази мусаддаси матвии мақтӯъ (марфӯъ) ё Сареъи мусаддаси матвии макшуф; агар ба таври: муфтаъилун / мустафъилун / фоъилун тақтеъ кунем, бахри Раҷази мусаддаси матвии мақтӯъ ё марфӯъ, ё ин ки бахри Сареъи мусаддаси садру ибтидо - матвӣ, ҳашвайн - солим ва арӯзу зарб-матвии макшуф ба вуҷуд меояд.

Муталаввин чор навъ дорад:

1. Муталаввини мураттаб ва ин санъат чунон бошад, ки байтеро бе ҳеҷ тағйирот дар тартиби калимоти он ба чанд вазн тавон хонд, яъне калимаҳои ҳарду мисраъро аз тартиби аслӣ ҷудо накарда, байтро

[1] Наргиси ҷоду - чашми мафтункунанда, чашми фаттон.
[2] Нофа-халтачаи мушкдор, ки аз нофи оҳу ҳосил мешавад; хушбӯии аз нофи оҳу тайёркардашуда.



дар ду ё се вазн ва аз он ҳам зиёд хондан равост. Чанд намунаи онро дар боло овардем. Мисоли дигар:

Лаби ту марҳами ошиқ, хати ту номаи Монӣ[1]
Ғами ту мӯниси хотир, қади ту сояи тӯбӣ.[2]

Агар баъзе калимаҳои ин байтро бошиддат ва баъзеи онро сабук хонанд, ба таври: фаъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилотун (v v --/ v v--/ v v--/vv--) тақтеъ мешавад, ки онро Рамали мусаммани махбун меноманд. Дар сурати мухаффаф (сабук) хондани байти боло тақтеъи он тағйир меёбад ба ин сурат: мафоъилун / фаъилотун/ мафоъилун / фаъилотун (v-v-/ vv--/v-v-/ vv--) ва ин бахрро Муҷтасси мусаммани махбун хонанд. Муталаввини мураттабро ҷомеъулбухур низ номанд, ба хотири он ки аз ду бахр зиёдат бувад.

2.Муталаввини муҷаннаҳ (дупахлӯя, дуканота; паҳлудор, қанотдор) чунон аст, ки байте дар яке аз бахрҳои маъмули арӯз тарзе эҷод карда мешавад, ки агар аз охири мисраъҳои байт ду сабаби хафиф (ду ҳиҷои дароз)-ро ба аввали байт баранд, бахри дигар ҳосил мегардад. Мисол:

Нигоро, то ба кай охир зи ашкам тар бувад доман?
Зи бахри чашми гирёнам пур аз гавҳар бувад доман?

Ин байт дар бахри Ҳазаҷи мусаммани солим гуфта шудааст ва ба таври мафоъӣлун (v - - -) ҳашт бор тақтеъ мешавад. Агар аз охири байт ду сабаби хафиф, яъне калимаи «доман», ки аз ду ҳиҷои дароз иборат аст, ба аввали байт барем, бахри Раҷази мусаммани солим бар мустафъилун (- - V -) ҳашт бор ҳосил мешавад:

Доман, нигоро, то ба кай охир зи ашкам тар бувад?
Доман зи бахри чашми гирёнам пур аз гавҳар бувад.

Муталаввини муҷаннаҳро дар баъзе катобҳои бадеъ ҷомеъулбахрайн низ номидаанд, ба ин хотир, ки аз авзони он ду бахр берун меояд.

3.Муталаввини музайял (маҳвшуда) чунон аст, ки шоир вобаста ба қудрат ва тавоноии хеш байте мегӯяд, ки дар яке аз авзони бахрҳои маъмули шеъри форсӣ-тоҷикӣ рост меояд. Агар аз охири ҳамон байт як ҳарф партофта шавад, вазни дигар ба вуҷуд меояд, ки аз навъҳои ҳамон бахр аст. Мисол:

[1] Монӣ - номи наққоши машҳуре, ки дар замони Шопури 1 соли 242 милодӣ даъвои пайғамбарӣ кард ва дар асоси ақидаҳои зардуштӣ, яҳудӣ ва исавӣ китобе мураттаб намуд. Дар замони Баҳроми 1 бо иғвои рӯҳониёни зардуштӣ кушта шуд; пайравони ӯро монавия меноманд.
[2] Тӯбӣ-дарахти серсояи афсонавӣ, гӯё меваҳои гуногун ва хушбӯй доштааст.

Ай хоки дарат сурмаи ҳар гўшанишине,
Кўи ту шуда маскани ҳар зору ҳазине.

Байти боло дар яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ-Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф аст ва ба таври: мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / фаъӯлун (--v / v -- v / v -- v / v--) тақтеъ мешавад. Ва агар аз охири ҳар мисраъ як ҳарф партоем, яке аз вазнҳои рубоӣ - Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб (мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / фаъул - - v / v - - v / v - - v/ v -) ба вуҷуд меояд:

Ай хоки дарат сурмаи ҳар гўшанишин,
Кўи ту шуда маскани ҳар зору ҳазин.

Ин навъи муталаввинро ҷомеъулвазнайн низ номанд.

4.Муталаввини маъкӯс (чапагардонидашуда; баръакс) чунон аст, ки агар шоир байте гӯяд, ки чун рост хонӣ, яъне дар сурати аслӣ хонӣ, баҳре бувад аз баҳрҳои маъмул ва чун калимаҳои ҳар мисраъро баръакс гардонӣ, яъне чаппа карда хонӣ, баҳри дигар ба вуҷуд ояд. Чунончи, Муъиззӣ гӯяд:

Тамошо кунад бар ҷон, шабехун барад аз дил,
Надорад ҷуз ин шуғле, надонад ҷуз ин коре.

Ин байт ба таври: фаъӯлун / мафоъӣлун / фаъӯлун / мафоъӣлун (v - - / v- - - / v- - / v- - -) тақтеъ мешавад ва онро баҳри Тавили мусаммани солим меноманд. Ва агар калимаҳои ин байтро ба таври зерин:

Бар дил барад шабехун, бар ҷон кунад тамошо,
Коре ҷуз ин надонад, шуғле ҷуз ин надорад.

чаппа гардонию ба таври мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилотун (- - v/ - v- - / - - v / - v - -) тақтеъ намоӣ, баҳри Музореъи мусаммани ахраб ва агар ба таври: мустафъилун / фаъӯлун / мустафъилун / фаъӯлун (- - v - / v - - / - - v - / v - - ) тақтеъ кунӣ, баҳри Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф ба вуҷуд меояд. Мисоли дигар аз Салмони Соваҷӣ:

Кисро[1] туӣ ба рафъат[2], Ҳотам[3] туӣ ба эҳсон,
Исо[4] туӣ ба бурҳон, Осаф[5] туӣ ба фармон.

Ин байт ҳам дар баҳри Музореъ ва ҳам дар баҳри Мунсареҳ хонда мешавад, яъне агар рукнҳои онро ба таври: мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилотун (--v /- v --/-- v /- v --) тақтеъ кунем, баҳри Музореъи мусаммани ахраб ва агар ба таври: мустафъилун / фаъӯлун / мустафъилун / фаъӯлун (- - v - / v--/ --v-/ v--) тақтеъ намоем, баҳри Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф ба вуҷуд меояд. Ва агар калимаҳои байтро чаппа гардонӣ, ин байт ба вуҷуд меояд:

Ба фармон туӣ Осаф, ба бурҳон туӣ Исо,
Ба эҳсон туӣ Ҳотам, ба рафъат туӣ Кисро

Вазни ин байт Тавили мусаммани солим аст ва ба таври: фаъӯлун / мафоъӣлун / фаъӯлун / мафоъӣлун (v --/ v---/ v-- / v- - -) тақтеъ мешавад.

## МУХАРРАҶ

Мухарраҷ (беруншуда, берунрафта), дар илми бадеъи классикӣ номи яке аз санъатҳои лафзист. Агар дар таркиби ҳарфҳои решаи қофияи байте ё шеъре ҳарфи хурӯҷ омада бошад, санъати лафзии онро мухарраҷ (яъне хурӯҷдор) меноманд. Азбаски ҳарфи хурӯҷ дар байни ҳарфҳои қофия камистеъмол аст, ин навъи санъати лафзӣ хеле кам мушоҳида шуд. Мисол:

Сагеро гар кулӯхе бар сар ояд.
Зи шодӣ барҷаҳад, к-ин устухонест.
В-агар наъше ду кас бар дӯш гиранд,
Лаимуттабъ пиндорад, ки хонест.

Мафоъӣлун/ мафъӣлун/ мафоъӣл
v - - -/ v - - -/ v – ~

Дар ин қитъа (вазнаш - Ҳазаҷи мусаддаси максур (арӯзи байти якум – маҳзуф) калимаҳои «устухонест»-у «хонест» қофия, ҷузви «-онест» решаи қофия, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии мутлақ, ҳарфи «е» васл, ҳарфи «с» хурӯҷ, ҳарфи «т» мазид мебошад. Ин ягона шеърест, ки дар таркиби ҳарфҳои решаи қофияаш р и д ф у в а с л у х у р ӯ ҷ у  м а з и д омадааст, бинобар ин, дар он санъатҳои лафзии м у р д а ф (ридфдор), м у в а с с а л (васлдор), мухарраҷ (хурӯҷдор), м у з а й я д (мазиддор) дида мешавад. Худи қофия қофияи мутлақ аст, зеро баъди ҳарфи равӣ боз се ҳарфи дигар омадааст.

---

[1] Кисро - шакли арабишудаи Хусрав, лақаби Хусрави Анӯшервон.
[2] Рафъат - бузургӣ.
[3] Ҳотам - номи шахсест, ки дар саховатмандӣ машҳур гардидааст.
[4] Исо - номи яке аз пайғамбарон, асосгузори дини христианӣ.
[5] Осаф-номи вазири Сулаймон, писари Довуд, ки дар доноӣ машҳур будааст.

## ФАСЛИ ЧАҲОРУМ
## ИЛМИ ҚОФИЯ

Қофия аз калимаи арабии қофият ба забони мо омадааст ва маънои аз пай равандаро дорад. Дар забони тоҷикӣ калимаи пасованд (мухаффафи он пасванд) низ ба маънои қофия кор фармуда мешавад:

Ҳама ёва, ҳама хому ҳама суст,
Маонӣ аз чакова то пасованд.
(Лабибӣ)

Пасовандро ба маънои пасоянд – ҷузъи охири калима, ки маънои онро дигар мекунад, низ кор мефармоянд.

Қофия ҷузъи шаклии шеър аст ва дар гузашта шеършиносон маною вазифаи онро дар қолаби таърифи умумии шеър баён кардаанд. Бо ин сабаб таъриферо, ки Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ дар китоби «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» додааст, меорем ва вазифаи қофияро дар таркиби мафҳуми шеър маълум менамоем:

«Бидон, ки шеър дар асли луғат дониш аст ва идроки маонӣ ба ҳадси соиб ва андеша ва истидлоли рост ва аз рӯи истилоҳ сухане аст андешида, мураттаби маънавӣ, мавзуни мутакаррар, мутасовии ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда ва дар ин ҳад (д) гуфтанд: сухани мураттаби маънавӣ, то фарқ бошад миёни шеъру ҳазён ва каломи номураттаби бе маънӣ. Ва гуфтанд мавзун, то фарқ бошад миёни назму насри мураттаби маънавӣ. Ва гуфтанд мутакаррар, то фарқ бошад миёни байте ду мисраъайн ва миёни ним байт, ки ақалли шеър байте тамом бошад… Ва гуфтанд мутасовӣ, то фарқ бошад миёни байте тамом ва миёни масореъи мухталифи ҳар як бар вазни дигар. Ва гуфтанд ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда, то фарқ бувад миёни муқаффо ва ғайри муқаффо, ки сухани беқофиятро шеър нашуморанд, агарчи мавзун афтад».

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки қофия ҳуруфи охирини ба якдигар монанди охири байтро мегӯянд. Муҳимтар аз ҳама ин ки, ба фикри Шамси Қайси Розӣ «сухани беқофиятро шеър нагуфтаанд». Калимаи айнан такроршуда ҳам қофия нест. Дар ин байти Носири Хусрав қофия дар охири мисраъ омада ва аз як ҳаракату як ҳарф иборат аст:



Чарх пиндорӣ бихоҳад бехтан,
З-он ҳамепӯшад либоси парвазан[1].

Қофия аз ҳарфҳои решагии калима сохта мешавад, ба монанди танбӯр-занбӯр, паҳновар-шиновар, ҷадид-падид ва ғайра. Дар ин байти Маликушшуаро Баҳор калимаҳои ҷангу диранг ҳамқофия шудаанд:

Зиндагӣ ҷанг аст, ҷоно, баҳри ҷанг омода шав,
Нест ҳангоми тааммул бединранг омода шав.

Имкон дорад, ки ба калимаи қофия ҳиссаҳои иловагӣ (суффикс ва бандак) илова шаванд. Дар ин байти Хоҷа Ҳофиз ба асли калимаҳо (ёр, майхор) суффикси ҷамъбандии он илова шудааст, ки он ҳам ҷузъи қофия мебошад:

Саҳни бустон завқбахшу суҳбати ёрон хуш аст,
Вақти гул хуш бод, к-аз вай вақти майхорон хуш аст.

Қофияи ин байт «ёрон» ва «майхорон» аст ва ҳарфҳои қофия – «орон» аз чаҳор ҳарф иборат мебошанд. Калимаи ёрон дар ин ҷо ба шакли йорон хонда мешавад. Ҳарфҳои ба ҳам мувофиқи қофия, ба ғайр аз ҳарфи дахил, аз аввал то ба охири ғазал ё қасида бояд дигар нашаванд. Ба ин тариқ, калимаи қофия охирин калимаи аслӣ ва такрорнашавандаи байти шеър аст. Ёдовар мешавем, ки дар калимаи қофия миқдори муайяни ҳарфҳо такрор мешаванд, на худи калимаҳои бутун.

Илми қофия фанни махсуси шеършиносӣ, ҷузъи илмҳои адабӣ мебошад. Вай хусусият ва аҳволи навъҳои қофияи шеърро меомӯзад, ташаккули анвоъи онро мувофиқи низоми қофия муайян мекунад ва арзиши ҳунарӣ ва эстетикии қофияро дар эҷоди бадеӣ, сохти онро дар таърихи шеър ва адабиёти дигар ақвоми ҷаҳон таҳқиқ менамояд. Дар гуфтугӯ «қофия танг омадан» ба маънои мушкил шудани кор ба касе истифода мешавад. «Қофия задан» ба маънои сухани киноядор ба касе гуфтан меояд. «Қофияро бохтан» (муфт бофтан) ба маънои хато кардан ва дар муомила бой додан аст. «Қофиясанҷ» шоиронро киноятан мегӯянд ва «қофиягӯй» каси шӯху ҳазлкашро. Қофия дорои оҳанг аст ва ба вазни умумии шеър мувофиқат мекунад.

Сохти қофия ба қонуни савтиёт (фонетика) ва суннатҳои адабии ҳар адабиёт вобаста аст.

[1] Парвазан – мухаффафи парвезан ба маънои ордбез, элак

## ҚОФИЯ ВА АНВОЪИ ШЕЪР

Дар адабиёти халқҳои олам анвои шеърро бо роҳҳои гуногун муайян мекунанд. Масалан, дар адабиёти Юнони Қадим навъҳои шеъриро аз рӯи вазни онҳо таъйин менамуданд. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ навъҳои шеъриро аз тарзи қофиябандӣ муайян ва тасниф кардаанд. Дар ин хусус ҳангоми гуфтугӯ дар бораи навъҳои асосии шеъри форсӣ-тоҷикӣ таваққуф мекунем. Ҳоло ҳаминро мегӯем, ки дар шеъри мо ду навъи қофия асос шудааст: Якум, ҳамқофия омадани ду мисраи шеър, яъне байт, ки воҳиди асосии шаклию маънои шеър аст. Дар ин байти Абулқосими Лоҳутӣ калимаҳои парвона ва мардона ҳамқофия шудаанд:

Ғайратам мекашад ин гуна, ки парвона диҳад ҷон,
Сӯзаду хуш бувад алҳақ, ки чи мардона диҳад ҷон.

Дуюм, дар байти шеър мисраи якум аз қофия озод ва мисраи дуюм бо қофияи умумии шеър мувофиқ аст. Барои он ки мувофиқат доштани қофия дар абёти шеър маълум шавад, ду байт шеъри Маликушшуаро Баҳорро меорем, ки дар онҳо мисраъҳои дуюм ҳамқофия мебошанд:

Он гарди шитобанда, ки дар домани саҳрост,
Гӯяд: чӣ нишинӣ, ки саворон ҳама рафтанд.
Доғ аст дили лолаву нилист бари сарв,
К-аз боғи ҷаҳон лолаузорон ҳама рафтанд.

Бо истифодаи яке аз ин шаклҳо ва таносубашон ном ва шакли анвои шеър маълум мешавад. Дар маснавӣ ҳар як байт қофияи мустақил дорад. Яъне ҳар ду мисраъ ҳамқофия аст. Дар қасида ва ғазал байти аввал ҳамқофия ва дар абёти баъдӣ мисраи дуюм (ҷуфт) бо он дар қофия мувофиқ меоянд. Дар дигар навъҳои шеър ҳам дар таркибу низоми гуногун ҳамин ду шакли қофия истифода шудаанд.

Баъзе порчаҳои шеър, ки намунаҳои аввалини шеъри форсии дарӣ маҳсуб меёбанд, дар шакли семисраъгӣ суруда шудаанд. Ин ҳолат андешамандонро ба чунин хулоса овардааст, ки воҳиди шеъри форсии дарӣ дар як замоне аз се мисраъ иборат будааст. Чунин аст аз ҷумла ин се мисраъ шеъри шоири араб Язид ибни Муфарраг, ки



тафсилоти суруда шуданаш дар дарси таърихи адабиёт гуфта мешавад:

Об асту набиз[1] аст,
Асороти забиб[2] аст.
Сумия[3] рӯисабиз аст.

Ин шеър қофияи ноқис дорад, вале радиф – калимаи аст он норасоиро бартараф намудааст.

## ҚОФИЯ ВА РАДИФ

Дар аксари шеърҳое, ки қофияи сабуки иборат аз як-ду то се ҳиҷо доранд, радиф ҳам омада оҳангнокӣ ва ягонагии шаклу маънои байтро таъмин менамояд. Радиф каси дар маркуби (қатори) саворон баъди дигаре омада бошад. Радиф ба маънои раста, рада ва саф омада метавонад. Дар истилоҳи адабӣ радиф калима ё калимаҳои охири мисраи шеърро мегӯянд, ки дар мисраи қофия аз аввал то охир биёянд, Масалан, дар шеъри машҳури Рӯдакӣ «ояд ҳаме» аз аввал то ба охир омадааст. Байти аввали он шеър чунин аст:

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Радиф як калимаи танҳо буда метавонад. Маъмулан радиф бо қофия ва баъди он меояд. Дар ин байтҳои шеъри Парвини Эътисомӣ «кунанд» хабари ҷумлаҳо ва радифи шеър шудааст:

Сару ақл гар хидмати ҷон кунанд,
Басе кори душвор к-осон кунанд,
Бикоҳанд гар дидаву дил зи оз
Басо чархҳоро, ки арзон кунанд.
Чу авзои гетӣ хаёл асту хоб,
Чаро хотиратро парешон кунанд?

Дар ин байтҳои шеъри Хоқонӣ таркиби «ба мо расон» радиф шудааст:

---

[1] Набиз – шароб.
[2] Забиб – мавиз.
[3] Сумия – номи модари гӯянда.

Эй бод, бӯйи Юсуфи дилҳо ба мо расон,
Як навбар аз баҳори дили мо ба мо расон.
Аз зулфи ӯ чу бар сари зулфаш гузар кунӣ,
Пинҳон бидузд мӯеву пайдо ба мо расон.

Баъзан радиф қисми зиёди мисраи шеърро ташкил дода, оханги асосии он шудааст. Барои намуна як ғазали Ироқиро меорем, ки дар он чумлаи «шабат хуш бод, ман рафтам» радиф шудааст:

Кучоӣ, ай зи чон хуштар, шабат хуш бод, ман рафтам,
Биё дар ман хуше бингар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Нигоро, бар сари кӯят диламро ҳеч агар бинӣ,
Зи ман дилхаста ёд овар, шабат хуш бод, ман рафтам,
Зи ман чун меҳр бигсастӣ, хуше дар хона биншастӣ,
Маро бигзоштӣ бар дар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Ту бо айшу тараб хуш бош, ман бо нолаву зорӣ,
Маро к-он нест, ин беҳтар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Маро чун рӯзгори бад зи васли ту чудо афканд,
Бимондам очизу музтар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Бимондам волаву ҳайрон, миёни хоку хун ғалтон,
Ду лаб хушку ду дида тар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Манам имрӯз бечора, зи хонумонам овора,
На дил дар дасту не дилбар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Маро гӯӣ, ки эй ошиқ, наӣ васли маро лоиқ,
Туро чун нестам дархур, шабат хуш бод, ман рафтам.
Ҳаме гуфтам, ки ногоҳе бимирам дар ғами ишқат,
Накардӣ гуфти ман бовар, шабат хуш бод, ман рафтам.
Ироқӣ месупорад чону мегӯяд зи дарди дил
Кучоӣ, ай зи чон хуштар, шабат хуш бод, ман рафтам.

Дар гузашта мачмӯи ашъори шоирони гуногунро, ки ба радифи мувофиқи якдигар гуфта шудаанд, чамъ оварда радоифулашъор ном ниҳодаанд. Девони шуаро низ ба тартиби алифбоии мисраи охир мураттаб мешуданд, ки қисми онҳо ҳарфи охирини калимаи радифанд. Қофия ва радиф барои бандубасти шеър аҳамияти хос доранд.



## ҲАРФ ВА ҲАРАКАТҲОИ ҚОФИЯ

Қонун ва системаи қофияи шеъри точикӣ дар асоси фаҳмиши мафҳумҳои ҳарф, ҳаракат ва ҳичо сохта шудааст. Ин система ба забоншиносӣ ва шеършиносии мо аз арабӣ омадааст. Дар фаҳмиши забоншиносии гузашта алифбо, чунон ки имрӯз мегӯем, аз ҳарф ва ҳаракат иборат аст. Ҳарфҳо навишта мешаванд, ҳаракатҳоро дар мавриди зарурӣ мегузоранд ва ҳангоми қироат талаффуз мекунанд, вале маъмулан наменависанд. Ин ҳаракатҳо «а», «и», «у» (забар (фатҳа), зер (касра) ва пеш (замма) мебошанд, ки садоноки кӯтоҳ хонда мешаванд. Ҳарфҳо дар якчоягӣ бо ин ҳаракатҳо ё садоноки кӯтоҳ ҳичоро ба вучуд меоранд.

Дар алифбои арабиасоси точикӣ-форсӣ се ҳарф ҳаст, ки дар талаффуз овози садонокро медиҳанд: «алиф», «вов», «йо». Онҳоро барои фарқ кардан аз ҳаракатҳо дар шакли ҳозира садоноки дароз мегӯянд ва садонокҳои «о», «у», («ӯ») ва «Ь» мебошанд. Ба ин тариқ, дар қофия ҳарфҳо (ҳамсадо ва садонокҳои дароз) ва ҳаракатҳо (садонокҳои кӯтоҳ) иштирок мекунанд. Қофия дар навишт мувофиқати ҳарфу ҳаракатҳо ва дар қироат овозҳои ҳамсадои шеър ва садонокҳои дарозу кӯтоҳ мебошад. Ҳичо – воҳиди овозии гуфтор эътибореро, ки дар мавриди вазн дорад, дар шинохти қофия ба худ касб накардааст. Унсурҳои қофия ва номи навъҳои он ба ҳамсадо ва садонокҳои дароз гузошта шудаанд.

## ТАЪСИС

Таъсис калимаи арабист, маънои луғавияш бунёд гузоштан, асос гузоштан аст. Ба маънои истилоҳӣ яке аз ҳарфҳои решагии қофияро гӯянд. Таъсис садоноки дарози «о» (алиф)-и пеш аз равӣ буда, ҳатман дар байни он ва равӣ бояд як ҳамсадо ва садоноки кӯтоҳ воқеъ шавад. Садоноки «о»-ро барои он таъсис меноманд, ки он асоси қофияро ташкил медиҳад, яъне оғози ҳарфҳои қофия аз ҳамин ҳарф сар мешавад.

Таъсис мисли дахил дар илми қофия аз ҳарфҳои камистеъмол ба шумор меравад. Мисол:

Дари миру вазиру султонро
Бе василат магард пироман.
Сагу дарбон чу ёфтанд ғариб,
Ин гиребон-ш гирад, он доман.
фаъилотун/ мафоъилун/ фаълун

v v - -/ v – v -/ - -

Дар қитъаи фавқ (вазнаш – Хафифи мусаддаси махбуни аслам (ибтидои ҳарду байт – солим, арӯзи байти дуюм – махбуни мақсур) калимаҳои «пироман»-у «доман» қофия, ҷузви «-оман» решаи қофия; ҳарфи «о» таъсис, ҳарфи «м» дахил, садоноки кӯтоҳи «а» ишбоъ ва ҳарфи «н» равии муқайяд мебошад. Мисоли дигар:

Бас қомати хуш, ки зери чодар бошад,
Чун боз кунӣ, модари модар бошад.
мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлун/ фаъ
- - v/ v - v- / v - - -/ -

Дар байти боло (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар) калимаҳои «чодар»-у «модар» қофия, ҷузви «-одар» решаи қофия; ҳарфи «о» таъсис, ҳарфи «д» дахил, садоноки кӯтоҳи «а» ишбоъ ва ҳарфи «р» равии муқайяд аст. Худи қофия қофияи муқайяд ном дорад, чунки баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре наомадааст.

## ДАХИЛ

Дахил калимаи арабист, маънои луғавиаш далолаткунанда, баромада; ҳамроҳ, шарик буда, дар истилоҳи илми қофия яке аз ҳарфҳои решагии қофияро гӯянд, ки дар байни таъсису равӣ омада бошад. Дахил чун равӣ дар байни ҳарфҳои қофия хеле камистеъмол аст. Мисол:

Бас қомати хуш, ки зери чодар бошад,
Чун боз кунӣ, модари модар бошад.
мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлун/ фаъ
- - v/ v - v- / v - - -/ -

Дар байти боло (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар) калимаҳои «чодар»-у «модар» қофия, ҷузви «-одар» решаи қофия; ҳарфи «о» таъсис, ҳарфи «д» дахил, садоноки кӯтоҳи «а» ишбоъ ва ҳарфи «р» равии муқайяд мебошад. Мисоли дигар:

Дари миру вазиру султонро
Бе василат магард пироман.
Сагу дарбон чу ёфтанд ғариб,
Ин гиребон-ш гирад, он доман.



фаъилотун/ мафоъилун/ фаълун
v v - -/ v – v -/ - -

Дар қитъаи фавқ (вазнаш – Хафифи мусаддаси махбуни аслам (ибтидои ҳарду байт – солим, арӯзи байти дуюм – махбуни мақсур) калимаҳои «пироман»-у «доман» қофия, ҷузви «-оман» решаи қофия; ҳарфи «о» таъсис, ҳарфи «м» дахил, садоноки кӯтоҳи «а» ишбоъ ва ҳарфи «н» равии муқайяд мебошад. Худи қофияи қитъаро қофияи муқайяд номанд, зеро баъди ҳарфи равӣ ҳарфи васл наомадааст, яъне қофия бо ҳарфи равӣ ба охир расидааст.

## РАВӢ

Равӣ калимаи арабист, аз решаи калимаи «раво» гирифта шудааст. Раво ресмоне бувад, ки бо он бори уштурро банданд. Дар илми қофия охирин ҳарфи решагии калимаи қофияро гӯянд. Пас, тамоми ҳарфҳои забони тоҷикӣ- ҳамсадо ва садонокҳои дароз ба вазифаи равӣ омада метавонанд. Ба таври дигар гӯем, ҳамаи ҳарфҳои охири решаи калимаҳои қофияшаванда метавонанд равӣ шаванд. Масалан, калимаҳои «дастам» бо «бастам», «вуҷудам» бо «суҷудам» ҳамқофиянд. Яъне, инҳо калимаҳои қофиянд. Дар ин калимаҳои қофия «даст» ва «баст», «вуҷуд» ва «суҷуд» решаи калима мебошанд ва ҳарфҳои охири онҳо («т» ва «д») равӣ мебошанд. Равӣ ду навъ аст:

1.Равии муқайяд – равиеро гӯянд, ки ба ҳарфи васл начаспида бошад, яъне баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре наомада бошад. Ба таври дигар гӯем, агар калимаҳои қофия фақат аз решаи калима иборат бошанд, ҳарфи охири онҳо равии муқайяд номида мешавад.

Мисол:

Ба рӯйи худ дари таммоъ боз натвон кард,
Чу боз шуд, ба дуруштӣ фароз натвон кард.
мафъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаълон
v – v -/ v v - - / v - -/ - -

Дар ин байт калимаҳои «боз»-у «фароз» қофия, ҷузви «-оз» решаи қофия буда, ҳарфи «з» равии муқайяд буда, садоноки «о» ридфи муфрад аст.

Дар байти:

Чу доранд ганҷ аз сипоҳӣ дареғ,
Дареғ оядаш даст бурдан ба теғ.
фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯл
v - -/ v - -/ v - -/ v ~

Калимаҳои «дареғ» ва «теғ» қофия, ҷузви «-еғ» решаи қофия мебошад, ки ҳарфи «ғ» равии муқайяд, ҳарфи «е» ридфи муфрад аст.

2.Равии мутлақ – равиеро гӯянд, ки бо ҳарфи васл (ҳарфе, ки баъди равӣ омадааст) часпида бошад, яъне баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре омада бошад. Такрори ҳарфи равӣ дар қофия шарт аст. Абётеро, ки дар он ҳарфи равӣ истифода нашуда бошад, шеър намешуморанд. Аз ҳарфҳои қофия таъсис, дахил, ридф, қайд ҳамеша пеш аз равӣ, аммо ҳарфҳои васл, хурӯҷ, мазид, нойира баъди равӣ меоянд. Азбаски қофия бе ҳарфи равӣ вуҷуд дошта наметавонад, адабиётшиносони гузашта қофияро аслан аз як ҳарф (равӣ) иборат донистаанд. Донишманди асри XV- Ваҳиди Табрезӣ мегӯяд:

Қофия дар асл як ҳарф асту ҳашт онро табаъ,
Чор пешу чор пас, он нуқта, инҳо дойира.
Ҳарфи таъсису дахилу ридфу қайд, он гаҳ равӣ,
Баъд аз он васлу хурӯҷ асту мазиду нойира.

Дар «Гулистон»-и Саъдӣ, дар абёте, ки барои тасдиқи фикр оварда шудааст, равии мутлақ хеле зиёд аст. Дар рубоии зер:

Онон, ки ба кунҷи офият биншастанд,
Дандони сагу даҳони мардум бастанд.
Коғаз бидариданду қалам бишкастанд
В-аз дасти забони ҳарфгирон растанд.
мафъӯлу/ мафъилун/ мафоъӣлун / фоъ
- - v/ v – v -/ v - - -/ ~

ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи азал суруда шудааст, калимаҳои: «биншастанд», «бастанд», «бишкастанд» ва «растанд» қофия, ҷузви «-астанд» решаи қофия буда, ҳарфи «т» равии мутлақ, ҳарфи «с» қайд, садоноки кӯтоҳи «а»-и пеш аз қайд ҳазв, садоноки кӯтоҳи «а»-и баъди равӣ маҷро, ҳарфи «н» васл, ҳарфи «д» хурӯҷ мебошад.

Мисоли дигар:

Агар сад сол габр оташ фурӯзад,
Ба як дам, к-андар ӯ афтад, бисӯзад.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - -/ v - - -/ v - -

Дар ин байт калимаҳои «фурӯзад»-у «бисӯзад» қофия, ҷузви «-ӯзад» решаи қофия буда, ҳарфи «з» равии мутлақ, ҳарфи «ӯ» ридфи муфрад, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳарфи «д» васл аст.



## РИДФ

Ридф (радаф) калимаи арабист, маънои луғавияш пайи ҳам даромадан, чизест, ки аз пайи чизи дигар дарояд, тобеъи чизе будан, ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳарфҳои решагии қофия буда, ҳамеша пеш аз равӣ меояд. Чи тавре ки маълум аст, ридф ду навъ мешавад: 1. Ридфи муфрад ё аслӣ: 2. Ридфи мураккаб ё зойид.

Ридфи муфрад ё аслӣ ҳарфи садоноки дарозест, ки дар решаи қофия пеш аз ҳарфи равӣ меояд. Пас садонокҳои дарози «о», «ӯ», «у», «ӣ», «е» ва «ё» ба вазифаи ридфи муфрад (аслӣ) омада метавонанд. Мисол:

Накунад чаврпеши султонӣ,
Ки наёяд зи гург чӯпонӣ.
фаъилотун/ мафоъилун/ фаълун
v v - -/ v – v-/ - -

Дар ин байт (вазнаш – Хафифи мусаддаси махбуни аслам) калимаҳои «султонӣ»-ю «чӯпонӣ» қофия, ҷузви «-онӣ» решаи қофия буда, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии мутлақ, ҳарфи «ӣ» васл мебошад.

2.Ридфи мураккаб (зойид) ҳарфи ҳамсадоест, ки дар байни ридфи муфрад (аслӣ) ва равӣ меояд. Ба қавли адабиётшиносони гузашта, ҳарфҳое, ки ба вазифаи ридфи мураккаб меоянд, шаштоанд: «н», «р», «с», «ш», «х», «ф». Масалан, калимаҳои «бохт» бо «тохт», «сӯхт» бо «дӯхт», «бехт» бо «рехт», «корд» бо «орд», «мост» бо «рост» , «пӯст» бо «дӯст», «дошт» бо «кошт», «ёфт» бо «бофт», «кӯфт» бо «рӯфт», «фирефт» бо «шефт», «монд» бо «ронд» ҳамқофияанд ва ҳарфҳои «х», «р», «с», «ш», «ф» ва «н» ба вазифаи ридфи мураккаб омадаанд.

Дар «Гулистон» ридфи муфраду ридфи мураккаб бештар дучор меояд. Мисоли ридфи муфрад ва ридфи мураккаб:

Бас гурсуна хуфту кас надонист, ки кист,
Бас ҷон ба лаб омад, ки бар ӯ кас нагирист.
мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлу/ фаъӯл
- - v/ v – v-/ v - - v/ v ~

Вазни ин байт Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам буда, калимаҳои «кист»-у «нагирист» қофия, ҷузви «-ист» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия ҳарфи «и» ридфи муфрад, ҳарфи «с» ридфи мураккаб ва ҳарфи «т» равии муқайяд аст.

Мисоли дигар:

Бигзор, ки бандаи каминам,
То дар сафи бандагон нишинам

мафъӯлу/ мафоъилун/ фаъӯлун
- - v/ v – v -/ v - -

Вазни ин байт Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф буда, калимаҳои «каминам»-у «нишинам» қофия, ҷузви «-инам» решаи қофия мебошад, ки ҳарфи «и» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро ва ҳарфи «м» васл аст.

## ҚАЙД

Қайд калимаи арабӣ буда, маънои луғавияш банд, занҷир мебошад. Дар илми қофия ҳамсадоест, ки ҳамеша пеш аз ҳарфи равӣ меояд. Масалан, дар калимаҳои «сард», «кард» ҳарфи «р», дар калимаҳои «паланг», «чанг», «нанг» ҳарфи «н» қайд мебошанд. Мисол:

Муроди мо насиҳат буду гуфтем,
Ҳаволат бар Худо кардему рафтем.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣл
v - - -/ v - - -/ v – ~

Вазни ин байт Ҳазаҷи мусаддаси мақсур буда, калимаҳои «гуфтем»-у «рафтем» қофия, ҷузвҳои «-уфтем»-у «-афтем» решаи қофия мебошанд. Дар ин решаи қофия ҳарфи «т» равии мутлақ, ҳарфи «ф» қайд, садонокҳои «у» ва «а» ҳазв, ҳарфи «е» васл, ҳарфи «м» хурӯҷ мебошад.

Мисоли дигар:

Макун такя бар мулки дунёву пушт,
Ки ӯ чун ту бисёр парварду кушт.
фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯл
v - -/ v - -/ v - -/ v ~

Вазни байт Мутақорибӣ мусаммани аҳтам мебошад. Калимаҳои «пушт»-у «кушт» қофия, ҷузви «-ушт» решаи қофия буда, ҳарфи «ш» қайд, ҳарфи «т» равии муқайяд ва садоноки кӯтоҳи «у» ҳазв мебошад.

## ВАСЛ

Васл калимаи арабӣ буда, маънои луғавияш пайвастани чизе бо чизи дигар, часпондан, ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳарфҳои решаги қофияро гӯянд, ки баъди ҳарфи равӣ омада, бо он пайваст шуда бошад.

Мисол:



Ба чӣ кор оядат зи гул табақе?
Аз «Гулистон» -и ман бибар варақе.
фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилун
v v - -/ v – v-/ v v –

Вазни ин байт Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф буда, калимаҳои «табақе» ва «варақе» қофия, ҷузви «-ақе» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия ҳарфи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «қ» равии мутлақ ва ҳарфи «е» васл аст.

Мисоли дигар:

Саъдӣ афтодаест озода,
Кас наёяд ба ҷанги афтода.
фаъилотун/ мафъилун/ фаълун
- v - -/ v – v- / - -

Вазни байт Хафифи мусаддаси махбуни аслам буда, калимаҳои «озода» ва «афтода» қофия, ҷузви «-ода» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия ҳарфи «д» равии мутлақ, ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «а» васл мебошад.

## ХУРӮҶ

Хурӯҷ калимаи арабист, маънои луғавияш берун шудан, берун рафтан буда, ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳарфҳои решагии калимаи қофияро гӯянд. Хурӯҷ ҳарфи ҳамсадоест, ки дар решаи қофия баъди ҳарфи васл омада бошад. Дар «Гулистон» ин ҳарфи қофия камтар дида мешавад. Мисол:

Наёсояд машом аз таблаи уд,
Бар оташ неҳ, ки чун анбар бибӯяд.
Бузургӣ боядат, бахшандагӣ кун,
Ки дона то наяфшонӣ, нарӯяд.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - -/ v - - -/ v - -

Чор мисраи боло дар навъи шеърии қитъа эҷод карда шудааст. Вазнаш – Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф. Калимаҳои «бибӯяд» ва «нарӯяд» қофия, ҷузви «-ӯяд» решаи қофия буда, ҳарфи «ӯ» равии мутлақ, ҳарфи «я» васл, ҳарфи «д» хурӯҷ мебошад.

Мисоли дигар:

На мард аст он ба наздики хирадманд,
Ки бо пили дамон пайкор ҷӯяд.
Бале, мард он кас аст аз рӯйи таҳқиқ,

Ки чун хашм оядаш, ботил нагӯяд.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
v - - -/ v - - -/ v - -

Абёти боло қитъа буда, дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф суруда шудааст. Калимаҳои «ҷӯяд» ва «нагӯяд» қофия, ҷузви «-ӯяд» решаи қофия буда, ҳарфи «ӯ» равии мутлақ, ҳарфи «я» васл, ҳарфи «д» хурӯҷ мебошад.

## МАЗИД

Мазид калимаи арабист, маънои луғавияш зиёдшуда, афзунӣ дар чизе буда, ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳарфҳои решагии қофияро гӯянд, ки баъди ҳарфи хурӯҷ меояд.

Мисол:

Дӯст машмор он, ки дар неъмат занад
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он донам, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳолию дармондагӣ.
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун
- v - -/ - v - -/ - v –

Байтҳои боло қитъа буда, вазнаш Рамали мусаддаси маҳзуф (арӯзи байти дуюм – мақсур) аст. Калимаҳои «бародархондагӣ» ва «дармондагӣ» қофия, ҷузви «-ондагӣ» решаи қофия мебошад, ки ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» равии мутлақ, Ҳарфи «д» васл, садоноки кӯтоҳи «а» нафоз, ҳарфи «г» хурӯҷ, ҳарфи «ӣ» мазид аст.

Мисоли дигар:

Ҷавонон гарчи хубу дилрабоянд,
Валекин дар вафо бо кас напоянд.
Вафодорӣ мадор аз булбулон чашм,
Ки ҳар дам бар гуле дигар сароянд.
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣл
v - - -/ v - - -/ v – ~

Чор мисраи боло дубайтӣ буда, вазнаш – Ҳазаҷи мусаддаси мақсур мебошад. Калимаҳои «напоянд» ва «сароянд» қофия, ҷузви «-оянд» решаи қофия буда, садоноки дарози «о» равии мутлақ, ҳарфи «я» васл, ҳарфи «н» хурӯҷ, ҳарфи «д» мазид аст. Ҳарфи хурӯҷ дар шеърҳои «Гулистон» нисбатан камтар мушоҳида мешавад.



## НОЙИРА (нойир)

Нойира калимаи арабист, маънои луғавиаш шуъла, оташ; раманда, гурезанда аст. Ҳамчун истилоҳ номи яке аз ҳарфҳои решагии қофияро гӯянд, ки баъди мазид омада бошад (ба ҷуз садонокҳои кӯтоҳи а, и, у). Нойира аз ҷумлаи ҳарфҳои камистеъмоли қофияи шеъри форсӣ-тоҷикист ва шоирони гузаштаю имрӯзаи мо дар ашъори худ ин ҳарфи қофияро хеле кам истифода кардаанд

Мисол:

Суол кардаму гуфтам: «Ҷамоли рӯйи туро
Чӣ шуд, ки мӯрча бар гирди моҳ ҷӯшидаст»?
Ҷавоб дод: «Надонам, чӣ буд рӯямро,
Магар ба мотами ҳуснам сиёҳ пӯшидаст».
мафоъилун / фаъилотун/ мафоъилун / фаъилун
v – v -/ v v - - / v –v / v v -

Вазни ин қитъа Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (зарби ҳарду байт – асламӣ мусаббағ; арӯзи байти дуюм – аслам) буда, калимаҳои «моҳ» бо «сиёҳ» ва «ҷӯшидааст» бо «пӯшидааст» ҳамқофия шудаанд. Дар қофияҳои «моҳ»-у «сиёҳ» ҷузви «-оҳ» («-ёҳ») решаи қофия асту садоноки «о» «-ё» ридфи муфрад, ҳамсадои «ҳ» равии муқайяд; дар қофияҳои «ҷӯшидааст»-у «пӯшидааст» ҷузви «-ӯшидааст» решаи қофия буда, садоноки «ӯ» ридфи муфрад, ҳамсадои «ш» равии мутлақ, садоноки «и» васл, ҳарфи «д» хурӯҷ, садоноки «а» нафоз, ҳарфи «с» мазид, ҳарфи «т» нойира аст.

## МАҶРО

Маҷро калимаи арабист, маънои луғавияш пӯшида, ҷои равон шудани об буда, ба маънои истилоҳӣ номи яке аз ҳаракатҳои қофияи мутлақро гӯянд. Дар бештари маворид, садоноки кӯтоҳи «а» ба вазифаи маҷро меояд. Мисол:

Ҳар сӯ давад он, к-аш зи бари хеш биронад,
В-онро, ки бихонад, ба дари кас надавонад.
мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун
- - v / v - - v/ v - -v/ v - -

Вазни ин байт Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф буда, калимаҳои «биронад»-у «надавонад» қофия, ҷузви «-онад» решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия садоноки «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н»равии мутлақ, садоноки «а» маҷро, ҳарфи «д» васл аст.

## НАФОЗ

Нафоз калимаи арабист, маънои луғавиаш гузаштани чизе аз чизе, берун шудани тир аз нишона мебошад. Ба маънои истилоҳи нафоз номи яке аз ҳаракатҳои қофияи мутлақ аст. Нафоз садоноки кӯтоҳест (а, и, у), ки дар қофияи мутлақ баъди ҳарфи васл омада бошад. Баъзе адабиётшиносони гузашта садонокҳои кӯтоҳеро, ки баъди ҳарфҳои хурӯҷ ва мазид меоянд, низ нафоз номидаанд. Нафоз аз ҷумлаи ҳаракатҳои камистеъмоли қофияи шеъри форсӣ-тоҷикист ва шоирони гузаштаю имрӯзаи мо дар ашъори хеш ин ҳаракатро хеле кам истифода кардаанд.

Дар қитъаи зерини «Гулистон» садоноки кӯтоҳи «а», ки баъди ҳарфи хурӯҷ омадааст, нафоз мебошад. Истифодаи ин ҳаракати қофия аз шоир талаб мекунад, ки маҳорати баланди шоирӣ дошта бошад:

Суол кардаму гуфтам: «Ҷамоли рӯйи туро
Чӣ шуд, ки мӯрча бар гирди моҳ ҷӯшидаст»?
Ҷавоб дод: «Надонам, чӣ буд рӯямро,
Магар ба мотами ҳуснам сиёҳ пӯшидаст».
мафоъилун/фаъилотун/мафоъилун/фаъилун
v – v- / v v - -/ v – v-/ v v –

Вазни ин қитъа Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (зарби ҳар ду байт аслами мусаббағ, арӯзи байти дуюм – аслам) буда, калимаҳои «моҳ» бо «сиёҳ» ва «ҷӯшидаст» бо «пӯшидаст» ҳамқофияанд. Дар қофияҳои «моҳ»-у «сиёҳ» ҷузви «-оҳ» («-ёҳ») решаи қофия, ҳарфи «о» (ё) ридфи муфрад, ҳарфи «ҳ» равии муқайяд; дар қофияҳои «ҷӯшидаст»-у «пӯшидаст» ҷузви «-ӯшидаст» решаи қофия, ҳарфи «ӯ» ридфи муфрад, ҳарфи «ш» равии мутлақ, ҳарфи «и» васл, ҳарфи «д» хурӯҷ, садоноки «а» нафоз, ҳарфи «с» мазид ва ҳарфи «т» нойира мебошад. Чи тавре ки мебинед, Саъдӣ дар ин қитъа ду қофияро истифода кардааст, ки яке қофияи муқайяд, дигаре қофияи мутлақ аст, ки санъати асосии иқтифо (зуқофиятайн) ба шумор меравад. Илова бар ин, дар ин қитъа боз 10 санъати маънавию лафзӣ (муроотунназир, ташхис, саволу ҷавоб, мулавван ё талаввун, мувассал, мурдаф, муқайяд, музайян, истиора, тазод ва муқобала) ба кор рафтааст, ки дар ҳақиқат, аз маҳорат ва истеъдоди баланди шоир шаҳодат медиҳад. Ҳақ ба ҷониби худи Саъдии бузургвор аст, ки гуфтааст:

Бимонад солҳо ин назму тартиб,
Зи мо ҳар зарра хок афтода ҷое.
Ғараз нақшест, к-аз мо бозмонад,
Ки ҳастиро намебинам бақое.



Магар соҳибдиле рӯзе ба раҳмат
Кунад дар кори дарвешон дуое.

## ҲОҶИБ

Ҳоҷиб калимаи арабӣ буда, маънои луғавияш парда, монеъ мебошад. Ба маънои истилоҳи ҳоҷиб калима, ё гурӯҳи калимаҳоест, ки пеш аз қофия дар ҳар байт биёранд, чунон ки радиф баъди қофия меояд.

Агар дар миёни қофиятайн (ду қофия) афтад, боз ҳам хуш ва гуворост. Шеъре, ки дар он ҳоҷиб омада бошад, онро шеъри маҳҷуб (ҳоҷибдор) меноманд. Мисол:

Шаппара гар васли офтоб наҳоҳад,
Равнақи бозори офтоб накоҳад!
муфтаъилун / фоъилоту/ муфтаъилун/ фаъ
- v v -/ - v – v/ - v v -/ -

Дар ин байт, ки дар баҳри Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур гуфта шудааст, калимаҳои «наҳоҳад»-у «накоҳад» қофия, ҷузви «-оҳад» решаи қофия буда, садоноки «о» ридфи муфрад, ҳарфи «ҳ» равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳарфи «д» васл мебошад. Дар ин байт санъатҳои бадеии маҳҷуб (калимаи «офтоб» дар ҳарду мисраъ пеш аз қофия такрор омадааст), ирсоли масал, таносуби сухан, тазод ва муқобала, мурдаф, мувассал ҷой доранд.

## РАДИФ

Радиф калимаи арабӣ буда, маънои луғавияш касеро гӯянд, ки дар қатори саворон баъди каси дигаре ҷой гирифта бошад. Илова бар ин, саф, рада ва растаро радиф низ гӯянд. Ба маънии истилоҳӣ калима ё гурӯҳи калимаҳоеро гӯянд, ки дар мисраъҳои шеър баъди қофия аз аввал то охир такрор шавад. Радиф латофати табъ, ҷазолати таркиб ва ваҳдати ягонагии шоирро хубтар менамояд. Шеъре, ки радиф дорад, мураддаф меноманд. Дар таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик ашъори шоирони гуногунро, ки мувофиқи радифи шеъри ҳамдигар эҷод кардаанд, ҷамъ оварда радоифулашъор ном ниҳодаанд. Барои ифодаи маъниҳои олӣ ва банду басти шеър қофия ва радиф аҳаммияти зиёд доранд. Мисол:

Бирав, ҳар чӣ мебоядат пеш гир,
Сари мо надорӣ, сари хеш гир!
фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯл

v - - / v - - / v - -/ v ~

Вазни байти боло Мутақориби мусаммани мақсур буда, калимаҳои «пеш»-у «хеш» қофия, ҷузви «-еш» решаи қофия, ҳарфи «е» ридфи муфрад, ҳарфи «ш» равии муқайяд мебошад. калимаи «гир», ки дар ҳар ду мисраъ баъди қофия такрор омадааст, радиф аст. мисоли дигар:

Падар ба ҷои писар ҳаргиз ин карам накунад,
Ки дасти ҷуди ту бо хонадони Одам кард.
Худой хост, ки бар оламе бибахшояд,
Туро ба раҳмати худ подшоҳи олам кард.
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун / фаъилун
v -v -/ v v - - / v – v-/ v v –

Дар қитъаи фавқ (вазнаш – Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф – зарби байти якуму байти дуюм – аслами мусаббағ, арӯзи байти дуюм- аслам) калимаҳои «одам»-у «олам» қофия, ҷузви «-ам» решаи қофия, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «м» равии муқайяд аст. Калимаи «кард», ки баъди қофия дар ҳар ду мисраъ такрор омадааст, радиф мебошад. Мисоли дигар:

Аз ту ба кӣ нолам, ки дигар довар нест
В-аз дасти ту ҳеч даст болотар нест.
Онро, ки ту раҳбарӣ, касе гум накунад
В-онро, ки ту гум кунӣ, касе раҳбар нест.
мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлун/ фоъ
- - v/ v - -v/ v - - -/ ~

Чор мисраи фавқ рубоӣ буда, (вазнаш – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи азал; ҳашви якуми мисраи якуми байти дуюм – мақбуз, ҳашви дуюми байти дуюм – мақбуз, арӯзи байти дуюм – маҷбуб), калимаҳои «довар»-у «болотар»-у «раҳбар» қофия, ҷузви «-ар» решаи қофия, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «р» равии муқайяд мебошад. Калимаи «нест», ки дар се мисраи рубоӣ, баъди қофия такрор омадааст, радиф аст. Ин рубоиро рубоии мураддаф номидан мумкин аст.

Мисоли дигар:

Ҳар кӣ бе ӯ ба сар нашояд бурд,
Гар ҷафое кунад, бибояд бурд.
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон
- v - -/ v – v -/ - ~

Дар ин байт, ки вазнаш Хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ аст, калимаи «бурд» ба вазифаи радиф омадааст.



## ҚОФИЯИ МУТЛАҚ

Вобаста ба мавқеи ҳарфи равӣ ва иштироки ҳарфҳои дигар (таъсис, дахил, ридф, қайд, васл, хурӯҷ, мазид ва нойира) қофияро ба ду навъ ҷудо кардаанд. 1. Қофияи мутлақ. 2. Қофияи муқайяд.

**Қофияи мутлақ** (комил) қофияест, ки ҳарфи равӣ бо ҳарфи васл часпида бошад, яъне баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре омада бошад. Мисол:

Куҳанхирқаи хеш пиростан
Беҳ аз ҷомаи орият хостан.
Фаъӯлун/ фаъӯлун/фаъӯлун/фаъул
v - - / v - -/ v - -/ v -

Дар ин байт (вазнаш – Мутақориби мусаммани маҳзуф) калимаҳои «пиростан»-у «хостан» қофия, ҷузви «-остан» решаи қофия, садоноки «о» ридфи муфрад, ҳамсадои «с» ридфи мураккаб, ҳарфи «т» равии мутлақ, садоноки «а» маҷро ва ҳарфи «н» васл мебошад. Азбаски баъди ҳарфи равӣ - «т» ҳарфи васл - «н» омадааст, ин қофияро қофияи мутлақ меноманд.

Мисоли дигар:

Маъшуқи ҳазордӯстро дил надиҳӣ
В-ар медиҳӣ, он дил ба ҷудойӣ биниҳӣ!
Мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлу/ фаъул
- - v/ v – v -/ v - - v/ v -

Дар ин байт, ки аз ду мисраи рубоист (вазнаш Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб), калимаҳои «надиҳӣ»-ю «биниҳӣ» қофия, ҷузви «-иҳӣ» решаи қофия буда, садоноки кӯтоҳи «и» тавҷеҳ, ҳарфи «ҳ» равии мутлақ ва ҳарфи «ӣ» васл мебошад. Чун ҳарфи равӣ («ҳ») бо ҳарфи васл («ӣ») пайваст шудааст, қофияро қофияи мутлақ меноманд.

## ҚОФИЯИ МУҚАЙЯДИ МУҶАРРАД

Қофияи муқайяди муҷаррад қофияест, ки решаи қофия танҳо аз ҳарфи равӣ сохта шудааст. Ин навъи қофия ҳам дар эҷоди шоирони адабиёти классики форс-тоҷик камтар дучор меояд. Мисол:

Он тиҳимағзро чӣ илму хабар,
Ки бар вай ҳезум аст ё дафтар?
фоъилотун/ мафоъилун / фаъилун/ (фаълун)
- v - -/ v – v -/ v v- (- -)

Дар ин байт (вазнаш – Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф (ибтидо – махбун, зарб – аслам) калимаҳои «хабар»-у «дафтар» қофия, ҷузви «-ар» решаи қофия мебошад. Азбаски дар ин решаи қофия фақат як ҳарфи қофия («р») иштирок дорад, қофияро қофияи муқайяди муҷаррад гӯянд. Мисоли дигар:

Агар ба ҳар сари мӯят дусад хирад бошад,
Хирад ба кор наояд, чу бахт бад бошад.
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаълун
v – v- /v v - -/ v – v / - -

Вазни байти боло Муҷтасси мусаммани махбуни аслам буда, калимаҳои «хирад»-у «бад» қофияи онро ташкил медиҳанд. Дар решаи ин қофия «-ад» фақат як ҳарф – равӣ «д» иштирок дорад, барои ҳамин, онро қофияи муқайяди муҷаррад меноманд.

## ҚОФИЯИ МУТЛАҚИ МУҶАРРАД

Қофияи мутлақи муҷаррад қофияест, ки решаи қофия фақат аз ҳарфи равӣ ва ҳарфи васл иборат аст. Дар «Гулистон» ин навъи қофия нисбатан кам дучор меояд. Мисол:

Ҳамон беҳ, ки лашкар ба ҷон парварӣ,
Ки султон ба лашкар кунад сарварӣ.
фаъӯлун / фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъул
v - - /v - -/ v - -/v -

Чи тавре ки мебинед, дар байти боло (вазнаш – Мутақориби мусаммани маҳзуф) калимаҳои «парварӣ»-ю «сарварӣ» қофия, ҷузви «-арӣ» решаи қофия, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ, ҳарфи «р» равии мутлақ, ҳарфи «ӣ» васл аст. Азбаски дар таркиби ҳарфҳои решаи қофия фақат ҳарфи равӣ ва ҳарфи васл омадааст, ин қофияро қофияи мутлақи муҷаррад меноманд. Ҳарчанд дар ҳар ду қофия боз ду ҳарфи дигар («р»-ю «в») ҳам ҳаст, аммо онҳо ба гурӯҳи ҳарфҳои решаи қофия тааллуқ надоранд ва номе ҳам надоранд. Дар илми бадеъ ҳарфҳои якхелаи калимаҳои қофияро, ки ном надоранду ба решаи қофия дохил намешаванд, эънот меноманд.

## АЛОҚАМАНДИИ ИЛМҲОИ АРӮЗУ ҚОФИЯВУ БАДЕЪЮ АНВОЪИ ШЕЪР

Каломи мавзун, яъне шеър ҳамон вақт ба дилҳо роҳ меёбад, ки агар маънии хубу лафзи ширину вазни хушу қофияҳои дурусту саноеи бадеии дилкаш дошта бошад. Агар яке аз рукнҳои шеър риоя нашуда



бошад, шеър нуқс пайдо мекунад ва табиист, ки таъсири он кам мегардад. Ҳамин хусусияти шеърро ба назар гирифта, донишмандони илми адаб вобастагии илмҳои арӯзу қофияю бадеъро махсус таъкид кардаанд. Вобастагии ин илмҳоро дар асоси санъатҳои мурдафу мураддафу талаввуну зуқофиятайну зубаҳрайн ва ҳудуди қавофӣ (мутаковис, мутакориб, мутадорик, мутавотир ва мутародиф) бештар мушоҳида кардан мумкин аст.

Барои дарёфтани баъзе санъатҳои шеърӣ ба муҳаққиқ лозим аст, ки нозукиҳои илмҳои арӯзу қофияю бадеъро хуб бидонад. Масалан, дар ин байти Камоли Хуҷандӣ санъати лафзии зуқофиятайн истифода шудааст:

Ошиқонат ба саҳарҳо, ки дуо мегӯянд,
Ба дуо бӯйи ту аз боди сабо меҷӯянд.

Агар толибилм илми қофия ва истилоҳоти он – решаи қофия, калимаи қофия, ҳарфҳои қофия – равӣ, таъсис, дахил, ридф, қайд, хурӯҷ, мазид, нойира; ҳаракатҳои қофия ва хусусан, маънии луғавию истилоҳии зуқофиятайнро надонад, аз ин байти Камол калимаҳое, ки ба вазифаи санъати зуқофиятайн омадаанд, ҷудо карда наметавонад.

Дар адабиёт гоҳе ба ашъоре дучор меоем, ки шоир дар як байт се қофияро истифода кардааст. Масалан, дар ин байти Низомӣ:

Лайлӣ зи бурун паранд медӯхт,
Маҷнун зи дарун сипанд месӯхт.
– – V / V – V – / V – ~

Калимаҳои «бурун» бо «дарун», «паранд» бо «сипанд» ва «медӯхт» бо «месӯхт» ҳамқофия шудаанд, ки дар илми бадеъ ин навъи санъатро зуқавофӣ меноманд.

Ҳангоми ташреҳи навъи қофияи мутавотир донистани нозукиҳои илмҳои арӯзу қофия ёрӣ мерасонад. Маънии луғавии мутавотир пайиҳамоянда, пай дар пай мебошад, аммо чун истилоҳ яке аз анвоъи қофияро гӯянд, ки аз мутаҳаррику сокине, яъне аз як ҳиҷои дароз ё ин ки аз як сабаби хафиф иборат бошад. Масалан, дар ин байти Носири Хусрав:

Азизо, гар ба худ хорӣ нахоҳӣ,
Макун коре, ки боз орад табоҳӣ.
V - - -/ V - - -/ V - -

Калимаҳои: «нахоҳӣ» ва «табоҳӣ» қофия буда, ҳиҷои «ҳӣ»-и ҳарду калима, ки аз як сабаби хафиф, яъне аз як ҳиҷои дароз иборат аст, мутавотир мебошад.

Ҳангоми баёни навъи қофияи мутародиф низ вобастагии бевоситаи илмҳои арӯзу қофия мушоҳида мешавад. Маънии луғавии

мутародиф пайиҳамомада буда, аммо дар илми қофия навъи қофияеро гӯянд, ки дар охири он ё зиҳофи музол ё зиҳофи мусаббағ омада бошад.

Масалан, дар ин байти Фирдавсӣ:

Касе нест бо озу бе ному нанг,
Ҳамон оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг.
V - -/ V - -/ V - -/ V ~

Калимаҳои «нанг»-у «ҷанг» қофияи мутародиф мебошад.

Чунин вобастагии илмҳои арӯзу қофияву бадеъро дар мавриди радиф, ридф ва санъатҳои мураддафу мурдаф низ бармало дидан мумкин аст. Агар як калима баъди қофия аз аввал то охири шеър айнан такрор шавад, онро радиф меноманд. Маънии луғавии радиф ҳамсаф ё ҳамсафар, касе, ки дар асп ё хар аз паси ҷилавдор савор бошад. Дар илми бадеъ шеъреро, ки дар он радиф омадааст, мураддаф мегӯянд. Масалан, дар ин байти Ҳофиз:

Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард
В-он чи худ дошт, зи бегона таманно мекард.

Калимаи «мекард», ки баъди қофияҳои «мо» ва «таманно» такрор омадааст, радиф мебошад ва табиист, ки дар илми бадеъ онро санъати бадеъии мураддаф меноманд.

Санъати лафзии мурдаф пеш аз ҳама, ба яке аз ҳарфҳои қофия – ҳарфи ридф вобастагӣ дорад. Маънии луғавии ридф – паи ҳам даромадан, тобеъи чизе будан аст, аммо ба маънии истилоҳӣ номи яке аз ҳарфҳои решагии қофия аст, ки пеш аз ҳарфи равӣ омада бошад. Ҳам ҳамсадоҳо ва ҳам садонокҳои дароз ба вазифаи ридф омада метавонанд. Дар илми бадеъи классикӣ мурдаф гуфта санъати лафзиеро меноманд, ки агар дар таркиби ҳарфҳои решагии қофия ҳарфи ридф омада бошад.

Мисол аз Фирдавсӣ:

Зи шоҳу зи лашкар саронро бихонд,
Сазовор бо ӯ ба ромиш нишонд.

Дар ин байт, ки дар баҳри Мутақорибй мусаммани мақсур (фаъӯлун, фаъӯлун, фаъӯлун/ фаъӯл) суруда шудааст, решаи қофия – «онд» мебошад. Дар ин решаи қофия ҳарфи «о» ридфи муфрад, ҳарфи «н» ридфи мураккаб ва ҳарфи «д» равии мутлақ мебошад. Азбаски дар қофияи ин байт ҳарфи ридф (ҳам ридфи муфрад ва ҳам ридфи мураккаб) омадааст, санъати шеърии онро мурдаф меноманд. Бамаврид аст ёд кунем, ки ҳам мураддаф ва ҳам мурдаф дар ҳуруфи арабӣ яксон навишта мешавад. Агар толибилм нозукиҳои радиф ва илми қофияро надонад, ба ҷойи мурдаф (ҳарфи ридфдор) мураддаф



(радифдор) ва ё баръакс ба ҷои мураддаф мурдаф хонданаш мумкин аст.

Ҳангоми муайян кардани навъҳои қофия ва ҳудуди он (Мутаковис, Мутарокиб, Мутародиф, Мутадорик ва Мутавотир) вобастагии илмҳои арӯзу қофия боз ҳам равшантар маълум мегардад. Ин вобастагӣ, пеш аз ҳама, дар асоси ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳу якунимҳиҷо муайян карда мешавад. Масалан, дар мавриди таърифи навъи қофияи Мутаковис гуфта мешавад, ки он аз чаҳор мутаҳаррику як сокин, яъне, аз се ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз, ё ин ки аз як фосилаи кубро сохта мешавад. Масалан, дар байти зерин калимаҳои «бихураде», «нигараде» навъи қофияи Мутаковис буда, аз се ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз, яъне, аз як фосилаи кубро иборатанд:

Гар ёри ман ғами дилам бихураде,
З-ин беҳтарак ба ҳоли ман нигараде.
мустафъилун / мафоъилун / фаъилатун

Шамси Қайси Розӣ қайд мекунад, ки «ин қофия дар шеъри порсӣ хушоянда набошад» (19, 78) барои ҳамин, шоирони форс-тоҷик дар аъшори худ онро хеле кам истифода бурдаанд. Мутаковис фақат дар ашъоре дучор меояд, ки агар он дар баҳри Раҷаз бошад.

Дар мавриди муайян намудани навъи қофияи Мутарокиб низ ҳамин ҳолат рух медиҳад. Маънии Мутарокиб зич, болои ҳам, бари ҳам нишастан аст, аммо дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои қофияро гӯянд, ки аз се мутаҳаррик ва як сокин, яъне аз ду ҳиҷои дароз ё ин ки аз як фосилаи суғро иборат мебошад. Мисол:

Аз ишқи ту ман дар ҷаҳон самарам,
Месӯзад аз ҳиҷрони ӯ ҷигарам,
мустаъфилун / мустафъилун / фаъилун

Дар ин байт, ки дар баҳри Сареъи мусаддаси махбуни матвии макшуф суруда шудааст, калимаҳои «самарам» ва «ҷигарам» Мутарокиб буда, аз як фосилаи суғро сохта шудааст. Змнан, мутарокиб дар ашъори шоирони форс-тоҷик фақат дар афоъили фаъилун ( у у -), муфтаъилун ( - у v -), мафъӯлу фаъал) ( - - у у -), мафоъйлу фаъал ( у - - у у -) омада, бештар ба баҳрҳои Раҷаз, Ҷадид, Муҷтасс, Сареъ ва Муқтазаб хос мебошад.

Ҳангоми баёни навъи қофияи Мутародиф низ вобастагии бевоситаи илмҳои арӯз ва қофия мушоҳида мешавад. Маънии луғавии Мутародиф паи ҳам омада аст, аммо дар илми қофия яке аз навъҳои онро гӯянд, ки дар охири он ду сокин, яъне ё зиҳофи музол ё зиҳофи мусаббағ омада бошад.

Дар байти зерини Фирдавсӣ ки дар баҳри Мутақориби мусаммани мақсур эҷод шудааст, калимаҳои «нанг» ва «ҷанг» қофияи Мутародиф мебошанд:

Касе нест бе озу бе ному нанг,
Ҳамон оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг.

Мутародиф нисбат ба дигар навъҳои қофия серистеъмол буда, асосан хоси баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб ва Комил мебошад.

Вақте ки яке аз навъҳои қофия – Мутадорикро шарҳ додани мешавем, алоқа ва ҳамбастагии бевоситаи илмҳои қофияву арӯз пеши назар меояд. Мутадорик номи яке аз баҳрҳои солими арӯз буда, рукни солимаш фоъилун мебошад. Аммо дар илми қофия яке аз анвоъи қофияро гӯянд, ки аз ду мутаҳаррику сокине, яъне аз як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз, ё ин ки аз як ватади маҷмӯъ иборат бошад. Маънии луғавии Мутадорик дарёфтан, дарак додан, пайвастан аст.

Масалан, дар байти зерини Фирдавсӣ ки дар баҳри Мутақориби мусаммани маҳзуф суруда шудааст, калимаҳои «надравӣ» ва «нағнавӣ» қофия буда, қисмати ватади маҷмӯъи ҳар ду калима – «равӣ» ва «навӣ», ки аз як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз сохта шудаанд, Мутадорик мебошад:

В-агар бад кунӣ, ҷуз бадӣ надравӣ,
Шабе дар ҷаҳон шодмон нағнавӣ.

Мутадорик ҳамчун яке аз анвоъи қофия дар афоъили фоъилун ( - у - ), мустафъилун ( - - у -), мафоъилун (у - у -), фаъӯлун фаъал (у - - у -), мафоъӣлу фаъ (у - - у - ) меояд ва асосан хоси баҳрҳои Раҷаз, Мутадорик, Мутақориб, Қариб, Музореъ, Мушокил ва ғайра мебошад.

Ҳангоми ташреҳи навъи қофияи Мутавотир низ донистани нозукиҳои илмҳои арӯзу қофия ёрӣ мерасонад. Маънии луғавии Мутавотир паиҳамоянда, пай дар пай мебошад, аммо чун истилоҳ яке аз анвоъи қофияро гӯянд, ки аз мутаҳаррику сокине, яъне, аз як ҳиҷои дароз ё ин ки аз як сабаби хафиф иборат бошад. Мисол аз ашъори Носири Хусрав:

Азизо, гар ба худ хорӣ нахоҳӣ,
Макун коре, ки боз орад табоҳӣ.
мафоъӣлун / мафоъӣлун / фаъӯлун

Дар ин байт калимаҳои «нахоҳӣ» ва «табоҳӣ» қофия буда, ҳиҷои «ҳӣ»-и ҳарду калима, ки аз як сабаби хафиф, яъне аз як ҳиҷои дароз иборат аст, Мутавотир мебошад. Мутавотир нисбат ба дигар навъҳои



қофия серистеъмол буда, бештар хоси баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс ва ғайра мебошад.

Ҳангоми баён ва шарҳи санъатҳои бадеъии мувашшаҳ ва анвоъи он: музамман, мушаҷҷар, муҳайяз ва ғайра таносуби илмҳои арӯзу қофияву бадеъ бармало маълум мешавад. Дар гузашта баъзе шоирон шеъре (қасидае) эҷод кардаанд, ки бинои он бар чанд вазн гузошта шудааст ва чунин шеърро дар илми бадеъ мувашшаҳи муҳайяз меноманд.

Маънии луғавии мувашшаҳ ороста, занатдодашуда ва маънии луғавии муҳайяз макон, паноҳгоҳ мебошад. Ба маънии истилоҳӣ мувашшаҳи муҳайяз яке аз санъатҳои лафзист. Шоир шеъре мегӯяд, ки агар баъзе бахшҳои онро ҷудогона бархонанд, қитъа, рубоӣ ё байте дар авзони мухталиф ба вуҷуд меояд. Рашидии Самарқандӣ дар як қасидаи худ, ки дар баҳри Рамали мусаммани махбуни мақсур (фоъилотун, фаъилотун, фаъилотун, фаъилон) суруда шудааст, санъати мувашшаҳи муҳайязро хеле хуб истифода кардааст. Байти авали қасидаи мавриди назар чунин аст:

Ай кафи роди ту дар ҷуд беҳ аз абри баҳор,
Халкро бо кафи ту абри баҳорӣ ба чӣ кор?

Агар ин қасидаро ба сурати комил пеши назар биёварему аз он ҷузвҳои мисраъҳои 5-12 ин қасидаро дар алоҳидагӣ ҷамъ намоем, рубоии зерин дар вазни Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб / рукни аввали мисраи сеюм – ахрам, рукни дуюми он – аштар / ҳосил мешавад:

Бар банда ниҳод ҷуди ту бори гарон,
Ман банда зи шукр оҷизам чун дигарон.
Кардастам ҷурм, сӯи афват нигарон.
Ин ҷурм ба фазл з-ин раҳи даргузарон.
Мафъӯлу / мафоъилун / мафаъӣлу / фаъал
- - у / у - у - / у - - у / у -

Гузашта аз ин, агар калимаҳои ҷудогонаи мисраъҳои 17-36-ро ба ҳам орем, ғазале ба вуҷуд меояд, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мусаббағ – (мафъӯлу) мафоъилун (мафоъӣлон) эҷод шудааст.

Шуд абри матир назди ту ҳайрон,
Шуд шамси мунир пеши ту пинҳон.
Дар донишу фазл аз дили покат
Чун баҳри қаъир гашт бепоён.
Натвонад буд мар туро ҳаргиз,
Ҳамтову назир дар ҳама кайҳон.

Осуда шуданд бо кафи родат,
Аз шуғли ҳақир шоирон яксон.
Мансур шудем бар муроди дил,
Яздон-т насир бод ҷовидон!

Вобастагии илмҳои арӯзу қофияву анвоъи шеърӣ боз дар он аст, ки тамоми анвоъи шеърии адабиёти форс-тоҷик: байт, дубайтӣ, рубоӣ, маснавӣ, ғазал, қасида, қитъа, мусаммат, таркиббанду тарҷеъбанд ва мустазод вобаста ба тарзи қофиябандӣ ба навъҳо ҷудо карда мешаванд.

Чи тавре ки мебинем, илмҳои арӯзу қофияву бадеъ ба ҳам алоқаи зич ва ногусастанӣ доранд. Агар шоир аз нозукиҳои ин илмҳо комилан бохабар бошад, шеъре меофарад, ки ҳар гуна хонандаи хушзавқу нуктасанҷро қонеъ мегардонад. Аз тарафи дигар, ба муаллимони забон ва адабиёти мактабҳои миёна, устодони мактабҳои олӣ, олимону донишмандони илми адабиёт ва онҳое, ки ба каломи мавзун сарукор доранд, зарурате пайдо мешавад, ки аз аркони шеър (арӯз, қофия, бадеъ, анвоъи шеърӣ) огоҳии зарурӣ дошта бошанд.



## ФАСЛИ ПАНҶУМ
## КИТОБҲОИ ТАЪЛИМИИ АДАБӢ

## «ЧАҲОР МАҚОЛА»-И
## НИЗОМИИ АРӮЗИИ САМАРҚАНДӢ

Дар оғози китоби «Чаҳор мақола» номи муаллиф, яъне Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ Ан-Низомӣ ал-Арӯзӣ ас-Самарқандӣ сабт шудааст. Маълум мешавад, ки номи ӯ Аҳмад, номи падару бобояш Умар ва Алӣ, тахаллусаш Низомӣ ва лақабаш Арӯзӣ будааст. Лақаби Арӯзӣ далели дар илми арӯз ихтисос доштан ва Самарқандӣ нисбаи ӯ ба шаҳри Самарқанд мебошад.

Дар хусуси он ки Низомии Арӯзӣ аз мардуми Самарқанд аст, шубҳае нест. Илова бар он ки дар худи китоб нисбаи Самарқандӣ зикр мешавад, баъзе аҳли тазкира ва таҳқиқ низ ӯро Самарқандӣ донистаанд. Фақат, Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» бе далели қотеъ ӯро аз аҳли Нисо медонад, ки чунин гуфта баъдҳо тасдиқ нашуд.

Ахборе, ки мо дар бораи зиндагонии ин марди донишманд дорем, имконият намедиҳад, ки чараёни зиндагии ӯро бо тафсилу тартиби даркорӣ барқарор намоем. Ин ахбор аксар аз факту далелҳои ҷудогона иборат буда, силсилабандии онҳо фақат ба воситаи фаразу тахминҳо мумкин аст. Ҳамаи ин санаҳои пароканда дар китоби ӯ «Чаҳор мақола» вобаста ба мавриде сабт шудаанд. Дар ҳикояти дуюми мақолаи дуюм мегӯяд, ки соли 504 ҳиҷрӣ (1111-12 мелодӣ) дар Самарқанд аз деҳқон Абӯриҷо Аҳмад ибни Абдуссамад ал-Обидӣ ҳикояти ба Самарқанд омадани Рӯдакиро шунидааст. («Чаҳор мақола» - таълифи Низомии Арӯзӣ. Бо тасҳеҳи доктор Муҳаммад Мӯъин. - Теҳрон, 1334.- Саҳ. 63). Ин аввалин санаест, ки муаллиф аз рӯзгори худ ёд мекунад. Аз рӯи баъзе қаринаҳо вай бояд ин вақт ҷавони ба балоғатрасидае бошад. Баъди як ё ду сол, ба соли 506 ҳиҷрӣ (1113-14 мелодӣ) дар шаҳри Ҳирот дар суҳбати Умари Хайём будааст (ҳамон китоб, саҳ. 127). Агар Низомии Арӯзӣ дар касбу камоли дониш қадру манзалате намедошт, бо ҳеҷ ваҷҳ мушаррафи суҳбати Умари Хайём намегардид. Сабаби мусофирати ӯ аз Самарқанд ба Балх, ки дар он ҷо ба суҳбати Хайём расид, низ маълум нест.

Чи тавре ки набошад, Низомии Арӯзӣ солҳои 1113-14 суҳбати Умари Хайёмро дар шаҳри Балх дарёфтааст ва ӯ дар ин вақт, агар чун донишманд набошад ҳам, мисли як шахси ҷӯяндаи илму дониш шуҳрат дошта ва дар маҷлисҳои илмии хеле боэътибор низ имкони

ширкат варзидан доштааст. Дар китоби «Чаҳор мақола» Низомии Арӯзӣ, бо таъбироти зайл худро шогирди Хайём меномад: «Дар санаи салоси (530 ҳиҷрӣ-1136 мелодӣ) ба Нишопур расидам. Чаҳор сол буд, то он бузург рӯй ба ниқоби хок кашида буду олами сифлӣ (дунёи паст) аз ӯ ятим монда ва ӯро бар ман ҳаққи устодӣ буд. Одинае (ҷумъае) ба зиёрати қабри ӯ рафтаму якеро бо худ бибурдам, ки хоки ӯ ба ман намояд». (ҳамон китоб, саҳ. 127-128).

Таъбири «ӯро бар ман ҳаққи устодӣ буд» маънои доманадоре дорад ва аз он бештар кайфияти шогирдии бавосита, дар маънии пайравию эътиқоди илмӣ аз таълиму тадриси бевосита бештар ба назар мерасад. Бо шаҳодати донишманди эронӣ Ҷалол Ҳумоӣ бар пушти нусхаи қадимие аз рубоиёти Умари Хайём ишорат бар шогирдии Низомии Арӯзӣ бар муаллифи рубоиёти мазкур рафтааст.

Пас аз се соли вохурии мазкур бо Хайём Низомии Арӯзӣ дар Ҳирот будааст. Вақти ба он ҷо рафтани ӯ маълум нест. Соли 510 (1117-18) Низомии Арӯзӣ ба дарбори султон Санҷар омада, қасидае ба амир Муиззӣ – шоири маъруф ва амирушшуарои дарбори султони мазкур пешкаш мекунад.

Вақти ба шоирӣ шурӯъ кардани Низомии Арӯзӣ маълум нест, то вақти ба ин дарбор омадан вай бешубҳа машқи шоирӣ мекарда ва шеърaш ҳам то андозае бояд эътироф шуда бошад. Дар акси ҳол, мувофиқи русуми замон, вай ҷуръат намекард, ки ба худи амирушшуарои султон Санҷар шеърашро арза дорад. Зоҳиран авзои Низомии Арӯзӣ дар ин вақт аз ҷиҳати маънавию маишӣ чандон хуб набуд, ки ӯ ба ин кор иқдом кард. Сабаби ба дарбор омаданашро худи ӯ чунин шарҳ медиҳад: «Дар санаи ашара ва хамсамоия (510 ҳиҷрӣ-1117-18 мелодӣ) подшоҳи ислом Санҷар ибни Маликшоҳ… ба ҳадди Тӯс, ба дашти Турук баҳор доду ду моҳ он ҷо муқом кард, ман аз Ҳарӣ (Ҳирот) бар сабили интиҷо (некӯӣ) бад-он ҳазрат пайвастам ва надоштам аз баргу (тӯшаи роҳу) таҷаммул (ҳашамат) ҳеҷ. Қасидае бигуфтам ва наздики амирушшуаро Муиззӣ рафтаму ифтитоҳ (кӯшоиш) аз ӯ кардам ва шеъри ман бидиду аз чанд навъ маро барсахт (санҷид), ба муроди ӯ омадам. Бузургиҳо фармуду меҳтариҳо воҷиб дошт. Рӯзе пеши ӯ аз рӯзгор истизодате (дилсангие) ҳаменамудам ва гила ҳамекардам. Маро дил доду гуфт: «Ту дар ин илм ранҷ бурдаӣ ва тамом ҳосил кардаӣ. Онро, ҳароина, (албатта), асаре бошад. Ва ҳоли ман чунин буд ва ҳаргиз ҳеҷ шеъри нек зоеъ намондааст. Ва ту дар ин синоот ҳаззе (баҳрае) дорӣ ва сахт ҳамвору азб (хуш) асту рӯй дар тараққӣ дорад. Бош, то бубинӣ, ки аз ин илм некӯиҳо бинӣ. Ва агар



рӯзгор дар ибтидо мазоиқате (сахтгирие) намояд, дар сониулҳол (охир) кор бар муроди ту гардад».

Аз суханони боло маълум мешавад, ки Низомии Арӯзӣ дар ин ҳангом ҳанӯз ҷавон будааст. Чунки дар касби илму дониш камолоте дошта бошад ҳам, мартабаи шоирии ӯ фақат ба умеди оянда такя мекунад. Аммо назария ва қонуни шеъргӯиро хеле хуб аз худ кардааст. Зоҳиран шахсияти Низомӣ (ва шояд шеъри ӯ низ) дар дарбори султон Санҷар бояд мувофиқ наомада бошад, ки мо ӯро як сол баъд дар вилояти Тӯс ба зиёрати мазори Фирдавсӣ мебинем ва худи ҳамон сол боз ба Нишопур меояд.

Аз рӯйи баъзе далелҳо, вай чанд муддат сокини Нишопур будааст ва ҳикояти моҷарои Фирдавсӣ ва султон Маҳмудро дар ҳамон мавзеъ гӯё аз амир Муиззӣ соли 1121 шунидааст.

Дар бораи зиндагонии Низомии Арӯзӣ дар байни солҳои 1121-1136 маълумоте надорем ва рӯзгори ӯ ба кадом ҳол мегузашт, намедонем. Чуноне ки дар боло қайд шуд, ӯ соли 1136 ба Нишопур омада, қабри Умари Хайёмро зиёрат мекунад. Таъбири (ба Нишопур расидан) гувоҳӣ медиҳад, ки вай ҳарчанд пеш аз он борҳо дар Нишопур буд, аз ҷои дигар ба ин ҷо омада расидааст.

Масъалаи дигаре, ки аз рӯзгори Низомии Арӯзӣ қобили таваҷҷӯҳ аст, нисбат ва пайвастагии ӯ ба дарбори шоҳони Ғур мебошад. Ғур вилояти кӯҳиеро мегуфтанд, ки дар ноҳияи дарёи Ҳарирӯд ҷойгир шуда, ҳудуди он аз Ҳирот то Ғазна ва дар Шарқ то сарҳади Бадахшон кашол ёфтааст. Дар асрҳои миёна мардуми Хуросон он ҷоро Кӯҳистон ҳам меномиданд. Ҳокимияти сиёсии Ғур дар асри XI ба дасти амирҳои хурд-хурд буд ва онҳо гоҳе амалан, вале гоҳе зоҳиран тобеъи Ғазнавиён буданд. Дар аввали асри XII амирони Ғур тахти ҳокимияти ягона ҷамъ омаданд ва давлати бошукуҳеро бо маркази сиёсии Фирӯзкӯҳ ба вуҷуд оварданд. Аз ин вақт сар карда, то охири асри XII Ғуриён дар ҳаёти сиёсии Хуросон роли муҳимме бозиданд. Низомии Арӯзӣ худро намояндаи шоирони ҳамин дарбор медонад: «Бандаи мухлис..., - мегӯяд ӯ, - чиҳилу панҷ сол аст то ба хидмати ин хонадон мавсум аст».

Соли таълифи «Чаҳор мақола» 1156-66 муқаррар шудааст ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки ӯ бояд солҳои 1110-11, яъне айнан пеш аз иштирок дар суҳбати Хайём ба шаҳри Балх ва баъди аз Самарқанд ба Ғур рафта бошад.

Дар ҷанге, ки соли 1152 байни султон Санҷар ва Алоуддин Ҳусайни Ғурӣ рӯй дод, Низомии Арӯзӣ аз тарафи Ғуриён иштирок дошт ва баъди ҷанг чанде дар Ҳирот монд. Азбаски китобро ба яке аз

шоҳзодагони Ғурӣ Абулҳасан Ҳисомуддини Алӣ мебахшад, вай бе ҳеҷ гуна шубҳа ин вақт дар дарбори Ғуриён буд ва баъд шояд умри худро дар ҳамон ҷо ба сар бурда бошад. Аз тақдири минбаъда ва соли вафоти ӯ сарчашмаҳо хабар надодаанд.

Шоириро Низомии Арӯзӣ касби асосии худ медонад. Ӯ дар соҳаи тиб ва дигар навъҳои дониши замонааш шахси бохабар бошад ҳам, шоирӣ майдони асосии орзу ва майлу рағбаташро ташкил медиҳад. Аммо аз осори манзуми ӯ ҳамагӣ чанд порча боқӣ мондааст, ки аз онҳо бӯйи шеъри сода ва равони асри X ба машом мерасад. Ҳарчанд ки дар назарияи шеър ӯ равиши ба асри худаш наздиктарро пеш гирифта буд.

Ягона асари Низомии Арӯзӣ «Чаҳор мақола» мебошад. Номи аслии ин китоб «Маҷмаъ-ун-наводир» буда, ба сабаби аз чаҳор мақола иборат буданаш, баъдҳо бо ҳамин ном интишор ёфтааст. Баъзе мусаннифони гузашта, ба мисли Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» иштибоҳан, «Маҷмаъ-ун-наводир» ва «Чаҳор мақола»-ро ду асари ҷудогона донистааст.

«Чаҳор мақола» - аввалин маротиба соли 1887 дар Теҳрон ба табъ расидааст. Соли 1919 Муҳаммади Қазвинӣ аввалин бор дар асоси ду нусхаи қаламӣ ва чопӣ матни интиқодии онро дар Теҳрон нашр кард. Ин донишманд на фақат матни интиқодии асарро тайёр кард, балки ба он як тавзеҳоти муфассале ҳам навишт, ки аз ҳаҷми китоб чандин маротиба бузургтар аст. Пас аз ин китоб борҳо дар Эрон нашр шуд ва ба қавли Муҳаммад Мӯъин, ҳарчанд ноширон дар болои он таъбири «тасҳеҳи Муҳаммад ибни Абулваҳҳоби Қазвиниро»-ро менависанд, аксар маврид ин навъ нашрҳо хеле пурнуқсон мебароянд. Доктор Муҳаммад Муин соли 1957 «Чаҳор мақола»-ро дар асоси матни интиқодии Муҳаммади Қазвинӣ ва бо тавзеҳу муқобала (нусхаҳои қаламӣ) аз нав нашр кард. Дар айни ҳол нашри мазкури Муҳаммад Муин матни асосии таҳқиқӣ ва асоси нашрҳои дигар мебошад. Китоб ду маротиба ба англисӣ тарҷума шудааст. Соли 1969 дар Москва нашри пурраи тарҷумаи русии китоб дар зери таҳрир ва муқаддимаи Александр Николаевич Болдирев чоп шуд.

Таркиби шакли «Чаҳор мақола» мураккаб нест. Китоб аз чаҳор мақола ва қисмати муқаддимавӣ иборат аст. Дар муқаддима нависанда тартиби офариниши оламу одам, тақсими табақавии ҷамъият, сабабу мақсади таснифи китоб ва зарурияти онро шарҳ медиҳад. Дар тақсимоти табақавии ҷамъият вай аз боло подшоҳро диниста, изҳори ақида мекунад, ки бояд наздикони ӯ аз аҳли фазл бошанд ва ҳамин гуна аҳли фазл аз чаҳор гурӯҳ иборат аст: дабирон



(котибон), шоирон, мунаҷҷимон ва табибон. Албатта, арзиши аслии китоб аз ин доираи маҳдуд хеле васеътар аст. Аз ин ҷо китоб ба чаҳор мақола тақсим мешавад: 1. Дар моҳияти дабирӣ ва кайфияти дабири комил ва он чи тааллуқ дорад бар ин; 2. Дар моҳияти илми шеър ва салоҳияти шоир; 3. Дар илми нуҷум ва ғазорати мунаҷҷим дар он; 4. Дар илми тиб ва ҳидояти табиб.

Ҳар як боб аз муқаддима ва даҳ ҳикоят иборат аст. Мустасно боби чорум аст, ки дувоздаҳ ҳикоят дорад. Агар як ҳикояти қисми муқаддимаро низ ба эътибор бигирем, он гоҳ ҷамъ дувоздаҳ ҳикоят мешавад. Баробарии миқдори ҳикоёт нишон медиҳад, ки китоб маҷмӯаи тасодуфие нест, онро муаллиф дар шакли муайян ва бо мақсади муайян навиштааст. Ҳар як боб муқаддимае дорад, ки дар он асосҳои назарии ҳамон навъи дониш ё ҳунар, яъне дабирӣ, шоирӣ, мунаҷҷимӣ ва табибӣ шарҳ ёфтааст. Аз нуқтаи назари муаллиф ҳикояҳо ду вазифа доранд, яке зарурияти нигоҳ доштани аҳли илму адабро дар дарборҳо ва дигар асосҳои назариявии муқаддимаҳоро тасдиқ мекунад, яъне онҳо вазифаи тасдиқ ва намоишӣ доранд. Аз рӯйи ҳамин талабот шакли ҳикоятҳои интихобшуда муайян гардидааст. Дар натиҷа ҳамаи ҳикояҳои китоб воқеии таърихӣ буда, ҳақиқат дар онҳо шакли бадеӣ гирифтааст. Ҳикояҳо аксар саргузашти воқеӣ ё лаҳзае аз зиндагии аҳли илму адаб мебошанд. Азбаски Низомии Арӯзӣ дар ин ҳикоятҳо манфиати аҳли илмро муҳофизат карда, ба муқобили ҳамагуна носозгории зиндагии онҳо мебароянд, китоб, пеш аз ҳама, арзиши гуманистӣ дорад. Дар маркази диққати Низомии Арӯзӣ инсон бо саъю кӯшиш барои фаъолияти интеллектуалӣ, маърифат ва ҳақиқат меистад. Муаллиф қаҳрамонони худро дӯст медорад, мехоҳад онҳоро сафед кунад, аз бадӣ ва истибдод муҳофизат намояд. Подшоҳон ва бузургонро (бо зарурияти ногузир) ситоиш намуда, вай дар ҳақиқат бузургтарин мадҳи дониши ақлӣ ва намояндагони дурахшони онро ба вуҷуд овард. Образи ин одамон, ба мисли образи дигар персонажҳо – подшоҳон, ҷанговарон, савдогар ва ғуломон дар шакли мушаххас ва ҳаётӣ бо нармию таваҷҷуҳи мафтункунанда ва табиӣ, гоҳе бо соддагии хандаовар, вале ҳама вақт аз тахти дил ва ҳаққонӣ дода шудаанд».

Низомии Арӯзӣ, дар ҳақиқат, ба ҳама гуна шахсони зидди аҳли илму адаб ва ҷоҳилон кинаву адовате дар дил мепарварад. Барои замони нависанда, ки таъқиби озодфикрӣ ва ҳатто шуғли илмҳои дунявӣ ба дараҷаи сиёсати давлатӣ расида буд, кори Низомии Арӯзӣ амали хавфе буд. Дар ҳикояти сеюми мақолаи чаҳорум муносибати Абдуллоҳи Ансорӣ ва табиб Хоҷа Исмоил оварда шудааст. Шайхи

мазкур пайваста асарҳои табибро месӯхт. Ба рӯзгоре Шайх бемор шуд ва ҳарчанд дар табобати ӯ кӯшиш карданд, суд набахшид. Билохир ба Хоҷа Исмоил мурочиат карданд. Хоҷа Исмоил ба ӯ дору таъйин карда, чунин мефармояд: «Бигӯед, ки илм бояд омӯхт ва китоб набояд сӯхт».

Низомии Арӯзӣ зарурат ва арзиши китоби «Ал-қонун»-и Абӯалии Синоро қайд карда, мегӯяд:

«Ва аҷабе, шунидам, ки яке дар ин китоб бар Бӯалӣ эътироз карда ва аз он муътаризот китобе сохт ва «Ислоҳи «Қонун» ном кард. Гӯӣ дар ҳар ду менигарам, ки мусанниф чӣ маътӯҳ (беақл) марде бошад ва мусанниф чӣ макрӯҳ (нафратовар) китобе. Чаро касеро бар бузурге эътироз бояд кард, ки таснифе аз они ӯ ба даст гирад, масоили нахустин бар ӯ мушкил бошад? Чаҳор ҳазор сол буд, то ҳукамои авоил ҷонҳо гудохтанд ва равонҳо дарбохтанд, то илми ҳикматро ба ҷой фуруд оранд, натавонистанд. То бояд аз ин муддат ҳакими мутлақ ва файласуфи аъзам Аристотолис (Аристотел) ин нақдро ба қистоси (тарозуи) мантиқ бисахт (санҷид) ва ба маҳаки ҳудуд нақд кард ва ба микёли (тарозуи) қиёс бипаймуд... Ва баъд аз ӯ дар ин ҳазору панҷсад сол ҳеҷ файласуф ба кунҳи (ҳақиқати) сухани ӯ нарасид ва бар ҷодаи саёқати (тарзу равиши) ӯ нагузашт, ило афзалулмутааххирин, ҳакимулмашриқ... Абӯалӣ ал-Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино. Ва ҳар ки бар ин ду бузург эътироз кард, хештанро аз зумраи аҳли хирад берун овард ва дар силки аҳли ҷунун тартиб дод».

Мақсади Низомии Арӯзӣ, албатта, китобе ба мисли тазкира ва ахбори аҳли илму адаб навиштан набудааст. Бинобар ин, ба ин китоб ҳамчун маъхази илмӣ ва адабӣ хеле боэҳтиёт муносибат кардан лозим аст. Низомии Арӯзӣ асосан, тасаввуроти замонашро дар бораи шахсони таърихӣ менависад. Заминаи илмию бурҳонии ин тасаввурот аз далелу фактҳои воқеӣ дида ба бофтаҳои тасаввурӣ наздиктар аст. Бинобар ин, тадқиқотчиён дар китоб ба ихтилофи факту рақамҳо ба ҳақиқати таърихӣ дучор омадаанд. Аммо ахбори Низомии Арӯзӣ фақат дар муқоиса бо дигар сарчашмаҳои таърихию адабӣ арзиши муайяни илмие пайдо мекунад. Ахбори Низомии Арӯзиро дар бораи шахсияту фаъолияти илмию адабии Рӯдакӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Абӯалии Сино, Фирдавсӣ, Фаррухии Систонӣ, Амир Муиззӣ, Умари Хайём, Амъақи Бухороӣ, Рашидии Самарқандӣ, Масъуди Салмон фақат аз ҳамин мавқеъ истифода кардан мумкин аст. Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола» номи 40 нафар шоирро зикр карда, дар бораи лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагии 11 нафар аз бузургони адабиёти тоҷик маълумот дода, шеъри 9 нафари онҳоро меорад. Низомии Арӯзӣ бо



Умари Хайём вохӯрда ва мавзеъи қабри ӯро дар асараш нишон додааст.

Ниҳоят, китоби «Чаҳор мақола» дар байни илми адаб ҳамчун асари назариявӣ- адабӣ шуҳрат дорад. Ақидаҳои адабии Низомии Арӯзӣ дар мақолаи дуюм баён шудаанд. Асоси таълимоти Низомии Арӯзӣ дар бораи шеър таърифест, ки дар муқаддимаи боби мазкур ба шеър додааст. Таърифи мазкур чунин аст: «Шоирӣ синоатест, ки шоир бад-он синоат иттисоқи (тартиб додан) муқаддимоти муваҳҳима кунад ва илтиҳоми (пайвастани) қиёсоти мунтаҷеҳ бар-он ваҷҳ, ки маънии хурдро бузург гардонад ва маънии бузургро хурд ва некӯро дар хилъати зишт боз намояд ва зиштро дар сурати некӯ ҷилва кунад ва ба иҳом қувваҳои ғазабонӣ ва шаҳвониро барангезад, то бад-он иҳом тибоъро инқибозе ва инбисоте бувад ва умури изомро дар низоми олам сабаб шавад».

Ин таърифи қазовати мазкур нисбат ба шеър дар бисёр китобҳое, ки доир ба таърифи шеър сухан меравад, иқтибос шудааст.

Лекин ақидае, ки дар муқаддимаи мақолаи мазкур ва ҳикоёти он талқин мешавад, чандон ба таърифи боло мувофиқат намекунад. Ба фикри вай, шеър бояд инсонро барои иҷрои корҳои бузург ҳидоят кунад. Барои намоишу тасдиқи ин ақида вай ҳикояте меорад, ки гӯё Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ бо таъсири порчае аз шеъри Ҳанзалаи Бодғисӣ ба дараҷаи ҳокими Хуросон мерасад.

Барои он ки шоир ба ин мартабаҳо бирасад, вай бояд муддати зиёде ба мутолиаи анвоъи улум ва шеър машғул шавад. Ба ғайр аз ин, барои ҳунари шоирӣ шахсияти шоир низ беаҳамият нест. Шоир, пеш аз ҳама, бояд шахси заковатманд, дорои хислат ва андешаи бузург буда, табъи равон дошта бошад. Баъд шоир бояд бист ҳазор байт аз гузаштагон ва даҳ ҳазор аз мутааххирин аз бар кунад ва пайваста барои сайқали табъ девонҳои шеърро мутолиа намояд. Шоир бояд илми шеърро аз худ намуда, китобҳои дар ин бора таълифшудаåро мутолиа кунад. Низомии Арӯзӣ дараҷаи камолоти ҳунари шоириро дуруст мефаҳмад. Ба фикри ӯ, шеъри шоир ҳамон вақт ба дараҷаи камол мерасад, ки дар саҳифаи рӯзгор мастур гардад ва онро дар сафинаҳо бинависанд ва дар мадинаҳо бихонанд ва «чун шеър ба ин дараҷа набошад, пеш аз худованди худ бимирад».

Низомии Арӯзӣ ба воситаи ҳикояҳои «Чаҳор мақола» роҳҳои ба дарбор ҷалб шудани шоиронро низ шарҳ медиҳад. Сухани Низомии Арӯзӣ дар бораи ҳамкасбонаш дар ниҳояти самимият аст. Вай дар давоми умри ноосудаи худ бисёр пастию баландиҳои зиндагиро дида, ҳар гуна беэътиноӣ ва хунукназарии «бузургони давр» дар ҳаққи аҳли

илму адаб ӯро мутаассир кардааст ва ӯ ба ин қабил мулкдорон лаънатҳо мехонад. Тафсилоти Низомии Арӯзӣ дар ин масъала нишон медиҳад, ки ягона сабаби ба дарбор мутеъ шудани шоирон норасоии моддӣ ва таъмини маишат будааст. Муҳити зиндагӣ бо ҳамин восита шоирони бузургро маҷбур мекард, ки рӯй бар дарбор ниҳанд. Аз рӯи гуфтаи Низомии Арӯзӣ Абулқосими Фирдавсӣ, Фарухии Систонӣ, Амир ва Анварии Абевардӣ фақат аз рӯи эҳтиёҷи моддӣ ба дарбор муроҷиат кардаанд.

«Фаррухӣ аз Систон буда, писари Ҷӯлуғ, ғуломи Халафи Бону, табъе бағоят некӯ дошт ва шеър хуш гуфтию чанг тар задӣ ва хидмати деҳқоне кардӣ аз даҳоқини Систон. Ва ин деҳқон ӯро ҳар сол дувист кайли (дусад ченак) панҷ манӣ ғалла додию сад дирам сими нӯҳӣ (пули нуқра) ӯро тамом будӣ».

Аммо зане хост маволии (чокарони) Халаф ва харҷаш бештар афтод ва даббаю занбил (харҷи рӯзгор) барафзуд. Фаррухӣ бе барг (ризқу рӯзӣ) монд. Ва дар Систон касе дигар набуд магар умарои эшон.

Фаррухӣ қисса ба деҳқон бардошт, ки маро харҷ бештар шудааст, чӣ шавад, аз он ҷо ки карами ӯст, ғаллаи ман сесад кайл кунаду сим саду панҷоҳ дирам, то магар бо харҷи ман баробар шавад?

Деҳқон бар пушти қисса тавқеъ (фармон бо муҳр) кард, ки ин қадар аз ту дареғ нест ва афзун аз инро рӯй нест.

Фаррухӣ чун бишнид, маъюс гашт ва аз содиру ворид (равандаюояндагон) истихбор (хабар хостан) мекард, ки дар атрофу акнофи олам нишони мамдӯҳе шунавад, то рӯй бад-ӯ орад, бошад, ки исобате (нишоне) ёбад. То хабар карданд ӯро аз амир Абулмузаффари Чағонӣ ба Чағониён, ки ин навъро тарбият мекунад ва ин ҷамоатро силаю (мукофоту) ҷоизаи фохир ҳамедиҳад ва имрӯз аз мулки асру умарои вақт дар ин боб ӯро ёр нест. Қасидае бигуфту азимати он ҷониб кард:

Бо корвони ҳулла бирафтам зи Систон,
Бо ҳуллаи танида зи дил, бофта зи ҷон».

Китоби Низомии Арӯзӣ барои фаҳмидани муносибати шоирон дар дарбори феодалӣ низ муҳим аст. Ҳикояти зеррин, ки дар «Чаҳор мақола» оид ба муносибати Амъақи Бухороӣ ва Рашидии Самарқандӣ оварда шудааст, ба ин маънӣ хеле характернок аст: «Рӯзе дар ғайби Рашидӣ подшоҳ аз Амъақ пурсид, ки шеъри Абдуссаид Рашидиро чун мебинӣ? Гуфт: «Шеъре бағоят нек…., аммо қадре намакаш дармебояд». На бас рӯзгоре баромад, ки Рашидӣ даррасид ва хидмат кард ва хост, ки бинишинад, подшоҳ ӯро пеш хонд ва ба тазриб (суханчинӣ), чунон ки одати мулук аст, гуфт: -



Амирушшуароро пурсидам, ки шеъри Рашидӣ чун аст? Гуфт: - Нек аст, аммо бенамак аст. Бояд, ки дар ин маънӣ байте ду бигӯй. Рашидӣ хидмат кард ва ба ҷои хеш омаду биншаст ва бар бадеҳа гуфт:

Шеърҳои маро ба бенамакӣ
Айб кардӣ, раво бувад, шояд.
Шеъри ман ҳамчу шаккару шаҳд аст
В-андарин ду намак накӯ н-ояд.
Шалғаму боқлист гуфтаи ту,
Намак, ай қалтабон, туро бояд.
Чун арза кард, подшоҳро азим хуш омад».

Чунин рафтор дар байни шоирон кинаву адовати шахсиро мепарварид ва ҳар кадоми онҳо барои худро некӯ нишон додан дар ғайб якдигарро бадгӯӣ мекарданд. Ин гуна муносибат аксар вақт ба шакли ғамангезе анҷом мепазируфт. Аз сӯйи дигар ин имтиҳони табъи шуаро низ буд.

Забони «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ҳарчанд дар мавриди нақли ҳикоятҳо чандон мураккаб нест, аммо ҳангоми матлаби асосӣ, хусусан дар мавриди муҳокимаҳои назарӣ хеле мушкил мебошад. Қисме аз калимаҳои асар имрӯз дар истеъмол нестанд.

## «ТАРҶУМОН-УЛ-БАЛОҒА»-И МУҲАММАД ИБНИ УМАРИ РОДУЁНӢ

«Тарҷумон-ул-балоға» аз ҷумлаи қадимтарин китобҳои таълимиест, ки ба тавзеҳу ташреҳи санъатҳои бадеӣ бахшида шудааст ва то замони мо боқӣ мондааст. Родуёнӣ аз ҷумлаи адабиётшиносони асри XI буда, илми шеър, аз ҷумла, илми бадеъро хеле некӯ медонистааст. Аз мероси адабию илмии ӯ ҳамин китоби «Тарҷумон-ул-балоға» то рӯзгори мо омада расидааст. Аз муқаддимаи «Тарҷумон-ул-балоға» маълум мешавад, ки Родуёнӣ санъатҳои бадеиро, ки ҳамаашон калимаҳои арабианд, ҷамъ овардаю ба форсӣ-тоҷикӣ гардонда, аз ашъори шоирони форс-тоҷик мисолҳо меорад: «Гуфтам, ки бад-он қадар, ки маро фароз ояд, аз ин илм бад-ин китоб ҷамъ кунам ва ба таснифи шофӣ (пурра) биороям ва аҷноси балоғатро аз тозӣ ба порсӣ орам ва мисоли ҳар фасле алоҳида аз гуфтори устодон бознамоям, то раҳнамо бошад ҳунарозмойро ва суханпайморо… Ва оммаи (ҳамаи) бобҳои ин китобро бар тартиби фусули (фаслҳои) «Маҳосин-ул-калом», ки Хоҷа Имом Наср ибни Ҳасан… ниҳодааст, тахриҷ кардам ва аз тафсири вай мисол гирифтам ва лақабашро (номашро) «Тарҷумон-ул-балоға» ихтиёр кардам». Чун

тақозои замони олим, ки таваҷҷуҳ ба адабу фарҳанги араб фузудааст, Муҳаммад ибни Умар низ яке аз донандагони басо баркамоли адабу фарҳанги араб ва хосса забони арабӣ будааст ва падидаи мазкур аз мутолиаи китоб хеле хуб маълум мегардад. Ин асар барои омӯзиши ва таълими илми поэтика аз ҷумлаи аввалин асарҳо мебошад, зеро бори аввали Родуёнӣ санъатҳои бадеие, ки дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ истифода мешаванд, тадқиқ карда, анвои онро муайян намудааст. Дар ин китоб муаллиф дар бораи 124 санъати шеърӣ маълумот медиҳад ва барои ҳар кадоми он аз шоирони асрҳои IX-XI мисолҳо меорад. Барои ҳамин ҳам, «Тарҷумон-ул-балоға» барои омӯхтани таърихи адабиёт аз сарчашмаҳои хеле муътамад ба шумор меравад. Дар ин китоб муаллиф аз эҷодиёти 45 шоири то замони худаш намунаҳо овардааст, ки ному насаб ва шеъри баъзеи онҳо дар дигар китобҳо умуман, мавҷуд нест. Баъзе намунаҳои абёти шоирони асрҳои IX-XI, маҳз ба шарофати ҳамин китоб дастраси хонандагони имрӯза шудааст. «Тарҷумон-ул-балоға» яке аз аввалин осори адабӣ-назарии маҳфузмондаи форс-тоҷик аст, ки дар оғози марҳалаи классикии рушд таълиф шудааст. Таълифи асари мазкурро метавон такони ҷиддие барои равиши муайяни илми соҳа унвон кард. «Тарҷумон-ул-балоға» яке аз сарчашмаҳои асарҳои адабиётшиносии асрҳои баъдина низ маҳсуб мешавад. Ҳамон тавре ки қайд кардем, донишманди асри XII Рашиди Ватвот баъди мутолиаи «Тарҷумон-ул-балоға» китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-ро менависад, ки як навъ ҷавоби китоби Родуёнӣ мебошад. «Тарҷумон-ул-балоға» соли 1958 дар Теҳрон нашр шудааст.

## «МЕЪЁР-УЛ-АШЪОР»-И НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

Ба аҳли фазлу дониш маълум аст, ки халқи тоҷик адабиёти боюғанӣ дошта, афкори илмию фалсафии он низ ривоҷу равнақ ёфтааст. Таҳқиқи таърихи адабиётшиносии тоҷик собит месозад, ки дар асрҳои гузашта оид ба илмҳои арӯз, қофия ва санъатҳои шеърӣ асарҳои зиёде таълиф шудаанд.

Муҳаққиқони вазни шеъри арабию тоҷикӣ дар бештари маврид кӯшидаанд, ки ду мавзӯъро - яке моҳият ва сабки шеърнависии шоирон ва шарҳу тавзеҳи илми арӯзро дар якҷоягӣ ҳал намоянд. Чунин гузориши масъала дуруст аст, зеро онҳо байни ҳам қаробати ногусастанӣ доранд ва омӯзиши ин ду мавзӯъ бояд дар якҷоягӣ сурат



бигирад. Аммо агар чуқуртар назар биандозем, мебинем, ки дар ин маврид, пеш аз ҳама, ҳалли масъалаи аз ин ҳам муҳимтар пеш меояд. Ба гумони мо, ҳангоми омӯзиши системаи ҳар гуна вазн, аз он ҷумла, арӯзи арабу аҷам муҳаққиқон бояд онҳоро аз таълимоти забоншиносӣ ҷудо накунанд. Агар илми наҳв ба сохти ҷумла, яъне ба наср сарукор дошта бошад, илми арӯз низ айнан ҳамин вазифаро дар шеър, яъне дар назм иҷро менамояд. Ба таври дигар гӯем, наҳв мизони насру арӯз мизони шеър аст.

Забоншиноси машҳури араб, яке аз намояндагони барҷастаи мактаби забоншиносии Басра-Халил ибни Аҳмад (719-791) асосгузори системаи вазни шеъри арабӣ-арӯз мебошад. Мутаассифона, аз осори илмии Халил ибни Аҳмад то рӯзгори мо ба ҷуз «Китоб-ул-айн», ки нахустин фарҳанги тафсирии забони арабист, чизе боқӣ намондааст. Рисолаҳое, ки оид ба илми арӯзи арабӣ таълиф шудаанду то замони мо боқӣ мондаанд, ба қалами арӯзиёни баъдинаи араб тааллуқ доранд. Аксари онҳо дар таълифоти худ таъкид намудаанд, ки рисолаҳои онҳо аз гузориш ва шарҳи арӯзи Халил ибни Аҳмад иборат мебошад. Дар сарчашмаҳои илмию таърихӣ аз арӯздонони қадими араб Абӯисҳоқи Заҷҷоҷ (ваф. 923, муаллифи «Ал-арӯз»), Абӯумари Ҷарамӣ (ваф. 839), Абулаббоси Мубаррад (826-898), Соҳиб ибни Аббод (936-995), Абӯалӣ ибни Рашиқи Қайрувонӣ (995- 1064), Абӯзакариё Хатиби Табрезӣ (1030-1108), Абулқосими Замахшарӣ (1075-1144; муаллифи «Ал-қустос-ул-мустақим фӣ илм-ил-арӯз» («Тарозуи рост дар илми арӯз») номбар карда шудаанд. Аксари муаллифони ин рисолаҳо моҳияти арӯзи Халил ибни Аҳмадро ба тарзи хеле мухтасар баён карда, бо шарҳи баъзе истилоҳоти арӯз, монандии рукнҳо, зиҳофҳои нав иктифо намудаанд. Ба қавли донишманди араб - Баҳиҷа Бақир Ал-Ҳасанӣ, ки рисолаи «Ал-қустос-ул-мустақим фӣ илм-ил- арӯз»-и Абулқосими Замахшариро тадқиқ намуда, матни интиқодии онро соли 1969 дар Бағдод чоп намудааст, дар байни рисолаҳои қадимие, ки оид ба арӯзи арабӣ таълиф шудаанд, ду рисола: «Ал-қустос-ул-мустақим фӣ илм-ил-арӯз»-и Абулқосими Замахшарӣ ва «Ал-кофӣ фӣ-л-арӯз ва-л-қавофӣ»-и Хатиби Табрезӣ (асри XI) роҷеъ ба таълимоти системаи Халил маълумоти зиёд медиҳанд. Рисолаи дигаре, ки мушкилии моро дар омӯзиши системаи арӯзи Халил ибни Аҳмад осон мекунад, «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ мебошад. «Гузориши мавзӯъ дар «Меъёр-ул-ашъор» аз он ҷиҳат ҷолиби диққат аст, ки дар он хусусиятҳои арӯзӣ ва луғавии шеъри арабӣ ва форсӣ- тоҷикӣ ба таври мутавозӣ дар заминаи ихтилофи вазнҳои мустаъмали шеърӣ дар ин ду забон

мавриди баён қарор гирифтаанд». (Зуҳуриддинов А., Умаров М. Сарчашмаи илми сегона). (Адабиёт ва санъат. -1990. -27 сентябр). Бояд қайд кард, ки дар байни «Ал-қустос-ул-мустақим фӣ илм-ил-арӯз» ва «Меъёр-ул-ашъор» умумияти бисёр мушоҳида мешавад. Чунин умумиятҳоро, пеш аз ҳама, ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳои арӯзи арабӣ дидан мумкин аст. Бештари мисолҳои шеърие, ки Насируддини Тӯсӣ барои навъҳои баҳрҳо аз ашъори шоирони араб овардааст, дар «Ал-қустос-ул-мустақим фӣ илм-ил-арӯз» дида мешаванд. Ҳам Абулқосими Замахшарӣ ва ҳам Насируддини Тӯсӣ дар рисолаҳои хеш таъкид кардаанд, ки ҳамаи мисолҳои шеъриро худи Халил ибни Аҳмад аз ашъори шоирони араб ҷудо карда гирифтааст. Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса бармеояд, ки рисолаи асосгузори арӯзи арабӣ Халил ибни Аҳмад роҷеъ ба ин илм дар замони Абулқосими Замахшарӣ (асри XI) ва Насируддини Тӯсӣ (асри XIII) дастраси мардум будааст. Чи тавре ки гуфтем, мутаассифона, рисолаи арӯзи Халил ибни Аҳмад то замони мо нарасидааст ва мо оид ба системае, ки ӯ дар асоси шеъри арабӣ ихтироъ карда буду минбаъд дар байни муҳаққиқону шоирон бо номи илми арӯз машҳур гардид, аз рӯи «Ал-қустос-ул-мустақим фӣ илм-ил-арӯз»-и Абулқосими Замахшарӣ, «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ ва рисолаҳои зиёде, ки дар хусуси ин илм баҳс мекунанд, маълумот дода метавонему халос.

Дар ибтидои асри 20 дар адабиётшиносии Шарқ, алалхусус Шарқи араб бо номи назҳат ҳаракате ба вуҷуд омад, ки тарафдорони он дар таназзули адабиёт, махсусан шеър, илми арӯзро гунаҳкор менамуданд. Ба қавли онҳо, гӯё арӯзи Халил ибни Аҳмад бо мурури замон ба садде табдил ёфт ва пеши роҳи шеъри баландпарвози шарқиёнро гирифт. Роҷеъ ба ин мавзӯъ гуфтаниҳо бисёр аст ва як миқдор мақолаю рисолаҳо таълиф шудаанд, ки дар онҳо ақида ва назарияҳои гуногун мушоҳида мешаванд ва бояд таъкид кард, ки чунин баҳсу мунозираҳо то имрӯз давом дорад.

Пӯшида нест, ки арӯз чун илми авзони шеър тарафдорони зиёд дорад ва онҳо далел меоранд, ки ин илм аз ибтидои пайдоиши худ вазифаҳояшро иҷро кардааст. Ҳам муҳаққиқони шеъри арабӣ, ки назарияи Халил ибни Аҳмадро ҳамчун авзони шеърии қасида меномиданд ва ҳам назариётчиёни шеъри форсӣ-тоҷикӣ бо як овоз таъкид менамоянд, ки арӯз дар ҳама давраҳо арӯз буд ва шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик тавонистаанд, ки ашъори ҷаҳоншумули худро дар қолаби ҳамин вазн эҷод намоянд. Саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро арӯз барои шоирони классик имкониятҳои зиёд



доду дар назари шоирони баъдина мисли чорчӯба аст? Барои ба ин савол ҷавоб додан ва фаҳмидани ҳақиқати ҳол бояд ба маъхазҳо муроҷиат намоем, то бидонем, ки возеҳи ин илм - Халил ибни Аҳмад онро дар асоси оҳангу авзони шеъри гузаштагону муосиронаш чун системаи муназзами илмӣ ихтироъ кард ё ин ки барои дар чорчӯбаи муайян даровардани шоирони баъдина? Гуфтаҳои Абулқосим Замахшарӣ ва Насируддини Тӯсӣ оид ба таълимоти Халил ибни Аҳмад як навъ ҷавобест ба саволҳои болоӣ.

Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» навиштааст: «Ва авзон тамомии он бошад, ки дар понздаҳ баҳр, ки мустаъмали (истеъмоли) араб аст... Ва бибояд донист, ки ин баҳрҳо муаллаф (таркибёфта) аз усули мазкур аст. Ва шояд, ки аслҳои дигар ғайр аз он чи гуфтаанд, таркиб кунанд ва аз он баҳрҳо муаллаф шавад, ки дар луғоти (забони) дигар мустаъмал бошад ё ба рӯзгоре дигар мустаъмал шавад. Чунонки ба нодир дар луғати порсӣ рукне сумонӣ (ҳаштҳарфа) ёфта мешавад аз ду ватад ва сабабе бар вазни мафоъилотун ва шеъре дидаам аз такрори ин рукн чаҳор бор, ки айни он шеър бар ёд надорам... Ва ғараз аз эроди ин сухан он аст, то донанд, ки усулу буҳур дар он чи гуфтем, маҳсур (маҳдуд) нест ва на фурӯъ ва тағйирот, бал он чи эрод кардем, мавҷуд аст ба ҳасби ағлаб». Аз ин таъкиди Насируддини Тӯсӣ пурра фаҳмидан мумкин аст, ки шоирону олимону мусиқишиносон метавонанд дар илми арӯз эҷодкориҳо кунанд, авзони нодир ихтироъ намоянд. Дар ин маврид арӯзиён вазифадоранд, ки чунин авзони навро эҷодкорона ба назар гиранд, саривақт шарҳу тавзеҳ диҳанд, пухтаю нопухтагии онҳоро муайян созанд, шаклҳои дурусти онҳоро дар амалия ҷорӣ намоянд. Ин гуфтаҳои Насируддини Тӯсӣ ба шеъри форсӣ-тоҷикӣ тааллуқ доранд ва инкишофи минбаъдаи илми арӯз дурустии хулосаҳои ӯро нишон дод.

Дар аввал қайд намудем, ки илми арӯз, пеш аз ҳама, бо илми забон (фонетика, наҳв ва лексикология) алоқаи бевосита дорад. Дар ин ҷода низ забони арабӣ дастболо менамояд, зеро ин забон, яъне забони арабӣ хеле барвақт дар мактабҳои бисёр номдори забоншиносии Куфаю Басра аз ҷиҳати илмӣ ба қолаби муайяне даровардa шуда буд, қариб тамоми қонунҳои забоншиносии араб дар рисолаҳои зиёде сабт гардида буданд. Барои ҳамин арӯзиёни араб дар таҳлили ягон масъалаи ин илм (арӯз) ба тафсири пурраи қоидаҳои забон эҳтиёҷ надоштанд, дар мавриди зарурӣ бо ишораи андаке ба қоидаи забонӣ, ба шарҳу тавзеҳи мавзӯи асосӣ мепардохтанд. Дар забоншиносии форс-тоҷик кор ба сурати дигар гузошта шудааст. На фақат дар гузашта, балки имрӯз низ сарфу наҳви забони тоҷикие, ки

қонуну қоидаҳои амалии забони тоҷикиро пурра инъикос намояд, вуҷуд надорад. Бесабаб нест, ки аксари донишмандони илми арӯз, аз он ҷумла, Шамси Қайси Розӣ ва Насируддини Тӯсӣ дар рисолаҳои хеш, пеш аз он, ки илмҳои арӯзу қофия ва бадеъро баён намоянд, ба таври зарурӣ оид ба қоидаву қонунҳои забони форсӣ-тоҷикӣ мулоҳиза рондаанд. Дар ин маврид бештар ҳамон ҷанбаҳои забониро шарҳ додаанд, ки аз ягон ҷиҳат ба илми арӯз ё қофия тааллуқ дошта бошад.

Як гурӯҳ донишмандони тоҷик Абульалои Шуштарӣ (асри 10), Абӯюсуфи Арӯзӣ (асри 10), Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ (асри 11, муаллифи «Тарҷумон-ул-балоға»), Абулҳасан Алии Баҳромии Сарахсӣ (ваф. 1106), Абӯабдуллоҳи Фушии Қурашӣ (асри 11), Бузургмеҳри Қойинӣ (асри 11), Айнуззамон Имом Абӯалӣ Ҳасан Саъдулмулк Рашидуддин Муҳаммад Абдуҷалили Балхӣ машҳур ба Рашиди Ватвот (1087-1178, муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр») ва дигарон асарҳое офаридаанд, ки дар онҳо илмҳои арӯз ва қофия мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд. Дар асри 13 ду донишманди маъруфи тоҷик: Шамси Қайси Розӣ ва Насируддини Тӯсӣ умр ба сар бурданд, ки бо таълифоти хеш шуҳраи офоқ гардидаанд. Соли 1991 китоби «ал-Муъҷам» Шамси Қайси Розӣ тавассути нашриёти «Адиб» дастраси хонандагон гардонида шуд, ки онро яке аз муаллифони ин сатрҳо бо сарсухану тавзеҳот омодаи чоп карда буд.

Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан, ки бо номи Насируддини Тӯсӣ маъруф аст, дар ибтидои асри 13, яъне соли 1201 дар яке аз шаҳрҳои машҳури Эрон — Тӯс ба дунё омадааст. Насируддини Тӯсӣ дар таърихи илму фарҳанги форс-тоҷик чун донишманди ягона ва энсиклопедисти барҷаста машҳур аст. Ҳаёт ва зиндагии Насируддини Тӯсӣ ва Шамси Розӣ ба ҳам монананд. Насируддини Тӯсӣ аз хурдӣ ба омӯхтани илмҳои мухталиф шавқу ҳаваси зиёд дошт. Мантиқ, фалсафа, сарфу наҳв ва фиқҳро дар назди амак ва падари хеш омӯхтааст. Баъди истилои муғул ӯ соли 1227 аввал ба Кӯҳистон (Эрон), баъдтар ба Мароға сафар кардааст. Мувофиқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо ӯ муддате зиндонӣ ҳам гардидааст. Насируддини Тӯсӣ яке аз муассисони расадхонаи машҳури Мароға мебошад. Ба қавли муҳаққиқони осори Насируддини Тӯсӣ, ӯ зиёда аз 200 асари илмию фалсафӣ таълиф намудааст. Вай ақидаҳои ахлоқию фалсафӣ, ирфонӣ ва илмии хешро дар «Ахлоқи Носирӣ», «Ахлоқи мухташамӣ», «Авсоф-ул-ашроф», «Насиҳатнома ба Обоқохон», «Асос-ул-иқтибос», «Равзат-ут-таслим», «Шарҳ-ул-ишорот», «Қасоид-ул-ақоид», «Таҷрид-ул-ақоид», «Таҷрид-ул-калом», «Таҳрири Уқлидус», «Усули ҳандаса», «Шакл-ул-қитъа», «Зиҷи Элхонӣ», «Тазкираи Носирия», «Бист боб



дар устурлоб», «Зубдат-ул-ҳайъат», «Сӣ-фасл дар тақвим», «Рисола дар тақвим ва ҳаракати афлок», «Қавонин-ут-тиб», «Ҳавошӣ ба куллиёти «Қонун»-и Бӯалӣ» баён намудааст. Насируддини Тӯсӣ табъи хуби шоирӣ доштааст. Дар анвоъи шеърии ғазал, қасида, рубоӣ қувваозмоӣ кардааст. Достонҳои фалсафию ахлоқии ӯ «Татимма» ва «Мадхали ҳайъат» дар байни аҳли адаб маълуму машҳуранд. Насируддини Тӯсӣ соли 1272 дар Бағдод аз олам гузаштааст.

Насируддини Тӯсӣ соли 1253 бо номи «Меъёр-ул-ашъор» рисолае таълиф намуд, ки баъди «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ дар илми адабиётшиносӣ шуҳрати зиёд дорад.

«Меъёр-ул-ашъор» аз муқаддима ва ду фан иборат аст. Муқаддима дорои се фасл буда, муаллиф дар он оид ба моҳияти шеъру шоирӣ, санъатҳои шеърӣ, ҳадду ҳудуди шеър, ихтилофи вазну қофия сухан меронад.

Фанни аввали «Меъёр-ул-ашъор», дар навбати худ, ба даҳ фасл ҷудо шуда, ҳар як фасл ба масъалаи алоҳидаи авзони шеъри арабу аҷам бахшида шудааст: фасли аввал «Дар ишорат ба аҷзои аввали шеър ва он ҳуруф ва ҳаракот аст», фасли дуюм «Дар кайфияти эътибори ҳуруфи мутаҳаррик ва сокин дар шеър ва ишорат ба тақтеъ», фасли сеюм «Дар аҷзои сонияи шеър, ки аз ҳуруфи мутаҳаррик ва сокин муаллаф шаванд», фасли чаҳорум «Дар аркони шеър, ки муаллаф бувад аз ин аҷзо», фасли панҷум «Дар баҳрҳо ва давоир ва факки баҳрҳо аз якдигар», фасли шашум «Дар тағйироти аркону алқоб ва тафсили фурӯъи ҳар яке аз усули аркон», фасли ҳафтум «Дар тафсили авзони мустаъмал аз ҳар баҳре», фасли ҳаштум «Дар тағйири ба зиёдат, ки тааллуқ ба аркон дорад», фасли нуҳум «Дар зикри баъзе аз алқоби мазкур ба порсӣ», фасли даҳум «Дар баёни фоида ва манфиати илми арӯз».

Фанни дуюм дар илми қофия буда, шомили даҳ фасл аст. Фасли аввал «Дар ҳадди қофия ва ақсоми (қисмҳои) ӯ», фасли дуюм «Дар баёни ҳуруф ва ҳаракоте, ки аҷзои қофия бошад», фасли сеюм «Дар ақсоми ин ҳуруф ва ҳаракот», фасли чаҳорум «Дар анвоъи қавофӣ», фасли панҷум «Дар уюби қавофӣ», фасли шашум «Дар ҳуруф ва ҳаракоти қавофӣ наздики порсигӯён ва зикри радиф», фасли ҳафтум «Дар анвоъи қавофӣ ба назди порсигӯён», фасли ҳаштум «Дар қофияи аслӣ ва зикри шойгон», фасли нуҳум «Дар баъзе ақсоми қавофӣ», фасли даҳум «Дар уюби қавофии порсӣ» ном дорад.

«Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ дар қатори «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ буда,

тамоми арӯзиён, шеършиносон ва аҳли адаб дар таълифи рисолаҳои илмии хеш ба он муроҷиат кардаанд.

Аҳаммияти илмии ин асар, пеш аз ҳама, дар он аст, ки вай барои омӯзиши системам Халил ибни Аҳмад, ки ба номи илми арӯз ва қофия маълум аст, кӯмак мерасонад.

Роҷеъ ба муаллифони рисолаҳои арӯзӣ, ки Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» ба онҳо муроҷиат кардааст, ба ғайр аз номи Халил ибни Аҳмад ва Заҷҷоҷ ишораи дигар нест Ба аҳли илм маълум аст, ки рисолаи Халил ибни Аҳмад то давраи мо нарасидааст. Илова бар ин, Халил ибни Аҳмад яке аз саромадони илми забоншиносии араб ҳисоб меёбад. Чанд китобе, ки оид ба арӯзи арабӣ то рӯзгори мо боқӣ мондаанд, ба қалами арӯзшиносони баъдина тааллуқ доранд. Онҳо пеш аз оғози баёни арӯз қайд кардаанд, ки таълифоташон аз гузориши арӯзи Халил ибни Аҳмад иборат аст. Аз сарчашмаҳое, ки Насируддини Тӯсӣ дар таълифи «Меъёр-ул-ашъор» бештар истифода кардааст, ду асарро махсус бояд қайд кард: яке «Ал- қустос-ул-мустақим фӣ илм-ил-арӯз» («Тарозуи рост дар илми арӯз»)-и Замахшарӣ ва дигаре «ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ.

Маълум аст, ки «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ пеш аз «Меъёр-ул-ашъор» таълиф шудааст ва хушбахтона, он то замони мо боқӣ мондааст.

Чи тавре ки гуфтем, «Меъёр-ул-ашъор» арӯзи арабӣ ва тоҷикию форсиро дар бар мегирад. Насируддини Тӯсӣ ин ду арӯзро ба ду қисмати алоҳида ҷудо накарда, балки дар мавридҳои алоҳида аввал қонун ё қоидаи арӯзро баён намуда, баъд шарҳ медиҳад. Агар бодиққат назар андозем, мебинем, ки чунин усули таҳқиқро дар шарҳу баёни ҳар як доира ва баҳрҳои арӯз пурра риоя кардааст. Маълум аст, ки «ал-Муъҷам» рисолаи муфассалест, ки ба назарияи шеъри тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар ин рисола ҳар як ҷузвиёти илми арӯзу қофия хеле муфассал таҳқиқ гардидааст. Дар «Меъёр-ул-ашъор» бошад, кор ранги дигар гирифтааст. Насируддини Тӯсӣ дар шарҳи арӯз ва қофия хеле муҷазбаён аст, қоидаҳоро аксаран бе тафсилу шоҳид меорад.

Шамси Қайси Розӣ ҳар як истилоҳро бо маъниҳои луғавиашон тавзеҳ медиҳад. Чунин шарҳу тавзеҳот баъзан то дараҷае муфассал аст, ки бештар муҳаққиқони муосири арӯзи тоҷикӣ онҳоро бевосита аз «ал-Муъҷам» иқтибос кардаанд.

Насируддини Тӯсӣ дар баёни арӯз, қоидаҳо, баҳрҳо аз маънои луғавии ҳар як калима сарфи назар карда, бештар ба шарҳи маънои истилоҳии онҳо аҳамият медиҳад. Ҳарчанд ӯ дар охири рисола ба



шарҳи маънои луғавии истилоҳоти арӯзӣ фасли махсус бахшидааст, дар ин ҷо низ ӯ хеле муъҷазбаён аст.

Маълум аст, ки дар арӯзи арабӣ панҷ доирае, ки худи Халил ибни Аҳмад тартиб дода буд, устувор мебошад. Шамси Қайс барои авзони шеъри форсӣ-тоҷикӣ чор доира Муъталифа (Ҳазаҷ, Рамал ва Раҷаз), Мухталифа (Мунсареҳ, Музореъ, Муқтазаб, Муҷтасс), Мунтазиа (Сареъ, Хафиф, Қариб, Ҷадид, Мушокил) ва Муттафиқа (Мутақорибу Мутадорик)-ро мураттаб сохта буд.

Насируддини Тӯсӣ бошад, барои вазнҳои шеъри форсӣ-тоҷикӣ панҷ доира ҷудо кардааст. Муҷталибаи солима (Ҳазаҷ, Раҷаз ва Рамал), Муҷталибаи музоҳафа (Ҳазаҷи макфуф, Раҷази матвӣ, Рамали махбун), Муштабиҳаи мусаммана (Мунсареҳи матвӣ, Музореъи макфуф, Муҷтасси махбун), Муштабиҳаи мусаддаса (Сареъи матвӣ, Қариби макфуф, Хафифи махбун, Муқтазаб) ва Муттафиқа.

Пеш аз ҳама, бояд ҳаминро ба назар гирифт, ки «Меъёр- ул-ашъор» рисолаи ду арӯз- арӯзи арабӣ ва форсӣ-тоҷикист. Аз ин ҷиҳат, ин рисола барои таҳқиқ ва муқоисаи арӯзи арабӣ ва арӯзи тоҷикӣ сарчашмаи бебаҳост. Масалан, баҳри Ҳазаҷ аз рӯи «Меъёр-ул-ашъор» дар шеъри арабӣ маҷзу аст ва ду вазн дорад - яке солим ва дигаре зарб-маҳзуф.

Аммо дар арӯзи форсӣ-тоҷикӣ баҳри Ҳазаҷ ба дараҷае машҳур аст, ки бо Ҳазаҷи арабӣ ба ҷуз тафъилаи мафоъӣлун дигар ҳеҷ гуна умумият надорад. Ҳазаҷ дар, арӯзи тоҷикӣ имконияти фаровон зиёд дорад. Дар «Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам», ки соли 1991 тавассути нашриёти «Маориф» чоп шуд, зиёда аз 85 навъи ин баҳр оварда шудааст. Оид ба авзони рубоӣ ҷои гап ҳам нест, зеро аз қадим маълум буд, ки ин навъи шеърӣ бо вазну қофия ва мавзӯоташ пурра моли мардуми Аҷам аст. Касе аз олимони араб то кунун даъвои арабӣ будани онро накардааст ва кӯшише ҳам нарафтааст. Вазни рубоӣ дар рисолаҳои арабӣ ҳамчун вазни берун аз баҳрҳои арӯзи арабӣ таҳлил мешавад.

Насируддини Тӯсӣ тамоми навъҳои авзони Ҳазаҷро меорад, вале мухтасар, аммо дар «ал-Муъҷам» хеле ба тафсил омадааст.

Боби қофияи «Меъёр-ул-ашъор» мухтасар аст. Муаллиф дар аввали ҳар боб маънои истилоҳии қофияро шарҳ медиҳад.

Мутолиаи «Меъёр-ул-ашъор» барои адабиётшиносон гиреҳи як нуктаро мекушояд. Дар чанд ҷои ин асар оид ба рисолаи арӯзи Халил ибни Аҳмад маълумот дода шудааст. Аз тарзи гуфтори Насируддини Тӯсӣ маълум мешавад, ки ӯ дар ихтиёри хеш китоби Халил ибни Аҳмадро доштааст. Ба ин ҷумлаҳо диққат диҳед:

«Ва навъе дигар ба тариқи шуҷуз (алҳаззу сукуту ватадин маҷмуъин мин баҳр-ил-Комил мин аҷузи мутафоъилун фаябко мутафо фаянкул ило фаъилун, яъне ҳаз афтидани ватади маҷмуъи баҳри Комил аз рукни мутафоъилун ва боқӣ мемонад мутафо, ки ба ҷояш фаъилун мегузоранд) омадааст, ки Халил наёвардааст». Барои хонандагон бояд маълум шуда бошад, ки фақат касе чунин гуфта метавонист, ки дар дасташ таълифоти Халил ибни Аҳмадро дошта бошад. Дар фасли ҳафтуми фанни аввали «Меъёр-ул-ашъор» менависад: «Ва одати арӯзиён чунин аст, ки ҳар вазнеро байте ба мисол оранд. Ва абёти арӯзи араб ҳамеша ҳамон абёт оваранд, ки Халил ибни Аҳмад овардааст, чӣ дар он арӯз тасарруфе нарафтааст. Пас, мо низ ҳамон абёт биайниҳо (айнан) биёвардем ва шавоҳиди музоҳафот, ки овардааст, тахфиф кардем...

Баъзе амсила, ки аз истиғно (бениёзӣ) ҳосил бошад, наёвардем. Ва ибтидо ба Тавил кардем, чунонки Халил ибни Аҳмад кардааст ва дигарон ба ӯ иқтидо (пайравӣ) карда».

Илова бар ин, дар мавриди яке аз навъҳои баҳри Мадид чунин овардааст: «Ва баъзе маштур раво доштаанд, аммо Халил наёвардааст».

Вақте ки муаллиф доир ба фурӯъ ва аркони арӯзи арабӣ сухан меронад, таъкид мекунад, ки «дар порсӣ тағйироту алқоб чунин мазбут (аниқ) нест, аз ҷиҳати он ки дар порсӣ бисёр вазнҳост, ки дар пештар бар он шеър гуфтаанд ва ба наздики мутааххирон матрук аст. Ва бисёр вазнҳост, ки мутааххирон истеъмол кардаанд ва онро усулу фурӯъ бар ваҷҳе дигар аст». Дар ҳақиқат, гуфтаҳои ин донишманд дурустанд, зеро имрӯз зиёда аз 183 зиҳоф мавҷуд аст, ки шоирони тоҷик дар шаклҳои мухталифи онҳо шеър гуфтаанд (ниг. Тоиров У. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам. Д.: «Маориф», 1991).

Гоҳе муаллиф рубоию дубайтиро як медонад ва менависад: «Ва ин чаҳор вазн (муаллиф шаҷараи ахраброро дар назар дорад - У. Т.), ки ба ҳақиқат якест, вазни тарона, ки онро рубоӣ хонанд ва ба порсӣ дубайтӣ гӯянд».

Аз ин гуфтаи Насируддини Тӯсӣ дар мавриди хурӯҷ маълум мешавад, ки ӯ китоби Юсуфи Арӯзиро низ дар даст доштааст: «Ва аммо хурӯҷ дуруст бар он аст, ки дар порсӣ хурӯҷ нест аз ҷиҳати он ки васл мутаҳаррик нест ва ба ин сабаб Юсуфи Арӯзӣ, ки дар тамҳиди қавоид баарӯз ва қавофии порсӣ монанди Халил аст дар тозӣ, дар аснои ҳуруф қавофии порсӣ хурӯҷ наёварда».

Чи тавре ки ишора шуд «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ рисолаест, ки дар хусуси вазну қофияи шеъри арабу аҷам баҳс



мекунад. Ҳангоми таҳлили авзони шеъри ин ду забон, яъне тоҷикӣ ва арабӣ, муаллиф аз як тараф оид ба ихтилоф ва умумияти авзони ин ду халқ сухан ронад, аз тарафи дигар, пайдоиши авзонро дар умумияти оҳанг медонад. Чунин гузориши масъала, яъне ба савту оҳанг вобаста кардани арӯзи арабию тоҷикӣ муҳаққиқ, онро водор месозад, ки ба ҷанбаҳои назми шифоҳию китобӣ ва анъанаҳои мусиқии ин ду халқ бештар диққат диҳанд.

Гоҳе Насируддини Тӯсӣ таъсири мутақобили шеъри арабу аҷамро бо мисолҳо нишон медиҳад: «Ва радиф дар асл хос буда ба забони порсӣ ва мутааххирони шуарои араб аз порсигӯён фаро гирифтаанд ва ба кор медоранд».

Ба таври мухтасар бошад ҳам, гоҳе доир ба навъҳои шеърӣ: қасида, ғазал, маснавӣ ва қитъа изҳори ақида кардааст. Масалан: «Ва дар қасоид қофияи мисраъи аввал шояд, ки дар дигар абёти қасида муқаррар шавад, аммо дар мисраъи дуюм нашояд. Ва қудамо гуфтаанд: такрори қофия дар қитъаҳою ғазалҳо баъд аз ҳафт ва дар қасоид баъд аз чаҳордаҳ байт раво бошад. Аммо ба наздики мухдасон мустаъмал нест».

Чи тавре ки гуфтем, Насируддини Тӯсӣ дар таълифи рисолаи худ аз рисолаҳои арӯзиёни арабу аҷам, пеш аз ҳама, аз китобҳои Халил ибни Аҳмад, Юсуфи Арӯзӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ, Замахшарӣ, «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-иш-шеър»-и Рашиди Ватвот, «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва дигарон истифода бурдааст. Аз тарафи дигар, «Меъёр-ул-ашъор» барои таълифи рисолаҳои арӯзу қофияи муаллифони баъдина сарчашмаи асосӣ гардидааст. Адиб ва донишманди асри XIV Шамси Фахрии Исфаҳонӣ дар таълифи «Меъёри Ҷамолӣ», адабиётшиноси асри XV Атоуллоҳи Ҳусайнӣ дар таълифи «Бадоеъ-ус- саноеъ», Сайфӣ дар таълифи «Рисолаи арӯз», Ваҳиди Табрезӣ дар таълифи «Ҷамъи мухтасар», Муҳаммад Ғиёсуддин дар таълифи «Ғиёс-ул-луғот», Ҳусайни Инҷу дар таълифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», Нотил Парвизи Хонларӣ дар таълифи «Вазни шеъри форсӣ», мусташриқи шӯравӣ Е. Э. Бертелс дар таълифи «Грамматика персидского языка» (1925), Баҳром Сирус дар таълифи «Арӯзи тоҷикӣ» ва «Қофия дар назми тоҷик», Зеҳнӣ дар таълифи «Санъати сухан», У. Тоиров дар таълифи «Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам» ва дигарон «Меъёр-ул-ашъор»-ро чун сарчашмаи асосӣ ба ҳисоб гирифтаанд. Ин асар бори аввал бо эҳтимоми Саъдуллоҳи Муродободӣ бо номи «Мизон-ул- афкор» соли 1300 ҳиҷрӣ (1883) дар Ҳиндустон ва бори дуюм соли 1323 (1906) ба забони урду бо шарҳу

тавзеҳоти Музаффаралии Асир бо номи «Зари комилъиёр» дар Ҳиндустон, соли 1325 (1908) дар Теҳрон бо шарҳу тавзеҳоти Начмуддавла ва соли 1403 (1984) бо номи «Меъёр-ул-ашъор дар илми арӯз ва қавофӣ, таснифи хоча Насируддини Тӯсӣ» ба эҳтимоми Муҳаммади Фишоракӣ ва Ҷамшеди Мазоҳирӣ дар Исфаҳон ба табъ расид.

«Аз сад гуфта як карда беҳ» - гуфтаанд. Мо асари донишманди номии точик Насируддини Тӯсӣ - «Меъёр-ул-ашъор»-ро, ки бе гуфтугӯ, дурре аз кони илми адабиётшиносии халқҳои форс-точик аст, соли 1992 пешкаши хонандагони хушзавқи точик гардонидем, то ки муштоқон аз қудрати донишу сухандонии ин марди хирад баҳра баранд.

## «АЛ-МУЪЧАМ»-И ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ

Халқе, ки адабиёти бою ғанӣ дорад, афкори адабию эстетикии он низ хеле ривочу равнақ меёбад. Дар таърихи инкишофи зиёда аз ҳазорсолаи адабиётшиносии точик чандин асарҳо таълиф шуданд, ки дар онҳо авзони шеъри точикӣ, алалхусус, арӯз, қофия, санъатҳои шеърӣ ва ғайра мавриди баҳс қарор гирифтаанд.

Шоир ва донишмандони точик Абулаълои Шуштарӣ, Абӯюсуфи Арӯзӣ (асри 10), Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ (асри 11, муаллифи «Тарчумон-ул-балоға»), Абулҳасан Алии Баҳромии Сарахсӣ (вафоташ 1106), Абӯабдуллоҳи Фушии Қурашӣ (асри 11), Бузургмехри Қойинӣ (асри 11, Айнуззамон Имом Абӯалӣ Ҳасан Саъдулмулк Рашидуддин Муҳаммад Абдулчалили Балхӣ машҳур ба «Рашиди Ватвот (1087-1178, муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр») ва дигарон рочеъ ба арӯз, қофия ва саноеи бадеъӣ асарҳо таълиф намудаанд. Хушбахтона, дар асри 13 олим ва донишманде ба майдони илму адаб омад, ки дар натичаи мутолиаи муттасили асарҳои адабиётшиносони форс-точик ва муҳимтарин китобҳои илми бадеъи мутафаккирони араб бо номи «ал-Муъчам фӣ маъойири ашъор-ил-Ачам» («Фарҳанги андозаҳои ашъори Ачам») асаре иншо кард, ки он як навъ чамъбасти муваффақиятҳои пештараи илми бадеъи классикии точик мебошад. Ин фардимарди хирад Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ буд.

Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ, ки бо номи Шамси Қайси Розӣ машҳур аст, назар ба гуфтаи худаш, дар шаҳри Рай (Эрон) ба дунё омадааст. Соли таваллуди Шамси Қайси Розӣ маълум нест. Аввалин соле, ки ба ҳаёти ӯ тааллуқ дораду дар китобҳо сабт ёфтааст,



ин соли 1205 мебошад. Дар ин сол, яъне 1205 вай ба Бухоро омада, чанд муддат дар он чо умр ба сар бурдааст. То соли 1205 барои такмили илму дониш дар шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳру Хуросон, аз он чумла дар Хоразм истиқомат карда будааст.

Аз рӯи ин далел тахмин меравад, ки синни вай дар ин вақт (1205) аз 20-30 гузашта будааст, пас ӯ шояд дар солҳои 80- уми асри XII таваллуд ёфта бошад. Шамси Қайси Розӣ таълими ибтидоиро дар зодгоҳаш -шаҳри Рай гирифта, дар муддати хеле кӯтоҳ илмҳои маъмулии замона, хусусан илмҳои нақди шеър ва арӯзро пурра аз худ кард. Ӯ барои такмили илму дониш соли 1205 ба шаҳри Бухоро меояд. Шаҳри Бухоро дар он давр аз марказҳои хеле бонуфузи илму адаби точик буд ва аксари донишмандон дар доираҳои адабию илмии он чамъ омада буданд.

Чунин шароити нисбатан мусоид барои Шамсуддин барин чавони илмдӯст хеле мувофиқ омад, аз ин рӯ, вай то соли 1207 дар ин шаҳр пайваста дониши худро такмил медиҳад. Соли 1207, вақте ки шоҳи Хоразм -Муҳаммади Хоразмшоҳ ибни Такаш (вафоташ 1220) бо баҳонаи пахш кардани шӯриши Малик Санчар шаҳри Бухороро ишғол кард, Шамси Қайсро ба дарбори худ даъват намуд. Ҳаёт ва фаъолияти ӯ солҳои 1207-1219 асосан дар Хоразм гузаштааст. Соли 1219, баъди аз лашкари муғулҳо шикаст хӯрдани давлати Хоразмшоҳиён, Муҳаммади Хоразмшоҳ роҳи гурезро ихтиёр кард. Шамси Қайси Розӣ дар қатори дигар шоирону мулозимони рикоби Муҳаммади Хоразмшоҳ ноилоч ба мулки Ироқ ҳичрат намуд. Солҳои 1219-1226 дар ҳаёти ӯ душвортарин солҳо буданд. Дар тӯли 7-8 сол аз таъқиби лашкари муғулҳо аз шаҳр ба шаҳр овора шуда, қатлу ғоратгариҳои бешумори муғулҳоро бо чашмони худ дид. Дар ин муддат ду маротиба дар шаҳри Рай асир афтода, азобу шиканчаҳои зиёдеро аз сар гузаронид. Соли 1226 Шамси Қайси Розӣ аз Ироқ ба Форс омада ба хидмати Атобак Саъд ибни Зангӣ ибни Мавдуд, ки ҳокими мамолики Форс ва музофоти он буд, даромад. Азбаски вай фозилу донишманд ва чаҳондида буд, дар муддати хеле кӯтоҳ дар ин дарбор обрӯ ва эътибори зиёд пайдо кард ва аз надимони хоси шоҳ гардид,

Соли 1231, баъди вафоти Атобак Саъд ибни Зангӣ ба дарбори писари ӯ - Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ дохил шуд ва мартабаю мақоми Шамси Қайси Розӣ ҳамоно мисли аввала буд. Чараёни зиндагии минбаъдаи Шамси Қайси Розӣ ба мо равшан нест. Фақат дар як чои «ал-Муъчам фӣ маъойири ашъор-ил-Ачам» дар хусуси аз тарафи Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ забт шудани Баҳрайн, Уммон

ва чанд ҷазираи халиҷи Форс сухан меравад, ки ин воқеа ба солҳои 1238-1239 рост меояд.

Аз мероси илмию адабии Шамси Қайси Розӣ то замони мо фақат бузургтарин асари ӯ «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» боқӣ мондааст. Илова бар ин китоб, вай бо номи «Тибён-ул-луғат-ат-туркӣ ало лисон-ул-қанғалӣ» («Баёни муфассали забони туркӣ бар забони қанғалӣ») луғати туркӣ таълиф карда будааст. «Ва куттоби (нависандагони) туркон дар мисли ин калимот ба ҷои «ҳо» «алиф» нависанд, барои он ки «алиф» хафитар (пӯшидатар) аст… Чунон ки дар таълифе, ки дар луғати туркӣ сохтаам, баён карда омадааст», - мегӯяд дар ҳамин асараш. Китоби «Ал-уюб-фӣ муқаффӣ ашъор-ул-араб» («Айбҳои қофияи араб») низ аз иншооти ӯст, ки мутаассифона, ҳар ду китоб то замони мо нарасидаанд. Аз гуфтаи худи муаллиф маълум мешавад, ки вай асаре бо унвони «Китоб- ул-кофӣ фӣ-л-арӯзайн ва-л-қавофӣ» ҳам навишта будааст: «Ин ихтилофи таркиб ба чи ваҷҳ раво доштааст (сухан дар хусуси шеъри Пиндори Розӣ меравад-Т.У. М.С.) ва онро чи ҳуҷҷат хаёл карда ва ман чу дар ин фан шурӯъ кардам ва дар таълифи «Китоб-ул- кофӣ фӣ-л-арӯзайн ва-л-қавофӣ» бад-ин фасл расидам». Ин китоб низ то имрӯз дастрас нест. Баъзе адабиётшиносон китоби «Ҳадо иқ-ул-муъҷам» («Равзаҳои фарҳанг»)-ро ҳамчун китоби алҳида ба Шамси Қайси Розӣ нисбат медиҳанд, ки ғалат аст, зеро дар асл он ҳамин китоби «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» аст, ки баъдҳо бо номи «Ҳадоиқ-ул-муъҷам» ихтисор шудааст.

Аз ибтидои таълифи асарҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба забони дарӣ-тоҷикӣ то имрӯз камтар асареро ёфтан мумкин аст, ки мисли китоби «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» дар илмҳои сегонаи адабӣ: арӯз, қофия ва накди шеър таълиф шуда бошад.

Дуруст аст, ки то иншои ин асар донишмандону фозилони форс-тоҷик доир ба накди шеъру арӯзу қофия асарҳои зиёде навишта будаанд, ки «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ», «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидуддин Абӯбакр Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдулҷалили Умарии Балхӣ маъруф ба Рашиди Ватвот, «Ғоят-ул-арӯзайн», «Канз-ул-қофия» ва «Хуҷистонома»-и Абулҳасан Алӣ Баҳромии Сарахсӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Мутаассифона, аз асарҳои номбурдашуда то имрӯз ба ҷуз китобҳои «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ ва «Ҳадоиқ-ус- сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот, ки дар ҳақиқат, ёдгорҳои беназире аз илми накди шеъранд, асаре боқӣ намондааст.

Аз дебочаи асари «Ал-Муъҷам фӣ маъойири -ашъор-ил-Аҷам»



бармеояд, ки Шамси Қайси Розӣ соли 1218 дар шаҳри Марв бо хоҳиши шоирону муътақидони адаби тоҷик ба таълифи он сар карда будааст. Баъди як сол, яъне соли 1219, вақте ки шоҳи Хоразм-Муҳаммади Хоразмшоҳ аз ҳуҷуми муғулҳо гурехта ба Ироқ рӯй овард, Шамси Қайси Розӣ низ дар қатори дигар шоирону донишмандон ба Ироқ рафт. Соли 1220 Муҳаммади Хоразмшоҳ дар наздикии қалъаи Фарразин аз лашкари муғулҳо шикаст хӯрд. Дар ин воқеа Шамси Қайси Розӣ низ дар қатори дигар мулозимони рикоби султон ҳозир буд, мусаввадаи китоби «ал-Муъҷам фӣ маъойири - ашъор-ил-Аҷам» ва дигар китобҳои нодирро, ки ҳамроҳи ӯ буданд, талаф дод.

Баъди вафоти султон Муҳаммади Хоразмшоҳ Шамси Қайси Розӣ соли 1226 аз Ироқ ба Форс омада, аввал ба дарбори Саъд ибни Зангӣ ибни Мавдуд, ки аз атобакони мамолики Форс буд ва соли 1231 ба дарбори писари ӯ - Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ дохил шуд. Дар ин муддат, ки ҳаёти Шамси Қайси Розӣ нисбатан оромона мегузашт, донишмандони Форс аз таълифи «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» ва қисмати он огоҳ шуда, як қисми мусаввадаи онро тавассути деҳқонони қалъаи Фарразин ёфта ба муаллиф доданд ва аз ӯ хоҳиш намуданд, ки таълифи онро ба поён расонад.

«Дебочаи таълифе дар илми арӯзу қавофию нақди ашъори тозию форсӣ оғоз ниҳодам ва нуқуши тақсиму табвиби (боб-боб кардани) онро найранг (тарҳ) задам ва дар чанд рӯзи маъдуд (кам) бештар фусулу (фаслҳою) абвоби (бобҳои) онро мураттаб гардонидам ва муъзами (аксари) саводи (сиёҳнавис) онро ба ҳадди баёз расонидам. Лекин қабл аз он ки арӯси он хидр (парда) бар минассаи (хонаи оростаи арӯс) ҷилва ояд ва гули он бӯстон ниқоби ғунчаи мусаввада бикшояд, роёти (фикри) аълосултон Саъид Муҳаммад ибни Такаш аълаллоҳу дараҷотаҳумо (шухраташонро) ва лақна (талқин кардан) явмулҳисоб (рӯзи қиёмат) ҳуҷҷатаҳумо (далел овардан ба онҳо) бар савби (ҷониби) Ироқ дар ҳаракат омад ва хотири хидмати рикобашро мустаҳкам гашт, чи аз касрати аройифи (хабарҳои бофтаи) мухталиф, ки дар он таърих бар сабили (мисли) маҷмаҷа (баён кардани хабар) аз афвоҳ (даҳонҳо) шунавида меомад, дил бар иқомати Хуросон ва лосияммо (махсусан) дар ғайбати султон қарор намегирифт ва тахаллуф (хилофи ваъда кардан) ба ҳеч ваҷҳ маслиҳат наменамуд. Ва аз ин ҷиҳат дар он матлуб дар садафи таълиқ (муаллақ) бимонд ва мурғи он орзу дар доми итмом наяфтод. Ва чун баъди тарохии (камии) муддатулғурба (тамоми ғарибӣ) ва тамодии (тӯлкашии) амадулғайба (ниҳояти муддате) ба Ироқ расидем ва бақоёи хешону дӯстонро

боздид хуш омад. Силсилаи ҳуббулватан (меҳри ватан) дарҷунбонид ва доъияи (хоҳиши) Рай, ки масқати раъс (таваллудгоҳ) ва мақтаъи сурра (ҷои буридани ноф) дар ботин зоҳир гардонид, азимати иқоматро тасмим (қарор) додам ва дил бар хондан фарзандону нақли (кӯчонидани) хона аз Хоразму Хуросон биниҳодам. Ва дар ин миёна ба ҳар вақт интиҳози (ғанимати) фурсате мекардам ва таталлуъи (воқиф гаштани) фироғи хотире менамудам, то бошад, ки аҷзои он мусаввада бар ҳамон тартиб ба охир расонам ва назми таълиф бар ҳамон наск (тартиб) тамом кунам. Аз тародуфи (паи) шавоғили (корҳои) лотойил (бефоида) даст фароҳам намедод ва аз тавотури (пайдарҳамии) асфори (сафарҳои) беихтиёр муяссар намешуд».

Шамси Қайси Розӣ аз таклифи онҳо хушнуд гардид ва дар муддати хеле кӯтоҳ соли 1233 асарро анҷом дод. Вале асли китоб ба забони арабӣ таълиф шуда, мавзӯи он фақат баёни арӯзу қофия буд. Дар мавриде ки сухан дар бораи шеъри арабӣ мерафт, мисолҳои шеърӣ низ ба забони арабӣ ва ҷое, ки сухан дар хусуси шеъри форсӣ-тоҷикӣ мерафт, мисолҳои шеърӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ оварда мешуданд. Ҳаҷми китоб бошад, дар ин шакл хеле калон буд. Адибон ва донишмандони Форс ба Шамси Қайси Розӣ арз карданд, ки вазн (арӯз) ва қофияи шеъри ду забонро дар як асар ҷой додан ба мақсад он қадар мувофиқ нест, зеро онҳое, ки забони арабиро хуб намедонанд, аз мазмуни аслии китоб маҳрум монда, баръакс, мисолҳое, ки аз шеъри форсӣ-тоҷикӣ оварда мешаванд, барои арабизабонон бефоидаанд.

Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш намуданд, ки аз ин китоб ҳар чи ки ба забони форсӣ ва мутааллиқ ба ашъори дарист, интихоб намуда дар шакли китоби алоҳидае даровард. Шамси Қайси Розӣ эътироз ва хоҳиши адибонро пазируфт ва китобро ду қисмат намуд. Он чи ки ба забон ва шеъри форсӣ-тоҷикӣ оид буд, ҷудо кард ва ба он илми нақди шеърро (санъатҳои бадеъиро) илова намуда, «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» ном гузошт. Ва зоҳиран, он чи ки ба забони арабӣ ва ашъори тозӣ дахл дошт, дар китоби ҷудогонае ҷамъ намуда, «Ал-муъраб фӣ маъойири ашъор-ил-араб» («Фарҳанги андозаҳои ашъори араб») номид.

**«ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам»** аз дебоча, ду қисм ва хотима иборат аст. Дебочаи асар тарҷумаиҳолӣ буда, Шамси Қайс дар ин ҷо оид ба зодгоҳ, ҳаёти давраи ҷавонӣ, сафару азиматҳои худ ба кишварҳои гуногун, ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна ва ваҳшонияту хунрезиҳои онҳо, гирифторӣ, оворагардӣ ва дар Рай ду маротиба асир афтодани худ, инчунин доир ба сабаби таълиф ва қисмати асараш сухан меронад.



Қисми аввали «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» дар илми арӯз буда, ба чаҳор боб тақсим карда шудааст. Боби аввал «Дар маънии арӯз ва шарҳи аркону (рукнҳою) зикри асомию (номҳою) алқобе (лақабҳое), ки дар ин фанн мусталаҳи (истилоҳи) аҳли ин илм аст», боби дуюм «Дар зикри аҷзоъ (ҷузъҳо) ва авзоне, ки аз таркиби аркони арӯзӣ ҳосил мешаванд», боби сеюм «Дар зикри тағйироте, ки бад-он аҷзоъе лоҳиқ (ҳамроҳ) гардад бо фурӯъи афоъил, ки аз он муншаъиб (ҷудо) шавад», боби чаҳорум «Дар зикри буҳури (баҳрҳои) қадим ва ҳадис (нав) ва нақши давоиру тақтеъи (ба ҳиҷоҳо ва рукнҳо ҷудо кардани) абёт ва факки (ҷудо кардани) аҷзоъи (навъҳои) буҳур (баҳрҳо) аз якдигар» ном дорад.

Қисми дуюми асар дар илми қофия ва нақди шеър (санъатҳои бадеъӣ) буда, шомили шаш боб аст. Боби аввал «Дар зикри маънии шеъру қофия ва ҳадду ҳақиқати он», боби дуюм «Дар зикри ҳуруфи қофия ва алқобу (номҳою) ашқоқи (пайдоиши) он», боби сеюм «Дар зикри ҳаракоти ҳуруфи қофия ва асомии он», боби чаҳорум «Дар зикри ҳудуди қофия ва аснофи (навъҳои) он», боби панҷум «Дар зикри уюби қавофӣ (қофияҳо) ва аснофи нописандида, ки дар каломи манзум афтад», боби шашум «Дар зикри маҳосини (ҳуснҳои) шеър ва тарфе аз саноoти мустаҳсан (писандида) дар назму насри калом бошад» номида шудааст.

Хотимаи асар басо ҷолиби диққат аст. Шамси Қайси Розӣ дар ин ҷо дар хусуси шеъру шоирӣ бо самимият ва дилсӯзӣ сухан меронад. Аз гуфтаҳои вай маълум мешавад, ки дар замонааш нисбат ба шеъру шоирӣ кам аҳаммият медодаанд ва ҳар кас ки чанд калимаю ибораро якҷоя карда тавонад ду як-ду навъи вазнро ёд гирифта бошаду маъниеро дар қолиби вазну қофияе ҷой дода тавонад, худро шоири муқтадир меномидааст. Муаллиф ин гурӯҳи шоиронро сарзаниш карда, ақида ва нуқтаи назари худро дар хусуси шеъру шоирӣ ва шартҳои он, муносибати мунаққиду шоир, шеъри матбӯъ ва ғайра баён мекунад: «Ва бибояд донист, ки шоир дар ҷавдати (бартарии) шеъри хеш ба бештари улум ва одоб муҳтоҷ бошад ва бад-ин ҷиҳат бояд ки мустатриф (аҷобатписанд) бувад.

Ва чизе нагӯяд, ки мардум истидлол (далел) кунанд бад- он, ки ӯ он маънӣ надонистааст».

«ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» яке аз қадимтарин ва комилтарин асарҳои адабиётшиносии форс-тоҷик буда, доир ба назарияи шеъру шоирӣ, муносибати мунаққиду шоир манбаъи бебаҳое ба шумор меравад. Илова бар ин, вай барои омӯхтани бисьёр

вокеаҳои муҳими замони муаллиф, яъне охири асри 12 ва аввали асри 13 сарчашмаи муътамад мебошад, зеро Шамси Қайси Розӣ дар асар бештар вокеа ва ҳодисаҳоеро ҷой додааст, ки худ шоҳиди онҳо будааст. Дар хусуси ҳуҷуми Чингизиён ва оқибату таъсири бади онҳо бо изтироб сухан меронад: «...овозаи ҳуҷуми куффору нуҷуми (падид шудани бадмазҳабу хориҷии) татор, ки аз ду сол боз мунташир буд, муҳаққақ, (аниқ) гашт ва хабари истилои эшон бар билоди Мовароуннаҳр ва истеъло (бартарӣ) бар асокир (аскарҳое), ки ба ҳифзи он навоҳӣ мансуб буданд, мутавотир шуд (паи ҳам радду бадал шуд). Ва ба ҳукми он ки сити (шуҳрати) салтанату бастати (вусъати) мамлакату вусъати (қудрати) шукуҳу шавкат ва касрати (зиёдии) лашкар ва уддати (тайёрии) он султони нофизфармон (фармонаш иҷрошаванда) ва қаҳру ғалабаи ӯ бар мулуки турку бақои Туркистон беш аз он буд, ки дар замир ҳеҷ кофир ёрои таллуқи баъзе аз атрофи мамолики ӯ сурат бастӣ ё дар димоға ҳеҷ мутаҳаввир (нотарс) таманнои (орзуи). тамаллукдиҳӣ (зӯран ишғол кардани) аз навоҳии мамлакати ӯ дар хаёл омадӣ. Аз иқдоми бетаҳошии (беибои) он қавм бар қасди вилояти чун ӯ подшоҳе қодиру қоҳир ва иқтиҳоми (кӯркӯрона ба кори пурмашаққат даст задани) бемуболоти (бепарвои) он ҷамоат дар ғимори (муздҳои) диёри ислом бо вуҷуди чунон лашкаре вофир (бисёр), дилҳои хосу авоми ҳашам (хизматгорон) шикаста шуд ва рӯъбу (тарсу) хавф бар турку тозики (мардуми ғайри арабу турк) лашкар ва дуру наздики раъият муставлӣ (истилокунанда) гашт. То қарибӣ панҷоҳ-шаст ҳазор савори шамшерзан бар кастувондор (либосест, ки рӯзи ҷанг пӯшанд ва бар асп низ пӯшонанд), ки ба зоҳири Балх дар хокаи қавмааи (нигаҳбонони хос) мураттаб буданд ва бар миқдори панҷ фарсанг хайма дар хайма зада, таноб дар таноб кашида ва пеш аз он ҳар фавҷ (гурӯҳ) аз эшон ба тохтане мулке гирифта, ба ҳамлае лашкаре шикаста, ба муҷарради (воситаи) овозаи нузули (фуруд омадани) куффор бар шатти (соҳили) Ҷайҳун низоми чунон ҷамъияте аз ҳам фурӯ кушоданд ва калфироши (парвонаи ҷарори) алмабсуси (парокандаи) мутаашъисхотир (парешонхотир) ва мутаашъиброй (гуногунмақсад) гашт ва бемукотиҳа (бе дафъ кардан) ва муқобила аз маҳомоти сағри (сарҳади) исломи муҳофизати байзаи мулк тафодӣ (парҳез) намуданд ва маркази мақом холӣ гузошт. Ва тароики қидада (мардуми мухталифақида) ва абодиди удадани (гурӯҳи мардуми мутафаррикшудаи) ҳар фирқати фурӯқа (баддил) ба гӯшае афтоданд ва ору шинори (нангу номуси) ҳазимати (шикаст хӯрдани) беҷангро ба ному нанги чандинсолаи хеш роҳ дод, то хасм аз танассуми (хабар расидани) он баддиле, ки то он



ҳадд аз ҳеҷ лашкаре тасаввур накарда буданд, чунон далер шуд ва аз муқовамати (истодагарии) лашкари ислом, ки аз он ҳисобе тамом баргирифта буданд, чунон эмин гашт, ки ҳар қавм рӯ ба тарафе ниҳоданд ва ҳар чавқ (гурӯҳи мардум) қасди шаҳре карданд. Баъзе аз эшон ба як ракзат (ҷунбиш) аз канори Ҷайҳун то дари Исфаҳон, бал (балки) то ақосии (канорҳои) Абхозу Аррон битохтанд ва ҳама роҳ аз шахси (ҷасади) куштагон тилолу (тӯдаҳои хоку регу) хизоб (пуштаҳо) сохт ва тоифае аз ҷумлаи билоди Хоразму Хуросон ҷуз русуму (нишону) итлол (ҷои хароб) қоим (боқӣ) нагузоштаанд. Ва аз коффаи (тамоми) сокинони он ду вилояти биҳиштосо ҷуз муште атфолу (кӯдакону) аврот (занҳо) ва баъзе аз санноъу (косибону) муҳтарифа (ҳунармандон), ки дар рибқаи (ҳалқаи) асор (ресмон) бар якдигар зиндабахш карда буданд ва ба расми абид (ғуломон) таҳниятро ба маъохиди (зодгоҳи) хеш фиристода, зинда раҳо накарданд ва одияи (ситами) айсу (харобии) фасоди эшон ба соири дигар ақолими (ҷойҳои) олам адво (таҷовуз) кард ва аз савояки (барқҳои) раъду барқшони ақтору (ноҳияҳою) офоқи ҷаҳон дар ташвиш афтод ва алалҷумла (хулоса) он чи дар ин фитрат бар рӯи аҳли ислом омад ва бар сари уммат гузашт, дар ҳеҷ давлат бар аҳли ҳеҷ миллат нишон надодаанд ва мисли ин воқеаи шаниғу (баду) боқеаи (сахтии) фазеъ (аз ҳад гузашта) дар ҳеҷ таърих наёварда. Ва агар чи дар санаи ишрин ва ситтамия (620 ҳ. /1223 м) ихтилофи эшон аз бештари мамолик мунқатеъ шуда буд ва ин сӯи об як-ду сол аз хавфи қатлу асари сабеъи (ҳайвонҳои ваҳшии даррандаи) зория (шикорӣ) эмин гашта ва мардумро ба воситаи ҷамъияти баъзе аз фарзандони султон умеди интиошӣ (накӯаҳволӣ) падид меомад ва роиҳаи (бӯи) иртиёшӣ (хушҳолӣ) ба машом мерасид. Маро боре аз касрати тақаллуби (дигаргун шудани) аҳволи Ироқу тағаллуби (пурра ғолиб омадани) хаёли муроҷиати татор обе хуш ба гулу фурӯ намерафт ва нафасе осуда аз сина барнамеомад ва ба ҳеҷ ваҷҳ зилзилаи хавфу валвалаи рӯъби (тарси) он қатли бедареғу ғорате шаъво (зиёд), ки ҳизби қаҳри худой ба чанд навбат дар чанд шаҳр дида будам ва мушоҳида карда, аз замир гум намешуд. Хосса, ки як-ду карат дар дасти баъзе аз шаҳангони (қалъабонони) Рай афтода будам ва зилли (хории) истихдоми (хидмат хостани) гумоштагони эшон кашида ва аз ин ҷиҳат, дил аз ҷони ширин сер омада ва ҷон аз зиндагонии мусталазз (лаззатгиранда) мутабаррим (безор) шуда, чи ба ҳеҷ ҳол аз он шиддату меҳнат ваҷҳи халосию маносӣ (гурехтанӣ) намедидам ва аз он азияту балият (бадбахтӣ) мафарру (гурезгоҳу) маҳисе (паноҳгоҳе) намедонистам, то ногоҳ бахти хуфта бедор гашт ва тулуъи кавкаби

саъде аз уфуқи матолеам рӯй намуд, атроф фароҳам гирифтам ва онқ (монеа) мунқатеъ (буридашуда) гардонид ва бо ғумузи (чуқурии замин) масолику ноэминии роҳҳо худро ба маъмуни Форс андохтам».

Ғайр аз ин, дар «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил- Аҷам» номи як зумра шоирони форс-тоҷики то истилои муғулҳо ва намунаи ашъори онҳо, инчунин номи олимону донишмандон мисли Баҳромии Сарахсӣ, Амир Абӯмансур Қосим ибни Иброҳими Қойинӣ, Имом Ҳасани Қаттон ва таълифоти онҳо оварда шудааст, ки маҳз тавассути ҳамин асар намунаи ашъору номи таълифоти онҳо то замони мо омада расидааст. Бояд қайд кард, ки аввалин маротиба дар ҳамин асар илова ба 19 баҳри машҳури арабу Аҷам (Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Тавил, Мадид, Басит, Вофир ва Комил) боз 21 баҳри навэҷодкардаи арӯзиёни Аҷамро (Сарим, Кабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим, Маснуъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Маъқӯс, Мӯхмал, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Боис) дар дойираҳои Мунъакиса, Мунъалиқа, Мунғалата оварда, монандию тафовути оҳоро аз баҳрҳои дигар бо мисолҳои шеъри нишон додааст.

Маълум аст, ки шарҳ ва тафсири баъзе истилоҳоти илми бадеъ диққати адабиётшиносони гузаштаи моро хеле барвақт ҷалб карда буд. Шоир ва донишманди форс-тоҷик Рашиди Ватвот дар охири китоби хеле пурқимати худ «Ҳадоиқ-ус сеҳр фӣ дақоиқ-уш- шеър» зери сарлавҳаи «Алфозе, ки дар забони аҳли ин синоат афтодааст ва аз мусталаҳоти (истилоҳоти) эшон шуда берун аз он чи ёд кардем» ба таври хеле мухтасар истилоҳоти «мадҳ», «мидҳат», «ташбиб», «насиб», «ғазал», «мусарраъ», «хасӣ», «тарҷеъ», «акс», «муқаррар», «мутанофир», «муталойим», «иртиҷол», «равият ва фикрат», «ҷазолат», «саҳли мумтанеъ» ва ғайраро маънидод кардааст. (Масалан, истилоҳоти «мадҳ»-у «ҳаҷв»-ро ин тавр шарҳ додааст: «Мадҳу мадеҳу мидҳат мар офаринро хонанд, ҳаҷву ҳиҷо нафринро»), Шамси Қайси Розӣ низ дар охири боби шашуми «ал-Муъҷам» оид ба ин масъала таваққуф карда чунин навиштааст: «Ва баъд аз он фасле дар зикри баъзе аз аҷноси шеъру анвоъи назм, ки дар музовалоти (таҷрибаи) ин фанн ва таотини ҷузъиёти ин шева ба маърифати он эхтиёҷ афтад чун насибу ташбибу ғазалу рубоию муздаваҷу мисраъю мусаннаю маҳдуду маҷмуъю байтулқасидаю луғзу муаммою мутакаллиф ва матбуъ радифи ин боб созем». Шамси Қайси Розӣ бар хилофи дигар адабиётшиносон ҳар як истилоҳро хеле васеъ ва бо мисолҳои шеърӣ шарҳ додааст. Агар Рашиди Ватвот



шарҳи 17-18 истилоҳро ҳамагӣ дар ду саҳифа ҷой дода бошад, Шамси Қайси Розӣ барои ҳар як истилоҳ («ирдоф», «табйину тафсир», «тақсим», «тавсим», «тасҳим», «иститрод», «тафреҳ», «эътироз», «илтифот», «тадорук», «таъкидлулмадҳ би мояшбаҳуззам», «тақобил», «эътинод», «тасмит», «тавшеҳ», «ҳусни матлаъ», «ҳусни мақтаъ», «ҳусни тахаллус», «адаби талаб», «насиб», «ташбиб», «байтулқасида», «тасхиф») як-ду, баъзан се-чаҳор саҳифа ҷудо кардааст.

Муаллиф ба вазни шеър ҳамчун яке аз аркони асосии он диққати махсус медиҳад. Гаштаю баргашта таъкид менамояд, ки «ба ҳеҷ сабил ду баҳрро дар якдигар нашояд омехт ва бар ду вазни мухталиф шеър нашояд гуфт ва фимобаъд (баъд аз ин) фаҳлавиёти мухталиф таркиби мухталифаркон нағӯянд ва ин айби фазеъро (пастро) ба шеъри хеш роҳ надиҳанд».

Шамси Қайси Розӣ доир ба шеъри писандида ва шеъри ғайритабиӣ, яъне такаллуфӣ, шартҳои шеъру шоирӣ ва балоғати сухан фикрҳои басе муҳим гуфтааст, ки бешубҳа, имрӯз барои адибону шоирону дигар ҳавасмандони адабиёт аз аҳаммият холӣ нест.

Вай шеъреро, ки дар он санъати зиёди лафзӣ истифода шудааст, яъне бо такаллуф гуфта шудааст, мутакаллиф (шеъри сохта ва ғайритабиӣ), аммо шеъреро, ки ба таври содда, мавзун ва бо калимаю ибораҳои маънус (маъмул) гуфта шуда бошад, матбӯъ, яъне писандида меномад.

«Оммаи мардум мепиндоранд, ки шеъри мутакаллиф мутлақо он аст, ки бар вазни мушкил ва азоҳифи (зиҳофҳои) гарон гуфта бошад ё калимоти он ба зӯр ба ҳам баста шудааст ва маънии он ба душворӣ фароҳам мегардад. Ин гумон хатост, аз баҳри он ки ҷумла санъатҳои шеърӣ ва навовардаҳои назм, ки дар фаслҳои гузашта баршумурдем ва онро мустаҳсаноти (ҳусну зебоиҳои) санъат ҳисоб кардем, аз ҳамин қабил мутакаллифоти ашъор аст, ки ҷуз амаони назар (диққати назар) ва идмони фикр (варзиши фикр) мисли он даст надиҳад ва монанди он муяссар нашавад. Аммо агар шоире илтизом кунад, ки чанд маънии гуногунро дар шеъре андак биёрад ва ё чанд исми мутағоир (зидди ҳам)-ро шуморад ва ё хоҳад барои мулзам кардани ягон моддҳи шеъри ғариб(нодир) ва назми мушкиле имтиҳони табъ намуда, дар зимни он ҳамчун санъати қалб ва тасҳифро истеъмол кунад, ҳуруфи атал (бе нуқта) ва ё манқут (нуқтадор)-ро лозим дорад, ин кор, албатта, аз навъи таассуф (такаллуф) холӣ набошад. Шоире гуфтааст:

3-ин ҷунбиши шоҳ чархи фарзинрафтор,
Дурам чу рух аз рух, зи рухи фаррухи ёр.

Дил з-аспи тараб пиёдаву пили ғамат,
Шоҳ мот ба ҷон хоста бар натъи қимор.

Чун илтизом кардааст, ки ҷумла колои (донаи) шатранҷро дар ду байт биёрад, лоҷарам (ночор) чандин рух бари ҳам (паси ҳам) афтодааст».

Шамси Қайси Розӣ таъкид мекунад, ки шоир бояд аз истифодаи калима ва ибораҳои ғайри маъмули забони тоҷикию арабӣ худдорӣ кунад, зеро чунин муносибат ҳеҷ гоҳ боиси равнақи ашъори ӯ нахоҳад шуд:

«Ва аз мутакаллифоти ашъор он аст, ки калимоти тозӣ, ки дар муҳовароти порсигӯён аст ё калимоти фаҳлавӣ (шевагӣ), ки дар луғати дарӣ маҳдурулистеъмол (дур аз истеъмол) мебошад, ба кор доранд, чунон ки Манучеҳрӣ гуфтааст:

Ғуробо, мазан бештар з-ин найиқо,
Ки маҳҷур кардӣ маро аз ашиқо.
Найиқи ту бисёру моро ашиқӣ,
Набояд ба як дӯст чандин найиқо...
Аё, расми атлоли маъшуқи вофӣ,
Шудӣ зери санги замона саҳиқо.»

Дар хусуси "шеъри матбӯъ чунин менависад: «Филҷумла шеъри матбӯъ он аст, ки насри балиғ ва назми бадеъ дорад ва қофияҳояш дуруст ва маъонии латифу ибораташ азб (ширин) бошад, ҳуруф ва калимоти он бар ҳам афтода (ҷудо), ибора ва калимоти он машғул (муқаррар) набошад. Таҷнисот ва санъатҳои он такаллуфӣ набошад ва бино бар машруҳот ва луғати дарии саҳеҳ бошад. Аз ғароиби луғати фурс аз мусталаҳоти ҳар вилоят (калима ва ибораҳои шевагӣ) пок бошад. Калимоти арабӣ, ки дар муҳовароти порсигӯён наёянд, дар он мустаъмал набошад (истифода нашавад). Аз ҳуруфи завоид ва ҳашвҳои қабеҳ, ки ба ҷиҳати анбориши (пур кардани) байт истеъмол мекунанд ва аз тағйироти алфоз, ки ба қадри зарурат дар ашъори худ ҷоиз доштаанд, холӣ бошад, то ба шунидан осон ва ба гуфтан душвор набувад.

Бояд бинои шеър бар вазни хушу лафзи ширин, ибороти матин, қофияҳои дуруст, таркиби саҳл, маонии латиф ниҳода шавад, чунон ки шеър ба фаҳмҳо наздик бошад, дар идрок истихроҷи (сарфаҳм рафтани) мазмуни он ба андешаи бисёр ва амаони фикр (бо дурандешии фикр) эҳтиёҷ наяфтад. Аз истиороти дур, маҷозоти ғайри машҳур, ташбеҳоти дурӯғ, таҷнисоти муқаррар холӣ бошад, ҳар байт дар лутф ва маънӣ ба нафси худ қоим бошад (ҳар байт маънои мустақил дошта бошад). Ҷуз аз рӯи маънӣ ва тартиби калом ба дигаре



муҳтоҷ ва мавқуф (алоқадор) набошад. Лафз ва калимаҳо ба ҷои худ афтад ва ҷумлаи шеър яктарзу якшева (якхела) бошад. Иборат гоҳ баланду гоҳ паст нашавад. Маънӣ гоҳ сусту гоҳ музтариб (беқарор) нагардад.

Ба таври сазовор паҳлуи ҳам омадани калима ва таркибҳо риоя шуда бошад, инчунин аз калимаҳои бегонаву дури ғайри луғати фурс дар он мустаъмал (истифода) нашавад, балки аз саҳеҳ ва машҳури луғати дарӣ ва он чи аз калимаҳои арабии мустаъмал, ки дар гуфтугӯ ва навиштаҷоти порсигӯёни фозил ҷорист, таркиб ёфта бошад».

Шамси Қайси Розӣ ба услуби навишт ва мавриди истифодаи калимаҳо бештар аҳамият медиҳад ва барои исботи фикри худ мисолҳо меорад. «Ва ҳамчунин калимаи «авлотар», ки ҷамоате пиндоранд, ки чун дар калимаи «авло» маънӣ тафсилу тарҷеҳ (равшан) аст, лафзи «тар» бо он замм кардан хато бошад ва на чунон аст, ки ғояти мо фӣ албоб он бошад, ки муболиғате бувад бар муболиғат ва чун дар порсӣ мегӯянд «беҳ» ва «беҳтар» ва калимаи «беҳ» худ мутазаммини маънии руҷҳону (бартарию) улувият (соҳибият) аст, чунон ки гӯянд: «Ин беҳ аз он аст ва беҳтар аз он аст». Чаро нашояд, ки гӯянд: «Чунон авлотар аст», илло (ғайри) ки насқи (тартиби) каломи тозӣ бошад. Чунон ки гӯянд: «Тариқи авло ин аст». Чи дар ин мавзеъ (маврид) нагӯянд, ки «тариқи авлотар ин аст». Ва чун калимаи «авло» ба охир афтад, ҳароина (албатта) онро робитае бояд, то сухан тамом шавад, чунон ки гӯянд: «Авло ин аст» ё «ин авло аст», ё «ин авло бошад» ва монанди он. Ва агар гӯянд: «Чунин авло» ва сухан катъ кунанд, сухани порсӣ тамом набошад, чунон ки дар тозӣ гӯянд: «Фалону олим» ва «фалону ғанӣ». Агар дар порсӣ гӯянд: «Фалонӣ олим» ва «фалонӣ тавонгар», сухан тамом набошад, илло (ғайри) ки гӯянд: «Фалонӣ олим аст» ва «фалонӣ тавонгар аст». Ва чун дар порсӣ гӯянд: «Ин авлотар», ба калимаи робита эҳтиёҷ набошад, ки лафзи «тар» дар ин мавзеъ (маврид) муҷаввази (ҷоизи) суқути (афтодани) зарфи рабт аст. Агар касе дар назму наср гӯяд: «Чунон авлотар», хатои маҳз набошад».

Шамси Қайси Розӣ дар таҳлили шеъри шоирони гузашта ва муосири худаш заҳмати зиёде кашида, ашъори онҳоро ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати либоси шеърӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Барои ҳар як сухане, ки мегӯяд, аз ашъори шоирони машҳуру номашҳур шоҳид оварда, онҳоро нукта ба нукта барои хонанда таҳлил намудааст. Шамси Қайси Розӣ дар таҳлили шеър, пеш аз ҳама, ба мантиқи сухан, мавриди сухан ва тарзи ифодаи фикр аҳамият медиҳад. Ба ақидаи ӯ, шеър бояд аз таркиботи нохушу истиораҳои

хунуку таъбироти нодилписанд ва маънии суст холӣ бошад. Байти зеринро мисол оварда мегӯяд:

«Бисоз маҷлису пеши ман ор ҷоми набид,
Ҳало ки дӯст ба ногоҳиён фароз расид.

Ва агар гуфтӣ «ҳало чу дӯст», беҳтар будӣ аз он ки истеъмоли «коф»-и сила баъд аз «ҳало» ба «ҳалокати дӯст» монад. Ва дигаре гуфтааст:

Хирман зи мурғи гурусна холӣ куҷо бувад?
Мо мурғакони гуруснаему ту хирманӣ.

Лафзи «ту хирманӣ» мамдузро лафзан ӯ маънии истиорате ракик (заиф) аст ва таркибе зишт. Ва дигаре гуфтааст:

Ҳаво чу дарё, моҳӣ чу мурғ, киштӣ- пар,
Шиноваронаш сияҳзоғакони ғарқануфус.

Чун гуфт: «Ҳаво чу дарё», боистӣ, ки гуфтӣ: «Мурғ чу моҳӣ», на «моҳӣ чу мурғ». Ва агар гӯем, ки ғалат аз нассох (нусхабардор) афтода бошад ва ӯ чунин гуфтааст, ки ҳаво чу дарё, моҳияш мурғ, киштӣ — пар, дуруст бошад, аммо лафзу маънии «сияҳзоғакони ғарқануфус» жожест, ки ҳеҷ- хар нахояд.

Ва Азрақӣ гуфтааст:

Оби Ҳаёт хӯрд синони адӯи ту,
Ҳар кас ки хурд зарбат, ӯ монд ҷовидон.

Яъне аҷзу (оҷизию) ҷубни (тарси) адӯ то ҳаддест, ки захми синони ӯ қотил нест ва бад-ин иборат мегӯяд, ки ҳар кас ки синони ӯ хӯрад, ҷовидон бимонад ва ин ба мадҳи адӯ лоиқтар аст, ки ба замм ва низ аз Оби Ҳаёт хӯрдани синон лозим наёяд, ки ҳар касс, ки он синон хӯрад, ҷовидон бимонад. Пас ҳам вуҷуҳ, ҳам таркиби байт суст аст ва ҳам маънӣ нодуруст».

Шамси Қайси Розӣ баъзан калимаҳоро аз ҷиҳати этимология шарҳ медиҳад ва тарзи дурусти ифодаи онҳоро таъкид мекунад. Масалан, ин байти Хоқониро:

Ҳаст ба пироманаш тавфкунон осмон,
Оре, ба гирди қутб чарх занад осиёб,

оварда менависад: «Ва гуфтаанд «осиёб», аслаш «особ» будааст, ё дарафзудаанд ва ба касрати (зиёдии) истеъмол ба «о» тарҳ карда ва «осиё» мегӯянд ва бар ин ваҷҳ «осиёи бод» ва «дастосиё» гуфтан хато бошад, аз баҳри он ки ҳамчунон бошад, ки гӯё «особи бод»-у «осдаст»-у «дастос», ҳамчунон ки мегӯянд «харос» ва нагӯянд «харосиё». Ва ҳамчунин «дарё», асли он «дар об» будааст, яъне «даридаоб» ва ба касрати (зиёдии) истеъмол «дарё» кардаанд. Пас мутақаддимон «дарёб» бар он ваҷҳ кардаанд».



Ба тозагии забони дарӣ, алалхусус барои истифодаи шакли дурусти калимаҳои дарии даристеъмолбуда кӯшида, аз шоирони пешин мисолҳо оварда таъкид мекунад, ки шоирони замони ӯ бояд аз паси онҳо нараванд, яъне калимаҳоро дар шакли дуруст истифода баранд: «Ва аз ҷумлаи муғайирот (ивазшавиҳо) «ханиз» ба маънии «ҳанӯз» ва «ғанавидан» ба маънии «ғунудан» ва «шунавидан» ба маънии «шунидан» ва «хуфтидан»-у «хуспидан» ба маънии «хуфтан» ва «расонидан»-у «раҳондан» ба маънии «расонидан»-у «раҳонидан» ва «шистан» ба маънии «нишастан» ва амсоли ин бисёр аст. Шоири даригӯй бояд ки дар ин абвоб тақлиди қудамо накунад ва дар он чи гӯяд, аз ҷодаи дарии машҳури мутадовил (ҷорӣ) удул (таҷовуз) ҷоиз нашмарад».

Вай ба маънии шеър, алалхусус калима, ибора ва таъбиру истилоҳотро ба маънии худи онҳо истифода бурданро таъкид мекунад. Аз шоирони гузашта чандин мисолҳо меорад, ки онҳо маънии калимаҳоро нафаҳмида бемаврид кор фармудаанд: «Рофеъӣ гӯяд:

Ай ахтари сахо, ки зи сайри наволи хеш
Ҳар рӯз дар сипеҳр тафохур кунӣ қирон.

Агар гуфтӣ (яъне агар мегуфт, ки) «бо нуҷум тафохур кунӣ қирон», рост будӣ, аз баҳри он ки қирони кавкаб бо кавкаб бошад ва бе тағйири лоуқорине (наздикшудае) нагӯянд, ки ситора дар фалак қирон кард».

Дар мавриди айтои ҷалӣ, дар хусуси қасида менависад: «Ва айтои ҷалӣ аз уюби фоҳиш аст дар шеър, илло ки қасида дароз бошад, чунон ки аз бисту сӣ байт, ки дар ашъори порсӣ ҳадди қасида аст ба қавли баъзе, даргузарад ё қасидаро ду матлаъ бошад, пас шояд, ки якду қофия дар матлаъи дувум бозгардонад ва такрори қофияи арӯзро (рукни охири мисраъи аввали байт) аз матолеъ айто нашморанд». Вай дар ҳаққи онҳое, ки баъзан барои вазн ё қофия шуда калимаҳоро ба тарзи худ тағйир додаанд, баъзан суханони сахтро раво донистааст. Масалан, дар мавриди «алиф»-и зиёдатӣ чунин гуфтааст: «Ва дигаре гуфтааст дар устурлоб:

Забон надораду пайдо сухан нагӯяд ҳеч,
Суханварони ҷавон пок пеши ӯ аблоҳ.

Ва дар «аблаҳ» аз аблаҳӣ «алиф»-е дарафзудааст» (яъне ба ч[illegible] калимаи «аблаҳ» «аблоҳ» навиштааст - У. Т.)

Чи тавре ки мебинем, Шамси Қайси Розӣ оид ба илми [illegible] шартҳои шеъру шоирӣ якчанд назариёти аҷиб баён н[illegible] Қимати назариёти ӯ дар он аст, ки мувофиқати куллии ш[illegible] ва бадеъиятро дар шеър талаб кардааст.

Таъкид мекунад, ки мазмуни шеър асос ва шакли он тобеъи мазмун мебошад: «Ҳар сухане, ки дар он маънии латиф набошад, табъи аҳли тамиз ба он майл намекунад, ҳамчунон бошад, ки зарфи холию дар он матоъ набувад». Бояд таъкид кард ки ин фикри муҳаққиқ на фақат дар замони ӯ, балки имрӯз ҳам аз аҳаммият холӣ нест. Ба ақидаи вай, мунаққид «чӯяндаи беҳомад» аст, яъне беҳтарин чизе, ки дар шеър ҷой дорад, ба хонанда нишон диҳад. Ин мулоҳизаҳои Шамси Қайси Розӣ мунаққидони имрӯзаи моро водор месозад, ки камбудӣ ва муваффақиятҳои эҷодиёти адибони муосири моро нишон диҳанд.

Агар Шамси Қайси Розӣ дар таълифи «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» аз «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммади Родуёнӣ ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот истифода бурда бошад, асари ӯ ҳамчун сарчашмаи илмӣ мавриди таҳқиқ ва истифодаи донишмандону адабиётшиносони асарҳои баъдина қарор гирифтааст. Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ мулаққаб ба Шариф «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам»-ро мухтасар намуда, онро «Мизон-ул-авзон ва лисон-ул-калом дар шарҳи алфози Аҷам» номид. Азуддин Фазлуллоҳ ибни Абдуллоҳи Қазвинӣ дар таълифи асари худ «ал-Муъҷам фӣ осори мулук - vл - муъҷам», Нуриддин ибни Абдулҷалили Зиёратгоҳӣ дар таълифи «Рисолаи қофия»-аш, адиби асри XIV Шамси Фахрии Исфаҳонӣ дар таълифи асараш «Меъёри Ҷамолӣ», донишманди асри XV форс-тоҷик Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар таълифи «Бадоеъ-ус-саноеъ», муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» Муҳаммад Ғиёсуддин ибни Ҷамолуддин дар таълифи «Меъроҷ-ул-арӯз», донишманди асри XVII Ҷамолуддин Ҳусайни Инҷӯ дар таълифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», Муҳаммад ибни Саъд дар таълифи «Табсират-уш-шуаро», Муҳаммад Наҷмалихон дар таълифи «Наҳҷ-ул-адаб», олими машҳури Эрон Нотил Парвизи Хонларӣ дар таълифи асари машҳури худ «Вазни шеъри форсӣ», шарқшиноси машҳури шӯравӣ Е. Э. Бертелс дар таълифи «Грамматика персидского языка» (1925) ва арӯзидони машҳури тоҷик, доктори илми филология марҳум Баҳром Сирус дар навиштани асарҳои «Қофия дар назми тоҷик» ва «Арӯзи тоҷикӣ», донишманди шинохтаи тоҷик Т. Зеҳнӣ дар навиштани асари худ «Санъати сухан» (1969), яке аз муаллифони ин китоб У. Тоиров дар таълифи «Таҳаввул ва такомулоти арӯз дар назария ва амалияи шеъри форсӣ-тоҷикӣ» (2015) ва умуман ҳамаи онҳое, ки ба каломи мавзун кор гирифтаанд, аз китоби «ал- Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» истифода бурдаанд. Ин асар бори аввал бо эҳтимоми



шарқшиноси маъруфи англис Э. Браун ва тасҳеҳи адабиётшиноси машҳури эронӣ Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ соли 1327 ҳиҷрӣ (1949) дар Бейрут ва боз ду бори дигар бо тасҳеҳи донишманди машҳури эронӣ Мударрис Разавӣ соли 1338 ҳиҷрӣ (1960) ба табъ расид. Соли 1991 ин китоб бо номи «ал-Муъҷам» дастраси хонандагони тоҷик гардонида шуд.

Аксари донишмандон дар ин ақидаанд, ки «аз ибтидои улум ба забони порсӣ баъд аз ислом аз аҳди Сомония то кунун … ҳеҷ китобе мутлақо ва бидуни истисно бад-ин камолу таҳқиқ ва танқеҳу ҷомеъияту ишбоъ дар ин фунуни салоса (арӯз, бадеъ, қофия – У.Т.) ба забони форсӣ таълиф нашуда ё агар ҳам шуда, ба дасти мо нарасидааст» (Абдуваҳҳоби Қазвинӣ ва Мударриси Разавӣ, ки «ал-Муъҷам», Теҳрон, 1337. – С. 497).

## "ҲАДОИҚ-УС-СЕҲР ФӢ ДАҚОИҚ-УШ-ШЕЪР"-И РАШИДИ ВАТВОТ

Асари донишманди а.12 Рашиди Ватвот дар илми баён ва санъатҳои маънавию лафзии назму наср. Аз ҷумлаи асарҳои таълимие, ки дар асри 12 навишта шудааст. Саъдулмулк Рашидуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Абдулҷалили Балхӣ, ки бо номи Рашиди Ватвот машҳур аст, соли 1087 дар Балх ба дунё омада, соли 1178 аз олам гузаштааст. Дар ҷавонӣ ба илму дониш пардохта, дар мадрасаи машҳури Низомияи Балх таҳсил кардааст. Чун анъана, илмҳои маъмули замона – сарфу наҳв, фалсафа, калом, луғат, арӯз ва бадеъу иншоро хеле хуб медонист. Соли 1120 аз Балх ба Хоразм омада, ба дойираи адабии Хоразмшоҳиён роҳ ёфта, зиёда аз сӣ соли аввал котиб, баъд вазири расоили ин дарбор буд.

Рашиди Ватвот дар дарбори Хоразмшоҳиён эътибори баланд дошт ва душманонаш аз ин ҳасад бурда, ӯро туҳмат карданд ва ин сабаб шуд, ки шоҳ Отсиз ибни Қутбуддини Хоразмшоҳ муддате Рашиди Ватвотро аз дарбор берун кард, вале дере нагузашта ӯро боз ба дарбор даъват кард.

Рашиди Ватвот ҳам шоир ва ҳам донишманди хуби адабиёт мебошад. Ӯ шоири соҳибдевон аст (дорои 8563 байт аст), дар эҷоди қасидаю (223 қасида дорад), ғазалу қитъа, рубоӣ ва таркиббанду тарҷеъбанд хеле дастболост. Баъзе қасидаҳои ӯ аз матлаъ то мақтаъ саршори санъатҳои таҷнис, зуқавофӣ, муламмаъ, лаффу нашр ва мурассаъанд. Худи ӯ низ мегӯяд:

Ашъори пурбадеъ дӯшизаи ман аст,
Бе шойгону лек беҳ аз ганҷи шойгон.

Рашиди Ватвот дар номанависӣ аз адибони номии давр шинохта шудааст. Нома ва рисолаҳое, ки ба забонҳои форсию арабӣ ба номи ашхоси гуногуни замонаш навишта буд, дар китобҳои «Абкор-ул-афкор фӣ расоил ва-л-ашъор», «Арois-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир» ҷой додааст, ки дар маҷмӯъ китоби аввал нӯҳ рисолаи арабию нуҳ рисолаи форсӣ-тоҷикӣ ва нуҳ қасидаи арабию нуҳ қасидаи форсӣ-тоҷикиро ва китоби дуюм бисту панҷ номаи арабию бисту панҷ номаи форсӣ-тоҷикиро дарбар мегирад.

Номаҳои ӯ барои омӯхтани лаҳзаҳои зиёди ҳаёт ва фаъолияти Рашиди Ватвот ва муносибату робитаҳои вай бо адибону шахсони таърихӣ аҳаммияти зиёд доранд. Донишманди эронӣ – Қосими Тувойсирконӣ соли 1960 номаҳои Рашиди Ватвотро ба табъ расонидааст.

Аз Рашиди Ватвот, инчунин, «Рисолаи арӯз» ё «Ақсом-ул-буҳур» ном асари манзуме боқӣ мондааст, ки дар бораи баҳрҳои солиму (аслию) ғайрисолим (ғайриаслӣ) маълумот медиҳад.

«Ҳадоиқ-ус-сеҳр» асосан аз шарҳу тавзеҳи санъатҳои бадеӣ иборат буда, солҳои чилуми асри дувоздаҳ таълиф шудааст. Муаллиф бештар санъатҳои лафзиро мавриди шарҳ қарор додааст. Аз гуфтаи Рашиди Ватвот маълум мешавад, ки ӯ баъди мутолиаи асари Муҳаммад Родуёнӣ – «Тарҷумон-ул-балоға» хостааст, ки дар маҳосини назму наср китобе таълиф кунад ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ҳамон китоб аст. Рашиди Ватвот баъди таърифу тавзеҳи ҳар санъат барои намуна аз ашъори шоирони арабу форс-тоҷик байтҳои ҷудогона меорад. Шамси Қайси Розӣ дар таълифи асари машҳури худ – «ал-Муъҷам» аз ин китоб истифода кардааст. Шарофуддин Ҳасан ибни Муҳаммад Ромии Табрезӣ (вафоташ-1392) «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-ро шарҳ додааст.

«Ҳадоиқ-ус-сеҳр» соли 1975 дар Москва ба табъ расидааст.

## "ҚОБУСНОМА"-И УНСУРАЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

"Қобуснома" асари таълимии илмӣ-адабии Унсуралмаолии Кайковус, ки с.ҳои 1082-83 ба номи фарзандаш Гелоншоҳ ва ба нияти таълиму тарбияи ӯ таълиф кардааст. "Қобуснома" аз 44 боб иборат буда, 51-56 ҳикояро дар бар мегирад. "Қобуснома"дар асоси анъана ва суннатҳои дидактикии адабиёти аҳди Сосониён навишта шудааст.



Фасли: "Андар ёд кардани пандҳои Нӯшервони Одил" аз он далолат мекунад, ки ин китоб аз анъанаҳои қадимии маънавию бадеъӣ сарчашма гирифтааст.

Бобҳои "Қобуснома"-ро аз рӯйи мавзӯъ ва мазмун ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст. Қисми якум бобҳое мебошанд, ки мазмуни иҷтимоӣ доранду одоби муносибатро шарҳ медиҳанд. Қисми дуюми бобҳо ба мавзӯъҳои омӯхтани касбу ҳунар, таҷрибаи бозору тиҷорат, ҳунарҳои шоирию дабирӣ ва илму дониш бахшида шудааст. Дар ибтидои ҳар боб муқаддимаи мухтасаре ҳаст, ки вазифаи шарҳу тавзеҳи илмию таълимии ҳамон мавзӯъро иҷро менамояд.

Масалан, муқаддимаи боби 35-ум "Дар ойину расми шоирӣ" ба чунин суханони маслиҳатомез сар мешаванд: "Эй писар, агар шоир бошӣ, ҷаҳд кун, то сухани ту с а ҳ л и м у м т а н е ъ бошад. Бипарҳез аз сухани ғомиз (душворфаҳм) ва чизе, ки ту донию дигаронро ба шарҳи он ҳоҷат ояд, магӯй, ки шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш. Ва ба вазну қофияи тиҳӣ (холӣ) қаноат макун, бе синоату тартибе шеър магӯй, ки шеъри рой (рост) нохуш бувад" (69, 130).

Баъд аз ин муаллиф дар бораи санъатҳои бадеъӣ, тарзи истифодаи онҳо, донистани авзони шеър (илми арӯз), навъҳои шеър, тарзи эҷоди мадҳу марсия тавaққуф мекунад.

"Қобуснома"беҳтарин китоби панду ахлоқ ва одоб аст, ки ҳама аз таҷрибаи зиндагӣ гирифта шудааст. "Қобуснома" барои омӯхтани панду ахлоқ, эҳтироми одамӣ, хусусан, эҳтироми падару модар беҳтарин сарчашма ба шумор меравад. "Қобуснома" с. 1979 бо кӯшиши Мирзо Муллоаҳмадов тавассути нашриёти "Маориф" дар Душанбе ба табъ расида, дастраси хонандагони тоҷик шуд.

## «ЭЪҶОЗИ ХУСРАВӢ»-И АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

Яке аз симоҳои машҳури адабӣ, бузургтарин шоири тоҷикзабони қаламрави Ҳиндустон -Яминуддин Абулҳасан Амир Хусрави Деҳлавӣ ба шумор меравад, ки дар асри XIII зиндагӣ ва эҷод кардааст. Хусрав соли 1253 дар Патёлии соҳили дарёи Ганг ба дунё омадааст. Номи ӯ Хусрав, лақабаш Яминуддин, куниятaш Абулҳасан, тахаллусҳояш дар аввал Султонӣ ва баъд Хусрав, Деҳлавӣ нисбати ӯ ба ҷои зисташ аст. Вай дар овони 39-солагӣ унвони «амир»-ро мушарраф гардидааст. Гузаштагони Хусрав аслан аз шаҳри Кеш

(Шаҳрисабзи кунунии вилояти Қашқадарёи Ӯзбекистон) буда, пас аз ҳамлаи муғулҳо ба Ҳиндустон муҳоҷират намудаанд.

Падари шоир - Сайфуддин Маҳмуд аз қабилаи Лочин буда, то соли 1236 ба Ҳиндустон омадааст. Модари Хусрав - Давлатноз аз тоҷикони Деҳлист. Падари шоир соли 1261, ки он вақт Хусрав 8-сола будааст, дар яке аз муҳорибаҳои зиддимуғулӣ вафот мекунад ва модараш бошад, соли 1299 аз олам гузаштааст.

Амир Хусрав бо мадади бобои модариаш - Имодулмулк то овони 20-солагӣ ҳамаи илмҳои замонаашро: сарфу наҳв, калом, мантиқ, ҳикмат, таърих, муаммо, тафсир ва ғайраро фаро гирифта, ба улуми адабӣ ва хусусан ба илми шеър рағбати ниҳоят зиёд зоҳир менамояд. Инчунин, ӯ хаттотӣ ва мусиқиро комилан аз худ мекунад. Амир Хусрав пас аз хатми мактаб ва мадраса хизмати дарборро ихтиёр менамояд ва соли 1279 ҳокими Бангола - Малик Туғрал шӯриш бардошта, худро мухтор эълон мекунад, вале Ғиёсуддин ӯро саркӯб намуда, тавассути қозӣ ва Шамсуддини Дабир Амир Хусравро дар Бангола нигоҳ доштанӣ мешавад, вале Хусрав қабул намекунад ва ба Деҳлӣ меояд. Баъдтар Муҳаммадқоон - писари Ғиёсуддини Балбан, ки ҳокими Мултон буд, Хусравро ба дарбори худ даъват менамояд. Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ панҷ сол ба дарбори ҳокими мазкур омада хидмат мекунанд.

Муҳаммадқоон - ҳокими Мултон ба шеъру адаб таваҷҷуҳи махсус доштааст ва тибқи ахбори сарчашмаҳо, ӯ ҳатто Саъдии Шерозиро низ ду маротиба даъват намуда будааст, вале Саъдӣ аз сабаби пирӣ хоҳиши ӯро пазируфта натавонистааст. Соли 1285 ҳокими Мултон - Муҳаммадқоон дар ҷангҳои зиддимуғулӣ ба шаҳодат мерасад ва Хусрав ба ин муносибат чанд марсия низ дорад. Чунончи, шоир дар як марсияаш чунин ишора менамояд:

Маҷлиси ёрон парешон шуд чу барги гул зи бод,
Баргрезе гӯӣ андар гулситон омад падид.
Ҳар мижа бе дидани эшон синоне шуд ба чашм,
Найза болохун зи хар нӯги синон омад падид...

Дар ин ҷанг Хусрав ва Ҳасан иштирок доштаанд ва Хусрав асир афтода будааст, вале ба тезӣ халос шуда сонитар ба Деҳлӣ меояд.

Солҳои 1296-1316 Амир Хусрави Деҳлавӣ дар дарбори ҳокими Деҳлӣ - Султон Алоуддин Хилҷӣ хизмат кардааст.

Дар ин бист соли умри хеш шоир беҳтарин осори худро эҷод намудааст ва ҳатто таълифи «Хамса»-и ӯ низ (1299-1302) маҳсули ҳамин давра мебошад. Муҳимтарин гардише, ки аз ин айём пештар дар ҳаёти шоир рух додааст, он аст, ки ӯ соли 1271, яъне дар овони 18 -



солагӣ ба пешвои онвақтаи ҷараёни Чиштия - Низомуддини Авлиё (1236-1325) дидор дида, то охири умр муътақиди пири хеш мондааст. Амир Хусрав дар бисёр шеърҳояш аз ин пири маънавии хеш-Низомуддини Авлиё ёд намуда, ӯро ситоиш менамояд. Инчунин, Низомуддини Авлиё дар бораи Амир Хусрав чое гуфтааст:

Хусрав, ки ба назму наср мислаш кам хост,
Мулкияти мулки сухан ин Хусравросm...

ва ғайра.

Поёни рӯзгори шоир дар Деҳлӣ сипарӣ шуда, Хусрави Деҳлавӣ 27-уми сентябри соли 1325 дар синни 72- солагӣ дар шаҳри Деҳлӣ аз олам гузаштааст ва оромгоҳи ӯ дар маҳаллаи Ғиёспури шаҳри мазкур аст.

Амир Хусрави Деҳлавӣ шоир, олим ва нависанда буда, дар шаклҳои назму наср мероси бое боқӣ гузоштааст. Инчунин, ӯ ба забони ҳиндӣ асар эҷод карда будааст. Хусрав забони арабиро низ дар сатҳи зарурӣ медонистааст, зеро «Гулистон»-и Саъдиро ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Миқдори осори ӯро фузун аз 50 адад қайд кардаанд. Аз ҷумлаи он осор: 5 девони ашъор: 1. «Туҳфат-ус-сиғар», 2. «Васат-ул-ҳаёт», 3. «Ғурат-ул- камол», 4. «Бақияи нақия», 5. «Ниҳоят-ул-камол». «Хамса»: «Матлаъ-ул-анвор», «Ширин ва Хусрав», «Маҷнун ва Лайлӣ», «Ойинаи Искандарӣ», «Ҳашт биҳишт». Ӯ, инчунин, достонҳои «Қирон-ус-саъдайн» (аввалин достони шоир), «Мифтоҳ-ул-футуҳ» (достони дуюми Хусрав) се достони дигар дар мавзӯъҳои маҳаллӣ навиштааст, ки онҳо: «Дувалронӣ ва Хизрхон» (с.1316), «Нӯҳ сипеҳр» (с. 1318), «Туғулуқнома» (с. 1324) мебошанд. Достони хурдҳаҷми «Аспнома» ва боз чунин достонҳои ҳаҷман хурди дигар низ таълиф кардааст. Яке аз асарҳои илмии машҳури Хусрав «Эъҷози Хусравӣ» ё «Расоил-ул-эъҷоз» ном дошта, соли 1319 навишта шудааст. Асари мазкур дар Тоҷикистон низ бо саъй ва эҳтимоми профессор М. Нарзиқул (2014) ба табъ расидааст.

Аз Хусрави Деҳлавӣ панҷ девони ашъор боқист. Унвони девонҳо, миқдори абёт, санаи эҷоди онҳо чунинанд:

1.«Туҳфат-ус-сиғар» (туҳфаи даврони ҷавонӣ), ки соли 1273, дар синни 20-солагии шоир мураттаб шудааст. Девон дорои 3000 байт буда, ашъори аз 16-солагӣ то 19-солагии шоирро дарбар мегирад. Муқаддимаи девон аҳаммияти тарҷумаҳолӣ дорад.

2.«Васат-ул-ҳаёт» (девони даврони миёнсолӣ) девони дуюми шоир буда, ашъори аз 20 то 30-солагии эҷодкардаи ӯро фаро гирифтааст. Девон дорои 8401 байт буда, соли 1283 мураттаб шудааст.

3.«Ғуррат-ул-камол» (оғози камолот), девони сеюми Амир

Хусрав буда, соли 1297 мураттаб гардида, ашъори аз 34 то 43-солагии шоирро фаро мегирад ва дорои 8800 байт аст.

4.«Бақияи нақия» (давоми пирӣ) девони чоруми Хусрав буда, соли 1318 мураттаб шудааст ва аз 8360 байт иборат мебошад.

5.«Ниҳоят-ул-камол» (интиҳои камолот) девони охирини Хусрав аст, ки соли 1325 мураттаб шудааст ва дорои 4084 байт мебошад.

Амир Хусрав танҳо дар девони якум бо тахаллуси Султонӣ ва минбаъд бо тахаллуси Хусрав эҷод кардааст, вале ашъори бетахаллус низ дорад ва дар маҷмӯъ ашъори лирикии ӯ аз 37500 байт иборат буда, дар онҳо ғазал дар ҷои аввал меистад, ки 2200 ададро ташкил мекунад. Умуман абёти 5 девони Хусрав 32645 байтро фаро мегирад, вале як қатор ғазалҳои шоир ба девонҳои панҷгона дохил нашудаанд ва агар ашъори аз девонҳо берунмонда низ ҷамъ карда шаванд, он гоҳ миқдори абёти девонҳо дар маҷмӯъ 37500 байтро ташкил медиҳанд.

Хусрави Деҳлавӣ дар ғазал, асосан ба Рӯдакӣ, Саъдӣ, дар қасида ба Хоқонӣ, Анварӣ, дар маснавӣ ё достон ба Низомӣ пайравӣ намудааст.

Дар эҷодиёти Хусрав аз навъҳои адабӣ, чуноне ки ишора шуд, ғазал дар ҷои аввал меистад ва чун анъана мавзӯи марказии ғазалҳои ӯ ишқ, васфу ситоиши маҳбуба, ҳиҷрон, ранҷи ошиқ, маю мусиқӣ, баҳор, гулу лола ва ин мавзӯъҳо бо панду андарз, ҳикмату насиҳат ва баъзан бо мавзӯъҳои танқиду шиква ва ғайра омезиш ёфтаанд. Ӯ дар ғазал ба Саъдӣ таваҷҷӯҳи махсус кардааст:

Хусрави сармаст андар соғари маънӣ бирехт,
Шира аз хумхонаи масте, ки дар Шероз буд.

Ё худ дар маснавии «Қирон-ус-саъдайн» мегӯяд:

**Навбати Саъдӣ, ки мабодо куҳан,**
Шарм надорӣ, ки бигӯӣ сухан.

Ва ё дар достони «Нӯҳ сипеҳр» аз Саъдӣ ва ҳамасри ӯ - Ҳумоми Табрезӣ ба чунин тарз ёдоварӣ намудааст:

В-он яке Саъдиву сониш Ҳумом,
Ҳардуро дар ғазал оини тамом.

**ва ғайра.**

Ин аст, ки чи аз нигоҳи мазмуну мавзӯъҳо, силсилаи образҳо, маънисозӣ, нафосати сухану ҳунари эҷод ва чи аз нигоҳи банду баст, корбурди вазну радиф ва қофия ва ғайра миёни ғазалиёти Хурави Деҳлавӣ ва Саъдӣ умумияту ҳамоҳангиҳо дида мешавад. Чунончи, чанд байте аз як ғазали Саъдӣ:

Охир нигоҳе боз кун, вақте ки бар мо бигзарӣ,
Ё кибр манъат мекунад, к-аз дӯстон ёд оварӣ.



Нашнидаам андар Хутан бар сурате чандин фитан
Ҳаргиз набошад дар чаман сарве бад-ин хушманзарӣ.
Суратгари дебои Чин, гӯ сурати рӯяш бубин,
**Ё сурате баркаш чунин, ё тарк кун суратгарӣ...**

Хусрави Деҳлавӣ дар пайравии ин ғазал ниҳоят ғазали мурғубе гуфтааст, ки чанд байти онро зикр хоҳем кард:

Ай чеҳраи зебои ту, рашки бутони Озарӣ,
Ҳарчанд васфат мекунам, дар ҳусн аз он зеботарӣ.
Ҳаргиз наёяд дар назар нақше зи рӯят хубтар,
Шамсӣ, надонам ё қамар, ҳурӣ, надонам ё парӣ.
Офоқро гардидаам, меҳри бутон варзидаам,
Бисёр хубон дидаам, аммо ту чизи дигарӣ...

Дар ғазалиёти Хусрави Деҳлавӣ эҳсосоти қалбии инсонӣ, шӯру валвалаҳои ботинӣ басо ҷаззобу ҷолиб тасвир шуда бошанд ҳам, ғолибан оҳангҳои баландсадои иҷтимоӣ гирифтаанд, ки манбаъ ва сарчашмаи онҳо рӯзгори пурмоҷарои худи шоир ба шумор меравад. Тасвирҳои Хусрав дар ин ҳолатҳо то андозае моҳияти ҳасбиҳолӣ касб намуда, оҳангҳои шиквоӣ гирифтаанд. Чунончи:

Гар боғ пуршукуфаву гулзор хуррам аст,
Моро чӣ суд, чун дили мо бастаи ғам аст.
Чун боди субҳ гирди ғамободи коинот
Бисёр ҷустаем, вале шодмон кам аст.
Ҷуз сели ғам наборад аз ин сақфи нилгун,
Мискин касе, ки сокини ин сабзторам[1] аст.
Ҷуз хуни дил мудом набошад шароби ӯ,
Ҳар ҷо яке фақир дар атрофи олам аст.
Аҳли тамиз хору ҳақиранд назди халқ,
Ҷоҳил ба назди халқ бағоят мусаллам аст.
Чашми тараб чӣ гуна тавон доштан зи чарх,
К-ин хирадгард низ зи асҳоби мотам аст.
3-абнои рӯзгор вафое надид кас,
Раҳмат бар он касе, ки ба эшон на ҳамдам аст.
Ҳаққо, ки як пиёлаи дурдиву пои хум
Хуштар басо зи ҷону саропардаи Ҷам аст.
Хусрав, бирав ба кунҷи қаноат қарор гир,
Май нӯшу сар матоб зи ёре, ки маҳрам аст.

Дар ғазали боло шиква на танҳо аз чархи чанбарӣ - фалак, балки аз аҳли соҳибмансабон ва умуман абнои замон аст. Албатта, чунин

[1] Торам - гумбаз ва кинояи аз осмон.

парешониҳову нобасомониҳо, пеш аз ҳама, ба аҳли эҷод, олимону шоирон, нависандагону дилогоҳон таъсири манфӣ мерасонд. Мувофиқи ақидаи Хусрави Деҳлавӣ, инсон бояд дар ин дунё ба ҷуз кори нек ба чизи дигаре даст назанад. Зеро танҳо кори нек сабаби зикри хайри ӯ хоҳад шуд ва агар бадкирдор бошад, он гоҳ касе ӯро ба накӯӣ ном намебарорад. Ба назари шоир, дар ин олам ҳама дар ҳукми меҳмон аст ва набояд касе аз меҳмон озоре бубинад, зеро касе, ки ба ин олам омадааст, вай ногузир сафар ба ҷовидон хоҳад кард. Ӯ мегӯяд:

Чун **ба** гетӣ ҳар **чӣ** меояд, равон хоҳад гузашт,
Хуррам он **кас**, к-ӯ накӯном **аз ҷаҳон** хоҳад гузашт.

Вобаста ба авзои сиёсии замон, нақши маҳбуба дар ғазалиёти Хусрав ва умуман дар адабиёти асри XIII хеле ҷафокору номеҳрубон, бесабру ситамгар, таннозу бевафо, саркашу бадаҳд аст. Тез хашм мегирад ва чун ғазаб кард, ҳатман аз паи озори ошиқ мешавад. Аз ин рӯ, ошиқ аз нигоҳи хислату характер сабуру шикебо, ҷафокашу пуртоқат, таҳаммулгару бовафо, устувору ростқавл аст. Ба ин маънӣ Хусрави Деҳлавӣ аз маҳбуба чунин шиква пеш меорад:

Ёри ман дил зи дӯстон бардошт,
Меҳри дерина аз миён бардошт.
Дар дили ӯ накард кор аз чӣ,
Санг аз нолаам фиғон бардошт.
Дӣ ба тундӣ баланд кард абру,
Аз паи куштанам камон бардошт.

Яке аз дастовардҳои Хусрави Деҳлавӣ табъаш бо мавзӯи ишқу муҳаббат, васфи маю ситоиши ҷузъиёти табиат, хусусан дар айёми баҳор аст. Ӯ дар ин ҷода хеле ҳунармандона эҷодкорӣ мекунад:

Омад баҳору шуд чаману лолазор хуш,
Вақтест хуш баҳор, ки вақти баҳор хуш.
Дар боғ бо таронаи булбул дар ин ҳаво
Мастӣ хуш асту бод хуш асту баҳор хуш.
Моему мутрибеву шаробеву маҳраме,
Ҷоме ба зери сояи шохи чинор хуш.
Ай бод, коҳилӣ макуну сӯи дӯст рав,
Моро бикун ба омадани он нигор хуш.
Чизе дигар магӯй, ҳамин гӯ, ки дар чаман
Сабза хуш асту об хушу ҷӯйбор хуш.

Дар ғазалҳои ишқии шоир ҳангоми фарорасии арӯси сол - баҳор абр - соқӣ, лола - соҳибсоғару худи боғ - маҳбубаосо ва баҳор фарроши боғ аст, зеро ҳусну таровати боғро мефизояд ва онро боиӣ



мекунад. Чунончи:

Абр омаду ба соғари лола шароб кард,
Дар гӯшҳои боғ бубин дурри ноб кард.
Фарроши боғ боргаҳи хуб ба боғ зад
В-он гаҳ бар об хиргаҳи сим аз ҳубоб зад.
Наргис, ки шаб нахуфт зи фарёди булбулон,
Бинҳод сар ба болини гул, майли хоб кард...

Дар чунин ғазалҳои ба тасвири баҳор бахшидаи Хусрав баъзан мавзӯъҳои дигари иҷтимоӣ сарфи назар шуда, ғолибан инсонҳоро бо он фаро мехонад, ки лаҳзае ҳам бошад аз шиканҷаҳои зиндагӣ барканор омада аз хони неъматҳои баҳорӣ баҳрабардорӣ бикунанд.

Дар тасвирҳои шоир баъзан тозакориҳои маҳз ҳам дар мазмунсозӣ ва ҳам дар ҷузъиёти тасвир хеле хуб ва ҳатто тару тоза ба назар мерасанд. Масалан, маҳбуба дар асри XIII басо бераҳму ситамгар аст, вале бо вуҷуди ин ҳама ошиқ пурсабру дӯстдор ва бовафову устувор мебошад:

Ҷон зи тан бурдиву дар ҷонӣ ҳанӯз,
Дардҳо додиву дармонӣ ҳанӯз.
Ҳар ду олам қимати худ гуфтаӣ,
Нарх боло кун, ки арзонӣ ҳанӯз.

Чунин тарзи сухангустарӣ то асри XIII қариб ба мушоҳида намерасад ва метавон гуфт, ки хоси ҳунари эҷоди Хусрави Деҳлавӣ дар ғазал аст. Яъне инсон, агар сидқан касеро ё чизеро дӯст дорад, нуқсонҳои ӯро наметавонад напазирад. Пас, маҳбубаи ҷафопеша бо вуҷуди ҷафоҳои сершумор ҳанӯз ошиқ наметавонад ӯро аз дил берун созад ва баръакс танҳо нозбардор аст. Ҳар ду оламро арзиши маҳбуба мегӯяд, ки ҳадаф гиромидошти ишқи пок ва азиз будани инсон мебошад.

Дар шеъри боло калимае, ки шахсро ба кофтани маънии он водор созад, нест. Аз тарафи дигар, тарзи ҷо ба ҷо гузоштану ҳунари интихоб ва тавассути санъатҳои бадеӣ бозӣ доронданни сухан яке аз ҳунарҳои хоси Хусрави Деҳлавист. Инчунин, дарёфти вазни дилкаш, радифи ҷолиб (ҳанӯз), қофияҳои муносибу саҳл ва оммафаҳм (ҷон, дармон, арзон...), ки дар шакли қофияи мутлақ кор гирифта шудаанд, адои шоиронаи басо нозук, ҷаззоб, гуворо, дилнишин, гӯшнавоз, хотирмону тезҳифзшавандаанд. Ё худ барои намунаи ҳунари эҷоду эъҷози Хусравро боз ҳам беҳтар дарк намудан байти зеринро аз назар хоҳем гузаронид:

Боди сабо чу аз рухи ӯ зулф даррабуд,
Абри сиёҳ кушода шуду офтоб кард.

Дар ин байт санъатҳои бадеии таносуби сухан, ташхис, ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя, тавсиф, муболиға ва ғайра ба кор гирифта шудаанд. Шоир дар мисраи аввал мушоҳида кардааст, ки зулфайни ёрро боди сабо - насими рӯҳбахш аз рӯи ӯ бар канора бурд ва рӯи маҳбуба намудор шуд. Дар мисраи сонӣ онро ба ҳолате монанд кардааст, ки абрҳои сиёҳ рӯи офтобро пӯшида буданд ва онҳоро шамол пароканда намуду офтоб боз оламоро шуд. Яъне офтоб рӯи маҳбуба ва абрҳои сияҳ, зулфони маъшуқа мебошанд. Аз ин рӯ, истеъдоди шоирӣ ва ҳунари воло имкон додаанд, ки адои шоир ва шеваи баёну ҳунари тасвири ӯ дар ғояти назаррабой рӯи ҳастӣ биоянд.

Аз ин ҷост, ки Хусрави Деҳлавӣ дар ғазалсароии даврони худ ва адабиёти минбаъдаи тоҷик таъсири фаровон гузоштааст. Бузургтарин суханварони минбаъда: Хоҷуи Кирмонӣ, Ҷомӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ, Абдибеки Шерозӣ, Восифӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ ва дигарон ба ӯ пайравиҳо кардаанд. Аз тарафи дигар, гузоштани унвони девонҳо аз рӯи марҳалаҳои рӯзгор аз Хусрав оғоз мешавад ва ҳатто Ҷомӣ ба ӯ дар ин масъала низ таваҷҷуҳи нек зоҳир кардааст.

Дигар аз навъҳои адабии маъмули ашъори Хусрави Деҳлавӣ қасида буда, ӯ ҷамъулҷамъ 273 қасида эҷод кардааст, ки 10100 байтро ташкил менамояд. Хусрав тули 52 соли хидмати дарборҳо қасоид бамадҳӣ низ гуфтааст, вале, пеш аз ҳама, арзишмандтарин қасоид баӯ қасидаҳоест, ки дар мавзӯъҳои динӣ, тасаввуфӣ, ирфонӣ ва фалсафӣ гуфта шудаанд. Ба ин қабил қасидаҳои ӯ: «Ҷаннот-ун-наҷот», «Миръот-ус-сафо», «Дарёи аброр», «Олам-ун-наът», «Урф-ул-ирфон» ва ғайра мебошанд. Танҳо ба қасидаи «Дарёи аброр» беш аз 50 тан шоирон ҷавобия гуфтаанд, ки машҳуртарини онҳо қасидаҳоии Ҷомӣ ва Навоӣ мубошанд ва зикри матлаъҳои қасоид баХусрав ва Ҷомию Навоӣ аз аҳаммият холӣ нест. Матлаи «Дарёи аброр»-и Хусрави Деҳлавӣ:

Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулаш дарди сар аст,
Ҳар ки қонеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар **аст.**

Матлаи «Луҷҷат-ул-асрор»-и Ҷомӣ:

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи Кайвон бартар аст,
Рахнаҳо дон, к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.

**«Тӯҳфат-ул-афкор»-и Алишери Навоӣ бошад бо матлаи зерин оғоз мешавад:**

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Яке аз кашфиётҳои адабии Хусрави Деҳлавӣ ҷавобиянависӣ ба «Хамса»-и Низомии Ганҷавист, зеро ӯ аввалии шоирест, ки ба



«Хамса»-и Низомӣ пурра ҷавобия мегӯяд. Хусрав қариб дар тамоми осораш аз Низомӣ ёд мекунад ва худро шогирди Низомӣ мегӯяд:

**Кушод ӯ «Панҷ ганҷ» аз Ганҷаи хеш,**
Бад-он панҷ озмоям панҷаи хеш.
Фурӯ гӯям ба ширинтар баёне,
Ба арзи достоне достоне.
Ки то гӯяд маро аҳли гиромӣ,
Зиҳӣ шоиста шогирди Низомӣ.

Ё худ:

Назми Низомӣ ба латофат чу дурр
В-аз дури ӯ сар ба сар офоқ пур.

Баъд аз Хусрави Деҳлавӣ таълифи силсиладостонҳо ба ҳукми анъана даромада, сеюмин эҷодкори «Хамса» Хоҷуи Кирмонӣ аст ва ба ҳамин тариқ, ҷамъулҷамъ 55 «Хамса» таълиф гардидааст. Минбаъд на танҳо дар адабиёти форс-тоҷик, балки дар адабиёти туркзабонон низ «Хамса» ба вуҷуд омадааст.

**«Эъҷози Хусравӣ»-и** Амир Хусрави Деҳлавӣ аз ҷумлаи китобҳои таълимиест, ки дар зоти худ баҳо надорад.

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар тамоми анвоъи шеърии маъмулбудаи адабиёти форс-тоҷик: ғазал, қасида, рубоъӣ, қитъа, дубайтӣ, маснавӣ, таркиббанд, тарҷеъбанд, шаҳрошӯб қувваозмоӣ кардааст, доир ба назарияи назму наср, сабки бадеӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, мусиқӣ, асарҳои зиёде таълиф кардааст. Ӯ баъзе асарҳои худро ба забони арабӣ ва лаҳҷаи маҳаллии «ҳиндуӣ» ё «рехта», ки баъдтар бо номи забони урду ё худ Ҳиндустонӣ машҳур шуд, навиштааст. Донишмандони ҳинд Амир Хусрави Деҳлавиро қадимтарин шоири урду ва асосгузори шеъри урдузабон мешуморанд.

**«Расоил-ул-эъҷоз»** («Эъҷози Хусравӣ») соли **1311** таълиф шуда, ҳаҷман хеле калон аст. Ин асар аз муқаддимаи хеле муфассал ва панҷ рисола иборат буда, ном ва тартиби рисолаҳо чунин аст:

**Рисолаи аввалӣ.** Дар муфрадот ва мураккабот, аз даҳ хат иборат аст.

**Рисолаи сонӣ.** Дар мураттибони мактубот, иборат аз даҳ хат.

**Рисолаи солиса.** Дар латоифи маснуот, иборат аз ду хат.

**Рисолаи робиа.** Дар бадоъи маънавӣ, иборат аз панҷ хат.

**Рисолаи хомиса.** Дар савобиқи муншоот, иборат аз шаш хат.

Сабаби таълифи «Эъҷозии Хусравӣ» -ро худи Амир Хусрав чунин баён мекунад:

«Чун аз унфувони (давраҳои) шубоб (ҷавонӣ) савдое дар сар доштам, ки ба балоғати тамом тарассуле (рисола навиштан)

оростатар аз хатти орази хубон миёни абнои ҷинс (ҳамҷинсон) берун диҳам (бекор кунам) ба расми навхезони муҳаввис (ҳаваскорони навбаромада) гирди мукотибот (мактубнависиҳо) ва муроссилоти (ба ҳам мактубнависии) булағои мутақаддим (бузургони гузашта) ва муосир бармеомадам ва натоиҷи устодонро тилмизвор (мисли талаба) таламмуз (шогирдӣ) менамудам, то муваллидоти (пайдоиши) ҳамаро аз нафоис (чизҳои нафиси қимати камёб) ва хасоис (хосиятҳои) он чи дар ҷинси китобат аз қаламе бизояд ба айни (чашми) биниш бидидам. Ёфтам ағлаби (бисёри) иборати порсӣ, ки мутадовил аст миёни арбоби илму фазл дар уммаҳоти (тамоми) кутуб ва авоми (ҳамаи) катаба (навиштаҷот) муштамил (иборат) бар нӯҳ тариқа».

Аз гуфтаи муаллиф маълум мешавад, ки ӯ аз давраи ҷавонӣ ният доштааст, ки оид ба ҳунари суханварӣ китобе иншо намояд. Барои ҳамин ҳам вай кӯшидааст, ки тамоми нозукиҳои ин ҳунарро аз китоб ва рисолаҳои донишмандони гузаштаю муосираш пайваста биомӯзад ва албатта, чуноне ки аз рӯи ин китоб мебинед, омӯзиши доимии ӯ натиҷаҳои хуб додааст.

«Эъҷози Хусравӣ» аз ҷиҳати сохт ва гузориши масъала аз китобҳои дигар фарқ мекунад. Ӯ дар муқаддимаи китоб дар хусуси нӯҳ сабки форсӣ - тоҷикӣ ва сабки хоси худаш изҳори ақида намуда, нозукӣ ва роҳу равиши ҳар кадоми онро шарҳу тавзеҳ медиҳад. «Эъҷози Хусравӣ» аз ҷумлаи китобҳои таълимии адабиест, ки дар таърихи адабиёт бори аввал роҳҳои асосии эҷоди суханро дар забони форсӣ-тоҷикӣ муайян кардааст.

Қимати асосии асар, пеш аз ҳама, дар он аст, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ роҳ ва тафовути суханро ба касбу кори мардум алоқаманд намуда, забони шифоҳӣ ва забони хаттиро аз ҳам ҷудо накарда, сабаби пайдоиши роҳу равишҳои услубиро дар шакли мавҷудияти онҳо медонад.

Вай нӯҳ тариқи сухан, яъне нӯҳ сабки насрро ба таври зерин ифода мекунад: «Тариқаи аввал- сулуки машоих (роҳу равиши шайхҳо); тариқаи дувум - уламои таҳаққуқ, (муҳаққиқ); тариқаи савум - мутарассилон (номанависон, нависандагон); тариқаи чаҳорум - ҳукамои ҳозиқ (донишмандони комил); тариқаи панҷум - музаккирон; тариқаи шашум- боҳафсон (хитобӣ); тариқаи ҳафтум-авом; тариқаи ҳаштум- асҳоби амал, шуғлу ҳирфат (касбу ҳунар); тариқаи нӯҳум- асҳоби музоҳик (ҳазлу шӯхӣ, ҳаҷв).

Чи тавре ки мебинем, Хусрави Деҳлавӣ назарияи гуногунии услубхоро бевосита ҷустуҷӯ накарда, пайдоиш ва такомули онҳоро ба касбу кор, ҳунар ва амали мардум вобаста менамояд. Масалан, ӯ доир



ба роҳу равиши шайхон сухан ронда, ба чунин хулоса меояд: «Инак, ин тариқа (сулуки машоих-У.Т.) бар ду равиш аст: яке ибороти аҳли тамкин ва мақомот ва дигар калимоти асҳоби аҳвол ва ғалабот. Сухани аҳли тамкин чунонки сияр (рафторҳо) ва манозили тариқатро ба иборте, ки хоссаи эшон (яъне шайхҳо-У.Т.) аст, дар баён оранд, ки чун соликро аз ваҳали (ботлоқи) тинат пой дар гил монда бошад, муқтадои (пешвои) пешқадам бар кадом наҳҷ (тарз) дастгириаш кунад, ки ӯ аз ин хоки пойгир халос ёбад ва ба мақоми асл расад. Чунон ки аз кутуби порсӣ китоби «Кашф-ул-маҳҷуб» аст ва « Сулук-ул- муридин» ва дигар кутуби равандагони мутақаддим ва мутаохир» .

Аз ин тарзи баёни Хусрави Деҳлавӣ маълум мешавад, ки ӯ сабки гуфтору иншои сӯфиёнаро ба заминаҳои камолоти маънавӣ ва тарзи сухнаронихои пешвоёни аҳли тасаввуф алоқаманд менамояд.

Дар мавриди шарҳу тавзеҳи услуби олимону муҳаққиқон Амир Хусрав тарзи гуфтор ва таъсири сухани онҳоро чизи асосӣ мешуморад. Фақат назокату нафосати гуфтори донишманди дин ба шунаванда таъсири мусбат расонида метавонад. Дар ташреҳи тариқаи дуюм, ки «уламои таҳаққуқ» ном дорад, чунин мегӯяд: «Чунон бувад, ки шореъи (соҳиби) улум айни иборатро аз мавҷи табаҳҳури (тахти дил) хеш ба чошнӣ (ҳаловат) об диҳад, ки дилҳои мурдаро зинда гардонад. Чунончи, кутуби порсии Мавлоно баҳрулмаъонӣ Муҳаммад Ғазолист ва тарҷумаи «Эҳё» аз они имоми мутабаҳҳир (бисёр доно) Маҷдуддини Ҷоҷармӣ, салосати иборати он гӯй, ки ба як бор бирехтаанд ва латофати маъонӣ пиндорӣ ҳазор бор аз он лафзи гуҳарнисор бехтаанд».

Доир бар услуби номанависон, ки Амир Хусрав онро тариқаи мутарассилон номидааст, ӯ чизи асосиро дар кайфият ва «малоҳати лафзи арабӣ ва дақоиқи пухтаи порсӣ» медонад. Ба ин маънӣ мегӯяд: «Ин тариқа (тариқаи савум-У.Т.) чунон бувад, ки борикбезони иншо дар сохтани иборати (ифодаи) латиф мизони қаламро ба кор оранд ва малоҳати (ҷозибадории) лафзи арабиро бо дақоиқи (нозукбаёнии) пухтаи порсӣ чунон тахмир диҳанд (созанд), ки латофати тамом сиришта шавад (ба вуҷудояд). Ин ҷо сириштатар (омехтатар) аз вай хом таалluқ надорад. Ва риштаи нобехтаи хомкорон пухта нанамояд, зеро дақиқаҳоест, ки осиёи бесанги даврон аз ҳуббатулқалби (дили пурмеҳри) мудаққиқони (диққаткорони) батҳан бисёр берун меорад, орди тозаву гандум нест, ки ба зарби мушт хамир кунанд».

Дар тариқаи чаҳорум ҷои асосиро на аз балоғату низоми сухан, балки аз донистани илоҳиёт, риёзиёт, табиийёт ва ифодаи мантиқии онҳо ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Ба ин маънӣ Амир Хусрав менависад:

«Ин тариқа чунон бувад, ки аз хизонаи (хазинаи) Илоҳӣ ва ёдгорхонаи табиӣ ва шумори тахтаи (сафҳаи) риёзӣ ва меъёри пухтаи мантиқӣ зари сомити (сокити) маъонӣ берун оранд ва бар зарбе, ки тағйирро дар вай мадхал (даромадгоҳ,) набошад, сикком иборат (ифода) зананд. Чунон ки рақами истилоҳ, дар ӯ дуруст мунтабеъ (нақшёбанда) шавад, чун тамоми муҳру комили иборот (ифодаҳо) бошад».

Дар мавриди тариқаи панҷум, яъне тариқаи музаккирон Амир Хусрав ба воситаи ҳунар ва истифодаи санъатҳо эҷод кардани асари бадеъиро дар назар дорад. Ин услубро ӯ чунин таъриф мекунад: «Ин тариқа бар ду гуна аст: яке рангин ва дувум сода. Рангин он бошад, ки нақшбанди шоху барги иборат (ифода) хонаи суханро ба санъатҳои гуногун биорояд. Ва сода, чунон ки воъизи устод тахтаи минбарро ба ҳадяи Қуръон ва улуму тафсиру ахбор бе сурху зарди тифлфиреб таҳқир кунад».

Амир Хусрави Деҳлавӣ муътақиди он аст, ки шахсе, ки омӯхтанро пешаи худ кардааст, бояд аз ҳамаи воситаҳо истифода кунад. Барои ҳамин, дар тариқаи шашум таъкид мекунад: «Ин тариқа (услуб) чунин бувад, ки ковандаи беҳанҷор (бероҳа) харсанги лафзи мазлакро дар шореъи (соҳиби шаръ) иборат ба маҳал ва ғайри маҳал дарғалтонад, то биноён тарки он роҳ гиранд ва нобиноён пой пеш ниҳанд ва дар сар оянд. Ва чун соҳиби он тариқ дар он равиш бисёр ғалтида бошад, ӯро он ноҳамвориҳое саҳл намояд. Ва агар поктинате хоҳад, ки харсангҳои ӯро қадре барчинад ва халалҳоро пеши ӯ, бинобар рози пӯшидатаре, боз кушояд, он шайдоӣ пеши хеш девор бардорад ва санг дар он меъморӣ оқил гирад».

Дар мавриди услуби ҳафтум, ки тариқаи авом ном дорад, Амир Хусрав гуногунии гуфтори мардумро ба тарзи зиндагии ҳаррӯзаи онҳо алоқаманд медонад. Услуби ҳафтумро чунин таъриф мекунад: «Ин тариқа (услуб) чунон бувад, ки оммаи халоиқ- аз шаҳрӣ ва сафарӣ аҳволи ҳавлӣ ва ҳолии хеш рӯз ба рӯз, моҳ ба моҳ ва ғурра ба ғурра, салх ба салх пӯст боз карда ва мукайиф ва муваррах ва содаю бетакаллуф ва муҳассал (ҳосил) ғараз аз ҳар манзиле ва шаҳре ирсол кунанд».

Тариқаи (услуби) ҳаштум асҳоби амал ва шуғлу ҳирфат ном дошта, Хусрави Деҳлавӣ вобаста ба касбу кори ҳунармандон калима ва таъбироти онҳоро услуби алоҳида шуморидааст.

Ӯ менависад: «Ин тариқа чунон аст, ки ҳар тоифае аз шикрадорону далолон ва заргарону мутрибон ва навбатиён ва тавоифи (тоифаҳои) дигар мафҳуми хешро истилоҳе доранд, ки агар



мухтареъе (ихтироъе) дар он арзҳо хоҳад, ки тасаннуе (сохтакорие) ва тасарруфе кунад (соҳибӣ), яқин аст, ки мулаттафаи (латофати) иншо аз латоифи (лутфҳои) он холӣ намонад».

Услуби гуфтори мардуме, ки бо ҳазлу шӯхӣ майл доранд, Амир Хусрав ба тариқаи нӯҳум-асҳоби музоҳик дохил кардааст. Дар ҳақиқат, аз тарзи гуфтори шахс, ки ба табиати сириштии одам пайваста аст, ба кадом касбу ҳунар шуғл варзидани ӯро як навъ маълум менамояд. Аз тарзи суханронии мардуми шӯху ширингуфтор Амир Хусрав ба чунин хулоса меояд, ки услуби сухан, пеш аз ҳама, инфиродӣ ва зодаи табъи шахси алоҳида аст. Услуби нӯҳумро чунин таъриф мекунад: «Ин тариқа чунон бувад, ки асҳоби сухр (шӯх) ва музоҳик (ҳаҷвнигор) ба истилоҳ ва алфозе, ки муҳайиҷи (барангезандаи) заҳк (ханда) ва лоғ (зарофат) бошад, шаммае аз равоеҳи (бӯйҳои) битонани (астари ҷома) хеш ба ҷиҳати гармии маҷолис берун диҳанд, то аҳдоси (ҷавонони) сухрмиҷоз (шӯхмиҷоз) ба тайиботи (покии) он ҳадис (ривоят) димоғ хуш кунанд ва бод дар бурут афкананд (такаббурӣ кунанд). Таҳаддусе (ҳодисае), ки аз эшон зояд (рух диҳад) ва ҳам ба машоми эшон дархурад, чунон ки дар ин ангехт (ҳаракат) сеҳрҳо намудаанд, балки дар сеҳр нукта биафзуда.

Ва аз эшон китобҳои музоҳик чун дафтари гул мояи ханда ва тайибат миёни халоиқ нашр монда.

Ҷамоате, ки аз он ёд баранд, дасти анбӯи маҷлис бошад. Ва аз бас булаъҷабӣ (фиребу найранг) гоҳ тӯҳмати оҳу бар мӯи нофа банданд ва гоҳ саводи (сиёҳии) мушкро ба Хито мувоҳаза кунанд, гули пораи пироҳанро зуҳҳоке барсозанд ва мушки бед, удеро сандал[1] бартарошанд».

Ҳамин тариқ, Амир Хусрави Деҳлавӣ илова ба нӯҳ услубе, ки дар таълифи наср мутадовил буд, услуби худро ихтироъ кард. Маълум аст, ки овардани байт ва қитъаҳои шеърӣ дар наср оҳиста-оҳиста маълум гашт ва дар ибтидои кор мувофиқи одат абёти дигаронро меоварданд. Аммо Амир Хусрав ин корро намеписандад ва таъкид мекунад, ки тазмини ашъори дигарон аз ҷумлаи корҳои ношоиста аст. Ба қавли Амир Хусрав, агар «маънии худро аз ширинии назми ғайр чошнӣ дода шавад (баҳра барад), холиси тасниф ба мамзуҷи (омехтаи) таълиф бадал гардад ва таснифи сирф (соф) намонад... савум он ки бар руқоқи (нони тунуки) авроқи дигарон худро ба резачинӣ ангуштнамо карда бошам... Инак, суннати (анъанаи) тазминро (овардани шеъри дигарон дар байни осори худ), ки муҷтаҳидони (бузургони) ин илм

[1] Сандал - дарахти ҳамешасабзе, ки дар минтақаҳои гарм мерӯяд; чӯби он хушбӯй ва хосияти давоӣ дорад.

мустаҳаб (мақбул) доштаанд, лоҷавози мутлақ задам, то тариқаи банда алоҳида мазҳабе (роҳу равише) бошад, ки муқтадоён (пешвоён) имом (пешво) созанд».

Чи тавре ки мебинем, Амир Хусрав сабки хоси худро дар он медонад, ки ҳар адиб аз ашъори дигарон тазмин набиёрад, балки худаш байте, қитъае эҷод кунад. Ва сабаби инро дар он мебинад, ки тазмини шеъри дигарон дар осори муаллиф ҳам дуруштиро ба вуҷуд меорад, ҳам аз камҳунарии ӯ дар таълиф шаҳодат медиҳад. Амир Хусрав менависад: «Баъзе наср ёфтан аз вишоҳи (камарбанди бо ҷавоҳир зинат додашуда) назм мустағнӣ (бой), монанди арӯсе, ки аз зебоии худ муҳтоҷи зевар набошад ва дар баъзе хуляи (ороиши) назм аз дурҷи (сандуқчае, ки дар он ҷавоҳир нигоҳ медоранд) дигарон мустаор (амонат гирифташуда) ва он дури ятими (марвориди ягона) бегонаро мисли лоқите (ҳар чизи афтодаи гумшуда, ки онро каси дигар меёбад), ки ба фарзандии худаш ном бароранд, дар қумоти таснифи хеш печида. Тарзе, ки хоссаи фузалои Ҳинд аст, дар он низ дидам, ки ағлаб (бештар) ҳамон явоқити (ёқутҳои) манзуми ағёрро (бегонаро) ба василати тазмин ҷигаргӯшаи хеш ном мениҳанд... Агар мо низ харидагони бешбаҳои худро, ки аз мо дар табиат бо зевари тамом зодаанд, ба ҳамаи пирояи (ороиши) мустаор орем... чун байти дигаре дар хонаи сухани хеш дарорем... хамон силсила дар фарёд ояд ва он мисраъ овоз диҳад, ки ман аз они дигареам».

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи услуби (тариқаи) Амир Хусрав он будааст, ки дар байни осори насриаш абёти арабии худро тарзе биорад, ки «мушки холиси араб сандалии аҷамро бар таҳаҷҷӣ (ҳиҷо ба ҳиҷо хондан) тахлит (омехта) диҳад, ки тафриқ мумкин набувад «ва дар вай бӯи фасоҳати араб дар машом натавонад буд, бӯ, ки ранге ба қабули порсиён сурат бандад».

Тафовути дигари услуби Амир Хусрав он аст, ки ӯ аз истифодаи санъатҳои лафзӣ даст мекашад. Ба ақидаи ӯ, санъатҳои лафзии тарсеъ, тавшеҳ, тасҳиф, таҷнис ва ғайра тарзи сухани маснӯъро ба вуҷуд меорад, барои ҳамин аз онҳо дурӣ ҷустан лозим аст. Ӯ менависад: «Пеш аз ин дар тарзҳои маснӯъ санъати лафзиро зевари иборат месохтанд ва овардани тарсеъю тавшеҳу тасҳифу таҷнисро коре шигарф (ҳайратовар) мепиндоштанд. Агарчи банда низ муросилоти (навиштаҷоти) қадими худро бисёр ҷой аз он хулал (абрешими нозук) ороише додааст, дар тарзи ин тарассул (навиштор) аз он ҳама авроқ муҳра барчида, ки ҳеч обгинаи (булӯри) лафзеро нигинаи айни иборат насозад, магар ҷое бар сабили нудрат (аз рӯи иттифоқ ва тасодуф), ки лафзе ҷое маънавӣ нигоҳ тавонад дошт, чунон ки дар баъзе маҳал



мино (шишае, ки рӯи онро бо тилло ё нуқра наққошӣ мекунад) ном зумуррадро (санги гаронбаҳои сабзранг) равшан кунад. Назоиру амсоли ин баёни гавҳарин ин ҷо даре аз даричае намудор ёфт. Боқӣ қисми маснуъот муввашаҳ ва муфассал пеши назари ноқидон хоҳад гузошт».

Хулоса, Амир Хусрав сабки ҷадиди худро ба миён овард, ки дар айни замон, сабки ҳиндӣ ва сабки ом ҳам ҳаст. Худи ӯ мегӯяд: «Пас, тарзи мутарассилонро, ки мутақаддимон дар рикоъи (навиштаҷоти) хеш доди он тариқ додаанд ва муҳаққақ шуда, ки нусахи (нусхаҳои) он мумкин нагардад, ҳам ба мутарассилони қадим бозгузоштам:

В-андар паи он шудам, ки шакле созам,
К-аз хеш намунаи дигар пардозам".

Қимати дигари «Эъҷози Хусравӣ» ҳамчун китоби таълимӣ дар он аст, ки дар рисолаҳои сеюму чаҳоруми он масъалаҳои сабки шоирона мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Рисолаи сеюм «Фил-л-латоиф мин-ал- маснуъот» ном дошта, Амир Хусрав дар хусуси бисту ҳафт санъати бадеӣ, ки асосан дар наср истифода мешаванд, изҳори ақида менамояд.

Аз мутолааи рисолаҳои сеюму чаҳорум маълум мешавад, ки мақсади асосии Амир Хусрав таҳқиқи санъатҳои бадеӣ набуда, ба санъатҳо чун падидаи ҳунари услубӣ менигарад ва он санъатҳои наве, ки ӯ ихтироъ кардааст (дурӯбинӣ, зурватайн, қалбуллисонайн, форсулараб, қатъулҳуруф, иттисолулҳуруф, мубодила, турраъсайн, арбаатулаҳраф, хамсаи муфрада, муъҷизатулалсана ва ашшифот, узлуллисон, тарҷуматуллафз, зимнуллафз, муаммиёт), низ натиҷаи машғулиятҳои муаллиф дар такмили сабки сухан будаанд.

Аз ин бисту ҳафт санъат чордаҳтояш ихтирои худи ӯ буда, боқӣ муштараканд, яъне то Амир Хусрав мавриди истифодаи дигарон низ буданд (мисли ташбеҳ, саҷъ, мусаммат, муаммо, ибҳом, таҷнис, тасҳиф, қалб, руқато, хайфо, манқут ва ғайри манқут, тарсеъ, иштиқоқ).

Аз мулоҳизае, ки Амир Хусрав дар дебочаи рисолаи сеюм меорад, ба хубӣ маълум мешавад, ки ӯ дар эҷоди бадеъ хаёлро чизи асосӣ ҳисобида, аз санъатҳои лафзӣ даст кашидан мехоҳад. Ба ҳамин мақсад мегӯяд:

«Чун буқаламуне (номи ҳайвони хазандае, ки ранги пӯсти худро назар ба муҳит дигар мекунад, яъне рангоранг) хоҳад, ки дар ин тарз нигорише кунад, ӯро мухайяла бояд бағоят борикангез, то ба шакли наққошони чирадаст мӯйи дақоиқ (нозукбаёнӣ) бар сари қалам бандад ва хаёлоти муваҷҷаҳ (писандида) ва мусаввароти зулвуҷӯҳ (сухан ва

шеъре, ки дорои мадҳу ҳаҷв ё панд ва фахр бошад) ва намунаҳои ҷадиду мисолҳои ғариб... бар рӯйи сафаҳот таҳрир кунад, аз адои рангомезии тасҳиф (хато хондани калимае ба тавре, ки маънӣ тағйир ёбад) ва таҷнис ва дигар маснӯъоти (санъатҳои лафзӣ), ки чеҳраи латоифро ба гулгунаи такаллуф мулавван (рангоранг) гардонад, алорағми (бар хилофи) рангомезон, ки тарки маснуъоти (санъатҳои) лафзиро аз аҷзи (оҷизии) котиб сурат хоҳанд кард, дар ҳар санъат номае дароз нигориш кардам».

Дар ҳарфи аввали хатти аввали рисолаи сеюм Амир Хусрав санъати ибҳомро (пӯшида гуфтан) шарҳ дода, дар ҳарфи сеюм санъати тасҳиф, дар ҳарфҳои 4-9 санъатҳои қалб, хайфо, манқут ва ғайри манқут, тарсеъ, иштиқоқ, дар ҳарфи даҳум санъати мусаммат, дар ҳарфи ёздаҳум санъати саҷъ ва навъҳои он, дар ҳарфи дувоздаҳум муамморо тавҷеҳ додааст.

Азбаски Амир Хусрав ҳар як санъати бадеиро чун воситаи услубсоз медонад, назму насрро низ аз ҷумлаи санъатҳои бадеӣ донистa, онро назмунаср гузоштааст. Санъати назмунаср, ки Амир Хусрав ном гузоштааст, то замони ӯ вуҷуд дошт ва онро мувашшаҳи музамман меномиданд. Ин санъат чунон аст, ки шоир дар шеъри худ калимаҳои охири ҳар мисраъро ба ду ҳисса ҷудо карда, нисфи аввал қофияи шеър ва нисфи дуюми ҳамон калима ибтидои мисраи дуюмро ташкил медод. Ин навъи шеър мувашшаҳ, асосан хоси шеъри арабӣ буда, баъзе шоирони форс-тоҷик онро ҳангоми ҳазлу шӯхӣ ва зарофатгӯӣ эҷод карданд.

Амир Хусрав дар ин бора менависад: «Ин санъат, ки ҳам назм асту ҳам наср, ба ҷома монад, ки бофта бошанд ва набофта... дар ин намот (усул) пеш аз ин устод Сӯзанӣ руқъа дарздӯз кардааст».

Ҳоло ду байт аз шеъри Амир Хусравро мисол меорем, ки дар баҳри Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф ё аслам эҷод шудааст:

**Маҷлиси сомии азиз баро-**
**Дари махдуми бандапарвар то**
**Ҷудду в-ал саидулакобир в-ал**
**Фузало, мафхаруламосил до...**

Дар ҳақиқат, ин навъи шеърро назмунаср номидани Амир Хусрав бесабаб нест, зеро ҳарфҳои калимаи як мисраъ ба мисраъи дигар гузашта, шеърро ба наср наздик мекунад. Аз тарафи дигар, хусусиятҳои назмии шеър, яъне вазну қофия нигоҳ дошта мешавад.

Аз таърихи адабиёт маълум аст, ки баъзе донишмандон байтеро мусаммат номидаанд, ки ба чор пора тақсим шуда, дар се пораи аввал



саҷъ нигоҳ дошта, дар пораи чаҳорум қофия овардаанд. Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ин ду байни Саъдиро намунаи чунин мусаммат медонад:

**Маҳмил бидор, ай сорбон, тундӣ макун бар корвон,**
**К-аз ишқи он сарви равон гӯӣ равонам меравад.**
**Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,**
**Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.**

Ҳамин тариқ, дар «Эъҷози Хусравӣ» ҳам майли шаклию услубии наср ва ҳам шаклсозиҳои зоҳирӣ дар ифодаи сухан ба дараҷае инкишоф ёфтааст, ки собиқаашро дар асарҳои адабиёшиносии гузашта дида наметавонем.

Амир Хусрав дар рисолаи панҷуми ин асар, ки як навъ хулосаи ин китоб низ ба шумор меравад, муносибати хешро нисбати анъана ва навовариҳое, ки дар услуби сухан худ эҷод кардааст, чунин тавзеҳ медиҳад:

«Аз арбоби ҳазофат (донишманд) ва соҳиби фасоҳат (равшанбаён) мутаваққеъ (умедвор) аст..., ки дар арсаи номазбут (ноустувор) тасарруф (соҳибӣ кардан) беш аз ин натавоН кард. Аммо агар ҳамон ҷаҳди пеш дар ин намат (равиш) масруф гардонида шудӣ, ғолиб он аст, ки пеши болигон (бузургон) ин кор шармандагӣ наёвардӣ. Аммо чаҳор чиам монеъ шуд: аввал он ки мутарассилонро (номанависонро) тарзест қадим ба котиб даъвии ибдоъ (эҷод) ва ихтироъ мекунад, ба итбоъ (нашркунандагон) чи гуна ризо диҳад. Дувум он ки, агар чи дил ба мутоабат (пайравӣ) таҳаммул кунад, чун соҳиби «Калила ва Димна» ва Баҳоуддини Бағдодӣ доди ин тарз додаанд, чунончи расидан бад-он навъ душворӣ дорад, пас нуқсони хеш ба изҳор расонида бошам. Савум он ки нарасидани котиб на бинобар қусури (камбудии) табъ нуқсони фазл аст. Аммо хотир ба тарзи хеш, ки аз ангехти латиф ва дақиқа холӣ натавонад буд, роғиб (рағбаткунанда) аст ва ҳеҷ рағбате (майле) ва майлоне (ҳавасе) бар он надорад. Ба сабаби қилати (камии) рағбат дар муморасати (ҳамеша ба коре машғул будан) он кӯшише намуда, ки агар кулии онро шавад, муҳол (ношуданӣ) аст, ки ба кам кардан аз он розӣ кард. Чаҳорум он ки чун табъи котиб лаззати маъноии матбӯъ ва завқи хаёлоти марғуб дарёфтааст ва аз он наметавонад гузашт ва тарзи мутарассилони пештар муроoти (риояи) лафз аст ва аз маъонӣ ба лафз овехтан табъ чандон рухсат намедиҳад, пас ҳам ба мулаббааи рангини хеш басанд карда... Шеър:

Зи дониш мисолест ин фатҳнома,
Намудори иншои девони Хусрав.»

Аз ин хулосаи Амир Хусрав ба хубӣ маълум мегардад, ки вай бештар ба сухане майл дорад, ки аз лиҳози истифодаи санъат ҳунармандона бошад. Дуруст аст, ки аксарияти санъатҳои бадеъии ихтироъкардаи ӯ мавриди истифодаи умум қарор нагирифт, аммо ба сухани худи ӯ таъсири зиёд расонид. Барои ҳамин ҳам Амир Хусрав дар бештари маврид аз тарзи худ сухан мегӯяд. Беҳуда нест, ки дар хусуси сабки сухани форсӣ изҳори ақида ронда, тарзи гуфтору навиштори худро сабки алоҳида номидааст. Ӯ доир ба сабки нигориши худ чунин мегӯяд: «Тариқи даҳум, ки натиҷаи табъи ман аст, чун бо натоиҷи дигарон мушобаҳате надорад ва борикиҳои хаташ мӯй ба мӯй аз маҳосини котиб ҳикоят мекунад».

Аз гуфта ва навиштаҳои Амир Хусравӣ Деҳлавӣ маълум мегардад, ки барои ӯ қадру эътибори сухан хеле баланд аст. Амир Хусрав дар баробари он ки шоир ва донишманди бузург аст, мутафаккири барҷаста низ ҳаст.

Муҳокимаронииҳои ӯ дар мавриди одам ва бақои ӯ, яъне ҷовидонӣ мондани номи инсон хеле аҷиб аст. Ӯ муътақид аст, ки одамӣ дар ин ҷаҳони даргузар ба ҷуз меҳмон касе нест ва фақат сухан метавонад ӯро «зиндаи ҷовидонӣ» гардонад. Дар «Эъҷози Хусравӣ» чунин хусусият доштани сухани худро ин тавр таъкид мекунад: «Дар девони азал, ки ин дафтар ба таҳрир пайваст, қалами қазо биёсуд ва то абад, ки рӯзу шаб набошад, ин саводу баёз хоҳад буд».

Ин гуфтаҳо ба он далолат мекунад, ки Амир Хусрав худ низ тамоми осори илмию адабиашро ба хотири абадӣ мондани номаш таълиф кардааст, зеро дар маснавии «Ҳашт биҳишт» абётеро мехонем, ки ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунанд:

Некбахт он касе, ки дар анҷом,
Зиндаи ҷовидона гашт ба ном.
Он чи мақсуди одамизод аст,
Номи нек асту он дигар бод аст.
В-он чин – он номи мард монад дер,
Сухан аст он, на ҷома, не шамшер.

Аз қитъаи зери Амир Хусрав пурра маълум мешавад, ки ӯ ба ҷовидонӣ мондани номи худ боварӣ дорад:

Некӯтар чиз андар шеър ном аст,
Ки монӣ зинда з-ин нақши сиёҳе.



Тани Хусрав бимирад, ин яқин аст,
Вале Хусрав намирад ҳеҷ гохе.

Воқеан, матлаби ниҳоӣ аз эҷоди бадеъ бақои исм аст ва маҳз аз ҳамин сабаб адибон исми хоси адабӣ-тахаллус баргузидаву ғолибан аз он кор гирифтаанд.

## "БАДОЕЪ-УС-САНОЕЪ"-И АТОУЛЛОҲИ ҲУСАЙНӢ

Асари илмӣ-таълимии Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, ки с. 1493 бо ташвиқ ва хоҳиши Алишери Навоӣ таълиф кардааст ва дойир ба илмҳои арӯзу санъатҳои бадеъӣ баҳс мекунад.

Атоуллоҳи Ҳусайнӣ соли хатми "Бадоеъ-ус-саноеъ"-ро дар ду рубоӣ ба ҳисоби абҷад чунин ифода кардааст:

Ин нусха, ки мисли ӯ яке аз сад нест,
Дар фанни бадеъ хубтар з-он ҳад нест.
Таҳрири накӯ ёфта з-он таърихат –
<u>Таҳрири бадеъ</u> аст, ки дар вай <u>бад</u> нест.
мафъӯлу / мафоъӣлу/мафоъӣлун/ фоъ
- - v/ v - -v/ v - - -/ ~

Рубоии дуюм:

Ин нусха, ки дар саноеъ омад нодир,
Чун гашт тамом, кардам ӯро зоҳир.
Пурсид зи омиён яке таърихаш,
Бо вай гуфтам: даҳи ҷамодулохир.
мафъӯлун/ фоъилун/ мафоъӣлун/ фаъ
- - -/ - v -/ v - - -/ -

Дар рубоии якум моддаи таърих "<u>Таҳрири бадеъ</u>" ва дар рубоии дуюм моддаи таърих "<u>даҳи ҷамодулохир</u>" аст. Агар аз "Таҳрири бадеъ", ки ба ҳисоби абҷад 904 ҳ. аст, қимати калимаи "бад" (6) бароварда шавад, 898 ҳ. боқӣ мемонад, ки ба соли 1493 м. баробар аст, "даҳи ҷамодулохир" ба ҳисоби абҷад 898 ҳ. мешавад, ки мутобиқи 1493 м. мебошад.

Атоуллоҳи Ҳусайнӣ аз донишмандони форс-тоҷик буда, солҳои 40-уми асри XV дар Нишопури Эрон ба дунё омада, соли 1513 дар Машҳади Эрон аз олам гузаштааст. Ба қавли Хондамир, ӯ дар ҷавонӣ ба Ҳирот омада, аз ҳаёти илмию адабии ҳамин шаҳр баҳра бурдааст ва аз Алишери Навоӣ ёрию дастгирии моддӣ дидааст. Муддате дар мадрасаҳои «Султония» ва «Ихлосия»-и Ҳирот мударрисӣ кардааст.

То имрӯз аз Атоуллоҳи Ҳусайнӣ асарҳои «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва «Рисолаи қофия» боқӣ мондааст. Ӯ бо тахаллусҳои «Ато», «Атоӣ» ва «Атоуллоҳ» шеър низ эҷод мекардааст.

"Бадоеъ-ус-саноеъ" аз муқаддима, се боб ва хотима иборат мебошад. Муқаддимаи китоб «Дар усули илми арӯз» ном дошта, муаллиф ба таври хеле мухтасар дар хусуси нозукиҳои илми арӯз ва истилоҳоти он маълумот медиҳад. Боби якум ба санъатҳои лафзӣ бахшида шудааст ва муаллиф дар ин ҷо дар хусуси 60 санъати лафзӣ маълумот медиҳад. Дар боби дуюм сухан аз санъатҳои маънавӣ меравад ва дар ин боб 65 санъати маънавӣ шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Дар боби сеюми рисола муаллиф оид ба санъатҳои бадеие сухан меронад, ки дар байни санъатҳои лафзию маънавӣ муштараканд ва Атоуллоҳи Ҳусайнӣ миқдори онҳоро 22-то медонад. Хотимаи асар ба иллатҳои шеърӣ ва баъзе истилоҳоти адабиётшиносӣ баҳс мекунад.

Аз гуфтаи Атоуллоҳ маълум мешавад, ки вай китоби "Бадоеъ-ус-саноеъ"-ро бо хоҳиши Алишери Навоӣ навишта будааст. "Бадоеъ-ус-саноеъ" барои омӯхтани афкори илмию адабӣ, таърихи адабиёт ва муҳити адабии охири асри XV аз сарчашмаҳои хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Ин китобро соли 1974 донишманди тоҷик – Раҳим Мусулмонқулов бо сарсухану тавзеҳот дар Душанбе чоп намуд.

## "БАДОЕЪ-УЛ-АФКОР"-И ҲУСАЙН ВОЪИЗИ КОШИФӢ

Асари Камолуддин Ҳусайн Воъизи Кошифӣ буда, такр. солҳои 1488-89 таълиф шудааст. Ин асар дар таърихи адабиётшиносии форс-тоҷик мақоми арзанда дорад. "Бадоеъ-ул-афкор" аз муқаддима, ду боб ва хотима иборат буда, муаллиф онро ба яке аз ҳокимони давр - Амир Сайиди Ҳусайн бахшидааст. Кошифӣ муқаддимаро ба чор фасл (фасли аввал «Дар таърифи шеър», фасли дуюм «Дар баёни анвоъ», фасли сеюм «Дар баёни ақсоми шеър», фасли чаҳорум «Дар зикри баъзе алфозе, ки мустаъмал ва мутадовили ин тоифа аст») ҷудо намуда, баъди баёни сабаби таълифи ин асар дар хусуси маънии луғавӣ ва истилоҳии шеър, анвоъи шеър (қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, фард, маснавӣ, мусаммат, тарҷеъот ва мувассат), қисматҳои шеър (мураддаф, маҳҷуб, зотулматолеъ, маҳдуд, матбӯъ, мулоим, мусалис, саҳли мумтанеъ, ҷазл, мураҷҷал, фикрӣ, маснӯъ, зуннавъайн, мутаннавъ), алфозе, ки дар байни шоирону нависандагон маъмул мебошанд (эҷоз, баст, мусовот, матлаъ, мақтаъ, байт, назм, наср, насиб, ташбиб, мусорада, дуъои таъбид) маълумоти мухтасар медиҳад.



Дар мавриди анвои шеър ва муайян намудани хусусиятҳои ҷудогонаи онҳо Кошифӣ хеле дақиқназар аст. Нишонаи асосӣ ва тафовути бевоситаи қитъаву ғазалу қасидаро дар мавриди шарҳи қитъа ҳамчун навъи шеър хеле оддӣ ва фаҳмо баён мекунад, ки он ҳамқофия набудани байти аввали қитъа мебошад. «Қитъа дар луғат пораро гӯянд ва дар истилоҳ миқдоре бошад аз шеър, ки муҷаррад (ҷудо) бувад аз тарсеъи матлаъ (ҳамқофия набудани ду мисраъи аввал). Ва ӯро қитъа аз он ҷиҳат гӯянд, ки ба нисбати мақосиди (мақсадҳои) мутаддада (зиёд) ва маъонии касира (фаровон), ки дар қасида воқеъ аст, баъзе метавонад аз он ва аксари он ақалли абёти қасида тавонад буд, ки он сию як аст ва ақалли он ду байт бошад».

Баъди ин қисмате бо номи фоида оғоз меёбад, ки дар он дар хусуси истилоҳоте сухан меравад, ки дар миёни аҳли илму адаб серистеъмоланд ва инҳо ҳазл, мутояба, марсия, мунозира, хамриёт, қасамиёт мебошанд. Қисмати асосӣ ва зиёди "Бадоеъ-ул-афкор"-ро боби аввал ташкил медиҳад. Дар ин боб, асосан, санъатҳои бадеие шарҳ дода шудаанд, ки мавриди истифодаи шоирони асрҳои охир, яъне асри XV қарор гирифтаанд. Дар ин боб санъатҳои тавфиф, тарсеъ, таҷнисот, иштиқоқ, такрир, мақлубот, маъкӯсот, асҷоъ, радулаҷзилассадр, мутазод, эънот, тазмини муздаваҷ, истиора, тамсил, ирдод, мушокала, табиийн, ташбеҳот, иҳом, икмол, такмил, муболағот, тансиқуссифот, сиёқатулаъдод, муроотунназир, тавшеҳот, муталаввин, илтифот, тадорук, муаммо, луғз, иқтифо, зулқавофӣ, таҷоҳули ориф, музалзал, ҳусни матлаъ, бароати истеҳлол, ҳусни тахаллус, ҳусни талаб, ҳусни мақтаъ, мадҳи мусанно, тавсим, итрод, тасҳим, мукаттаъ, мувассал, ҳазв, муҷаррад, хайфо, муъҷам, мутатобеъ, тааҷҷуб, ҳусни таълил, тарҷума, лаффу нашр, тасҳиф, каломи ҷомеъ, ибдоъ, иқтибос, сеҳри ҳалол, муламмаъ, иститрод, тазмин, зуллисонайн, тафсил, тавассул, тадвир, тазлеъ, таъриб, изморулҳуруф, мавқуф, мустазод, илҳоқ, мазил шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Ҳарчанд мустазод дар байни донишмандони илми адаб ҳамчун навъи шеър шинохта шудааст, аммо Кошифӣ онро чун санъати бадеӣ маънидод мекунад. Баъди шарҳи луғавии мустазод менависад, ки: «дар истилоҳ он аст, ки шоир дар охир калимае чанд зиёдат кунад, сухан ба он тамом гардад ва шояд, ки сухан мавқуфи он набувад ва он алфоз, ки зиёдат кунанд ё мисраи тамом бошад, ё не. Ва он чи мисраи тамом бошад, ҳаройина баъд аз байте эрод карда шавад, аммо он чи

мисраъи тамом набувад ё баъд аз мисрое бошад, ё баъд аз байте ва бад-ин сабаб ақсоми (қисмҳои) мустазод се бошад: аввал он ки баъд аз ҳар мисроъе лафзе оварда шавад мусаҷҷаъ, чунончи Мавлои Румӣ фармояд:

Ҳар лаҳза ба шакли он бути айёр омад,
Дил бурду ниҳон шуд,
Ҳар дам ба либосе дигар он ёр баромад,
Гаҳ пир ҷавон шуд.

Қисми дуюм он ки алфози зоида баъд аз байте бошад. Мисол:

Сад ҳалқаи анбарин банд андар банд,
Дилдор зи баҳри фитна бар дӯш афканд,
Монанди каманд.

Қисми сеюм он ки баъд аз ҳар байт мисрае тамом биёрад. Мисол:

Ҳаргиз дили мо аз ту ба коме нарасид,
Васлат чун расид, ҷуз ба хоме нарасид.
Дуди дили мо ба дасти ӯ бозат дод.
Ҳаргиз нафасе ба пеши мо наншастӣ,
К-андар паят аз хона ғуломе нарасид.
Бархезу биё, ки хоҷа овозат дод.

Мустазодро ҳамчун санъати шеърӣ маънидод кардани Кошифӣ бесабаб нест, зеро мустазод ҳамчун навъи шеър шакли муайян надорад, яъне шоир ё ба ғазал, ё ба қасида, ё ба рубоӣ, ё ба маснавӣ ним мисраъ ё як мисраъ илова карда, мустазод месозад. Дар ин маврид шоир гӯё, ки шеъри нав эҷод намекунад, балки ҳунари шоирии худро намоиш медиҳад ва дар ин маврид, хусусияти мустазод ҳамчун як навъ санъати бадеӣ бештар намудор мегардад. Вале мустазоди мустақил низ ҳаст

Боби дуюми "Бадоеъ-ул-афкор" «Дар баёни уюби назм, ки онро илми нақд хонанд» ном дошта, Кошифӣ дар ин ҷо ҳамчун адабиётшинос суханронӣ мекунад. Ба ақидаи ӯ, «То кас бар уюби шеър муталлеъ (огоҳ) нашавад, шеъри беайбро нашиносад».

Дар ин боб вай нозукӣ ва истилоҳоте, ки ба илми нақд тааллуқ доранд, шарҳ дода, барои ҳар кадомаш аз шоирони гузашта ва муосири худ мисолҳо меорад.

Дар хотимаи асар Кошифӣ дар хусуси маънии қофия, адади ҳарфу ҳаракатҳои қофия, айбҳои қофия ва радиф маълумот медиҳад.



## «ҶАМЪИ МУХТАСАР»-И ВАҲИДИ ТАБРЕЗӢ

Аз ҷумлаи китобҳои таълимие, ки дар асри XV таълиф шудааст, «Ҷамъи мухтасар»-и Ваҳиди Табрезӣ мебошад. Ваҳиди Табрезӣ аз ҷумлаи шоирону адабиётшиносони ахири асри XIV ва ибтидои асри XV буда, аз ӯ то замони мо ду асар: «Мифтоҳ-ул-бадеъ» ва «Ҷамъи мухтасар» боқӣ мондааст.

Рисолаи «Ҷамъи мухтасар» асари таълимӣ буда, муаллиф онро солҳои 1417-1420 ҳамчун дастури таълимӣ барои бародарзодааш навиштааст. Рисола аз се боб иборат буда, ҳар боб ба фаслҳо ҷудо шудааст. Дар боби аввал дар хусуси илми арӯз, номи рукнҳои байт (садр, ибтидо, арӯз, зарб, ҳашв, ҳашвай), таркиби аркони байт (ватад, сабаб, фосила), 19 баҳри арӯз (баҳрҳои аслӣ ва фаръӣ), ном ва маънии луғавию истилоҳии зиҳоф, маънии луғавӣ ва истилоҳии шеър, тафовути назму наср, таърифи тақтеъ ва татбиқи он дар шеър, дойираҳои арӯз (шашто) ва ғайра маълумот дода шудааст. Дар боби дуюм 68 навъи санъати шеърӣ ва хелҳои онҳо, вазни рубоӣ (шаҷараҳои ахрабу ахрам) ва намунаи шеърҳои марбут ба ин вазнҳо оварда шудаанд.

Боби сеюм шарҳу тавзеҳи қофия, ва хелҳои он, ҳарф ва ҳаракатҳои қофия (бо мисолҳо) ва фарқи радифу қофияро дар бар гирифтааст. «Ҷамъи мухтасар» аз ҷумлаи китобҳои таълимиест, ки дар он усули таълими ҳамбастагӣ бо тамоми нозукиҳояш шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Ваҳиди Табрезӣ дар ин асар ягонагии шакл ва мазмунро муҳимтарин қонуни эҷоди асари бадеӣ донистааст. Аз назари ӯ, барои мазмуни хубро дар либоси зебо ҷой додан, шоир бояд аз илми арӯз пурра воқиф бошад, худуди қофияро хуб бишиносад ва саноъеи шеърро нағз бидонад. Соли 1959 бо кӯшиши шарқшиноси рус – Андрей Бертелс матн ва тарҷумаи русии «Ҷамъи мухтасар» дар Москва ба табъ расид.

## «РИСОЛАИ АРӮЗ»-И ҶОМӢ

Аз ҷумлаи асарҳои таълимие, ки дар асри 15 оид ба илми арӯз таълиф карда шудааст, «Рисолаи арӯз»–и Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад. Соли таълифи рисола маълум нест. «Рисолаи арӯз» аз муқаддимаи хеле мухтасар (ҳамагӣ ду саҳифа) ва ҳашт фасл (боб) иборат аст. Дар муқаддима Ҷомӣ дар бораи номи ҳиҷоҳои арӯзӣ дар

забони арабӣ, яъне роҷеъ ба сабаб (сабаби хафиф ва сабаби сақил), ватад (ватади маҷмуъ ва ватади мафрук), фосила (фосилаи суғро ва фосилаи кубро) сухан ронда, барои мисол ҷумлаи «Бе гули рухат лола ба чаман нанигарад»–ро меорад. Агар калимаҳои ин ҷумларо ба сабабу ватаду фосила ва навъҳои он ҷудо кунем, калимаи якуми он «бе» сабаби хафиф (як ҳиҷои дароз), калимаи «гули» сабаби сақил (ду ҳиҷои кӯтоҳ), калимаи «рухат» ватади маҷмуъ(як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз), калимаи «лола» ватади мафруқ (як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ), таркиби «ба чаман» фосилаи суғро (ду ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз) ва калимаи «нанигарад» фосилаи кубро (се ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз) – ро ташкил медиҳад.

Дар фаслҳои якуму дуюм сухан аз усулу рукнҳои солим (фаъӯлун, фоъилун, мафоъӣлун, мустафъилун, фоъилотун, мафоъилатун, мутафоъилун, мафъӯлоту) ва зиҳофи рукни солими баҳри Ҳазаҷ – мафоъилун (мақбуз, макфуф, ахрам, аштар, маҳзуф, мақсур, аҳтам, маҷбуб, азалл, абтар), зиҳофи рукни солими баҳри Рамал – фоъилотун (махбун, макфуф, машкул, маҳзуф, мақсур, мақтуъ (аслам), мушаасс, маҷҳуф, мусаббағ), зиҳофи рукни солими баҳри Раҷаз – мустафъилун (махбун, матвӣ, мақтуъ, мухаллаъ, аҳазз, махбул, музол, мураффал), зиҳофи рукни чоруми солим – мафъӯлоту (махбун, матвӣ, махбул, мавқуф, максуф, аслам, маҷдуъ, манҳур, марфуъ), зиҳофи фаъӯлун (мақбуз, мақсур, маҳзуф, аслам, асрам, абтар) меравад.

Дар фаслҳои сеюму чорум дар бораи баҳрҳои хоси шеъри арабӣ (Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комил), баҳрҳои хоси шеъри форсӣ–тоҷикӣ (Қариб, Мушокил, Ҷадид) ва баҳрҳое, ки дар шеъри арабию форсӣ–тоҷикӣ баробар иштирок мекунанд (Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ Мунсареҳ, Муқтазаб), дойираҳои Муъталифа (баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалу Раҷаз дар шакли мусаммани солим), Мухталифа (баҳрҳои Муҷтасс, Мунсареҳ, Музореъ, Муқтазаб – ҳама дар шакли мусаммани музоҳафа), Мунтазиа (баҳрҳои Қариб, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Сареъ– ҳама дар шакли мусаддаси музоҳафа), Муттафиқа (баҳрҳои Мутақориб ва Мутадорик – ҳар ду дар шакли мусаммани солим), тақтеъи шеър, номи рукнҳои байт (садр, ибтидо, арӯз, зарб, ҳашв, ҳашвайн) ба таври мухтасар маълумот дода шудааст. Дар ин фаслҳо Ҷомӣ барои ҳар баҳри арӯзи арабӣ ва арӯзи форсӣ– тоҷикӣ як байт оварда, тақтеъ мекунад. Барои баҳри Тавил байти зеринро овардааст:

*Чӣ гӯям, нигорино, ки бо ман чиҳо кардӣ,*
*Қарорам зи дил бурдӣ, зи сабрам ҷудо кардӣ.*



фаъӯлун/мафоъӣлун/фаъӯлун/мафоъӣлун
V ––/ V –––/ V––/ V –––

Барои баҳри Мадид ин байтро овардааст:

*Бевафо ёре, ғаҳе ёди ғамхоре бикун,*
*Ошиқи бечораро ҷораи коре бикун.*

фоъилотун/фоъилун/фаъилотун/фоъилун
– V ––/ –V– / –V––/ – V–

Барои баҳри Басит ин байтро овардааст:

*Чун хору хас рӯзу шаб афтодаам дар раҳат,*
*Бошад, ки бар хоки ман афтад назар ноғаҳат.*

мустафъилун/фоъилун/мустафъилун/фоъилун
–– V –/ –V– / ––V–/ – V–

Барои баҳри Вофир байти зерин оварда шудааст:

*Хуш он саҳаре, ки оҳи шабам кунад асаре,*
*Зи роҳи вафо ба сӯи ман уфтад гузаре.*

мафоъилатун/мафоъилатун/мафоъилатун
V – V V – / V – V V – / V – V V –

Барои баҳри Комил ин байт оварда шудааст:

*Чӣ кунад чаман, чу ҷудо шавад шаман аз санам,*
*Магар он, ки рӯзу шабон нишаста бувад ба ғам.*

мутафоъилун/мутафоъилун/мутафоъилун
V V –V – / VV – V – / V V– V –

Дар фаслҳои 5–6 барои анвоъи баҳри Ҳазаҷ 28 мисоли шеърӣ,
барои шаҷараҳои ахрабу ахрам шаш рубоӣ, барои навъҳои баҳри
Раҷаз 15 мисоли шеърӣ, барои навъҳои баҳри Рамал 14 мисоли шеърӣ,
барои анвоъи баҳри Музореъ 12 мисоли шеърӣ, барои навъҳои баҳри
Муқтазаб 6 мисоли шеърӣ, барои навъҳои баҳри Муҷтасс 9 мисоли
шеърӣ, барои навъҳои баҳри Сареъ 6 мисоли шеърӣ, барои навъҳои
баҳри Ҷадид як мисоли шеърӣ, барои навъҳои баҳри Қариб 3 мисоли
шеърӣ, барои навъҳои баҳри Мутақориб 11 мисоли шеърӣ, барои
навъҳои баҳри Мутадорик 5 мисоли шеърӣ шоҳид оварда шудааст.

Ин рисола, асосан, дар пайравии «ал-Муъҷам фӣ маъойири
ашъори–л–Аҷам»–и Шамси Қайси Розӣ навишта шудааст, ба таври
дигар гӯем, «Рисолаи арӯз»–и Абдурраҳмони Ҷомӣ як навъ талхиси
(хулосаи) «ал-Муъҷам» мебошад.

Масалан, дар «ал-Муъҷам» омадааст: «Пас мадори авзони арӯз
бар ин се рукн ниҳоданд: сабабу ватаду фосила» (4, 35).

Дар «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ ин хел: «Аммо баъд бидон, ки
арбоби синоати арӯз бинои усули авзони шеърро бар се рукн
ниҳодаанд: сабаб, ватад ва фосила» (3, 161).

Дар «ал-Муъчам»: «Ҳазф андохтани сабабе бошад аз охири чузв ва чун аз мафоъӣлун «лун» биандозӣ, «мафоъӣ» бимонад, фаъӯлун ба чои он биниҳанд…» (4, 52).

Дар «Арӯзи Ҷомӣ»: «Ҳазф исқоти сабаби хафифи охири чузв аст, чун аз мафоъӣлун «лун» биандозанд, «мафоъӣ» бимонад, фаъӯлун б‹а› чои он биниҳанд» (3, 163).

Дар «ал-Муъчам» дойираи «Мухталифа» бо мисраъи зерин оварда шудааст: «Дил рабуд ёр зи ман, рух нуҳуфт боз зи ман» бар вазни –V –V/ – VV – / –V – V/ – VV – (4, 181).

Дар «ал-Муъчам» байти зерро оварда:

*Маро гами ту, ай дӯст, зи хонумон баровард,*
мафоъилун/мафоъӣлу/мафоъилун/мафоъӣл
V –V –/ V– –V / V – V –/ V – ~
*Маро фироқат, ай моҳ, зи молу ҷон баровард*
мафоъилун/мафоъӣлу/мафоъилун/мафоъӣл
V –V –/ V– –V / V – V –/ V – ~

Ҳазаҷи мусаммани мақбузи макфуфи мақсур ном кардаанд (4, 92).

Дар «Рисолаи арӯз» ҳамин байт бо тағйироти зерин оварда шудааст:

*Маро гами ту, ай дӯст, зи хонумон баровард,*
мафоъилун/мафоъӣлу/мафоъилун/мафоъӣл
V –V –/ V– –V / V – V –/ V – ~
*Маро фироқат, ай моҳ, зи ҷон фигон баровард*
мафоъилун/мафоъӣлу/мафоъилун/мафоъӣл
V –V –/ V– –V / V – V –/ V – ~

Дар «ал-Муъчам» омадааст:

*Ошиқ шудам бар дилбаре айёре,*
*Шаккарлабе, симинбаре, хунхоре.*
мустафъилун/мустафъилун/мафъӯлун
– –V –/ – –V– / – – – (4, 109).

Дар «Рисолаи арӯз»–и Ҷомӣ ҳамон байт бо тағйири андаке чун мисол барои баҳри Раҷази мураббаъи солим оварда шудааст:

*Ошиқ шудам бар дилбаре,*
*Сангиндиле, симинбаре.*
мустафъилун/мустафъилун
– –V – / – –V– (3, 183).



Бештари мисолҳои саҳифаҳои 186, 188, 191, 192, 193, 194, 195, 197, 199 –и «Рисолаи арӯз» аз саҳ. 110, 113, 119, 123–124, 125, 128, 130, 134, 135, 136, 137, 139, 140 – «ал-Муъчам» гирифта шудааст.

Агар ба сайри таърихи таҳаввул ва такомули арӯзи форсӣ–тоҷикӣ назар кунем, мебинем, ки намунаи ашъоре, ки аз Рӯдакӣ ва шоирони асрҳои 9–15 то замони мо боқӣ мондаанд, маълум месозад, ки авзони аксари онҳо ба авзони баҳрҳое, ки дар дойираҳои арӯзи араб буданд, мувофиқат намекунанд. Абдурраҳмони Ҷомӣ табиати шеъри форсӣ–тоҷикӣ ва авзони онро бо тамоми нозукиҳояш омӯхта, ба хулосае омадааст, ки вазнҳои Муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ (мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/фаълон V –V –/ VV– – / V – V –/ – ~), Мунсареҳи мусаммани матвии маҷдуъ (муфтаъилун/фоъилоту/ муфтаъилун/фоъ – V V –/ –V– V / –V V –/ ~), Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мафъӯлу/ мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъӯлун – –V/ V– –V / V – – V/ V – –), Ҳазаҷи мусаммани солим (мафъоӣлун/ V– – –/ мафъоӣлун/ V– – –/ мафъоӣлун/ V– – –/ мафъоӣлун/ V– – –/ ), Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб ё абтар, ё аҳтам, ё азалл (мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/фаъул, ё фаъӯл, ё фаъ, ё фоъ – –V/ V– –V / V – – V/ V –, ё V~, ё –, ё ~), Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур (мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/фаъилон V –V –/ V V – – / V– V –/ V V ~) ва намунаи дигари чунин вазнҳоро ҳеҷ гоҳ дар ашъори ягон шоири пешазисломӣ (давраи ҷоҳилия) ва баъдиисломии араб намеёбед. Ӯ мисли Шамси Қайси Розӣ дид, ки дар дойираҳои мураттабкардаи асосгузори арӯзи араб – Халил ибни Аҳмад чунин авзон вуҷуд надоранд. Дар арӯзи арабӣ фақат баҳри Тавил дар шакли мусамман меояд ва шаклҳои мусаддасу мураббаъ надорад. Баҳрҳои Мадиду Ҳазаҷу Музореъву Муқтазабу Муҷтасс ҳеҷ гоҳ дар шакли дойиравӣ (яъне мусаддас) истифода намешаванд ва фақат дар шакли кӯтоҳ (маҷзу, яъне мураббаъ) меоянд. Аввалин навпардозие, ки Ҷомӣ дар «Рисолаи арӯз»–и худ эҷод кард, тағйир додани дойираҳои арӯзи араб буд. Табиати шеъри форсӣ–тоҷикӣ ва намунаҳои фаровони вазнҳое, ки дар шеъри шоирони бузурги то замони Ҷомӣ вуҷуд дошт, имкон намедод, ки шеъри форсӣ–тоҷикиро шикаста, онро ба дойираҳои арӯзи арабӣ мувофиқ кунанд. Роҳи ягона шикастани дойираҳои арӯзи араб ва онҳоро аз нав мувофиқи қаду басти вазни шеъри форсӣ–тоҷикӣ буридан буд. Анвоъи авзоне, ки дар ашъори шоирони форс–тоҷик истифода шудааст, дар дойираҳои ихтироъкардаи Халил ибни Аҳмад (Мухталифа, Муъталифа, Муҷталиба, Муштабаҳа, Мунфарида) умуман дида намешванд. Ҷомӣ ба ҷои панҷ дойираи

Халил ибни Аҳмад чор дойираи арӯзи форсӣ–тоҷикиро мураттаб сохт (Муъталифа, Мухталифа, Мунтазиа ва Муттафиқа) ва дар атрофи онҳо шаклҳои мусаммани баҳрҳои Ҳазаҷу Раҷазу Рамал, Муҷтасси мусаммани махбун, Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф, Музореъи мусаммани макфуфи мақсур, Муқтазаби мусаммани матвӣ, Сареъи мусаддаси матвии мавқуф, Ҷадиди мусаддаси махбун, Қариби мусаддаси макфуфи мақсур, Хафифи мусаддаси махбун, Мушокили мусаддаси макфуф, Мутақорибви мусаммани солим, Мутадорики мусаммани солимро ҷой дод.

Чи тавре ки гуфтем, «Рисолаи арӯз»–и Ҷомӣ дар пайравии «ал-Муъҷам»–и Шамси Қайси Розӣ таълиф гардидааст. Ҷомӣ дар мавриди шарҳи истилоҳоти сабаб, ватад, фосила, зиҳоф (каср, ҳазф, батр, хабн, шакл, қабз, қаср, тахлеъ), сурати дойираҳои Мухталифа, Мунтазиа, Муттафиқа, мисолҳои шеърии авзони мухталифи баҳрҳо 51 маротиба гуфтаҳо ва мисолҳоро аз «Ал–муъҷам» айнан овардааст.

Мутаассифона, дар «Рисолаи арӯз»–и Ҷомӣ номи баъзе баҳрҳо ва анвои онҳо нодуруст шарҳ дода шудааст. Масалан, дар саҳ. 181 «Рисолаи арӯз»–и Ҷомӣ байти зеринро:

*Зи каф теги ҷафо неҳ,*

*Зи лаб коми маро деҳ.*

V– – V/ V – –

оварда ба таври:

мафоъӣлу/фаъӯлун

V– – V/ V – –

тақтеъ кардаанд, ки дуруст аст, аммо номи баҳрро Ҳазаҷи ахраби маҳзуф гуфтаанд, ки саҳеҳ нест. Шояд чунин иштибоҳ ҳангоми нусхабардории котибон рух дода бошад. Дар баҳри Ҳазаҷ шакли овозии зиҳофи ахраб мафъӯлу ( – – V) аст, аммо дар ин шеър шакли овозии зиҳофи мафоъӣлу (V – – V) омадааст, ки он шакли овозии зиҳофи макфуф аст. Барои ҳамин вазни ин байт Ҳазаҷи мураббаъи макфуфи маҳзуф мебошад, на ахраби маҳзуф.

Дар саҳифаи 185 ин байтро оварда:

*Ай ҳаргизам нарафта аз пеши назар,*

*Рӯзе ба чашми марҳамат сӯям нигар.* (3, 185).

ба таври мустафъилун/ мустафъилун мустафъилун тақтеъ кардаанд ва номашро мусаддаси маҷмӯъ (дар саҳ. 485, яъне дар «Тавзеҳот» Раҷази мусаддаси маҷмӯи солим) номидаанд. Дар асл байти боло ба таври:

мустафъилун/мафоъилун/мустафъилун – – V – / V – V –/ – – V – тақтеъ мешавад ва он Раҷази мусаддаси махбун аст.

Дар саҳ. 186 байти:



*Кунун ки гардад аз баҳор хуш ҳаво,*

*Фузун шавад ба ҳар дил андарун ҳаво.* – ро оварда ба таври: мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун V – V – / V – V – / V – V – тақтеъ кардаанд, ки дуруст аст. Аммо номи вазнро Раҷази мусаддаси махбуни мақбуз гуфтаанд, ки иштибоҳ аст, зеро шакли овозии зиҳофи махбун дар баҳри Раҷаз мафоъилун (V – V –) аст. Ҳамин шакли овозӣ дар баҳриҲазаҷ мақбуз номида мешавад.

Шамси Қайси Розӣ дар саҳ. 110 ҳамин байтро оварда, вазни онро Раҷази мусаддаси махбун гуфтааст ва ин ном дуруст аст. Дар «Рисолаи арӯз»–и Ҷомӣ вазни байтро Раҷази мусаддаси махбуни мақбуз гуфтаанд, ки ғалат мебошад.

Дар саҳ. 203 байти зерин:

*Сунбули сияҳ бар суман мазан,*

фоъилун/фаъал/фоъилун/фаъал

– V – / V – / – V –/ V –

*Лашкари ҳабаш бар Хутан мазан (4, 110)*

– V – / V – / – V –/ V –

ҳамчун мисоли Мутадорики мусаммани мақтуъ оварда шудааст. Таҳиякунандагони «Рисолаи арӯз»–и Ҷомӣ дар саҳ. 462 китоб, дар «Тавзеҳот», зери рақами 15 вазни байтро чунин тавзеҳ додаанд: «Ин ҷо низ дар номи вазн иштибоҳ рӯй додааст. Агар Мутадорики мусаммани махбуни мақтӯъ мебуд, бояд тафъилаҳои фаъилун фаълун оварда мешуд. Ин байт бо вазни Мутадорики мусаммани маҳзуф навишта шудааст» (3, 462). Ин тавзеҳ аз ҷиҳати илмӣ ғалат аст, зеро баҳри Мутадорик зиҳофи маҳзуф надорад. Зиҳофи маҳзуф дар баҳрҳое дида мешавад, ки ҳиҷои охири онҳо бо сабаби хафиф тамом шуда бошад (мисли баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Мутақориб). Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, рукни солими Мутадорик – фоъилун (–V –) бо ватади маҷмӯъ ба охир мерасад. Барои ҳамин номе, ки Ҷомӣ дар «рисолаи арӯз» барои ин байт мондааст (Мутадорики махбуни мақтӯъ), дуруст аст, зеро шакли овозиии зиҳофи мақтӯи баҳри Мутадорик фаълун аст ва агар тавассути амали хабн фаълун ( – – )–ро ба фаъал (у –) табдил диҳем, ба он фақат махбуни мақтӯъ ном мондан лозим асту халос. Пас, ҳамон номе, ки устод Ҷомӣ ба ин вазн ( – V – / V –/ – V –/ V –) гузоштааст, бе ҳеҷ шубҳа дуруст аст, зеро як бор рукни солими Мутадорик – фоъилун ( – V –) омадааст, як бор зиҳофи махбуни мақтӯъ – фаъал (V –), боз рукни солими Мутадорик – фоъилун ( – V –) ва боз зиҳофи махбуни мақтӯъ омадааст. Ин навъи вазнро дар илми арӯз вазни мутановиб ё даврӣ мегӯянд, ки яке аз вазнҳои хеле хушянд ба шумор меравад.

Дар саҳ. 204 «Рисолаи арӯз»-и Ҷомӣ ин байт оварда шудааст ва онро Мутадорики мусаддаси махбун номидаанд:

*Гузарам ҳама бар дари туст,*
фаъилун/фаъилун/фаъилон
V V –/ V V –/ V V ~
*Чӣ кунам, дили ман бари туст. (3, 204).*
фаъилун/фаъилун/фаъилон
V V –/ V V у –/ V V ~

Дар асл номи дуруст ва саҳеҳи ин байт Мутадорики мусаддаси махбуни музол мебошад, зеро дар як мисраъ ду маротиба зиҳофи махбун (фаъилун) ва як бор махбуни музол (фаъилон) омадааст.

"Рисолаи арӯз"-и Ҷомӣ баъди "ал-Муъҷам"–и Шамси Қайси Розӣ ва "Меъёр–ул–ашъор"–и Насируддини Тӯсӣ аз ҷумлаи асарҳои таълимие мебошад, ки дар замони шоир ва минбаъд аксарияти донишмандон, шоирон ва ноқидони шеър аз он истифода кардаанд. Ҳанӯз дар асри 15 Алишери Навоӣ дар таълифи "Мизон-ул-авзон", Бобур Мирзо дар таълифи "Мухтасар", Сайфии Бухороӣ дар таълифи "Арӯз"-и худ ва Атоуллоҳи Маҳмуди Ҳусайнӣ дар таълифи рисолаи "Арӯз" аз "Рисолаи арӯз"–и Ҷомӣ баҳра бурдаанд.

"Рисолаи арӯз"-и Ҷомӣ соли 1871 бо саъю кӯшиши Ҳоҷӣ Халил Афандӣ (бо пешгуфтору тавзеҳот) дар Истамбул ва соли 1990 бо муқаддима ва тавзеҳоти донишманди тоҷик– Абӯбакр Зуҳуриддинов дар Душанбе ба табъ расидааст (3, 151–204). Имрӯз низ дӯстдорони шеър метавонанд ҷиҳати фаро гирифтани илми арӯз аз он истифода кунанд.

## «РИСОЛАИ ҚОФИЯ»-И ҶОМӢ

Яке аз асарҳои таълимие, ки доир ба илми қофия баҳс мекунад, «Рисолаи қофия»–и Абдурраҳмони Ҷомист, ки соли 1465 бо хоҳиши дархости «баъзе аз аҷаллаи асҳобу азизаи аҳбоб» дар пайравии «ал-Муъҷам»–и Шамси Қайси Розӣ таълиф шудааст. «Рисолаи қофия» хеле мухтасар буда, ҳамагӣ аз 5 саҳифа иборат аст. Худи Ҷомӣ дар оғози китоб, пеш аз муқаддима, навиштааст, ки "Ин мухтасарест ва орӣ (кифоякунанда, пурра) ба қавоид бақавофӣ, ки ба муҷиби (сабаби) ишорати (хоҳиши) баъзе аҷаллаи (бузургони) асҳобу (соҳибон) ва азизаи (баландмартабаҳои) аҳбоб (дӯстон) сурати таҳрир ва симати (нақши) тақрир (баён) меёбад" (4, 141).

Номи дигараш "Рисолат–ул–вофия фӣ илм–ил–қофия" буда, бештар бо номи «Рисолаи қофияи Мулло Ҷомӣ» машҳур аст (6, 60).



Ин асари муҷазу содаю муфид ҳамчун хулосаи танқидии масъалаҳои қофия дар шеъри форсӣ–тоҷикӣ маҳсуб меёбад. «Рисолаи қофия» бо забони тоҷикӣ, бо насри зебою дур аз такаллуф ба сифати дастури таълимӣ барои омӯхтани нозукиҳои илми қофия таълиф шудааст. Рисола аз муқаддима, панҷ фасл ва хотима иборат аст. Дар муқаддима омадааст: "Бидон, ки қофия дар урфи шуарои Аҷам иборат аст аз тамоми он чи такрори он дар охири ҷамеи абёт воҷиб (зарур) бошад ё мустаҳсан (зебо) ба шарти он ки мустақил набошад дар талаффуз, балки ҷузъи калима бошад ё ба манзилаи (ба сифати) ҷузъ. Баъзе тамоми калимаи охирро қофия гуфтаанд ва баъзе ҳарфи равиро" (4, 141, 142). Инчунин дар муқаддимаи рисола дар хусуси радиф ва шеъри мураддаф (радифдор) ва шеъри мурдаф (ридфдор) ба таври хеле мухтасар (дар ҳудуди ду ҷумла) маълумот дода шудааст. Баъди таърифи қофия, дар фаслҳои якуму дуюм ҳарфҳои қофия (таъсису дахилу ридфу қайду равию васлу хурӯҷу мазиду нойира) ва ҳаракатҳои қофия (рассу ишбоъву ҳазву тавҷеҳу маҷроу нафоз) –ро оварда, маънои истилоҳии ҳар кадомро шарҳ медиҳад. Аз мутолааи «Рисолаи қофия» ба хубӣ маълум мешавад, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ дар баробари шоири бузург ва мутафаккири барҷаста будан омӯзгори хушсалиқа ҳам будааст. Ӯ барои ба осонӣ аз худ кардани ҳарф ва ҳаракатҳои қофия онҳоро ба риштаи назм мекашад, нӯҳ ҳарфи қофияро дар байте дар вазни Муҷтасси мусаммании махбуни асламӣ мусаббағ (зарб – махбуни маҳзуф) чунин ҷой додааст:

*Равиву ридфу дигар қайду баъд аз он таъсис,*
*Дахилу васлу хурӯҷу мазиду нойира дон (*4, 142).
мафоъилун/фаъилотун/мафоъилун/фаълон (фаъилун)
V–V–/ V V– –/ V–V–/ – ~ (V V–)

Шаш ҳаракати қофияро бошад дар байти зер, дар баҳри Хафифи мусаддаси махбуни асламӣ мусаббағ (зарб–махбуни мақсур) чунин ҷой додааст:

*Рассу ишбову ҳазву тавҷеҳ аст,*
*Боз маҷрову баъд аз ӯст нафоз* (4, 146).
фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон (фаъилон)
–V – –/ V – V– / V–V–/ – – (V V~)

Илова бар ин, Ҷомӣ барои ҳар як ҳарфу ҳаракоти қофия аз ашъори шоирони бузурги гузашта, мисли Заҳири Самарқандӣ, Анварӣ, Камоли Исфаҳонӣ ва дигарон мисолҳои шеърӣ оварда, мавқеъ ва ҷои ҳарфҳою ҳаракатҳоро нишон медиҳад. Масалан, барои ридфи муфрад рубоии зерини Камоли Исфаҳониро мисол овардааст:

*Бо дил гуфтам, ту боре, ай дил, некӣ,*
*К–аз ман дурӣ, ба ёри ман наздикӣ.*

*Дил гуфт, ки бо даҳону зулфаш умрест,*
*То месозам ба тангию торикӣ.* (4, 143).

мафъӯлун/фоъилун/мафоъӣлун/фаъ
– – –/ – V– / V– – –/ –

Рубоии Камоли Исфаҳонӣ дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари абтар (садри байти дуюм–ахраб, ҳашви якуми мисраи сеюм–мақбуз, арӯзи байти дуюм–азалл) суруда шудааст: Калимаҳои «некӣ», «наздикӣ» ва «торикӣ» қофия, ҷузви «–екӣ» («–икӣ») решаи қофия мебошад. Дар ин решаи қофия ҳарфи «е» –и «некӣ» ва ҳарфи «и»–и «наздикӣ»–ю «торикӣ» ридфи муфрад, ҳарфи «к» равии мутлақ мебошад, зеро ҳарфи равӣ бо ҳарфи васл часпидааст.

Дар мавриди тавзеҳи ҳаракати ишбоъ (ишбоъ садоноки кӯтоҳест, ки дар байни ҳарфҳои дахилу равӣ меояд) байти зерини Заҳири Самарқандиро меорад:

*Бигзашт моҳи рӯза ба хайру мубораке,*
*Пур кун қадаҳ зи бодаи гулбарги роваке.*
мафъӯлу/фоъилоту/мафоъӣлу /фоъилун
– – V / – V – V / V– –V/ – V –

Байти фавқ дар баҳри Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф гуфта шудааст. Калимаҳои: «мубораке» ва «роваке» қофия, ҷузвҳои: «–ораке» ва «–оваке» решаи қофия мебошанд, ки ҳарфи «о» таъсис, ҳамсадоҳои: «р» ва «в» дахил, садоноки кӯтоҳи «а» ишбоъ, ҳарфи «к» равии мутлақ ва садоноки дарози «е» васл аст.

Дар фасли сеюм навъҳои қофия (Мутародиф, Мутавотир, Мутадорик, Мутарокиб ва Мутаковис)–ро шарҳ дода, барои дар хотир ба осонӣ нигоҳ доштани номи навъҳои қофия онҳоро дар ин байт ҷой додааст:

*Мутародиф, мутавотир, мутадорик мехон,*
*Мутарокиб, мутаковис лақаби қофия дон.*
фаъилотун/фаъилотун/фаъилотун/фаълун (фаъилун)
V V – –/ V V– – / VV– –/ – – (V V–)

Фасли чоруми рисола низ хеле мухтасар буда, ба тавзеҳи қофияи муқайяд (қофияе, ки баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре наомадааст) ва қофияи мутлақ (қофияе, ки баъди ҳарфи равӣ ҳарфи дигаре мисли васлу хурӯҷу мазиду нойира омада бошад) бахшида шудааст. Дар ҳамин фасл, инчунин Ҷомӣ роҷеъ ба қофияи муқайяди муҷаррад ва қофияи мутлақи муҷаррад маълумоти хеле фасеҳ ва равон медиҳад. Ӯ менависад: «Ва равии муқайяд, агар аз ҳуруфи қофия ҳеч ҳарфе дигар надошта бошад, онро муқайяди муҷаррад гӯянд, чун «сарвар» ва



«дилбар». Агар дошта бошад, ба он ҳарфаш нисбат кунанд, мисли муқайяд ба ридф ё ба ҳарфи қайд гӯянд.

Ва равиии мутлақ, агар аз ҳуруфи қофия ҳарфи васл дошта бошад, чун «сарварӣ» ва «дилбарӣ», онро мутлақи муҷаррад гӯянд ва агар ҳарфи дигар аз ҳуруфи қофия дошта бошад, ба он ҳарфаш нисбат кунанд, чунон ки мутлақ ба қайду ридфу хурӯҷу мазид ва нойира» (4, 149).

Дар фасли панҷум айбҳои қофия иқво (ақво), икфо, синод, ито (айто) ва навъҳои онҳоро тавзеҳ дода, барои ҳар кадом мисолҳои алоҳида оварда шудааст. Хотимаи рисола, ки ҳамагӣ аз чанд ҷумла иборат аст, ба қофияи маъмул ва қофияи ғайримаъмул бахшида шудааст. Ҷомӣ барои қофияи маъмул байти зерро овардааст:

*Дар ойинаи рӯи ту, гар гӯям рост,*
*Анвори таҷаллии илоҳӣ пайдост.*
мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фоъ
– –V/ V– – V/ V– – V/~

Ба ақидаи Ҷомӣ, калимаҳои «рост» ва «пайдост» ҳарчанд ба вазифаи қофия омадаанд, аммо дар асл қофияи дуюм, яъне «пайдост» аз ду калима – «пайдо» ва «аст» сохта шудааст. Дар мавриди қофияи ғайри маъмул Ҷомӣ мисоле наовардааст ва онро чунин таъриф кардааст: «Ғайримаъмул он аст, ки бе он ки дар ӯ тасарруфе кунанд, шоистаи он аст, ки қофия воқеъ шавад» (4, 149).

Дар мақолаи «Рисолаи қофия», ки дар ҷилди сеюми «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» ҷой дода шудааст, навиштаанд, ки «Фасли ҳафтуми рисола аз нуқсонҳои қофия (уюби қофия) баҳс мекунад» (6, 60). Ин гуфта саҳеҳ нест, зеро худи рисола аз панҷ фасл иборат аст ва Ҷомӣ айбҳои қофияро дар фасли панҷум шарҳу тавзеҳ додааст (ниг. ба Ҷомӣ, 4, 148–149).

«Рисолаи қофия» ҳанӯз дар замони зиндагии Ҷомӣ ҳамчун дастури таълимӣ мавриди истифодаи шеърдӯстону назмшиносон қарор гирифта буд. Дар пайравии ин рисола ҳанӯз дар асри XV Нуруддин Аҳмад ибни Абдулҷалил бо хоҳиши Алишери Навоӣ рисолаи «Қофия», Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ рисолае бо номи «Дар қавоид баилми қофия» таълиф кардаанд. Аксари донишмандоне, ки баъди асри XV ба майдони илми адаб қадам ниҳодаанду доир ба илми қофия рисолае навиштаанд, аз «Рисолаи қофия»–и Ҷомӣ баҳра бардоштаанд.

«Рисолаи қофия»–и Ҷомӣ бори аввал соли 1867 дар Калкаттаи Ҳиндустон (дар як ҷилд бо «Арӯз»–и Сайфии Бухороӣ) аз ҷониби Блохман ва бори дигар бо эҳтимоми Муҳаммади Фишоракӣ соли 1372

ҳиҷрӣ дар Теҳрон ва ниҳоят соли 1990 бо муқаддима ва тавзеҳоти донишманди тоҷик – Абӯбакр Зуҳуриддинов дар Душанбе тавассути нашриёти «Адиб» ба табъ расид (Ниг. Ҷомӣ Абдурраҳмон. Рисолаи қофия/ Куллиёт, ҷ.8, Д.: Адиб, – 1990. – 133–150). Аксари донишмандон дар хусуси «Рисолаи қофия»–иҶомӣ навиштаанд: «Яке аз рисолаҳои муҷазу содаю муфид ва дорои насре зебову дур аз такаллуф, ҳамроҳ бо шавоҳиди шеърии бис ёр хубу ғайритақлидӣ «Рисолаи қофияи Мулло Ҷомист» (1, 73). Ин фармуда комилан саҳеҳ мебошад.

## «АРӮЗИ САЙФӢ»-И САЙФИИ БУХОРОӢ

Аз ҷумлаи китобҳои дигари таълимӣ «Арӯзи Сайфӣ»-и Сайфии Бухороист, ки соли 1491 таълиф шудааст. Сайфии Бухороӣ (с. тав. номаълум – ваф.- 1503) аз ҷумлаи шоирону адабиётшиносони форс-тоҷик буда, дар Бухоро таҳсили илм карда, сипас барои такмили илму дониш ба Ҳирот омада, дар муҳити илмию адабии ин шаҳр шуҳрат пайдо мекунад.

Ба қавли муаллифони тазкираҳо («Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир), ӯ охирҳои ҳаёти хеш (1487) ба Бухоро баргашта, ба кори шоирию нависандагӣ машғул гардидааст. Назар ба қавли сарчашмаҳо, Сайфӣ соҳиби ду девони ашъор, се китоби илмӣ-таълимӣ – «Рисолаи арӯз», «Рисолаи муаммо» ва «Рисолаи мусиқӣ» будааст, ки аз онҳо то замони мо факат «Рисолаи арӯз» (бо номҳои «Илм-ул-арӯз», «Мизон-ул-ашъор», «Арӯзи Сайфӣ», «Рисолаи Сайфӣ» низ машҳур аст) ва мунтахаби девони ашъори ӯ омада расидааст. «Арӯзи Сайфӣ», ки асосан, дар боби илми арӯз аст, ҳанӯз дар замони муаллиф машҳур буда, худи муаллиф дар хусуси рисолааш чунин навиштааст:

*Сайфӣ, чи рисолае навиштӣ дилкаш,*
*К-аш ҳар ки бидид, шуд дилу ҷонаш х(в)аш.*
*Аҳли дил аз ӯ чу файзҳо меёбанд,*
*Бинвис, ки ҳаст «файзҳо» таърихаш.*

Дар ин рубоӣ, ки қитъаи таърих аст, Сайфӣ таърихи иншои рисоларо аз рӯи ҳисоби абҷад соли 1491 нишон додааст. Дар ин қитъаи таърих калимаи «файзҳо» (فیضها) моддаи таърих мебошад. Агар калимаи «файзҳо»-ро мувофиқи қиммати ҳарфҳои арабӣ ҳисоб кунем (ف =80+ي=10+ض=800+ه=5+ا=1, адади 896 ҳосил мешавад, ки ин солшумории ҳиҷрии қамарист. Агар соли 896 ҳиҷрии қамариро ба



солшумории мелодӣ баргардонем (барои солшумории ҳиҷрии қамариро ба солшумории мелодӣ баргардонидан аз ҳар сад соли ҳиҷрии қамарӣ се сол мебарорем, баъд ҳосили онро ба 622 ҷамъ мекунем), яъне аз рақами 896 рақами 27-ро тарҳ бикунем, боқӣ мемонад 879 ва рақами 879-ро бо рақами 622 ҷамъ намоем, 1491 ҳосил мешавад, ки ин соли таълифи китоб бо солшумори мелодӣ мебошад.

«Арӯзи Сайфӣ» аз муқаддимаи мухтасар ва 112 фасл иборат аст. Дар муқаддима сабаби таълифи китоб баён шуда, дар 112 фасл оид ба моҳияти шеъру шоирӣ, маъниҳои луғавии шеър ва шоир, қонуну қоидаҳои арӯз, баҳр ва дойираҳои арӯз сухан меронад. Таърифи шеър дар баёни Сайфӣ хеле аҷиб омадааст. Ӯ менависад: «Бидон, ки шеър дар луғат донистан ва дарёфтан аст ва дар истилоҳ суханест мавзун, ки далолат кунад бар маънӣ ва қофия дошта бошад ва қоил (гӯянда) қасди мавзунии он сухан карда бошад. Суханро ба мавзун қайд карда шуд, аз он ки сухани номавзунро шеър нагӯянд ва сухани мавзунро ба далолат бар маънӣ қайд карда шуд, аз он ки сухани мавзуни бемаъниро шеър нагӯянд. Ва қофия дошта бошад гуфта шуд, аз он ки сухани мавзуни дол (далолаткунанда) бар маънии беқофияро низ шеър нагӯянд. Ва қоил қасди мавзунии он сухан карда бошад гуфта шуд, аз он ки агар каломе мавзун воқеъ шавад ва қоил қасди мавзунии он калом накарда бошад, онро шеър нагӯянд дар истилоҳ. Пас, он чи дар Қуръон ва ҳадиси Расул (с.) мавзун воқеъ шудааст, шеър набошад.

Агарчи дар Қуръон бар вазни фоъилотун/ фоъилотун/фоъилот воқеъ шудааст ва дар ҳадис бар вазни фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/ фоъилот, аммо чун қоил қасди мавзунии он накардааст, онро шеър намегӯянд ва итлоқи шеър бар Қуръону ҳадис раво нест» (с.1-2).

Сайфии Бухороӣ сабаби ихтироъ ва зарурати илми арӯзро чунин шарҳ медиҳад. «Чун шеър каломест мавзун ва ҳар мавзунеро ночор аз мизоне, то зиёдат ва нуқсони он ба он тавон донист ва мизони шеър ба илми арӯз маълум мешавад.

Пас, ҳар кас, ки дар боби шеър дахл мекунад, хоҳ ба гуфтани шеър, хоҳ ба шинохтани он, бар ӯ лозим бошад, ки арӯз бидонад» (с.13).

«Арӯзи Сайфӣ» соли 1872 дар Калкутта дар тарҷумаи Блехман М.Н. ба табъ расид.

## “ЧАҲОР ГУЛЗОР”-И ХОҶА ҲАСАНИ НИСОРӢ

Асари илмӣ-таълимии шоир, тазкиранавис ва адабиётшиноси а. 16 форс-тоҷик – Хоҷа Ҳасани *Нисорӣ*, ки тақрибан байни с.ҳои 1560-1565 таълиф шудааст. Сабаби таълифи “Чаҳор гулзор”-ро худи Нисорӣ чунин баён мекунад: “Рӯзе ӯро соҳиби баландиқболу дарёдил, равшанқиёсу мардумшиносу маънирас – Убайдуллоҳхони Шайбонӣ даъват намуда, иршод мефармояд, ки барои зуд савод баровардани атфол “барои маълумоти қавоиди куллия ва таркиби ибороти порсӣ, аз қабили теъдоди ҳуруфи таҳаҷҷӣ (ҳарфҳои ҳиҷосоз) ва амсоли ҳаракоту саканот ва тақсими ҳуруфи муфрада (танҳо) ва мураккаба ва қоидаи изофат ва эҷозу табдили ҳуруф ва анвоъи асмо (исмҳо) ва афъол (феълҳо) ва ақсоми саноеъ ва бадоеъи лафзию маънавӣ ва истифодаи ташбеҳу киноя ва қавофию арӯз ва имолаю тарҳим мубтадиёнро (навомӯзонро) дар таълими рисолаҳои қадимзамона бисёр мешояд”.

“Чаҳор гулзор” аз чаҳор боб, ки “гулзор” ном дорад, иборат буда, гулзори аввал, дар навбати худ, дорои панҷ фасл, ки бо номи “гул” мустаъмал аст. Фасли (гули) аввал “Дар баёни тақсими асмои (исмҳои) ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва тафсили забони форсӣ”, фасли (гули) сонӣ “Дар асмои ҳаракот ва саканоту ақсоми афъол”, фасли (гули) сеюм “Дар ташреҳи анвоъи ҳуруфи муфрадаю мураккаба ва тағйиру табдили баъзе ҳуруф”, фасли (гули) чаҳорум “Дар тақсими изофат ва қоидаи маҳмул бар қалб”, фасли (гули) панҷум “Дар тафсили имола ва тарҳим ва қоидаи мутафарриқоту асмо ва ғайра”; боби (гулзори) дуюм мутазаммин бар ду фасл (гул) аст, ки фасли (гули) аввал дар саноеъи лафзӣ, фасли (гули) сонӣ дар саноеъи маънавӣ; боби (гулзори) сеюм низ аз ду фасл (гул) иборат аст, ки фасли (гули) аввал “Дар ибтидои шеър ва ақсоми назм”, фасли (гули) сонӣ “Дар арӯз”; боби (гулзори) чаҳорум дорои се фасл (гул) аст ва фасли (гули) аввал “Ташбеҳ”, фасли (гули) дуюм “Дар истиора”, фасли (гули) сеюм “Дар қавофӣ” ном дорад.

Чи тавре ки мебинед, боби (гулзори) дуюм ва боби (гулзори) чаҳорум бевосита ба мавзӯъи донишномаи мо тааллуқ дорад. Дар боби (гулзори) дуюм, аввал дар хусуси санъатҳои лафзии ҷинси (таҷниси) том (таҷниси мунфасил ва таҷниси муттасил), таҷниси зоид, таҷниси мураккаб, таҷниси мукаррар, таҷниси мутарраф, таҷниси хат; тарсеъ; саҷъ; мақлуб (мақлуби баъз, мақлуби кул(л), мақлуби



муҷаннаҳ, мақлуби муставӣ); радулаҷзи илассадри; сиёқатулаъдод; зуқофиятайн; мураддаф; тавшеҳ сухан ронда, ҳар санъатро фақат аз нуқтаи назари истилоҳӣ ба таври хеле мухтасар шарҳ дода, барои ҳар кадом аз ашъори шоирону муаллифони китобҳои бадеъи гузашта мисол меорад. Мас. санъати лафзии *мураддаф*ро чунин шарҳ додааст: “Ва он чунон аст, ки ду ҳарф қофия бошад ва боқӣ ҳама радиф. Чунончи, Ҷомӣ фармояд, байт:

Ман дар ғами ҳаҷру дил ба дидори ту хуш,  
Тан дар ғами ҳаҷру дил ба дидори ту хуш.  
мафъӯлу/мафоъилун/мафоъӣлу/ фаъул  
- -v/ v -v -/ v - -v/ v -

Фасли (гули) дуюми боби (гулзори) дуюми “Чаҳор гулзор” ба санъатҳои маънавии: лаффу нашр (лаффу нашри мураттаб, лаффу нашри маъкусултартиб, лаффу нашри ғайри мураттаб), мутазод, эънот, тазминулмуздаваҷ, ҳуснулматлаъ, ҳуснултахаллус, ҳуснулматлаъ, ҳуснутталаб, муроотунназир, муваҷҷаҳ, музтамилуззидайн, таъкидулмадҳ бимо юшбиҳуззам, иҳом, тансиқуссифот, эърозулкалом (ҳашв), ирсолулмасал, ирсолулмасалайн, таҷоҳули ориф, суолу ҷавоб, мусаммат, муқаттаъ, муаммо, луғаз, тазмин, иғроқ, ҷамъу тафриқ ва тақсим (ҷамъи танҳо, тафриқи танҳо, тақсиму ҷамъ бо тафриқ, ҷамъ бо тақсим, ҷамъ бо тафриқ ва тақсим), тафсир, истидрок, каломи ҷомеъ, ибдоъ, тааҷҷуб, ҳуснуттаълил, ташбиб, тарҷеъ, акс бахшида шудааст.

Боби (гулзори) чаҳоруми “Чаҳор гулзор” аз шарҳу тавзеҳи ташбеҳу истиораю қавофӣ иборат аст. Дар шарҳи ташбеҳу истиора низ муаллиф хеле кутоҳбаён аст. Нисорӣ ҳамагӣ аз ду навъи ташбеҳ (ташбеҳи шартӣ, ташбеҳи тасвият) ном мебараду халос. Чи тавре ки мебинед, Нисорӣ ташбеҳу истиораро дар қатори санъатҳои бадеъӣ ҷой надода, баръакс дар фасли алоҳида шарҳу тавзеҳ медиҳад. Сабаби ин дар он аст, ки ӯ ташбеҳу истиораро аз истилоҳоти илми бадеъ надониста, онҳоро аз ҷумлаи истилоҳоти илми баён меҳисобад.

Мувофиқи услуби баёне, ки Нисорӣ дар таълифи “Чаҳор гулзор” пеш гирифтааст, дар мадрасаҳои замони Нисорӣ баъди омӯхтани хату қоидаҳои забон бояд ба шогирдон таълим дод, ки ибтидои шеъру шоирӣ ба кадом давра тааллуқ дорад. Барои ҳамин, Нисорӣ аввал дар фасли (гули) аввали боби (гулзори) сеюм каломи “шеър” ва “шоир”-ро тавзеҳ дода, таъкид мекунад, ки нахустин шеъри мадҳиро Рӯдакӣ гуфтааст ва аввалин навъи шеърро қасида мешуморад. Ба қавли Нисорӣ, аввалин нишонаи шеър мазмуни баланд доштани он аст,

“Замини байти шеър мазмун аст, яъне касе, ки шеър мегӯяд, аввал фикри мазмун мекунад.

Сақфи байти шеър қофия аст, сутуни мехи шеър вазн аст. Яъне ба сурате, ки аз меху сутун (ватаду рукн) хона мустаҳкам мешавад. Қисми наққошии байти шеър саноеъи лафзӣ ва маънавист”. Нисорӣ касеро шоир медонад, ки дар баробари донишманд будан, бояд табъи баланд дошта бошад, нуқсу ҳусн, матбӯъву номатбӯъ, авзону қофия ва тақтеъю аркони шеърро донад.

Нисорӣ дар фасли (гули) дуюми боби (гулзори) дуюм *мусамматро* ба гурӯҳи санъатҳои маънавӣ дохил карда, барои мисол ду байт аз Муиззӣ ва як байт аз Хоқонӣ шоҳид меорад ва баъд менависад: “Аксари устодон ин санъатро ғайр аз Раҷаз нагуфтаанд, аммо муаллиф инро дар баҳри Музореъ гуфта ва аз аввал то охири ғазал ин санъат ба кор бурда:

Номат ба сина андар, чун ҷон азизу хуштар,
Бинмо рух, ай ситамгар, рӯят Мадинаи мо.
Дилҳо ба пеши чашмат, ҷонҳо ба тарси хашмат,
Он бас бувад зи хашмат ин бас қаринаи мо.
мафъӯлу/фоъилотун/мафъӯлу/фоъилотун
- -v/ - v - -/ - -v/ - v - -
ё ин ки:
мустафъилун/фаъӯлун/мустафъилун/фаъӯлун
- - v -/ v - -/ - -v -/ v - -

Ҳарчанд Нисорӣ мегӯяд, ки ӯ бар хилофи шоирони дигар ғазале дар санъати мусаммат дар вазни Музореъ эҷод кардааст, аммо ғазали ӯ, ки мо ду байти онро дар боло овардем, ҳам дар баҳри Музореъи мусаммани ахраб, ҳам дар баҳри Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф суруда шудааст ва санъати асосии он *зубаҳрайн ё мулавван* аст.

## «МУНТАХАБ-УЛ-АРӮЗ»

«Мунтахаб-ул-арӯз» аз ҷумлаи китобҳои таълимиест, ки мутаассифона, аз назари муҳаққиқон дур мондааст. Муаллиф ва соли таълифи «Мунтахаб-ул-арӯз» маълум нест. Ин асар тавассути «Нисоб-ул-сибён» маҳфуз мондаем.

Чи тавре ки гуфтем, рисолаи «Нисоб-ус- сибён» аз ҷумлаи нахустин китобҳои таълимист, ки дар он усули таълими ҳамбастагӣ бо тамоми ҷузвиёташ шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Дар охири китоби «Нисоб-ус-сибён» рисолаи хурдакаке дар ҳаҷми 9 саҳифа илҳоқ гардидааст, ки номаш «Мунтахаб -ул - арӯз» мебошад.



Дар хотимаи китоби «Нисоб-ус- сибён» омадааст: «Махфӣ мебод, ки чун рисолаи «Нисоб-ус-сибён» бағоят ва ниҳоят нофеъ ва муфид бувад аз барои мубтадиён (навомӯзон) ва соири мардумон…

Ин рисола ба қайди таҳрир оварда шуд, валекин баъзе аз мавозеи он, балки ҳама мубтанӣ аз илми арӯз бувад, бинобар ин, рисолае аз илми арӯз бар он илҳоқ намуда шуд».

Аз рӯи ин навишта чунин тахмин кардан мумкин аст, ки «Мунтахаб-ул-арӯз»- ро баъдтар мураттибони «Нисоб-ус-сибён» ба он ҳамроҳ кардаанд.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул дар рисолаи «Адабиётшиносии форсӣ- тоҷикӣ дар асрҳои XIII - XIV» дуруст тахмин кардаанд, ки «Мунтахаб - ул - арӯз» - ро ё соҳиби «Нисоб-ус-сибён» навиштааст, ё худ мураттибони баъдии асар бар он илҳоқ кардаанд. Аз мутолиаи «Нисоб - ус - сибён» маълум шуд, ки ин рисоларо Абӯнасри Фароҳӣ не, балки мураттибони баъдинаи асар баъди асри XV онро бар «Нисоб- ус- сибён» ҳамроҳ намудаанд. Сабаби чунин ҳукми қатъӣ он аст, ки дар «Мунтахаб- ул- арӯз» мисолҳои шеърие оварда шудааст, ки ба қалами Ҷомӣ ва Ваҳиди Табрезӣ (муаллифи «Ҷамъи мухтасар» - а. 15) тааллуқ дошта, дар рисолаҳои «Арӯз»- и Ҷомӣ ва «Ҷамъи мухтасар»- и Ваҳиди Табрезӣ ҳамчун шоҳид ҷой дода шудааст.

Аз муқаддимаи «Мунтахаб-ул-арӯз» маълум мешавад, ки он асосан аз илми арӯз баҳс мекунад. Дар саҳифаи аввали он омадааст: «Рисолаест аз илми арӯз, мухтасари баёни баъзе аз заруриёт ва мунтахаб аз кутуб ва саҳоифи муаббирот (баёнкунандагон) барои хушии толибон аз ҳар ҷо чида шудааст». «Мунтахаб- vл- арӯз» аз муқаддима ва 4 фасл иборат аст. Дар муқаддима дар хусуси маънии луғавию истилоҳии шеър, мухтареъи илми арӯз будани Халил ибни Аҳмад, дар бораи баҳрҳои ихтироъкардаи ӯ, афоъилу тафоъил, рукн, сабаб, ватад, фосила ва навъҳои он ба таври хеле мухтасар маълумот дода шудааст.

**Фасли якум** оид ба рукнҳои фаъӯлуну фоъилун, мафоъӣлун, фоъилотун, мустафъилун, мутафоъилун, мафоъилатун, мус-таф-ъилуну фоъи- ло-тун, мафъӯлоту ва нуздаҳ баҳри арӯз; **фасли дуюм** доир ба баҳрҳои махсуси шеъри арабӣ: Тавилу Мадиду Басит, Вофиру Комил ва баҳрҳои махсуси шеъри форсӣ- тоҷикӣ: Қариб, Мушокил, Ҷадид ва боқӣ ёздаҳ баҳри муштараки арабу аҷам (Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб), баҳрҳое, ки аз такрори як рукн ҳосил мешаванд (Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Вофир, Комил),

баҳрҳое, ки аз такрори ду рукн ба вуҷуд меоянд (Тавилу Мадиду Басит, Сареъю, Мунсареҳу Хафифу Муҷтассу Муқтазабу Музореъ) ва рукнҳои солими онҳо; **фасли сеюм** доир ба тақтеъи байт аз рӯи рукн ва зиҳофҳо; дар **фасли чорум** оид ба баҳрҳо ва дойираҳое, ки Халил ибни Аҳмад ихтироъ карда буд (Басит, Тавил, Вофир, Комил, Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамал, Музореъ, Мунсареҳ, Муҷтасс, Муқтазаб, Сареъ, Ҷадид, Қариб, Хафиф, Мушокил, Мутақориб, Мутадорик) сухан меронад. Усули таълими муаллифи рисола мисли дигар арӯзиён аз рӯи дойира сурат мегирад. Масалан, ӯ баҳрҳои Мутақориб ва Мутадорикро чунин таълим додааст: «Аммо Мутақориб як дойира дошт, онро Мунфарида мегуфтанд. Абулҳасани Ахфаш аз он баҳри Мутадорикро истихроҷ намуда, Муттафиқа ном ниҳод ба ин тариқа, ки чун ҳашт фаъӯлунро бар хатти дойира нависӣ ва аз «фаъӯ» оғоз кунӣ, баҳри Мутақориб ва агар аз «лун» оғоз кунию бигӯӣ: «лунфаъӯ», вазни «фоъилун» мешавад ва он баҳри Мутадорик аст(яъне фоъилун рукни солими баҳри Мутадорик аст- У.Т.).Баъди ин муаллиф сурати шаш дойираро (Мухталифа, Муҷталиба, Муттафиқа, Муъталифа, Мунтазиа, Муштабаҳа) меорад. Баъд аз ин барои баҳрҳои Тавили солим (як байт мисол меорад):

Ба эҳсон туӣ Ҳотам, ба рифъат туӣ Кисро,
Ба фармон туӣ Осаф, ба бурхон туӣ Исо.

Вазнаш; фаъӯлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун/ мафоъӣлун), баҳри Мадиди солим (ин байтро мисол меорад):

Дил зи баҳрат, ай санам, хуни худро мехурад,
Ҷон ба дастат, ай писар, ҷомаи тан медарад.

Вазнаш: фоъилотун/ фоъилун/фоъилотун/ фоъилун), баҳри Басити солим (ин байти Ҷомиро мисол меорад):

Чун хору хас рӯзу шаб афтодаам бар дарат[1]
Бошад, ки бар ҳоли[2] ман афтад назар ногаҳат.

Вазнаш: мустафъилун/ фоъилун/ мусттафъилун/ фоъилун), баҳри Вофир (ин байтро мисол меорад):

Чи шуд, санамо, ки сӯи касе ба чашми вафо наменигарӣ,
Зи расми ҷафо намегузарӣ, тариқи вафо иамесипарӣ.

Мафоъилатун/ мафоъилатун/мафоъилатун/мафоъилатун, баҳри Комил (ин байтро мисол меорад):

Ба санавбари қади дилкашаш, агар ай сабо, гузаре кунӣ,
Ба ҳавои ҷони ҳазини ман дили хастаро хабаре кунӣ.

---

[1]Дар рисолаи «Арӯз»- и Ҷомӣ, ки ин байт аз ӯст, «дар раҳат» омадааст.
[2]Дар рисолаи «Арӯз»-и Ҷомӣ «хоки» омадааст.



Мутафоъилун/ мутафоъилун/ мутафоъилун/ мутафоъилун), баҳри Ҳазаҷ (як байти Ҳофизро мисол меорад), баҳри Раҷаз (як байти Амир Хусрав-

**Ай чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,**
**Ҳарчанд васфат мекунам, дар ҳусн аз- болотарӣ.**

Вазнаш мустафъилун-ҳашт бор), баҳри Рамал (як байт мисол меорад), Рамали мусаддаси маҳзуф (ин байтро мисол меорад):

Гуфт: Зоҳид, аз биҳиштам деҳ хабар,
Гуфтамаш: Зинҳор номи *деҳ* мабар.),

баҳри Сареъ (ин байт чун мисол оварда шудааст):

**Вақти зарурат чу намонад гурез**
**Даст бигирад сари шамшери тез**[1]

Муфтаъилун/ муфтаъилун/фоъилот), баҳри Мунсареҳ (як байти Сайфиро мисол овардааст), баҳри Хафиф (як байти Ҷомӣ шоҳид оварда шудааст), баҳри Музореъ (як байти Ҷомиро шоҳид овардааст), баҳри Муқтазаб (як байт мисол оварда шудааст), баҳри Муҷтасс (як байтро мисол овардааст), баҳри Мутақориб (як байтро мисол овардааст), баҳри Мутадорик( як байтро шоҳид овардааст), баҳри Қариб (як байтро мисол оварда, таъкид кардааст, ки мухтареъ Мавлоно Юсуфи Нишопурист), баҳри Ҷадид (як байтро шоҳид овардааст), баҳри Мушокил (байти Ҷомӣ оварда шудааст), баҳри Басит (як байти Саъдӣ оварда шудааст), баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур ( як байтро чун мисол овардааст), Ҳазаҷи мусаммани ахраб, Ҳазаҷи мусаммани аштар, Ҳазаҷи мусаддаси мақсур (баъд менависад, ки «Юсуф ва Зулайхо» ва «Ширину Хусрав»-и Низомӣ[2], «Маснавии Носиралӣ», «Маснавии Зулолӣ[3]» дар ин вазн аст.

Бидон, ки фусаҳои Аҷам авзони *рубоӣ*, ки онро *дубайтӣ ва тарона* низ гӯянд, аз ин баҳри Ҳазаҷ ихтироъ кардаанд), Раҷази матвӣ, Раҷази мусаммани матвии махбун, Раҷази мусаммани матвии махбуни мақтӯъ, Рамали мусаммани махбуни мушаасс (v v - -) (vv - -) (v v - -) (- - - ), Рамали мусаммани машкул, Рамали мусаммани махбун, Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф, Сареъи мусаддаси матвии маҷдӯъ (муфтаъилун/ мафъӯлун/ фоъ

**Ай гулаки рӯят сунбулхез,**
**Зулфи сиёҳат оташбез.**
(- V V -/ - - - /~)

---

[1]Ин байти Саъдист. Дар ин китоб, дар мисраъи дуюм «даст гирад» омадааст, аз ҷиҳати вазн ғалат аст. Мо «Даст бигирад» навиштем.
[2]Низомӣ достони «Юсуф ва Зулайхо» надорад, номи достони Низомӣ «Хусрав ва Ширин» аст.
[3]Носиралӣ ва Зулолӣ аз шоирони асри 17 мебошанд.

бахри Мунсарехи мусаммани матвӣ (байти Саъдиро мисол меорад):

Дидаи аҳли тамаъ ба неъмати дунё
Пур нашавад, ҳамчунон ки чоҳ ба шабнам.
**муфтаъилун/ фоъилоту/ муфтаъилун/ фаъ**
- V V- /-V-V/-VV -/-

(Ҳарчанд муаллиф Мунсареҳи мусаммани матвӣ мегӯяд, вазни байти Саъдӣ Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур аст. Тақтеъи байт дар рисола дуруст аст), Мунсареҳи мусаммани аҳраб (Байт:

Гадо з- он шуд дар шаҳри парирӯ,
То рӯзҳои даврон ояд ба ҷониб.

бар вазни мафъӯлу/ фоъилотун- ду бор. Дар ин гуфтаи муаллиф байт ва тақтеъи он ба баҳри Мунсареҳи мусаммани аҳраб мувофиқат намекунад. Илова бар ин, баҳри Мунсареҳ зиҳофи аҳраб надорад. Аҳраб аз зиҳофоти баҳри Ҳазаҷ **буда,** дар баҳри Музореъ иштирок мекунад. Ин байт дар яке аз анвоъи баҳри Музореъ гуфта шудааст), баҳри Хафифи мусаддаси махбуни мушаасс (ин байти Ҷомиро мисол овардааст):

Вақти гул шуд, ҳавои гулшан дорам,
**Завқи ҷоми мудом[1] равшан дорам.**
фоъилотун/ мафоъилун/ мафъӯлун)
-V--/V-V-/---

баҳри Музореъи мусаббағ, баҳри Музореъи аҳраб, баҳ... баҳри Муқтазаб... Музореъи мусаммани аҳраби макфуфи мақсур, баҳри Муқтазаби матвии мақтӯъ (байти Ҳофизро мисол меорад:

Вақтро ғанимат дон он қадар, ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, ай ҷон, як дам аст, то донӣ.

баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур, Мутақориб... мусаммани аслам (байти Ҷомиро овардааст:

Гарам бихонӣ в- арам биронӣ,
Дили хазинро ба ҷои ҷонӣ.
фаъӯлу/ фаълун/ фаъӯлу фаълун
V - V / - - / V - V / - -

Дар рисола ба ҷои зиҳофи мақбуз (фаъӯлу) рукни соли... (фаъӯлун) омадааст, ки ғалат аст), Мутақориби мусаддаси соли... (байти Ҷомӣ оварда шудааст:

Зи дарди ҷудоӣ ҷунонам,
Ки аз зиндагонӣ ба ҷонам).

---

[1]Дар «Рисолаи арӯз»- и Ҷомӣ ба ҷои «мудом» калимаи «шароби» омадааст.



Баҳри Мутадорики мусаммани махбун (байтеро оварда, тақтеъ мекунад).

Азбаски рисолаи «Мунтахаб-ул-арӯз» ҳамагӣ аз 9 саҳ. иборат аст, лозим донистем, ки дар ин ҷо матни онро бо андаке тавзеҳот биорем:

Алҳамдулиллоҳи ало наъиммои ва шукру лаҳу ли олаиҳи ва саловоту ала Расулиҳӣ Муҳаммад ва олиҳӣ ва асҳобиҳӣ ашшоири би ашъориҳи ва баъду ху.

Хафӣ мабод, ки ин рисолаест аз илми арӯз, мухтасари баёни баъзе аз заруриёт ва мунтахаб аз кутубу саҳоифи муаббирот барои хушии толибон аз ҳар ҷо чида шудааст ва ҳувалҳодӣ илассавоб.

Бидон, ки шеър иборат аст аз каломи мавзун ва муқаффо, ки ба қасди мутакаллим судур ёбад. Ва аммо судур бе қасди шеър набошад. Ва бояд донист, ки мудаввани илми арӯз, ки Халил ибни Аҳмад аст, авзонро понздаҳ баҳр сохта ва ҳаср карда, тафоъил гӯянд ва аркон низ номанд ва он даҳ аст, назди баъзе ҳашт. Ва ин аркон назди аксар аз с а б а б, в а т ад таркиб ёбад. Сабаб дар истилоҳ калимаи дуҳарфиро гӯянд. Агар ҳарфи дуюми он сокин бошад, сабаби ха ф и ф номанд, чун «бард» ва «сард»[1]ва агар ҳарду мутаҳаррик бошад, сабаби сақил номанд, чун «ҳама» ва «рама». Ва аммо ҳарфҳои ахир барои изҳори ҳаракати моқабли ӯст. Ватад дар истилоҳ калимаи сеҳарфист ва агар ҳарфи охираш сокин бошад, ватади маҷмӯъ гӯянд ё м а қ р у н, мисли «саман»- v «суман» ва агар ҳарфи васаташ сокин бошад, ватади мафрук гӯянд, монанди «лола» ва «жола». Ва назди баъзе афоъил бар се рукн аст, ки с а б а буватаду ф о с и л а, аммо фосила низ бар ду исм аст- с у ғ р о ва кубро. Фосилаи суғро калимаи чаҳорҳарфист ба се ҳарфи аввал: мутаҳаррик «санамо» ва фосилаи кубро калимаи панҷҳарфӣ, ки чаҳори аввалаш мутаҳаррик.

Ва баъзе арӯзиёни форсӣ гуфтаанд, ки сабаб се қисм аст: хафифу сақилу мутавассит. Мисоли сабаби мутавассит, як мутаҳаррику ду сокин, чун «корд»- v «борд». Ватад низ се қисм аст: маҷмӯъ ва мафруқ ва в а т а д и к а с р а т, ки он ду мутаҳаррику ду сокин бошад, чун «ҷаҳон» ва «ниҳон».

**Фасл.** Бидон, ки афъоили хамосӣ ду бошад: фаъӯлун ва фоъилун, ки ҳар яке мураккаб аз ватади маҷмӯъ ва сабаби хафиф ва сабоъӣ ҳашт аст: мафоъӣлуну фоъилотуну мустафъилун, ки ҳар яке мураккаб аст аз як ватади маҷмӯъ ва ду сабаби хафиф ва мутафоъилуну мафоъилатун, ки ҳар яке мураккаб аст аз як ватади маҷмӯъ ва як

---

[1]Калимаҳои «бард» ва «сард» сабаб не, балки ватади мафруқ аст, яъне аз як ҳиҷои дарозу аз як ҳиҷои кӯтоҳ иборат аст. Мисоли сабаби Хафиф «дар», «бар» ва «сар» шуда метавонад.

фосилаи суғро ва мустафъилуну фоъилотуну мафъӯлоту, ки ҳар яке мураккаб аст аз ду сабаби хафиф ва як ватади мафрук. Ва бидон, ки буҳуре, ки аз такрор ё аз таркиб ҳосил мегардад, ҳамагӣ нуздаҳ аст, ки дар ин қитъа мазкур аст. Қитъа:

Раҷаз, Хафифу Рамал, Мунсареҳ, дигар Муҷтасс,
Баситу Вофиру Комил, Ҳазаҷ, Тавилу Мадид.
Мушокилу Мутақориб, Сареъву Муқтазаб аст,
Музорею Мутадорик, Қарибу низ Ҷадид.

Баъзе дар форсӣ зиёда аз ин буҳур овардааст. Аммо Халил ибни Аҳмад бинои арӯз бар понздаҳ баҳр гузошта буд. Баҳри Мутадорикро Абулҳасани Ахфаш афзуда ва Қарибу Ҷадидро мутааххирин афзудаанд.

Фасл. Бидон, ки Тавилу Мадид ва Баситу Вофир ва Комил махсуси араб аст ва дар форсӣ кам аст. Ва Ҷадиду Қарибу Мушокил махсуси Аҷам аст. Ва боқӣ-ёздаҳ баҳр муштарак аст.

Бидон, ки буҳуре, ки аз такрори як рукн ҳосил ояд, Ҳазаҷу Раҷазу Комилу Мутақорибу Мутадорик аст (баҳрҳои Рамалу Вофир низ аз такрори як рукн ҳосил мешаванд- У. Т.) ва он чи аз ду рукн сурат мегирад, Тавилу Мадиду Баситу Сареъю Хафифу Муҷтассу Музореъю Муқтазаб аст( баҳрҳои Ҷадид, Қариб, Мушокил, Мунсареҳ низ аз ду рукн сохта мешавад-У.Т.).

Бояд донист, ки баҳри Тавил ба чаҳор фаъӯлун, мафоъӣлун тамом гардад ва Мадид аз фоъилун чаҳор бору фоъилотун ва Басит аз мустафъилуну фоъилун чаҳор бор ва Вофир аз мафоъилатун ҳашт бор ва Комил аз ҳашт мутафоъилун ва Ҳазаҷ аз ҳашт мафоъӣлун ва Раҷаз аз ҳашт мустафъилун ва Рамал аз ҳашт фоъилотун ва Хафиф фоъилотун, мустафъилун, фоъилотун ду бор ва Сареъ аз мустафъилун, мустафъилун/ мафъӯлоту ду бор ва Музореъ аз мафоъӣлун, фоъилотун чаҳор бор ва Муқтазаб аз мафъӯлоту, мустафъилун чаҳор бор, Муҷтасс аз мустафъилун, фоъилотун чаҳор бор ва Мутақориб аз ҳашт фаъӯлун ва Мутадорик аз ҳашт фоъилун ва Қариб аз мафоъӣлун, мафоъӣлун, фоъилотун ду бор ва Ҷадид аз фоъилотун, фоъилотун, мустафъилун ду бор ва Мушокил аз фоъилотун, мафоъӣлун, мафоъӣлун ду бор.

Атамми (комилтари) аҷзои байт ҳашт рукн аст, бар сабаби касрат, ки онро мусамман гӯянд ва баъзе шеърро мусаддасу мураббаъ низ гуфтаанд, аммо мусалласу мусанно[1] дар форсӣ ҳаргиз наёмада, ҷуз

[1] Дар адабиёти форс-тоҷик шакли мусаллас, дар ҳақиқат вуҷуд надорад, аммо шакли мусанно хеле маъмул аст. Мисол:
Ай кабӯтар,
Бол бикшо.



арабӣ. Ва аз он баҳрҳо Сареъю Хафиф, мусаддасуласл, яъне мусамман намеояд. Мусаддасе, ки аслаш мусамман бошад, онро м а ҷ з ӯ ъ хонанд, ба эътибори кам кардани ҷузве аз он баҳр. Дар арконаш тағйир роҳ наёбад, онро солим ва он чи мутағайир гардад, зиҳоф номанд.

Фасл. Бидон, ки т а қ т е ъ аҷзои байтро ба аҷзои афоъил баробар намудан аст ба ваҷҳе, ки мутаҳаррик бо мутаҳаррик, сокин бо сокин баробар биояд, аммо ихтилофи ҳаракатро эътибор нест. Ва низ дар тақтеъ ҳуруфи малфуз муътабар аст, на мактуба. Пас алифи мамдуда дар аввал ба ҷои ду ҳарф шуморанд ва касраи изофат ҷое, ки ба ишбоъ бошад, ҳарф эътибор намоянд ва ҳарфи мушаддадро ду ҳарф шуморанд. Ва алифи васл гоҳе сокит ва гоҳе ба ҳол бошад ва «ҳо»- и «гурба»- ю «ханда» гоҳе сокит ва гоҳе ба ҳол бошад.

Бидон, ки дар т а қ т е ъ донистани авзони буҳур воҷиб ва зарурист ва зиҳофоту илал ҳам бояд донист. Мадори тағйирот ё ба нуқсон аст, ё ба зиёдат, ё ба таскини мутаҳаррик, ё ба и з м о р, ки сокин намудани «то»- и мутафоъилун бошад ё ба х а б н, ки исқоти ҳарфи дувуми сокин аз рукн, ё ба аъсб, ки сокин кардани «лом»- и мафоъилатунро гӯянд, ё ба қабз, ки исқоти ҳарфи панҷуми сокин аз рукн аст, ё ба ақл аст, ки исқоти ломи мутаҳаррик, чунон ки аз мафоъилатун мафоъӣлун кунанд, ё ба каф аст, ки исқоти ҳарфи ҳафтуми сокин аст, чунон ки фоъилотун фоъилоту бошад.

Бидон, ки ин зиҳофоти муфрадот аст, ки бо мураккаб аз ду зиҳоф ҳам хоҳад шуд, чунон ки аз мустафъилун мустаъилун ва аз мафъӯлоту мафъулоту монад, онро х а б л гӯянд ва аз мутафоъилун мустафъилун ояд, онро хазл гӯянд ва аз фоъилотун фоъилоту ба замми «то» ва аз мустафъилун мутафъилу ба замми «лом» бимонад, мафоъилу ба ҷояш оянд, ш а к л гӯянд ва аз мафоъилатун мафоъилу ояд, н а қ с гӯянд ва аз фоъилотун фолотун ё фаъотун ояд, т а ш ъ и с гӯянд. Ва ҳадафи аҳади рукнро м у о к а б а гӯянд ва илали ашъор. Ва агар дар мутафоъилун мутафоъилон ва дар фоъилун фоъилон ва дар мустафъилун мустафъилон оранд, онро изолат гӯянд. Ва дар фаъӯлун фаъӯлон ва дар фоъилотун фоъилотон оранд, онро тасбеғ гӯянд. Ва мутафоъилунро мутафоъилун тун ва мустафъилунро мустафъилун тун оранд, онро т а р ф и л гӯянд. Ва як ҳарф ё ду ҳарф, ё се ҳарф зиёда карданро ҳ а р м гӯянд. Исқоти сабаби хафиф аз охири рукнро ҳазф гӯянд ва исқоти сабаби хафиф бо сукуни мокабли онро қ а т ъ гӯянд ва

Дар фазо пар,
Сайр бинмо
фоъилотун

исқоти ҳарфи сокин аз сабаби хафифро қаср гӯянд ва исқоти як ҳарф аз охири ватади маҷмӯъро қ а т ъ гӯянд, исқоти ватади маҷмӯъ аз охири рукнро ҳазаз (кӯтоҳ шудан) гӯянд. Ва исқоти ватади мафрукро аз аҷзо аз охири рукн с а л м гӯянд. Сокин кардани «то»- и мафъӯлоту ба замми «то»- ро в а қ ф гӯянд ва исқоти ҳарфи ҳафтум аз мафъулотуро к а с ф гӯянд ва дар бадали «фаъ» «фо» оранд дар баҳри Тақорубу Ҳазаҷу Рамал, онро а б т а р гӯянд. Ва сокит кардани «мим»- и мафоъйлун(ро) х а р м гӯянд ва афкандани ҳарфи аввал аз фаъӯлунро сарм гӯянд. Исқоти ҳарфи аввал ва панҷуми мафоъйлунро шатар гӯянд исқоти ҳарфи аввал ва ҳафтуми мафоъйлунро ахраб номанд, исқоти ҳарфи аввали мафоъйлунро аъсб гӯянд. Аз мафоъилатун ҳарфи аввалро сокит карда ва ҳарфи шашумро сокин кунанд, онро а қ с а м гӯянд. Ҳарфи аввал бо ҳафтум исқот карда, ҳарфи панҷумро соқит кунанд, онро а қ с гӯянд ва дар мустафъилун фоъилун бадал аз тафоъилун оранд онро ва дар мафъӯлоту мафъӯлу бадал аз ӯлоту оранд, онро р а ф ъ гӯянд. Ва мутааххирин низ баъзе зиҳофот истихроҷ намудаанд, ки онҳоро ҷ а б б у залалу халъу чаҳфзалаъю чадъ номиданд камоло наҳиф.

Ва бидон, ки фурӯъи афоъил ҳам бисёр воқеъ гардад ба зиёдати алиф дар аҷз на табдили ҳарф ба ҳарфи дигар ва амсоли он. Ва дар ин рисола ба ин қадар иктифо афтод.

**Фасл. Дар инфикоки буҳур ва давойири онҳо.**

Бидон, ки аз барои имтиёзи баъзе буҳур аз баъзе Халил ибни Аҳмад панҷ дойира вазъ (ихтироъ) намуда, номи муносиб ниҳода буд. Ва баъдаҳу форсиён як дойираи Мунтазиа афзуда, ҳамагӣ шаш дойира муқаррар кардаанд, чунончи Басит аз як дойира мустахраҷ (хориҷ) мешавад. Масалан, агар фаъӯлун, мафоъйлунро чаҳор бор мудаввар бар хатти дойира навишта, аз фаъӯлун оғоз намоӣ, баҳри Тавил бошад ва агар (аз- У. Т.) «лун»- и лафзи фаъӯлун оғоз кунию «лун мафоъйлун фаъу» чаҳор бор бигӯӣ, вазни чаҳор бор фоъилотун, фоъилун мешавад, ки баҳри дигар аст. Агар аз «йлун» шурӯъ кунӣ ва чаҳор бор бигӯӣ «йлун фаъӯлун мафо» бар вазни мустафъилун, фоъилун мешавад, ки баҳри Басит аст ва номи ин дойира Мухталифа шуд, ба ихтилофи аркони субоъию хамосӣ. Ва баҳри Комилу Вофир аз як дойира аст, чи агар ҳашт мафоъилатун бар хатти дойира нависӣ, аз мафоъилатун (оғоз- У.Т) намоӣ, баҳри Вофир аст ва аз «илатун» оғоз кунию «илатун мафо» чаҳор бор бигӯӣ, бар вазни чаҳор мутафоъилун мешавад, ки баҳри Комил аст ва ин дойираро бинобар улфату иттиҳод Муъталифа номанд. Ҳазаҷу Раҷазу Рамал аз як дойира аст, зеро ки агар мафоъйлун чаҳор бор бар хатти дойира нависию аз «мафо» оғоз



намоӣ, Ҳазаҷ аст, ва аз «йлун» оғоз кунӣ, «йлун мафо» хонӣ, бар вазни мустафъилун мешавад, ки баҳри Раҷаз аст. Ва агар (аз- У.Т) «лун» шурӯъ кунию «лун мафоъӣ» бигӯӣ, бар вазни фоъилотун гардад, ки ин аст ва номи ин дойира Муҷталаба аст, ба сабаби ҷалби аркон аз дойираи Мухталифа. Ва баҳри (баҳрҳои-У.Т.) Мунсареҳу Музореъю Муҷтассу Муқтазаб аз як дойира берун оянд, зеро ки мафоъйлу, фоъилотуро як-як ва ду-ду ҷудо- ҷудо бар хатти дойира нависӣ ва аз «мим»-и мафоъйлун оғоз кунӣ ва бар «то»- и фоъилоту фоъилотуни дувум тамом кунӣ, баҳри Музореъи мусаммани макфуф аст. Агар аз «ъйлу» оғоз кунию гӯӣ «ъйлу фоъилоту мафоъйлу фоъилоту мафо» бар вазни фоъилоту, муфтаъилун, фоъилоту, муфтаъилун мешавад, ки баҳри Муқтазаби мусаммани матвист. Ва агар аз «лом»- и мафоъйлу шурӯъ намоию гӯӣ: «лафоъило, тамафоъӣ, лафоъило, тамафоъӣ»[1], бар вазни мафоъилун, фаъилотун, мафоъилун, фоъилотун мешавад, ки Муҷтасси мусаммани махбун аст. Ва агар аз «лоту» оғоз кунию гӯӣ: «лоту мафоъйлу фоъилоту, мафоъйлу фоъи», бар вазни муфтаъилун, фоъилоту, муфтаъилун, фоъилоту мешавад, ки баҳри Мунсареҳи мусаммани матвист ва ин дойираро Муштабаҳа гӯянд ва ваҷҳи тасмия иштибоҳи мустафъилуну фоъилотун. Мустафъилун ва фо-ило-туни муттасилу сонӣ ба фаъ ва Хафифу Музореъ таллуқ дорад, солису робеъ ба буҳури дигар. Ва Сареъю Ҷадиду Қарибу Хафифу Мушокил аз дойираи Мунтазиа - ҳама мусаддас бармеоянд, зеро ки муфтаъилун/ муфтаъилун / фоъилотуро ду-ду ва як-як ҳарф ҷудо нависӣ, аз «муф» оғоз кунӣ ва бар «лоту» тамом созӣ, баҳри Сареъи (мусаддаси- У.Т.) матвӣ ҳосил мешавад. Ва агар аз «то» -и муфтаъилун шурӯъ намоию гӯӣ: «таъилун муф[2], таъилун фо, илоту муф» бар вазни фаъилотун/фаъилотун/ мафоъилун мешавад, ки баҳри Ҷадиди (мусаддаси-У.Т.) махбун аст. Ва агар аз «илун»-и муфтаъилун оғоз намоию бигӯӣ: «илунмуфта, иълунфоъи, лотумуфта» бар вазни мафоъйлу, мафоъйлу, фоъилоту мешавад, ки баҳри Қариби (мусаддаси - У.Т.) макфуф аст. Ва агар аз «то»-и муфтаъилун»- и дуюм оғоз кунию гӯӣ: фаъилун, фоъилоту, муфтаъилун, муф, бар вазни фаъилотун мафоъилун/фаъилотун мешавад, ки баҳри Хафифи (мусаддаси У.Т.) махбун аст. Ва агар аз «лоту» оғоз намоию бигӯӣ: лоту муфта илун уфта, илунмуфта[3] бар вазни фоъилоту/мафоъйлу/мафоъйлу мешавад, ки баҳри Мушокили (мусаддаси-У.Т.) макфуф аст.

---

.... [32] Дар нусхаи асл боз ду рукн- «лафоъило, тамафоъӣ» иштибоҳан оварда шудааст.

[2] Дар нусхаи китоб «таъилун муф, таъилун муф, фоъилоту муф» навишта шудааст, ки ғалат аст.

[3] Дар нусхаи асл иштибоҳан «лотуъилун/мафоъилун/ фоъи» омадааст, ки бар вазни фоъилоту/ мафоъйлу/ мафоъйлу (Мушокили мусаддаси макфуф мувофиқат намекунад).

Ва аммо Мутақориб як дойира дошт, онро Мунфарида мегуфтанд, Абулҳасани Ахфаш аз он баҳри Мутадорикро истихроҷ намуда, Муттафиқа ном ниҳод ба ин тариқа, ки чун ҳашт фаъӯлунро бар хатти дойира нависию аз «фаъ» оғоз кунӣ, баҳри Мутақориб ва агар аз «лун» оғоз кунию бигӯӣ: «лун фаъӯ», бар вазни фоъилун мешавад ва он (рукни солими - v.Т.) баҳри Мутадорик аст.

Назири баҳри Тавили солим. Байт:

Ба эҳсон туӣ Ҳотам, ба рифъат туӣ Кисро,
Ба фармон туӣ Осаф, ба бурҳон туӣ Исо.

**Вазнаш фаъӯлун/мафоъӣлун чаҳор аст.**

Назири баҳри Мадиди солим. Байт:

Дил зи ҳаҷрат, ай санам, хуни худро мехурад,
Ҷон ба дастат, ай писар, ҷомаи тан медарад.

**Вазнаш фоъилотун/фоъилун чаҳор бор аст.**

Назири баҳри Басити солим. Байт:

Чун хору хас рӯзу **шаб** афтодаам бар дарат,
Бошад, ки бар ҳоли ман афтад назар ногаҳат.[1]

**Вазнаш мустафъилун/ фоъилун чаҳор бор аст.**

**Назири баҳри Вофир. Байт:**

Чӣ шуд, санамо, ки сӯи касе ба чашми вафо намснигарӣ,
Зи расми ҷафо намегузарӣ, тариқи вафо намесипарӣ.

Назири баҳри Комил:

Ба санавбари қади дилкаше агар, ай сабо, гузаре кунӣ,
Ба ҳавои ҷони ҳазини ман дили хастаро хабаре кунӣ.

**Вазнаш мутафоъилун ҳашт бор аст.**

Назири баҳри Ҳазаҷ. Байт:

Ало ё айюҳассоқӣ, адар каъсан ва новилҳо,
**Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.**

Вазнаш мафоъӣлун ҳашт бор аст. Дар ин вазн агар баъзе солим ва баъзе мусаббағ оранд, ҷоиз аст ва маъа зиҳофот.

Назири баҳри Раҷаз. Байт:

Ай чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,
Ҳарчанд васфат мекунам, дар ҳусн аз он зеботарӣ.

**Вазнаш мустафъилун ҳашт бор аст.**

Назири баҳри Рамал. Байт:

Шакли дил бурдан, ки ту дорӣ, набошад дилбаре,
Хоббандиҳои чашмат кам бувад ҷодугарӣ.

---

[1] Ин байт дар «Рисолаи арӯз»- и Ҷомӣ ба шакли зерин омадааст:
**Чун хору хас рӯзу шаб афтодаам дар раҳат,**
**Бошад, ки бар хоки ман афтад назар ногаҳат.**
Ифодаи «бар ҳоли ман» аз ҷиҳати таносуби сухан беҳтар аст.



Вазнаш фоъилотун ҳашт бор аст.

Рамали мусаддаси маҳзуф:

Гуфт: Зоҳид, аз биҳиштам деҳ хабар,
Гуфтамаш: Зинҳор, номи деҳ мабар.

Вазнаш фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун «Маснавӣ»-и Мавлонои Румӣ ва «Мантиқ-ут-тайр»- и Аттори Қудду сираҳо, «Нек ва ҳалво»- и Баҳоуддини Омулӣ дар ҳамин баҳр аст.

Назири баҳри Сареъ. Байт:

Вақти зарурат чу намонад гурез,
Даст бигирад сари шамшери тез.

Вазнаш муфтаъилун/ фоъилон аст.

Назири баҳри Мунсареҳ. Байт:

Он ки дилам сайди ӯст, сайди шикори ман аст,
Даст ба хунам нигор карда нигори ман аст.

Вазнаш муфтаъилун/ фоъилон чаҳор бор аст ва муфтаъилун/ фоъилоту/ муфтаъилун/ фоъилон низ ҷоиз аст.

Назири баҳри Хафиф.

**Сабзаҳо** навдамида, ёр наёмад,
Тоза шуд боғу он нигор наёмад.

Вазнаш фоъилотун/ мафоъилун/ фоаъилотун аст.

Назири баҳри Музореъ. Байт:

Хуш он мавсими баҳор, ки бар тарфи лолазор,[1]
Ниҳад ёри гулъузор ба каф ҷоми хушгувор.

Вазнаш мафоъӣлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилот ду бор аст.

Назири баҳри Муқтазаб. Байт:

Бо лабат чи металабам, бода назди ҷон чӣ бувад,
**Бо рухат чи менигарам, банда пеши хон чӣ бувад?**

Вазнаш фоъилоту/ муфтаъилун/ фоъилоту/ муфтаъилун ду бор аст.

Назири баҳри Муҷтасс. Байт:

Зи дур нест муяссар назар ба рӯи ту моро,
**Чи давлат аст, таолаллаҳ, аз қади ту қаборо.**

Вазнаш мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилотун ду бор аст.

Назири баҳри Мутақориб. Байт:

Зи шарми рухат лоларо доғ бар дил,
Зи сарви қадат сарвро пой дар гил.

Вазнаш фаъӯлун ҳашт бор аст.

---

[1] Ин мисраъ дар «Рисолаи арӯз»- и Ҷомӣ ба шакли зерин омадааст:
**Хушам мавсими баҳор, ки бар тарфи ҷӯйбор.**

Назири баҳри Мутадорик, мухтареъи Абулҳасани Ахфаш. Байт:

Чину лутфи туро банда шуд меҳру маҳ,
Хату холи туро мушки Чин хоки раҳ.

Вазнаш фоъилун ҳашт бор аст.

Назири баҳри Қариб, ки махсус аст ба форсӣ ва мухтареъи Мавлоно Юсуфи Нишопурист. Байт:

Худованди ҷаҳонбахш, шоҳи одил,
Шаҳаншоҳи ҷавонбахту раъи комил.

Вазнаш мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фоъилотун аст.

Назири баҳри Ҷадид. Байт:

Чу қадат гарчи санавбар кашад саре,
Набувад чун қади сарват санавбаре.

Вазнаш фаъилотун/ фаъилотун/ мафоъилун аст.

Назири баҳри Мушокил. Ин баҳр бо баҳри Қариб дар аркон якест:

Хезу тарфи чаман гир бо ҳарифи суманрӯй,
Гоҳ сунбули тар чину гоҳ шохи суман бӯй.

**Вазнаш фоъилоту/[1]мафоъӣлу/ фоъилоту[2]/ мафоъӣл**

**Аммо баъд махфӣ мабод, ки дар авзон зиҳофоти бисёр воқеъ шавад, масалан аз Тавил арӯзу зарб-мақбуз.**

**Назир ин аст:**

Саре тайфи ман яхбу биталъата аддҷо,
Салафат омад аз бахте, ки ин давлат аз куҷо.

**Бар вазни фаъӯлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун/ мафоъӣлун чаҳор бор аст.**

**Ва аз Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур.**

**Назир ин аст. Байт:**

Шӯре шуда аз хоби адам дида кушудем,
Дидем, ки боқист шаби фитна, ғунудем.

**Бар вазни мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣл ду бор аст. Ва баъзе ахрабу боқӣ солим, ин аст.**

**Байт:**

Ай подшаҳи хубон, дод аз ғами танҳоӣ,
Дил бе ту ба ҷон омад, вақт аст, ки боз оӣ.

**Бар вазни мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлун аст. Ва аз Ҳазаҷи мусаммани аштар. Байт:**

Дидану зи худ рафтан тарзи ошноиҳо,

---

[1] Дар нусхаи дастхат фоъилотун навишта шудааст, ки ғалат аст, зеро шакли зиҳофи макфуфи баҳри Рамал фоъилоту аст, на фоъилотун.

38. Дар нусхаи дастхат фоъилотун оварда шудааст, ки ғалат аст.



Пеши он санам будан олами ҷудоиҳо.

**Бар вазни фоъилун/ мафоъӣлун чаҳор бор аст.**

**Аз Ҳазаҷи мусаддаси мақсур ин аст:**

**Назир. Байт:**

Илоҳо, ғунчаи умед бикшой,
Гуле аз равзаи ҷовид бинмой.

**Бар вазни мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣл ду бор аст.**

**Нусхаи «Юсуф ва Зулайхо» ва «Ширину Хусрав»- и[1] Низомӣ ва маснавии Носиралӣ ва маснавии Зулолӣ[2] дар ин вазн аст.**

Ва бидон, ки фусаҳои (донишмандони) аҷам авзони рубоӣ, ки онро дубайтӣ ва тарона низ гӯянд, аз ин баҳри Ҳазаҷ ихтироъ кардаанд. Ва аз он ҳам буҳури мутафаррика (гуногун) пайдо сохтаанд (кардаанд).

Ва аз баҳри Раҷази матвӣ. Байт:

Мешукуфад гул ба чаманҳо зи насими саҳарӣ,
**Вах, чи шавад, гар нафасе паҳлӯи мо бода хурӣ.[3]**

Бар вазни муфтаъилун ҳашт бор аст.

Аз Раҷази мусаммани матвии махбун. Байт:

Он ки наботи оразаш оби ҳаёт мехӯрад,[4]
Дар шакараш нигаҳ кунад, ҳар ки набот мехурад.[5]

Ба вазни муфтаъилун/ мафоъӣлун чаҳор бор аст.

Ва аз Раҷази мусаммани матвии махбуни мақтӯъ ин аст. Байт:

Сарв нахонамат, ки ӯ нест бад- ин раъноӣ,
Моҳ нагӯямат, ки маҳ нест бад- ин зебоӣ.

Бар вазни муфтаъилун/ мафоъилун/ муфтаъилун/ мафъӯлун аст.

Ва аз Раҷази мусаддаси солим.

Байт:

Ба ишрат кӯш дар даврони гул,
**Магзор аз каф ҷом то поёни гул.[6]**

Бар вазни мустафъилун шаш бор аст.

Ва Раҷази мусаддаси матвӣ. Байт:

**Нест маро ҷуз ту нигоре дигаре,**
Менакунад ҳеҷ ба корам назаре.

Бар вазни муфтаъилун шаш бор аст.

---

[1] Достони Низомӣ «Хусрав ва Ширин» ном дорад, инчунин Низомӣ бо номи «Юсуф ва Зулайхо» достоне надорад.

[2] Носиралӣ ва Зулолӣ аз шоирони асри 17 мебошанд.

[3] Ин байт аз «Арӯзи Сайфӣ» гирифта шудааст.

[4] ин байти Саъдист.

[5] Дар нусхаи дастхат фақат як мисраъ оварда шудааст, мо мисраъи дуюмро низ овардем.

[6] Мисраъи якум ба вазни Раҷази мусаддаси солим мувофиқат намекунад.

Ва аз Рамали мусаммани садру ибтидо- солим ва ҳашв- махбун ва арӯзу зарб- маҷҳуф.

Байт:

**Он кунад қаҳри ту бо зулм, ки бо гул вай,**
**Он кунад лутфи ту бо адл, ки бо тан вай.**

Бар вазни фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун /фаъ аст.

Ва аз Рамали мусаммани мусаббағ ин аст. Байт;

**То ба кай гирям ба зорӣ ҳамчу абри навбаҳорон,**
**Аз сари андӯҳи ҳасрат дар фироқи гулъузорон?**

Бар вазни фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилийён аст.

Ва аз Рамали (мусаммани- v.Т) мушаасс[1]. Байт:

**Чи кунам, ҳар чи кунам бо ту намедорад судам,**
**Ба ҷуз он ҳилла надонам, ки аз ишқат бигрезам.**

Бар вазни фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ мафъӯлун аст.

Ва аз Рамали(мусаммани) маҳзуф ин аст. Байт:

**Ҳар киро бинам, сухаи бо ӯ зи ҳар ҷо мекунам,**
**То кунад зикри ту, сад тақриб пайдо мекунам.**

Бар вазни фоъилотун/ фоъилотун/фоъилотун/ фоъилун.[2]

Ва аз Рамали мусаммани машкул. Байт:

**Бичинод гул зи рухат қамаре намой моро,**
**Сухане бигӯву аз лаб шакаре намой моро.**

Бар вазни фаъилоту/ фоъилотун/ фаъилоту/ фоъилотун аст.

Ва аз Рамали (мусаммани- v.Т) махбун.

**Байт:**

**Шакаратро шуда гарчи сипаҳи мӯр мураттаб,**
**Магасе низ нахоҳам, ки кунад соя бар он лаб.**

Бар вазни фаъилотун чаҳор бор аст, ҳар байт-ҳашт бор.

Байт:

Муҳташамзода зи пас нахвату ҷоҳ,
Мехиромид зарифона ба роҳ.

Бар вазни фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилон[3] аст.

Ва аз баҳри Сареъи (мусаддаси- v.Т.) матвии максуфи (макшуфи- v.Т.) маҷдӯъ ин аст:

Ай гули рӯят сунбулхез,
Зулфи сиёҳат оташбез.

---

[1] Муаллиф Рамали мушаасс гуфтааст, дар асл вазни ин байт Рамали мусаммани махбуни мушаасс мебошад ва ба таври: фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ мафъӯлун ( v v - - / v v - - / v v - -  / - - -) тақтеъ мешавад.

[2] Дар нусха фаъилун навиштаанд, мо фоъилун навиштем.

[3] Муаллиф «фаъилун» навиштааст, мо «фаъилон» навиштем, зеро зиҳофи охир махбуни мақсур аст ва шакли афоъили он «фаъилон» мешавад.



Бар вазни муфтаъилун/ мафъӯлун/ фоъ аст.

Ва аз баҳри Мунсареҳи мусаммани матвӣ ин аст.

Байт:

Дидаи аҳли тамаъ ба неъмати дунё,
Пур нашавад ҳамчунон ки чоҳ ба шабнам.

Бар вазни: муфтаъилун/ фоъилоту/ муфтаъилун/ фаъ аст.

Ва аз Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуфи манҳур.[1]

Гадо зи он шуд дар шаҳри он парирӯ,
То рӯзҳое даврон ояд ба ҷониб.

Бар вазни мафъӯлу/ фоъилотун ду бор аст.

Ва аз Мунсареҳи мусаддаси матвӣ. Байт:

Шоҳи ҷаҳон бод, то замона бувад,
К- аз карамаш халқ шодиёна бувад.

Бар вазни муфтаъилун/ фоъилоту/ муфтаъилун аст.

Байт:

Ай нозанин, ки моҳи манӣ имшаб,
Раҳме бикун, чун шоҳи манӣ имшаб.

Бар вазни мафъӯлу/ фоъилоту/мафоъӣлу ду бор аст. Ва аз баҳри Хафифи (мусаддаси махбуни- v.Т) мушаасс ин аст. Байт:

Вақти гул шуд, ҳавои гулшан дорам,
Завқи номи мудоми равшан дорам.

Бар вазни фоъилотун/ мафоъилун/ мафъулун аст.

Ва аз баҳри Музореъи (мусаммани) ахраби мусаббағ. Байт:

Ай лаъли нӯшхандам, коми шакардаҳонон,
Сирри даҳон- т берун аз фаҳми нуктадонон.

Бар вазни мафъӯлу/ фоъилотун/ мафъӯлу/ фоъилийён аст.

Ва аз Музореъи мусаммани ахраби (макфуфи- v.Т) маҳзуф ин аст.

Байт:

Дидор менамоиву парҳез мекунӣ,
Бозори ишқ бар сари мо тез мекунӣ.

Бар вазни мафъӯлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилун.

Ва аз Музореъи (мусаммани- v.Т) ахраби макфуфи (мақсур- v.Т) ин аст. Байт:

Ай муртафеъ зи нисбати зоти ту шони илм,
Килки гуҳарфишони ту ратбуллисони **илм.**

Бар вазни мафъӯлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилот аст.

Ва аз баҳри Муқтазаби матвии мақтӯъ ин аст.

Байт:

---

[1] Дар асл вазни байти Саъдӣ Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур аст, на он тавре, ки муаллиф мегӯяд.

**Вақтро ғанимат дон, он қадар, ки битвонӣ,**
Ҳосил аз ҳаёт, ай ҷон, як дам аст, то донӣ.

Бар вазни фоъилоту/ мафъӯлун/ фоъилоту/ мафъӯлун

Ва аз баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур ин аст.

Байт:

Зи баски дарди ту бар ҷони нотавони ман аст,
Ҳалоки ман талабад, ҳар ки меҳрубони ман аст.

Бар вазни мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилот ду бор аст ва гоҳе рукни охир фаъилотун ва гоҳе фаъилун ва гоҳе фаъилон ояд.

Ва аз баҳри Мутақориби мусаммани мақсур ё маҳзуф ин аст.

Байт:

На чун нури рӯят бувад офтоб,
Ки ин аз хато ояд, он аз савоб.

Бар вазни се фаъӯлуну як фаъӯл аст. «Юсуф ва Зулайхо»- и Фирдавсӣ ва «Бӯстон»- v «Сикандарнома» ва «Шоҳнома» бар ин вазн аст.

Ва аз Мутақориби (мусаммани- v.Т) аслам ин аст.

Байт:

Ман ринди ошиқ в- он гоҳ тавба,
Астағфируллаҳ, астағфируллаҳ.

Бар вазни фаълун/ фаъӯлун ду бор аст.

Ва аз Мутақориби мусаммани мақбузи аслам.

Байт:

**Гарам бихонӣ в- арам биронӣ,**
**Дили ҳазинро ба ҷои ҷонӣ.**[1]

Бар вазни фаъӯлу/ фаълун чаҳор бор аст.[2]

Ва аз Мутақориби мусаддаси солим. Байт:

Зи **дарди** ҷудоӣ чунонам,
**Ки аз зиндагонӣ ба ҷонам.**[3]

Бар вазни фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун ду бор аст.

Ва аз баҳри Мутадорики мусаммани махбун ин аст.

Байт:

Чу рухат набувад *гули* боғи Ирам,
Чу қадат набувад қади сарви чаман.[4]

Бар вазни фаъилун ҳашт бор аст.

---

[1] Ин байт аз «Арӯзи Ҷомӣ» гирифта шудааст.

[2] Дар нусхаи муаллиф «фаъӯлун/ фаълӯн чаҳор бор аст» гуфтаанд, ки ғалат аст, зеро фаъӯлун рукни солими Мутақориб аст, аммо зиҳофи мақбуз шакли «фаъӯлу»-ро дорад.

[3] Ин байт аз «Арӯзи Ҷомӣ» гирифта шудааст.

[4] Ин байти Салмони Соваҷист.



Ин аст рисолаи «Мунтахаб- vл- арӯз», ки ба эмин ва тавфиқи Илоҳӣ ба ихтитом расид.

Валлоҳу алҳодиюссабил- ир- ришод.

Марди доно ба ҳар чи дарнигарад,
Айб бигзораду ҳунар бинад.

Аз нозирин риҷо (умед) он аст, ки агар дар китобат айбею қусуре бинанд, ба зайли афв пӯшанд ва ба тасҳеҳи он кӯшанд ва аналлоҳу лоязеҳ аҷдралҳуснайи.

Саннаи 1311.

Бар замоири аҳди басоир махфӣ мабод, ки китоби «Нисоб- vс-сибён» муҳашшо (ҳошия кардашуда) ба ҳавошии[1] ҷадида аз ҳошияи Мавлоно Низомуддин в- алҳақ в- алмубарро (холӣ аз гуноҳ) алмарҳум, ки ин олами ар-Рабонӣ ва олами ассамадонӣ, аънӣ(яъне) Мавлоно Ҳусейн Ал Воъиз Ал Кошифӣ раҳматуллоҳ алайҳи буда, ба тасҳеҳи тамом ва ба тафсири молокалом (баёнпазир) дар он кӯшида шудааст.

## "КАЛОМИ БАДЕЪ"-И ХУДОЙ ШАРИФОВ

Асари илмӣ-таълимии донишманди варзидаи тоҷик, профессор Худоӣ Шарифов, ки соли 1991 таълиф шудааст. Сабаб ва мақсади таълифи ин рисоларо муаллиф дар муқаддимаи он чунин баён кардааст: "Мақсад аз ин рисола хонандаро бо масъалаҳои асосии фаҳмиш, таърихи таҳқику омӯзиш, пайдоишу инкишофи каломи бадеъ ва масъалаҳои дигари он шиносонидан мебошад" (, 14). Аммо мутолааи рисола нишон медиҳад, ки устод Худоӣ Шарифов, аз он чи гуфтааст, садҳо бор зиёдтар килоро анҷом додааст, ки ба ҷуз ӯ касе аз донишмандони тоҷик чунин амалро иҷро карда наметавонист.

"Каломи бадеъ" аз муқаддима ва ду қисм иборат буда, дар охири китоб мақолаҳои "Марзи адабиёт" (с. 1990), "Маънавиёт ва ҷаҳони зоҳирӣ" (с. 1989), "Ашъори ҷонбахши дилафрӯз" (с. 1982), "Шоир ва халқ" (с. 1989) ва "Баҳору тирамоҳи зиндагонӣ" (с. 1989), ки солҳои гуногун навишта шуда буданд, ҷой дода шудаанд, ки ҳар каломи онҳо қимати як рисолаи илмиро доранд.

Қисми якуми рисола "Каломи бадеъ ва таъриху таҳқиқи он" ном дошта, аз фаслҳои: "Маъно ва мафҳуми каломи бадеъ", "Марҳалаҳои

---

[1] Ҳавошӣ-ҷамъи ҳошия (он чи ки дар канори саҳифаҳои китоб навишта мешавад) шарҳе, ки доир ба матн дар атрофи саҳифаҳои китоб навишта мешавад.

инкишофи каломи бадеъ" ва "Таъриху таҳқиқи каломи бадеъ" иборат аст. Қисми дуюм "Фунуни адабӣ ва таркиби каломи бадеъ" номида шудааст, ки фаслҳои зеринро: "Ҳунари суханварӣ ё илми муҳоварат", "Илми маъонӣ", "Илми баён. Тарз ва воситаҳои баён", "Илми бадеъ" дар бар мегирад.

Устод Худой Шарифов дар баробари он ки саманди якатози майдони илму адаби замони мо буданд, бузургтарин, ҳалимтарин, зарифтарин устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёфтанд. Ана ҳамин таъсири касби устодӣ буд, ки ӯ чунин асари пурарзишро эҷод кунад. Ӯ, ки тамоми умри худро ба таълиму тарбияи фарзандони илмдӯсти тоҷику афғону эронӣ бахшида буд, шоҳиди он буд, ки шогирдони толибилм ба чунин китоб эҳтиёҷ доранд. Барои ҳамин, устод ҳар як истилоҳи илми бадеъ, илми баён, балоғат ва фасоҳати сухан, китобҳои машҳури соҳаи каломи бадеъро омӯхта, дар асоси мисолҳои назмию насрӣ шарҳу тавзеҳ додааст. Дар ҳақиқат, касби муаллимӣ ба устод беҳтарин дастёр шудааст. Ба гумонам, ҳангоми таълифи "Каломи бадеъ" устод Худой Шарифов тасаввур кардааст, ки дар толори фарҳангии ба номи профессор Шарифҷон Ҳусейнзода дарси курси ихтисоси "Каломи бадеъ"-ро барои донишҷӯёни курсҳои болоӣ фаҳмонида истодааст. Тарзе, ки ӯ менависаду мефаҳмонад, дар ҳақиқат, сахт илмист, аммо дар навбати худ, сахт фаҳмо аст. Ба ин ҷумлаҳо диққат диҳед, вақте ки устод маънои каломи бадеъро ба хонандагон тавзеҳ медиҳад: "Таркиби каломи бадеъ аз ду калима иборат аст: калом ва бадеъ.

Барои он ки маънои "каломи бадеъ"-ро бифаҳмем, аввал калимаҳои воҳидро дониста, баъд ба фаҳмиши ин таркиб муроҷиат кардан лозим аст. Калом "иборат ё ҷумлаи дорои маънӣ" мебошад. Ин калима аз лафзи арабӣ буда, ба маънои "сухани" тоҷикӣ қариб баробар аст ва барои ҳамин, дар радифи "каломи бадеъ" "сухани бадеъ" ҳам мегӯянд. "Бадеъ" ҳам калимаи арабӣ буда, маънои тоза, нав, шигифтро дорад. Пас, аз ин ду калима таркибе сохтаанд, ки маънои сухани нав, тоза ва ҳайратангезро гирифтааст. Лекин бо фаҳмидани маънои таркиби мазкур мо донандаи чунин суханон шуда наметавонем, чунки мо ҳанӯз намедонем, ки: а) каломи бадеъ дар амал чӣ гуна аст? б) бо кадом восита ва роҳу усул чунин калом ҳосил хоҳад шуд.

Каломи бадеъ, ба он тарзе ки онро гузаштагони мо шинохтаанд, сифати сухан аст. Сифати чиз далели хосияташ бошад ҳам, ифодаи моҳият нест. Барои ҳамин, гузаштагони мо дар атрофи ин маънӣ



баҳси бисёре кардаанд ва назари онҳо ба "каломи бадеъ" шакли илмеро гирифт, ки дар ниҳоят "илми бадеъ" номида шуд" (, 15).

"Он чи ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест", мегӯянд, ки рост аст. Аз тарзи баёну шарҳу тавзеҳи ибораи "каломи бадеъ" маълум шуд, ки дар таълифи ин асар касби муаллимӣ таъсири мусбат расонидааст. Дар маҷмӯъ, устод Худой Шарифов дар "Каломи бадеъ" доир ба балоғат ва фасоҳати сухан, анвоъи асосии каломи бадеъ, каломи бадеъи асрҳои миёна, марҳалаҳои асосии инкишофи каломи бадеъ, оғози омӯзиши каломи бадеъ, "Расоил-ул-эъҷоз"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, давраи нави омӯзиши каломи бадеъ, функсияи адабӣ ва таркиби каломи бадеъ, ҳунари суханварӣ ё муҳоварат, илми маъонӣ, тарз ва воситаҳои баён, накл, таҳкия, муколама, монолог, воситаҳои баён, ташбеҳ ва тамсил, тавсифи бадеъии ташбеҳ, ташбеҳи мутлақ, ташбеҳи машрут (шартӣ), ташбеҳи киноят (муканно), ташбеҳи тасвит (муздаваҷ, муставӣ), ташбеҳи акс (маъкус), ташбеҳи тафзил (муфзил, баргашта), ғарази ташбеҳ, киноя ва таъриз, илми бадеъ: санъатҳои бадеъӣ, муболиға, иғроқ, ғулувв, иҳоми илтифот, таҷоҳули ориф, ирсоли масал, тазоду муқобала (мутобақа), талмеҳ, саволу ҷавоб, мурооти назир, лаффу нашр, тафсир, ҷамъ бо тақсим ва тафриқ (ҷамъи муфраҳ, тақсими танҳо, ҷамъ бо тафриқ, ҷамъ бо тақсим), ҳадс, тазмин, ҳуснуттахаллус: санъатҳои лафзӣ: таҷнисот (таҷниси том, таҷниси ноқис, таҷниси зоид, таҷниси мукаррар, таҷниси музореъ, таҷниси хат, таҷниси мураккаб), саҷъ (саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутарраф, саҷъи мутавозин), иштиқоқ, тарсеъ, қалб, раддулаҷузи илассадр, эънот (лузуми молоялзам, илтизом), мувашшаҳ (тавшеҳ), мураббаъ, ҳазф, такрор ва ғ. маълумоти хуби илмӣ додааст.

Яке аз беҳтарин ва комилтарин фаслҳои "Каломи бадеъ" фасли "Ҳунари суханварӣ ё илми муҳоварат" (муҳовара) мебошад, ки дар китобҳои дигари улуми адабӣ чунин тафсилот кам дида мешавад. Муҳоварат чун истилоҳоти дигари улуми адабӣ калимаи арабист. Маънои луғавиаш гуфтугӯ кардан, сухан гуфтан, саволу ҷавоб кардан аст. Ба қавли муаллифи "Каломи бадеъ" – Худой Шарифов, муҳоварат тартибу низом ва ҳунари шахс дар ҳангоми гуфтугӯ мавриди эътибору таҳқиқ қарор мегирад. Ин илмро муҳоварат, яъне ҳозирҷавобӣ низ гуфтаанд. Азбаски, муҳоварат тарзи суҳбату гуфтугӯ аст, мақсади ин илм ҳам тарзи гуфтугӯӣ ё сифати он шуда метавонад. Дар асл, вазифаи ин илм сифати сухан гуфтан аст. Устод Худой Шарифов барои нишон додани маҳорати суханварӣ ва шахсияти муҳовир аз китоби "Нафоис-ул-фунун фӣароис -ул-уюн"-и

Муҳаммади Омулӣ ҳикояти зеринро меорад: Искандар дар аснои сафар дар ақсои Мағриб ба шаҳре расид, ки ҳавои он дар сафо аз боди субҳгоҳӣ баҷотар буд. Оби он гӯё аз чашми Чашмаи Ҳайвон мерехт, бӯстонҳояш чун Фирдавс ва дарахтонаш монанди хулди барин, яъне Биҳишт буданд. Искандар бифармуд, то дар он ҷо таваққуф намоянд ва бо ҷамъе хосон дар ноҳияҳои атрофи он сайругашт мекард ва аз нузҳати (зебоии) бӯстонҳою нафосати майдонҳои он ҷо тааҷҷуб менамуд. Ногоҳ ба қабристони он ҷо расид, дид, бар гӯре навиштаанд, ки умри соҳибаш як сол буд ва бар дигаре навиштаанд, ки умраш пан сол буд. Ҳарчанд ки ҷустуҷӯй кард, ки умри касеро надид, ки ба дах расида бошад. Аз ин ҳол дар ҳайрат афтоду гуфт:

- Чунон гумон барам, ки дар ин чунин обу ҳаво тағйи фано сурат бандад ва худ дар ин шаҳр умри мардум кӯтоҳтар а Бифиристод, то аёну мардони машҳури шаҳрро аз сирри он маъ бипурсид. Онҳо, баъд аз мадҳу дуои хайр дар ҳаққи Искандар гуфтанд, ки умри зиёд он миқдор аст, ки дар маҷлисоти олимо ҳакимон, муҳоварат, удабою зурафо ба сар баранд ва ҳар он чи дар ғайри он сарф шавад, онро зоеъ шуморанд ва дар маҳалли эътибор наёваранд. Пас, ҳар касе аз мо даргузарад, ҳамон миқдор замонро ҳисоб кунанд ва бар қабри ӯ нависанд.

Ин сухан бағоят ба Искандар писандида омад. Баъд аз он ҳакимони замон ва зарифони ҷаҳонро ҷамъ карда, пайваста бо онҳо суҳбат медошт.

Муаллифи "Камломи бадеъ" кӯшидааст, ки аз як тараф масъалаҳои умумии фаҳмиш ва пайдоишу ташаккулу такому каломи бадеъро ба таври илмӣ-оммавӣ ба миён гузорад, аз тар дигар, дар заминаи онҳо масъалаҳои асосии каломи бадеъи тоҷик баён кунад.

Масалан, устод Худоӣ Шарифов дойир ба таърихи ом шудани каломи бадеъи тоҷикӣ чунин менависад: "Каломи бад тоҷикӣ дар қадим бо авастоӣ, забонҳои форсии қадиму паҳлавӣ ва суғдӣ, ба баъзе лаҳҷаҳои дигари эронӣ инкишоф ёфтааст. Бо ин заб лаҳҷаҳо каму беш намунаи асарҳо боқӣ мондаанд. Ба забони пс дарӣ-тоҷикӣ офаридани асарҳои бадеъи умри қариб ҳазору са дорад. Замони нашъунамои ҳақиқии шеъру адаби тоҷикӣ ва ка бадеъи он ба асри 10 рост омадааст. Дар каломи бадеъи а равиши асосии инкишоф мушоҳида мешавад: тарзи анъанавии кало бадеъ, ки сарчашмаи он осори паҳлавӣ ва сухани гуфтуг буд. Тағйири сухани анъанавиро дар тарзи баён ва луғату таркибо



"Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Барои таъсири сухани лаҳҷа ва маҳаллӣ ҳам далелҳои бисёр аст, ки аз ҷумлаи онҳо дар шеъри, масалан, Рӯдакӣ зиёд истифода шудани калимаҳои суғдӣ мебошад. Носири Хусрав дар "Сафарнома" менависад:

"Ва дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, ки шеъре нек мегуфт, аммо ҷавон форсӣ некӯ намедонист. Пеши ман омад, девони Мунчик ва девони Дақиқӣ биовард ва пеши ман бихонд ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд, аз ман пурсид, ба ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд."

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар асри 11 дар Табрез - ватани Қатрон як қатор калимаҳои девони Мунҷик ва Дақиқиро ғамефаҳмидаанд ва инҳо шояд калимаҳои хосси лаҳҷаи Мовароуннаҳр бошанд.

2. Таъсири каломи бадеъи арабӣ.

Донишмандони араб ва муҳаққиқоне, ки ба забони арабӣ менавиштанд, таҳқиқи каломи бадеъро вусъат доданд. Яке аз муҳаққиқоне, ки баъди Ибни Муътаз дар ин масъала саҳм гузошт, Қудома ибни Ҷаъфар буд. Миқдори санъатҳои бадеъӣ дар асарҳои ӯ аз бист зиёдтар аст. Қудома дар бораи назму наср китобҳои "Нақд-уш-шеър" ва "Нақд-ун-наср"-ро таълиф кардааст. Ин китобҳо аҳаммияти муайяни амалию назарӣ доранд.

Таҳқиқи санъатҳои бадеъӣ бо ҳамин тамом нашуд. Донишманди дигари араб – Абӯҳилол ал Аскарӣ (ваф.1005), китобе бо номи "Ас-саноъатайн" оид ба санъати назму наср навишта, миқдори умумии санъатҳоро ба 37-то расонд. Ду китоби донишманди машҳур Абдулқоҳири Ҷузҷонӣ (ваф. 1089) – "Далоил-ул-эъҷоз" ва "Асрор-ул-балоғат" низ ба масъалаҳои бадеъ бахшида шудааст.

## "НАЗМШИНОСӢ"-И ХУДОЙ ШАРИФОВ ВА УРВАТУЛЛО ТОИРОВ

Асари илмӣ-таълимии Худой Шарифов ва Урватулло Тоиров, ки с.ҳои 2005 ва 2015 ҳамчун китоби дарсӣ барои мактабҳои олии Тоҷикистон таълиф шудааст. Назмшиносӣ ҳамчун истилоҳ дар истифодаи илмии тоҷикӣ мафҳуми нисбатан нав аст. Вай ба воситаи забони русӣ аз мафҳумҳои поэтика ва стиховедение ба тоҷикӣ тарҷума ва интиқол ёфта, асосан, ба ҳукми як фанни таълимии донишгоҳҳои олӣ истифода мешавад.

Истилоҳи "поэтика" ба расмияти илмии мо баъди тарҷума ва шарҳи китоби "Поэтика"-и Арасту (Аристотел) ба забони арабӣ ба урфи илми мо ворид гардид. Ба забони арабӣ ва зимнан, ба забони форсӣ-тоҷикӣ ҳам онро: "Бутиқо" ё "Фанни шеър" мегуфтанд. "Фанни шеър" дар шарҳи Абӯнасри Форобӣ, Абӯалии Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тӯсӣ ва донишмандони дигар иборат аст аз фаҳмиши моҳияти шеър, ғаразҳои шоирӣ ва шарҳу тавзеҳи мувофиқ ба дарёфти шарқиён ба драмаи юнонӣ бо анвоъи он.

Китоби "Назмшиносӣ", ки барои истифодаи донишҷӯён ва эҳтиёҷмандони дигар пешниҳод шудааст, рукнҳои асосии поэтикаи нормативиро (дастуриро) дар бар мегирад. Аз ин рӯ, вай шеърро аз мавкеъи забону тарзи ифода ва ҷиҳатҳои шаклӣ меомӯзонад. Моҳияти китоби "Назмшиносӣ" аз чор фанни мустақили нормативӣ- вазни шеър, илми бадеъ, илми қофия ва анвоъи асосии адабӣ иборат аст.

Таълими "Назмшиносӣ" дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз оғози таъсиси он (1948) шурӯъ шудааст. Тадриси ин фанро дар Донишгоҳ Баҳром Сирус оғоз намуда, устоди бузургвор, профессор Шарифҷон Ҳусейнзода муддати мадиде ин фанро таълим медоданд, баъди ӯ Саъдоншоҳ Имронов, Назира Қаҳҳорова ва дигарон ин кори некро давом дода истодаанд. Дар таълифи ин китоб таҷрибаи ин устодон пеши назар буд ва ба эътибор гирифта шуд.

Муаллифон ба асосҳои илмии ҳар яке аз навъҳои илми "Назмшиносӣ" такя карда, онҳоро дар ҳудуди имконияти таълимӣ пешниҳод менамоянд. Барои ҳамин, гуногунии мафҳумҳо ва масъалаҳои мубоҳисавӣ то ҳадди имкон сарфи назар шуда, қонуну коидаҳо дар шакли мувофиқ ба таълими аввалия пешниҳод гардидаанд.

"Нзмшиносӣ" аз муқаддима, чор фасл (боб) ва феҳристи адабиёт иборат аст.



Фасли аввал "Авзони шеър. Вазни арӯз. Мақсад ва вазифаи фанни шеър (назмшиносӣ)" ном дорад, ки оид ба умумият ва тафовути назму шеър, оғози шеъри порсии дарӣ, аввалин шоирони порсигӯ, анвоъи вазни шеъри форсӣ-тоҷикӣ, арӯз ҳамчун системаи вазн, умумият ва тафовути арӯзи арабу аҷам, авзони ғайриарӯзӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ, шеъри ҳиҷоӣ, шеъри сафед, зиҳоф ва роҳҳои дар хотир нигоҳ доштани он, тақтеъи шеър, баҳрҳои аслӣ (солим), фаръӣ (ғайрисолим), баҳрҳои хоси шеъри арабӣ ва шеъри форсӣ-тоҷикӣ, муносибат ва вобастагии илмҳои арӯзу қофияю бадеъ баҳс мекунад.

Фасли дуюм "Анвоъи шеъри тоҷикӣ" ном дошта, дар хусуси 15 навъи шеърӣ маълумот дода шудааст.

Фасли сеюм "Фанни бадеъ" номида шудааст, ки роҷеъ ба санъатҳои маънавии ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя, мурооти назир, тавсиф, тансиқи сифот, муболиға ва иғроқ, иҳом, тазод, мутобиқа, лаффу нашр, ҷамъ, тафриқ, тафриқ бо тақсим, ҷамъ бо тафриқ, тақсим, ҷамъ бо тақсим, таҷоҳули ориф, илтифот, ирсоли масал, бароати истеҳлол, мадҳи шабеҳ ба замм, заммi шабеҳ ба мадҳ, суолу ҷавоб, тавчеҳ, талмеҳ, ҳашв, луғаз, муаммо, ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ, ҳусни тахаллус, ташхис, тазмин, назира, моддаи таърих, тафсир, сиёқатулаъдод, руҷуъ, нидо, тааҷҷуб, ҳусни таълил ва санъатҳои лафзии тарсеъ, саҷъ, таҷнис, иштиқоқ, қалб ва мақлуб, радулаҷузи илассадр, радуссадри илалаҷуз, радулматлаъ, радулқофия, табдил ва акс, эънот ё лузуми молоялзам, ҳазф, зулқофиятайн, мувашшаҳ, такрор, муламмаъ, мураддаф, мутазалзил, мудаввар, мураббаъ, мусаддас, мусамман, муқаттаъ ва мувассал, муздаваҷ маълумоти энсиклопедӣ дода, барои ҳар кадоми онҳо аз эҷодиёти широни адабиёти гузашта ва имрӯза мисолҳо оварда шудааст.

Фасли чорум "Қофия ва вазифаҳои бадеъии он" ном дошта, тамоми истилоҳоти илми қофия шарҳ дода шудааст.

Дар "Н" бори аввал дар таърихи илми адабиётшиносӣ дойир ба муносибат ва вобастагии илмҳои арӯзу қофияву бадеъ маълумот дода шудааст. Мусаллам аст, ки каломи мавзун, яъне шеър ҳамон вакт ба дилҳо роҳ меёбад, ки агар маънии олию лафзи ширину вазни хушу қофияҳои дурусту ибороти матину саноеъи бадеъии дилкаш дошта бошад. Агар яке аз ин рукнҳои шеър дуруст риоя нашуда бошад, шеър нукс пайдо мекунад ва табиист, ки таъсири он кам мегардад. Ҳамин хусусияти шеърро ба назар гирифта, шеършиносони гузаштаю имрӯза вобастагии илмҳои арӯзу қофияро махсус таъкид карда, нигоҳ доштани таносуби онҳоро дар каломи бадеъ ҳатмӣ шумурдаанд.

Вобастагии илмҳои арӯзу бадеъву қофияро дар асоси санъатҳои мураддафу мурдафу талаввуну муталаввину мулаввану зубуҳуру зубаҳрайну зуқофиятайну мутаъссасу мудахҳалу муқайяду мувассалу мухаррачу музайяду мунайяру ҳудуди қавофӣ (Мутаковис, Мутарокиб, Мутадорик, Мутавотир, Мутародиф) бештар дидан мумкин аст. Барои муайян кардани баъзе санъатҳои шеърӣ ба муҳаққиқ лозим аст, ки ҳам аз илми арӯз, ҳам аз илми қофия ва ҳам аз илми бадеъ бохабар бошад. Мас., дар ин байти Низомии Ганчавӣ:

Лайлӣ зи бурун паранд медӯхт,

Мачнун зи дарун сипанд месӯхт.

калимаҳои: "бурун" бо "дарун", "паранд" бо "сипанд", "медӯхт" бо "месӯхт" ҳамқофия шудаанд, ки дар илми бадеъ ин навъи санъатро зуқавофӣ меноманд.

Чунин вобастагии илмҳои арӯзу қофияю бадеъро дар мавриди радифу ридф ва санъатҳои лафзии мураддафу мурдаф низ баръало дидан мумкин аст. Агар як калима аз аввали шеър то охири он баъди қофия айнан такрор шавад, онро радиф меноманд.

Дар илми бадеъ бошад, шеъре ки радиф дорад, санъати бадеъии онро *мураддаф* мегӯянд. Масалан, дар ин байти Ҳофиз:

Солҳо дил талаби чоми Чам аз мо мекард

В-он чи худ дошт. зи бегона таманно мекард.

фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаълон

-v - -/ v v - -/ v v - -/ - ~

калимаи "мекард", ки баъди қофияҳои "мо" ва "таманно" такрор омадааст, радиф буда ва табиист, ки дар илми бадеъ онро санъати лафзии мураддаф меноманд.

Санъати лафзии мурдаф бошад, ба яке аз ҳарфҳои қофия- ҳарфи ридф вобастагӣ дорад. Дар илми бадеъи классикӣ мурдаф гуфта, санъати лафзиеро меноманд, ки агар дар такриби ҳарфҳои решаи қофия ҳарфи ридф омада бошад. Мисол, Фирдавсӣ гӯяд:

Зи шоҳу зи лашкар саронро бихонд,

Сазовор бо ӯ ба ромиш нишонд.

фаъӯлун/фаъӯлун/фаъӯлун/фаъӯл

v - -/v - -/v - -/v ~

Дар байти боло калимаҳои "бихонд"-у "нишонд" қофия, чузви "-анд" решаи қофия буда, ҳарфи "о" ридфи муфрад, ҳарфи "н" ридфи мураккаб ва ҳарфи "д" равии муқайяд мебошад. Азбаски дар қофияи ин байт ҳарфи ридф (ҳам ридфи муфрад ва ҳам ридфи мураккаб) омадааст, санъати бадеъии онро мурдаф меноманд.



Бамаврид аст, қайд кунем, ки ҳам мураддаф ва ҳам мурдаф дар ҳуруфи арабӣ як хел навишта мешавад (). Агар толибилм, унвончӯ ё мутахассиси адабиёт нозукиҳои радиф ва илми қофияро надонад, ба чои "мурдаф" (ҳарфи ридфдор) "мураддаф" (радифдор) ва ё баръакс ба чои "мураддаф" "мурдаф" хонданашон мумкин аст.

Соҳибони китобҳои бадеъ муталавиин, талаввун ё зубуҳур гуфта санъати лафзиеро меноманд, ки агар шеър дар ду вазн ва зиёда аз он хонда шавад. Дар аксари китобҳои оид ба илми бадеъ байти зерини Восифӣ чун мисоли мулавван оварда шудааст:

Наргиси чодуи ту оҳуи Чин,

Нофаи оҳуи ту холи чабин.

Агар байти Восифиро ба таври:

муфтаъилун / муфтаъилун / фоъилун

- v v-/- v v -/- v -

тақтеъ кунем, баҳри Сареъи мусаддаси матвии макшуф ё Рачази мусаддаси матвии мақтӯъ (марфӯъ), агар ба таври:

фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

- v - -/ - v - -/ - v -

тақтеъ кунем, баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф ва агар ба таври:

фоъилотун / фаъилотун /фаъилун

- v - -/ v v - -/ v v-

тақтеъ кунем, баҳри Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф ва агар ба таври:

фоъилотун / фаъилотун / фоъилун

- v - -/v v - -/- v -

тақтеъ кунем, баҳри Рамали мусаддаси махбун (садру ибтидо солим, ҳашвайн- махбун, арӯзу зарб – маҳзуф) ва агар ба таври:

мустафъилун / мустафъилун / фоъилун

- - v -/ - - v -/- v -

тақтеъ кунем, баҳри Рачази мусаддаси матвии мақтӯъ (марфӯъ) ё Сареъи мусаддаси матвии макшуф (садру ибтидою ҳашвайн – солим, арӯзу зарб – макшуф) ва агар ба таври:

муфтаъилун / мустафъилун / фоъилун

- v v -/ - - v -/- v -

тақтеъ кунем, баҳри Рачази мусаддаси матвии мақтӯъ ё марфӯъ (садру ибтидо – матвӣ, ҳашвайн – солим ва арӯзу зарб- мақтӯъ ё марфӯъ ё ин ки баҳри Сареъи мусаддаси садру ибтидо - матвӣ, ҳашвайн - солим ва арӯзу зарб-матвии макшуф ба вучуд меояд.

Аз байни муҳаққиқони илми бадеъ Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ба санъатҳои бадеъӣ эътибори зиёд дода, санъати муталаввинро "ақмали саноеъ ва аҷмали бадоеъ" донистааст.

## "САНЪАТИ СУХАН"-И ТӮРАҚУЛ ЗЕҲНӢ

Асари илмӣ-таълимии донишманди тоҷик – Тӯрақул Зеҳнӣ, ки дойир ба санъатҳои бадеъӣ баҳс мекунад. Ин асар бори аввал с. 1963 бо номи "Санъати бадеъӣ дар шеъри тоҷикӣ" чоп шуда буд ва баъдтар с.-ҳои 1970, 1979 ва 1992 нусхаи такмилёфтаи он нашр шуд. "Санъати сухан" аз муқаддима (дебоча), даромади сухан (балоғат, фасоҳат, илмҳои ёвари балоғат, маъонӣ, баён, бадеъ, шеър ва наср, шеър ва назм, навъҳои наср, оид ба таносуби калом, ибдоъ, маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо) ва ду қисм (боб) иборат аст.

Дар қисми якум дар бораи санъатҳои маънавии ташбеҳ ва навъҳои он, истиора, муболиға, тавсиф, сифатчинӣ (тансиқи сифот), тазод ва муқобала, тафсир, лаффу нашр, санъати шумур (сиёқатулаъдод), санъати ҷамъ, тафриқ, тақсим, тақсиму ҷамъу тафриқ, ҷамъу тақсим, ҷамъу тафриқу тақсим, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, тааҷҷуб, руҷӯъ (бозгашт), гардиш (илтифот), руҷӯи лирикӣ (қатъ), нидо, киноя ва таъриз, талмеҳ, ташхис, ирсоли масал (тамсил), ирсоли ду масал, тазмин, бароати истеҳлол, ҳусни матлаъ, ҳусни тахаллус (интиқол ё гурез), ҳусни мақтаъ, ҳусни таълил, санъати тафаннун, моддаи таърих ва хелҳои он, муаммо, чистон ё луғаз (луғз), таҷнис, таҷниси маънавӣ ва навъҳои он (муҳтамилуззидайн, тавҷеҳ, таврия, иҳом), санъатҳои лафзӣ (тафаннуноти адабӣ): таҷниси лафзӣ (таҷниси том, таҷниси зоид, таҷниси ноқис, таҷниси мураккаб, таҷниси мукаррар (муздаваҷ), таҷниси хат), иштиқоқ, тарсеъ, илтизом: навъҳои илтизом (мураддаф, зуқофиятайн, ҳоҷиб, санъати лабнорас (восиушшафатайн), санъати лабрас (мувассилушшафатайн), хелҳои саҷъ ва шеъри мусаҷҷаъ (саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутавозин, саҷъи мутарраф), санъати дугона (муздаваҷ), такрир, баргардониш, санъати ирсод (пайиш), муламмаъ, қалб, муталаввин, мувашшаҳ, санъати чорхона (мураббаъ), санъати ҳаштгона (мусамман), санъати мудаввар, санъати табдил, санъати истидрок (қабеҳу малеҳ), санъати мурофиқ, санъати титол, санъати тағйир, санъат ва хушоҳангӣ (шеъри писандида ва такаллуфӣ), нуқсонҳои фасоҳатшикани калима (танофури ҳурф, калимаҳои ноошно), хилофи қиёс, калимаҳои дуҳӯра,



калима ва шаклҳои маҳаллӣ (таъқид), нуқсонҳои фасоҳатшикани калом (заъфи таълиф, танофури калимаҳо, ҳашв ва навъҳои он), дар бораи сирқоти шеърӣ (интиҳол, салх, илмом, нақл), таворуд ва ғ. маълумоти муфассали энсиклопедӣ дода шудааст. Қисми дуюм "Мухтасари арӯзи тоҷикӣ" ном дошта, дар хусуси арӯз ва вазн, қоидаҳои ҳазф, тақтеъ ва ҳиҷо, қоидаи афзоиш, қоидаи табдил, хелҳои ҳиҷо, заҳф, имола ё кашиш, сакта, васл, баҳрҳои арӯзӣ, авзони рубоӣ ва хотима баҳс карда мешавад.

Муаллифи "Санъати сухан" дар боби "Мухтасари арӯзи тоҷикӣ" дар хусуси арӯз ва вазн, қоидаҳои ҳазф, тақтеъ ва ҳиҷо, сакта, баҳрҳо, вазнҳои аслӣ ва рукнҳои солим ба таври мухтасар сухан ронда, ҳангоми тақтеъи байт аз ашъори шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик, муосир ва эҷодиёти даҳанакии халқ мисолҳо меорад, ки бегуфтугӯ, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Аммо ҳангоми баёни баъзе масъалаҳои арӯз, номи дойираҳою баҳрҳо, шарҳи зиҳофу аркони баҳрҳои алоҳида ва тақтеъи абёт ба хатоиҳо роҳ дода шудааст. Азбаски китоби "Санъати сухан" асари илмӣ-таълимист ва аз он теъдоди зиёди донишҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳҳо ва хонандагони мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ истифода мебаранд, зарур донистем, ки баъзе ғалатҳои онро нишон диҳем ва бо ин ба хонандагону муҳаққиқон ёрии амалӣ расонем. Тӯрақул Зеҳнӣ менависад: "Дойираи савум шомили 10 баҳр буда (муаллиф дойираи сеюми арӯзи арабро дар назар дорад – У.Т.), "Муҷталиба" номида мешавад.

1. Ҳазаҷ – мафоъӣлун 4 бор,
2. Рамал – фоъилотун 4 бор,
3. Раҷаз – мустафъилун 4 бор (18).

Дар ин гуфтаи Тӯрақул Зеҳнӣ ду ғалати илмӣ ҷой дорад. Якум, ин ки дар дойираи Муҷталибаи арабӣ баъди баҳри Ҳазаҷ баҳри Раҷаз меояд, зеро принсипи дойирасозӣ дар арӯзи араб аз рӯйи ҳиҷо не, балки аз рӯйи ватаду сабабу фосила сурат мегирад. Рукни мафоъӣлун (v - - -) аз як ватади маҷмӯъ – "мафо" (v-) ва ду сабаби хафиф – "ъӣ" (-) ва "лун" (-) иборат аст. Агар аз ватади маҷмӯъи рукни мафоъӣлун, яъне аз "мафо" сар кунему то сабаби хафифи рукни сеюм равем, се бор мафоъӣлун ҳосил мешавад ва агар аз сабаби хафифи рукни мафоъӣлун, яъне "ъӣ" оғоз кунему то охири дойира равем, афоъили "ъӣлунмафо", "ъӣлунмафо", "ъӣлунмафо" ба вуҷуд меояд, ки ба ҷойи он рукни мустаъмали мустафъилунро гузошта, рукни асосии баҳри Раҷаз ва ниҳоят, агар аз "лун"-и мафоъӣлун сар кунему то охири

дойира равем, афоъили “лунмафоъӣ”, “лунмафоъӣ”, “лунмафоъӣ” ба вуҷуд меояд, ки ба ҷойи он рукни мустаъмали фоъилотунро гузошта, рукни асосии баҳри Рамал меноманд.

Дуюм, ин ки баҳрҳои Ҳазаҷу Раҷазу Рамали дойираи арӯзи араб дар шакли мусаддас ҷой гирифтаанд, муаллифи китоби “Санъати сухан” бошад дар шакли мусамман “мафоъйлун” 4 бор, “фоъилотун” 4 бор, “мустафъилун” 4 бор нишон додааст.

Аз таърихи илми арӯзи арабу Аҷам медонем, ки муаллифи «ал-Муъҷам” - Шамси Қайси Розӣ дар мавриди шарҳи луғавии истилоҳоти арӯз, аз он ҷумла, зиҳоф хеле батафсил сухан меронад. Чунин шарҳу тавзеҳот баъзан то дараҷае муфассал ва шомил аст, ки муаллифони баъдина то муҳаққиқони муосири арӯзи тоҷикӣ ин тавзеҳотро бидуни муроҷиат ба луғату фарҳангҳо бевосита аз «ал-Муъҷам” иқтибос кардаанд. Онҳо дар ин эътимоди кулли худ ба «ал-Муъҷам” баъзан ба иштибоҳ роҳ додаанд, ки яке аз онҳо маънои луғавии “зиҳоф” аст. Азбаски ин истилоҳ ба такрор меояд, зарур шуморидем, ки маънии дурусти луғавии онро нишон диҳем. Шамси Қайси Розӣ зиҳофро чунин шарҳ додааст: “Бидон, ки ҳар тағйире, ки ба усули афоъили арӯзӣ дарояд, онро з и ҳ о ф хонанд. Ва маънии з а ҳ ф дуруст аз асл ва таъхир аз мақсад ба мақсуд. Ва аз ин ҷиҳат “саҳми зиҳоф” тиреро гӯянд, ки аз нишона ба як сӯ афтад”. Муаллифи “Арӯзи тоҷикӣ” - Баҳром Сирус бидуни ишора аз “Ал-Муъҷам” навиштааст: “Зиҳоф ҷамъи зиҳаф аст. “Зиҳаф” дар забони араб ба маънои дурӣ аз асл ва ҳам ба маънии аз нишона хато рафтани тирро гӯянд”. Муаллифи “Санъати сухан” чунин навиштааст: “Зиҳоф дар фарҳангҳо ба маънои расидани тир наздики нишона мебошад” (18, 242). Донишмандони дигари тоҷик аз маъноҳои мухталифи зиҳоф сарфи назар карда, фақат маънои вобаста ба тирро меоранд. Барои ҳамин, мо лозим донистем, ки пеш аз овардани маънои луғавии “зиҳоф” аз фарҳангҳои арабӣ ба ибораи “ба нишон нарасидани тир” мулоҳиза намоем. Ин эзоҳ аз китоби «ал-Муъҷам” нопурра иқтибос шудааст, зеро мақсади Шамси Қайси Розӣ аз шарҳи “тиреро гӯянд, ки аз нишона ба як сӯ афтад”, “саҳми зоҳоф” аст, на “зоҳиф”-и муҷаррад. Пас, “зоҳиф” ё “зиҳоф”, ё “заҳф” ба сари худ маънои тирро надорад, магар ки дар паҳлӯяш тир-саҳм низ бошад. Муаллифони ҳамаи ин таълифот, аз он ҷумла, Тӯракул Зеҳнӣ, аз ибораи Шамси Қайси Розӣ – “саҳми зоҳиф” “саҳм”-и арабиро партофта, “зиҳоф”-и танҳоро оварда, ба паҳлӯи шарҳи тоҷикии он “тир”-и тоҷикиро халондаанд. Аз ин ҷо



чунин саҳв ба шарҳи маънои луғавии “зиҳоф” роҳ ёфта, паҳн гаштааст.

Дар фарҳангҳои арабӣ, аз он ҷумла, дар “Ал-мунҷир” ин калима чунин шарҳ ёфтааст: “З а ҳ ф ” – нишаста ё ба зону оҳиставу вазнин ҳаракат кардан, хазидан; з а ҳ ф и л а ш к а р - ҳаракати вазнини лашкари сершумор ба сӯйи лашкари душман, ҳуҷуми оҳиставу вазнини лашкар; з а ҳ ф и с а ҳ м – бо нишон нарасидан, сипас, ба сӯйи он заҳф (ҳаракат) кардани тир, з а ҳ ф и ш у т у р – мондаву бемадор шудани шутур; з и ҳ о ф дар арӯз тағйире, ки ба ҳарфи дуюми сабаби хафиф ва сақил ворид меояд, бинобар гарон, вазнин буданаш чунин номида шудааст.

## “ТАКМИЛАИ БАДЕЪИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ”- И АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА

Асари илмӣ-таълимии адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Абдунабӣ Сатторзода дар боби сайри таҳаввул ва такомули санъатҳои бадеъии лафзӣ ва маънавӣ, истилоҳоти адабӣ ва айбҳои шеърӣ. “Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ”аз дебоча, сарсухан, чаҳор боб, охирсухан ва китобнома иборат аст. Дар дебоча сабаби таълифи китоб ва зарурати он дар эҷоди бадеъи халқҳои Эрону Тоҷикистону Афғонистон баён шуда, дар сарсухан дараҷаи омӯхта шудани илми бадеъ ва таҳаввулу такомули он дар асрҳои 10-21 мелодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаст.

Боби якум “Дар баёни санъатҳои лафзӣ”, боби дуюм “Дар баёни санъатҳои маънавӣ”, боби сеюм “Дар баёни истилоҳоти шеърӣ”, боби чаҳорум “Дар баёни айбҳои шеърӣ” ном дошта, дар маҷмӯъ дар “Т.” 230 санъати бадеъӣ, истилоҳоти шеърӣ ва айбҳои шеърӣ шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Сарсухане, ки муаллифи “Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ” дар аввали китоб ҷой додааст, ба як асари муҳимми илмӣ-тадқиқотӣ мемонад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки маънои луғавию истилоҳии “бадеъ”-ро аз гуфтаҳои донишмандони барҷастаи форс-тоҷик, мисли Насируддини Тӯсӣ, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Тоҷалхаловӣ, Шарафуддини Ромӣ, Ҳусайн Воъизи Кошифӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, Низомуддини Аҳмад ва дигарон сар карда, барои ҳар навъи санъати бадеъӣ мисолҳои мувофиқу барҷаста биорад.

Дар мавриди тафовути таърифи бадеъ дар байни
донишмандони арабу Аҷам муаллифи "Такмилаи бадеъи форсии
тоҷикӣ" далелҳои асоснок меорад. Дар ҳақиқат, муаллифи "Меъёр-ул-
ашъор"-Насируддини Тӯсӣ "бадеъ"-ро "илми маҳосин ва бадеъни
сухан" ё "илми санъат" номидааст. Донишмандони илми бадеъи Аҷам
аз қадим бадеъро яке аз шохаҳои мустақили улуми адабӣ
меҳисобиданд. Муаллифи "Бадоеъ-ус-саноеъ"- Атоуллоҳ Маҳмуди
Ҳусайнӣ дар хусуси он ки дар гузашта аҷамиён дойир ба илми бадеъ
назари хос доштанд, чунин ишора мекунад: "Ва шоирони Аҷам баъзе
аз зебоиҳои зотия, ки машҳур ва серистеъмол буда, мисли ташбеҳу
истиороту киноят, ба зебоиҳои аразия зам кардаанд. Ва маҷмӯъро
"саноеъ" мегӯянд ва баёни онро "илми саноеъ", яъне "илми санъатҳои
бадеъӣ".

Дар "Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ" дар асоси гуфтаҳои
донишмандони форс-тоҷик умумият ва тафовути илми бадеъи араб ва
илми бадеъи форс-тоҷик хеле возеҳу равшан нишон дода шудааст.
Муаллиф кӯшидааст, ки дар асоси рисолаҳое, ки дар бораи бадеъ
таълиф шудаанд, мисли қадимтарин рисола "Тарҷумон-ул-балоға"-и
Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, "Ҳадоиқ-ус-сеҳр"-и Рашиди Ватвот,
«ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам"-и Шамси Қайси Розӣ,
"Рисолаи пирӯзӣ ва мақолаи наврӯзӣ"-и Ҳамидуддини Наҷотӣ,
"Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқӣ"-и Шамси Фахри Исфаҳонӣ,
"Дақоиқ-уш-шеър"-и Алӣ ибни Муҳаммад машҳур ба Тоҷалҳаловӣ,
"Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ"-и Шарафуддин Ҳасан ибни Муҳаммад Ромии
Табрезӣ, "Арӯзи Ҳумоюн"-и Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ мулаққаб ва
мутахаллис ба Шараф, "Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор"-и
Камолиддин Ҳусайн Воъизи Кошифӣ, "Бадоеъ-ус-саноеъ"-и Атоуллоҳ
Маҳмуди Ҳусайнӣ, "Ҷамъи мухтасар"-и Ваҳиди Табрезӣ, "Маҷмаъ-ус-
саноеъ"-и Низомуддин Аҳмад ибни Муҳаммадсолеҳи Сиддиқии
Ҳусайнӣ, "Матлаъ-ул- улум ва маҷмаъ-ул-фунун"-и Воҷидалии
Муҷмалӣ, "Бадеъ ва қофия"-и Муҳаммади Хазоилӣ ва Ҳасан Содоти
Носирӣ, "Фунуни шоирӣ"-и Ҷаъфари Сомонӣ, "Зеби сухан"-и
Саййидмаҳмуди Нишот, "Дастури забони форсӣ ва фунуни адабӣ"-и
Абдулҳусайни Саъидиён, "Санъати сухан"-и Тӯрақул Зеҳнӣ, "Илми
бадеъ"-и Маликушшуаро Абдулҳақи Бетоб, "Нақди шеъри форсӣ.
Ташбеҳ ва истиора дар забони форсӣ"-и дуктур Хусрави Фаршедвард,
"Фунуни балоғат ва синооти адабӣ"-и Ҷалолуддини Ҳумоӣ, "Фунуни
адабӣ. Баён"-и Абдулқайюми Қавим, "Маъонӣ ва баён"-и Ҷалили
Таҷлил, "Нигоҳе тоза ба бадеъ"-и Сируси Шамисо, "Зебоишиносии



сухани порсӣ. Бадеъ"-и Мирҷалолуддини Каззозӣ ва ғ. санъатҳои
таъмулу машҳури лафзию маънавиро шарҳу тавзеҳ диҳад.

Ба қавли Абдунабӣ Сатторзода, баъзе донишмандони муосир,
аз қабили дуктур Сируси Шамисо баъзе хусусиятҳои илми бадеъи
форс-тоҷикро дар даврони пешин, ки Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ
"тариқи шуарои Аҷам" номида буд, ба эътибор нагирифта, ба гардани
он айбҳои зиёде монданд. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар ҳар давру
замон илми бадеъи форсии тофикӣ қонун, меъёр ва махсусиятҳои
алоҳида дошт ва ҳангоми баҳо додан аз ин қонуну меъёрҳо сарфи
назар кардан касро ба иштибоҳ меандозад. Дар ин маврид ҳақ ба
ҷониби Сатторзоад аст, ки мегӯяд: "Иштибоҳи дуктур Сирусӣ
Шамисо дар он аст, ки сирф аз рӯйи меъёр ва арзишҳои адабии
имрӯзӣ ва он ҳам меъёру арзишҳои адабии ғарбӣ ба падидаи илми
бадеъи гузашта баҳо доданӣ шудааст" (53, 14).

Хизмати шоистаи муаллифи "Такмилаи бадеъи форсии
тоҷикӣ", пеш аз ҳама, дар он аст, ки вай сайри таърихии ҳар яке аз
санъатҳои бадеъӣ, истилоҳоти адабӣ ва айбҳои шеъриро, ки дар
рисолаҳои донишмандони илми бадеъ дарҷ шудаанд, возеҳу равшан
барқарор кардааст.

Фасли "Ба ҷойи сарсухан"-и "Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ"
низ, дар ҳақиқат, ҷолиби таҳсин аст. Муаллиф дар ин ҷо назари
донишмандони гузашта ва имрӯзаро ба таври муҳаққиқона таҳлил
мекунад. Барои ҳар гуфтааш шоҳид меорад. Дар ин фасл кӯшиш
заҳматҳои донишмандони тоҷик: Тӯрақул Зеҳнӣ, Расул Ҳодизода,
Муҳаммадҷон Шукуров, Талъат Абдуҷабборов ва донишмандони
эронӣ Саййидмаҳмуди Нишот ва Ҷалолуддини Ҳумоӣ ва диг.-ро қадр
карда, дар баробари ин, таърифоти онҳоро роҷеъ ба санъатҳои бадеъ
нопурра меҳисобанд ва худ санъатҳои маънавию лафзиро чун
таъриф мекунанд: "Санъатҳои бадеъӣ", - ба назари мо, -ҳилатҳо
гӯянд, ки таաллуқ ба лафз ё маънӣ ва ё ба ҳар ду бувад ва ҷиҳати
оройиши шакли асари бадеъӣ ва ба хотири расоӣ ва барҷаста сохтани
муҳтавои он истеъмол мешаванд" (53, 355).

## ФАСЛИ ШАШУМ
## АНВОЪИ КАЛОМИ МАНСУР (НАСР)

Навъҳои асосии насри форсии тоҷикӣ аз инҳо иборатанд: достон, ёддошт, қисса, новелла, очерк, повест, роман, ҳикоя. Насри форсии тоҷикӣ таърихи хеле қадима дорад, аммо ба маънои истилоҳи имрӯза фаҳмиши он дар солҳои бистуми асри XX маъмул гардид. Аксари адабиётшиносон дар ин ақидаанд, ки аввалин намунаҳои насри бадеии забони форсии дарӣ, асосан, силсилаи достонҳои қаҳрамонии "Шоҳнома" буданд. Намунаи қадимтарин насри боқимонда муқаддимаи "Шоҳнома"-и Абӯмансурист, ки соли 958 навишта шудааст. Насри бадеъии форсии тоҷикӣ аз ҷиҳати шаклу навъҳо дар асрҳои X-XI ташаккул ёфт. Дар адабиёти шӯравии тоҷик каломи мансур баробари каломи манзум дар асоси анъанаҳои адабии назми классикии тоҷик ва адабиёти пешқадами халқҳои олам, махсусан, адабиёти рус ҳикоя, очерк, повест, новелла ва романҳои зиёд таълиф шуданд.

### ДОСТОН

Достон калимаи тоҷикист, маънои луғавиаш қисса; ҳикоят; афсона; воқеа; моҷаро; саргузашт; овоза; шуҳрат ва ғайра мебошад. Ба маънои истилоҳӣ як навъи адабиеро гӯянд, ки ҳаҷман калон буда, дар шакли ҳам манзуму ҳам мансур эҷод карда мешавад ва дар он воқеаҳои муҳимми қаҳрамонӣ тасвир меёбад. Истилоҳи "достон"-и тоҷикӣ дар адабиёти ҷаҳон ба "поэма" (эҷод мекунам)-и юнонӣ мутобиқ аст. Барои ҳамин, асарҳои калонҳаҷми муаллифдору бемуаллиф, сурудҳо, қиссаву ривоятҳо ва асарҳои машҳури эҷодиёти даҳонакии халқ, аз қабили "Гӯрғулӣ" ва ғайраро достон номидан мумкин аст. Асарҳои "Илиада" ва "Одиссея"-и Ҳомер, "Маҳабҳарата"-и ҳиндӣ, "Энеида"и Вергилий, "Мазҳакаи илоҳӣ"-и Данте ва ғайра намунаи аввалин достонҳо маҳсуб меёбанд. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ достон таърихи хеле қадима дорад. Аксари адабиётшиносон достони "Дарахти асурик уд буз"-ро, ки тақрибан дар асрҳои II-III ба забони паҳлавӣ-форсии миёна (сосонӣ) таҳриру такмил гардидааст, намунаи нахустин достон дар адабиёти форс - тоҷик меноманд. Нишонаи асосии достон дар он аст, ки дар он тасвир ва нақлу ривоятҳо мукаммалу муфассал буда, саргузашту корномаҳои пурмуҷаро ва рафтору кирдори аҷиби қаҳрамонон мавқеи марказиро ишғол менамояд. Як хусусияти достон дар он аст, ки вай бояд сюжети



мукаммалу муфассал дошта бошад, тасвирҳо ҳама объективона ва воқеӣ, рафтору кирдори қаҳрамонон , муносибати онҳо бо одамон, рӯйдоду муҳити зиндагӣ ҳамаҷониба тасвир шуда бошад. Бо мурури замон достон аз ҷиҳати шаклу мазмун тағйир ёфт. Дар натиҷа достонро ба навъҳои достони ишқӣ-романтикӣ, достони лирикӣ (ғиноӣ), достони эпикӣ, достони лирикию эпикӣ, достони пандуахлоқию фалсафӣ, достони моҷароӣ ва ғайра ҷудо кардан мумкин аст. Инчунин, достонҳое вуҷуд доранд, ки дар онҳо лавҳаҳои гуногуни зиндагии мардум бо тамоми ҷузъиёташон тасвир ёфтаанд. Агар дар достони қаҳрамонӣ, асосан нақлу ривоят (мисли "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ) ҷои асосиро гирад, дар достонҳои ишқӣ-романтикӣ муколама ва мунозираи қаҳрамонон мавқеи марказӣ дорад. Аввалин достонҳои ишқии романтикӣ, ки то замони мо расидаанд, "Варқа ва Гулшоҳ"-и Айюқӣ (асри 11), "Вис ва Ромин"-и Фахруддини Гургонӣ (асри 11) мебошанд. Шоирони минбаъда мисли Низомии Ганҷавӣ (асри 12), Хусрави Деҳлавӣ (асрҳои 13-14), Ҳоҷуи Кирмонӣ (асрҳои 13 -14), Салмони Саваҷӣ (асри 14), Ҷомӣ (асри 15), Ҳотифӣ (асрҳои 15 -16), Мактабии Шерозӣ(асри 16), Осафии Ҳиравӣ (асрҳои 15-16), Мулҳами Бухороӣ (асри 18), Шамсуддин Шоҳин (асри 19) ин анъанаро давом дода, дар асоси қиссаи ишқу ошиқии Лайлию Маҷнун ва Хусраву Ширин достонҳои ишқӣ- романтикӣ эҷод карданд, ки моҷарою қиссаи ишқи поку сӯзони ду дилдода (Лайлию Маҷнун, Хусраву Ширин, Юсуфу Зулайхо) сюжети асосии онҳоро ташкил медиҳанд. Достонҳои "Калила ва Димна"-и Рӯдакӣ ва "Рӯшноинома" ва "Саодатнома"-и Носири Хусрав намунаи хуби достонҳои пандуахлоқию фалсафӣ мебошанд. Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик достонҳои ахлоқию фалсафии суфиёна таълиф карда шуданд, ки асосгузори он шоири охири асри 11 ва аввали асри 12 Саноии Ғазнавист (1079- 1142). Қариб тамоми достонҳои адабиёти форс- тоҷик дар навъи шеърии маснавӣ навишта шудаанд, ки ҳар як байти онҳо қофияи алоҳида дорад. Барои ҳамин, асари Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ "Маснавии маънавӣ" ном гирифтааст.

Анъанаи достоннависӣ дар адабиёти шӯравии тоҷик низ давом кард. Шоирони бузурги мо Абулқосим Лоҳутӣ достони "Сафари Фарангистон", Абдусалом Деҳотӣ (достони "Манзараҳои сегона"), Муҳаммадҷон Раҳимӣ (достони "Барои тиллои сафед"), Мирсаид Миршакар (достони "Одамон аз Боми Ҷаҳон") достонҳое эҷод карданд, ки сюжети ягона надошта, аз ягон муколамаи калон ё лахзаҳои алоҳида иборат буданд. Минбаъд дар мавзӯи Ҷанги Бузурги

Ватанӣ достонҳои зиёд навишта шуданд (мисли "Писари Ватан"-и Мирзо Турсунзода, "Мавҷҳои Днепр", "Сурӯши Сталинград"-и Муъмин Қаноат), ки дар онҳо қаҳрамони ликрӣ хеле фаъол буд. Бесабаб нест, ки дар адабиёти солҳои 70 -80- уми асри 20 тоҷик истилоҳи нави "достони лирикӣ" рӯйи кор омад ва маъмул гардид. Ба қавли адабиётшиносон, достони лирикӣ нисбат ба достонҳои эпикии лирикӣ хурдтар буда, қаҳрамони лирикӣ фикру андешаҳои худро тавассути муколама баён месозад.

## ЁДДОШТ

Ёддошт калимаи тоҷикӣ буда, маънои луғавияш хотира, ҳар аломат ё нишонае, ки барои ёдоварӣ менависанд. Маънои ҳофизаро низ дорад. Ба маънои истилоҳӣ навъи махсуси эҷоди бадеъист, ки заминаи соф ҳаётӣ дошта, дар он шоиру нависанда ҳамон воқеа ва ҳодисаҳоеро тасвир мекунад, ки худ шоҳиди бевоситаи онҳо гаштааст. Дар асарҳои ёддоштӣ қаҳрамони асосӣ худи муаллифи асар мебошад. Илова бар ин, ҳуҷҷату санадҳои таърихӣ, навиштаю (баёзӣ) хотираҳои шахсӣ, навиштаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо ва маводи бойгониҳо манбаъҳои асосии ёддошт маҳсуб мешаванд. Барои ҳамин, зиндагинома ва сафарномаҳои шоирону нависандагонро яке аз ҷузвҳои ёддошт ҳисобидан мумкин аст. Ба қавли муҳаққиқон, нахустин ёддоштро муаррихи Юнони Қадим-Ксенофонт ва диктатори Рум – Гай Юрий Сезар навиштаанд. Ёддоштнависӣ дар адабиёти форс-тоҷик таърихи хеле қадима дорад. Дар чандин асарҳои машҳури таърихӣ, мисли : "Таърихи Байҳақӣ", "Таърихномаи Ҳирот", "Табақоти Носирӣ" ва ғайра манзараҳои ҳақиқии рӯйдодҳо, сӯхтору куштору, саргузашту тақдири одамони машҳури таърихӣ тасвир шудаанд. Шоирону донишмандони машҳури форс – тоҷик мисли: Абӯалии Сино ва Носири Хусрави Қубодиёнӣ тарҷумаи ҳоли хешро навишта буданд. Дар таърихи адабиёти форс- тоҷик асарҳои "Сафарнома" -и Носири Хусрав, "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Восифӣ, "Латоиф- ут- тавоиф" -и Алии Сафӣ ,"Макорим -ул- ахлоқ"-и Хондамир ва ғайра ба тарзи ёддошт навишта шудаанд, ки аҳаммияти зиёди илмию адабӣ ва таърихӣ доранд. Асарҳои машҳури Саъдии Шерозӣ --"Бӯстон"- у "Гулистон", ки дар натиҷаи сафарҳои зиёду мулоқот бо ашхоси касбу кори гуногун таълиф шудаанд, намунаи барҷастаи ёддошт маҳсуб мешаванд. Дар таърихи адабиёти шӯравии тоҷик Садриддин Айнӣ анъанаи ёддоштнависиро давом ва такмил



дод. Асарҳои машҳури ӯ : "Аҳмади девбанд" (1928), "Мактаби кӯҳна" (1935), "Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам" (1948) ва "Ёддоштҳо" (ҷ.1,2. 1947-1948, ҷ.3 1950, ҷ. 4 1954) воқеа ва ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоии Аморати Бухороро дар солҳои 1882 -1903 таҷассум мекунад. "Субҳи ҷавонии мо"-и Сотим Улғзода дуюмин асари ёддоштӣ дар адабиёти шӯравии тоҷик мебошад. Баъдтар шоирону нависандагони муосири тоҷик анъанаи ёддоштнависиро давом дода, асарҳое офариданд, ки ҳамаи онҳо дар асоси чизҳои дидаю мушоҳида ба вуҷуд омадаанд. "Тобистон"-и Пӯлод Толис (1958) , "Маъвои дил" (аз ду қисм, 1970-1979)-и Раҳим Ҷалил, "Ёди ёри меҳрубон"-и Мирсаид Миршакар (1970) ва "Айёми ҷавонӣ"-и ӯ (1972), "Устоди ман, мактаби ман, худи ман"-и Ҷалол Икромӣ (1972) ва "Он чӣ аз сар гузашт"-и ӯ (2009), "Қайдҳо аз дафтари хотираи Аълохон Афсаҳзод" ва ғайра намунаи беҳтарини ёддошт мебошанд. Солҳои охир дар адабиёти тоҷик ёддоштнависӣ хеле ривоҷу равнақ ёфт ва шоирону нависандагону донишмандон, аз қабили Раҷаб Амонов, Убайд Раҷаб, Ҷумабой Азизқулов ва дигарон барои пос доштани хотири адибону донишмандон, арбоби мактабу маориф, кормандони машҳуру маъруфи давлатӣ, қаҳрамонони Тоҷикистон ва ашхоси дигар аз навъи адабии ёддошт ба таври васеъ истифода кардаанд.

## ҚИССА

Қисса калимаи арабист, маънои луғавияш афсона; ҳикоят, саргузашт, шарҳи ҳол буда, ба маънои истилоҳӣ як навъ асарест, ки ҳам дар адабиёти шифоҳӣ ва ҳам дар адабиёти китобӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Одатан дар қисса ҳолату саргузашти қаҳрамони лирикӣ ба тариқи таърифу тавсиф, нақл ё ситоиш карда мешавад. Дар гузашта асарҳои манзуму мансуре, ки дар мавзӯъи ишқу ошиқӣ навишта мешуд, қисса низ меномиданд. Масалан, қиссаи Лайлию Маҷнун, қиссаи Юсуфу Зулайхо, қиссаи Фарҳоду Ширин ва ғайра. Хусусиятҳои адабию бадеӣ ва ҳудуди қисса ҳамчун навъи адабӣ дар адабиёти классикии форс -тоҷик ва адабиёти муосир равшан нест. Гоҳе қиссаро ба маънои ҳикоя ва достон ба кор мебаранд. Аммо тафовути қисса аз достон дар он аст, ки асоси достон ба моҷарое вобаста буда, дар қисса саргузашти шахсе, яъне қаҳрамони лирикӣ аз замоне то замоне тасвир карда мешавад. Барои ҳамин, ба корномаи шахс вобаста будани қисса он ба маъно ва мафҳуми "повествование"-и русӣ, ки аз истилоҳи повест (ривоят, гуфтор, қисса) сарчашма мегирад, наздик аст. Қисса мисли анвоъи дигари адабӣ вобаста ба

мавзую мазмун таърихӣ, қаҳрамонӣ, ишқӣ, динӣ, саргузаштӣ ва ға
мешавад. Дар адабиёти муосири тоҷик ҳоло қиссаро ба ҷои по
истифода мебаранд. Асарҳои “Одина”, “Марги судхӯр”-и Садрид
Айнӣ, “Тирмор” ва “Ман гунаҳгорам”-и Ҷалол Икромӣ, “Ё
боҳиммат” ва “Ривояти суғдӣ” -и Сотим Улуғзода, “Тобисто
Пӯлод Толис, “Одамони куҳна” ва “Дар он дунё”-и Фазлид
Муҳаммадиев ва чандин повестҳои нависандагони муосири тоҷи
қисса номидан мумкин аст. Дар асоси нақл ва ривоятҳои халқӣ им
баъзе асарҳо офарида мешаванд, ки онҳоро қисса низ меноманд.

## НОВЕЛЛА

Новелла калимаи итолиёвӣ буда, маънои луғавияш навиг
мебошад. Ба маънои истилоҳӣ яке аз навъҳои хурди каломи мансу
гӯянд, ки аз ҷиҳати ҳаҷм гоҳе ба ҳикоя монанд буда, аз ҷиҳати со
таркиб ва воқеаҳои дарбаргирифтааш аз он тафовут дорад. Д
ибтидо новелла дар асоси ягон воқеаи одии ҳаётӣ навишта меш
Новелла ҳамчун навъи адабӣ дар адабиёти давраи эҳёи Ғарб (Итал
пайдо шуда, сипас дар Англия, Испания, Франсия паҳн гардид. Аса
“Декамирон” -и Ҷ. Боккачо намунаи беҳтарини ин навъи адабист. Д
адабиёти ҷаҳон Г. Мопасан, А. П. Чехов, А.М. Горкий, М. Зошен
А. Платонов ва дигарон устодони ин навъи адабӣ шинохта шудаа
Дар адабиёти классикии форс-тоҷик бо ин ном навъи адабие наб
Новелла ба адабиёти тоҷик дар натиҷаи таъсири адабиёти р
гузаштааст(хусусан, таъсири новеллаҳои А. П. Чехов), ҳарчанд
асарҳои ба хусусиятҳои шаклию мазмунӣ монанди онро дар адабиё
шифоҳӣ ва китобии давраи қадими форс – тоҷик (китобҳ
пандуахлоқии “Панчатантра”, “Калила ва Димна”, “Синдбодном
“Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”, “Абӯмуслимнома”, “Доробнома”, “Самаки айё
“Чор дарвеш”) пайдо кардан мумкин аст. Шоирону нависандаго
бузурги форс-тоҷик Саъдии Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Восиф
Аҳмади Дониш ва дигарон дар асарҳои худ ҳикояҳои ба новел
монандро ба мақсади тарғиби ақидаҳои ватандӯстию инсондӯст
ахлоқию тарбиявӣ, дӯстию бародарӣ истифода кардаанд. Д
адабиёти муосири тоҷик Ҳаким Карим яке аз устодони ин навъи ада
шинохта шудааст( новеллаҳои ӯ : “Худписанд”, “Хаппак”, “Туҳф
“Ҳақиқати талх”, “Одам дар халта”, “Бегуш” ва ғайр
Нависандагони дигари тоҷик мисли Раҳим Ҷалил, Фазлидди
Муҳаммадиев, Урун Кӯҳзод, Сорбон, Ҷумъа Одина, Абдулҳами



мад, Ҷонибек Акобиров ва дигарон новеллаҳои мустақил эҷод
рдаанд.

## ОЧЕРК

Очерк калимаи русӣ буда, тавассути адабиёти рус ба адабиёти
ҷик гузаштааст. Ба маънои истилоҳӣ яке аз навъҳои хурди каломи
нсури ҷинси эпикиро гӯянд. Асос ва заминаи очеркро нақлу баён ва
свири ашхоси реалӣ ва воқеаю ҳодисаҳои ҳақиқии ҳаётӣ ташкил
диҳанд. Мундариҷа ва ғояи очерк ба кашфиёти иҷтимоӣ ва
қеаҳои муҳимми зиндагӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар очерк
амону воқеаҳои ҳаётӣ бо ному ҷою тафсилоташон тасвир карда
шаванд. Бино ба ақидаи муҳаққиқон, дар адабиётшиносӣ ва
блисистика ду навъи очерк- очерки ҳуҷҷатӣ (публисистӣ) ва бадеӣ
ҷуд дорад. Дар очерки ҳуҷҷатӣ, чи тавре ки аз номаш маълум аст,
ён ва инъикоси воқеа аз ҳодисаҳои зиндагӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои
иқу раднашаванда бояд сурат бигирад. Дар очерки бадеӣ бошад
ъолияти одамон ва ҷамъият, муносибати мухталифи одамони
ногунхислат, низоъ ва задухурдҳои сершумори ашхоси гуногун,
кту фазо,ҷою макон, шароиту муҳит, табиату манзара ва ғайра ба
ври бадеӣ ҷамъбаст карда мешавад. Ба қавли донишманди тоҷик-
ҳиб Табаров, дар адабиёти форс-тоҷик “Сафарнома”-и Носири
срав яке аз аввалин намунаҳои очерк ба ҳисоб меравад, ки минбаъд
ибони дигар аз Восифӣ то Мирзо Сироҷи Ҳаким ба услубу шаклҳои
ногун чунин сафарномаҳо навиштаанд. Очерк дар адабиёти
омиллати шӯравӣ чун аслиҳаи муҳим барои давлат ғояҳои
ммунизм истифода бурда мешуд. Адибони тоҷик аз солҳои бистуму
оми асри бистум сар карда, ба очерк таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Онҳо
рои ба корномаҳои нав ба нав сафарбар кардани мардум ва барои
байн бурдани норасоиҳои иҷтимоӣ ба очерк рӯ оварданд. Очеркҳои
ашни таърихӣ”, “Тирози ҷаҳон”-и Садриддин Айнӣ, “Сайёҳати
хоро бо ҳамроҳи Айнӣ” ва “Қаҳрамони Днестр, Висла ва Одер”-и
тим Улуғзода, “Сафари Кӯлоб” ва “Аз Сталинобод то ба Киев”-и
лол Икромӣ ва очеркҳои Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин
ҳаммадиев, Шодӣ Ҳаниф, Мутеулло Наҷмиддинов ва дигарон
мунаи беҳтарин очеркҳои адабиёти муосири тоҷик маҳсуб меёбанд.

## ПОВЕСТ

Повест калимаи русист, маънои луғавияш ривоят, гуфтор, кисса мебошад. Ба маънои истилоҳӣ яке аз навъҳои каломи мансури ҷинси эпикиро (ҳамосиро) гӯянд. Нишонаи асосӣ дар повест дар он зоҳир мегардад, ки низоъҳои ҳаётӣ дар атрофи роҳи паймудаи қаҳрамони марказӣ пай дар пайю ботадриҷ ва баъзан тезутунд тасвир карда мешавад. Повест нисбат ба анвоъи дигари адабӣ: очерку ҳикояю новелла ҳаҷман калонтар буда, бештари унсурҳои сюжет ба воситаи амалиёти қаҳрамони асосӣ бо персонажҳои дигар риоя карда мешавад. Дар адабиёти рус повестҳои "Шинел","Хиёбони Нева", "Бинӣ", "Қайдҳои савдоӣ"-и Н. В. Гогол, "Нусха", "Ҳокима", "Кеточка Незвановна"-и Ф.М. Достоевский, "Саҳро"-и А.П. Чехов, "Деҳа"-и И.А. Бунин ва ғайра шухрати зиёд пайдо кардаанд. Дар адабиётшиносии тоҷик дар бештари маврид ба ҷои повест истилоҳоти "қисса", "достон" ва "ривоят " истифода бурда мешавад, зеро дар дохили бештари асарҳои калонҳаҷми халқӣ ва китобҳои давраи классикии тоҷик, мисли: "Абӯмуслимнома", "Чор дарвеш", "Анвори Суҳайлӣ", "Самаки Айёр", "Тӯтинома", "Ҳазору як шаб" ва ғайра қиссаю ривояту ҳикояҳои зиёде мавҷуд аст, ки аксари онҳо мувофиқи қонунҳои имрӯзаи повест эҷод шудааст. Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, дар байни мардуми даризабонон (Афғонистон) ва форсизабонон (Эрон) ба ҷои повест муродифи он-"достон"-ро низ истифода мебаранд. Повест ҳамчун истилоҳ солҳои 20-уми асри XX аз адабиёти рус ба адабиёти тоҷик гузашт ва бо мурури замон маъмул гардид. Асари "Ҷаллодони Бухоро"-и Садриддин Айнӣ (1920) нахустин повести шӯравии тоҷик маҳсуб мешавад. Ба ақидаи адабиётшиносон, асарҳои "Одина" ва махсусан, "Марги судхӯр"-и Айнӣ намунаи беҳтарини повестҳои реалистии адабиёти тоҷик ба шумор мераванд. Адибони тоҷик анъанаи повестнависии устод Айниро давом дода, повестҳое эҷод карданд, ки ганҷинаи бадеии насри тоҷикро ғанӣ гардониданд. Повестҳои "Тирмор", "Зуҳра" ва "Ман гунаҳгорам"-и Ҷалол Икромӣ, "Ёрони боҳиммат" ва "Ривояти суғдӣ"-и Сотим Улуғзода, "Ҷавонӣ" ва "Тобистон"-и Пӯлод Толис, "Одамони кухна" ва "Варта"-и Фазлиддин Муҳаммадиев, "Иншо дар мавзӯъи озод"-и Ҷумъа Одина, "Санги сипар"-и Сорбон, "Камони Рустам" ва "Сукути куллаҳо"-и Саттор Турсун, "Паррончакҳо", "Косаи давр" ва "Аспи бобом"-и Абдулҳамид Самад, "Дарди ишқ" ва "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзоев ва ғайра ба мавзӯъҳои мухталифи ҳаёту зиндагии мардуми мо, кишвари мо бахшида



шудаанд. Масалан, повести "Паррончакҳо"-и Абдулҳамид Самад ба давраи хеле хуши зиндагӣ- давраи донишҷӯӣ бахшида шудааст. Повести "Иншо дар мавзӯъи озод"-и Ҷумъа Одина бошад дойир ба ҳаёту таҳсили шогирдони мактаб баҳс мекунад. Илова бар ин, дар адабиёти муосири тоҷик повестҳои фантастикӣ пайдо шуда, хеле ривоҷ ёфтаанд. Повестҳои "Нодар" ва "Сунбула"-и Абдумалик Баҳорӣ намунаи хуби асарҳои фантастикӣ маҳсуб меёбанд.

## РОМАН

Роман калимаи фаронсавӣ буда, маънои луғавияш ҳар гуна асаре, ки ба забони романӣ навишта шудааст. Ба маънои истилоҳӣ, яке аз навъҳои адабии каломи мансури ҷинси эпикист, ки саргузашти одамонро (қаҳрамононро) дар ҷараёни инкишофи воқеа ва ҳодисаҳои тезутунди пурзиддият дар замони муайян нишон медиҳад. Дар роман, асосан, саргузашт ва тақдири шахси алоҳида ё гурӯҳи одамон, ҳаёти мураккабу пурнизоъи ӯ, ё гурӯҳи одамон ҳангоми муносибатҳои мухталифи одамӣ, ки ба равиши рӯйдодҳои ҷамъиятию таърихӣ алоқаманданд, тасвир меёбанд. Роман вобаста ба дойираи васеъи мавзӯъ, фаро гирифтани манзараҳои гуногуни зиндагӣ ва дараҷаи тадқиқу ҷамъбасти бадеӣ аз навъҳои дигари ҷинси эпикӣ, мисли достон, повест ва ҳикоя ҳаҷман калон аст. Дар роман масъалаҳои асосии иҷтимоию сиёсӣ, тарбиявию ахлоқӣ ва фалсафӣ, муносибатҳои шахсию ҷамъиятии одамон ба таври васеъ ва бо обу ранги бадеӣ инъикос меёбанд. Донишмандони илми адабиётшиносӣ вобаста ба мавзӯъ романро ба навъҳои зерин: романи иҷтимоию сиёсӣ, романи оилавию маишӣ, романи фалсафӣ, романи таърихию инқилобӣ, романи тарҷумаиҳолӣ, романи саргузаштӣ, романи тахаюлӣ, романи асотирӣ, романи моҷарой ва ғайра ҷудо кардаанд. Роман ҳамчун истилоҳи адабӣ дар асрҳои миёна дар Европа пайдо шудааст, аммо дар адабиёти Юнони Қадим асарҳои ба он монанд вуҷуд доштанд, мисли "Ҳерсӣ ва Каллерон"-и Ҳаристон, "Дафнис ва Хлоя"-и Лонг, "Хари заррин"-и Анудей ва ғайра. Асарҳое, ки ба роман монанданд, дар адабиёти қадими халқҳои Шарқ (Хитой, Ҳиндустон, Япония) низ дида мешаванд. Вобаста ба шароити таърихӣ, инкишоф ва таҳаввули афкори бадеию эстетикӣ ва ғайра дар асрҳои миёна навиштани навъҳои гуногуни роман ривоҷ ёфт. Асрҳои 13- 14 дар Европа дойир ба ҷавонмардон (ритсарҳо) романҳои алоҳида таълиф шудаанд, ки дар онҳо таҳлили психологии қаҳрамонҳо ҷойи асосиро ишғол менамояд.

Дар давраи Эҳё дар бораи айёрон романҳое пайдо шуданд, ки дар онҳо тамоми ҷузъиёти зиндагӣ бе парда, ба таври кушоду равшан тасвир шудаанд. Ин навъи романҳо баъдтар барои романҳои реалистӣ (воқеӣ) заминаи хубе буданд. Дар романҳои нависандагони рус: "Евгений Онегин"и А.С.Пушкин, "Қаҳрамони даврони мо"-и М.Ю. Лермонтов, "Ҷонҳои мурда"-и Н.В. Гогол, "Обломов"-и И.А.Гончаров, "Рудин"-и И.С.Тургенев, "Чӣ бояд кард?"-и Н.Г.Чернишевский, "Ҷанг ва сулҳ"-и Л. Н. Толстой, "Бародарон Карамазовҳо"-и Ф.М.Достоевский таҳлили иҷтимоию психологӣ, ақидаҳои инсондӯстию меҳру муҳаббат ба ватан ва насли одамӣ, ҷустуҷӯи ормонҳои олӣ бештар таҷассум ёфтааст. Асарҳое, ки ба роман шабоҳат доранд, дар адабиёти форс-тоҷик ҳам кам нестанд ва таърихи хеле қадима доранд. Намунаи нахустин роман дар адабиёти форс-тоҷик "Корномаи Ардашери Бобакон" -ро ҳисобидан мумкин аст,ки дар асри 6 навишта шудааст. Дар ин асар бори нахуст кӯшишҳои инъикоси бадеии воқеияти таърихӣ, нишонаҳои асосии адабиёти бадеӣ (сюжети печидаи моҷароӣ, бофтаи бадеӣ, тавсифи қаҳрамонон, нутқи персонажҳои асар ва ғайра ) дида мешавад. Илова бар ин, дар адабиёти асрҳои миёнаи форс -тоҷик асарҳое мисли: "Абӯмуслимнома " (асри 11), "Доробнома" (асри 11), "Замчинома" (асри 12), "Самаки Айёр" (асри 12), "Меҳру Моҳ" , "Баҳром ва Гуландом", "Чор дарвеш" (асри 19 ) ва ғайра таълиф шуда буданд, ки аксари онҳо хусусияти романҳои саргузаштӣ, айёрӣ, моҷароӣ, ривоятӣ, таърихӣ, асотирӣ, афсонавӣ, ишқӣ ва маиширо доранд. Асарҳои зикршуда дар таҳаввулу ташаккули романҳои адабиёти шӯравӣ ва адабиёти муосири тоҷик заминаи хубе ба шумор меравапд. Романи "Дохунда"-и Садриддин Айнӣ нахустин романи адабиёти шӯравии тоҷик маҳсуб мешавад. Романҳои "Диёри Навобод" (1949), "Восеъ" (1967), ""Фирдавсӣ" (1987)-и Сотим Улуғзода; "Одамони ҷовид" (1941), "Шӯроб" (1959, 1967)-и Раҳим Ҷалил; "Шодӣ" (1940, 1949), "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро" (1969)-и Ҷалол Икромӣ; "Вафо" (1947), "Ҳар беша гумон мабар, ки холист" (1974)-и Фотеҳ Ниёзӣ; "Палатаи кунҷакӣ" (1974)-и Фазлиддин Муҳаммадиев, "Норак" (1978), "Водии муҳаббат" (1980)-и Юсуф Акобиров ; "Об- рӯшноӣ" (1972, 1978), "Нанг ва номус" (1982)-и Муҳиддин Хоҷаев;"Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим" (1981)-и Урун Кӯҳзод; "Актёр" (1985), "Зарафшон" (1988, 1992)-и Сорбон; "Гардиши девбод"-и Абдулҳамид Самад; "Се рӯзи як баҳор"(1988)-и Саттор Турсун ва ғайра, ки дар мавзӯъҳои муҳимми таърихию иҷтимоӣ, сохтмони колхозу савхозҳо,



ҷангу сулҳ, масъалаҳои оилаву оиладорӣ, зиндагии мардум дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, тарғиби дӯстию рафоқат, бузургдошти ватан ва садоқат бар он, донистани таърихи гузаштаи худ, пайванди наслҳо ва замонҳо, қонунияти инкишофи ҳаётӣ ва табиати инсон ба тамоми мураккабиҳояш, масъалаҳои худшиносӣ, талош барои шуҳрату мансаб, ишқу хиёнат, оқибатҳои ногувори маҳалпарастӣ, оқибати нохуши мухолифати хунин байни мардуми тоҷик, мушоҳидаи бевосита ва мулоҳизаҳои тулонӣ дар мавриди рӯйдодҳои зиндагӣ, тасвири сохтмони нерӯгоҳҳои азим, мисли Нораку Роғун ва таъсири онҳо ба дунёи маънавии одамон, Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар сарнавишти як қисми мардуми тоҷик ва масъалаҳои ахлоқи ҳамзамонони мо навишта шудаанд, аз ташаккулу такомули ин навъи адабӣ шаҳодат медиҳад.

## ҲИКОЯ (ҳикоят)

Ҳикоя калимаи арабист, маънои луғавияш нақл, қисса, ривоят, сухан мебошад. Ба маънои истилоҳӣ, яке аз навъҳои хурди каломи мансури ҷинси эпикиро номанд, ки асосан, лаҳза ва ҳолатҳои муҳимми ҳаёти инсонро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ҳикоя ҳамчун навъи адабӣ дар адабиёти форс-тоҷик таърихи хеле қадима дорад. Мувофиқи таҳқиқи донишмандони илми адабиёт, истилоҳи ҳикоя бори аваал дар "Тафсири табарӣ" (асри 10) истифода шудааст. Дар баъзе китобҳои адабӣ, таърихӣ, динӣ, тасаввуфӣ, таълимӣ ва ғайра ҳикояро барои шарҳу тавзеҳ ва такмили ҳодисаю воқеаҳо, шарҳи матлабу тасдиқи андешаҳои тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва динию мазҳабӣ ба кор бурдаанд. Намунаи комили ҳикоя дар "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус (асри 11), "Сиёсатнома"-и Низомулмулк (асри 11) бештар ба назар мерасад. Асарҳои зиёди мансуру манзум, мисли "Ҷомеъ-ул-ҳикоёт"-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, "Гулистон" ва "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ, "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ, "Баҳористон"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, "Махзан-ул-асрор"-и Низомии Ганҷавӣ, "Мантиқ-ут-тайр", "Мухторнома" ва "Иллоҳинома"-и Аттори Нишопурӣ, "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолуддини Балхӣ ва ғайра дида мешавад. Баъзе ҳикояҳо аз асаре ба асаре бо андаке тағйирот гузашта, чун моли адабиёти шифоҳӣ дар байни мардум паҳн шудаанд. Як қисми ҳикояҳо маҳсули эҷоди нависандагони алоҳида буда, бештари онҳо маҳсули хаёлу андешаи мардуми одиянд, ки аз ҷониби одамони босавод таҳрир карда шудаанд. Ҳикояҳо аз ҷиҳати мавзӯъ гуногунанд. Дар баъзеи онҳо тасвирҳои реалистӣ, дар баъзеашон тасвирҳои

романтикӣ ва дар баъзеи дигарашон тасвирҳои натуралистиро дидан мумкин аст. Навиштани ҳикоя дар адабиёти точик бо тағйироти андаке такя бар услуби ҳикоянависони адибони русу (мисли А.П.Чехов) европоӣ (Ги де Мопасани фаронсавӣ) солҳои бистуми асри 20 оғоз ёфтааст. Аксари нависандангони тоҷик, аз қабили Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Ҳаким Карим, Абдусалом Деҳотӣ, Баҳром Фирӯз,Сорбон, Урун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Ҷонибек Акобиров, Иноят Насриддин, Баҳманёр ва дигарон дар навиштани ҳикоя қувваозмоӣ кардаанд. Ҳикояҳои "Сози Мунаввар", "Марги Усто Оқил", "Ҷага"-и Фазлиддин Муҳаммадиев; "Кампири Холмоҳ"-и Ҷонибек Акобиров; "Бақои умр"-и Иноят Насриддин; "Гови мирӣ", "Табари хунолуд", "Зиндадаргӯр"-и Сорбон; "Қарз", "Субҳ медамид", "Модар", "Хаёли ширин", "Эҳтиёт"-и Абдулҳамид Самад нишон дод, ки ҳикоя дар баробари навъҳои дигари каломи мансур такмил ёфта, аз нигоҳи қонуниятҳои бадеӣ қавитар шуда, назари нависандагони тоҷик ба воқеа ва ҳодисаҳои зиндагӣ амиқтар гардидааст.



## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ:


1. Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ. Асрор-ул-балоға / Тарҷумаи Ҷалили Таҷлил. –Теҳрон, 1380.
2. Абдулҳусайни Саъидиён. Дастури забони форсӣ ва фунуни адабӣ. –Теҳрон, 1343.
3. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик.–Душанбе, 2010.
4. Акимушкин О.Ф. К вопросу о традиции жанра исскуственной касыды в персидской поэзии. Дар маҷм. Иран. – М., 1971.
5. Амир Низомуддин Алишери Навоӣ. Маҷолис-ун-нафоис. Таҳия, тасҳеҳ ва муқаддимаву тавзеҳоти Урватулло Тоиров ва Мухриддин Низомов. –Д., 2018.
6. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Расоил-ул-эъҷоз / Эъҷози Хусравӣ. Матни илмӣ-интиқодӣ. Таҳияи матн бо муқаддима, тасҳеҳ, тавзеҳот, таълиқот (шарҳи луғоту таркибот, ибора, таркиб ва ҷумлаҳои арабӣ) /Ба кӯшиши Мисбоҳиддини Нарзикул. –Д., 2013.
7. Аристотел. Дойир ба санъати шеърӣ. Дар маҷм. Фанни шеър. –Д., 1985.
8. Асадуллоева С., Оқилов М. Абҷад ва таърихҳо. – Д., 1972.
9. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ / Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов. –Д., 1974.
10. Аҳмадинажод, Комил. Фунуни адабӣ, чопи сеюм. –Теҳрон, 1384.
11. Аҳмадов М. Ҳаёт ва мероси илмию адабии Ҳусайн Воъиз. Дар маҷм. Чанд мулоҳизаи адабӣ. –Д., 1973.
12. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ. –Теҳрон, 1345.
13. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. – М., 1960.
14. Бертельс Е.Э. Навои и Джами. – М., 1965.
15. Брагинский И.С. О мастерства Рудаки. Дар кит: "История таджикской и персидкой литературы". – М., 1972.
16. Вахид Табризи. Джам'и мухтасар. Трактат по поэтике. Критический текст, перевод и примечание А.Е. Бертельс. – М., 1959.
17. Воҳидалии Муҷмалӣ. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун. – Нувалкишур, 1326.
18. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилдҳои 2-3. – Теҳрон, 1331.
19. Зеҳнӣ Тӯрақул. Санъати сухан. –Д., 1992.

20. Ибни Қутайба. Аш-шеър ва-ш-шуаро / Тарҷумаи Озарнӯш. – Теҳрон, 1364 ҳ. (1945 м.).
21. Каскель В. "Китаб ал-бадеи" и её место в арабской поэтике и риторике. Дар кит: "Арабская средневековая культура и литература". – М., 1978.
22. Кожинов В.В., Происхождение романа. М ., 1963.
23. Кошифӣ Ҳусайн Воъиз. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор / Бо муқаддимаи васеъ ва феҳристҳои Раҳим Мусулмонқулов. –М., 1977.
24. Крачковский И.Ю. Избр. Соч. Т.2. – М.-Л., 1956.
25. Куделин А.Б. Средневокая арабская поэтика. – М., 1983.
26. Қавим Абдулқайюм. Фунуни адабӣ. – Кобул, 1361.
27. Қазвинӣ Хатиб. Талхис-ул-мифтоҳ, ҳошияи Ёсин Ал-Айюбӣ. – Лубнон, 1423.
28. Қосими Тавсирконӣ. Номаҳои Рашидуддини Ватвот. –Теҳрон, 1338.
29. Қосимӣ Т. Баҳс дар борaи "Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър". – Теҳрон, 1342.
30. Маликушшуаро Бетоб. Илми бадеъ. – Кобул, 1347.
31. Мирзозода Холиқ. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. –Д., 1992.
32. Мисбоҳиддини Нарзикул. Эъҷози Хусравӣ ва мақоми он дар таърихи афкори адабии форсии тоҷикӣ. –Д., 2009.
33. Мусулмонқулов Раҳим. Асрори сухан. – Д., 1980.
34. Мусулмонқулов Раҳим. Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик. –Д., 1970.
35. Мусульманкулов Рахим. Ата-ул-ла Махмуди Хусайни. – Д., 1983.
36. Мусульманкулов Рахим. Персидско-таджикская классическая поэтика 15-16 вв. – М., 1989.
37. Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ. Тарҷумон-ул-балоға. –Д., 1987.
38. Муҳаммади Фишоракӣ. Накди бадеъ. –Теҳрон: Самт, 1389.
39. Насируддини Тӯсӣ. Асос-ул-иқтибос / Бо тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. –Теҳрон, 1325.
40. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор. Таҳияи Урватуллои Тоир, Мирзо Абдуллоев ва Раҳмуддини Ҷалол. – Д.: Ориёно, 1992.
41. Нисорӣ Хоҷа Ҳасан. Чаҳор гулзор / Таҳияи матн, муаллифони пешгуфтор ва мураттибони луғоту тавзеҳот Усмон Назир ва Давлатбеки Хоҷа. – Д.: Шарқи озод, 1999.



42. Османов М.-Н. О. Стиль персидско-таджикской поэзии IX-X вв. – М., 1974.
43. Рашидаддини Ватвот. Сады волшебства в тонкостях поэзии (Хадаик-ас-сихр фи дакаик аш-ши'р). Перевод с персидского, исследование и комментарий Н.Ю. Чалисовой. – М., 1985.
44. Рашидаддин Ватвот. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър/ Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳи Х. Шарифов. – Д.: Дониш, 1987.
45. Ромии Табрезӣ, Шарафуддин Ҳасан ибни Муҳаммад. Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ, илми бадеъ ва синооти шеърии забони порсии дарӣ / Ба тасҳеҳ ва бо ҳавошию ёддоштҳои Саййидмуҳаммади Козими Имом. – Теҳрон, 1341.
46. Роҳёб Носир. Шинохти ташбеҳ. – Хуросон, 1369.
47. Саййидмуҳаммад Доъии Ҷавод. Илми бадеъ дар забони форсӣ. – Исфаҳон, 1325.
48. Саййидмуҳаммади Нишот. Зеби сухан ё илми бадеъи порсӣ. – Теҳрон, 1342.
49. Саййдмуҳаммади Ростгӯ. Ҳунари суханоройӣ: фанни бадеъ. Чопи аввал. –Теҳрон, 1386
50. Салимов Юсуф, Насри ривоятии форсу тоҷик, Д., 1971
51. Салмони Соваҷӣ. Куллиёт. – Теҳрон, 1337.
52. Сатторзода А. Нуктаи пайванд. – Д., 1992.
53. Сатторзода Абдунабӣ. Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ. –Д.: Адиб, 2011.
54. Сируси Шамисо. Нигоҳе тоза ба бадеъ. –Теҳрон, 1347.
55. Содиқии Ҳусайнӣ. Маҷмаъ-ус-саноеъ / Ба таҳшияи Мавлавӣ Мақбул Аҳмад. –Лакҳнав, 1261.
56. Табаров С. Ҳаким Карим ва новеллаҳои советии тоҷик, дар кит. ӯ: Ҳаёт, адабиёт, реализм. кит. 2, Д., 1978.
57. Тагирджанов А.Т. Первый трактат Шамса Фахри Исфагани по персидской поэтике // Вестник Ленинградского ун-та. Серия история, языка и литературы. Вып. 3. – №14, 1988.
58. Тимофеев Л.И. Эпос. дар кит.: Основы теории литературы, М.1976
59. Тоиров У. Меъёр ва андозаҳои шеър. – Д., 2013.
60. Тоиров У. Таҷнис ва навъҳои он // Маърифат, №9-10, 2002.
61. Тоиров Урватулло. Алоқамандии илмҳои асосии назмшиносӣ // Масъалаҳои назария ва таърихи адабиёти тоҷик. –Д., июни с. 2017. – С. 170-180.
62. Тоиров У. ва диг. Адабиёти тоҷик барои синфи 10. – Д., 2018.

63. Тоиров Урватулло ва дигарон. Каломи манзум. – Д., 2005.
64. Тоиров Урватулло. Мулоҳизаҳо дойир ба мусамматҳои Саййидои Насафӣ / Маҷм. мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии “Саййидо ва саҳми ӯ дар инкишофи забон ва адабиёти тоҷик”. – Д., 2019. – С. 92-101.
65. Тоиров Урватулло. Шеъре агар ҳаст. –Д., 2017.
66. Тоиров Урватулло, Дурманова Саврия. Рӯдакӣ – офаридгори назми оламгир. – Д., 2013.
67. Тоиров Урватулло, Солеҳов Мирзо. Китобҳои таълимии адабӣ. – Д., 2016.
68. Тоиров Урватулло, Солеҳов Мирзо. Мавҷи тӯфони хирад. – Д., 2020.
69. Тоиров Урватулло, Солеҳов Мирзо. Поэтикаи “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ. –Д., 2019.
70. Тоиров Урватулло, Солеҳов Мирзо. Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд. –Д., 2018.
71. Тоҷалхаловӣ Алӣ ибни Муҳаммад. Дақоиқ-уш-шеър / Ба тасҳеҳ ва бо ҳавошӣ ва ёддоштҳои Саййидмуҳаммад Козимӣ. –Теҳрон, 1346.
72. Унсуралмаолии Кайковус. Қобуснома. – Д., 1979.
73. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1-2. – М., 1969.
74. Фильштинский И.М. История арабской литературы. – М., 1995.
75. Хазоилӣ Муҳаммад ва Носирӣ Ҳасан Содот. Бадеъ ва қофия. – Теҳрон, 1374.
76. Хусрави Фаршедвард. Накди шеъри форсӣ. Ташбеҳ ва истиора дар забони форсӣ. –Теҳрон, 1349.
77. Ҳодизода Р. Дар бораи санъати Рӯдакӣ. Дар китоби “Аз гузашта ва имрӯзи адабиёти тоҷик”. –Д., 1974.
78. Ҳошимии Хуросонӣ. Муфассали шарҳи бадеъи “Мутаввал”. – Шероз, 1403 (1983).
79. Ҳумой, Ҷалолуддин. Фунуни балоғат ва синооти адабӣ. Чопи аввал. –Теҳрон, 1386.
80. Ҳумой, Ҷалолуддин. Фанни бадеъ ва ақсоми шеъри форсӣ. – Теҳрон, 1339 ш. (1961 м.).
81. Ҳусайн Воъизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор / Муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп. Тоиров У. ва Ҳафизов А. –Д.: Ҳумо, 2006. – 232 с.
82. Ҳушманди Исфандиёрпур. Арӯсони сухан: накд ва баррасии истилоҳот ва синооти адабӣ дар бадеъ. –Теҳрон, 1388. – 336 с.



83. Чалисова Н.Ю. Ватват и его трактат “Сады волшебства в тонкостях поэзии” – Ватват. Сады волшебства. – М., 1985.
84. Ҷалили Таҷлил. Маонӣ ва баён. –Теҳрон, 1370.
85. Ҷаъфари Сомонӣ. Фунуни шоирӣ, шомили таърихи шеър дар Эрон ва арӯзу қофияю бадеъ. –Теҳрон, 1341.
86. Шамси Қайси Розӣ. ал-Муъҷам/ Муаллифи сарсухан, тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. –Д., 1991.
87. Шарифов Х. Каломи бадеъ. – Д.: Маориф, 1991.
88. Шарифов Х. Рисолаи қадимтарин роҷеъ ба илми шеър // Садои Шарқ, 1971, №6.
89. Шарифов Х., Тоиров У. Назмшиносӣ. –Д.: Ҳумо, 2005.
90. Шафеъии Кадканӣ Муҳаммад Ризо. Мусиқии шеър.Чопи панҷум. –Теҳрон, 1324.
91. Шукуров М. Таърихи адабиёти советии тоҷик.Ҷ. 4. Насри солҳои 1945 - 74, Д.,1980
92. Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. –Д., 1966.
93. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.1. –Д., 1988.
94. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.2. –Д., 1989.
95. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.3. –Д., 2004.

## МУНДАРИЧА


Муқаддима ....................3
ФАСЛИ ЯКУМ. НАВЪҲОИ ШЕЪРИ ТОҶИКӢ ....................23
Мисраъ, байт ва фард ....................23
Дубайтӣ ....................25
Рубоӣ ....................25
Қасида ....................26
Қитъа ....................32
Ғазал ....................33
Маснавӣ ....................36
Мусаммат ....................37
Тарҷеъбанд ....................50
Таркиббанд ....................56
Мустазод ....................63
Себайтӣ ....................66
ФАСЛИ ДУЮМ. АНВОЪИ ВАЗНИ ШЕЪРИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ....................71
Вазни ҳиҷоӣ ....................71
Вазни арӯзӣ ....................76
Авзони ғайриарӯзӣ дар шеъри тоҷикӣ ....................79
Рукнҳои солим ва рукнҳои фаръӣ ....................83
Мафҳум ва моҳияти зиҳоф ....................87
Тақтеъи шеър ....................91
Байт – меъёр ва андозаи тақтеъ ....................92
Тақтеъи ҳиҷоӣ ва тақтеъи арӯзӣ ....................94
Усули анҷом додани тақтеъ дар шеъри нав ....................95
Баҳр. Баҳрҳои аслӣ /солим/ ва фаръӣ /ғайрисолим/....................100
Баҳри Ҳазаҷ ва анвоъи он....................103
Баҳри Рамал ва навъҳои он....................116
Баҳри Раҷаз ва анвоъи он....................125
Баҳри Мутақориб ва анвоъи он....................133
Баҳри Мутадорик ва анвоъи он....................137
Баҳрҳои фаръӣ. ....................141
Баҳри Қариб ва анвоъи он....................141
Баҳри Музореъ ва анвоъи он....................143
Баҳри Мушокил ва анвоъи он....................148
Баҳри Ҷадид ва анвоъи он....................150
Баҳри Хафиф ва анвоъи он....................152
Баҳри Муҷтасс ва анвоъи он....................156
Баҳри Сареъ ва анвоъи он....................162
Баҳри Мунсареҳ ва анвоъи он....................165
Баҳри Муқтазаб ва анвоъи он....................170
Баҳрҳои хоси шеъри арабӣ ва шеъри форсӣ-тоҷикӣ....................173





Баҳрҳои хоси шеъри арабӣ....................173
Баҳри Тавил ва анвоъи он....................174
Баҳри Мадид ва анвоъи он....................175
Баҳри Басит ва анвоъи он....................177
Баҳри Вофир ва анвоъи он....................179
Баҳри Комил ва анвоъи он....................182
ФАСЛИ СЕЮМ. ИЛМИ БАДЕЪ ....................186
Санъатҳои бадеъӣ ....................186
Ташбеҳ ....................191
Истиора ....................195
Тафвиф ....................196
Муболиға ....................199
Маҷоз ....................200
Киноя ....................201
Таҷнис ....................202
Таҷоҳули ориф ....................204
Тазод ва муқобала....................205
Сиёқатулаъдод ....................206
Лаффу нашр ....................207
Ирсоли масал ....................209
Суолу ҷавоб....................210
Тазмин ....................212
Назира ....................214
Талмеҳ ....................215
Бароати истеҳлол....................216
Ташхис ....................217
Моддаи таърих ....................218
Мурооти назир ....................225
Иҳом ....................226
Ҷамъ ....................227
Тафриқ ....................227
Илтифот ....................228
Мадҳи шабеҳ ба замм ....................229
Замми шабеҳ ба мадҳ ....................230
Тавҷеҳ ....................231
Ҳашв ....................231
Тарсеъ ....................233
Луғаз ....................236
Муаммо ....................236
Мақлуб ....................240
Ҳусни матлаъ ....................244
Ҳусни мақтаъ ....................244
Ҳусни тахаллус ....................245

Ҳусни таълил ....246
Сачъ ....246
Ручӯъ ....249
Нидо ....250
Тааччуб ....251
Раддулматлаъ ....252
Зуқофиятайн ....252
Эънот ....253
Иштиқоқ ....255
Такрор ....256
Акс ....260
Лузуми молоялзам ....262
Мувассал ....263
Мувашшаҳ ....264
Мудаввар ....277
Мудаххал ....279
Муқайяд ....280
Муқаттаъ ....280
Муламмаъ ....281
Мунайяр ....282
Мураббаъ ....283
Мураддаф ....285
Мурдаф ....285
Мусаддас ....288
Мусамман ....289
Мусаммат ....291
Муталаввин ....292
Мухаррач ....297
ФАСЛИ ЧАҲОРУМ. ИЛМИ ҚОФИЯ ....298
Қофия ва анвоъи шеър ....300
Қофия ва радиф ....301
Ҳарф ва ҳаракатҳои қофия ....303
Таъсис ....303
Дахил ....304
Равӣ ....305
Ридф ....307
Қайд ....308
Васл ....308
Хурӯч ....309
Мазид ....310
Нойира ....311
Мачро ....311
Нафоз ....312





Ҳочиб ....
Радиф ....313
Қофияи мутлақ ....313
Қофияи муқайяди мучаррад ....315
Қофияи мутлақи мучаррад ....315
Алоқамандии илмҳои арӯзу қофияву бадеъю анвоъи шеър ....316
ФАСЛИ ПАНЧУМ. КИТОБҲОИ ТАЪЛИМИИ-АДАБӢ ....316
"Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ....323
"Тарчумон-ул-балоға"-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ ....323
"Меъёр-ул-ашъор"- и Насируддини Тӯсӣ ....331
"ал-Муъчам"-и Шамси Қайси Розӣ ....332
"Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър"-и Рашиди Ватвот ....342
"Қобуснома"-и Унсуралмаолии Кайковус ....357
"Эъчози Хусравӣ"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ....358
"Бадоеъ-ус-саноеъ"-и Атоуллоҳи Ҳусайнӣ ....359
"Бадоеъ-ул-афкор"-и Ҳусайн Воъизи Кошифӣ ....377
"Чамъи мухтасар"-и Ваҳиди Табрезӣ ....378
"Рисолаи арӯз"-и Чомӣ ....381
"Рисолаи қофия"-и Чомӣ ....381
"Арӯзи Сайфӣ"-и Сайфии Бухороӣ ....388
"Чаҳор гулзор"-и Хоча Ҳасани Нисорӣ ....392
"Мунтахаб-ул-арӯз» ....394
"Каломи бадеъ"-и Худой Шарифов ....396
"Назмшиносӣ"-и Худой Шарифов ва Урватулло Тоиров ....413
"Санъати сухан"-и Тӯрақул Зеҳнӣ ....418
"Такмилаи бадеъи форсии точикӣ"- и Абдунабӣ Сатторзода ....422
ФАСЛИ ШАШУМ. АНВОЪИ КАЛОМИ МАНСУР.(НАСР) ....425
Достон ....428
Ёддошт ....428
Қисса ....430
Новелла ....431
Очерк ....432
Повест ....433
Роман ....434
Ҳикоя(ҳикоят) ....435
Феҳристи адабиёт ....437
....439

**ТОИРОВ УРВАТУЛЛО**

# ФУРӮҒИ ОДАМИЯТ АЗ КИТОБ АСТ


**Мусаҳҳеҳ** *Дурманова Саврия*

**Муҳаррири техникӣ** *Юнусов Фаридун*

**Тарроҳ** *Очилов Улугбек*

Ба чоп 10.07.2023 иҷозат дода шуд. Андозаи 60 х 84 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times
Ҷузъи чопии воқеӣ 28,0. Теъдоди нашр 20 000 нусха.

Дар ҶДММ «Гулнақш» чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Борбад 1



**УРВАТУЛЛО ТОИРОВ**, профессор, доктори илмҳои филологӣ (1997), узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (аз с. 1969). 10 майи с. 1942 дар деҳаи Ҳаймаҳмадии ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, баъди хатми мактаби миёна солҳои 1961–1966 донишҷӯйи факултети таъриху филологияи ДДТ; 1966–67 ходими адабии рӯзномаи «Маориф ва маданият»; 1967 – 1970 аспиранти кафедраи таърихи адабиёти классикии тоҷики ДДТ ба номи В.И. Ленин: 1970–1991 мудири редаксияи луғатнома, истилоҳот ва нашри луғатҳои дузабонаи ЭСТ буд, аз соли 1991 аввал дотсент, баъд профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ ва аз соли 1998 профессори Донишгоҳи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа. Солҳои 2002–2006 сардабири маҷаллаи «Маърифат» (ҳоло «Маърифати омӯзгор») ва солҳои 2006-2008 сармуҳаррири «Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон»-ро ба уҳда дошт. Муаллифи беш аз 1200 мақола ва китобҳои «Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам» (1991), «Рисолаи иншо» (1992), «Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам» (ҷ.1, 1994, ҷ. 2. 2016), «Таҳқиқ ва таълими арӯз» (1995), «Фарҳанги истилоҳоти қофия» (1997), «Фидоии сухан» (1997), «Офтобе дар миёни сояе» (дар ду ҷилд, 1999), «Адабиёти тоҷик барои синфи 7» (ҳамроҳи М. Солеҳов, 2006, 2010, 2018, 2020), «Барномаи таълими адабиёт барои мактабҳои олӣ» (2006), «Назмшиносӣ» (ҳамроҳи Худой Шарифов, 2006, 2015), «Роҳе ба сӯйи ғафлат» (2007), «Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ» (2008), «Мунтахаб-ул-арӯз» (2008), «Таърихи адабиёти тоҷик» (ҳамроҳи Мирзо Солеҳов, дар ду ҷилд, ҷ.1. 2010, ҷ. 2. 2012), «Баёзи адабиёти тоҷик» (Теҳрон, 2011, ҳамроҳи Мирзо Солеҳов), «Меъёр ва андозаҳои шеър» (2013), «Таҳаввул ва такомулоти арӯз» (2015), «Китобҳои таълимии адабӣ» (2016), «Шеъре агар ҳаст» (2017), «Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд» (2018), «Поэтикаи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ (2019), «Мавҷи тӯфони хирад» (ҳамроҳи Мирзо Солеҳов, 2020), «Донишномаи илми бадеъ» (2021) ва ғайра. Як соҳаи дигари фаъолияти Тоиров У. таҳия ва нашри осори илмии донишмандони гузаштаи форс-тоҷик ба шумор меравад. Мавсуф китобҳои «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ, «Бадоеъ-ул-афкор»-и Ҳусайн Воъизи Кошифӣ, «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ (ҳамроҳи М. Низомов) ва тазкираи «Майхона»-и Мулло Абдуннабии Фахруззамонии Қазвинӣ (дар ду ҷилд, 2020, ҳамроҳи Алишер Авғонов)-ро таҳия ва чоп кардааст